ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 930.25.85. (575.3) (076)
ТКБ:66.1
Ғ-94

ҒУЛОМОВ ТОҶИДДИН МИРЗОАЛИЕВИЧ

ТАЪРИХНИГОРИИ ЗАБТКОРИҲОИ АРАБ ВА МУБОРИЗАҲОИ ИСТИҚЛОЛХОҲОНАИ МАРДУМИ ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР ДАР АСРҲОИ VIII-X

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ

ДУШАНБЕ – 2023

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА…….....……...….....3
БОБИ I. САРЧАШМАҲО ВА ТАЪРИХНИГОРИИ МАВЗУИ ТАҲҚИҚШАВАНДА 40
§1.1. Сарчашмашиносии масъалаи таҳқиқшаванда..... 40
§1.2. Таърихнигории масъалаи таҳқиқшаванда 55
БОБИ II. ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ УМУМИИ ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР ДАР АРАФАИ ЗАБТКОРИҲОИ АРАБ ДАР МАНОБЕИ ТАЪРИХӢ ВА БОЗТОБИ ОН ДАР ОСОРИ ИЛМӢ 75
§2.1. Ҳудудҳои ҷуғрофӣ ва вазъи сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи ҳуҷумҳои арабҳо..... 75
§2.2. Ваъзи иҷтимоӣ ва иқтисодии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи ҳамлаи арабҳо 93
§2.3. Вазъи эътиқодии мардумони бумии минтақа қабл аз ворид шудани арабҳо 113
БОБИ III. САРЧАШМАШИНОСӢ ВА ТАЪРИХНИГОРИИ ЗАБТКОРИҲОИ АРАБ ВА МУБОРИЗАҲОИ ИСТИҚЛОЛХОҲОНАИ МАРДУМӢ ДАР ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР 140
§3.1. Раванди забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ 140
§3.2. Муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди истилогарони араб..... 188
БОБИ IV. ПАЁМАДҲОИ ЗАБТКОРИҲОИ АРАБ ВА ПАҲНШАВИИ ДИНИ НАВ ДАР ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ 228
§4.1. Инъикоси раванди исломикунонии Хуросону Мовароуннаҳр дар сарчашмаҳои таърихӣ 228
§4.2. Саҳми донишмандони минтақа дар рушду густариши илм ва фарҳанги ин давра..... 247
§ 4.3. Нақш ва мақоми ҳанафия дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии Хуросону Мовароуннаҳр..... 274
ХУЛОСА 300
ТАВСИЯҲО ДОИР БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ..... 312
РӮЙХАТИ САРЧАШМА ВА АДАБИЁТ 313
РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.....341

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Мавзуи таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X яке аз масъалаҳоест, ки атрофи он пажӯҳишҳои фаровон сурат гирифта бошад ҳам, то имрӯз аз мавзуъҳои доғи таърихнигории миллӣ шинохта мешавад. Дар ин бора ҳатто афроди ғайриҳирфаӣ ва дур аз илми таърих низ андешарониву муҳокимаронихо кардаанд. Ҳанӯз академик Бобоҷон Ғафуров дар мавриди баррасии ин масъалаи муҳим таъкид карда буд, ки "ҳангоми баҳо додан ба аҳаммияти таърихии аз тарафи арабҳо истило шудани Осиёи Миёна, чуноне ки дар баъзе таҳқиқотҳо ба шакли пардапӯшида ба назар мерасад, набояд ба ифроту тафрит роҳ дод".[1] Ин мавзуъ аз масъалаҳои мубрами таърихии мардумони Осиёи Миёна ва хосатан давраи ташаккули халқи тоҷик ва таҳкими давлатдории он ба ҳисоб меравад.

Аҳаммияти илмии ин масъаларо ба назари эътибор гирифта, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр намудаанд: "Зуҳури ислом бо вуҷуди шикастани низоми иҷтимоиву иқтисодии ҷомеаи сосонӣ ва мардуми Варорӯд таконе дар низоми зиндагӣ ва андешаи худшиносиву ҷаҳоншиносии кулли аҳвоми ориёӣ гардида, онҳоро ба роҳу равиши нави худошиносӣ ва ойини яктопарастӣ ҳидоят намуд".[2] Ҳамчунин зарурати таҳқиқ ва омӯзиши ин масъала дар шароити таъғирёбандаи ҷаҳони мосир ва бунёди давлати миллӣ аҳаммияти хосро пайдо намудааст. Дар воқеъ андешаҳои созанда ва корҳои илмӣ-таҳқиқотие, ки Пешвои миллат солҳои тӯлонӣ ба роҳ мондааст ва онҳоро дар таҷрибаи амалӣ исбот менамояд, аз нигоҳи мантиқи илмӣ, ҳақиқатнигорӣ ва воқеъбинӣ мукаммалтарин ва пешқадамтарин ғояи маънавӣ дар масири таърихии рушд, пойдории миллати тоҷик ва давлатдории он мебошанд.[3]

---

[1] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I. – С.429.
[2] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3. – С.152.
[3] Ятимов С. Эҳёи миллат-бақои давлат.// Рӯзномаи Ҷумҳурият», №171(24 782) аз 24.08.2023

Агар, аз як тараф забткориҳои арабҳо сабаби шикасти бебозгашти низоми шоҳаншоҳии Сосониён гардида, нақшаҳои стратегии парокандасозии империяи бузурги эронитаборон аз ҷониби румиёну юнониён, яҳуду насрониён ва буддоиён амалӣ шуда бошанд, аз ҷониби дигар сохти яккаҳокимияти мутлақ ва пуртаззоду шадиди табақотӣ, вазъи ногувори иқтисодӣ ва омезиши эътиқодоти мардум ба боварҳои гуногун, ба пойдевори ин давлат зарба зада, боиси таназзул ва шикасту суқути шоҳаншоҳӣ гардид. Арабҳои бодиянишин, ки муддатҳо тобеъ ва боҷу хироҷгузори Сосониён буданд, имрӯз ин давлати бузургро на танҳо аз байн бурданд, балки низоми нави сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро тавассути ойини навин амалӣ сохтанд.

Аҳаммияти омӯзиши ин мавзуъ барои баррасӣ дар қолаби як рисолаи докторӣ ба назари ин ҷониб бо далелҳои зерин собит мегардад:

Якум, замони истилои араб ба давраи нав дар таърихи сиёсии минтақа ва ҷаҳон асос мегузорад, ки садсолаҳо идома ёфта, аҷдоди тоҷикон ба мадори сиёсатҳои нави ҷаҳонӣ шомил мегарданд. Ин қаламрав аз марзи Хитой то нимҷазираи Периней идома ёфта, на танҳо сабаби густариши дини ягона, балки тиҷорати ҷаҳонӣ ва таъсиргузории мутақобили фарҳангҳо гардид;

Дувум, истилои араб ба силсилаи давлатдории аҷдоди тоҷикон хотима дода бошад ҳам, онҳоро аз раванди таъсиргузорӣ ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дур насохт ва истеъдоду заковати фитрии тоҷиконро дар арсаҳои дигар борвар сохт;

Савум, яке аз муҳимтарин паёмадҳои истилои араб истиқрори дини нав миёни мардуми эронинажод гардида, дар ҷаҳонбинии тоҷикон таҳаввули азим эҷод кард, ки дар давоми беш аз ҳазор сол он побарҷо монда, осори бузурги илмию умумибашариро тавлид кард;

Чорум, ҳарчанд ин истило раванди ташаккулёбии халқи тоҷикро муддате ба таъхир андохт, вале дар умум онро аз байн набурд ва ислом, ки дар минтақаи Хуросону Мовароуннаҳр на бо арабӣ, балки бо забони форсӣ -

тоҷикӣ тарвиҷ гашт, саранҷом забони умумии қавмҳои эронизабон гашта, ба раванди муттаҳидшавии халқи тоҷик мусоидат кард;

Панҷум, пирӯзии арабҳо бар Хуросону Мовароуннаҳр ва истиқрори ойини нав дар ин сарзамин раванди осудаву ҳамвор набуда, дар ҷараёни он унсурҳои нави фарҳангӣ, ҳуввияи миллӣ ва суннату русуми мардуми бумӣ ташаккул ёфта, то имрӯз идома меёбад. Арзёбӣ ва натиҷагирии илмӣ аз ин давраи таърихӣ вазифаи таъхирнопазири таърихнигории миллист;

Шашум, тоҷикон ҳамчун ҷузви қаламрави ягонаи хилофати мусулмонӣ дар асрҳои VIII-XIII дар тараққиёту шукуфоии ин тамаддун нақши бориз гузошта, ин нақшофаринӣ на ҳамеша аз ҷониби муаррихони хориҷӣ эътироф ва қадр мешавад. Бо такя бар сарчашмаҳои муътабари асримиёнагӣ саҳми ачдоди тоҷиконро дар густариши минбаъдаи ислом ва тамаддуни асрҳои миёнаи Шарқ нишон додан вазифаи муҳимми таърихнигории миллӣ мебошад;

Ҳафтум, дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳои мусулмоннишини Шарқи Наздик ва Миёна дар давоми сӣ соли охир исломи сиёсӣ башиддат дар ҳоли паҳншавӣ буда, он ҷомеаҳои муосир ва фарҳангу давлатдориҳои дунявӣ ва миллиро таҳдид мекунад. Омӯхтани решаҳо ва заминаҳои ин ҳаракат имкон медиҳад, ки бо чунин зуҳуроти номатлуб огоҳона мубориза бурда, насли наврасро аз паёмадҳои он огоҳ созем.

Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш. Олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ҷанбаҳои гуногуни таърихи забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардумӣ дар Хуросону Мовароуннаҳрро мавриди таҳқиқу омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ қарор додаанд. Дар омӯзиши масъалаи мазкур саҳми олимону муҳаққиқони **ватанӣ**, **Осиёи Миёнаву Афғонистон, Эрон, кишварҳои Араб, Русия ва Аврупову Амрико** низ назаррас аст.

Доир ба омӯзиши адёни тоисломии тоҷикон, истилои Хуросону Мовароуннаҳр аз тарафи арабҳо, муборизаҳои озодихоҳонаи мардумӣ ва паёмадҳои забткориҳои онҳо асарҳои пуарзиши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон[1] ҳамчун роҳнамо мавриди истифода қарор доштанд, ки дар онҳо консепсияи омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва методологияи он муайян гардидааст ва рисолаи мазкур дар асос ва бар пояи ин консепсия таълиф гардидааст. Ҳамчунин дар таълифи рисола ба сифати асари меҳварӣ дар баррасии ҷанбаҳои мухталифи масъалаҳои таҳқиқгардида, асари бунёдии таърихнигори барҷаста, ходими намоёни давлатӣ, академик Бобоҷон Ғафуров[2] хизмат намуд.

Дар раванди омӯзиш ва таҳлили мавзуи таҳқиқшаванда рисолаю мақола ва таҳқиқоти илмии зиёд истифода гардидаанд, ки онҳо ба таври шартӣ ба якчанд гуруҳ ҷудо шудаанд:

Ба гуруҳи якум осори илмӣ-таҳқиқотии олимони тоҷик шомил гардидаанд, ки саҳми онҳо дар омӯзиши паҳлуҳои мухталифи мавзуи таҳқиқшаванда, таърихи ойину мазҳабҳои ислом, раванди паҳншавӣ ва истиқрори он дар Хуросону Мовароуннаҳр бағоят назаррас аст. Таълифоти олимони муосири тоҷикро вобаста ба мазмуну муҳтаво ва фарогирии мавзуъ, метавон ба чанд бахш тақсим намуд. ***Ба бахши аввал***, аввалин таҳқиқоти ба мавзуъ бахшидашуда, ки ба сифати пояи назариявӣ-методологӣ хизмат карданд, аз ҷумла асари профессор Абдулҳамид Ҷалилов[3] доир ба масъалаҳои лашкаркашиҳои арабҳо ба Суғд ва муборизаи озодихоҳонаи суғдиён ба муқобили арабҳоро дар нимаи аввали асри VIII дохил мебошад.

---

[1] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 128 с.; ҳамон муаллиф. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3. – 259 с.; ҳамон муаллиф. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 447 с.; ҳамон муаллиф. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2007. – 144 с.; ҳамон муаллиф. Мероси Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 320 с.; ҳамон муаллиф. Муҳити зиндагӣ ва олами андешаҳои Имоми Аъзам [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 368 с.; ҳамон муаллиф. Имоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2009. – 35 с.; ҳамон муаллиф. Имоми Аъзам [Матн]: рӯзгор, осор ва афкор / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – 419 с.; ҳамон муаллиф. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2011. – Ҷ.10. – 576 с.; ҳамон муаллиф. Дин ва ҷомеа [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 672 с.; ҳамон муаллиф. Забони миллат-ҳастии миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – 516 с.; ҳамон муаллиф. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – 364 с.

[2] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – 700 с.

[3] Джалилов, А. Согд накануне арабского нашествия и борьба согдийцев против арабских завоевателей в первой половине VIII в. [Текст] / А. Джалилов. – Сталинабад, 1961. – 165 с.; ҳамон муаллиф. Из истории культурной жизни предков таджикского народа и таджиков в раннем средневековье [Текст] / А. Джалилов. – Душанбе, 1973. – 286 с.

Олими дигари тоҷик Ғолиб Ғоибов[1] вазъи Осиёи Миёна дар остонаи ҳамлаи арабҳоро таҳқиқ карда, инчунин марҳилаи нахустин ҳамлаи араб ба ин сарзаминро таҳқиқ кардааст.

Бахши дигари таълифоти муҳаққиқони дигари тоҷик ба таҳлили вазъи сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии Суғду Тахористон ва Мовароуннаҳру Хуросон, раванди забткориҳо ва густариши ислом бахшида шудаанд. Дар таҳқиқоти А. Мухторов[2], Ю. Яъқубов[3], М. Исоматов[4], Р. Комилов, С. Камолӣ[5], С.А.Хатиб[6], Н. Ҳакимов[7], Қ. Расулиён[8], С. Рачабов[9] ва асари ба тозагӣ таълифнамудаи Ҳ. Камол[10] муносибатҳои сиёсии ҳокимони маҳалии Суғду Тахористон бо Ҳайтолиёну Сосониён, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Эронзамин, Хуросон ва Варорӯд дар арафаи ҳуҷумҳои арабҳо, раванди забткориҳои онҳо дар замони ҳукумати хулафои Рошидин ва Умавиёну Аббосиён инъикос ёфтаанд.

Бахши сеюми осори муҳаққиқони тоҷик ба масъалаи муборизаҳои озодихоҳӣ бахшида шудаанд. А. Ҳақназаров[11] дар мавриди муборизаҳои эрониён ба муқобили арабҳо таҳқиқоти арзишманде анҷом дода, вале дар мавриди муборизаҳои мардуми Хуросон бар зидди хилофати Умавиёну

---

[1] Гоибов, Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию [Текст] / Г. Гоибов. – Душанбе: Дониш, 1989. – 143 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 906 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи Ҳисори Шодмон, Чағониён ва Душанбе [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 1999. – 221 с.

[2] Мухторов, А. Афшин Ҳайдари Истаравшанӣ бузургтарин лашкаркаши Араб (асри IX) [Матн] / А. Мухторов. – Истаравшан: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2005. – 101 с.

[3] Якубов, Ю. Религия Древного Согда [Текст] / Ю. Якубов. – Душанбе: Дониш, 1996. – 360 с.

[4] Исоматов, М. «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ [Матн]: пажуҳише андар муносибатҳои Сосониён ва Ҳайтолиён / М. Исоматов. – Душанбе: Сино, 1996. – 136 с.; Ҳамон муаллиф. Эфталитское государство и его роль в истории Центральной Азии [Текст] / М.М. Исоматов. – Душанбе: ТНУ, 2012. – 316 с.

[5] Комилов, Р., Камолӣ, С. Сайре дар андешаҳои иқтисодии ҷаҳони ислом [Матн] / Р. Комилов, С. Камолӣ. – Душанбе, 1996. – 55 с.

[6] Хатиб, С.А. Таърихи Хулафои Рошидин [Матн] / С.А. Хатиб. – Душанбе: Суннатулло, 2006. – Ҷ.I. – 363 с.; Хатиб, С.А. Таърихи Хулафои Рошидин [Матн] / С.А. Хатиб. – Душанбе: Суннатулло, 2006. – Ҷ.II. – 273 с.

[7] Ҳакимов, Н. Таърихи халқи тоҷик. [Матн] / Н. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 484 с.

[8] Расулиён, Қ. Ду ҳазор соли таърихнигории тоҷикон (эрониён) [Матн] / Қ. Расулиён // Осори мунтахаб. – Душанбе: Даҷиқӣ, 2014. – Ҷ.1. – С.83-162.; ҳамон муаллиф. Таърихи халқи тоҷик [Матн]: аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёна / Қ. Расулиён. – Душанбе, 2016. – 404 с.

[9] Рачабов, С.М. Муборизаи истиқлолиятхоҳонаи мардуми Хуросон ва Суғд бар зидди истилогарони араб [Матн] / С. Рачабов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 208 с.

[10] Камол, Ҳ. Авомили ба сари ҳокимият омадани Сомониён [Матн]: баррасиҳои ҳаводиси таърихии садаҳои VII-IX-и Хуросони Бузург дар асоси манобеи таърихӣ / Ҳ. Камол. – Душанбе, 2022. – 324 с.

[11] Хакназаров, А. Освободительная борьба таджикского народа против Арабского Халифата (633-961) [Текст] / А. Хакназаров. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 372 с.; ҳамон муаллиф. Ҷунбишҳои инқилобии мардумони эронитабор бар зидди хулафои араб [Матн] / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2005.; ҳамон муаллиф. Таърихи баҳамоиӣ ва ташаккули халқи тоҷик [Матн] / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2013. – 338 с.; ҳамон муаллиф. Шукуфтаҳои иқтисод ва фарҳанги халқи тоҷик [Матн]: аз оғоз то асри XV мелодӣ / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2021. – 404 с.

Аббосиён то соли 734 милодӣ, ки хеле муҳиманд камтар таваҷҷуҳ намудааст. Л. Бойматов[1] низ шӯриши Муқаннаъро дар гузориши мухтасар баррасӣ кардааст.

Дар бахши чорум рисолаҳои олимони тоҷик, ки ба мавзуъҳои саҳми тоҷикон дар ташаккул, ривоҷу равнақи илму фарҳанг дар садаҳои ҳафтум ва даҳуми мелодӣ бахшида шудаанд, мавриди истифода қарор ёфтаанд. Дар ин самт аз таҳқиқоти олимони шинохта К. Олимов[2], Ҳ. Назаров[3] ва Ибни Қурбон[4] метавон ёдовар шуд. Рисолаи доктории С. Муллоҷонов[5] ва баъзе таҳқиқоти дигари ӯ[6] ба масъалаи нақши омили динӣ дар таърихи сиёсӣ ва иҷтимоии Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои IX-XI бахшида шуда, бар пояи сарчашмаҳои муътабари арабиву форсӣ ва осори муҳаққиқони варзидаи ватаниву хориҷӣ таълиф гардидаанд.

Асарҳои Н. Амиршоҳӣ[7], С.Б. Бузургмеҳр,[8] Ҳ. Муъминзода,[9] М. Ҳазратӣ ва И. Саидиён[10], А. Шамолов,[11] Д. Давлатзода[12], А. Боқизода[13],

---

[1] Бойматов, Л. Муқаннаъ [Матн] / Л. Бойматов. – Душанбе, 2006. – 30 с.

[2] Олимов, К. Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннаҳр дар қарнҳои X-XII [Матн] / К. Олимов. – Душанбе: Дониш, 2019. – 332 с.

[3] Назаров, Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 138 с.; ҳамон муаллиф. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Пайванд, 2005. – 492 с.

[4] Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим [Матн] / И. Қурбон. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – 479 с.

[5] Муллоджонов, С.К. Влияние религиозного фактора на политическую и социально-экономическую жизн Хорасана и Мавераннахра (IX-XI вв.) [Текст]: дисс... д-ра истор. наук: 07.00.02 / Муллоджонов Сайфулло Кучакович. – Душанбе, 2015. – 353 с.

[6] Муллоджонов, С. Религиозно-еретические движение в X в. [Текст] / С. Муллоджонов // Вестник Таджиксого университета право, бизнеса и политики. – 2013. – №2. – С.63-69.; Ҳамон муаллиф. Низоъи ҳанафиёну шофеиён дар шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр [Матн] / С. Муллоҷонов // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – С.126-145.; ҳамон муаллиф. Таърихи Сиистон ва авзои сиёсиву мазҳабии асрҳои IX-XI милодӣ [Матн] / С. Муллоҷонов // Паёми донишгоҳи миллӣ. – Нашри махсус. – Душанбе, 2010. – С.197-201.

[7] Амиршоҳӣ. Н. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV [Матн] / Н. Амиршоҳӣ. – Душанбе: Амри илм, 1999. – 1008 с.

[8] Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр. Аҳвол ва афкори ҳазрати Имоми Аъзам [Матн] / С.Б. Бузургмеҳр. – Душанбе: Нодир, 2000. – 347 с.

[9] Муминзода, Ҳ. Зардушт ва ойини ӯ [Матн] / Ҳ. Муминзода. – Душанбе, 1993. – Ҷ.1-2. – 346 с.; ҳамон муаллиф. Тӯрон-гаҳвораи тамаддуни ориёҳо [Матн] / Ҳ. Муминҷонов. – Душанбе, 2004. – 297 с.

[10] Ҳазратӣ, М., Саидиён, И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / М. Ҳазратӣ, И. Саидиён. – Душанбе: Ориёно, 1992. – 222 с.; ҳамон муаллиф. Эътиқодоту анъанаҳои бостонии Аҷам [Матн] / М. Ҳазраткулов. – Душанбе: Дониш, 1986. – 286 с.; ҳамон муаллиф. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / М. Ҳазратқулов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 578 с.

[11] Шамолов, А. Ҳуҷҷат-ул-исломи Ғазолӣ [Матн]: андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ / А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 1996. – 328 с.; ҳамон муаллиф. Аҳвол, осор ва афкори Имоми Аъзам [Матн] / А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2009. – 276 с.; ҳамон муаллиф. Каломи Мовароуннаҳр [Матн] / А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2013. – 569 с.

[12] Давлатзода, Д. Мусулмонон [Матн]: таърихи воқеии инкишоф ва таназзул / Д. Давлатзода. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 520 с.

[13] Боқизода, А. Имоми Аъзам-бузургмарди таърихи башарият [Матн] / А. Боқизода. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – 320 с.; ҳамон муаллиф. Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби ҳанафия [Матн] / А. Боқизода. – Лоҳур, 2011. – 798 с.

Н. Зоҳидов[1] ба масъалаҳои рушди тафаккур ва ҷаҳонбинии фалсафӣ, таҳаввулии фикрии тоҷикон дар асрҳои миёна, зуҳури мактабу ҷараёнҳои динӣ-фалсафии хусусияти миллидошта бахшида шудаанд.

Ба гуруҳи дувум осори муҳаққиқони кишварҳои ***Осиёи Миёна ва Афғонистон*** шомил мешаванд. Дар байни онҳо асарҳои Шиблии Нуъмонӣ[2], А. Ҳабибӣ[3] ва М. М. Ғубор[4] доир ба саҳми хуросониён дар таблиғи ислом ва густариши илму фарҳанг аҳаммияти калон доранд. Муҳаққиқи ӯзбек Т. Қодирова[5] дар асари хеш ба таҳқиқи ҳаракатҳои деҳқонӣ ва шӯришҳои оммавии мардумони Хуросону Мовароуннаҳр таваҷҷуҳ намудааст. Таҳқиқоти бунёдӣ доир ба таърихи Ӯзбекистон[6] ва Қазоқистон[7], ки дар доираи арзишҳои идеологии шӯравӣ таълиф шудаанд, ба ин масъала якҷониба муносибат намудаанд. Муҳаққиқони тотористонӣ Р. Батыр[8] ва Е. Березиков[9] ба таҳқиқи масъалаи густариш ва истиқрори мазҳаби ҳанафия таваҷҷуҳ намуда, арзишҳои умумибашарии исломро бар асоси мазҳаби ҳанафия муаррифӣ намудаанд.

Ба гуруҳи сеюми осори олимони Эрон – А. Ризоӣ[10], М. Ровандӣ[11], М. Ҷ. Машкур[12] ва Саъид Нафисӣ[13] шомил гардидаанд, ки дар бораи вазъияти иҷтимоӣ ва низоми табақотии шоҳаншоҳии Сосониён маълумоти муҳим

---

[1] Зоҳидов, Н. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX [Матн] / Н. Зоҳидов. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 444 с.

[2] Нуъмонӣ Шиблӣ. Симои Имоми Аъзам Абуҳанифа [Матн] / Ш. Нуъмонӣ. – Хуҷанд, 2009. – 223 с.; ҳамон муаллиф. Туҳфату-л-амон фӣ сирати-н-Нуъмон [Матн] / Ш. Нуъмонӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – 627 с.

[3] Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.1. – 585 с.; ҳамон муаллиф. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.2. – 1020 с; ҳамон муаллиф. Таърихи Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1367. – 1087 с.; ҳамон муаллиф. Саҳми Афғонистон дар интиқоли фарҳанги Осиёи Миёна [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Маркази таҳқиқоти алломи Абдулҳай Ҳабибӣ, 1382 (2002). – 53 с.

[4] Мирғулом Муҳаммади Ғубор. Афғонистон дар масири таърих [Матн] / М. Ғубор. – Кобул, 1978. – 864 с.

[5] Кодырова, Т. Из истории крестьянских движений в Мавераннахре и Хорасане [Текст] / Т. Кодырова. – Ташкент: Наука, 1965. – 238 с.

[6] История Узбекской ССР [Текст]. – Ташкент: Фан, 1967. – Т.I. – 769 с.

[7] История Казахской ССР [Текст] / под ред. И.О. Омарова. – Алма-Ата, 1949. – Т.I. – 510 с.

[8] Батыр Рустам. Абу-Ханифа [Текст]: жизнь и наследие / Б. Рустам. – Новгород: Медина, 2007. – Т.1. – 276 с.

[9] Березиков, Е. Святые ислама [Текст] / Е. Березиков. – Казан: Татарское книжное издательство, 1996. – 160 с.

[10] Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1368. – Ҷ.2. – 358 с.; ҳамон муаллиф. Аслу насаб ва динҳои эрониёни бостон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Нашри мавҷ, 1372. – 527 с.

[11] Ровандӣ Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / М. Ровандӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1. – 756 с.

[12] Муҳаммад Ҷаводи Машкур. Эрон дар аҳди бостон. Таърихи аҳвом ва подшоҳони пеш аз ислом [Матн] / М.Ҷ. Машкур. – Теҳрон, 1367 ҳ.қ. – 648 с.

[13] Нафисӣ Саъид. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн]: аз инқирози Сосониён то инқирози Умавиён / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342. – Ҷ.2. – 276 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн]: даврони пеш аз таърих ва оғози таърих / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342. – Ҷ.1. – 291 с.; ҳамон муаллиф. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рудакӣ [Матн] / С. Нафисӣ. – Теҳрон, 1336 ш. – 185 с.

доранд. Асарҳои Ҳ. Пирниё ва А. Иқбол[1], А. Халилӣ,[2] А. Зарринкӯб[3], З. Қурбонӣ[4], А. Баҳромӣ,[5] Р. Абдуллоҳ,[6] И. Ризо[7], А. Қадёнӣ[8], М. Меҳрин[9], Муътазид Хусрав[10] доир ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Эрон дар давраи зуҳури ислом ва забткориҳои арабҳо маълумоти муфассал додаанд. Муҳаққиқон Алоуддин Озарӣ[11] ва Иноятуллоҳи Ризо[12] муносибатҳои сиёсиву тиҷоратии Эрон бо Чин ва саҳми эрониёнро дар интишори ислом дар Чин ва миёни туркон таҳқиқ намудаанд.

Дар таҳқиқи таърихи Хуросон баъд аз ислом ва гаравидани мардуми он ба ислом асари олимони эронӣ Абдуррафеъи Ҳақиқат[13] ва Муҳаммадазими Сиистонӣ[14] манбаи боэътимод шуморида мешаванд, зеро маълумотҳои онҳо саҳеҳ ва васеътар буда, ошӯб ва муборизаҳои хуросониён бар зидди арабҳо амиқ ва воқеӣ инъикос ёфтаанд.

Муртазо Мутаҳҳарӣ[15] ба масъалаи хеле муҳим – хадамоти мутақобилаи ислом ва Эрон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Бо вуҷуди ин дар баробари нақшгузории ислом ба сарнавишти Эрон, нақши эрониёнро дар тарвиҷу болоравии илму фарҳанги навин низ мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Ӯ

---

[1] Пирниё Ҳасан, Аббоси Иқбол. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Қоҷория [Матн] / Ҳ. Пирниё, А. Иқбол. – Теҳрон: Хайём, 1370. – 864 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Сосониён [Матн] / Ҳ. Пирниё. – Теҳрон: Хайём, 1370. – 237 с.

[2] Халилӣ Аббос. Эрон баъд аз ислом [Матн] / А. Халилӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1335 ҳ. – 320 с.

[3] Зарринкӯб Абдулҳусайн. Таърихи Эрон баъд аз ислом [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1363. – 685 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи тамаддуни Эрон [Матн] / А. Зарринкуб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – 605 с.

[4] Зайналобиддин Қурбонӣ. Таърихи фарҳанг ва тамаддуни исломӣ. [Матн] / Қ. Зайналобиддин. – Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1370. – 355 с.

[5] Акрам Баҳромӣ. Таърихи Эрон аз зуҳури ислом то суқути Бағдод [Матн] / А. Баҳромӣ. – Теҳрон: Донишсарой, 1350. – 675 с.

[6] Розӣ Абдуллоҳ. Таърихи комили Эрон [Матн] / А. Розӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1373. – 583 с.

[7] Иноятуллоҳи Ризо. Эрон ва Туркон дар рӯзгори Сосониён [Матн] / И. Ризо. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1384. – 231 с.

[8] Аббоси Қадёнӣ. Таърихи адён ва мазоҳиб дар Эрон [Матн] / А. Қадёнӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1381. – 320 с.

[9] Меҳрдоди Меҳрин. Дини маздоӣ [Матн] / М. Меҳрин. – Теҳрон: Чопхоҷа, 1364. – 172 с.

[10] Муътазид Хусрав. Аруси Бухоро. Ҷунбиши Муқаннаъ ва сапедҷомагон [Матн]. – Теҳрон: Китобхонаи миллии Эрон, 1380. – 580 с.

[11] Озарӣ Алоуддин. Таърихи равобити Эрону Чин [Матн] / А. Озарӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – 258 с.

[12] Иноятуллоҳи Ризо. Эрон ва Туркон дар рӯзгори Сосониён [Матн] / И. Ризо. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1384. – 231 с.

[13] Ҳақиқат Абдуррафеъ. Таърихи неҳзатҳои фарҳангии Эрониён [Матн] / А. Ҳақиқат. – Теҳрон: Ширкати муаллифон ва мутарҷимони Эрон, 1347. – 497 с.

[14] Сиистонӣ Муҳаммадазим. Моликияти арзӣ ва ҷунбишҳои деҳқонӣ дар Хуросони қуруни вусто [Матн] / М. Сиистонӣ. – Кобул, 1362. – 669 с.

[15] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе, 1999. – 550 с.; ҳамон муаллиф. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 660 с.; ҳамон муаллиф. Знакомство с исламской наукой [Текст] / М. Мутаххари. – Душанбе, 1974. – 246 с.

мувофиқати худро бо андешаҳои Эдуард Браун[1], иброз дошта, онҳоро такмилу баррасии ҳамаҷониба намудааст.

Ҷаъфар Муртазо Омулӣ[2], Малика Аббос[3], Абдулғанӣ Ҳасан[4], Забеҳуллоҳ Сафо[5], Зайнулобиддин Қурбонӣ[6], ба масъалаҳои саҳми эрониён дар густариши илмҳои табиатшиносӣ, ташкили лашкар, умури идорӣ, таҳия ва тадвини қавонини исломӣ таваҷҷуҳ намудаанд. Дар таҳқиқоти Аскар Ҳуқуқӣ[7], Аббос Қадёнӣ,[8] Муҳаммадризо Ҳакимӣ[9] ва дигарон раванди ташаккули андешаҳои сиёсӣ, донишҳои динию дунявӣ дар олами ислом баррасӣ гардидааст. Абдулмунъими Қандил[10], Миёнмуҳаммад Шариф[11], Муҳаммадризо Ноҷӣ[12], Сайид Ҳусайн Наср[13], Саид Муртазо[14], Ҷаводи Ҳиравӣ[15] ва дигарон, инчунин маълумоти Донишномаҳо[16] саҳми мардумони Хуросону Моваруннаҳрро дар ташаккули мактабҳою ҷараёнҳои фалсафӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва фаромиллии тамаддуни исломӣ дар ҳудудҳои шарқии хилофат дар аҳди сулолаҳои тоҷиктабори Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор додаанд.

---

[1] Эдуард Браун. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Э Браун; тарҷумаи Алипошои Солеҳ. – Теҳрон, 1336 ш. – 800 с.
[2] Омулӣ Ҷаъфари Муртазо. Салмони Форсӣ [Матн] / М.Ҷ. Омулӣ. – Теҳрон: Таблиғоти исломӣ, 1370. – 162 с.
[3] Малика Аббос. Салмони Форсӣ [Матн] / М. Аббос. – Теҳрон, 1996. – 162 с.
[4] Абдулғанӣ Ҳасан. Абумуслими Хуросонӣ [Матн] / А. Ҳасан. – Теҳрон: Сипеҳр, 1353. – 108 с.
[5] Забеҳулло Сафо. Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ [Матн] / С. Забеҳулло. – Теҳрон: Амири Кабир, 2536 шоҳаншоҳӣ. – Ҷ.1. – 451 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи адабиёт дар Эрон [Матн] / С. Забеҳулло. – Теҳрон, 1362 ш. – Ҷ.I. – 456 с.
[6] Зайналобиддин Қурбонӣ. Таърихи фарҳанг ва тамаддуни исломӣ. [Матн] / Қ. Зайналобиддин. – Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1370. – 355 с.
[7] Ҳуқуқӣ Аскар. Таърихи андешаҳои сиёсӣ дар Эрон ва ислом [Матн] / А. Ҳуқуқӣ. – Теҳрон: Ҳирманд, 1374. – 262 с.
[8] Аббоси Қадёнӣ. Таърихи адён ва мазоҳиб дар Эрон [Матн] / А. Қадёнӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1381. – 320 с.
[9] Ҳакимӣ Муҳаммадризо. Дониши Муслимин [Матн] / М. Ҳакимӣ. – Теҳрон: Дафтар нашри фарҳанги исломӣ, 1371. – 419 с.
[10] Абдулмунъими Қандил. Зиндагӣ ва сирати Имом Бухорӣ [Матн] / А. Қандил; тарҷумаи Абдурасули Гулронӣ. – Теҳрон: Машҳад, 1385. – 224 с.
[11] Шариф, М.М. Таърихи фалсафа дар ислом [Матн] / М.М. Шариф; тарҷумаи Насруллоҳи Пурҷаводӣ. – Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1370. – 268 с.
[12] Муҳаммадризои Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён [Матн] / М. Ноҷӣ. – Душанбе, 2011. – 1295 с.
[13] Наср Сайид Ҳусайн. Таърихи Эрон. Кембриҷ [Матн] / Ҳ. Наср; тарҷумаи Ҳасан Ануша. – Теҳрон, 1372. – Ҷ.IV.
[14] Саид Муртазо. Шарҳи «Эҳё улуму-д-дин»-и Ғазолӣ [Матн] / Муртазо Саид. – Қоҳира, 1893. – 195 с.
[15] Ҳиравӣ Ҷавод. Таърихи Сомониён [Матн]: асри тиллоии Эрон баъд аз ислом / Ҷ. Ҳиравӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1382. – 536 с.
[16] Алиакбари Деҳҳудо. Луғатномаи Деҳҳудо [Матн]: шумораи ҳуруфи “Х” / А. Деҳҳудо. – Теҳрон: Шаҳриёр, 1353. – Ҷ.20. – 600 с.; Алиакбари Деҳҳудо. Луғатномаи Деҳҳудо [Матн]: шумораи ҳуруфи “М” / А. Деҳҳудо. – Теҳрон: Шаҳриёр, 1353. – Ҷ.43. – 500 с.; Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ [Матн]. – Теҳрон, 1383. – Ҷ.6. – 752 с.; Доиратулмаорифи форсӣ [Матн] / бо сарпарастии Ғуломҳусайн Мусоҳиб. – Теҳрон, 1345 ҳ.ш. – Ҷ.1. – 1004 с.

Таҳқиқоти олимони Эрон дар 70 соли охирро натиҷагирӣ карда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки агар дар солҳои 1950-1970 муаррихони эронӣ бештар ба масъалаҳои давлатдории эронӣ ва таъсирпазирии тамаддуни эронӣ аз ҳамлаи араб ва оқибатҳои он таваҷҷуҳ карда бошанд, дар 40 соли охир вобаста ба тағйир ёфтани низоми сиёсӣ дар Эрон бештар ба масъалаҳои динӣ, аз ҷумла, ба равияҳо тақсим гаштани ислом ва нақши мазҳаби шиа дар ҷунбишҳои мардумӣ диққат дода мешавад.

Саҳми олимони рус дар омӯзиши раванди забткориҳои араб, муборизаҳои истиқлолхоҳӣ дар Хилофат, заминаҳои таърихии паҳншавӣ ва истиқрори ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр назаррас буда, осори илмии онҳо ба **гуруҳи чорум** шомил гардиданд. Олимони рус ба масъалаҳои истилои арабҳо ва истиқрори ҳокимияташон дар минтақа, ҳукуматҳои хулафои Рошидин, Умавиёну Аббосиён, ҷараёнҳои диниву фалсафӣ, масъалаҳои давлатдориву мухолифатҳои қавмӣ ва ғайра таваҷҷуҳ намуданаанд.

В.В. Бартолд[1] оид ба раванди забткориҳои арабҳо, истиқрори ислом ва низоми идории Хилофати араб, вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа дар замони хилофати Умавиён ва Аббосиён, саҳми мардуми минтақа дар низоми идории хилофат, аз ҷумла дар умури артишу сиёсат, густариши фарҳанги исломӣ ва ғайра таҳқиқоти муҳиму арзишманд анҷом додааст. Қобили зикр аст, ки асари муҳаққиқони шӯравии таърихи Афғонистон В.М. Массон ва В.А. Ромодин[2] дар таҳқиқ ва баррасии масъалаҳои мавриди баҳс кумаки арзанда намуданд. Асарҳои О.Г. Болшаков[3] ва А.И. Колесников[4] доир

---

[1] Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1963. – Т.II. – Ч.I. – С.387.; ҳамон муаллиф. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1966. – Т.VI. – С.504-531; ҳамон муаллиф. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1966. – Т.VI. – 785 с.; ҳамон муаллиф. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1963. – Т.I. – 759 с.; ҳамон муаллиф. Туркистоннома [Матн] / В.В. Бартолд; тарҷумаи Карим Кишоварз. – Теҳрон, 1366 ш. – 346 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи Эрон дар қуруни нахустини исломӣ [Матн] / В.В. Бартолд; тарҷумаи Ҷавод Фалотурӣ. – Теҳрон, 1373 ш. – 458 с.

[2] Массон, В.М. История Афганистана [Текст] / М.В. Массон, В.А. Ромодин. – М.: Наука, 1964. – Т.I. – 463 с.

[3] Большаков, О.Г. История Халифата. Эпоха великих завоеваний [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Наука, 1993. – Т.II. – 294 с.; ҳамон муаллиф. История Халифата. Ислам в Аравии [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Наука, 1989. – Т.I. – 312 с.; ҳамон муаллиф. История Халифата. Ислам в Аравии (570-633 гг.) [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Восточная литература, 2002. – Т.2. – 226 с.

[4] Колесников, А.И. Завоевание Ирана арабами [Текст] / И.А. Колесников. – М.: Мысл, 1982. – 111 с.

ба забткориҳои арабҳо дар қисматҳои ғарбӣ, марказӣ ва шарқии Эронзамин маълумоти муфассал додааст.

Осори И.П. Петрушевский,[1] И.Ю. Крачковский[2], С.М. Прозоров[3], М.А. Радионов[4] ва И.С. Брагинский[5] дар мавриди раванди истиқрори ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр, густариши ислом, такмили қонунҳо ва низоми идории хилофат, омилҳои исломпазирии мардумони минтақа, саҳми хуросониён дар густариши илму фарҳанг, лашкаркашиву ғазавот ва низоми идории хилофат манбаи муҳим ба шумор мераванд.

Асарҳои Е.А.Беляев[6], В.Г.Луконин[7] Н.В.Пигулевская[8], А.Ю. Якубовский[9], Л.В. Струве ва дигарон барои дарки амиқ ва баррасии масъалаҳои дар диссертатсия инъикосёфта муассир буда, дар онҳо масъалаҳои забткориҳои арабҳо ва муносибати онҳо бо мардуми бумии Хуросону Мовароуннаҳр воқеъбинона мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар баробари олимону муҳаққиқони мактаби илмии классикии рус, инчунин ***осори олимони муосири рус*** истифода гардиданд, зеро онҳо ба мавзуи мазкур нигоҳи дигар доранд. Масалан, Л.С. Василев[10] тамаддуни динофари кишварҳои Шарқро баррасӣ намуда, раванди забткориҳои арабҳоро давраи харобии кишварҳои Шарқ номидааст. Муҳаққиқони

---

[1] Петрушевский, И.П. Ислам в Иране в VII-XV веках [Текст] / П.И. Петрушевский. – Л., 1966. – 399 с.
[2] Крачковский, И.Ю. Избранные сочинения [Текст] / Ю.И. Крачковский. – М., 1955. – Т.1. – 212 с.
[3] Прозоров, С.М. Ислам как идеологическая система [Текст] / М.С. Прозоров. – М.: Наука, 2016. – Т.II. – 365 с.
[4] Радионов, М.А. Ислам классический [Текст] / А.М. Радионов. – СПб., 2001. – 256 с.
[5] Брагинский, И.С. Иранское литературное наследие [Текст] / И.С. Брагинский. – М.: Наука, 1984. – 368 с.
[6] Беляев, Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневекове [Текст] / А. Беляев. – М., 1966. – 279 с.
[7] Луконин, В.Г. Иран в эпоху первых Сасанидов [Текст] / В.Г. Луконин. – Л., 1961. – 347 с; ҳамон муаллиф. Культура сасанидского Ирана [Текст]: Иран в III-V вв.: Очерк по истории культуры / В.Г. Луконин. – М., 1969. – 262 с.; ҳамон муаллиф. Древний и раннесредневековый Иран [Текст] / В.Г. Луконин. – М., 1987. – 348 с.
[8] Пигулевская, Н.В. Византия и Иран на рубеже VI и VII века [Текст] / В.Н. Пигулевская. – М.: АН СССР, 1946. – 289 с.; ҳамон муаллиф. Арабы у границ Византии и Ирана в IV-VI вв. [Текст] / В.Н. Пигулевская. – М.: Наука, 1964. – 364 с.; Пигулевская, Н.В., Якубовский, О.Ю. Таърихи Эрон [Матн] / Н.В. Пигулевская, О.Ю. Якубовский, И.П. Петрушевский, О. Беллинитский, А.В. Струево; тарҷумаи Карими Кишоварз. – Теҳрон: Паём, 1354. – 713 с.
[9] Якубовский, А.Ю. Мавераннахр в борьбе против власти арабов в VIII-IX вв. [Текст] / Ю.А. Якубовский // История Узбекской ССР. – Ташкент: УзССР, 1955. – Т.1. – С.151-175.; Якубовский, А.Ю., Большаков, О.Г. Борьба народов Средней Азии против арабского завоевания [Текст] / Ю.А. Якубовский, Г.О. Большаков. – М.: АН СССР, 1958. – 348 с.; Якубовский, А.Ю., Большаков, О.Г. Народы Средней Азии под властью Халифата [Текст] / Ю.А. Якубовский, Г.О. Большаков // История Таджикской ССР. – 2-е изд., перераб. и доп. – Душанбе: Маориф, 1983. – С.44-52.; Якубовский, А.Ю. Завоевание арабами Средней Азии [Текст] / Ю.А. Якубовский // История Узбекской ССР. – Ташкент: УзССР, 1955. – Т.1. – Кн.1. – С.134-150.
[10] Васильев, Л.С. История Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: История, 1998. – Т.I. – 495 с.; ҳамон муаллиф. История религий Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: Высшая школа, 1988. – 413 с.

варзидаи ин соҳа О.Г. Болшаков ва А.Ю. Якубовский[1] забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр ва муборизаи мардумӣ бар зидди ҳокимияти арабҳо, роҳҳои паҳншавии дин ва дигар масъалаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро таҳлил намудааст, вале ба омӯзиши муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр камтар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Дар асарҳои муҳаққиқони дигари рус И. А. Кривелев[2], И. А. Ионова[3], А. П. Колпаков[4], И.М. Филштинский[5], П.А. Грязневич[6] масъалаҳои паҳншавӣ ва истиқрори ислом ҳамчун дин ва падидаи фарҳангӣ, моҳияти иҷтимоӣ ва фалсафии ислом, рушди тафаккури таърихии арабҳо дар ибтидои асрҳои миёна таҳқиқ гардидаанд.

Дар маҷмуъ, осори муҳаққиқони рус дар омӯзиши масъалаи забткориҳои арабҳо ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр назаррас буда, бештари онҳо паҳлуҳои ҷудогонаи масоили мавзуи таҳқиқро ба шакли умумӣ баррасӣ намудаанд.

Ба гуруҳи панҷум осори илмӣ-таҳқиқотии олимони кишварҳои араб – Муҳаммад Заҳабӣ[7], Ҷамолуддин Суютӣ[8], Абдулфаттоҳ Мағрибӣ[9], Аҳмад Абдулҳамид Ғуроб[10], Абдулвоҳид Ҷобӣ[11], Сулаймон Ваҳбӣ[12], Ҳанно ал-

---

[1] Якубовский, А.Ю. Завоевание арабами Средней Азии [Текст] / Ю.А. Якубовский // История Узбекской ССР. – Ташкент: УзССР, 1955. – Т.1. – Кн.1. – С.134-150.; Якубовский, А.Ю. Мавераннахр в борьбе против власти арабов в VIII-IX вв. [Текст] / Ю.А. Якубовский // История Узбекской ССР. – Ташкент: УзССР, 1955. – Т.1. – С.151-175.; Якубовский, А.Ю., Большаков, О.Г. Борьба народов Средней Азии против арабского завоевания [Текст] / Ю.А. Якубовский, Г.О. Большаков. – М.: АН СССР, 1958. – 348 с.; Якубовский, А.Ю., Большаков, О.Г. Народы Средней Азии под властью Халифата [Текст] / Ю.А. Якубовский, Г.О. Большаков // История Таджикской ССР. – 2-е изд., перераб. и доп. – Душанбе: Маориф, 1983. – С.44-52.

[2] Крывелев, И.А. История религий [Текст] / А.И. Крывелев. – М.: Мысл, 1988. – Т.2. – 283 с.

[3] Ионова, И.А. Ислам в Юго-Восточной Азии [Текст] / А.И. Ионова. – М.: Наука, 1981. – 262 с.

[4] Колпаков, А.П. Ислом ва моҳияти иҷтимоии он [Матн] / П.А. Колпаков. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 36 с.

[5] Фильштинский, И.М. История арабской литературы V-начало X века [Текст] / И.М. Фильштинский. – М.: Наука, 1985. – 357 с.; ҳамон муаллиф. История арабов и Халифата (750-1517 гг.) [Текст] / И.М. Фильштинский. – М.: ИД “Муравей-Гайд”, 1999. – 384 с.

[6] Грязневич, П.А. Развитие исторического сознания арабов (VI-VIII вв.) [Текст] / А.П. Грязневич. – М.: Наука, 1982. – 328 с.

[7] Заҳабӣ Муҳаммад ибни Аҳмад. Сияру аъломи-н-нубало [Матн] / М. Заҳабӣ. – Бейрут, 1406 ҳ.қ. (1986). – Ҷ.6.

[8] Суютӣ Ҷамолуддин. Ал-лаоли-л-маснуа фи-л-аҳодиси-л-мавзуа [Матн] / Ҷамолуддин Суютӣ. – Қоҳира, б/с. – Ҷ.1.

[9] Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. Ҳақиқату-л-хилоф байна-л-мутакаллимин [Матн] / А. Мағрибӣ. – Қоҳира: Мактабату ваҳба, 1415 ҳ.қ. (1995); ҳамон муаллиф. Имому аҳли-с-суннат ва-л-ҷамоат Абӯмансур ал-Мотуридӣ ва ороуҳу-л-каломия [Матн] / А. Мағрибиӣ. – Қоҳира: Мактабату ваҳба, 1405 ҳ.қ. (1985).

[10] Аҳмад Абдулҳамид Ғуроб. Муқаддима бар ал-Аълом биманоқиби-л-ислом [Матн] / А. Ғуроб. – Қоҳира, 1973.; Омирӣ Муҳаммад ибни Юсуф. ал-Аълом биманоқиби-л-ислом [Матн] / О. Юсуф. – Қоҳира, 1967.

[11] Бассом Абдулвоҳиди Ҷобӣ. ал-Масоилу-л-хилофия байна-л-ашоирати ва-л-мотуридия [Матн] / Б. Ҷобӣ. – Қоҳира, 1973. – 426 с.

[12] Ваҳбӣ Сулаймон. Ҷилвахое аз зиндагонии Имом Абуҳанифа [Матн] / С. Ваҳбӣ; тарҷумаи Аминуллоҳи Каримӣ. – Теҳрон, 1382 ҳ.ш. – 428 с.

Фохурӣ[1], Муҳаммад Боқири Ардаконӣ[2], Қутбиддин Ашкурӣ[3] шомиланд, ки масъалаҳои густариши ислом, бархурди мактабу ҷараёнҳои ақидатӣ ва ташаккули мазҳаби ҳанафиро дар бар мегиранд. Дар миёни ин осор таҳқиқоти бунёдӣ ва хеле маъруфи Ҷорҷ Зайдон “Таърихи тамаддуни ислом”, ки бо забонҳои гуногуни олам тарҷума ва нашр шудааст, мақоми хос дорад[4].

Ба гуруҳи шашум асарҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони **Аврупо ва Амрико** шомил мебошанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни мавзуи мавриди таҳқиқ таҷассум ёфтаанд. Дар миёни онҳо Ж. Сурдел, А.Кристенсен, Дж.С. Тримингэм Г.Э. фон Грюнебаум, А. Мюллер, Р.Фрай, Э. Бенвинист, П. Сайкс, Т. Нёлдекке, О. Шпенглер, А. Тойнби, А. Метс, Ф. Старр[5] ва ғайра мебошанд, ки осори онҳо бо забонҳои русӣ ва форсӣ-тоҷикӣ тарҷума ва дастрас гардидаанд. Дар баробари ин осори таҳқиқотии дастҷамъонаи олимони Донишгоҳи Кембриҷ[6] ба забони форсӣ мавриди истифода қарор гирифт.

---

[1] Ҳанно ал-Фохурӣ. Таъриху-л-адаби-л-арабӣ [Матн] / Ҳ. ал-Фохурӣ. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1989. – 456 с.

[2] Ардаконӣ, Муҳаммад Боқир. Ҷомеъ-ут-тавоҳид [Матн]: ду ҷузв дар як ҷилд. Чопи сангӣ / Муҳаммад Боқир Ардаконӣ. – Миср, б/с;

[3] Ашкурӣ Қутбиддин. Маҳбуб-ул-қулуб [Матн]: таърихи ҳукамои пеш аз ислом [Матн] / Ашкурӣ Қутбиддин. – Теҳрон, 1398. – 320 с.

[4] Ҷурҷи Зайдон. Таърихи тамаддуни исломӣ [Матн] / Ҷ. Зайдон; тарҷумаи Алии Ҷавоҳир. – Теҳрон: Амири Кабир, 1372. – Ҷ.2. – 1108 с.

[5] Сурдел, Д., Сурдел, Ж. Цивилизация классического ислама [Текст] / Д. Сурдел, Ж. Сурдел. – Екатеринбург: У-Фактория, 2006. – 536 с.; Кристинсен Артур. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристинсен; тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. – Теҳрон, 1332. – 577 с.; Тримингэм, ДЖ.С. Суфийские ордены в исламе [Текст] / С.ДЖ. Тримингем. – М.: Наука, 1989. – 326 с.; Грюнебаум, Г.Э. фон. Классический ислам. Очерки истории (600-1258) [Текст] / Э.Г. фон Грюнебаум; пер. с анг. И.М. Дижура; предис. В.В. Наумкина. – М.: Наука, 1988. – 216 с.; Мюллер, А. История ислама [Текст]: от доисламской истории арабов до падения династии Аббасидов / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.1-2. – 911 с.; Мюллер, А. История ислама [Текст]: от мусулманской Персии до подения мусулманской Испании / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.3-4. – 893 с.; Ричард, Н.Ф. Наследие Ирана [Текст] / Ф.Н. Ричард. – М.: Наука, 1971. – 468 с.; ҳамон муаллиф. Мероси Осиёи Марказӣ [Матн] / Н.Ф. Ричард. – Душанбе: Сурушан, 2000. – 373 с.; ҳамон муаллиф. Бухоро дастоварди қуруни вусто [Матн] / Фрай Ричард; тарҷумаи Маҳмуд Маҳмудӣ. – Теҳрон: Улум ва фарҳанг, 1365. – 458 с.; Бенвинист Эмил. Дини эронӣ [Матн] / Э. Бенвинист; тарҷумаи Баҳман Саркорӣ. – Табрез, 1370. – 175 с.; Перси Сайкс. Таърихи Эрон [Матн] / П. Сайк; тарҷумаи Саидтақии Фахрдоъии Гелонӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1336. – 380 с.; Нёлдекке Теодор. Таърихи эрониён ва арабҳо дар замони Сосониён [Матн] / Т. Нёлдекке; тарҷумаи Аббоси Зарёб. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1375. – 777 с.; Шпенглер, О. Закат Европы [Текст]: образ и действительность / О. Шпенглер. – М.: Наука, 1993. – 382 с; Тойнби, А.Д. Исследование истории: Возникновение, рост и распад цивилизаций [Текст] / Д.А. Тойнби. – М., 2009. – Т.I. – 355 с.; Метс Адам. Тамаддуни исломӣ дар қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ [Матн] / А. Метс; тарҷумаи Алиризо Заковатӣ Қарогузлу. – Теҳрон, 1362 ҳ. – Ҷ.I. – 456 с.; Мец, А. Мусульманский Ренессанс [Текст] / А. Мец; пер. с нем., пред., библиог. и указ. Д.Б. Бертеса. – М.: ВиМ, 1996. – 536 с.; Старр Фредерик. Маърифати гумшуда [Матн]: асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг / Ф. Старр. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – 692 с.

[6] Таърихи ислом [Матн]: пажӯҳиши донишгоҳи Кембриҷ / А. Ором; тарҷумаи Аҳмади Ором. – Теҳрон: Амири Кабир, 1377. – 950 с.; Таърихи Эрон [Матн]: аз Селевкиён то фурупошии давлати Сосониён. – Теҳрон: Амири Кабир, 1370. – Ҷ.3. – 848 с.; Наср Сайид Ҳусайн. Таърихи Эрон. Кембриҷ [Матн] / Ҳ. Наср; тарҷумаи Ҳасан Ануша. – Теҳрон, 1372. – Ҷ.IV.

Осори таърихии муҳаққиқони аврупоӣ ва амрикоӣ аз ҷиҳати умқи масъалаи таҳқиқ ва фарогирии мавзуъ ба чор бахш тақсим шудааст. Ба ***бахши аввал*** осори олимони муосири Аврупову Амрикоро шомиланд, ки ба таҳқиқи масъалаҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва динию мазҳабии эрониён дар арафаи истилои арабҳо ва заминаҳои таърихии паҳншавӣ ва истиқрори ойини нав бахшида шудаанд. А. Кристинсен[1] сабабҳои таназзули Сосониён ва истиқрори исломро бо далелҳои равшани илмӣ ва таърихӣ нишон медиҳад. Олимони дигари аврупоӣ П. Сайкс[2] ва Т. Нёлдеке[3] доир ба низоми табақотӣ, вазъи ногувори иҷтимоии шоҳаншоҳии Сосониён дар арафаи забткориҳои арабҳо маълумоти муфассал медиҳанд.

Дар таҳқиқоти Р. Фрай[4] доир ба эътиқоду динҳои эрониён то истилои арабҳо, боварҳо ва афкори динии мардумони Хуросону Мовароуннаҳр хулосаҳои ҷолиб мавҷуд аст. Олимони дигари аврупоӣ аз қабили М. Бойс[5], У. Клима[6], Э. Бинвинист[7], Ҳ.С. Нейбрек[8] ва Ҳинаяна[9] эътиқодоти пешазисломии эронитаборонро таҳқиқ намуда, заминаҳои воқеии раванди истиқрори исломро дар заъфу норасоии маърифатии динҳои қаблазисломии минтақа маънидод намудаанд.

Дар бахши дувум осори муҳаққиқони **аврупоии** ба масъалаҳои раванди забткориҳо ва гаравидани мардумон ба ойини нав бахшидашуда шомил гардидаанд. Д. Сурдел, Ж. Сурдел,[10]

---

[1] Кристинсен Артур. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристинсен; тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. – Теҳрон, 1332. – 577 с.
[2] Перси Сайкс. Таърихи Эрон [Матн] / П. Сайк; тарҷумаи Саидтақии Фахрдоъии Гелонӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1336. – 380 с.
[3] Нёлдекке Теодор. Таърихи эрониён ва арабҳо дар замони Сосониён [Матн] / Т. Нёлдекке; тарҷумаи Аббоси Зарёб. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1375. – 777 с.
[4] Ричард Фрай. Бухоро дастоварди қуруни вусто [Матн] / Фрай Ричард; тарҷумаи Маҳмуд Маҳмудӣ. – Теҳрон: Улум ва фарҳанг, 1365. – 458 с.; Ричард, Н.Ф. Мероси Осиёи Марказӣ [Матн] / Н.Ф. Ричард. – Душанбе: Сурушан, 2000. – 373 с.; ҳамон муаллиф. Наследие Ирана [Текст] / Ф.Н. Ричард. – М.: Наука, 1971. – 468 с.
[5] Бойс Мэри. Зардуштиён [Матн]: боварҳо ва одоби динии онҳо / М. Бойс; тарҷумаи Аскар Баҳромӣ. – Теҳрон: Қуқнус, 1381 ҳ.қ. – 278 с.
[6] Клима Утокур. Таърихи мактаби Маздак [Матн] / У. Клима; тарҷумаи Ҷаҳонгир Фикрӣ. – Теҳрон: Ҳайдарӣ, 1371. – 364 с.
[7] Бенвинист Эмил. Дини эронӣ [Матн] / Э. Бенвинист; тарҷумаи Баҳман Саркорӣ. – Табрез, 1370. – 175 с.
[8] Нейбрек, С. Динҳои Эрони бостон [Матн] / С. Нейбрек; тарҷумаи Сайфуддини Наҷмободӣ. – Теҳрон, 1359. – 162 с.
[9] Ҳинаяна. Таърихи ойини Буддо [Матн] / Ҳинаяна; тарҷумаи А. Пошой. – Теҳрон: Нақши ҷаҳон, 1329. – Ҷ.1. – 357 с.
[10] Сурдел, Д., Сурдел, Ж. Цивилизация классического ислама [Текст] / Д. Сурдел, Ж. Сурдел. – Екатеринбург: У-Фактория, 2006. – 536 с.

Г.Э. фон Грюнебаум[1] ва А.Мюллер[2] раванди зуҳури ислом, хилофати Хулафои рошидин ва истиқрори исломро дар сарзаминҳои шарқии шоҳаншоҳии Сосониён инъикос намудаанд. В.Р. Буллет[3] доир ба ислом овардани эрониён дар қарнҳои якум ва дувуми ҳичрӣ маълумоти зиёд овардааст.

Ба бахши сеюм асарҳои ба таҳқиқ ва таҳлили масъалаи шаклгирии фирқаҳову ҷараёнҳои динӣ-мазҳабӣ ва умуман тамаддуни исломӣ бахшидашуда шомил гардиданд.

Ҳ. Корбэн[4] таъкид менамояд, ки дар ташаккули тафаккури исломӣ саҳми “маволӣ”, бахусус эрониён назаррас мебошад. К. Брокелман[5] иброз медорад, ки саҳми шоирону олимон ва мутафаккирони эронитабор дар таърихи адабиёти араб ногузир буда, адабу шеъри исломӣ тавассути чеҳраҳои тобноки эронитабор машҳури олам гардиданд.

Э. Босворт[6] саҳми эрониёнро дар рушди ин низом бағоят бузург арзёбӣ кардааст. Ф. Старр[7] раванди забткориҳо, авомили исломпазирӣ ва иштироки фаъоли эронитаборонро дар поягузорӣ ва ташаккули илм ва фарҳанг нишон додааст.

Ба бахши чоруми гуруҳи шашум осори муҳаққиқони англис, фаронсавӣ, олмонӣ ва дигар кишварҳои Аврупову Амрико шомил гардидаанд, аз ҷумла Ульрих Рудольф[8], Ҷурҷи Зайдон[9],

---

[1] Грюнебаум, Г.Э. фон. Классический ислам. Очерки истории (600-1258) [Текст] / Э.Г. фон Грюнебаум; пер. с анг. И.М. Дижура; предис. В.В. Наумкина. – М.: Наука, 1988. – С.215.

[2] Мюллер, А. История ислама [Текст]: от доисламской истории арабов до падения династии Аббасидов / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.1-2. – 911 с.; Мюллер, А. История ислама [Текст]: от мусулманской Персии до подения мусулманской Испании / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.3-4. – 893 с.

[3] Буллет, В.Р. Гаравиш ба ислом дар қуруни миёна [Матн] / Р.В. Буллет; тарҷумаи Муҳаммад Ҳусайни Виқор. – Теҳрон: Таърихи Эрон, 1364. – 148 с.

[4] Корбэн Ҳенрӣ. Таърихи фалсафаи исломӣ (Histoire dele philosophia islamgue) [Матн] / Ҳ. Корбэн; тарҷумаи Асадуллоҳ Митарӣ. – Чопи дувум. – Теҳрон, 1358. – 468 с.

[5] Карл Брокелман. Таъриху-л-адаби-л-арабӣ [Матн] / Б. Карл; тарҷумаи дуктур Сайид Яъқуб Бакр, дуктур Абдулҳалим ан-Наҷҷор. – Қум: Дору-л-кутуби-л-исломӣ, б/с. – Ҷ.IV.

[6] Босворт Клиффорд Эдмунд. Ранние этапы формирования исламского государства и общества. Основные характеристики. История человечества [Текст] / К.Э. Босворт. – М.: Наука, 1996. – 452 с.

[7] Старр Фредерик. Маърифати гумшуда [Матн]: асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг / Ф. Старр. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – 692 с.

[8] Ульрих Рудольф. ал-Мотуриди и суннитская теология в Самарканде [Текст] / У. Рудольф. – Алматы: Фонд «XXI век», 1999. – 286 с.

[9] Ҷурҷи Зайдон. Таърихи тамаддуни исломӣ [Матн] / Ҷ. Зайдон; тарҷумаи Алии Ҷавоҳир. – Теҳрон: Амири Кабир, 1372. – Ҷ.2. – 1108 с.

Вилл Дюрант[1], Вилфред Мейдлунг, Вилгелм Ҳаусиг Ҳенс, Ҷозеф Шахт, Ҷ. Розентал, Ван Есс Ҷозеф[2] ва дигарон фарогири масъалаҳои истиқрори ислом дар Осиёи Марказӣ – Мовароуннаҳр, таъсиси мактабҳои фиқҳию каломӣ, гуногунандешии мазҳабӣ, ташаккули ҷараёнҳову фирқаҳо, бунёду ташаккули ҳанафия ва ба сатҳи мазҳаби расмӣ-давлатии Сомониён пазируфта шудани он мебошанд.

Ба гуруҳи ҳафтум диссертатсияву фишурдаи рисолаҳо ва мақолаҳои олимони ватанию хориҷӣ, ки дар онҳо масъалаҳои мухталифи мавзуи таҳқиқшаванда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, шомил мешаванд. Дар рисолаи М. Исоматов[3] масъалаҳои мубрами муносибатҳои сиёсии миёни Сосониёну Ҳайтолиён, вазъи фарҳангӣ, забон ва ҳолати мазҳабии замони Ҳайтолиён баррасӣ гардидааст. Рисолаи С.Х. Раҳимов[4] ба масъалаи ғояҳои фалсафӣ-эстетикии зардуштия, рисолаи А.К. Муминов[5], ба масъалаи нақш ва ҷойгоҳи олимони ҳанафӣ дар ҳаёти мардуми Мовароуннаҳр ва рисолаи С. Муллоҷонов[6] ба нақш ва мавқеи омили динӣ дар таъсиси давлатдории маҳаллӣ дар Хуросону Мовароуннаҳри асрҳои IX-XI бахшида шудааст, ки таъсири ин омилҳо дар болоравии муборизаҳои миллӣ-озодихоҳонаи халқи тоҷик ҳанӯз дар садаҳои VII-IX равшан зоҳир мегардад. Инчунин дар таҳияи

---

[1] Вилл Дюрант. Таърихи тамаддун [Матн] / В. Дюрант; тарҷумаи Алиасғари Суруш. – Теҳрон, 1376 ҳ.ш.

[2] Haussig Hans Wilhelm. Die Geschich Zentralasiens und der Seidenstrabe in vorislamischer Zeit [Text] / Haussig Hans Wilhelm. – Darmstadt, 1992.; Emmerick Ronald E. Buddism among Iranian Peoples [Text] / E. Emmerick Ronald // The Cambiredge Hustary of Iran. – 1983. – P.949-964.; Samuel N.C. Lieu. Manichaeism in the Later Roman Empire and Medieval China [Text]: a Historical Survey / Samuel N.C. Lieu. – Manchester, 1985. – 360 p.; Madelung Wilferd. Religious Trends in Early Islamic Iran [Text] / Madelung Wilferd. – Albany, 1988. – 128 p.; Madelung Wilferd. The Early Murji'a in Khurasan and Teansoxania and the Apread of Hanafism [Text] / Madelung Wilferd // Der islam. – 1982. – Vol.59. – P.32.; Rosenthal, J. Hiwi al-Balkhi [Text]: a Comparative Study / J. Rosenthal. – Philadelphia, 1949. – 59 p.; Schacht Joseph. The Origins of Muhammadan Jurisprudenc [Text] / Schacht Joseph. – Oxford, 1950. – 348 p.; Schacht Joseph. An Early Murci'ite Treatise. The Kitab al-Alim wal-muta'allim [Text] / Schacht Joseph // Oriens XVII. – 1964. – P.96-117.; Van Ess Joseph. Ungenurzte Texte zur Karramida. Eine Materialsammlund [Text] / Van Ess Joseph. – Heidelberd, 1980. – P.577-587. (Sitzungsberichte d. Heidelb. Akad. d. Wiss. Philoshist. KL., 1980, Abh.6)

[3] Исоматов, М.М. Эфталитское государство и его роль в истории Центральной Азии [Текст]: дисс... д-ра истор. наук: 07.00.02 / Исоматов Маъруф Мараджабович. – Душанбе, 2009. – 375 с.

[4] Рахимов, С.Х. Философско-эстетические идеи зороастризма [Текст]: дисс... д-ра филос. наук: 09.00.03 / Рахимов Садулло Хайруллоевич. – Душанбе, 2007. – 320 с.

[5] Муминов, А.К. Роль и место ханафитских улама в жизни городов Центрального Мевараннахра (VIII-XIII вв.) [Текст]: автореф. дисс... д-ра истор. наук: 24.00.02 / Муминов Аширбек Курбанович. – Ташкент, 2003. – 46 с.

[6] Муллоджонов, С.К. Влияние религиозного фактора на политическую и социально-экономическую жизн Хорасана и Мавераннахра (IX-XI вв.) [Текст]: дисс... д-ра истор. наук: 07.00.02 / Муллоджонов Сайфулло Кучакович. – Душанбе, 2015. – 353 с.

рисола фишурдаи рисолаи М.И. Давлатов[1] ва рисолаи доктории К.Б. Исмонов[2] низ мавриди истифода қарор гирифт, ки дар он саҳми донишмандони Хуросону Мовароуннаҳр дар ташаккули улуми забоншиносии араб ва дигар хидматҳои фикрии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар таҳияи рисола мақолаҳои олимони ватанию хориҷӣ, аз қабилӣ Мирзониё Мансур[3], Мустафо Ҷавод[4], Парвиз Рачабӣ[5], Аҳмад Покатчӣ[6], Шодмон Масъуд[7], К.Т. Алимова[8], О.Кобзева[9], А. Шамолов,[10] Д. Довудӣ[11], Ҳ. Камол[12], М. Диловаров[13], Қ.Расулиён[14], С. Муллоҷонов[15] ва дигарон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

---

[1] Давлатов, М.И. Особенности модернизации политического и этического учения ислама: на материалах стран арабского Востока [Текст]: дисс... канд. филос. наук: 09.00.06 / Давлатов Муродулло Исматович. – Ташкент, 1987. – 190 с.

[2] Исмонов, К.Б. Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар таҳаввул ва ташаккули забоншиносии араб [Матн]: дисс... док. илм. филол.: 10.02.01 / Исмонов Кароматулло Бадриддинович. – Душанбе, 2023. – 339 с.

[3] Мирзониё, М. Осор ва афкори Абӯмансури Мотуридӣ [Матн] / Мансур Мирзониё // Кайҳони андеша. – Теҳрон, 1380. – №4.

[4] Мустафо, Ҷ. ас-Сақофату-л-ақлия ва-л-ҳолату-л-иҷтимоия фӣ асри-л-раис Алӣ ибни Сино [Матн] / Ҷавод Мустафо // Маҷаллату ҷамиъи-л-илми-л-ароқӣ. – Бағдод, 1956 (1375 х.). – №4. – Қ.II. – С.505.

[5] Рачабӣ, П. Картир ва сангнавиштаҳои ӯ дар Каъбаи Зардушт [Матн] / Парвиз Рачабӣ // Маҷаллаи баррасиҳои таърихӣ. – Соли шашум. – Шумораи махсус. – Теҳрон, 1350. – С.66.

[6] Покатчӣ, А. Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ [Матн] / Аҳмад Покатчӣ // Доирату-л-маъорифи исломӣ. – Мақолаи шумораи 2477. – Теҳрон, 1382.

[7] Шодмон, М.М. Авзои умумии Хуросону Мовароуннаҳр дар даврони хилофати Аббосиён дар асрҳои IX ва X-и мелодӣ [Матн] / Масъуд Муҳаммадҳусайн Шодмон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино. – №3/4 (170). – С.11-13.

[8] Алимова, К.Т. Ислам в Центральной Азии [Текст] / К.Т. Алимова // Актуальные вопросы общественных наук: социология, политология, философия, история. – 2016. – №1 (53). – С.5-12.

[9] Кобзева, О. История исламской культуры и ее изучение в современном Узбекистане [Текст] / О. Кобзева // Материалы II Международной науч.-образовательной конф., г. Санкт-Петербург, 17-20 мая 2015 г. – М., 2016. – С.370-381.

[10] Шамолов, А.А. Мотуридии Самарқандӣ [Матн] / А.А. Шамолов // Ҷавонон ва ҷаҳони андеша. Маводи конфронси дуюми олимони ҷавони Тоҷикистон. – Душанбе, 2001.

[11] Довудӣ, Д. Зардуштия ва ислом баъди истилои араб дар замони Сомониён [Матн] / Д. Довудӣ // Тамаддуни бостон ва фарҳанги замони Сомониён: маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Маздоясно, 1999. – С.69-77.; ҳамон муаллиф. Этапы развития зороастризма в качестве государственной религии [Текст] / Д. Довуди // Маводи конфронси байналмилалии Зороастризм и его значение в развитии цивилизации народов Ближнего и Среднего Востока. – Душанбе, 2003. – С.48-66.

[12] Камол, Ҳ. Ҳокимони Хуросон дар аҳди охирон шоҳони Сосонӣ ва замони Хулафои рошидин [Матн] / Ҳ. Камол // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – №3/3 (170). – С.3-7.; ҳамон муаллиф. Ҷуғрофиёи таърихии Хуросони Бузург [Матн] / Ҳ. Камол // Муаррих. Маҷаллаи илмӣ-назариявӣ. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2022. – №4 (32). – С.5-16.

[13] Диловаров, М. Маздакнома [Матн] / М. Диловаров // Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1983. – Ҷ.4. – С.134.

[14] Расулиён, Қ. Адёни бостонии тоҷик [Матн] / Қ. Расулиён // Рӯдакӣ. – 2008. – №19.

[15] Муллоджонов, С.К. Государство и религия в Мевераннахре в X в. [Текст] / С.К. Муллоджонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. – №3/2 (128). – С.8-12.; ҳамон муаллиф. Ханафито-шафиитская конфронтация в городах Хорасана [Текст] / С.К. Мулоджонов // Вестник педагогическая университета. – 2013. – №1 (50). – С.125-128.; ҳамон муаллиф. Низоъи ҳанафиёну шофеиён дар шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр [Матн] / С. Муллоҷонов // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – С.126-145; ҳамон

Таҳлили сатҳи коркарди илмии масъалаҳои вобаста ба таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X нишон дод, ки:

– дар байни муҳаққиқони таърихи асримиёнагии Хуросону Мовароуннаҳр дар мавриди истилои ин сарзаминҳо аз тарафи арабҳо, пайомадҳои таърихии ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ ва ҷунбишҳои мардумии истиқлолхоҳонаи Хуросону Мовароуннаҳр, истиқори ислом ва гаравидани мардуми сарзаминҳо ба дину арзишҳои нав ва таъсиси мактабҳои фиқҳию каломӣ, гуногунандешии мазҳабӣ, ташаккули ҷараёнҳову фирқаҳо, бунёду ташаккули ҳанафия ақидаи ягона ташаккул наёфтааст;

– дар баробари ин, дар бораи заминаҳо, марҳилаҳо, моҳият, вижагӣ ва хусусиятҳои ин масъалаҳо дар байни таърихнигорон андешаи ягона вуҷуд надорад, зеро то ҳанӯз ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ, амалӣ ва методологии таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X дар илми таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ дар сатҳи зарурӣ ва бо дарназардошти талаботи муосири ҷомеа таҳқиқ нагардидааст;

– дар байни олимони соҳаҳои мухталифи улуми гуманитарӣ, аз ҷумла таърих доир ба ҷанбаҳои гуногуни гаравидани мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ба ислом ва саҳми онҳо дар рушди арзишҳои исломӣ ва ташаккули тамаддуни исломӣ ақидаи ягона вуҷуд надорад;

– марҳилаҳои таърихӣ ва вижагиҳои истилои Хуросону Мовароуннаҳр аз тарафи арабҳо ва истиқрори ислом дар минтақа мушаххас тавсиф нагардидаанд;

– доир ба вижагиҳо, тарзу хусусиятҳои гаравидани мардуми сарзаминҳои шарқии Хуросону Мовароуннаҳр ба ислом маълумоти қонеъкунанда камтар дучор меояд;

муаллиф. Таърихи Сиистон ва авзои сиёсиву мазҳабии асрҳои IX-XI милодӣ [Матн] / С. Муллоҷонов // Паёми донишгоҳи миллӣ. – Нашри махсус. – Душанбе, 2010. – С.197-201.

– масъалаҳои ташаккули арзишҳои каломӣ, фиқҳӣ, ахлоқӣ ва сиёсии мактаби ҳанафияи Мовароуннаҳру Хуросон ва ҳифзи меъёрҳои ахлоқӣ-динӣ ва урфу анъанаҳои гузаштагони мо мавриди баррасии амиқ қарор нагирифтаанд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки то ҳанӯз масъалаҳои таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, натиҷа ва паёмадҳои забткориҳои араб, раванди ташаккули фарҳанги исломӣ, тарҳу тадвини низоми илоҳиётшиносӣ, зуҳуру такомули ҷараёнҳои динии минтақа ва ғайра дар шакли системавӣ ва дар доираи методологияи ягонаи диалектикӣ ва герменевтикӣ мавриди таҳлили интиқодӣ қарор нагирифтаанд. Бо таълифи ин асар мо кӯшидем ин камбудиро бо баҳрагирӣ аз сарчашмаҳои дасти аввал дар самти таърихнигории тоҷик бартараф созем.

Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот. Сарчашмаҳои асосии дар таълифи диссертатсия мавриди истифода қароргирифта асосан манбаъҳои хаттии таърихӣ ва сарчашмаҳои ҷуғрофӣ-таърихии ба забонҳои арабию форсӣ таълифгардидаи муаррихони асрҳои IX-XII мебошанд. Вобаста ба ин сарчашмаҳои мавриди истифодаро аз рӯи мазмуну муҳтаво ва фарогирии мавзуъҳои баррасигардида метавон ба се гуруҳ ҷудо намуд:

Ба гуруҳи аввал осори ҷуғрофӣ-таърихиро шомил кардаем. Қобили зикр аст, ки дар рисола бо мақсади муайян сохтани ҳудудҳои ҷуғрофии Эрон ва Хуросону Варорӯд – Мовароуннаҳр – Суғду Тахористон, ки то хусусияти умумӣ пайдо кардани мафҳуми ҷуғрофии Мовароуннаҳр барои ифодаи ин ҳудудҳо истифода мегардиданд, сарчашмаҳои муҳимтарини таърихӣ-ҷуғрофиёӣ, аз қабили «Ҳудуду-л-олам мин-ал-Машриқ-ила-л-Мағриб[1]-и муаллифи маҷҳул, «Масолику-л-мамолик»-и Абӯисҳоқ Иброҳими Истахр[2],

[1] Ҳудуду-л-олам мина-л-машриқ ила-л-мағриб [Матн] / бо муқаддимаи В. Бартольд; тарҷумаи Мирҳусайн Шоҳ. – Кобул, 1342.; Ҳудуду-л-олам мина-л-машриқ-ила-л-мағриб [Матн] / тарҷумаи Манучеҳри Сутуда. – Теҳрон: Китобхонаи Туҳурӣ, 1983 м. – 252 с.

[2] Абуисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолику-л-мамолик [Матн] / И. Истахрӣ; Таҳияи Эраҷи Афшор. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1367 ҳ. – 356 с.

«Сурату-л-арз»-и Ибни Ҳавқал[1], “Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим” -и Муҳаммад ибни Аҳмади Мақдисӣ[2], “Муъҷаму-л-булдон”-и Ёқути Ҳамавӣ[3], «Ҷуғрофиё»-и Шаҳобиддин Абдуллоҳи Хофӣ[4] (машҳур ба Ҳофизи Абрӯ), “Масолик ва мамолик”-и Ибни Хурдодбеҳ[5], “ал-Булдон”-и Яъқубӣ[6] ва ғ. мавриди истифода қарор гирифтанд.

Ба гуруҳи дуюми сарчашмаҳои таърихӣ сарчашмаҳое шомил мешаванд, ки ғолибан ба таърихи умумӣ бахшида шуда, роҷеъ бар давраи мавриди таҳқиқи мо ва масъалаи истилои араб, истиқрори ислом ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардумӣ дар сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр баҳс мекунанд.[7]

---

[1] Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз [Матн] / Ҳавқал; тарҷумаи Ҷаъфари Шуъор. – Теҳрон: Интишороти Бунёди фарҳангии Эрон, 1345 ҳ. – 370 с.

[2] Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Муқаддасӣ. Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим [Матн] / М.А. ал-Муқаддасӣ; тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ. – Теҳрон, 1361.

[3] Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-булдон [Матн] / Ё. Ҳамавӣ; Тарҷумаи Алӣ Сақии Разавӣ. – Теҳрон, 1380.

[4] Шиҳобуддин Абдуллоҳи Хофӣ. (Ҳофизи Абрӯ) Ҷуғрофиё [Матн] / Ҳ. Абрӯ; бо тасҳеҳи Ғуломризо Вараҳром. – Теҳрон: Иттилоот, 1370 ҳ. – 166 с.

[5] Ибни Хурдодбеҳ Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ. Масолик ва мамолик [Матн] / Х. Абдуллоҳ; тарҷумаи Саиди Хорканд; баргардонкунанда аз хатти форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2022. – 232 с.

[6] Аҳмад ибни Абияъқуб ибни Возеҳ ал-Яъқубӣ. ал-Булдон [Матн] / А. Яъқубӣ; тарҷумаи доктор Муҳаммадиброҳими Оятӣ; баргардонкунанда аз хатти форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии Тоҷик, 2022. – 220 с.

[7] Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ [Матн] / А. Байҳақӣ; бо тасҳеҳи Алиакбари Файёз. – Машҳад: Интишороти Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад, 1350. – 1088 с.; Абуалии Мискавайҳи Розӣ. Таҷорибу-л-умам [Матн] / М. Розӣ; тарҷумаи Абулқосим Имомӣ. – Теҳрон, 1369. – 544 с.; Иззуддин ибни Асир. Таърихи бузурги ислом ва Эрон [Матн] / И. Асир; тарҷумаи Аббос Халилӣ. – Теҳрон: Муассисоти матбуоти илмӣ, 1367 ҳ. – Ҷ.1. – 986 с.; Иззудин ибни Асир. Таърихи комил [Матн] / И. Асир. – Теҳрон: Асотир, 1370 ҳ.ш. – Ҷ.2. – 859 с.; Аҳмад Аҳё ибни Ҷобири Балозурӣ. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозурӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – 787 с.; Аҳмад ибни Яъқуб (Ибни Возеҳи Яъқубӣ) Таърихи Яъқубӣ [Матн] / А. Яъқубӣ; тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – Ҷ.1. – 610 с.; Аҳмад ибни Яъқуб (Ибни Возеҳи Яъқубӣ) Таърихи Яъқубӣ [Матн] / А. Яъқубӣ; Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – Ҷ.2. – 644 с.; Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ. – Лейдан, 1865. – 765 с.; Берунӣ, А. Осор-ул-боқия [Матн] / А. Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.; Берунӣ, А. Осору-л-боқия ани-л-куруни-л-ҳолия [Матн] / А. Берунӣ. – Теҳрон, 1376 ш. – 457 с.; Гардезӣ Абӯсаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуд. Зайну-л-ахбор [Матн] / А. Гардезӣ; бо муқобала ва таълиқоти Абулҳай Ҳабибӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1347 ҳ.ш. – Ҷ.2. – 934 с.; Гардезӣ Абӯсаъид Абдулҳай. Зайну-л-ахбор [Матн] / А. Гардезӣ; баргардон Қодири Рустам. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 416 с.; Ибни Аъсами Куфӣ. Ал-Футуҳ [Матн] / А. Куфӣ; тарҷумаи Муҳаммад ибни Аҳмад Муставфии Ҳиравӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1386. – 1086 с.; Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Муруҷу-з-заҳаб [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387 ҳ.қ. – Ҷ.1. – 785 с.; Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Муруҷу-з-заҳаб [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387 ҳ.қ. – Ҷ.2. – 923 с.; Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Ат-Танбеҳ ва-л-ашроф [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1365 ҳ.қ. – 452 с.; Мақдисӣ Мутаҳҳар ибни Тоҳир. Ал-бидаъ ва-т-таърих [Матн] / М. Мақдисӣ. – Париж, 1919. – Ҷ.1. – 548 с.; Муҳаммад ибни Исҳоқи Надим. Ал-Феҳрист [Матн] / М. Надим; тарҷумаи Ризои Таҷаддуд. – Теҳрон: Асотир, 1346 ҳ. – 984 с.; Мирхонд. Равзату-с-сафо фи сирати-л-анбиёи ва-л-мулуки ва-л-хулафо [Матн] / Мирхонд; бо пешгуфтор ва таълиқоту ҳавошии Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2004. – Ҷ.1. – 337 с.; Муҳаммад ибни Умари Воқидӣ. Мағозӣ. Таърихи ҷангҳои Паёмбар [Матн] / М. Воқидӣ; тарҷумаи Маҳмуди Домғонӣ. – Теҳрон: Фарҳанги исломӣ, 1369 ҳ.ш. – 949 с.; Рашидуддин Фазлуллоҳ. Ҷомеъу-л-таворих (Қисмати Исмоилиён) [Матн] / Р.Фазлуллоҳ; Муҳаммад Тақии Донишпажӯҳ, Муҳаммад Мударриси Зинҷонӣ. –

Дар таълифи рисолаи илмӣ маълумоти арзишманди таърихии асарҳои муаррихони араб ва муаррихони арабинависи тоҷики асрҳои IX-XII истифода гардидаанд. Муҳимтарин сарчашмаи боэътимод ва меҳварӣ таърихномаи арзишманду нодири Муҳаммад Ҷарири Табарӣ «Таъриху-р-русули ва-л-мулук»[1] мебошад. Ҳамзамон «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ[2] сарчашмаи муҳим дар таҳқиқи мавзуъ маҳсуб мешавад, аммо Балъамӣ раванди забткориҳои арабро нисбати Табарӣ мухтасар шарҳ дода, дар бисёр маврид аз нуктаҳои муҳими ин раванд чашм пушидааст ва ё маълумот надодааст. Сарчашмаи дигар, «Таърихи Бухоро»-и Абӯбакри Наршахӣ[3] шаҳру минтақаҳои Мовароуннаҳрро бештар фаро гирифта, маълумоти он нисбат ба дигар манбаъҳо аниқу саҳеҳтар мебошанд.

Муҳаммад ибни Алӣ ибни Аъсам ал-Куфӣ дар “Ал-футуҳ” ва ё «Китобу-л-Футуҳ»[4] ҳодисаҳои таърихии олами исломро аз соли 632, яъне аз хилофати Абубакр то марги Мустаъим – халифаи Аббосиён дар соли 866 инъикос намуда, ҳодисаҳои таърихӣ ва раванди истилои Хуросону Мовароуннаҳр аз тарафи арабҳо ва ҳукмронии онҳо дар ин сарзамин возеҳу равшан тасвир ёфтааст.

Дар диссертатсия маълумотҳои зиёд аз «Муруҷу-з-заҳаб ва маъодину-л-ҷавҳар»[5] ва «Китобу-т-танбеҳ ва-л-ашроф»[6]-и Масъудӣ дар мавриди ҳуҷумҳои нахустини арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр истифода гардид, ки назири онҳо дар дигар сарчашмаҳо камтар ба назар мерасад.

Теҳрон, 1356. – С.12.; Фаридаддини Аттори Нишопурӣ. Тазкирату-л-авлиё. Таҳияи Муҳаммадхони Қазвинӣ [Матн] / Ф. Аттор. – Теҳрон: Носири Хусрав, 1370 ҳ. – 294 с.; Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]: иборат аз 4 ҷилд / Фирдавсӣ; таҳияи Парвизи Атобакӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1386. – 2671 с.; Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]: иборат аз 9 ҷилд / Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8. – 592 с.

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.1-14. – 6366 с;

[2] Балъамӣ Абуалӣ. Таърихи Табарӣ [Матн] / А. Балъамӣ. – Теҳрон: Алҳудо, 2001. – Ҷ.I.II. – 1635 с.

[3] Наршахӣ Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро [Матн] / М.Ҷ. Наршахӣ; бо кӯшиши Муҳаммадтақии Муддариси Разавӣ. – Теҳрон, 1363. – 443 с.

[4] Ибни Аъсами Куфӣ. Ал-Футуҳ [Матн] / А. Куфӣ; тарҷумаи Муҳаммад ибни Аҳмад Муставфии Ҳиравӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1386. – 1086 с.

[5] Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Муруҷу-з-заҳаб [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387 ҳ.қ. – Ҷ.1. – 785 с.; Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Муруҷу-з-заҳаб [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387 ҳ.қ. – Ҷ.2. – 923 с.

[6] Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Ат-Танбеҳ ва-л-ашроф [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1365 ҳ.қ. – 452 с.

Дар «Футуҳу-л-булдон»-и Аҳмад Яҳё ибни Ҷобири Балозурӣ доир ба ҳуҷумҳои нахустини арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр, роҳҳои паҳншавӣ ва густариши ислом, инчунин пардохти ҷизяву хироҷҳои аҳди исломӣ маълумоти пурқиммат дучор меояд.[1]

Гардезӣ дар «Зайну-л-ахбор»[2]-и худ перомуни зуҳури ислом, ҳукумати хулафои рошидин, хилофати Умавиёну Аббоссиён бобҳои алоҳида оварда, дар бораи забти Тайсафун (Мадойин), фирори Яздигурд ба Марв ва истиқрори ислом дар Хуросон маълумоти мухтасар зикр кардааст.

Дар «Таърихи Комил»-и Иззуддин ибни Асир хусусиятҳои хоси раванди забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр, саҳми эрониён дар густариш ислом ва илму фарҳанги навин амиқ баён гардидааст, ки ин маълумот дар дигар манбаъҳо камтар ба назар мерасад.

Абӯрайҳон Берунӣ[3] ба масъалаҳои бовару эътиқод ва динҳои бостонии эрониён, парастиши худоёни қадима ва сабабҳои ба оташпарастӣ рӯ овардани онҳо андешаҳои ҷолиб баён месозад, ки дар баррасии масоили марбутаи рисолаи мо истифода гардиданд.

Дар «Шоҳнома»-и ҳакими бузург Абулқосим Фирдавсӣ[4] доир ба вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии даврони қудрати шоҳаншоҳии Сосониён, махсусан замони шоҳаншоҳии Хусрави Парвиз, ки зуҳури ислом ба давраи вай рост меояд, маълумоти пурқиммат мавҷуд аст. “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ муҳимтарин сарчашмаи таърихӣ дар раванди ҷангҳои иттилотии миёни аҷаму араб ва сабабҳои таназзули Сосониён шинохта мешавад.

Дар баробари ин дар таълифи рисолаи илмӣ асарҳои зиёди таърихии муаррихони асрҳои IX-XII-и арабу аҷам, аз қабили Абулфазли Байҳақӣ,

---

[1] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – 787 с.

[2] Гардезӣ Абӯсаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуд. Зайну-л-ахбор [Матн] / А. Гардезӣ; бо муқобала ва таълиқоти Абулҳай Ҳабибӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1347 ҳ.ш. – Ҷ.2. – 934 с.; Гардезӣ Абӯсаъид Абдулҳай. Зайну-л-ахбор [Матн] / А. Гардезӣ; баргардон Қодири Рустам. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 416 с.

[3] Берунӣ, А. Осор-ул-боқия [Матн] / А. Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.

[4] Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]: иборат аз 4 ҷилд / Фирдавсӣ; таҳияи Парвизи Атобакӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1386. – 2671 с.

Аҳмад ибни Возеҳи Яъқубӣ, Мутаҳҳар ибни Тоҳир Мақдисӣ, ва осори дигар муаррихони машҳури ин давра истифода гардидааст.[1]

Ба гуруҳи сеюм сарчашмаҳои таърихиеро шомил кардаем, ки ба таърихи маҳалҳои ҷудогона бахшида шудаанд. Дар асрҳои X-XIII як даста аз осоре падид омаданд, ки ба таърихи шаҳру вилоятҳои ҷудогона бахшида шудаанд. Ин осор дар мисоли як минтақа дар қатори дигар масъалаҳо ба забткории арабҳо, истиқрори ислом ва муборизаҳои истиқлолхоҳона дар Эрону Хуросону Мовароуннаҳр аҳаммияти махсус додаанд[2]. Ахбори ин гуна сарчашмаҳо мунҳасир ба фард буда, дар манобеи дигар ба назар намерасанд.

Гуруҳи чоруми сарчашмаҳо осори таълифкардаи донишмандон роҷеъ ба таърихи ислом, равияву фирқаҳои исломӣ ва густариши онҳо, тасаввуф ва ҷойгоҳи он бахшида шудааст. Ба ин гуруҳи сарчашмаҳо осори муаррихон, олимон ва мутафаккирони арабу тоҷик, аз қабили Абубакр Абдуллоҳ ибни Умари Балхӣ, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухорӣ, Абдулкарими Шаҳристонӣ, Абдурраҳмон ибни Халдун, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Абдулваҳҳоб ибни Алӣ ибни Абдулкофӣ ас-Субкӣ, Абдулкарими Тоҷир, Абдулқодир ибни Абдулвафои Қурашӣ, Абдулқоҳир ибни Тоҳири Бағдодӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Исмоили Ашъарӣ, Абулюср Муҳаммади Паздавӣ, Абӯсулаймони Сиҷистонӣ, Абӯалии Мискавайҳи Розӣ, Абӯмансур ибни Муҳаммади Мотуридии Самарқандӣ, Абӯмуқотили Самарқандӣ, Ибни Асокир Алӣ ибни Ҳасан, Ибни Доии Розӣ, Ибни Қатлубиғо, Нуъмон ибни Собит – Имоми Аъзам Абуҳанифа, Каҳҳало Умар Ризо, Муҳаммад Абдулҳай

---

[1] Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ [Матн] / А. Байҳақӣ; бо тасҳеҳи Алиакбари Файёз. – Машҳад: Интишороти Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад, 1350. – 1088 с.; Аҳмад ибни Яъқуб (Ибни Возеҳи Яъқубӣ) Таърихи Яъқубӣ [Матн] / А. Яъқубӣ; тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – Ҷ.1. – 610 с.; Аҳмад ибни Яъқуб (Ибни Возеҳи Яъқубӣ) Таърихи Яъқубӣ [Матн] / А. Яъқубӣ; Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – Ҷ.2. – 644 с.; Мақдисӣ Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсану-л-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим [Матн] / М. Мақдисӣ; бо кӯшиши Дахвия. – Лейдан, 1967. – 431 с.; Мақдисӣ Мутаҳҳар ибни Тоҳир. Ал-бидаъ ва-т-таърих [Матн] / М. Мақдисӣ. – Париж, 1919. – Ҷ.1. – 548 с.; Берунӣ, А. Осор-ул-боқия [Матн] / А. Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.; Та´рих-и Систан (История Систана) [Текст] / перевод, введение и комментарий Л.М. Смирнова. – М.: Наука, 1974. – 573 с.;

[2] Наршахӣ Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро [Матн] / М.Ҷ. Наршахӣ; бо кӯшиши Муҳаммадтақии Муддариси Разавӣ. – Теҳрон, 1363. – 443 с.; Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – 118 с.; Та´рих-и Систан (История Систана) [Текст] / перевод, введение и комментарий Л.М. Смирнова. – М.: Наука, 1974. – 573 с.

Лакҳнавӣ, Самъонӣ Абдулкарим ибни Муҳаммад ва дигарон шомил мешаванд.[1]

---

[1] Абубакр Абдуллоҳ ибни Умар ибни Муҳаммад ибни Довуд Воизи Балхӣ. Фазоили Балх [Матн] / тарҷумаи Ҳусайни Балхӣ; бо кӯшиши Абдулҳайи Ҳабибӣ. – Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳанги Эрон, 1350. – 653 с.; Абдурраҳмон ибни Халдун. Таърих [Матн] / А. Халдун; тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ. – Теҳрон: Парчам, 1363. – Ҷ.1. – 741 с.; Абдурраҳмон ибни Халдун. Муқаддимаи ибни Халдун [Матн] / А. Халдун; тарҷумаи Муҳаммад Парвини Гунободӣ. – Теҳрон, 1366 ҳ.қ. – Ҷ.1. – 988 с.; Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. Нафаҳот-ал-унс [Матн] / А. Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8. – 494 с.; ҳамон муаллиф. Нафаҳоту-л-унс [Матн] / А. Ҷомӣ; бо кӯшиши Тавҳидпур. – Теҳрон, 1362 ҳ.ш.; ҳамон муаллиф. Бӯстону-л-орифин [Матн] / А. Ҷомӣ; бо кӯшиши Тавҳидпур. – Теҳрон, 1362 ҳ.ш.; Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухорӣ. Саҳеҳ ал-Бухорӣ [Матн] / А. Бухорӣ; аз арабӣ тарҷумаи М. Умаров, Ф. Бобоев. – Душанбе: Эр-граф, 2004. – Ҷ.1. – 524 с.; Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Таърихи Кабир [Матн] / И. Бухорӣ. – Бейрут: Дору-л-фикр, 1407 ҳ.қ.; Абдулваҳҳоб ибни Алӣ ибни Абдулкофӣ ас-Субкӣ. Ас-сайфу-л-машҳур фӣ шарҳи ақидати Абимансур [Матн] / А. Субкӣ. – Чопи аввал. – Истанбул, 1409 ҳ.қ.; Абдулкарими Тоҷир. Қандия [Матн] / А. Тоҷир; бо кӯшиши Эраҷ Афшор. – Теҳрон, 1378.; Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1, 2; Абдулқодир ибни Абдулвафои Қурашӣ. Ал-Ҷавоҳиру-л-музиа фӣ табақоти-л-ҳанафия [Матн] / А. Қурашӣ. – Ҳайдаробод, 1332 ҳ. (1913). – Ҷ.I-II.; Абдулқоҳир ибни Тоҳири Бағдодӣ. Ал-фарқу байна-л-фирақ [Матн] / А.Бағдодӣ; бо кӯшиши Муҳаммадзоҳиди Кавсарӣ. – Миср, 1948. – Қоҳира: Дору-т-талоеъ, 2005.; Абдурраҳмони Абдухолиқ. Шарҳи «Ақоиди Насафӣ» [Матн] / А. Абдухолиқ. – Чопи аввал. – Зоҳидон: Ал-мактабату-л-исломия, 1356. – 549 с.; Насафӣ Абулмуин Маймун ибни Муҳаммад. Табсирату-л-аддила фи усулу-д-дин ало тариқати-л-Имом Абӣ Мансур ал-Мотуридӣ [Матн] / М. Насафӣ; бо кӯшиши Кулуд Салома. – Димишқ, 1990-1993. – Ҷ.I. – 356 с.; Ҷ.II. – 357 с.; Абулҳасан Алӣ ибни Исмоили Ашъарӣ. Мақолоту-л-исломийин ва ихтилофу-л-мусаллийин [Матн] / А. Ашъарӣ; тарҷумаи Муҳсини Муайядӣ. – Теҳрон: Амир Кабир, 1362 ҳ.ш.; Абулюср Муҳаммади Паздавӣ. Усули-д-дин [Матн] / А. Паздавӣ; бо кӯшиши Ҳанс Петер Линсс. – Қоҳира, 1363 ҳ. (1963).; Абӯсулаймони Сиҷистонӣ Муҳаммад ибни Тоҳир. Сивону-л-ҳикмат [Матн] / А. Сиҷистонӣ; бо кӯшиши Абдурраҳмон Бадавӣ. – Теҳрон, 1974 м. – 307 с.; Абулҳасан Омирӣ Муҳаммад ибни Юсуф. Расоилу Абилҳасан ал-Омирӣ ва шазаротиҳи-л-фалсафия [Матн] / А. Омирӣ; бо кӯшиши Субҳон Халифот. – Умон (Иордания), 1988; Абдулҷаббор ибни Аҳмадал-Қозӣ. Ал-Муғнӣ фӣ абвоби-т-тавҳид ва-л-адл [Матн] / А. Аҳмадал-Қозӣ. – Қоҳира, 1960-1965.; Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Юсуфи Хоразмӣ. Мафотеху-л-улум [Матн] / А. Хоразмӣ; мутарҷим Ҳусайн Хидивҷам. – Чопи чаҳорум. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1389.; Абутоҳир Хоҷаи Самарқандӣ. Самария [Матн]: дар баёни авсофи табиӣ ва мазороти Самарқанд [Матн] / А. Самарқандӣ. – Теҳрон: Интишороти фарҳанги Эронзамин, 1343. – 346 с.; Абуалии Мискавайҳи Розӣ. Таҷорибу-л-умам [Матн] / М. Розӣ; тарҷумаи Абулқосим Имомӣ. – Теҳрон, 1369. – 544 с.; Абумансур Абдулқоҳир ибни Тоҳири Бағдодӣ. Ал-фирақу байна-л-фирақ [Матн] / А. Бағдодӣ; тарҷумаи Муҳаммадҷаводи Машкур. – Теҳрон: Ишроқӣ, 1367 ҳ.ш.; Абумансур Муҳаммад ибни Муҳаммади Мотуридии Самарқандӣ. Китобу таъвилоти-л-Қуръон [Матн] / А. Самарқандӣ. – Бейрут, 2002.; Абӯмансур Муҳаммад ибни Муҳаммади Мотуридии Самарқандӣ. Китобу-т-тавҳид [Матн] / А. Самарқандӣ; бо кӯшиши Бакр Туполуғлӣ ва Муҳаммад Орӯшӣ. – Бейрут: Дору-с-содир, 1428 ҳ. (2007).; Абумуқотили Самарқандӣ. Китобу-л-олими ва-л-мутааллим [Матн] / А. Самарқандӣ; бо кӯшиши Муҳаммад Равош Қалъачӣ, Абдулваҳҳоби Ҳиндӣ ан-Надвӣ. – Алеппо, 1972.; Абулҳайёни Тавҳидӣ Алӣ ибни Муҳаммад. Ал-Имтоъ ва-л-муонаса [Матн] / А. Тавҳидӣ; бо кӯшиши Аҳмад Амин, Аҳмад Зайн. – Қоҳира, 1939-1944. – Ҷ.II.; Баёзӣ Камолуддин Аҳмад ибни ал-Ҳасан. Ишороту-л-маром мин ибороти-л-имом [Матн] / Б. Ҳасан; бо кӯшиши Юсуф Абдурраззоқ. – Қоҳира, 1368 ҳ. (1949).; Ибни Асокир Алӣ ибни Ҳасан. Табйину казиби-л-муфтарӣ фимо нусиба ила-л-Имом Абилҳасан ал-Ашъарӣ [Матн] / А. Ҳасан. – Бейрут, 1404 ҳ.қ. (1984).; Ибни Асокир Алӣ ибни Ҳасан. Таъриху мадинати Димишқ [Матн] / А. Ҳасан; бо кӯшиши Алишерӣ. – Бейрут, 1995-1996.; Ибни Доии Розӣ. Китобу табсирати-л-авом фӣ маърифати мақолоти-л-аном [Матн] / Д. Розӣ; бо кӯшиши Аббос Иқбол. – Теҳрон, 1332 ш. (1913).; Ибни Қатлубиғо Абӯабдулзайниддини Қосим. Тоҷу-т-тароҷим [Матн]: дар баёни авсофи табиӣ ва мазороти Самарқанд / Қ. Қосим. – Бағдод, 1912.; Имоми Аъзам Абуҳанифа. Фиқҳи акбар [Матн] / Абуҳанифа; тарҷумаи Суннатуллоҳи Яъқуб. – Душанбе: Ирфон, 2009.; Имоми Аъзам Абуҳанифа. Васиятнома [Матн] / Абуҳанифа; турҷумаи Суннатуллоҳи Яъқуб. – Душанбе: Ирфон, 2009.; Каҳҳало Умар Ризо. Муъҷаму-л-муааллифин [Матн] / У.Р. Каҳалло. – Димишқ, 1957-1961. – 354 с.; Лакҳнавӣ Муҳаммад Абдулҳай. Ал-фавоиду-л-баҳия фӣ тароҷими-л-ҳанафия [Матн] / М. Лакҳнавӣ. – Қоҳира, 1324 ҳ.қ. (1906). – 564 с.; Муҳаммад ибни Мунаввар. Асрору-т-тавҳид фӣ мақомоти-л-шайх Абусаид [Матн] / М. Мунаввар; бо тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммад Ризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон, 1366 ш. – Ҷ.1.; Самъонӣ Абдулкарим ибни Муҳаммад. Китобу-л-ансоб [Матн] / А. Самъонӣ; бо кӯшиши Абдурраҳмон Муаллими Имонӣ. – Ҳайдаробод: Дакан, 1962-1982. – Ҷ.I-XII.; Субкӣ Тоҷиддин Абӯнаср Абдулваҳҳоб. Табақоту-ш-шофеияти-л-кубро [Матн] / Т. Субкӣ; бо кӯшиши Абдулфаттоҳ Муҳаммад Ҳулв Маҳмуд Муҳаммади Танохӣ. – Қоҳира, 1964-1976. – Ҷ.I-X.; Хайриддин Зириклӣ. ал-Аълом. Муассасату-т-торихи-л-арабӣ [Матн] / Х. Зириклӣ. – Чопи дувум. – Бейрут, 1989 м. – Ҷ.VII. – 466 с.

Дар маҷмуъ «Таҷорибу-л-умам»[1]-и Абӯалӣ Мискавайҳи Розӣ, «Тазкирату-л-авлиё»[2]-и Фариддадини Аттори Нишопурӣ, «Ал-Феҳрист»[3]-и Муҳаммад ибни Исҳоқи Надим, «Муқаддима»[4]-и Абдурраҳмон ибни Халдун, “Ал-Милал ва ниҳал”-и Абдулкарими Шаҳристонӣ, “Ал-фарқу байна-л-фирақ”-и Абдулқоҳир ибни Тоҳири Бағдодӣ, “Китобу-т-тавҳид”-и Абӯмансур Мотуридии Самарқандӣ, “Усули-д-дин”-и Муҳаммади Паздавӣ ва ғайра аз муҳимтарин сарчашмаҳое мебошанд, ки оид ба саҳми эронитаборон дар густаришу истиқрори ойини нав тавассути мазҳаби ягонаи ҳанафӣ маълумоти арзишманд додааст.

Ба гуруҳи панҷум вобаста ба яке аз бахшҳои рисола осореро шомил кардем, ки раванди ташаккул ва таҳаввули мазҳаби ҳанафияро дар Хуросону Мовароуннаҳр баҳсу баррасӣ кардаанд[5]. Ба ин гуруҳи сарчашмаҳо “Фиқҳи акбар” ва “Васиятнома”-и Имоми Аъзам Абуҳанифа, “Китобу табсирати-л-авом-фӣ-маърифати мақолоти-л-аном»-и Ибни Доии Розӣ, “Саводу-л-аъзам”-и Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ, “Мақолоту-л-исломийин”-и Абулқосим Каъбии Балхӣ, “Табақоту-л-муътазила”-и Ибни Муртазо, “Ақоиду-н-насафия”-и Нақмуддини Насафӣ, “Табақоту-с-сунния”-и Тақиюддини Тамимӣ ва манбаҳои дигар шомил мешаванд, ки барои ташаккул ва

---

[1] Абуалии Мискавайҳи Розӣ. Таҷорибу-л-умам [Матн] / М. Розӣ; тарҷумаи Абулқосим Имомӣ. – Теҳрон, 1369. – 544 с.

[2] Фаридаддини Аттори Нишопурӣ. Тазкирату-л-авлиё. Таҳияи Муҳаммадхони Қазвинӣ [Матн] / Ф. Аттор. – Теҳрон: Носири Хусрав, 1370 ҳ. – 294 с.

[3] Муҳаммад ибни Исҳоқи Надим. Ал-Феҳрист [Матн] / М. Надим; тарҷумаи Ризои Таҷаддуд. – Теҳрон: Асотир, 1346 ҳ. – 984 с.

[4] Абдурраҳмон ибни Халдун. Таърих [Матн] / А. Халдун; тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ. – Теҳрон: Парчам, 1363. – Ҷ.1. – 741 с.; Абдурраҳмон ибни Халдун. Муқаддимаи ибни Халдун [Матн] / А. Халдун; тарҷумаи Муҳаммад Парвини Гунободӣ. – Теҳрон, 1366 ҳ.қ. – Ҷ.1. – 988 с.

[5] Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. Ас-Саводу-л-аъзам [Матн] / А. Самарқандӣ; тарҷумаи куҳан аз арабӣ; таҳиягарони матн ва муаллифони мукаддима, таълиқоту ҳавошӣ Н. Салимов, Н. Зоҳидов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009.; Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. ас-Саводу-л-аъзам [Матн] / А. Самарқандӣ; тарҷумаи кӯҳани форсӣ; бо кӯшиши Абдулҳайи Ҳабибӣ. – Теҳрон, 1348 ш.; Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. ас-Саводу-л-аъзам [Матн] / А. Самарқандӣ; бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Ф. Баротзода, С. Шаҳобуддинов, Р. Азизӣ, М. Начотзода. – Душанбе: Андалеб-Р, 2016. – 248 с.; Ибн Муртазо Аҳмад ибн Яҳё. Табақоту-л-муътазила [Матн] / А. Яҳё. – Бейрут/ Висбаден, 1961.; Абулқосим Каъбии Балхӣ. Мақолоту-л-исломийин. Зикру-л-муътазила. Фазлу-л-эътизол [Матн] / К.Балхӣ; бо кӯшиши Ф.Сайид. – Теҳрон, 1367 ҳ.қ. – 468 с.; Насафӣ Абулмуин Маймун ибни Муҳаммад. Табсирату-л-аддила фи усулу-д-дин ало тариқати-л-Имом Абӣ Мансур ал-Мотуридӣ [Матн] / М. Насафӣ; бо кӯшиши Кулуд Салома. – Димишқ, 1990. – Ҷ.I. – 356 с.; Насафӣ Нақмуддин Абӯҳафс Умар ибни Муҳаммад. ал-Ақоиду-н-насафия [Матн] / Н. Насафӣ. – Лондон, 1843. – 568 с.; Саймарӣ Ҳусайн ибни Алӣ. Ахбору Абиҳанифа ва асҳобиҳи [Матн] / А. Саймарӣ. – Бейрут, 1985. – 326 с.; Самъонӣ Самарқандӣ Муҳаммад. Қандия ва Самария [Матн] / С. Самарқандӣ; бо кӯшиши Эраҷ Афшор. – Теҳрон, 1367 ҳ.ш.; Тамимӣ Тақиюддин. Ат-табақоту-с-сунния [Матн] / Т. Тамимӣ; бо кӯшиши Абдулфатоҳ Муҳаммад Ҳулв. – Риёз, 1403 ҳ.қ. (1983 м.). – Ҷ.2.; Хайёт Абулҳусайн ибни Усмон. Китобу-л-интисор ва-р-радд ало Ибн-ар-Рованди [Матн] / Х.А. Усмон. – Бейрут, 1957.

истиқрори мазҳаби ягонаи ҳанафия дар Мовароуннаҳр мусоидат намуданд. Барои дар амал татбиқ кардани ин рисолати таърихӣ “Саводу-л-аъзам”-и Ҳакими Самарқандӣ бо супориши бевоситаи Амир Исмоили Сомонӣ таълиф гардида буд, ки дар таҳияи диссертатсия дар баробари сарчашмаҳои фаровон мавриди истифода қарор гирифтанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотии кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотии кафедраи мазкур ба мавзуи «Таърихнигории таърихи раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» бахшида шудааст ва он фарогири мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ:

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти мазкур аз таҳқиқи таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X, паёмадҳои он барои минтақа ва саҳми мардумони ин сарзамин дар ташаккули илму фарҳанги ин давра дар доираи ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои ойини нав иборат мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот: Умед аст, таҳқиқи мавзуи мазкур барои ташаккули тафаккури таърихӣ ва илмии замони муосир саҳмгузор бошад. Бо ин мақсад бар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи маълумоти манбаҳои таърихии дасти аввали мавзуъ муаллиф дар рисола иҷрои чунин вазифаҳоро амри зарурӣ донистааст:

–дар асоси таҳлили маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ равшан намудани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳои мавриди таҳқиқ қарордошта;

– таҳлили манобеи ҷуғрофӣ-таърихӣ ва дақиқ намудани ҳудудҳои ҷуғрофии Хуросону Мовароуннаҳр;

– дар асоси таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва осори илмӣ-таҳқиқотӣ собит ва муқаррар сохтани сабабҳои фурупошии шоҳаншоҳии Сосониён;

– бо таҳлили таърихнигории мавзуъ дақиқ намудани ҳолати эътиқодӣ ва мавқеи дину ойини мардумони Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи зуҳури ислом;

– дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ошкор кардани раванди забткориҳои арабҳо ва сабабҳои музаффариятҳои онҳо дар минтақа;

– бо таҳлили таърихнигории мавзуъ равшан сохтани сабабу омилҳои сар задани муборизаҳои мардумии Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди арабҳо;

– дар асоси таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ошкор кардани вижагӣ ва сабабу авомили раванди исломпазирии мардуми Хуросону Мовароуннаҳр;

– дар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ нишон додани саҳм ва мавқеи мардумони минтақа дар густарши ислом дар миёни қавму халқиятҳои мухталиф ва ҳудудҳои ҷуғрофии дигар;

– нишон додани ҷойгоҳ ва мақоми хуросониён дар ташаккул ва рушди илму фарҳанг ва аз тариқи онҳо таблиғ намудани ҷаҳонбинии нави динӣ;

– муайян намудани саҳми тоҷикон дар поягузорӣ ва рушди мактабҳову ҷараёнҳои динӣ ва мазҳаби ҳанафия;

– ошкор намудани саҳми мардумони минтақа дар ташаккули фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар ду асри аввали зуҳури он;

– дар асоси таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ муайян намудани саҳм ва ширкати хуросониён дар сохторҳои идориву маъмурии хилофати араб;

– бо таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ муайян сохтани омилҳои ташаккули мазҳаби ҳанафия дар фазои фарҳангӣ ва ҳуқуқии замони Сомониён.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар илми таърихнигорӣ ва манбаъшиносӣ кӯшиш гардидааст, заминаҳо, роҳҳо ва вижагиҳои гуногуни забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X равшан гардад. Омӯзиши амиқи масъалаи мазкур дар таърихнигории имрӯзаи тоҷик аз

навовариҳои илмист, зеро дар баробари таҳқиқи густариши ислом, инчунин саҳми мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар интишори илму фарҳанг ба монанди Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ва намояндагони дигари неҳзати фикрию фарҳангии шуубия, Салмони Форсӣ, Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит, Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ, Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ, Сибавайҳи Форсӣ ва дигарон хело назаррасанд. Аз ин рӯ ин мавзуъ ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Бо таҳлили сарчашмаву осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ навгониҳои илмии рисола дар самти таърихнигории забткориҳои араб, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ва паёмадҳои он дар асрҳои VIII-X дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

– бар асоси таҳлил ва баррасии маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ва натиҷаҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, бори нахуст мавзуи таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X ба таври ҳамаҷониба ва васеъ ба риштаи таҳқиқ кашида шуд;

– заминаҳо ва омилҳои асосии ба ойини нав гаравидани мардумони бумии Хуросону Мовароуннаҳр таҳқиқ ва муайян карда шуданд;

– вижагиҳои раванди забткориҳои арабҳо ва паёмадҳои он дар минтақа ба таври фарогир бар асоси маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ-таърихӣ тавсиф ва мушаххас гардиданд;

– раванди забткориҳо, натиҷаҳои он барои минтақа, амали ҳокимон ва мақсаду маромии арабҳо таҳлил ва муайян карда шуд;

– дар асоси маълумоти манбаҳои таърихӣ муборизаҳои оштинопазири мардумони Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди арабҳо ба таври фарогир мавриди таҳқиқ қарор гирифт;

– хусусият ва марҳилаҳои асосии муборизаҳои мардумии минтақа, моҳияти муборизаҳои озодихоҳӣ, мақсади онҳо барои ҳифзи дину ойинҳои пешазисломӣ таҳқиқ ва муайян карда шуданд;

– раванди муборизоти мазҳабӣ ва ташаккули мазҳаби ҳанафия тавассути донишмандону амирони хонадони Сомониён нишон дода шуд;

– нақши мазҳаби ҳанафия дар истиқрори ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр таҳқиқ ва муайян гардид;

– дар баробари таҳқиқу омӯзиш бори аввал маълумоти васеи сарчашмаҳои хаттӣ-таърихии асрҳои IX-XII-и арабию форсӣ ба гардиши илмӣ ворид карда шуд;

– дар асоси таҳлилу баррасии маълумоти сарчашмаҳо ва осори муҳаққиқони муосир имкон фароҳам омад, ки дар самти таҳқиқи таърихи забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X донишҳои амиқ ва аёнӣ ҳосил гардад;

Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқоти диссертатсияро усулҳои муносибати комплексиву системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих истифодашаванда – таърихият, пайдарпайии хронологӣ ва мантиқӣ, масъалагузорӣ, шаффофият ва беғаразӣ дар асоси факту далелҳо ташкил медиҳад. Ин усулҳо, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, имкон доданд, ки сабабу натиҷаҳои рӯйдодҳои таърихӣ, заминаҳо, натиҷаҳо ва паёмадҳои забткориҳои араб дар Хуросону Мовароуннаҳр таҳқиқу баррасӣ гарданд. Бо назардошти равандҳои таърихӣ ва муқоисавӣ мо кӯшиш намудем, ки сатҳи таҳаввули мавзуи таҳқиқшаванда ва тағйироти баамаломадаро муайян ва муқоиса карда, раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр муайян намоем. Усули таҳлили муқоисавӣ дар омӯзиши зуҳуроти таърихӣ ба муайян кардани раванди забткориҳои араб, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардум бар зидди аҷнабиён ва паёмадҳои он истифода шудааст.

Татбиқи усули хронологӣ дар таҳияи рисола имкон дод, ки таърихи раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳрро дар раванди воқеаҳои пурихтилофи давраи муайяни таърихӣ пайгирӣ намуда, воқеаҳои вобаста ба мавзуъ амалигардидаро таҳлил намуда, тадриҷан бо пайдарҳамии таърихиву

хронологӣ масъалаҳои асосиеро, ки дар раванди забткориҳои араб ба амал омадаанд, баррасӣ намоем. Ҳамзамон, дар диссертатсия равиши байнисоҳавӣ истифода бурда шуд, зеро бо хусусиятҳои мавзуи таҳқиқот алоқаманд буда, ҷанбаҳои гуногуни он бо истифода аз дастовардҳои илмҳои манбаъшиносӣ, таърихнигорӣ, хронологияи таърихӣ, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ ва ғайра омӯхта шуданд.

Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот ба таҳқиқи масъалаи муҳимми раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр бар асоси маълумоти манбаҳои таърихии давраи таҳқиқ ба забони форсию арабӣ, осори ҷуғрофӣ-таърихии сайёҳону муаррихони асримиёнагӣ, таҳқиқоти олимону муҳаққиқони русу араб, аврупоӣ, амрикоӣ ва дастовардҳои илмии таърихнигорони ватанӣ такя мекунад. Мавзуи таҳқиқот аз таҳлили маводу манбаъҳои таърихии форсию арабӣ ва осори муҳаққиқони муосири ватанию хориҷӣ иборат мебошад ва раванди забткориҳои арабу муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳрро дар асоси вазифаҳои бамиёнгузошташуда, ки усулҳои шаффофият, таърихият ва мушаххасотро ба назар гирифтаанд, фаро мегирад.

Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки дар асоси таҳлилҳо ва таҳқиқотҳо раванди забткориҳои араб, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, паёмадҳои забткориҳои араб ва саҳми ҳамаҷонибаи мардуми минтақа дар густариши дини нав муайян гардидааст. Омӯзиши таҳқиқоти мазкур ҳамчун мавзуи муҳимми таърихӣ, на танҳо аҳаммияти калони илмиву амалӣ дорад, балки барои равшан сохтани саҳифаҳои таҳқиқнагардида ва норавшани таърихи асримиёнагии халқи тоҷик, инчунин барои тарбияи наслҳои ҷавони имрӯза ва ояндаи миллат кумаки амалӣ хоҳад расонд.

Аҳаммияти амалии дигари рисолаи мазкур дар муаррифии аҳволу осори олимону мутафаккирони асримиёнагии минтақа ва саҳми беназири онҳо дар истиқрор ва густариши ислом иборат аст. Инчунин таҳқиқоти мазкур

метавонад зимни таҳияи корҳои илмӣ доир ба масъалаҳои муҳимми таърихӣ ва фарҳанги халқи тоҷик ва мардумони ҳамҷавор тартиб додани барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсус доир ба масъалаи забткориҳои арабҳо дар минтақаи мавриди таҳқиқ барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. Дар давоми чор соли охир натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф дар раванди таълиму тарбия дар факултаи таърихи ДМТ барои донишҷӯёни курси сеюм дар шакли «Курси махсус» ба таври васеъ истифода шудаанд.

Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳқиқи раванди забткориҳои араб, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X ва паёмадҳои онҳо иборат аст.

Мавзуи таҳқиқот аз омӯзиши таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X иборат мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии дисертатсионӣ, матлабҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмиву амалӣ ва семинарҳои назариявӣ, ҳамзамон дар таҳияи барнома ва васоити таълимӣ дар мактаби олӣ саҳмгузор мебошад. Инчунин, таҳияи нақшаву дебоча, таълифи таҳқиқот, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат менамояд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда: Дар асоси таҳлилу омӯзиши манбаҳои хаттӣ-таърихии асҳои IX-XII ва осори муҳаққиқони муосир доир ба забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр матлабҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:

– Сабабҳои босуръати парокандагии дохилию сиёсии шоҳаншоҳии Сосониёнро метавон дар бархурдҳои дохилии мазҳабӣ, дар қисматҳои ғарбию марказӣ миёни зардуштиёну яҳудиёну масеҳиён ва бархурдҳои мазҳабии зардуштиёну буддоиён дар қисмати шарқии шоҳаншоҳӣ ва ба ин васила аз тобеияти ҳокимияти марказӣ берун мондани қисмати шарқии шоҳаншоҳӣ унвон дод. Масеҳиён дар охирҳои қудрати Сосонӣ оташкадаҳоро вайрон карда, яҳудиён мӯбадони зардуштиро зинда ба зинда пӯст меканданд.[1] Хушунатҳои мазҳабӣ вазъияти умумии кишварро чунон ногувор намуда буданд, ки маъмурони давлатӣ дигар аз дини расмии шоҳаншоҳии зардуштия дифоъ карда наметавонистанд;

– Дар дохили кишвар қувваҳои марказгурез ба вуҷуд омада, сарлашкарон, сипоҳиён ва ҳокимони маҳаллӣ дигар майли ба марказ итоат кардан надоштанд. Дар баробари ин дар тули 4 соли охири қудрати Сосониён кушта шудани 12 нафар шоҳаншоҳон[2] аз буҳрони бузурги сиёсӣ дарак медод, ки дар оянда заминаро барои фурупошии шоҳаншоҳии Сосониён фароҳам оварда буд;

– Маҳз дар ҳамин давра аз хориҷи кишвар румиҳо, туркҳо ва арабҳо ҳуҷумҳои худро ба қаламрави шоҳаншоҳии Сосониён шуруъ карданд. Аксари мардуми шоҳаншоҳӣ, ки дигар ҳукмронии ин хонадонро намехостанд, ба ҳар дину ойини тозае, ки имтиёзҳои табақотиро аз миён бурда, баробарии иҷтимоӣ ва иқтисодиро барои мардумони ноком ваъда медоданд, бо шӯру ҳаяҷон ба он мегаравиданд.[3]

– Пайравони динҳои насронӣ, буддоӣ, монавӣ, маздакӣ, меҳрпарастӣ, бутпарастӣ, оташпарастӣ, зурвонӣ ва ақалияти пайравони динҳои дигар бо ихтилофҳои ақидавии худ дар ин ё он шакл барои коста гардидани таъсир ва нуфузи дини расмӣ мусоидат менамуданд. Дар чунин давраи ҳассос

---

[1] Кристинсен Артур. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристинсен; тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. – Теҳрон, 1332. – С.195-196.

[2] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.к. – Ҷ.II. – С.769.

[3] Нафисӣ Саъид. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн]: аз инқирози Сосониён то инқирози Умавиён / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342. – Ҷ.2. – С.25-26.

пайравони динҳои дигар барои камтаъсир сохтани дини расмӣ ва суқути шоҳаншоҳӣ кумак карда, дини Зардуштӣ бошад ҳамчун дини расмии кишвар камтаъсир ва бефурӯғ гардида, дигар таъиноти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаро таъмин карда наметавонист;

– Сабаби асосии дар аксарият набардҳо ғолиб омадани арабҳо дар гусастани робита байни давлатдорон ва мардум, хиёнати ҳокимони маҳаллӣ, заъфу камқудратии сипоҳи эрониён дар ҷангҳои пайдарпай бо кишварҳои ҳамсоя буд;

– Раванди забткориҳои арабро дар минтақа ба чаҳор давра тақсим намудан мумкин аст. Давраи аввал – аз ибтидои лашкаркашӣ аз соли 633 то соли 705-ро дар бар гирифта, дар ин давра халифаҳо волиёни худро бо мақсади истилои минтақа ва ё ҷамъоварии маълумот равона мекарданд;

Давраи дуюм – ба замони юришҳои Қутайба рост меояд, ки ӯ вазифадор гардида буд ба ҳар восита ва қиммате бошад, бояд Хуросону Мовароуннаҳр истило мегардид. Дар ин маврид бераҳмӣ ва қатлу куштори бемислу монанди Қутайба далелҳои радношавандаи таърихӣ мебошанд;

Давраи сеюм – аз соли 715 то соли 750 идома ёфта, дар ин марҳила аксари сарзаминҳои Хуросону Мовароуннаҳр аз ҷониби арабҳо забт карда шуда, қисми таркибии хилофатро ташкил медоданд;

Давраи чорум – асрҳоеро дар бар мегирад, ки бо инкишофи ҳанафия дар минтақа ва вусъат ёфтани он дар минтақаҳои дигар рост меояд;

– Муборизаҳои мардуми Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди арабҳо ва ошӯбу исёнҳои бамаломада бештар хусусияти динӣ-фарҳангӣ ва озодихоҳӣ доштанд. Сар задани ошӯбҳои зиёди зидди арабӣ ва баланд гардидани таъсиру нуфузи хонадонҳои маҳаллӣ таваҷҷуҳи халифаҳои аббосиро нисбат ба ин минтақа кам карда буд ва дар охир ҷуз пардохти хироҷ аз Хуросону Мовароуннаҳр дигар чизе умедвор набуданд;

– Натиҷа ва хидмати таърихии ҷунбишҳои мардумии Хуросону Мовароуннаҳр ба он овард, ки дар соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии хилофат таҳаввулоти фикрии эронитаборон ба амал омада,

онҳоро давлатшарики хилофат гардонид. Онҳо на фақат аксарияти табақаи равшанфикрону сиёсатмадоронро ташкил медоданд, балки ба вазъи низоми ҳарбӣ-сиёсӣ ва иқтисодии минтақа таъсиргузор буданд. Натиҷаи дигари шӯришҳои мардумӣ аз он иборат буд, ки як неруи бузург ва тафаккури зиддиарабиро дар Хуросону Мовароуннаҳр ба миён оварда, хонадонҳои Бармакӣ, Саҳли Сарахсӣ, Тоҳир ибни Ҳусайни Пашунгӣ, Фазл ибни Сулаймони Тусӣ, Саффориён ва Сомониёнро сари қудрат оварда, заминаҳои ташаккули давлатдории миллиро ба вуҷуд оварданд;

– Сабабҳои исломпазирии эронитаборон дар бухрони шадиди иҷтимоии шоҳаншоҳии Сосониён ба парокандашавии давлати муттамарказ; арзишҳои диққатҷалбкунандаи дини нав ва хусусиятҳои ахлоқӣ ва башардӯстонаи он; дарки моҳияти раванди таърихӣ; раҳоӣ аз хироҷи бесобиқаи Сосонӣ ва ҷизяи исломӣ; бо роҳи маҷбурӣ кучонидани арабҳо ба минтақаҳои гуногуни Хуросону Мовароуннаҳр; муносибатҳои хешу таборӣ, омезиши қавмҳо ва ғайра мебошанд;

– Бо кӯшиши зиёди эронитаборон ойини навро, ки хусусияти умумибашарӣ дошт, аз маҳдудаи қавмӣ-арабӣ берун кашиданд;

– Бо баҳрабардорӣ аз динҳо ва фарҳангҳои пешини худ дар Хуросону Мовароуннаҳр ба хотири истиқрори ислом, аз мазҳаби ҳанафия дастгирӣ карда, тавонистанд аз сарҳадоти Чин то Аврупо – як минтақаи фазои ҳуқуқиву ахлоқие ба вуҷуд оваранд, ки ба воситаи меъёрҳои ахлоқӣ-динӣ ва усули урф маросиму анъанаҳои гузаштагони худро ҳифз намоянд ва онҳоро батадриҷ вориди анъанаҳои исломӣ созанд;

– Олимону мутафаккирони асрҳои IX-X ҳавзаи мазкур на танҳо симои фарҳангии минтақаро нигоҳ доштанд, балки тавонистанд муҳити гуногунандешии мазҳабӣ ба вуҷуд биёранд;

– Дар даврони салтанати Сомониён дар доираи арзишҳои ҳанафия ва таълимоти он андешаҳои каломӣ, фиқҳӣ, ахлоқӣ ва сиёсии мактаби хусусияти минтақавидоштаи ҳанафияи Мовароуннаҳру Хуросон ташаккул ва

такомул ёфта, боиси аз нигоҳи ақидатӣ муттаҳид сохтани мардумони ду сарзамин гардид.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро дақиқияти маълумот, кифоя будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои мавзуи таҳқиқшаванда, тақозо менамоянд. Хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

Марҳилаҳои таҳқиқот. Давраи иҷроиши таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири асрҳои VII-X мебошад.

Пойгоҳи иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро сарчашмаҳои таърихии марказҳои нусахи хаттии шаҳри Душанбе, Ганҷинаи мероси хаттии АМИТ, шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва адабиёти Эрони Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, китобхонаи Энсиклопедияи миллии тоҷик, китобхонаҳои шахсӣ, инчунин диссертатсияҳо, адабиёти илмӣ, порталҳои иттилоотӣ, сомонаҳои расмии ба мавзуи таҳқиқот нигаронидашуда ва маълумоти матбуоти даврӣ ташкил менамоянд.

Чаҳорчӯбаи хронологии таҳқиқот аз охири салтанати Сосониён (асрҳои VI-VII) оғоз гардида, даврони забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳрро дар асрҳои VII-X ва ҳукумати сулолаҳои тоҷикии Тоҳириён, Саффориён ва хусусан Сомониёнро фаро мегирад.

Чаҳорчӯбаи ҷуғрофии таҳқиқот ҳудудҳои Хуросон ва Тахористону Суғд (Варорӯд), ки то зуҳури мафҳуми ҷуғрофии Мовароуннаҳр барои ифодаи ин минтақаҳо истифода магардид, дар бар мегирад. Мафҳуми ҷуғрофии Хуросон ба ислоҳоти Хусрави I тавъам буда, дар ҷануб то ба Сиистон, Кӯҳистон, Хулҷ, Ғазнӣ, баъзе вилоятҳои Ҳиндустон, дар ғарб то ба Ғуз, Гургон, Қумис, Дайламон, Табаристон, Рай, Хоразм, Деҳистон, Ҷузҷон, баҳри Хазар, дар шимол то ба Мовароуннаҳр ва дар шарқ то ба кӯҳҳои

Тибети Чин, саргаҳи ҳавзаи дарёи Омӯ, кӯҳҳои Помир ва Тахористон, Бомиён, Ғур то ба Ҳирманд арзу тул дошт.[1]

Дар бораи ҳудудҳои ҷуғрофии Мовароуннаҳр ҳаминро гуфтан бамаврид аст, ки бино бар маълумоти бештари сарчашмаҳо ҳудудҳои шарқии он то Рошт, кӯҳҳои Помир ва Тибет, Хуттал, ҳудудҳои ғарбии онро Ғуз, Тароз, Фороб, Суғд, Самарқанд, Бухоро то Хоразм, шимолии онро Халлух, Туркистон, Фарғона ва қисмати ҷанубии онро Хуросон муайян кардаанд, ки ба доираи ҳудудҳои ҷуғрофии диссертатсия мутобиқ мебошанд.[2]

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои муштараки кафедраи мазкур ва кафедраи таърихи халқи тоҷик муҳокима шудааст. Матлабҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, пешниҳоду тавсияҳо, ки дар диссертатсия ҷой доранд, дар маводи конференсияи байналмилалии «Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо дар замони муосир» (16.05.2019, ш.Бохтар), онлайн-конфронси байналмилалии Британияи Кабир (Manchester, Great Britain: Peal Press Ltd., 2020. 1851 p. ISBN 978-0-216-01072-7. – P.698-706), онлайн-конфронси байналмилалии ш. Вашингтони Амрико (Scientific Collection «InterConf», (48):(April 4-5, 2021). USA: Washington, ISBN 979-1-293-10109-3USA. En Deavours Publisher, 2021. 1079 p. – P.361-365), конфронси илмӣ-назариявии байналмилалӣ “Бахшида ба 1050-солагии Абурайҳон Берунӣ” (20 майи 2023 ш. Душанбе), маводи конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами таърих ва фарҳанги халқҳои Осиё Марказӣ» (24-25.10.2023, ш.Хуҷанд) ва дигар конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳии илмию назариявӣ баён шуда, бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр шудаанд. Ҳамзамон дар 29 мақолаи илмӣ ва илмиву оммавие, ки 18-тои он дар нашрияҳои шомили маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Вазорати илм ва маълумоти олии Федератсияи Русия ва КОА назди Президенти ҶТ ворид

[1] Ғуломов, Т.М. Густариши ислом дар Хуросони Бузург (асрҳои VII-VIII). – Душанбе: Эр-граф, 2010. – С.13-14.
[2] Ғуломов, Т.М. Густариши ислом дар Хуросони Бузург (асрҳои VII-VIII). – Душанбе: Эр-граф, 2010. – С.14.

буда, дар 3 монографияи муаллиф, ки солҳои 2014 “Этнорелигиозные и этнокультурные процессы принятия ислама в Центральной Азии”, соли 2016 “Распространение ислама в Хорасане и Мавераннахре в VII-VIII вв. По сведениям исторических источников” ва “Густриши ислом дар Хуросони Бузург” (дар асрҳои VII-X), ки соли 2020 таълиф шудааст, инъикос ёфтааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Мазмуни асосии диссертатсия дар 3 монография ва 18 мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда ва 11 мақолаи дигар дар маводи конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 345 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, бо аҳдоф ва вазифаҳои таҳқиқот тавъам буда, аз пешгуфтор, чор боб, даҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда (371 номгӯй) иборат мебошад.

ҚИСМАТИ АСОСӢ

БОБИ I. САРЧАШМАҲО ВА ТАЪРИХНИГОРИИ МАВЗУИ ТАҲҚИҚШАВАНДА

§1.1. Сарчашмашиносии масъалаи таҳқиқшаванда

Барои омӯзишу баррасии вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳолатҳои эътиқодии мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, раванди забткориҳои арабҳо, муборизаҳои миллӣ-озодихоҳӣ, истиқрори ислом, омилҳои ташаккули ҳанафия ва заминаҳои таъсисёбии давлатҳои миллӣ дар минтақа сарчашмаҳои таърихӣ нақши муассир доранд. Сарчашмаҳои асосие, ки ҳангоми навиштани диссертатсия аз онҳо истифода кардем, асосан манбаҳои хаттии таърихӣ ва сарчашмаҳои ҷуғрофӣ-таърихии муаррихони асрҳои IX-XIII мебошанд.

Тавре дар муқаддимаи кор ишора кардем, барои баррасии ин мавзуъ **нақши осори ҷуғрофии арабу мусулмони асрҳои IX-XIV хеле бузург аст.** Кишваркушоии мусулмонҳо дар шарқу ғарб сабаби ба миён омадану рушд кардани илми ҷуғрофия дар садаҳои миёна гардид. Яке аз чунин сарчашмаҳои ҷуғрофӣ асари муаллифаш маҷҳули «Ҳудуду-л-олам мин-ал-Машриқ-ила-л-Мағриб»-мебошад. Дар ин сарчашма ҳудудҳои ҷуғрофии минтақаи таҳқиқшаванда бо номи Мовароуннаҳр пурра баён гардидааст: Аҳаммияти ин асар дар он аст, ки сарзамини Эрон, Хуросон ва Варорудро дар авҷи ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии хилофати мусулмонӣ тасвир кардааст[1].

Сарчашмаи дигари ҷуғрофӣ «Масолику-л-мамолик»-и Абӯисҳоқ Иброҳими Истахрӣ[2] ба ҳисоб меравад, ки дар он масоҳат ва тариқи ҷойгиршавии шаҳрҳо, аз он ҷумла шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр мавқеи ҷуғрофӣ-стратегии онҳо, масофаи байни шаҳрҳои асримиёнагӣ ва низоми хироҷпардозии навоҳии мамолики исломӣ возеҳона инъикос гардидааст. Ин сарчашма на танҳо дар дақиқ намудани ҳудудҳо ва мавқеи ҷуғрофии минтақа, балки дар дақиқ намудани воқеаҳои таърихии асрҳои IX-X кумаки

---

[1] Ҳудуду-л-олам мина-л-машриқ ила-л-мағриб [Матн] / бо муқаддимаи В. Бартольд; тарҷумаи Мирҳусайн Шоҳ. – Кобул, 1342. – С.62.

[2] Абуисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолику-л-мамолик [Матн] / И. Истахрӣ; Таҳияи Эраҷи Афшор. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1367 ҳ. – 356 с.

аввалиндарача намуда, дар замони хилофати Аббосиён ҳамчун роҳнамои ҷуғрофию молиявӣ хизмат кардааст.

Дар радифи осори ҷуғрофии ин давра «Сурату-л-арз»[1]-и Ибни Ҳавқал мақоми хос дорад. Ибни Ҳавқал дар сабаби таълифи асар ва муҳтавои китоби хеш навиштааст, ки дар «Сурату-л-арз» "чигунагии адабу сунан ва маъорифу улум ва мазоҳиби гуногуни халқҳо" дар ин сарчашма ба наҳви аҳсан баён ёфтаанд.

Муҳаммад ибни Аҳмади Мақдисӣ асари муҳимму арзишманд "Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим"-ро таълиф кард, ки муҳимтарин асари ҷуғрофии мусулмонӣ эътироф шудааст[2]. "Муъҷаму-л-булдон"-и Ёқути Ҳамавӣ[3], "Масолик ва мамолик"-и Ибни Хурдодбеҳ[4] ва "ал-Булдон"-и Яъқубӣ[5] доир ба масъалаҳои ҷойгиршавии шаҳрҳову ноҳияҳо, иқлимҳо, табиату сарватҳои табиӣ ва доир ба мардуми Хуросону Мовароуннаҳри баъдиисломӣ маълумоти зарурӣ медиҳанд. Аз ин асарҳо дар бораи урфу одат, дороиҳо ва анъанаҳои мардум ва дар хусуси пазироии дини ислом, супоридани ҷизя ва низоми хироҷсупории мардум маълумоти зиёд пайдо гардид.

Шиҳобуддин Абдуллоҳ ибни Лутфуллоҳ ибни Абдурашид ал-Хавофӣ, маъруф ба Ҳофизи Абрӯ (1360-1430) асари «Ҷуғрофиё»-ро офарид[6], ки зимни баррасии масъалаҳои мавриди назари мо аз он истифода кардаем.

Дар асрҳои миёна дар кишварҳои мусулмонӣ, яке аз шохаҳои таърихнависӣ – **таърихҳои умумӣ** маъмул гардида, як силсила осори арзишманд ба миён омад. Асари бисёрҷилдаи «Таъриху-р-русул ва-л-мулук»-

---

[1] Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз [Матн] / Ҳавқал; тарҷумаи Ҷаъфари Шуъор. – Теҳрон: Интишороти Бунёди фарҳангии Эрон, 1345 ҳ. – 370 с.

[2] Мақдисӣ Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсану-л-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим [Матн] / М. Мақдисӣ; бо кӯшиши Дахвия. – Лейдан, 1967. – 431 с.; Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Муқаддасӣ. Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим [Матн] / М.А. ал-Муқаддасӣ; тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ. – Теҳрон, 1361.

[3] Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-булдон [Матн] / Ё. Ҳамавӣ; Тарҷумаи Алӣ Сақии Разавӣ. – Теҳрон, 1380.

[4] Ибни Хурдодбеҳ Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ. Масолик ва мамолик [Матн] / Х. Абдуллоҳ; тарҷумаи Саиди Хорканд; баргардонкунанда аз хатти форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2022. – 232 с.

[5] Аҳмад ибни Абияъқуб ибни Возеҳ ал-Яъқубӣ. ал-Булдон [Матн] / А. Яъқубӣ; тарҷумаи доктор Муҳаммадиброҳими Оятӣ; баргардонкунанда аз хатти форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии Тоҷик, 2022. – 220 с.

[6] Шиҳобуддин Абдуллоҳи Хофӣ. (Ҳофизи Абрӯ) Ҷуғрофиё [Матн] / Ҳ. Абрӯ; бо тасҳеҳи Ғуломризо Вараҳром. – Теҳрон: Иттилоот, 1370 ҳ. – 166 с.

и Муҳаммад Ҷарири Табарӣ[1] (839-923) аз ҷумлаи онҳост. Аҳаммият ва мубрамияти таърихномаи Табарӣ дар он зоҳир мегардад, ки тамоми воқеаҳои раванди забткориҳои арабҳо дар он ба таври хронологӣ ва пайдарпай шарҳу баён ёфтаанд. Ин асари барҷаста дар илми таърихнигории асрҳои IX-X падидаи нав ва беназир ба шумор мерафт. Дар таҳияи рисола, мо аз қисматҳои дувум то чаҳордаҳуми ин асар истифодаи ҳамаҷониба намудем. Дар воқеъ, муаллифи он шоҳиди забткориҳои араб, истиқрор ва гаравиши мардумон ба ислом буда, тамоми воқеаҳоро аз зуҳури ислом то соли 913 ба қалам додааст. Ба қавли таърихнигорони муосир "Ин асар ҳамчунон, ки барои донишмандони ислом мавриди эътимоди қавист, дар миёни кулли донишмандони илми таърих дар ҷаҳон боэътимодтарин таърихномаи асримиёнагӣ шинохта шудааст"[2].

«Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ[3] низ масъалаҳои марбут ба таълифи рисолаи моро дар бар гирифта доир ба раванди забткориҳои араб ва заминаҳои паҳншавии ислом маълумотҳои ҷолиб дорад. Лекин дар тарҷумаи ин асар, Абуалии Балъамӣ қисми зиёди маълумотҳоро дар бораи ҳуҷуми арабҳо ба Мовароуннаҳр, бахусус ба Пайканду Самарқанд, Бухорову Истаравшан ва дигар шаҳрҳои ниҳонӣ ихтисор кардааст. Дар баъзе маворид муаллиф маълумотҳоро изофа намудааст, ки маълумоти Табариро пурра менамоянд.

Таърихномаи дуҷилдаи "Таърихи Яъқубӣ"-и Аҳмад ибни Яъқуб Ибни Возеҳи Яъқубӣ[4] аз зумраи сарчашмаҳои муҳим доир ба мавзуи таҳқиқшаванда буда, дар он муаллиф муҳимтарин воқеаҳои таърихи забткориҳои арабро тасвир намудааст. Яъқубӣ дар мавриди зулму худсариҳои аз ҳад зиёди волиёни араб дар Хуросон мегӯяд: "Мардуми Хуросон барои

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.к. – Ҷ.1-14. – 6366 с.

[2] Табарӣ. Таъриху-русули ва-л-мулук [Матн] / Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда; бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. – Душанбе: ЭМТ, 2014. – С.6.

[3] Балъамӣ Абуалӣ. Таърихи Табарӣ [Матн]: иборат аз се ҷилд / А. Балъамӣ. – Душанбе: Ирфон, 1992. – Ҷ.1. – 655 с.; Балъамӣ Абуалӣ. Таърихи Табарӣ [Матн] / А. Балъамӣ. – Теҳрон: Алҳудо, 2001. – Ҷ.I.II. – 1635 с.

[4] Аҳмад ибни Яъқуб (Ибни Возеҳи Яъқубӣ) Таърихи Яъқубӣ [Матн] / А. Яъқубӣ; тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – Ҷ.1. – 610 с.; Аҳмад ибни Яъқуб (Ибни Возеҳи Яъқубӣ) Таърихи Яъқубӣ [Матн] / А. Яъқубӣ; Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – Ҷ.2. – 644 с.

бадрафтории Абдуллоҳ ибни Хозим бар ӯ тохтанд, ӯро куштанд ва сарашро назди халифа – Абдулмалик ибни Марвон фиристоданд”.[1]

Абусаъид Абулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезӣ дар «Зайну-л-ахбор»[2]-и худ доир ба паҳлуҳои гуногуни пайдоиш ва густариши ислом, ҳукумати хулафои рошидин, хилофати Умавиёну Аббоссиён бобҳои алоҳида овардааст. Дар баробари ин маълумоти мухтасар дар бораи забти Тайсафун (Мадойин), фирори Яздигурд ба Марв ва раванди забткориҳои араб дар Хуросон овардааст. Ҳамчунин муаллиф дар хусуси муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми бумии минтақа дар даврони ҳукумати волиёни араб дар Хуросону Мовароуннаҳр маълумоти муфассал медиҳад. Ин масъалаҳо дар фаслу бобҳои ҳаштум то чаҳордаҳуми асар ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд.

Яке аз сарчашмаҳои муҳимми дигар дар самти омӯзиши масъалаи саҳми бузургони минтақаи Хуросону Мовароуннаҳр дар ташаккули улум ва тамаддуни исломӣ «Таҷорибу-л-умам»-и Абуалӣ Мискавайҳи Розӣ[3] ба шумор меравад, ки муаллиф махсусан доир ба нақши хуросониён дар рушди пояҳои илму адаб ва густариши арзишҳои исломӣ андешаҳои хешро баён кардааст.

Таърихномаҳои муаррихони асрҳои IX-X-и араб, ки дар баъзеи онҳо доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ маълумотҳои ҷолиб мавҷуданд, дар таълифи рисола истифода гардиданд. Таърихномаи “Ал-мағозӣ”-и Муҳаммад ибни Воқидӣ[4] дар байни онҳо мақоми хосса дорад. Муаллифи он ба ҷумлаи насли аввали муаррихони аҳдиисломии араб шомил гардида, дар рисолаи худ муҳимтарин воқеаҳои давронро бо далелҳои воқеӣ инъикос намудааст. Аз

---

[1] Аҳмад ибни Яъқуб (Ибни Возеҳи Яъқубӣ) Таърихи Яъқубӣ [Матн] / А. Яъқубӣ; Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – Ҷ.2. – С.220.

[2] Гардезӣ Абӯсаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуд. Зайну-л-ахбор [Матн] / А. Гардезӣ; бо муқобала ва таълиқоти Абулҳай Ҳабибӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1347 ҳ.ш. – Ҷ.2. – 934 с.; Гардезӣ Абӯсаъид Абдулҳай. Зайну-л-ахбор [Матн] / А. Гардезӣ; баргардон Қодири Рустам. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 416 с.

[3] Абуалии Мискавайҳи Розӣ. Таҷорибу-л-умам [Матн] / М. Розӣ; тарҷумаи Абулқосим Имомӣ. – Теҳрон, 1369. – 544 с.

[4] Муҳаммад ибни Умари Воқидӣ. Мағозӣ. Таърихи ҷангҳои Паёмбар [Матн] / М. Воқидӣ; тарҷумаи Маҳмуди Домғонӣ. – Теҳрон: Фарҳанги исломӣ, 1369 ҳ.ш. – 949 с.

маълумотҳои Воқидӣ Муҳаммад Ҷарири Табарӣ дар таърихномаи худ фаровон истифода кардааст.

Муаллифи таърихномаи “Ал-футуҳ” ва ё «Китобу-л-Футуҳ» Муҳаммад ибни Алӣ ибни Аъсам ал-Куфӣ[1] воқеаҳои таърихии забткориҳои арабро аз соли 632 яъне аз даврони хилофати Абубакр то санаи марги Мустаъим Биллоҳӣ халифаи Аббосиёнро дар соли 866 баён намуда, махсусан раванди “Ҷанги Қодисия”, забти Мадойин ва забти Хуросону Мовароуннаҳрро таҳлил кардааст ва аз ин лиҳоз яке аз сарчашмаҳои пуарзиш дониста мешавад. Вай мукотибаи байни халифаҳои арабро бо волиёни онҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр ва дастуру супоришоташонро дар мавриди забти минтақаҳои мазкур ба тартиби хронологӣ баён кардааст, ки чунин нигориш дар сарчашмаҳои дигари таърихӣ ба чашм намерасад. Дигар ҷанбаи асар аз он иборат аст, ки муаллиф футуҳоти арабҳоро дар муддати 200 сол аз Мағриб, то ба Машриқ дарҷ кардааст. Таҳлил ва истифодаи ин сарчашма барои таърихнигории миллии тоҷикон аз он ҷиҳат аҳаммиятнок аст, ки ба баъзе масъалаҳои таърихи минтақа тобиши нав додааст.

Муаррихи бузурге, ки таълифоти ӯ барои омӯзиши масъалаҳои мавриди таҳқиқ кумак кардааст, Муҳаммад ибни Ҳусайни Масъудӣ мебошад. Омӯзиши осори вай барои таҳқиқоти мо аз он ҷиҳат муҳим аст, ки тамоми воқеа ва ҳодисаҳои таърихӣ аз нигоҳи шоҳидони аслии онҳо ҷамъоварӣ гардидаанд. Махсусан асарҳои ба ин мавзуъ бахшида «Муруҷу-з-заҳаб ва маъодину-л-ҷавҳар»[2] ва «Китобу-т-танбеҳ ва-л-ашроф»[3]-и Масъудӣ, ки доир ба ҳуҷумҳои аввалини арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр далелҳои пурқиммат оварда шудааст, аҳаммияти калони илмӣ доранд. Нисбат ба дигар сарчашмаҳо ин асарҳо камназир буда, дар онҳо дар мавриди забткориҳои арабҳо дар аҳди халифа Умар, ҷангҳои Холид ибни Валид ва Саъд ибни

[1] Ибни Аъсами Куфӣ. Ал-Футуҳ [Матн] / А. Куфӣ; тарҷумаи Муҳаммад ибни Аҳмад Муставфии Ҳиравӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1386. – 1086 с.

[2] Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Муруҷу-з-заҳаб [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387 ҳ.қ. – Ҷ.1. – 785 с.; Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Муруҷу-з-заҳаб [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387 ҳ.қ. – Ҷ.2. – 923 с.

[3] Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Ат-Танбеҳ ва-л-ашроф [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1365 ҳ.қ. – 452 с.

Ваққос дар ғарби Эронзамин, бераҳмиҳои Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф дар Ироқ ва тохтутози арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр маълумотҳои ҷолиб ва камназир оварда шудааст, ки дар сарчашмаҳои дигари таърихӣ мушоҳида намешаванд.

«Футуҳу-л-булдон»-и Аҳмад Яҳё ибни Ҷобири Балозурӣ[1] дар баробари дигар сарчашмаҳо тафовут дошта, дар он доир ба ҳуҷумҳои пай дар пайи арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр, роҳҳои паҳншавӣ ва густариши ислом, инчунин пардохти ҷизяву хироҷҳои аҳди исломӣ дар минтақа маълумоти пуразрзише мавҷуд аст. Балозурӣ қайд менамояд, ки “Қутайба Суғдро ба иттифоқи қабоили араб харобу бадҳол сохт, чандон ки суғдиёнро биёбоннишин кард”[2].

«Таърихи Комил»-и Иззуддин ибни Асир[3] сарчашмаи муҳим барои таълифи рисола ба ҳисоб рафта, дар он доир ба паҳншавии ислом дар Хуросон ва саҳми форсзабонон дар густариши ислом ва илмҳои динӣ хеле амиқ инъикос гардидааст, ки чунин маълумот аҳаммияти калони илмӣ доранд.

Таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ нишон дод, ки доир ба эътиқодоти пешазисломии эрониён асари безаволи «Осору-л-боқия»-и Абурайҳон Берунӣ[4] сарчашмаи боэътимод буда, муаллиф ба баъзе паҳлуҳои масъалаҳои ақидатии паҳншавии ҷаҳонбинии динӣ, парастиши худоёни пешин ва сабабҳои ба оташпарастӣ рӯ овардани онҳо, инчунин паҳлуҳои сиёсии ин масъалаҳо андешаҳои худро баён кардааст. Ин асар дар баррасии масъалаҳои мавриди таҳқиқи рисола васеъ истифода гардида, далелу бурҳони овардаи муаллиф барои муқоисаи андешаҳо ва таълимоти динҳои гуногун кумаки калон кардаанд.

---

[1] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозурӣ. – Лейдан, 1865. – 765 с.; Балозурӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозурӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – 787 с.

[2] Балозурӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозурӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С. 403

[3] Иззудин ибни Асир. Таърихи комил [Матн] / И. Асир. – Теҳрон: Асотир, 1370 ҳ.ш. – Ҷ.2. – 859 с.; Иззуддин ибни Асир. Таърихи бузурги ислом ва Эрон [Матн] / И. Асир; тарҷумаи Аббос Халилӣ. – Теҳрон: Муассисоти матбуоти илмӣ, 1367 ҳ. – Ҷ.1. – 986 с.

[4]. Берунӣ, А. Осору-л-боқия ани-л-қуруни-л-ҳолия [Матн] / А. Берунӣ. – Теҳрон, 1376 ш. – 457 с.

“Ахбору-т-тивол”-и Абуҳанифа Аҳмад ибни Довуди Диноварӣ[1] аз зумраи сарчашмаҳое аст, ки дар он рӯйдодҳои муҳимми марҳалаҳои асосии забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр таҳлил ва омилҳои исломпазирии аҳолӣ, аз ҷумла озод кардан аз пардохти “ҷизя” равшан нишон дода шудааст.

Муҳаммад ибни Исҳоқи Надим дар “Ал-феҳрист”[2] доир ба динҳо ва парастишҳои мардумони Хуросону Мовароуннаҳр қабл аз ворид шудани арабҳо ва дар муқобили бовариҳои тоисломӣ қарор гирифтани арзишҳои ойини нав маълумотҳои ҷолиб овардааст, ки доир ба онҳо дар сарчашмаҳои дигари таърихӣ маълумоти хеле маҳдуд ба мушоҳида мерасад.

Сарфи назар аз он, ки «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ[3] намунаи назми классикии форсизабонон аст, дар он бисёр масъалаҳои хоси таърихӣ ва таърихнигории марбут ба мавзуи рисолаи мо инъикоси худро пайдо кардаанд. Дар ин асар доир ба вазъияти таърихии даврони Сосониён ва хосатан замони ҳукмронии Хусрави Парвиз, ки ба давраи пайдоиши ислом рост меояд, маълумоти пурқиммат вуҷуд дорад. Фирдавсӣ бо такя ба маълумоти сарчашмаҳо ва воқеъаҳои таърихии ҷойдошта муносибатҳои Хусраву Баҳроми Чӯбин, ҳукмронии шоҳони баъдинаро то ба замони Яздигурд, муҳорибаи Қодисия ва заволи давлати Сосониёнро баён месозад. Дар “Шоҳнома” баъзе аз масъалаи баррасишавандаи рисолаи мо, ки дар сарчашмаҳои таърихии дигар ба чашм намерасанд, хеле хуб инъикос ёфтаанд.

Таърихномаҳои маҳаллӣ низ дар инъикоси забткориҳои арабҳо ва раванди мусулмоншавии аҳолӣ нақши бориз доранд. Дар асрҳои X-XIII чанде аз шаҳру вилоятҳои тоҷикнишини Хуросону Мовароуннаҳр соҳиби

---

[1] Абуҳанифа Аҳмад ибни Довуди Диноварӣ. Ахбору-т-тивол [Матн] / А. Диноварӣ; тарҷумаи Муҳаммади Домғонӣ. – Теҳрон: Ғазол, 1381 ҳ. – 484 с.

[2] Муҳаммад ибни Исҳоқи Надим. Ал-Феҳрист [Матн] / М. Надим; тарҷумаи Ризои Таҷаддуд. – Теҳрон: Асотир, 1346 ҳ. – 984 с.

[3] Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]: иборат аз 4 ҷилд / Фирдавсӣ; таҳияи Парвизи Атобакӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1386. – 2671 с.; Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]: иборат аз 9 ҷилд / Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8. – 592 с.

таърихнома гаштанд, ки дар равшан сохтани таърихи халқи тоҷик нақши ҳалкунанда доранд.

Яке аз чунин китобҳои таърихи маҳаллӣ «Таърихи Бухоро»-и Абубакри Наршахӣ[1] аст, ки дар ин рисола мавриди истифодаи васеъ қарор гирифт. Муаллиф дар бораи ҳуҷумҳои аввалини арабҳо ба Пайканду Бухоро, хосатан ҳуҷумҳои чандинбораи Қутайба ибни Муслим ба шаҳр, қатлу ғорати мардум ва дигар ҳаводиси муҳим маълумот меорад, ки дар дигар сарчашмаҳо дучор намеоянд. Наршахӣ хабар медиҳад: «…чун Қутайба бори чаҳорум ба Бухоро омад ва Бухороро бигирифт ва сулҳ кард бад-он, ки ҳар сол дувист ҳазор дирам халифаро диҳанд ва даҳ ҳазор дирам амири Хуросонро ва аз хонаҳо ва зиёъҳо як нима ба мусулмонон диҳанд ва алафи сутурони араб ва ҳезуму он чӣ харҷ гардад».[2]

Ба зумраи сарчашмаҳои муҳим, вале таҳқиқнашуда метавон “Таърихи Кабир” ва “Саҳеҳ ал-Бухорӣ”-и Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухориро[3] шомил сохт. Имом Бухорӣ дар раванди баёни ҳаёту фаъолият ва рӯзгори 40 000 шахсиятҳои таърихӣ ва ровиёни ҳадис доир ба уламои Хуросону Мовароуннаҳр, ки бо паҳн кардани сарчашмаҳо ва ақидаҳои динӣ дар густаришу истиқрори ислом саҳм гузошта буданд, маълумоти пурқиммати таърихӣ овардааст.

Дар «Нафаҳоту-л-унс» ва “Бӯстону-л-орифин”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ[4], ки хусусияти тарҷумаҳолӣ ва ирфонӣ доранд, саҳми мутафаккирони Хуросону Мовароуннаҳрро дар таблиғу тарвиҷи дини нав ва соҳаҳои мухталифи илмҳои динӣ ва дунявӣ дар ташаккул ва густариши ҷаҳонбинии

---

[1] Наршахӣ Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро [Матн] / М.Ҷ. Наршахӣ; бо кӯшиши Муҳаммадтақии Муддариси Разавӣ. – Теҳрон, 1363. – 443 с.; Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – 118 с.

[2] Наршахӣ Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро [Матн] / М.Ҷ. Наршахӣ; бо кӯшиши Муҳаммадтақии Муддариси Разавӣ. – Теҳрон, 1363. – С.16.

[3] Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Таърихи Кабир [Матн] / И. Бухорӣ. – Бейрут: Дору-л-фикр, 1407 ҳ.к.; Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухорӣ. Саҳеҳ ал-Бухорӣ [Матн] / А. Бухорӣ; аз арабӣ тарҷумаи М. Умаров, Ф. Бобоев. – Душанбе: Эр-граф, 2004. – Ҷ.1. – 524 с.

[4] Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. Нафаҳот-ал-унс [Матн] / А. Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8. – 494 с; ҳамон муаллиф. Нафаҳоту-л-унс [Матн] / А. Ҷомӣ; бо кӯшиши Тавҳидпур. – Теҳрон, 1362 ҳ.ш.; ҳамон муаллиф. Бӯстону-л-орифин [Матн] / А. Ҷомӣ; бо кӯшиши Тавҳидпур. – Теҳрон, 1362 ҳ.ш.

динӣ, муттаҳид сохтани аҳолии минтақа таҳти ақидаҳои ирфонӣ ва тағйир додани хислату одоб ва андешаҳои мардумон баён намудааст.

Дар “Муқаддима” ва “Таърих”-и Абдурраҳмон ибни Халдун[1] мо дар таҳияи рисола як силсила далелҳои таърихиро доир ба таъсири тамаддуни исломӣ ба тамаддунҳои асримиёнагӣ, саҳми форстаборон дар густариши тамаддуни исломӣ дар манотиқи мухталифи Хилофати араб ба даст овардем, ки дар ҳалли бисёр масъалаҳои марбут ба паҳншавии ислом ва сабабҳои истиқрори бесобиқаи он ба мо кумак расониданд.

“Ал-Милал ва-н-ниҳал”-и Абдулкарими Шаҳристонӣ[2] ва “Ал-фарқу байна-л-фирақ”-и Абдулқоҳир ибни Тоҳири Бағдодӣ,[3] ки аз зумраи сарчашмаҳои муҳимми таърихӣ мебошанд, дар шинохти парастишҳо, дину ойин ва бовару эътиқоди пешазисломии мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ва дину ойинҳо ва мазҳабҳои роиҷи асри Сомониён маълумотҳои тозаву амиқ баён намудаанд. Бояд тазаккур дод, ки дар самти шинохти дину ҷараёнҳои динӣ дар сарчашмаҳои дигар ба мисли ин ду сарчашма маълумоти кофӣ оварда нашудаанд.

Дар қисмати панҷуми диссертатсия сарчашмаҳои зиёди таърихӣ-шарҳиҳолию библиографӣ, аз қабили “аълом”-у “ансоб”-у “табақот”-ҳо шарҳу тафосири китобҳои ақидавию мазҳабӣ мавриди истифода қарор гирифтанд, ки дар таҳқиқи масъалаҳо ва таъсири омилҳои бунёдӣ дар раванди ташаккули мазҳаби ҳанафия, мактабҳои илмии он дар Хуросону Мовароуннаҳр ва таъсири он ба фарҳангу арзишҳои умумибашарӣ, муборизоти мазҳабӣ дар замони Сомониён ва нақши мазҳаби ҳанафия дар ташаккули ҳувияти миллӣ ва арзишҳои миллии тоҷикони Хуросону Мовароуннаҳр ба мо кумак намуданд.

---

[1] Абдурраҳмон ибни Халдун. Таърих [Матн] / А. Халдун; тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ. – Теҳрон: Парчам, 1363. – Ҷ.1. – 741 с.; Абдурраҳмон ибни Халдун. Муқаддимаи ибни Халдун [Матн] / А. Халдун; тарҷумаи Муҳаммад Парвини Гунободӣ. – Теҳрон, 1366 ҳ.қ. – Ҷ.1. – 988 с.

[2] Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1, 2.

[3] Абумансур Абдулқоҳир ибни Тоҳири Бағдодӣ. Ал-фирақу байна-л-фирақ [Матн] / А. Бағдодӣ; тарҷумаи Муҳаммадҷаводи Машкур. – Теҳрон: Ишроқӣ, 1367 ҳ.ш.

Дар таҳқиқи масъалаҳои мазкур, пеш аз ҳама осори фиқҳию ақидатӣ ё каломии Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит[1] мавриди истифода қарор гирифтанд. Бояд тазаккур дод, ки сабаби дар Хуросону Мовароуннаҳр густариш ёфтан ва пайравӣ намудан аз ҳанафия дар он зоҳир меёбад, ки Абуҳанифа бо таълифи осори безаволи худ мехост, исбот созад, ки дилхоҳ мусалмон, ғайр аз аҳли Қурайш ва араб, ба сари ҳокимияти сиёсӣ – хилофат омада метавонад. Бо ҳамагонӣ шудани ин ақида таълимоти ӯ дар Хуросону Мовароуннаҳр паҳн гардида, боиси ҷунбишҳову ҳаракатҳои зиёди истиқлолхоҳии мардумӣ гардид, ки минбаъд боиси таъсисёбии давлатҳои маҳаллӣ гардидаанд.

Бояд иқрор шуд, ки дар густариши таълимоти Абуҳанифа дар минтақаи мавриди таҳқиқ як қатор донишмандону мутафаккирони дигар низ саҳм гирифта, бо таълифи осори ақидавӣ-каломии худ таълимоти Имоми Аъзамро такмил додаанд. Абубакр Абдуллоҳ ибни Умари Воизи Балхӣ дар “Фазоили Балх”[2] вазъи мазҳабӣ ва мактабҳои роиҷи Балхро мавриди баррасӣ қарор додааст. Абдулқодир ибни Абдулвафои Қурашӣ дар “Ал-Ҷавоҳиру-л-музиа фи табақоти-л-ҳанафия”[3] зина ба зина рушд ёфтани таълимоти ҳанафия ва саҳми пешгомҳои мазҳабро дар ҷаҳони ислом ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Исмоили Ашъарӣ дар “Мақолоту-л-исломийин ва ихтилофу-л-мусаллийин”[4] ихтилофҳои ақидавию каломии пайравони таълимоти ҳанафияро бо дигар ҷараёнҳои роиҷи замони худ баррасӣ намудааст. Дар ин радиф “Табақоту-л-муътазила”-и Аҳмад ибни Яҳё ибни Муртазо[5] ва "Мақолоту-л-исломийин”-и Абулқосим Каъбии Балхӣ[6] дар мавриди таъсири муътазила дар Хуросон ва

---

[1] Имоми Аъзам Абуҳанифа. Фиқҳи акбар [Матн] / Абуҳанифа; тарҷумаи Суннатуллоҳи Яъқуб. – Душанбе: Ирфон, 2009.; Имоми Аъзам Абуҳанифа. Васиятнома [Матн] / Абуҳанифа; турҷумаи Суннатуллоҳи Яъқуб. – Душанбе: Ирфон, 2009.

[2] Абубакр Абдуллоҳ ибни Умар ибни Муҳаммад ибни Довуд Воизи Балхӣ. Фазоили Балх [Матн] / тарҷумаи Ҳусайни Балхӣ; бо кӯшиши Абдулҳайи Ҳабибӣ. – Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳанги Эрон, 1350. – 653 с.

[3] Абдулқодир ибни Абдулвафои Қурашӣ. Ал-Ҷавоҳиру-л-музиа фӣ табақоти-л-ҳанафия [Матн] / А. Қурашӣ. – Ҳайдаробод, 1332 ҳ. (1913). – Ҷ.I-II.

[4] Абулҳасан Алӣ ибни Исмоили Ашъарӣ. Мақолоту-л-исломийин ва ихтилофу-л-мусаллийин [Матн] / А. Ашъарӣ; тарҷумаи Муҳсини Муайядӣ. – Теҳрон: Амир Кабир, 1362 ҳ.ш.

[5] Ибн Муртазо Аҳмад ибн Яҳё. Табақоту-л-муътазила [Матн] / А. Яҳё. – Бейрут/ Висбаден, 1961.

[6] Абулқосим Каъбии Балхӣ. Мақолоту-л-исломийин. Зикру-л-муътазила. Фазлу-л-эътизол [Матн] / К.Балхӣ; бо кӯшиши Ф.Сайид. – Теҳрон, 1367 ҳ.қ. – 468 с.

бархурди ақидавии он ба таълимоти мактабҳои каломии Самарқанд маълумоти дақиқ пешниҳод намудаанд.

Яке аз барҷастатарин симоҳои густаришдиҳандаи таълимоти ҳанафия дар Мовароуннаҳр Абумуқотили Самарқандӣ маҳсуб мегардад. “Китобу-л-олими ва-л-мутааллим”-и ӯ[1] муҳимтарин дастури таълимии ақидавии ҳанафия шуморида мешавад. Шуҳрати зиёд ёфтани ин асар ба он оварда расонд, ки то имрӯз пайравони мазҳаб ин дастурро ба Абуҳанифа нисбат медиҳанд ва шояд сабаби аз забони ӯ нақл шудани масъалаҳои дастур бозгӯи он бошад.

Сарчашмаи таърихӣ-мазҳабии дигаре, ки бо супориши амир Исмоили Сомонӣ ҳамчун дастури идории давлатӣ аз ҷониби пайравони таълимоти ҳанафӣ ҳамчун “қонуни асосӣ” таҳия гардидааст, “ас-Саводу-л-аъзам”-и Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ[2] мебошад. Бо таҳқиқи масъалаи мазкур бояд таъкид намуд, ки ин асар дар истиқрор ва густариши таълимоти Абуҳанифа дар Мовароуннаҳр нақши калон бозида буд.

Баъд аз поягузории мактаби каломии ҳанафии мотуридӣ дар Самарқанд аз ҷониби Абумансури Мотуридии Самарқандӣ Мовароуннаҳр ба макони баҳсу муколамаҳои илмӣ табдил ёфта, як силсила асарҳои мазҳабию каломӣ дар атрофи таълимоти ҳанафия офарида шуданд. Абумансури Мотуридӣ[3] бо таълифи осори зиёди хеш, хосатан бо таълифи “Китобу таъвилоти-л-Қуръон” ва “Китобу-т-тавҳид”-и худ дар истиқрори таълимоти ҳанафия нақши бесобиқа бозид. Асари калидии Мотуридӣ дар илми калом ва фанни ақида «Китобу-т-тавҳид» ба шумор меравад. Чуноне ки Бассом Абдулвоҳиди Ҷобӣ

---

[1] Абумуқотили Самарқандӣ. Китобу-л-олими ва-л-мутааллим [Матн] / А. Самарқандӣ; бо кӯшиши Муҳаммад Равош Қалъачӣ, Абдулваҳҳоби Ҳиндӣ ан-Надвӣ. – Алеппо, 1972.

[2] Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. Ас-Саводу-л-аъзам [Матн] / А. Самарқандӣ; тарҷумаи куҳан аз арабӣ; таҳиягарони матн ва муаллифони муқаддима, таълиқоту ҳавошӣ Н. Салимов, Н. Зоҳидов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009.; Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. ас-Саводу-л-аъзам [Матн] / А. Самарқандӣ; тарҷумаи кӯҳани форсӣ; бо кӯшиши Абдулҳайи Ҳабибӣ. – Теҳрон, 1348 ш.; Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. ас-Саводу-л-аъзам [Матн] / А. Самарқандӣ; бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Ф. Баротзода, С. Шаҳобуддинов, Р. Азизӣ, М. Начотзода. – Душанбе: Андалеб-Р, 2016. – 248 с.

[3] Абумансур Муҳаммад ибни Муҳаммади Мотуридии Самарқандӣ. Китобу таъвилоти-л-Қуръон [Матн] / А. Самарқандӣ. – Бейрут, 2002.; Абӯмансур Муҳаммад ибни Муҳаммади Мотуридии Самарқандӣ. Китобу-т-тавҳид [Матн] / А. Самарқандӣ; бо кӯшиши Бакр Туполуғлӣ ва Муҳаммад Орӯшӣ. – Бейрут: Дору-с-содир, 1428 ҳ. (2007).

овардааст «ин китоби асосӣ дар илми калом назди ҳанафимазҳабон мебошад».[1] «Китобу-т-тавҳид» бидуни шакку шубҳа таълифе мебошад, ки ба каломи ҳанафия бахшида шуда, дар он масъалаҳои офариниш, сифоти Худо, рӯъяти Худо, қудрат, тақдири азалӣ, озодии ирода ва назарияи маърифати Ӯ шарҳу баёни худро ёфтаанд. «Маохизу-ш-шароеъ» ва «Китобу-л-ҷадал»-и Мотуридӣ[2] ба масъалаҳои усули фиқҳи ҳанафӣ бахшида шудаанд. Вай аз равиши таҳқиқотии Абуҳанифа пуштибонӣ карда, ба масъалаҳои қиёс рӯ овардааст».[3]

Давомдиҳандагони мактаби таълимоти Мотуридӣ, Абдулваҳҳоб ибни Алӣ ас-Субкӣ дар “Ас-сайфу-л-машҳур фӣ шарҳи ақидати Абимансур”[4] ва Абулюср Муҳаммади Паздавӣ дар “Усули-д-дин”[5] ҷанбаҳои гуногуни мазҳаби ҳанафияро дар асоси таълимоти Мотуридӣ шарҳу тафсир намуданд.

Пас аз зуҳури мактаби каломии Мотуридӣ таълимоти ҳанафия устувор гардида, ба мавзуи баҳсҳои доғи мазҳабӣ табдил ёфта, дар кӯтоҳтарин муддат боиси зудудани мазҳабу фирқаҳои дигари динии Мовароуннаҳр гардид. Дар ин самт хизмати Абулмуини Насафӣ бағоят калон буда, асари ӯ “Табсирату-л-аддила фӣ усулу-д-дин ало тариқати-л-Имом Абимансур ал-Мотуридӣ”[6] дар таҳкими пояҳои каломии таълимоти ҳанафия дар минтақа нақши калон доштаанд.

Ин иқдомро донишмандону намояндагони дигари пайрави таълимоти ҳанафия идома доданд. Абдурраҳмон ибни Абдухолиқ аввалин шуда бо номи «Шарҳи ақоиди Насафӣ»[7] асари бузурге таълиф намуд. “Ал-фавоиду-л-баҳия

---

[1] Бассом Абдулвоҳиди Ҷобӣ. ал-Масоилу-л-хилофия байна-л-ашоирати ва-л-мотуридия [Матн] / Б. Ҷобӣ. – Қоҳира, 1973. – С.20.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Ҳано Ал-Фохурӣ, Халил Ал-Ҷар. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони ислом [Матн] / Ҳ. Ал-Фохурӣ, Х. Ал-Ҷар. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1989. – С.108.
[4] Абдулваҳҳоб ибни Алӣ ибни Абдулкофӣ ас-Субкӣ. Ас-сайфу-л-машҳур фӣ шарҳи ақидати Абимансур [Матн] / А. Субкӣ. – Чопи аввал. – Истанбул, 1409 ҳ.қ.
[5] Абулюср Муҳаммади Паздавӣ. Усули-д-дин [Матн] / А. Паздавӣ; бо кӯшиши Ҳанс Петер Линсс. – Қоҳира, 1363 ҳ. (1963).
[6] Насафӣ Абулмуин Маймун ибни Муҳаммад. Табсирату-л-аддила фи усулу-д-дин ало тариқати-л-Имом Абӣ Мансур ал-Мотуридӣ [Матн] / М. Насафӣ; бо кӯшиши Кулуд Салома. – Димишқ, 1990-1993. – Ҷ.I. – 356 с.; Ҷ.II. – 357 с.
[7] Абдурраҳмони Абдухолиқ. Шарҳи «Ақоиди Насафӣ» [Матн] / А. Абдухолиқ. – Чопи аввал. – Зоҳидон: Ал-мактабату-л-исломия, 1356. – 549 с.

фӣ тароҷими-л-ҳанафия”-и Муҳаммад Абдулҳайи Лакҳнавӣ[1], “ал-Ақоиду-н-насафия”-и Абуҳафс Нақмуддини Насафӣ[2], “Ахбору Абиҳанифа ва асҳобиҳи”-и Ҳусайн ибни Алии Саймарӣ [3] аз зумраи таълифоте мебошанд, ки дар истиқрори таълимоти ҳанафии Мовароуннаҳр саҳми боризи худро гузоштанд.

Дар таҳқиқ ва таҳияи бобҳо ва зербобҳои охири диссертатсия ҷиҳати шинохти воқеии чеҳраҳои намоёни илму маорифи асрҳои VIII-X Мовароуннаҳру Хуросон сарчашмаҳои зиёди таърихӣ-шарҳиҳолӣ мавриди истифода қарор дода шуд, ки “Китобу-л-ансоб”-и Абдулкарим ибни Муҳаммад Самъонӣ[4] аз ҷумлаи муҳимоти онҳост. Вобаста ба ин масъала “Муъҷаму-л-муаллифин” Каҳҳало Умар Ризо[5], “Табақоту-ш-шофеияти-л-кубро”-и Тоҷиддин Абӯнаср Абдулваҳҳоб Субкӣ[6], “ал-Аълом”-и Хайриддин Зириклӣ[7], “Қандия” ва “Самария”-и Муҳаммад Самъонии Самарқандӣ[8], “Мафотеҳу-л-улум”-и Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Юсуфи Хоразмӣ[9], “Самария дар баёни авсофи табиӣ ва мазороти Самарқанд”-и Абутоҳир Хоҷаи Самарқандӣ[10] мавриди истифодаи ҳамаҷониба қарор дода шуда, дар шинохти воқеии афкору андешаҳои намояндагони илму ҷараёнҳову мактабҳои илмии минтақа кумаки фаровон намуданд.

Дар маҷмуъ, доираи сарчашмаҳои таърихии дастрасшуда заминаи асосӣ ва воқеии диссертатсияро ташкил дода, маълумотҳои онҳо таҳқиқи масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, муайян намудани ҳудудҳои ҷуғрофии

---

[1] Лакҳнавӣ Муҳаммад Абдулҳай. Ал-фавоиду-л-баҳия фӣ тароҷими-л-ҳанафия [Матн] / М. Лакҳнавӣ. – Қоҳира, 1324 ҳ.қ. (1906). – 564 с.

[2] Насафӣ Нақмуддин Абӯҳафс Умар ибни Муҳаммад. ал-Ақоиду-н-насафия [Матн] / Н. Насафӣ. – Лондон, 1843. – 568 с.

[3] Саймарӣ Ҳусайн ибни Алӣ. Ахбору Абиҳанифа ва асҳобиҳи [Матн] / А. Саймарӣ. – Бейрут, 1985. – 326 с.

[4] Самъонӣ Абдулкарим ибни Муҳаммад. Китобу-л-ансоб [Матн] / А. Самъонӣ; бо кӯшиши Абдурраҳмон Муаллими Имонӣ. – Ҳайдаробод: Дакан, 1962-1982. – Ҷ.I-XII.

[5] Каҳҳало Умар Ризо. Муъҷаму-л-муааллифин [Матн] / У.Р. Каҳалло. – Димишқ, 1957-1961. – 354 с.

[6] Субкӣ Тоҷиддин Абӯнаср Абдулваҳҳоб. Табақоту-ш-шофеияти-л-кубро [Матн] / Т. Субкӣ; бо кӯшиши Абдулфаттоҳ Муҳаммад Ҳулв Маҳмуд Муҳаммади Танохӣ. – Қоҳира, 1964-1976. – Ҷ.I-X.

[7] Хайриддин Зириклӣ. ал-Аълом. Муассасату-т-торихи-л-арабӣ [Матн] / Х. Зириклӣ. – Чопи дувум. – Бейрут, 1989 м. – Ҷ.VII. – 466 с.

[8] Самъонӣ Самарқандӣ Муҳаммад. Қандия ва Самария [Матн] / С. Самарқандӣ; бо кӯшиши Эраҷ Афшор. – Теҳрон, 1367 ҳ.ш.

[9] Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Юсуфи Хоразмӣ. Мафотеҳу-л-улум [Матн] / А. Хоразмӣ; мутарҷим Ҳусайн Хидивҷам. – Чопи чаҳорум. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1389.

[10] Абутоҳир Хоҷаи Самарқандӣ. Самария [Матн]: дар баёни авсофи табиӣ ва мазороти Самарқанд [Матн] / А. Самарқандӣ. – Теҳрон: Интишороти фарҳанги Эронзамин, 1343. – 346 с.

мавзуи мавриди таҳқиқ, ҳолатҳои эътиқодии мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи забткориҳои араб, раванди забткориҳои арабҳо ва муборизаҳои истиқлолхоҳона дар минтақа, раванди исломигардонӣ ва исломпазирии мардум, саҳми донишмандони тоҷик дар рушду густариши улуми динӣ ва дунявии олами ислом, сабабу омилҳои ташаккули мазҳаби ҳанафия ва мактабҳои илмии он дар Хуросону Мовароуннаҳр, муборизоти мазҳабӣ ва ташаккули мазҳаби ҳанафия дар замони Сомониён мавриди истифода қарор гирифтанд. Маълумоти аз сарчашмаҳои таърихӣ имкон доданд, ки масъалаҳои зикршуда таҳлилу баррасӣ ва дақиқу муайян карда шаванд. Қайд кардан бамаврид аст, ки гарчанде масъалаи раванди забткориҳои арабҳо ва муборизаҳои миллӣ-озодихоҳии тоҷикон дар асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта бошад ҳам, аммо таълифоти бевосита, ки инъикосгари масъалаи таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳона дар Хуросону Мовароуннаҳр бошад, то ҳол вуҷуд надорад.

Ҳамин тариқ, сарчашмашиносии таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳрро таҳлил намуда, ба хулоса омадем, ки:

– сарчашмаҳои таърихии асрҳои IX-XII арабу форсу тоҷик сарчашмаҳои нодир доир ба мавзуъ буда, маълумоти онҳо мазмун ва муҳтавои мавзуи забткориҳои арабро дар Хуросону Мовароуннаҳр бозгӯ карда метавонанд;

– сарчашмаҳои таърихии асримиёнагии форсӣ ва муаррихони араб мавзуи забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳрро инъикос намуда, дар таҳқиқи масъалаи матраҳшаванда нақши калон доштанд. Аммо, гарчанде сарчашмаҳои сершумор аз ҷониби муаррихони асримиёнагӣ оид ба ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаи забткориҳои дар Хуросону Мовароуннаҳр таълиф шуда бошанд ҳам, мавзуи таҳқиқотии интихобшуда ҳанӯз мустақилона ва ба таври фарогир таҳлил ва дар доираи як диссертатсия натиҷагирӣ нагардидааст;

– масъалаи таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ва хусусияти хоси минтақавӣ касб кардани он ба таври кофӣ дар адабиёти илмии муосир инъикос нагардидааст ва ҳамчун мавзуи махсуси таҳқиқотӣ қарор нагирифтааст;

– аз ин рӯ раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, ҷанбаҳо ва марҳилаҳои хоси он аз нуқтаи назари муосир ба омӯзиши амиқ ва ҳамаҷониба ниёз дорад, ки аз ин лиҳоз мавриди омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихнигорӣ қарор дода шуд.

– дар баробари омӯзиш ва таҳлилу баррасии маълумоти сарчашмаҳои таърихии давраи таҳқиқи мавзуъ, паҳлуҳо ва ҷанбаҳои мухталифи мавзуъ бо истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти олимони тоҷику хориҷӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода шуд.

Аммо ин нуктаи муҳимро низ бояд илова кард, ки бештари сарчашмаҳои зикршуда дар дарбори амирону ҳокимон ё бо супориши онҳо навишта шуда, ҷаҳонбинии муаллифон таҳти таъсири ҳаводиси замонӣ ва идеологияи ҳоким шакл гирифтааст. Аз ин рӯ нигоҳи мо ба сарчашмаҳои таърихӣ нигоҳи илмӣ ва интиқодӣ буда, мавзуи мазкур бар асоси воқеияти таърихӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст.

§1.2. Таърихнигории масъалаи таҳқиқшаванда

Раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар пажӯҳишҳои муҳаққиқони ватанию хорӣҷӣ мавриди омӯзиш, таҳлилу баррасӣ ва хулосабарории илмӣ қарор гирифтааст. Дар таҳқиқ ва таҳлили масъалаи мазкур осори илмии олимону муҳаққиқони муосири тоҷик, олимони Осиёи Миёнаву Афғонистон, Эрон, кишварҳои Араб, Русия ва Аврупову Амрико мақоми арзанда доранд. Дар баробари омӯзиш ва таҳлили мавзуи омӯхташаванда рисолаҳо, мақолаҳо ва таҳқиқоти илмии муҳаққиқони ватанию хорӣҷӣ низ мавриди истифода қарор гирифтанд, ки онҳоро метавон ба якчанд гуруҳ ҷудо намуд:

Ба гуруҳи якум осори илмӣ-таҳқиқотии олимони муосири ватанӣ шомил мешавад, ки дар баробари дигар муҳаққиқон саҳми онҳо дар омӯзиши паҳлуҳои мухталифи мавзуи таҳқиқшаванда, таърихи ойини нав, раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр бағоят бузург аст. Таълифоти олимони муосири тоҷикро вобаста ба мазмуну муҳтаво ва фарогирии мавзуъ, метавон ба бахшҳои алоҳида тақсим намуд.

Пешгоми ин ҳаракат устоди зиндаёд Бобоҷон Ғафуров мебошад. Ӯ ҳанӯз дар асари нахустини худ роҷеъ ба таърихи тоҷикон – “Таърихи мухтасари халқи тоҷик” ин масъаларо баррасӣ кардааст. Мазҳ ҳамин таҳқиқоти илмӣ заминаи асосии таълифи асарҳои дигар гардид. Таълифоти дигаре, ки ба сифати асари меҳварӣ дар баррасии маълаҳои рисола қарор гирифт, ин асари таърихнигори шинохта Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон”[1] мебошад. Муаллиф дар асар аз арзишҳои миллӣ ҳимоят намуда, раванди муборизаҳои миллӣ-озодихоҳонаи халқи тоҷик аз қабили Деваштичу Муқаннаъ ва Абумуслиму Сумбоди Габрро бо такя ба сарчашмаҳои муътамади таърихӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқоти илмӣ қарор додааст. Ин асар дар замони муосир барои

[1] Ғафуров, Б.Ғ. Таърихи мухтасари халқи тоҷик [Матн] / Б.Ғ. Ғафуров. – Сталинобод, 1947.; Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – 700 с.

худшиносии миллӣ хидмати босазо кардааст. Муҳимтарин дастоварди академик Б. Ғафуров дар шароити душвори ҳукумати идеологияи динситези Шуравӣ эътирофи нақши созанда ва муттаҳидкунандаи ин давра дар сарнавишти тоҷикон мебошад.

Асари Абдулҳамид Ҷалилов «Суғд дар арафаи ҳуҷуми араб ва муборизаи суғдиён ба муқобили ишғолгарони араб дар нимаи аввали асри VIII»[1] аз муҳиматарин таълифоти олимони тоҷик дар заминаи истилои араб ва муборизаи тоҷикон алайҳи хилофати араб мебошад. Муаллиф доир ба масъалаи лашкаркашиҳои арабҳо ба Суғд ва муборизаҳои шадиди озодихоҳонаи суғдиён ба муқобили арабҳо ва паҳншавии исломро, ки дар нимаи аввали асри VIII ба амал омада буд, шарҳу тафсир додааст. Баъд аз А.Ҷалилов дар ин самт саҳми олими дигари тоҷик Ғолиб Ғоибов доир ба ҳуҷумҳои нахустини арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр таҳқиқот анҷом додааст. Муҳаққиқ китоби «Нахустин дашкаркашии арабҳо ба Осиёи Миёна»[2]-ро асосан бар пояи ахбори «Футуҳу-л-булдон»-и Балозурӣ навиштааст. Таҳқиқоти дигари муаллиф «Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз»[3] ва «Таърихи Ҳисори Шодмон, Чағониён ва Душанбе»[4] низ ба масъалаҳои раванди забткориҳои арабҳо дар минтақаи мавриди таҳқиқ равшанӣ андохтаанд.

Доир ба омӯзиши динҳои тоисломии тоҷикон, ҳуҷумҳои пайдарпайи арабҳо, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ва хизматҳои шоёни намояндагони илму адаб метавон китобҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ»,[5] «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён»,[6]

---

[1] Джалилов, А. Согд накануне арабского нашествия и борьба согдийцев против арабских завоевателей в первой половине VIII в. [Текст] / А. Джалилов. – Сталинабад, 1961. – 165 с; Ҳамон муаллиф. Из истории культурной жизни предков таджикского народа и таджиков в раннем средневековье [Текст] / А. Джалилов. – Душанбе, 1973. – 286 с.
[2] Ғоибов, Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию [Текст] / Г. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 1989. – 143 с.
[3] Ғоибов, Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 906 с.
[4] Ғоибов, Ғ. Таърихи Ҳисори Шодмон, Чағониён ва Душанбе [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 1999. – 221 с.
[5] Раҳмонов, Э.Ш. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 447 с.
[6] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.З. – 259 с.

«Дин ва ҷомеа»[1], «Забони миллат – ҳастии миллат»[2] ва “Чеҳраҳои мондагор”[3]-ро ном бурд, ки дар онҳо маълумотҳои муҳим ва мушшахаси илмӣ пешкаш гардидаанд. Бар хилофи муаррихони марксисти тоҷик Эмомалӣ Раҳмон Муҳаммад пайғамбарро пешвои дини ростин номида, нақши шахсияти бузурги мазҳабии тоҷикон Имоми Аъзам Абуҳанифаро низ махсус таъкид мекунад.

Бахши дигари таълифоти муҳаққиқони тоҷик дар ин самт бештар ба таҳлили вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии Суғду Тахористон ва ё Мовароуннаҳру Хуросон, раванди забткориҳо ва густариши тамаддуни исломӣ дар минтақа бахшида шудаанд. Масалан таърихнигор М. Исоматов дар асари хеш – «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ. Пажӯҳише андар муносибатҳои Сосониён ва Ҳайтолиён”[4] муносибатҳои сиёсии ҳокимони маҳаллии Суғду Тахористон бо Ҳайтолиёну Сосониёнро бисёр равшан инъикос кардааст. Дар таҳқиқоти А. Мухторов[5], Ю. Яъқубов[6], Р. Комилов С. Камолӣ[7] С.А.Хатиб[8], Н. Ҳакимов[9] Қ. Расулиён[10] ва асари ба тозагӣ таълифнамудаи Ҳ. Камол,[11]ки аз муҳимтарин дастовардҳои таърихнигории миллӣ маҳсуб мегарданд, вазъи иҷтимою иқтисодӣ ва фарҳангию ҳолатҳои эътиқодии сокинони Эронзамин дар арафаи ҳуҷумҳои арабҳо, раванди забткориҳои онҳо дар замони ҳукумати хулафои Рошидин ва Умавиёну Аббосиён инъикос ёфтаанд.

---

[1] Раҳмон, Э. Дин ва ҷомеа [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 672 с.
[2] Раҳмон, Э. Забони миллат – ҳастии миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – 516 с.
[3] Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – 364 с.
[4] Исоматов, М. «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ [Матн]: пажуҳише андар муносибатҳои Сосониён ва Ҳайтолиён / М. Исоматов. – Душанбе: Сино, 1996. – 136 с.
[5] Мухторов, А. Афшин Ҳайдари Истаравшанӣ бузургтарин лашкаркаши Араб (асри IX) [Матн] / А. Мухторов. – Истаравшан: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2005. – 101 с.
[6] Якубов, Ю. Религия Древного Согда [Текст] / Ю. Якубов. – Душанбе: Дониш, 1996. – 360 с.
[7] Комилов, Р., Камолӣ, С. Сайре дар андешаҳои иқтисодии ҷаҳони ислом [Матн] / Р. Комилов, С. Камолӣ. – Душанбе, 1996. – 55 с.
[8] Хатиб, С.А. Таърихи Хулафои Рошидин [Матн] / С.А. Хатиб. – Душанбе: Суннатулло, 2006. – Ҷ.I. – 363 с; Хатиб, С.А. Таърихи Хулафои Рошидин [Матн] / С.А. Хатиб. – Душанбе: Суннатулло, 2006. – Ҷ.II. – 273 с.
[9] Ҳакимов, Н. Таърихи халқи тоҷик. [Матн] / Н. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 484 с.
[10] Расулиён, Қ. Ду ҳазор соли таърихнигории тоҷикон (эрониён) [Матн] / Қ. Расулиён // Осори мунтахаб. – Душанбе: Даҷиқӣ, 2014. – Ҷ.1. – С.83-162; Ҳамон муаллиф. Таърихи халқи тоҷик [Матн]: аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёна / Қ. Расулиён. – Душанбе, 2016. – 404 с.
[11] Камол, Ҳ. Авомили ба сари ҳокимият омадани Сомониён [Матн]: баррасиҳои ҳаводиси таърихии садаҳои VII-IX-и Хуросони Бузург дар асоси манобеи таърихӣ / Ҳ. Камол. – Душанбе, 2022. – 324 с.

Бахши сеюми осори муҳаққиқони тоҷик ба масъалаи муборизаи мусаллаҳона ва истиқлолхоҳона аҷдоди тоҷикон алайҳи арабҳо ва нақши дин дар ҳаводиси сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бахшида шудааст. Абдуназар Ҳақназаров[1] ва Саиднеъмон Рачабов[2] дар мавриди муборизаҳои эрониён ба муқобили арабҳо таҳқиқот анҷом додаанд. Онҳо бештари натиҷаҳои худро бар пояи осори олимони ватанӣ ва осори форсие, ки бо алифбои муосири тоҷикӣ баргардон ва ё таҳия шудаанд, навиштаанд. Луқмон Бойматов дар мавриди шӯриши Муқаннаъ таҳқиқоти тозае ба анҷом расондааст.[3]

Дар баробари асарҳои бунёдӣ дар таҳияи рисола як идда мақолаҳои олимони ватанию хориҷӣ, аз қабили Мирзониё Мансур[4], Мустафо Ҷавод[5], Парвиз Рачабӣ[6], Аҳмад Покатчӣ[7], Шодмон Масъуд[8], К.Т. Алимова[9], О.Кобзева[10], А. Шамолов,[11] Д. Довудӣ[12], Ҳ. Камол[13], М. Диловаров[1],

---

[1] Хакназаров, А. Освободительная борьба таджикского народа против Арабского Халифата (633-961) [Текст] / А. Хакназаров. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 372 с.; ҳамон муаллиф. Ҷунбишҳои инқилобии мардумони эронитабор бар зидди хулафои араб [Матн] / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2005; Ҳамон муаллиф. Таърихи баҳамойӣ ва ташаккули халқи тоҷик [Матн] / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2013. – 338 с; ҳамон муаллиф. Шукуфтаҳои иқтисод ва фарҳанги халқи тоҷик [Матн]: аз оғоз то асри XV мелодӣ / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2021. – 404 с.

[2] Рачабов, С.М. Муборизаи истиқлолиятхоҳонаи мардуми Хуросон ва Суғд бар зидди истилогарони араб [Матн] / С. Рачабов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 208 с.

[3] Бойматов, Л. Муқаннаъ [Матн] / Л. Бойматов. – Душанбе, 2006. – 30 с.

[4] Мирзониё, М. Осор ва афкори Абӯмансури Мотуридӣ [Матн] / Мансур Мирзониё // Кайҳони андеша. – Теҳрон, 1380. – №4.

[5] Мустафо, Ҷ. ас-Сақофату-л-ақлия ва-л-ҳолату-л-иҷтимоия фӣ асри-л-раис Алӣ ибни Сино [Матн] / Ҷавод Мустафо // Маҷаллату ҷамиъи-л-илми-л-ароқӣ. – Бағдод, 1956 (1375 х.). – №4. – Қ.II. – С.505.

[6] Рачабӣ, П. Картир ва сангнавиштаҳои ӯ дар Каъбаи Зардушт [Матн] / Парвиз Рачабӣ // Маҷаллаи баррасиҳои таърихӣ. – Соли шашум. – Шумораи махсус. – Теҳрон, 1350. – С.66.

[7] Покатчӣ, А. Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ [Матн] / Аҳмад Покатчӣ // Доирату-л-маъорифи исломӣ. – Мақолаи шумораи 2477. – Теҳрон, 1382.

[8] Шодмон, М.М. Авзои умумии Хуросону Мовароуннаҳр дар даврони хилофати Аббосиён дар асрҳои IX ва X-и мелодӣ [Матн] / Масъуд Муҳаммадҳусайн Шодмон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино. – №3/4 (170). – С.11-13.

[9] Алимова, К.Т. Ислам в Центральной Азии [Текст] / К.Т. Алимова // Актуальные вопросы общественных наук: социология, политология, философия, история. – 2016. – №1 (53). – С.5-12

[10] Кобзева, О. История исламской культуры и ее изучение в современном Узбекистане [Текст] / О. Кобзева // Материалы II Международной науч.-образовательной конф., г. Санкт-Петербург, 17-20 мая 2015 г. – М., 2016. – С.370-381.

[11] Шамолов, А.А. Мотуридии Самарқандӣ [Матн] / А.А. Шамолов // Ҷавонон ва ҷаҳони андеша. Маводи конфронси дуюми олимони ҷавони Тоҷикистон. – Душанбе, 2001.

[12] Довудӣ, Д. Зардуштия ва ислом баъди истилои араб дар замони Сомониён [Матн] / Д. Довудӣ // Тамаддуни бостон ва фарҳанги замони Сомониён: маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Маздоясно, 1999. – С.69-77.; ҳамон муаллиф. Этапы развития зороастризма в качестве государственной религии [Текст] / Д. Довуди // Маводи конфронси байналмилалии Зороастризм и его значение в развитии цивилизации народов Ближнего и Среднего Востока. – Душанбе, 2003. – С.48-66.

[13] Камол, Ҳ. Ҳокимони Хуросон дар аҳди охирон шоҳони Сосонӣ ва замони Хулафои рошидин [Матн] / Ҳ. Камол // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – №3/3 (170). – С.3-7.; ҳамон муаллиф. Ҷуғрофиёи таърихии Хуросони Бузург [Матн] / Ҳ. Камол // Муаррих. Маҷаллаи илмӣ-назариявӣ. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2022. – №4 (32). – С.5-16.

Қ.Расулиён[2] ва дигарон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд, ки дар баррасии паҳлуҳои мухталифи масъалаҳо ва зербобҳои рисола кумак намуданд.

Дар диссертатсияи докторӣ ва мақолаҳои илмии С. Муллоҷонов ба нақши дин дар сиёсат ва иқтисоди асрҳои IX-XI, нақши руҳониён дар умури сиёсӣ, низоъҳои мазҳабӣ ва паёмадҳои он дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии Хуросону Мовароуннаҳр, инчунин нақши дин дар сохтори идорӣ ва низоми давлатдорӣ аҳаммият дода шудааст[3].

Дар бахши чоруми осори муҳаққиқони ватанӣ рисолаҳои навиштаи олимони муосири тоҷик мавриди истифода қарор ёфтанд, ки бештари онҳо ба мавзуъҳои саҳми тоҷикон дар ташаккул ва ривоҷу равнақи илму фарҳанг дар садаҳои ҳафтум ва даҳуми мелодӣ бахшида шудаанд. Дар ин самт метавон аз таҳқиқоти арзишманди муаррихи шинохта Ҳақназар Назаров[4] инчунин асари таърихнигори варзида Ибни Қурбон «Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим»[5] доир ба нақшу мақоми тоҷикон дар густариши илму фарҳанги исломӣ, ки аз таълифотҳои муҳимму муассир ба шумор мераванд, метавон ёдовар шуд. Дар ин асарҳо хизматҳои шоёни тоҷикон дар қуруни нахустини ислом ва густариши ислом маълумоти саҳеҳ оварда шудааст.

Асарҳои Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр,[6] Маҳмадқул Ҳазратӣ, Исматулло Саидиён[7], Абдулвоҳид Шамолов,[1] ки ҷанбаи таърихӣ-фалсафӣ

---

[1] Диловаров, М. Маздакнома [Матн] / М. Диловаров // Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1983. – Ҷ.4. – С.134.

[2] Расулиён, Қ. Адёни бостонии тоҷик [Матн] / Қ. Расулиён // Рӯдакӣ. – 2008. – №19.

[3] «Таърихи Масъудӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ [Матн]: мурре пиромуни сохтори идорию русумоти дарбори Ғазнавиён. – Душанбе, 2013.; Муллоджонов, С.К. Влияние религиозного фактора на политическую и социально-экономическую жизн Хорасана и Мавераннахра (IX-XI вв.) [Текст]: дисс... д-ра истор. наук: 07.00.02 / Муллоджонов Сайфулло Кучакович. – Душанбе, 2015. – 353 с; ҳамон муаллиф. Низоъи ҳанафиёну шофеиён дар шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр [Матн] / С. Муллоҷонов // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – С.126-145; Рӯзгори сиёсиву динии тоҷикон дар аҳди салҷуқиён [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллӣ. – 2020. – №10. – С.104-111.

[4] Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Пайванд, 2005. – 492 с; ҳамон муаллиф. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 138 с.

[5] Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим [Матн] / И. Қурбон. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – 479 с.

[6] Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр. Аҳвол ва афкори ҳазрати Имоми Аъзам [Матн] / С.Б. Бузургмеҳр. – Душанбе: Нодир, 2000. – 347 с.

[7] Ҳазратӣ, М., Саидиён, И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / М. Ҳазратӣ, И. Саидиён. – Душанбе: Ориёно, 1992. – 222 с.

доранд ба масъалаҳои рушди тафаккур ва ҷаҳонбинии фалсафӣ, инқилобҳои фикрии тоҷикон дар асрҳои миёна, зуҳури мактабу ҷараёнҳои динӣ-фалсафии хусусияти миллӣ дошта бахшида шудаанд. Дар ин китобҳо сарчашмаҳои зиёди таърихӣ ва илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, дар таҳқиқи мавзуи рисолаи мо мавриди истифодаи ҳамаҷониба қарор гирифтанд.

Ба гуруҳи дуюм осори муҳаққиқони кишварҳои ***Осиёи Миёна ва Афғонистон*** шомил мешаванд. Дар ибтидо бояд тазаккур дод, ки ба таҳқиқи ин масъала олимону донишмандони Осиёи Миёна камтар таваҷҷуҳ намудаанд. Сарфи назар аз ин таҳқиқотчиёне ҳастанд, ки дар баррасии масъалаи мавриди назари мо таълифотҳои арзанда анҷом додаанд. Дар байни онҳо асарҳои Абдулҳай Ҳабибӣ «Афғонистон баъд аз ислом»[2] ва Мирғулом Муҳаммади Ғубор «Афғонистон дар масири таърих»[3] ҷойгоҳи хосса дошта, дар онҳо доир ба саҳми хуросониён дар таблиғи ислом ва густариши илму фарҳанг маълумоти васеъ вуҷуд дорад. Қобили зикр аст, ки асари муҳаққиқони шуравии таърихи Афғонистон В.М. Массон, В.А. Ромодин – “Таърихи Афғонистон”[4] дар рисола истифода гардид, ки дар таҳқиқ ва баррасии масъалаҳои мавриди баҳс кумаки арзанда намуданд.

Доир ба мавзуи баррасишаванда асари муҳаққиқи ӯзбек Т.Қодирова “Аз таърихи ҳаракатҳои деҳқонӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон”[5] таҳқиқоти арзанда дониста мешавад. Муаллиф ба ҳаракатҳои деҳқонӣ, яъне шӯришҳои оммавии мардумони Хуросону Мовароуннаҳр, ки бештар ҷанбаи иқтисодӣ доштанд таваҷҷуҳ намудааст. Таҳқиқоти бунёдӣ доир ба таърихи Ӯзбекистон[6] ва Қазоқистон[7], ки дар доираи арзишҳои идеологияи шуравӣ таълиф шудаанд, ба ин масъала якҷониба муносибат намудаанд.

---

[1] Шамолов, А. Ҳуҷҷат-ул-исломи Ғазолӣ [Матн]: андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ / А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 1996. – 328 с.; ҳамон муаллиф. Аҳвол, осор ва афкори Имоми Аъзам [Матн] / А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2009. – 276 с.; ҳамон муаллиф. Каломи Мовароуннаҳр [Матн] / А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2013. – 569 с.

[2] Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.1. – 585 с.; ҳамон муаллиф. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.2. – 1020 с.

[3] Мирғулом Муҳаммади Ғубор. Афғонистон дар масири таърих [Матн] / М. Ғубор. – Кобул, 1978. – 864 с.

[4] Массон, В.М., Ромодин, В.А. История Афганистана [Текст] / М.В. Массон, В.А. Ромодин. – М.: Наука, 1964. – Т.I. – 463 с.

[5] Кодырова, Т. Из истории крестьянских движений в Мавераннахре и Хорасане [Текст] / Т. Кодырова. – Ташкент: Наука, 1965. – 238 с.

[6] История Узбекской ССР [Текст]. – Ташкент: Фан, 1967. – Т.I. – 769 с.

[7] История Казахской ССР [Текст] / под ред. И.О. Омарова. – Алма-Ата, 1949. – Т.I. – 510 с.

Муҳаққиқони марказҳои илмии Қазон Рустам Батыр[1] ва Е. Березиков[2] бошад бештар ба таҳқиқи масъалаи густариш ва истиқрори мазҳаби ҳанафия таваҷҷуҳ намуда, арзишҳои умумибашарии исломро бар асоси мазҳаби ҳанафия муаррифӣ намудаанд.

Ба гуруҳи сеюми осори таҳқиқотии мавзуи мавриди таҳқиқ асарҳои **олимони эронӣ шомил гардидаанд**, ки арзиши баланди илмӣ ва таърихӣ дошта, дар таҳқиқоти илмӣ ҳамаҷониба истифода гардиданд. Аз ҷумла, дар асарҳои Абдулъазими Ризоӣ[3], Муртазои Ровандӣ[4] ва Саъид Нафисӣ[5] дар бораи вазъияти иҷтимоӣ ва низоми табақотии шоҳаншоҳии Сосониён маълумоти амиқ оварда шудааст.

Асарҳои олимони эронӣ – Ҳасани Пирниё ва Аббоси Иқбол[6], Аббоси Халилӣ,[7] ва Абдулҳусайни Зарринкӯб[8], Зайнулобиддини Қурбонӣ[9] Акрам Баҳромӣ,[10] Розӣ Абдуллоҳ,[11] Иноятуллоҳ Ризо[12] аз ҷумлаи таҳқиқоти илмие ҳастанд, ки доир ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Эрону Хуросон дар давраи зуҳури ислом ва забткориҳои арабҳо дар Эронзамин маълумоти муфассал медиҳанд. Дар асари Алоуддини Озарӣ[13] муносибатҳои сиёсиву тиҷоратии Эрон бо Чин, инчунин масъалаи интишори ислом дар Чин аз тарафи эрониён инъикос ёфта, маълумотҳои он арзиши баланди илмӣ дошта,

---

[1] Батыр Рустам. Абу-Ханифа [Текст]: жизнь и наследие / Б. Рустам. – Новгород: Медина, 2007. – Т.1. – 276 с.
[2] Березиков, Е. Святые ислама [Текст] / Е. Березиков. – Казан: Татарское книжное издательство, 1996. – 160 с.
[3] Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1368. – Ҷ.2. – 358 с.; Аслу насаб ва динҳои эрониёни бостон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Нашри мавҷ, 1372. – 527 с.
[4] Ровандӣ Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / М. Ровандӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1. – 756 с.
[5] Нафисӣ Саъид. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн]: аз инқирози Сосониён то инқирози Умавиён / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342. – Ҷ.2. – 276 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн]: даврони пеш аз таърих ва оғози таърих / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342. – Ҷ.1. – 291 с.; ҳамон муаллиф. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рудакӣ [Матн] / С. Нафисӣ. – Теҳрон, 1336 ш. – 185 с.
[6] Пирниё Ҳасан, Аббоси Иқбол. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Қоҷория [Матн] / Ҳ. Пирниё, А. Иқбол. – Теҳрон: Хайём, 1370. – 864 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Сосониён [Матн] / Ҳ. Пирниё. – Теҳрон: Хайём, 1370. – 237 с.
[7] Халилӣ Аббос. Эрон баъд аз ислом [Матн] / А. Халилӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1335 ҳ. – 320 с.
[8] Зарринкӯб Абдулҳусайн. Таърихи Эрон баъд аз ислом [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1363. – 685 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи тамаддуни Эрон [Матн] / А. Зарринкуб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – 605 с.
[9] Зайналобиддин Қурбонӣ. Таърихи фарҳанг ва тамаддуни исломӣ. [Матн] / Қ. Зайналобиддин. – Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1370. – 355 с.
[10] Акрам Баҳромӣ. Таърихи Эрон аз зуҳури ислом то суқути Бағдод [Матн] / А. Баҳромӣ. – Теҳрон: Донишсарой, 1350. – 675 с.
[11] Розӣ Абдуллоҳ. Таърихи комили Эрон [Матн] / А. Розӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1373. – 583 с.
[12] Иноятуллоҳи Ризо. Эрон ва Туркон дар рӯзгори Сосониён [Матн] / И. Ризо. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1384. – 231 с.
[13] Озарӣ Алоуддин. Таърихи равобити Эрону Чин [Матн] / А. Озарӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – 258 с.

дар асарҳои дигари илмӣ дучор намеоянд. Дар баробари ин осори таҳқиқотии дастҷамъонаи олимони Донишгоҳи Кембриҷ[1] низ мавриди истифода қарор дода шуд.

Дар масъалаи таҳқиқи таърихи Хуросон баъд аз забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардум асари арзишманди илмии олимони эронӣ «Таърихи наҳзатҳои фикрии эрониён»[2]-и Абдуррафеъи Ҳақиқат ва «Моликияти арзӣ ва ҷунбишҳои деҳқонӣ дар Хуросони қуруни вусто»[3]-и Муҳаммадазими Сиистонӣ мавқеи хосса доранд. Дар асарҳои мазкур доир ба норозигии хуросониён аз ҳукумати арабҳо ва низоми пардохти хироҷу ҷизя дар Хуросон маълумотҳои арзишманд оварда шудааст. Ин ду асар аз ҷумлаи беҳтарин асарҳои таълифи рисола шуморида мешаванд, зеро маълумотҳои онҳо нисбат ба таҳқиқоти дигари илмӣ саҳеҳ ва васеътар мебошанд. Ин ду асар аз қабили асарҳое мебошанд, ки дар онҳо шӯру ошӯбҳо ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи хуросониён бар зидди арабҳо ба таври амиқ ва воқеӣ инъикос ёфтаанд.

Саҳми Муртазо Мутаҳҳарӣ дар омӯзиши таърихи аҳди исломии Эрон бузург аст. «Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон»[4]-и ӯ аз ҷумлаи аввалин таҳқиқоти илмӣ дар мавриди хидматҳои мутақобилаи ислом ва Эрон шинохта мешавад. Мутаҳҳарӣ хизматҳои фарзандони Хуросонро ба ислом дақиқ ба қалам дода, мувофиқати худро бо андешаҳои Эдуард Браун, ки дар китоби «Таърихи адабии Эрон»[5] оварда шудаанд, иброз медорад. Дар асари Эдуард Браун дар мавриди саҳми эрониён дар густариши фарҳанги ислом

---

[1] Таърихи ислом [Матн]: пажӯҳиши донишгоҳи Кембриҷ / А. Ором; тарҷумаи Аҳмади Ором. – Теҳрон: Амири Кабир, 1377. – 950 с.; Таърихи Эрон [Матн]: аз Селевкиён то фурупошии давлати Сосониён. – Теҳрон: Амири Кабир, 1370. – Ҷ.3. – 848 с.; Наср Сайид Ҳусайн. Таърихи Эрон. Кембриҷ [Матн] / Ҳ. Наср; тарҷумаи Ҳасан Ануша. – Теҳрон, 1372. – Ҷ.IV.

[2] Ҳақиқат Абдуррафеъ. Таърихи неҳзатҳои фарҳангии Эрониён [Матн] / А. Ҳақиқат. – Теҳрон: Ширкати муаллифон ва мутарҷимони Эрон, 1347. – 497 с.

[3] Сийстонӣ Муҳаммадазим. Моликияти арзӣ ва ҷунбишҳои деҳқонӣ дар Хуросони қуруни вусто [Матн] / М. Сийстонӣ. – Кобул, 1362. – 669 с.

[4] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе, 1999. – 550 с.; ҳамон муаллиф. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 660 с.; ҳамон муаллиф. Знакомство с исламской наукой [Текст] / М. Мутаххари. – Душанбе, 1974. – 246 с.

[5] Эдуард Браун. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Э Браун; тарҷумаи Алипошои Солеҳ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1336 ш. – 800 с.

маълумоти пурқиммат оварда шудааст, ки аз ҷониби М. Мутаҳҳарӣ такмилу баррасии ҳамаҷониба гардидаанд.

Дар асарҳои илмии Ҷаъфар Муртазо Омулӣ «Салмони Форсӣ»,[1] Малика Аббос “Салмони Форсӣ”[2], Абдулмунъим Қандил «Зиндагӣ ва сирати Имом Бухорӣ»[3] ва Абдулғанӣ Ҳасан «Абумуслими Хуросонӣ»,[4] Забеҳуллоҳ Сафо «Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ»,[5] Зайнулобиддин Қурбонӣ «Таърихи фарҳанг ва тамаддуни исломӣ»[6] масъалаҳои саҳми тоҷикон дар густариши илмҳои табиатшиносӣ, ташкили лашкар, умури идорӣ ва таҳияву тадвини қавонини исломӣ инъикос ёфтааст. Ин таҳқиқотҳо аз ҷумлаи муҳимтарин маъхазҳо доир ба саҳми тоҷикон дар густариши ислом ба шумор мераванд.

Асарҳои муҳаққиқони намоёни эронӣ Аскар Ҳуқуқӣ “Таърихи андешаҳои сиёсӣ дар Эрон ва ислом”[7], Аббос Қадёнӣ “Таърихи адён ва мазоҳиб дар Эрон”[8] ва Муҳаммадризо Ҳакимӣ “Дониши муслимин”[9] ва як силсила таҳқиқоти дигар аз ҷумлаи асарҳое мебошанд, ки дар онҳо раванди ташаккули андешаҳои сиёсӣ, донишҳои динию дунявӣ дар ҷуғрофиёи олами ислом баррасӣ гардида, маълумоти фаровоне дарҷ ёфтааст. Инчунин масъалаҳои мавқеи адабиёти форс-тоҷик ва саҳми олимони Хуросон аз назар дур намонда, нисбат ба минтақаҳои дигари хилофат мақоми барҷастаи онҳо дар рушди илмҳои мухталиф нишон дода шудааст.

---

[1] Омулӣ Ҷаъфари Муртазо. Салмони Форсӣ [Матн] / М.Ҷ. Омулӣ. – Теҳрон: Таблиғоти исломӣ, 1370. – 162 с.
[2] Малика Аббос. Салмони Форсӣ [Матн] / М. Аббос. – Теҳрон, 1996. – 162 с.
[3] Абдулмунъими Қандил. Зиндагӣ ва сирати Имом Бухорӣ [Матн] / А. Қандил; тарҷумаи Абдурасули Гулронӣ. – Теҳрон: Машҳад, 1385. – 224 с.
[4] Абдулғанӣ Ҳасан. Абумуслими Хуросонӣ [Матн] / А. Ҳасан. – Теҳрон: Сипеҳр, 1353. – 108 с.
[5] Забеҳулло Сафо. Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ [Матн] / С. Забеҳулло. – Теҳрон: Амири Кабир, 2536 шоҳаншоҳӣ. – Ҷ.1. – 451 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи адабиёт дар Эрон [Матн] / С. Забеҳулло. – Теҳрон, 1362 ш. – Ҷ.I. – 456 с.
[6] Зайналобиддин Қурбонӣ. Таърихи фарҳанг ва тамаддуни исломӣ. – Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ. 1370. – 355 с.
[7] Ҳуқуқӣ Аскар. Таърихи андешаҳои сиёсӣ дар Эрон ва ислом [Матн] / А. Ҳуқуқӣ. – Теҳрон: Ҳирманд, 1374. – 262 с.
[8] Аббоси Қадёнӣ. Таърихи адён ва мазоҳиб дар Эрон [Матн] / А. Қадёнӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1381. – 320 с.
[9] Ҳакимӣ Муҳаммадризо. Дониши Муслимин [Матн] / М. Ҳакимӣ. – Теҳрон: Дафтар нашри фарҳанги исломӣ, 1371. – 419 с.

Дар асарҳои олимону муҳаққиқони муосири покистонӣ ва эронӣ Миёнмуҳаммад Шариф[1], Муҳаммадризо Ноҷӣ[2], Наср Сайид Ҳусайн[3], Саид Муртазо[4] ва дигарон саҳми мардумони минтақа дар ташаккули мактабҳою ҷараёнҳои фалсафӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва арзишҳои фаромиллии тамаддуни исломӣ дар ҳудудҳои шарқии хилофат дар аҳди сулолаҳои тоҷиктабори Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудааст.

Муҳаққиқони эронӣ роҷеъ ба таҳқиқи саҳми хуросониён дар густариши илму фарҳанг, хидматҳои мутақобилаи ислом ва форсзабонон низ осоре таълиф кардаанд. Онҳо сайъ намудаанд, то адабиёти таҳқиқии мавҷударо бори дигар бо маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, бахусус «Таърихи Табарӣ» муқоиса намуда, масоили сарфи назаршударо ба доираи таҳқиқоти илмӣ ворид созанд.

Бояд таъкид кард, ки дар адабиёти номбаршуда маълумотҳои муҳим вуҷуд дорад, ки дар таълифи рисолаи мо мавриди истифода қарор гирифтаанд, вале бо вуҷуди ин, ҳанӯз ҳам муҳимтарин паҳлуҳои масъалаҳои забткориҳои араб, исломпазирии эрониён, сабабҳои сар задани ҷунбишу наҳзатҳои мардумии эронитабор бар зидди арабҳо, густариши ислом дар байни қавму қабилаҳои дигар ва саҳми тоҷикон дар густариши илму фарҳанги қарнҳои VIII-IX то ин замон норавшан мондаанд.

Дар баробари олимони ватанӣ ва Осиёи Миёнаву Эрон саҳми **олимони рус** дар омӯзиши раванди забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр назаррас аст. Аз ин рӯ осори таърихии олимон русро ба **гуруҳи чоруми** осори таҳқиқотии фарогири масъалаҳои умдатарини мавзуъ шомил намудан бамаврид аст. Асарҳои олимони рус аслан ба масъалаҳои истило ва истиқрори ҳукмронии арабҳо дар минтақа, ҳукуматҳои хулафои Рошидин,

---

[1] Шариф, М.М. Таърихи фалсафа дар ислом [Матн] / М.М. Шариф; тарҷумаи Насруллоҳи Пурҷаводӣ. – Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1370. – 268 с.
[2] Муҳаммадризои Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён [Матн] / М. Ноҷӣ. – Душанбе, 2011. – 1295 с.
[3] Наср Сайид Ҳусайн. Таърихи Эрон. Кембриҷ [Матн] / Ҳ. Наср; тарҷумаи Ҳасан Ануша. – Теҳрон, 1372. – Ҷ.IV.
[4] Саид Муртазо. Шарҳи «Эҳё улуму-д-дин»-и Ғазолӣ [Матн] / Муртазо Саид. – Қоҳира, 1893. – 195 с.

ҳукумати мустабиди Умавиёну Аббосиён, ҷараёнҳои диниву фалсафӣ, масъалаҳои давлатдориву мухолифатҳои қавмӣ ва ғайра бахшида шудаанд, ки маълумоти онҳо дар диссертатсия ҳамаҷониба мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ин осорро вобаста ба фарогирии мавзуъ ба ду бахш, яъне осори муҳаққиқони классикии рус ва олимони муосири он тақсим намудан ба маврид аст.

Доир ба раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр қабл аз ҳама осори таҳқиқотии олимони барҷастаи классикии рус В.В. Бартолд, И.С. Брагинский, И.П.Петрушевский, И.Ю.Крачковский ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтанд. Дар асарҳои В.В.Бартолд[1] «Аз таърихи забткориҳои араб» ва «Халифа Умар – ахбори бо ҳам зид доир ба ҳаёти шахсии ӯ», «Рисола дар таърихи ислом ва хилофати араб», «Туркистон дар арафаи забткориҳои муғулҳо” ва ё “Туркистоннома”, “Таърихи Эрон дар қуруни нахустини исломӣ” ва ғ. раванди забткориҳои арабҳо, истиқрори ислом ва низоми идории Хилофати араб, вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтаҷа дар замони хилофати Умавиён ва Аббосиён, саҳми бумиёни минтаҷа дар низоми идории хилофат, аз он ҷумла саҳми хуросониён дар артишу сиёсат, густариши фарҳанги исломӣ ва ғайра андешаҳои ҷолиб оварда шудааст.

Асарҳои О.Г. Болшаков «Таърихи Хилофат. Давраи забткориҳои бузург»[2] ва А. И. Колесников «Ишғоли Эрон тавассути арабҳо»[3] низ аз ҷумлаи муҳимтарин таҳқиқоти илмие мебошанд, ки дар онҳо доир ба забткориҳои арабҳо дар қисматҳои ғарбӣ, марказӣ ва шарқии Эронзамин маълумоти амиқ оварда шудааст.

---

[1] Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1963. – Т.II. – Ч.I. – С.387.; ҳамон муаллиф. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1966. – Т.VI. – 785 с.; ҳамон муаллиф. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1963. – Т.I. – 759 с.; ҳамон муаллиф. Туркистоннома [Матн] / В.В. Бартолд; тарҷумаи Карим Кишоварз. – Теҳрон, 1366 ш. – 346 с.; Бартолд, В.В. Таърихи Эрон дар қуруни нахустини исломӣ [Матн] / В.В. Бартолд; тарҷумаи Ҷавод Фалотурӣ. – Теҳрон, 1373 ш. – 458 с.

[2] Большаков, О.Г. История Халифата. Эпоха великих завоеваний [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Наука, 1993. – Т.II. – С.185.; ҳамон муаллиф. История Халифата. Ислам в Аравии [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Наука, 1989. – Т.I. – 312 с.

[3] Колесников, А.И. Завоевание Ирана арабами [Текст] / И.А. Колесников. – М.: Мысл, 1982. – 111 с.

Осори И.П. Петрушесвкий,[1] И.Ю.Крачковский[2] ва И.С. Брагинский[3] дар мавриди раванди истиқрори ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр, густариши ислом, такмили қонунҳо ва низоми идории хилофат, омилҳои исломпазирии мардумони минтақа, саҳми хуросониён дар густариши илму адаби арабӣ-исломӣ, лашкаркашиву ғазавот ва низоми идории хилофат муҳимтарин манбаъ ба шумор мераванд.

Ба ҷуз аз таълифоти бунёдии зикршуда дар асарҳои Е.А.Беляев[4], Л.С.Василев[5], Н.В.Пигулевская[6], О.Ю. Якубовский[7], И.П. Петрушевский[8], Л.В. Струве, ва ғ. далелҳои зиёди таърихӣ оварда шудаанд, ки аз нигоҳи илмӣ барои баррасии масъалаҳои дар диссертатсия инъикосёфта хеле муассир ва зарурӣ мебошанд.

Дар баробари олимону муҳаққиқони классикии рус, инчунин ***осори олимони муосири рус низ*** мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд, зеро ба мавзуи мазкур онҳо аз нигоҳи дигар назар намудаанд. Масалан, Л.С.Василев[9] дар осораш “Таърихи Шарқ” ва “Таърихи адёни Шарқ” тамаддуни динофарини кишварҳои Шарқро баҳогузорӣ намуда, раванди забткориҳои арабҳоро давраи харобии кишварҳои Шарқ номидааст.

---

[1] Петрушевский, И.П. Ислам в Иране в VII-XV веках [Текст] / П.И. Петрушевский. – Л., 1966. – 399 с.
[2] Крачковский, И.Ю. Избранные сочинения [Текст] / Ю.И. Крачковский. – М., 1955. – Т.1. – 212 с.
[3] Брагинский, И.С. Иранское литературное наследие [Текст] / И.С. Брагинский. – М.: Наука, 1984. – 368 с.
[4] Беляев, Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневекове [Текст] / А. Беляев. – М.: Наука, 1966. – 279 с.
[5] Васильев, Л.С. История Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: История, 1998. – Т.I. – 495 с.; ҳамон муаллиф. История религий Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: Высшая школа, 1988. – 413 с.
[6] Пигулевская, Н.В. Византия и Иран на рубеже VI и VII века [Текст] / В.Н. Пигулевская. – М.: АН СССР, 1946. – 289 с.; Пигулевская, Н.В., Якубовский, О.Ю. Таърихи Эрон [Матн] / Н.В. Пигулевская, О.Ю. Якубовский, И.П. Петрушевский, О. Беллинитский, А.В. Струево; тарҷумаи Карими Кишоварз. – Теҳрон: Паём, 1354. – 713 с.
[7] Якубовский, А.Ю. Мавераннахр в борьбе против власти арабов в VIII-IX вв. [Текст] / Ю.А. Якубовский // История Узбекской ССР. – Ташкент: УзССР, 1955. – Т.1. – С.151-175.; Якубовский, А.Ю., Большаков, О.Г. Борьба народов Средней Азии против арабского завоевания [Текст] / Ю.А. Якубовский, Г.О. Большаков. – М.: АН СССР, 1958. – 348 с.; Якубовский, А.Ю., Большаков, О.Г. Народы Средней Азии под властью Халифата [Текст] / Ю.А. Якубовский, Г.О. Большаков // История Таджикской ССР. – 2-е изд., перераб. и доп. – Душанбе: Маориф, 1983. – С.44-52.; Якубовский, А.Ю. Завоевание арабами Средней Азии [Текст] / Ю.А. Якубовский // История Узбекской ССР. – Ташкент: УзССР, 1955. – Т.1. – Кн.1. – С.134-150.
[8] Петрушевский, И.П. Ислам в Иране в VII-XV веках [Текст] / П.И. Петрушевский. – Л., 1966. – 399 с.
[9] Васильев, Л.С. История Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: История, 1998. – Т.I. – 495 с.; ҳамон муаллиф. История религий Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: Высшая школа, 1988. – 413 с.

Дар таҳияи рисола асарҳои муҳаққиқони дигари рус ба монанди О.Г. Болшаков[1], И. А.Кривелев[2], И. А. Ионова[3], А. П. Колпаков[4], П.А.Грязневич[5] ва дигарон низ истифода шуданд, зеро дар ин асарҳо таърихи раванди забткориҳои араб ва истиқрори ойини нав ҳамчун дин ва падидаи фарҳангӣ, моҳияти иҷтимоӣ ва фалсафӣ, рушди тафаккури таърихии арабҳо дар ибтидои асрҳои миёна таҳқиқ гардидаанд. Муҳаққиқони марказҳои илмии Қазон Рустам Батыр[6] ва Е. Березиков[7] бошад бештар ба таҳқиқи масъалаи густариш ва истиқрори мазҳаби ҳанафия таваҷҷуҳ намуда, арзишҳои умумбашарии исломро бар асоси мазҳаби ҳанафия муаррифӣ намудаанд.

Дар маҷмуъ осори муҳаққиқони рус аз зумраи таълифоте мебошанд, ки то ба ин замон дар омӯзиши таърихи ислом хело назаррас буда, бештари онҳо баъзе паҳлуҳои масоили мавзуи таҳқиқи моро ба шакли умумӣ дахл намудаанд.

Ба гуруҳи панҷум осори илмӣ-таҳқиқотии олимони кишварҳои араб шомил мешавад. Ин асарҳо аксаран дар қисмати ниҳоии рисола, ки ба масъалаҳои ташаккули мазҳаби ҳанафия дар замони Сомониён бахшида шудааст, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ба ин гуруҳ асарҳои Муҳаммад Заҳабӣ[8], Ҷамолуддин Суютӣ[9], Абдулфаттоҳ Мағрибӣ[10], Абдулвоҳид Ҷобӣ[11], Сулаймон Ваҳбӣ[12], Ҳанно ал-Фохурӣ[13] ва дигарон

---

[1] Большаков, О.Г. История Халифата. Ислам в Аравии [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Наука, 1989. – Т.I. – 312 с.; Большаков, О.Г. История Халифата. Эпоха великих завоеваний [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Наука, 1993. – Т.II. – С.185.

[2] Крывелев, И.А. История религий [Текст] / А.И. Крывелев. – М.: Мысл, 1988. – Т.2. – 283 с.

[3] Ионова, И.А. Ислам в Юго-Восточной Азии [Текст] / А.И. Ионова. – М.: Наука, 1981. – 262 с.

[4] Колпаков, А.П. Ислом ва моҳияти иҷтимоии он [Матн] / П.А. Колпаков. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 36 с.

[5] Грязневич, П.А. Развитие исторического сознания арабов (VI-VIII вв.) [Текст] / А.П. Грязневич. – М.: Наука, 1982. – 328 с.

[6] Батыр Рустам. Абу-Ханифа [Текст]: жизнь и наследие / Б. Рустам. – Новгород: Медина, 2007. – Т.1. – 276 с.

[7] Березиков, Е. Святые ислама [Текст] / Е. Березиков. – Казан: Татарское книжное издательство, 1996. – 160 с.

[8] Заҳабӣ Муҳаммад ибни Аҳмад. Сияру аъломи-н-нубало [Матн] / М. Заҳабӣ. – Бейрут, 1406 ҳ.қ. (1986). – Ҷ.6.

[9] Суютӣ Ҷамолуддин. Ал-лаоли-л-маснуа фи-л-аҳодиси-л-мавзуа [Матн] / Ҷамолуддин Суютӣ. – Қоҳира, б/с. – Ҷ.1.

[10] Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. Ҳақиқату-л-хилоф байна-л-мутакаллимин [Матн] / А. Мағрибӣ. – Қоҳира: Мактабату ваҳба, 1415 ҳ.қ. (1995); ҳамон муаллиф. Имому аҳли-с-суннат ва-л-ҷамоат Абӯмансур ал-Мотуридӣ ва ороуҳу-л-каломия [Матн] / А. Мағрибиӣ. – Қоҳира: Мактабату ваҳба, 1405 ҳ.қ. (1985).

[11] Бассом Абдулвоҳиди Ҷобӣ. ал-Масоилу-л-хилофия байна-л-ашоирати ва-л-мотуридия [Матн] / Б. Ҷобӣ. – Қоҳира, 1973. – 426 с.

[12] Ваҳбӣ Сулаймон. Ҷилвахое аз зиндагонии Имом Абуҳанифа [Матн] / С. Ваҳбӣ; тарҷумаи Аминуллоҳи Каримӣ. – Теҳрон, 1382 ҳ.ш. – 428 с.

[13] Ҳанно ал-Фохурӣ. Таъриху-л-адаби-л-арабӣ [Матн] / Ҳ. ал-Фохурӣ. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1989. – 456 с.

шомил мешаванд, ки бештаран масъалаҳои густариши ислом, бархурди мактабу ҷараёнҳои ақидатӣ ва ташаккули мазҳаби ҳанафиро дар бар мегиранд.

Ба гуруҳи шашум асарҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони Аврупо ва Амрико шомил мебошанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни мавзуи мавриди таҳқиқ таҷассум ёфтаанд. Дар бораи забткориҳои арабҳо дар Эронзамин то ин замон олимони англис, фаронсавӣ, испаниягӣ, даниягиву амрикоӣ ва дигар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ таҳқиқотҳои зиёд анҷом додаанд.

Аксари олимони аврупоӣ, ки ба таҳқиқи таърихи забткориҳои араб, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ва паҳншавии ислом машғул гардидаанд, бештар ба омӯзиши раванди забткориҳои арабҳо дар сарзаминҳои ҷанубу ғарбии шоҳаншоҳии Сосониён аҳаммият дода, ба масъалаи гаравидани ислом дар қарнҳои нахустини зуҳури он дар минтақаҳои шарқии шоҳаншоҳӣ камтар диққат додаанд. Дар миёни онҳо олимоне ҳастанд, ки дар доираи таълифоти хеш ба баъзе паҳлуҳои масъалаҳои густариш ва истиқрори ислом дар сарзаминҳои шарқии хилофат андешаҳои худро баён кардаанд, ки инҳо: Ж.Сурдел, А.Кристенсен, Дж.С. Тримингэм Г.Э. фон Грюнебаум, Август Мюллер, Ричард Фрай, Эмил Бенвинист, Перси Сайкс, Теодор Нёлдеке, Адам Метс, Фредерик Старр[1] ва ғайра мебошанд ва осори онҳо бо забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷумаву дастрас гардидаанд.

---

[1] Сурдел, Д., Сурдел, Ж. Цивилизация классического ислама [Текст] / Д. Сурдел, Ж. Сурдел. – Екатеринбург: У-Фактория, 2006. – 536 с.; Кристинсен Артур. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристинсен; тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. – Теҳрон, 1332. – 577 с.; Тримингэм, ДЖ.С. Суфийские ордены в исламе [Текст] / С.ДЖ. Тримингем. – М.: Наука, 1989. – 326 с.; Грюнебаум, Г.Э. фон. Классический ислам. Очерки истории (600-1258) [Текст] / Э.Г. фон Грюнебаум; пер. с анг. И.М. Дижура; предис. В.В. Наумкина. – М.: Наука, 1988. – 216 с.; Мюллер, А. История ислама [Текст]: от доисламской истории арабов до падения династии Аббасидов / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.1-2. – 911 с.; Мюллер, А. История ислама [Текст]: от мусулманской Персии до подения мусулманской Испании / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.3-4. – 893 с.; Ричард, Н.Ф. Наследие Ирана [Текст] / Ф.Н. Ричард. – М.: Наука, 1971. – 468 с.; ҳамон муаллиф. Мероси Осиёи Марказӣ [Матн] / Н.Ф. Ричард. – Душанбе: Сурушан, 2000. – 373 с.; Ричард Фрай. Бухоро дастоварди қуруни вусто [Матн] / Фрай Ричард; тарҷумаи Маҳмуд Маҳмудӣ. – Теҳрон: Улум ва фарҳанг, 1365. – 458 с.; Бенвинист Эмил. Дини эронӣ [Матн] / Э. Бенвинист; тарҷумаи Баҳман Саркорӣ. – Табрез, 1370. – 175 с.; Перси Сайкс. Таърихи Эрон [Матн] / П. Сайк; тарҷумаи Саидтақии Фахрдоъии Гелонӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1336. – 380 с.; Нёлдекке Теодор. Таърихи эрониён ва арабҳо дар замони Сосониён [Матн] / Т. Нёлдекке; тарҷумаи Аббоси Зарёб. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1375. – 777 с.; Метс Адам. Тамаддуни исломӣ дар қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ [Матн] / А. Метс; тарҷумаи Алиризо Заковатӣ Қарогузлу. – Теҳрон, 1362 ҳ. – Ҷ.I. – 456 с.; Мец, А. Мусульманский Ренессанс [Текст] / А. Мец; пер. с нем., пред., библиог. и указ. Д.Б. Бертеса. – М.: ВиМ, 1996. – 536 с.; Старр Фредерик. Маърифати гумшуда [Матн]: асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг / Ф. Старр. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – 692 с.

Осори таърихии муҳаққиқони аврупоӣ ва амрикоиро аз ҷиҳати умқи масъалаи таҳқиқ ва фарогирии мавзуъ ба чор бахш тақсим намудан бамаврид хоҳад буд. Ба ***бахши аввал*** метавон осори олимони муосири Аврупову Амрикоро шомил кард, ки онҳо аз манобеи муҳимтарини таърихӣ сарчашма гирифта, ба таҳқиқи масъалаҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва динию мазҳабии эрониён дар арафаи истилои арабҳо ва заминаҳои таърихии паҳншавӣ ойини нав бахшида шудаанд. Масалан, аҳаммияти илмии асари Артур Кристинсен «Эрон дар замони Сосониён»[1] дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф ҳангоми таҳлили авзои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, низоми табақотӣ ва сохтори миёншикани хироҷгузории замони Сосониён ва сабабҳои таназзули Сосониёнро бо далелҳои равшани илмӣ ва таърихӣ нишон медиҳад. Олимони дигари аврупоӣ Перси Сайкс ва Теодор Нёлдеке дар асарҳои худ «Таърихи Эрон»[2] ва «Таърихи эрониён ва арабҳо дар замони Сосониён»[3] доир ба низоми табақотӣ, вазъи ногувори иҷтимоии шоҳаншоҳии Сосониён дар арафаи забткориҳои араб маълумоти муфассал медиҳанд.

Силсилаи таҳқиқоти Ричард Фрай[4] паҳлуҳои гуногуни даврони забткориҳои арабҳоро дар бар гирифтаанд, бахусус дар китоби «Мероси Осиёи Марказӣ» эътиқодоту динҳои эрониёнро то истилои арабҳо, бовариҳо ва ақидаҳои динии мардумони Хуросону Мовароуннаҳр андешаҳои ҷолиберо пешниҳод сохтааст. Ричард Фрай таъкид месозад, ки дар қисмати шарқии давлати Сосониён, аниқтараш дар Мовароуннаҳр мардум худоён Нана, Митра, Аҳурамаздо, Вайю, Рашну, Раман, Йима ва Зурвонро[5] парастиш менамуданд, ки аз вуҷуд доштани бовару эътиқодҳои зиёд шаҳодат медод ва ин омил дар раванди истиқрори ислом нақши асосӣ ва воқеӣ бозид.

---

[1] Кристинсен Артур. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристинсен; тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. – Теҳрон, 1332. – 577 с.
[2] Перси Сайкс. Таърихи Эрон [Матн] / П. Сайк; тарҷумаи Саидтақии Фахрдоҳии Гелонӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1336. – 380 с.
[3] Нёлдекке Теодор. Таърихи эрониён ва арабҳо дар замони Сосониён [Матн] / Т. Нёлдекке; тарҷумаи Аббоси Зарёб. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1375. – 777 с.
[4] Ричард Фрай. Бухоро дастоварди қуруни вусто [Матн] / Фрай Ричард; тарҷумаи Маҳмуд Маҳмудӣ. – Теҳрон: Улум ва фарҳанг, 1365. – 458 с.; ҳамон муаллиф. Мероси Осиёи Марказӣ [Матн] / Н.Ф. Ричард. – Душанбе: Сурушан, 2000. – 373 с.; ҳамон муаллиф. Наследие Ирана [Текст] / Н.Ф. Ричард. – М.: Наука, 1971. – 468 с.
[5] Ричард, Н.Ф. Мероси Осиёи Марказӣ [Матн] / Н.Ф. Ричард. – Душанбе: Сурушан, 2000. – С.261.

Олимони дигари аврупоӣ аз қабили Мери Бойс дар “Зардуштиён: боварҳо ва одоби динии онҳо”[1] Утокар Клима дар «Таърихи мактаби Маздак»[2], Эмил Бинвинист дар «Дини эронӣ»[3], Ҳ. С. Нейбрек дар «Динҳои Эрони бостон»,[4] ва Ҳинаяна дар «Таърихи ойини Буддо»[5] эътиқодоти пешазисломии эронитаборонро таҳқиқ намуда, заминаҳои воқеии раванди истиқрори ойини навро дар заъфу норасоии маърифатии динҳои қаблазисломии минтақа маънидод намудаанд.

Дар бахши дувум осори муҳаққиқони аврупоӣ, ки ба масъалаҳои раванди забткориҳо ва гаравидани мардумон ба ойини нав бахшида шудаанд, шомил гардида, дар бобҳои дувум ва савуми диссертатсия асарҳои боарзиши Сурдел Д., Сурдел Ж. «Тамаддуни исломи классикӣ»[6], Г.Э. фон. Грюнебаум «Исломи классикӣ»[7] ва Август Мюллер «Таърихи ислом»[8], ки ҷилдҳои 1 ва 2-юми он “Аз таърихи тоисломии арабҳо то афтодани сулолаи Аббосиён” унвон шудаанд, мавриди баррасӣ ва истифодаи васеъ қарор гирифтаанд. Муҳаққиқони номбурда дар асарҳои худ зуҳури ислом, хилофати хулафои Рошидин ва раванди забткориҳои арабро дар сарзаминҳои шарқии шоҳаншоҳии Сосониён инъикос намудаанд. Бахшида ба мавзуи таҳқиқотии мо хосатан дар асари Август Мюллер маълумотҳои дақиқи илмӣ оварда шудааст, ки аксарияти онҳо бо маълумоти “Таърихи Табарӣ” мувофиқат мекунанд.

---

[1] Бойс Мэри. Зардуштиён [Матн]: боварҳо ва одоби динии онҳо / М. Бойс; тарҷумаи Аскар Баҳромӣ. – Теҳрон: Қуқнус, 1381 ҳ.қ. – 278 с.

[2] Клима Утокур. Таърихи мактаби Маздак [Матн] / У. Клима; тарҷумаи Ҷаҳонгир Фикрӣ. – Теҳрон: Ҳайдарӣ, 1371. – 364 с.

[3] Бенвинист Эмил. Дини эронӣ [Матн] / Э. Бенвинист; тарҷумаи Баҳман Саркорӣ. – Табрез, 1370. – 175 с.

[4] Нейбрек, С. Динҳои Эрони бостон [Матн] / С. Нейбрек; тарҷумаи Сайфуддини Наҷмободӣ. – Теҳрон, 1359. – 162 с.

[5] Ҳинаяна. Таърихи ойини Буддо [Матн] / Ҳинаяна; тарҷумаи А. Пошой. – Теҳрон: Нақши ҷаҳон, 1329. – Ҷ.1. – 357 с.

[6] Сурдел, Д., Сурдел, Ж. Цивилизация классического ислама [Текст] / Д. Сурдел, Ж. Сурдел. – Екатеринбург: У-Фактория, 2006. – 536 с.

[7] Грюнебаум, Г.Э. фон. Классический ислам. Очерки истории (600-1258) [Текст] / Э.Г. фон Грюнебаум; пер. с анг. И.М. Дижура; предис. В.В. Наумкина. – М.: Наука, 1988. – 216 с.

[8] Мюллер, А. История ислама [Текст]: от доисламской истории арабов до падения династии Аббасидов / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.1-2. – 911 с.; Мюллер, А. История ислама [Текст]: от мусулманской Персии до подения мусулманской Испании / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.3-4. – 893 с.

Дар китоби В.Р. Буллет «Гаравиш ба ислом дар қуруни миёна»[1] доир ба гаравидани эрониён ба дини тозазуҳур дар қарнҳои якум ва дувуми ҳичрӣ маълумоти зиёд оварда шудааст. Мутаассифона дар асар тарзу хусусиятҳои гаравидани эрониёни шарқӣ ба ислом, бахусус хуросониён, маълумоти қонеъкунанда камтар дучор меояд. Ӯ масъалаҳои забткорҳои арабро дар маҷмуъ ба назар гирифта, ҷузъиёти масъаларо то ҳадде сарфи назар кардааст.

Ба бахши сеюми асарҳои таҳқиқотии олимони Аврупову Амрико, ки дар таҳлилу хулосабарории ҷанбаҳои мухталифи рисола мавриди истифода қарор гирифтаанд, бештар ба таҳқиқ ва таҳлили масъалаи шаклгирии фирқаҳову ҷараёнҳои динӣ-исломӣ ва умуман шаклгирии тамаддуни исломӣ бахшида шудаанд.

Ҳенри Корбэн дар “Таърихи фалсафаи исломӣ”[2] раванди паҳншавии ойини нав ва рушди тафаккури фалсафии ҷаҳони исломро баҳогузорӣ карда, таъкид менамояд, ки дар ташаккули тафаккури исломӣ саҳми “маволӣ” бахусус эрониён назаррас мебошад. Карл Брокелман дар “Таъриху-л-адаби-л-арабӣ”[3] раванди ташаккули улуми ҷомеашиносии арабиро таҳқиқ намуда, иброз медорад, ки саҳми шоирону олимон ва мутафаккирони эронитабор дар таърихи адабиёти араб ногузир буда, адабу шеъри исломӣ тавассути чеҳраҳои тобноки эронитабор машҳури олам гардиданд.

Эдмунд Босворт дар асари худ “Марҳилаҳои ибтидоии ташаккулёбии давлат ва ҷамъияти исломӣ”[4] марҳилаҳои зуҳури хилофати исломро таҳлил намуда, саҳми эрониёнро дар рушди ин низом бағоят бузург арзёбӣ кардааст. Фредерик Старр – донишманди муосири амрикоӣ дар асари “Маърифати гумшуда. Асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг”[5] раванди забткориҳо, авомили исломпазирӣ ва иштироки фаъоли

---

[1] Буллет, В.Р. Гаравиш ба ислом дар қуруни миёна [Матн] / Р.В. Буллет; тарҷумаи Муҳаммад Ҳусайни Виқор. – Теҳрон: Таърихи Эрон, 1364. – 148 с.

[2] Корбэн Ҳенрӣ. Таърихи фалсафаи исломӣ (Histoire dele philosophia islamgue) [Матн] / Ҳ. Корбэн; тарҷумаи Асадуллоҳ Митарӣ. – Чопи дувум. – Теҳрон, 1358. – 468 с.

[3] Карл Брокелман. Таъриху-л-адаби-л-арабӣ [Матн] / Б. Карл; тарҷумаи дуктур Сайид Яъқуб Бакр, дуктур Абдулҳалим ан-Наҷҷор. – Қум: Дору-л-кутуби-л-исломӣ, б/с. – Ҷ.IV.

[4] Босворт Клиффорд Эдмунд. Ранние этапы формирования исламского государства и общества. Основные характеристики. История человечества [Текст] / К.Э. Босворт. – М.: Наука, 1996. – 452 с.

[5] Старр Фредерик. Маърифати гумшуда [Матн]: асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг / Ф. Старр. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – 692 с.

хуросониёнро дар поягузорӣ ва ташаккули илму фарҳанг нишон дода, ба хулоса меояд, ки асрҳои VIII-XIV таърихи минтақаро метавон “асри тиллоӣ” номид.

Ба бахши чоруми гуруҳи аввал осори муҳаққиқони англис, фаронсавӣ, олмонӣ ва дигар кишварҳои Аврупову Амрико шомил гардидаанд, аз ҷумла Улрих Рудолф[1], Ҷурҷи Зайдон[2], Вилл Дюрант[3], Вилфред Мейдлунг, Вилгелм Ҳаусиг Ҳенс, Ҷозеф Шахт, Ҷ. Розентал, Ван Есс Ҷозеф[4] ва дигарон фарогири масъалаҳои забткориҳои араб ва истиқрори ислом дар Осиёи Марказӣ – Мовароуннаҳр, таъсиси мактабҳои фиқҳию каломӣ, гуногунандешии мазҳабӣ, ташаккули ҷараёнҳову фирқаҳо, бунёду ташаккули ҳанафия ва ба сатҳи мазҳаби расмӣ-давлатии Сомониён пазируфта шудани он мебошанд.

Бо таҳлили таърихнигории мавзуъ метавон хулоса намуд, ки бештари адабиёти илмӣ, ки дар таълифи рисола мавриди истифода қарор гирифтаанд, аз ҷумлаи муҳимтарин асарҳо дар баррасии масъалаҳои мухталиф ва мубрами мавзуи таҳқиқшаванда мебошанд.

Дар маҷмуъ, доираи асарҳои таърихии олимони ватанию хориҷӣ заминаи асосӣ ва воқеии диссертатсияро ташкил дода, маълумоти онҳо ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳолатҳои эътиқодии бумиёни Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи забткориҳои араб, раванди забткориҳои арабҳо ва муборизаҳои миллӣ-озодихоҳиву мазҳабӣ дар минтақа, раванди исломигардонӣ ва исломпазирии мардумони бумӣ, саҳми донишмандони тоҷик дар рушду густариши илму фарҳанг, сабабу омилҳои

---

[1] Ульрих Рудольф. ал-Мотуриди и суннитская теология в Самарканде [Текст] / У. Рудольф. – Алматы: Фонд «XXI век», 1999. – 286 с.

[2] Ҷурҷи Зайдон. Таърихи тамаддуни исломӣ [Матн] / Ҷ. Зайдон; тарҷумаи Алии Ҷавоҳир. – Теҳрон: Амири Кабир, 1372. – Ҷ.2. – 1108 с.

[3] Вилл Дюрант. Таърихи тамаддун [Матн] / В. Дюрант; тарҷумаи Алиасғари Суруш. – Теҳрон, 1376 ҳ.ш.

[4] Haussig Hans Wilhelm. Die Geschich Zentralasiens und der Seidenstrabe in vorislamischer Zeit [Text] / Haussig Hans Wilhelm. – Darmstadt, 1992.; Emmerick Ronald E. Buddism among Iranian Peoples [Text] / E. Emmerick Ronald // The Cambiredge Hustary of Iran. – 1983. – P.949-964.; Samuel N.C. Lieu. Manichaeism in the Later Roman Empire and Medieval China [Text]: a Historical Survey / Samuel N.C. Lieu. – Manchester, 1985. – 360 p.; Madelung Wilferd. Religious Trends in Early Islamic Iran [Text] / Madelung Wilferd. – Albany, 1988. – 128 p.; Madelung Wilferd. The Early Murji'a in Khurasan and Teansoxania and the Apread of Hanafism [Text] / Madelung Wilferd // Der islam. – 1982. – Vol.59. – P.32.; Rosenthal, J. Hiwi al-Balkhi [Text]: a Comparative Study / J. Rosenthal. – Philadelphia, 1949. – 59 p.; Schacht Joseph. The Origins of Muhammadan Jurisprudenc [Text] / Schacht Joseph. – Oxford, 1950. – 348 p.; Schacht Joseph. An Early Murci'ite Treatise. The Kitab al-Alim wal-muta'allim [Text] / Schacht Joseph // Oriens XVII. – 1964. – P.96-117.; Van Ess Joseph. Ungenurzte Texte zur Karramida. Eine Materialsammlund. – Heidelberd, 1980. – P.577-587. (Sitzungsberichte d. Heidelb. Akad. d. Wiss. Philoshist. KL., 1980, Abh.6)

ташаккули мазҳаби ҳанафия ва мактабҳои ҷараёнҳои он дар Хуросону Мовароуннаҳр, муборизоти мазҳабӣ ва ташаккули мазҳаби фаромилии ҳанафия дар замони Сомониён мавриди истифода қарор гирифтанд. Маълумоти аз асарҳои илмӣ-таърихӣ бадастомада имкон доданд, ки масъалаҳои зикршуда таҳлилу баррасӣ ва дақиқу муайян карда шаванд. Қайд кардан бамаврид аст, ки гарчанде масъалаи раванди забткориҳои арабҳо ва муборизаҳои истиқлолхоҳии тоҷикон дар асарҳои олмони ватаниву хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта бошад ҳам, аммо таълифоти бевосита, ки инъикосгари масъалаи забкориҳои арабҳо ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардум дар Хуросону Мовароуннаҳр бошад, то ҳол мавҷуд набуд.

Ҳамин тариқ, таърихнигории масъалаи таърихи раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳрро таҳлил намуда, ба хулоса омадем, ки:

– асарҳои илмӣ-таҳқиқотии олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, мазмун ва муҳтавои баъзе паҳлуҳои раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳрро бозгӯ кардаанд;

– асарҳои таҳқиқотии ба мавзуъ нигаронидашуда, ки ба масъалаи таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр марбут мебошанд, дар таҳқиқи масъалаи матраҳшаванда саҳми муайяне гузошта метавонанд. Аммо, гарчанде асарҳои сершумор аз ҷониби муаррихони муосири ватанию хориҷӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни масъалаи забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр таълиф шуда бошанд ҳам, мавзуи таҳқиқотии интихобшуда ҳанӯз мустақилона ва ба таври фарогир таҳлил ва дар доираи як диссертатсия ҷамъбаст нагардидааст;

– бояд иброз намуд, ки бештари адабиёти илмӣ, ки дар таълифи рисола мавриди истифода қарор гирифтаанд, аз ҷумлаи муҳимтарин асарҳои илмӣ дар баррасии масъалаҳои гуногун ва мубрами мавзуи таҳқиқшаванда мебошанд. Аммо, мутаассифона дар баъзе аз ин асарҳо масъалаҳои раванди

забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр аз ҷониби эрониён ва нақши онҳо дар ташаккули илму фарҳанг, таълифоту осори илмӣ дар бахши илмҳои динӣ ва дунявӣ, тарҳу тадвини низоми илоҳиётшиносӣ тавассути мардумони Хуросону Мовароуннаҳр, зуҳуру такомули ҷараёнҳои динии минтақа ва ғайра дар шакли системавӣ ва дар доираи методологияи ягонаи диалектикӣ ва герменевтикӣ мавриди таҳлили интиқодӣ қарор нагирифтаанд. Бо таълифи ин асар мо кӯшидем ин камбудиро бо баҳрагирӣ аз сарчашмаҳои дасти аввал дар самти таърихнигории тоҷик бартараф созем.

БОБИ II. ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ УМУМИИ ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР ДАР АРАФАИ ЗАБТКОРИҲОИ АРАБ ДАР МАНОБЕИ ТАЪРИХӢ ВА БОЗТОБИ ОН ДАР ОСОРИ ИЛМӢ

§2.1. Ҳудудҳои ҷуғрофӣ ва вазъияти сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи ҳуҷумҳои арабҳо

Сосониён аз бузургтарин силсилаҳои ҳукуматгари таърихи милали эронинажод буда, давраи қудрати он марҳилаи сарнавиштсоз дар ҳаёти минтақа ва ҷаҳон дониста мешавад. Сарчашмаҳои муҳимми ҷуғрофӣ-таърихӣ, аз қабили «Ҳудуду-л-олам»-и муаллифи гумном, «Сурату-л-арз»-и Ибни Ҳавқал, «Масолику-л-мамолик»-и Истахрӣ, “ал-Булдон”-и Яъқубӣ, “Масолик ва мамолик”-и Ибни Хурдодбеҳ ва «Ҷуғрофиё»-и Ҳофизи Абрӯ Хуросону Мовароуннаҳрро яке аз минтақаҳои васеи қаламрави давлати Сосониён ва мавриди таваҷҷуҳи хоси доираҳои ҳукмрони он дар арафаи забткориҳои арабҳо муаррифӣ намуда, ҳатто паноҳ овардани охирин шоҳаншоҳи сосониро ба Хуросон аз таваҷҷуҳи зиёд доштани онҳо нисбати минтақа арзёбӣ кардаанд.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ пеш аз ҳуҷуми арабҳо мафҳумҳои Хуросону Мовароуннаҳр камтар мушоҳида шуда, минтақаҳои мавриди назарро бо номҳои Ховарзамин ва Варорӯд мешинохтанд. Ҳатто Сосониён ҳудудҳои шарқӣ, шарқию ҷанубӣ ва шарқию шимолии шоҳаншоҳии худро баъзан бо номҳои ҷуғрофӣ ва баъзан бо номҳои қавмҳои маскунии минтақа ба монанди мулкҳои Кушониён – Мулуку тавоиф, ҳайётила – ҳайтолиён, кидориён, хиёниён ва дар арафаи ҳуҷуми аъроб бо номҳои қавмҳои тахорӣ (Тахористон), суғдӣ (Суғд), чағонӣ (Чағониён), ҳайтолӣ (Хутанӣ), тибетӣ ва ғайра мешинохтанд.

Аз нимаи дуюми асри VI ба ҷои мафҳуми ҷуғрофии Ховарзамин-Хуросон ва аз нимаи дуюми асри VII ба ҷои мафҳуми Варорӯд-Мовароуннаҳр падид омаданд. Ин андешаро муҳаққиқи таърихи асримиёнагии халқи тоҷик Ҳамза Камол низ ҷонибдорӣ намуда, зикр менамояд, ки “Хуросон чун номи вилоят дар миёнаҳои асри VI дар натиҷаи

гузаронидани ислоҳоти маъмурӣ-арзӣ аз ҷониби Хусрави Анӯшервон (531-579) пайдо шуд”.[1] Ин андешаро дар мақолаи дигари хеш бо номи “Ҷуғрофиёи таърихии Хуросони Бузург” бо истифодаи аз маълумоти “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ чунин шарҳ додааст:

Шоҳаншоҳ донандагонро бихонд,

Суханҳои гетӣ саросар биронд.

Ҷаҳонро бибахшид бар чор баҳр,

В-аз ӯ номзад кард ободшаҳр.

Нахустин Хуросон аз ӯ ёд кард,

Дили номдорон бад-ӯ шод кард.[2]

Пас, метавон гуфт, ки мафҳуми Хуросон маҳз дар ҳамин давра падид омада, бо гузаронидани тақсимоти маъмурии Хусрави Анӯшервон мафҳуми Ховарзаминро иваз намудааст.

Пайдоиши Мовароуннаҳр ҳамчун мафҳуми ҷуғрофӣ ба солҳои 651-715 рост омада, ба кишваркушоиҳои Убайдулло ибни Зиёд, Саид ибни Усмон ва Салм ибни Зиёд алоқаманд буда, дар ҳама ҳолат бо ҳамроҳ кардани воҳаҳои дарёҳои Мурғоб, Ҷайҳун ва Сайҳун вобаста аст. Чи гунае қаблан зикр намудем, воҳаҳои дарёҳои Ҷайҳун ва Сайҳун пештар аз ин бо номҳои Варорӯд, Варазрӯд ва Фарорӯд низ ёд мешуд, ки дар асрҳои VII-VIII бо номи Мовароуннаҳр машҳур гардид. Ба қавли Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ:

Агар паҳлавонӣ надонӣ забон,

Варазрӯдро Мовароуннаҳр дон.[3]

Барои боз ҳам дуруст муайян кардани ҳудудҳои ҷуғрофии Хуросону Мовароуннаҳр дар ин сафаҳот беҳтар он аст, ки ба ахбори сарчашмаҳои муҳимми ҷуғрофиёӣ-таърихӣ аз қабили «Ҳудуду-л-олам» асари муаллифи гумноми қарни X, «Сурату-л-арз»-и Ибни Ҳавқал, “Аҳсану-т-тақосим фӣ

---

[1] Камол, Ҳ. Ҳокимони Хуросон дар аҳди охирон шоҳони Сосонӣ ва замони Хулафои рошидин [Матн] / Ҳ. Камол // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – №3/3 (170). – С.3.

[2] Камол, Ҳ. Ҷуғрофиёи таърихии Хуросони Бузург [Матн] / Ҳ. Камол // Муаррих. Маҷаллаи илмӣ-назариявӣ. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2022. – №4 (32). – С.5-16.

[3] Девони одамушуарро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ [Матн]. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ, 2000. – С.177.

маърифати-л-ақолим”-и Муҳаммад ибни Аҳмади Мақдисӣ, «Масолику-л-мамолик»-и Истахрӣ ва «Ҷуғрофиёи таърихӣ»-и Ҳофизи Абрӯ ручуъ шавад.

Зери мафҳуми Хуросон ва ҳудудҳои ҷуғрофии он дар бештари сарчашмаҳову луғатномаҳо ва таҳқиқотҳои муосири олимон маълумотҳои зиёде мавҷуд аст. Мувофиқи маълумоти «Луғатномаи Деҳхудо»: «Хуросон дар забони қадими форсӣ ба маънои «Ховарзамин» аст. Ин аст, ки дар авоили қуруни вусто бар тамоми иёлоти исломӣ, ки то кӯҳҳои Ҳинд воқеъ буданд, пайваст мегардид. Ва бо ин тартиб тамоми билоди Мовароуннаҳр дар шимоли Ховар бо истиснои Сиистон ва Куҳистон дар ҷануб шомил мешуд. Ҳудуди хориҷии Хуросон дар Осиёи Вусто (Миёна) биёбони Чин ва Помир ва аз самти Ҳинд ҷиболи Ҳиндукуш буд»[1].

Ҳудуди сарҳадии Хуросон дар бештари сарчашмаҳои таърихӣ-ҷуғрофиёӣ, аз ҷумла «Ҳудуду-л-олам» чунин инъикос ёфтааст: «Ноҳияти машриқи вай Ҳиндустон аст ва ҷануби вай баъзе аз ҳудудҳои Хуросон аст ва баъзе Биёбони Каргаскӯҳ ва мағриби вай навоҳии Гургон аст ва ҳудуди Ғур ва шимоли вай рӯди Ҷайҳун аст.[2]

Барои боз ҳам равшан ва аён гардидани ҳудудҳои Хуросон рӯ меорем ба гуфтаҳои Ибни Ҳавқал, ки мефармояд: «Хуросон номи иқлим аст ва ҳудуди он аз машриқ навоҳии Сиистон ва сарзамини Ҳинд… ва низ диёри Халаҷро, ки дар марзи Кобул аст ва Вахон… Ва аз мағриб биёбони Ғуз ва навоҳии Гургон ва аз шимол сарзамини Мовароуннаҳр… ва аз ҷануб биёбони Форс ва Кумиш то навоҳии ҷиболи Дайлам бо Гургону Табаристону Рай»[3].

Аз гуфтаҳои Ибни Ҳавқал ба хубӣ пай бурдан мумкин аст, ки ҳудуди Хуросон иборат аз минтақае будааст, ки қисматҳои шарқии Эрони имрӯза, қариб кулли сарзамини имрӯзаи Афғонистон, қисматҳои марказӣ ва ҷанубии Туркманистону Ӯзбекистон ва кулли ҳудуди Тоҷикистони имрӯзаро дар бар

---

[1] Алиакбари Деҳхудо. Луғатномаи Деҳхудо [Матн]: шумораи ҳуруфи “Х” / А. Деҳхудо. – Теҳрон: Шаҳриёр, 1353. – Ҷ.20. – С.381.
[2] Ҳудуду-л-олам мина-л-машриқ ила-л-мағриб [Матн] / бо муқаддимаи В. Бартольд; тарҷумаи Мирҳусайн Шоҳ. – Кобул, 1342. – С.88.
[3] Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз [Матн] / Ҳавқал; тарҷумаи Ҷаъфари Шуъор. – Теҳрон: Интишороти Бунёди фарҳангии Эрон, 1345 ҳ. – С.162.

мегирифтааст. Дар «Масолику-л-мамолик»-и Истахрӣ ҳудудҳои Хуросон чунин тасвир ёфтааст: «Ва шарқии Хуросон навоҳии Сиистон ва диёри Ҳиндустон бошад ба ҳукми он, ки мо Ғур ва диёри Халаҷ ва ҳудуди Кобул ҳама аз шумори Ҳиндустон ниҳодем. Ва ғарбии Хуросон биёбони Ғазнӣ ва навоҳии Гургон ниҳодем. Ва шимоли Хуросон Мовароуннаҳр ва бархе аз билоди Туркистон ва Хуттал. Ва ҷанубии Хуросон биёбони Порс ва Қумис. Ва пеш аз ин гуфта омад, ки Қумисро бо Дайламон изофат кардем ва ҳамчунин Гургон ва Табаристон ва Рай ва он чи бад-он пайвастааст»[1]. Ин андешаро Яъқубӣ низ ҷонибдорӣ намуда, қайд менамояд, ки аввалин шаҳрҳои ғарбию ҷанубии Хуросон Қумис мебошад.[2]

Маълумоти Истахрӣ дар мавриди пайвастшавии ҳудудҳои шимолии Хуросон ба Мовароуннаҳр ва ҳудуди ғарбиаш ба Ғазнӣ ва навоҳии Гургон бо маълумоти бештаре аз сарчашмаҳои дигар мувофиқат менамояд. Бартарии маълумоти дигари ин манбаъ дар мавриди ҳудудҳои шарқӣ ва ҷанубии Хуросон инъикос ёфтааст. Истахрӣ вилоятҳои Ғур, Халаҷ, Кобул ва навоҳии тобеи онҳоро ба Ҳиндустон мансуб дониста, қисмати шарқии Ҳиндустонро бо Хуросон ҳамсарҳад нишон додааст. Инчунин баъзе аз сарҳадоти Хуросонро, ки дар «Сурату-л-арз»-и Ибни Ҳавқал баён ёфтааст, то биёбони Порс, навоҳии Дайлам ва Табаристону Рай нишон додаанд.

Ҳудудҳои ҷуғрофии Хуросон дар китоби «Ҷуғрофиё»-и Ҳофизи Абрӯ нисбат ба дигар сарчашмаҳои номбаршуда дақиқтар баён шуда, мувофиқи маълумоти муаллиф: «Ҳадди шарқии Хуросон манбаи Омӯя ва ҷиболи Бадахшон ва кӯҳҳои Тахористон ва Бомиён ва аъмоли билоди Ғур, ки манбаи Ҳирманд аст. Ҳадди ғарбии он биёбони миёни Хоразм ва Хуросон ва ҳудуди Деҳистон ва Ҷузҷон то баҳри Хазар ва баъзе аз ҳудуди Қумис ва Рай аст.

---

[1] Абуисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолику-л-мамолик [Матн] / И. Истахрӣ; Таҳияи Эраҷи Афшор. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1367 ҳ. – С.202.

[2] Аҳмад ибни Абияъқуб ибни Возеҳ ал-Яъқубӣ. ал-Булдон [Матн] / А. Яъқубӣ; тарҷумаи доктор Муҳаммадиброҳими Оятӣ; баргардонкунанда аз хатти форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии Тоҷик, 2022. – С.61.

Ҳадди шимолии Хуросон мунтаҳӣ мешавад ба Ҷайҳун, ки Омӯя бар канори об аст. Ҷанубии он Ҳудуди Синд аст»[1].

Пас аз таҳлили сарчашмаҳои муҳимми ҷуғрофӣ-таърихӣ ба чунин хулоса расидан бамаврид аст, ки Хуросон дар ҷануб то ба Сиистон, Кӯҳистон, Халаҷ, Ғазнӣ, баъзе вилоятҳои Ҳиндустон, дар ғарб то ба Ғуз, Гургон, Ҷумис, Дайламон, Табаристон, Рай, Хоразм, Деҳистон, Ҷузҷон, баҳри Хазар, дар шимол то ба Мовароуннаҳр ва дар шарқ то ба кӯҳҳои Тибети Чин, манбаи Омӯ, кӯҳҳои Помир ва Тахористон, Бомиён, Ғур то ба Ҳирманд арзу тул кашида буд.

Дар бораи ҳудудҳои ҷуғрофии Мовароуннаҳр ҳаминро гуфтан ба маврид аст, ки ба иттифоқи бештари сарчашмаҳо ҳудудҳои шарқии он Рашт, кӯҳҳои Помир ва Тибет, Хуттал, ҳудудҳои ғарбии онро Ғуз, Тароз, Фороб, Суғд, Самарқанд, Бухоро то Хоразм, шимолии онро Халлух, Туркистон, Фарғона ва қисмати ҷанубии онро Хуросон муайян кардаанд.[2]

Дар сарчашмаҳои ҷуғрофӣ-таърихии асрҳои VIII-XIV баъзан ҳудудҳои берун аз марзи воқеии миёни ду дарё – Ҷайҳуну Сайҳунро аз қибили навоҳии Тахористону Суғд, Фарғона ва ҳатто Хоразмро низ шомили Мовароуннаҳр донистаанд.[3]

Аммо дар мавриди замон (арафаи забткориҳои арабҳо дар Эрони бузург) ва макони (Хуросону Мовароуннаҳр) омӯзишу таҳқиқи рисолаи ҳозир метавон гуфт, ки Мовароуннаҳру Хуросон ҳамчун як вилояти бузурги маъмурӣ дар хилофати ислом бо номи Хуросон маъруф буд, ки имрӯз таҳти ибораи «Хуросони Бузург» машҳур аст ва матлаби мо низ дар ин рисола ҳамин Хуросони бузург (ки иддае аз муҳаққиқин аз он бо номи «Эрони Шарқӣ» ёд мекунанд), яъне сарзамини ташаккулу таҳаввул ва гаҳвораи халқи бузурги тоҷик аст, қарор додаем. Ин андешаро бо маълумоти пурқиммати

---

[1] Шиҳобуддин Абдуллоҳи Хофӣ. (Ҳофизи Абрӯ) Ҷуғрофиёи таърихии Хуросон [Матн] / Ҳ. Абрӯ; бо тасҳеҳи Ғуломризо Вараҳром. – Теҳрон: Иттилоот, 1370 ҳ. – 166 с.

[2] Абуисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолику-л-мамолик [Матн] / И. Истахрӣ; Таҳияи Эраҷи Афшор. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1367 ҳ. – С.203.

[3] Камол, Ҳ. Ҷуғрофиёи таърихии Хуросони Бузург [Матн] / Ҳ. Камол // Муаррих. Маҷаллаи илмӣ-назариявӣ. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2022. – №4 (32). – С.9.

муаррих ва ҷуғрофиёдони машҳури асри IX Ибни Хурдодбеҳ, ки рисолаи ҷуғрофӣ-таърихии худро ҳанӯз соли 864 таълиф намуда буд, собит намоем, ки дар ин маврид чунин хабар медиҳад: Хуросон чаҳор марзбон дорад. Як рубъи Хуросон Марви Шоҳҷон, як рубъи дигар Балху Тахористон, рубъи сеюм Ҳироту Бушанҷу Бодғису Сиҷистон ва рубъи чоруми он Мовароуннаҳр аст.[1]

Дар мавриди вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар сарчашмаҳои муътамади таърихӣ маълумоти зиёде вуҷуд дорад. Ҳанӯз аз ибтидои ҳукумати Сосониён шоҳаншоҳон мехостанд, Ховарзаминро ба тобеияти шоҳаншоҳии хеш дароранд[2] ва сониян, ба нуфузу эътибори динҳои ҳамҷавори замони худ, ки пайравони зиёде доштанд, таваҷҷуҳ намуда, дини ниёгони хеш – зардуштияро ойини расмӣ-давлатӣ эълом намуд.

Мувофиқи маълумоти Табарӣ: «Он гоҳ Ардашер оҳанги Сиистон, Гургон, Абаршаҳр ва Марв кард. Ва аз он ҷо сӯйи Балх ва Хоразм рафт. Ва аз он ҷо сӯйи Марв бозгашт…ва аз Марв сӯйи Форс рафт ва дар шаҳри Ғур мақар гирифт ва фиристодагони шоҳи Кушон ва шоҳи Турон ва шоҳи Макрон ба итоат пеши вай омаданд»[3]. Аз навиштаҳои Табарӣ маълум мегардад, ки Ардашер кушониён, турониён ва хиёниёну кидориён, ки дар ҳудудҳои Хуросону Мовароуннаҳр сукунат доштанд ба тобеияти худ дароварда, аз онҳо боҷу андоз меситонидааст.

Солҳои 50-уми асри V Ҳайтолиён сарзаминҳои Хиёниёнро таҳти тасарруфи худ қарор дода, Ғарҷистону Тахористон, Балху Бадахшон ва ғайраро ба қаламрави худ дохил намуданд ва давлати нав барпо намуданд. Онҳо Сосониёнро аз ҳукмронӣ дар Тахористон ва як қисми Хуросон комилан маҳрум сохтанд.[4] Дар шароити ногувор, ки Ҳайтолиён вазъи сиёсии кишварро дигаргун карда буданд, Баҳроми V (420-438) ба қудрат омад. Вай

---

[1] Ибни Хурдодбеҳ Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ. Масолик ва мамолик [Матн] / Х. Абдуллоҳ; тарҷумаи Саиди Хорканд; баргардонкунанда аз хатти форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2022. – С.37.

[2] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.к. – Ҷ.II. – С.580.

[3] Ҳамон ҷо. – С.584.

[4] Исоматов, М. «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ [Матн]: пажуҳише андар муносибатҳои Сосониён ва Ҳайтолиён / М. Исоматов. – Душанбе: Сино, 1996. – С.64.

вазъияти дохилии империяро ба инобат гирифта, ибтидо ба таъқиби масеҳиён даст зад ва баъдан дар соли 421 бо румиён ҷангида, онҳоро аз марзу буми давлат берун сохт. Ҳамзамон нооромиҳои минтақаҳои шарқии кишвар ӯро водор карданд, ки бо Рум дар бобати озодиҳои масеҳиёни маскуни сарзаминҳои Сосониён ва зардуштиёни Рум шартномаи дуҷониба бандад, ҳамчунин бо ҳукумати Рум қарордоди муштаракро барои дифои якдигар аз ҳуҷумҳои Ҳайтолиён ба имзо расонд. Ба андешаи муҳаққиқи таърихи Ҳайтолиён Исоматов М. «Ҳарчанд Баҳроми Гӯр дар набард бо «Хоқони Турк» бузургони Балху Ғарҷистон, Хатлону Чағониён ва Бухороро водор сохт, ки эшон ба Сосониён боҷгузор бошанд, вале метавон ба натиҷае расид, ки сари тахти «туркон» тамоман сарнагун нашуда буд»[1].

Баъд аз вафоти Баҳроми V дар аҳди Яздигурди II (438-457) байни Сосониён ва Ҳайтолиён зиддият шиддат гирифт. Яздигурди II тамоми қувваҳои худро барои торумор сохтани ҳайтолиёне, ки аз самти Ховар сар бардошта буданд, равона кард, аммо дар се муҳорибаи солҳои 442-459, 450-451, 453-454 бо онҳо шикаст хӯрда, нуфузи сиёсии худро дар қаламрави шарқии кишвар аз даст дод. Ҳайтолиён дар ин айём аллакай давлати мустақили худро таъсис дода, худро дар муқобили Сосониён рақиби пурзӯр нишон медоданд.

Дар чунин шароити мураккаби сиёсӣ, қайд менамоянд, Эмомалӣ Раҳмон – Ҳайтолиён дар шарқ, масеҳиёни Арманистон бо сарварии Вердена Мамегонӣ дар ғарб бар асари ихтилофҳои мазҳабӣ ошӯб ангехтанд.[2] Яздигурди II маҷбур шуд барои пахши ошӯби арманиҳо лашкари худро ба ғарб равона намуда, дар муҳорибаи Арваир шӯришгаронро комилан шикаст дода, масеҳиёнро ба гаравидан ба дини зардуштӣ мувазза̄ф намуд.

Муҳаққиқи эронӣ Муртазои Ровандӣ зикр менамояд, ки шоҳаншоҳ Фирӯз дар баробари моҷароҳои мазҳабӣ, қаҳтиву хушксолӣ боз лашкари

---

[1] Исоматов, М. «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ [Матн]: пажуҳише андар муносибатҳои Сосониён ва Ҳайтолиён / М. Исоматов. – Душанбе: Сино, 1996. – С.69.

[2] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.З. – С.81.

худро қавӣ дида, бори дуюм дар муқобили Ҳайтолиён лашкар кашид ва дар ин навбат низ мағлуб гардид. Вай аз сабаби пардохт накардани товони зиёди ҷанг маҷбур шуд писари худ Қубодро гаравгони Ҳайтолиён намояд.[1] М. Исоматов дар асари таҳқиқотии хеш қайд менамояд, кт дар ин айём Ҳайтолиён навоҳии шарқии Сосониён, аз қабили Тахористон, Балх, Чағониён, Тирмиз, Висагирд (Вашгирд) ва ҳамчунин Самарқандро тасарруф намуданд.[2] Фирӯз ба вазъи сипоҳи худ аҳаммият надода, соли 484 бори сеюм бар зидди Ҳайтолиён лашкар кашид. Мувофиқи маълумоти академик Б. Ғафуров «Шоҳи Ҳайтолиён аз лашкаркашии Фирӯз бохабар буд ва дар роҳи онҳо хандақҳои чуқур канданд…, ки худи Фирӯз ба ин хандақ афтида банд мешавад, ӯро ба санг зада мекушанд ва тамоми коргоҳи вай, духтараш, мубади пираш, занҳояш ва сарваташ ба дасти Ҳайтолиён меафтад»[3]. Муҳаққиқони тоҷик Ғ. Ғоибов[4] ва М. Исоматов[5] бар асоси манобеъ дар ин бора муфассал навиштаанд, ки ҳоҷати такрори он нест.

Лашкаркашиҳои бебарори Фирӯз ба муқобили Ҳайтолиён хазинаи давлатро холӣ намуда, бар дӯши халқ, бахусус кишоварзону пешоварон бори гарони андозро афзуда, вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии давлатро заиф сохта буд. Дар натиҷа вилоятҳои дигари шарқии Сосониён – Марв, Нисо, Марваруд, Ҳироту вилояти Сиистон то ба Сарахсу Машҳад аз ҷониби Ҳайтолиён забт карда шуданд. Акнун Сосониён аз соли 484 то ба солҳои 60-уми асри VI ба Ҳайтолиён боҷу хироҷи солиёна месупориданд.[6] Дар ин бора баҳсҳои илмӣ хеле зиёданд. Муҳим барои таҳқиқи мо таъсири номатлуби ин ҳодиса дар таърихи давлат аст. Ба назари мо давлати Сосониён пас аз ин шикасту ошубҳои ба дунболи он рухдода дигар ба худ наёмад.

---

[1] Рованди Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / М. Рованди. – Теҳрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1. – С.616.
[2] Исоматов, М. «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ [Матн]: пажуҳише андар муносибатҳои Сосониён ва Ҳайтолиён / М. Исоматов. – Душанбе: Сино, 1996. – С.78.
[3] Ғафуров, Б. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1983. – К.1. – С.265.
[4] Гоибов, Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию [Текст] / Г. Гоибов. – Душанбе: Дониш, 1989. – С.19.
[5] Исоматов, М. «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ [Матн]: пажуҳише андар муносибатҳои Сосониён ва Ҳайтолиён / М. Исоматов. – Душанбе: Сино, 1996. – С.78-84.
[6] Исоматов, М. «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ [Матн]: пажуҳише андар муносибатҳои Сосониён ва Ҳайтолиён / М. Исоматов. – Душанбе: Сино, 1996. – С.89.

Дар даврони ба сари қудрат омадани Балош, бародари ӯ Қубод, ки солиёни дароз бо Ҳайтолиён муносибати дӯстона дошт, дар кори подшоҳии ӯ мухолифат мекард. Пас Қубод дубора ба Ҳайтолиён паноҳ бурд ва миёни онҳо муносиботи дӯстонаи оилавӣ, (хоҳари Қубод – Фирӯздухтро шоҳи Ҳайтолиён ба занӣ гирифт) ба вуҷуд омад ва бо кумаки Ҳайтолиён Балошро сарнагун кард.

Дар давраи ҳукумати Балош ошӯбҳову исёнҳои мазҳабиву иҷтимоӣ авҷ гирифта, Маздак ва пайравони ӯ бо суръат ақидаҳои мазҳабиву иҷтимоии худро васеъ таблиғ мекарданд. Дар вазъияти бесуботӣ Қубод (487-498) бо ёрии Ҳайтолиён салтанатро ба даст даровард. Қобили зикр аст, ки заминаҳои зуҳури ҷараёни динӣ-сиёсии маздакия, пеш аз ҳама паст шудани зиндагии мардум бар асари хушксолии ҳафтсола ва гаронии боҷу хироҷи ба дӯши омма афтида буд. Мардумони роҳгумзада ғояҳои баробарӣ ва тақсимоти одилонаи молу сарватҳоро аз Маздак шунида, дар симои ӯ наҷотдиҳандаи хешро медиданд ва ба мазҳаби ӯ мегаравиданд.

Маздак ба пайравонаш талқин мекард, ки ният дорад ризқи офаридаи Худовандро дар рӯйи замин ба ҳамаи одамон баробар тақсим карда, дороии тавонгаронро ситонад ва ба дарвешону бенавоён диҳад, то ҳеҷ кас аз дигаре моли бештаре надошта бошад. Бо ҳамин васила нобаробариро аз миён бардошта, адолату инсофро пойдор ва зулму ситамро решакан созад, ки дар асл ба ҷуз аз орзу ва хаёли хом дигар чизе набуд.[1] Аммо сарфи назар аз ин таълимоти Маздак дар мавриди тақсимоти одилонаи сарватҳои моддӣ дар байни аҳолӣ нуфузи зиёд пайдо намуда, оммаи халқро бар зидди тавонгарону сарватмандон сафарбар намуданд. Аз сабаби он ки шумораи маздакиён дар маркази давлат ба 12000[2] расида буд, Қубод аз ҳаракати васеи иҷтимоӣ ба ҳарос омада, маҷбур гардид бо онҳо созиш намояд ва аз пайравони Маздак пуштибонӣ кунад.

---

[1] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.З. – С.113.
[2] Низомулмулк. Сиёсатнома [Матн] / Низомулмулк. – Душанбе, 1998. – С.186-187.

Пас аз марги Қубод табақаҳои ҳукмрон ва руҳониён Хусрави I (531-579)-ро ба шоҳӣ гумоштанд. Хусрави I дар рӯзҳои аввали ҳукмронӣ ислоҳоти замину хироҷро тарҳрезӣ намуд, ки аз ҷониби кишоварзону заминдорон дастгирӣ ёфт. Муҳаққиқи эронӣ Ровандӣ дар ин маврид қайд менамояд, ки Хусрав бо мақсади ташкили беҳтари артиш, беҳбуди вазъи занон ва фарзандони онҳо ислоҳот гузаронида, барои ҷилавгирӣ аз дахолати душманони беруна дар сарҳадот истеҳкомҳои бузургро ба вуҷуд овард.[1]

Хусрав баъд аз забти Сурия ва Антиохия дар соли 540 бо ҳукумати Рум шартномаи сулҳи 50-сола баста, дар баробари ин кӯшиш кард, ки байни императори «Чин дар соли 555 ва хоқони турк дар соли 560»[2] созишномаи муҳорибаи муштараку стратегӣ бар зидди душмани тавонои Сосониён – Ҳайтолиён баста шавад.

Тибқи маълумоти М.Исоматов дар ин давра Ҳайтолиён аз Шимолу Шарқи Афғонистон ба сарзаминҳои Ҳинд ҳуҷум оварда, Қандаҳору Синд, Панҷобу Рачастон, Малваю Сиёлкут, аксари воҳаҳои Ҳиндустони Шимоливу Ғарбӣ ва қисман марказиро бо водиҳои Гангу Ҷамна ва Қошғару Турфон, Хутан, қисмати ғарбии Туркистони Шарқиро бо сарзаминҳои ҷанубии Помир забт намуда, ба давлати бузурги худ асос гузошта буданд, ки бо шаҳодати пажӯҳандагон арзу тули давлати Ҳайтолиён ҳатто аз ҳудудҳои императории Кушон низ калонтар будааст»[3].

Даврони салтанати Хусрави Анӯшервон (531-579) яке аз дурахшонтарин давраҳои ҳукумати Сосониён ба шумор меравад.[4] Тадбиру кордонии Хусрави Анӯшервон боиси он гардид, ки мушкилоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Эрон аз байн рафта, ҳукумати муқтадири мутамарказ ба вуҷуд ояд.

Табарӣ, Балъамӣ, Низомулмулк, Масъудӣ, Саъолибӣ, Праф Купюс, Теодор Нёлдеке, Локк Ҳорт, Артур Кристинсен ва дигар муҳаққиқони

---

[1] Ровандӣ Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / М. Ровандӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1. – С.614.
[2] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3. – С.133.
[3] Исоматов, М. «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ [Матн]: пажуҳише андар муносибатҳои Сосониён ва Ҳайтолиён / М. Исоматов. – Душанбе: Сино, 1996. – С.95-96.
[4] История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1998. – Т.I.

муосир дар бораи шахсияти Хусрави Анӯшервон фикру ақидаҳои худро ба таври гуногун баён доштаанд. Баъди аз вафоти Хусрави Анӯшервон шукуҳу азамати шоҳаншоҳии Сосониён коста гардида, дар аҳди қудрати Ҳурмузи IV (579-590) аз шимол хунҳо, аз шарқ туркон ва аз ғарб румиҳо ба шоҳаншоҳии Сосониён сар даровардaнд.

Дар солҳои баъдӣ Ҳурмуз бо кумаки ҳарбии Баҳроми Чӯбин хунҳову турконро, ки сарзаминҳои Сосониёнро забт карда буданд, шикаст дод, вале дар муҳориба бо румиён Баҳроми Чӯбин шикаст хӯрд. Пас аз 10 соли шоҳаншоҳии Ҳурмузи IV саросари шоҳаншоҳии Сосониёнро мухолифатҳо фаро гирифтанд. Баҳроми Чубин чунин вазъиятро ба инобат гирифта, бо хоқони турк – Пармуда муносибатҳои дӯстона барқарор намуда, бо ёрии онҳо даъвои салтанат кард ва худро аз дудмони Ашконӣ муаррифӣ намуда, муқобили Ҳурмузи IV ҷанг эълон намуд. Абулқосим Фирдавсӣ моҷарои Баҳроми Чӯбинро бо Ҳурмуз дар «Шоҳнома» ба таври возеҳу равшан шарҳ додааст:

Чун озармҳо бар замин бар занем,

Ҳама бехи Сосон зи бум барканем.[1]

Аҳли дарбор ноуҳдабароии Ҳурмузро дида чашмони ӯро кӯр карда, ба ивази вай Хусрави Парвизро (590-628) шоҳ эълон карданд. Аз ин вазъияти мусоид Баҳроми Чубин истифода карда, дар соли 590 Тайсафунро муҳосира намуд. Пас аз тасарруфи Тайсафун Баҳроми Чӯбин сипоҳи худро пурра карда, барои забти қисматҳои шарқии давлати Сосониён – Нишопур, Балх, Марв ва Хуросон лашкари худро равона сохт.

Сипаҳро дирам доду аспу раҳӣ,

Ниҳонӣ ҳаме ҷуст ҷои меҳӣ.

Зи лашкар яке паҳлавонон баргузид,

Ки солори марзи Хуросон сазид.

Хуросон бад-ӯ дод бо лашкарӣ,

Нишопур бо Балху Марву Ҳарӣ…[1]

---

[1] Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]: иборат аз 9 ҷилд / Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8. – 592 с.

Аксари муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки Баҳроми Чӯбин дар як муддати кӯтоҳе, ки Тайсафунро идора мекард, аз номи худ сикка зарб кард. Ба қавли муҳаққиқи эронӣ Муртазои Ровандӣ «Бар тахт нишаст, тоҷ бар сар ниҳод ва аз номи худ сикка зад»[2]. Вале дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ зарбхонаҳо бо фармони Баҳроми Чӯбин ба номи Хусрав сикка бароварданро инъикос намудааст. Дар робита ба ҳақношиносиҳое, ки Ҳурмуз нисбат ба Баҳром раво дида буд, Баҳром нақша дошт Ҳурмузро сарнагун намуда, Хусравро валиаҳди ӯ эълон созад.

Бисозанду ороиш нав кунанд,

Дирам мӯҳр бар номи Хусрав кунанд.[3]

Вале Хусрави Парвиз бо ёрии императори Рум Маврикий, ки муносибатҳои дӯстона барқарор намуда (духтари Маврикий, Марямро ба занӣ гирифта буд)[4], бо ёрии сипоҳи онҳо ба муқобили лашкари Баҳром шӯриданд ва дар натиҷаи хиёнатҳои сарбозони Баҳром, лашкари ӯ шикаст хурда, пурра аз байн бурда шуд. Баҳроми Чӯбин ба қаламрави туркони Хуросон панаҳ бурд. Дар ин мувофақа Арманистон ва марзҳои шимолии Байнаннаҳрайн ба дасти румиён гузашт. Достони Баҳроми Чӯбина муфассал дар тарҷумаи Балъамӣ инъикос ёфтааст. Ба назари мо дувумин зарбаи ҳалокатбор бар шоҳаншоҳии Сосониён, ошуби Баҳроми Чӯбина буд, ки дар назди мардуми кишвар азамату ҷойгоҳи хонаводаи салтанатиро зери суол бурд. Агар ба давраи баъдии таърихи Сосониён назар андозем хоҳем дид, ки ҳатто ашрофи дарбор нисбат ба хонаводаи ҳукуматгар беэҳтиромӣ зоҳир карда, даъвогарони тоҷу тахт низ хеле зиёд гаштанд. Ин дар навбати худ аз дигар авомили фурӯпошии давлат дар баробари ҳуҷуми бегонагон гардид.

Охирин намояндаи нисбатан қудратманд дар хонадони сосонӣ Хусрави Парвиз (590-628) буд, ки даврони ҳукуматаш бо ҷангҳи тулонии бенатиҷа ва зиддиятҳои дохилӣ сипарӣ шуд. Фирдавсӣ кушта шудани ин шоҳаншоҳ ба

---

[1] Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]: иборат аз 9 ҷилд / Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8. – С.590.
[2] Ровандӣ Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / М. Ровандӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1. – С.621.
[3] Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]: иборат аз 9 ҷилд / Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8. – С.590.
[4] Балъамӣ Абуалӣ. Таърихи Табарӣ [Матн] / А. Балъамӣ. – Теҳрон: Алҳудо, 2001. – Ҷ.I.II. – С.615.

дасти писараш Шируяро намунае аз зиддиятҳои ошкорои дарбори сосонӣ медонад[1]. Баъд аз кушта шудани Хусрави Парвиз дар тули чаҳор соли байни марги ӯ ва оғози шоҳаншоҳии Яздигурди III – охирин шоҳаншоҳи Сосонӣ, 10 подшоҳ бар тахти Эрон нишаст. Ба қавли Табарӣ Ширӯя (627-629) – писари Хусрави Парвиз пас аз қатли падари худ ба сари ҳокимият омад. Ҳирси ҷоҳталабӣ дар Ширӯя чунон асар карда буд, ки бо маслиҳати Фирӯзи вазир ва тарғиби омили хироҷи давлат Марзин ҳабдаҳ[2] бародари худро ба қатл расонд. Ширӯя шахси бемаърифату бедонише буда, ба низоми идорӣ ва сиёсии кишвар аҳаммият намедод ва дар рӯзҳои аввал аз тарафи душманони тарғибгар ба решаи шоҳаншоҳии бузурги Сосониён теша зад ва ҳар касеро, ки аз хонадони Сосониён ба даст меовард, мекушт. Баъд аз куштори дудмони бузурги Сосонӣ худи Ширӯя баъд аз ҳашт моҳи ҳукмронӣ аз олам гузашт.

Бо марги Ширӯя дар байни хонадони Сосониён дигар шахсе набуд, ки вориси тахти шоҳӣ гардад. Аз ин рӯ, Ардашери III-ро (629-631), ки ҳафтсола буд, ба шоҳаншоҳӣ гумошта, Маҳозари Ҷушнасро, ки солори сипоҳ буд, сарпарасти ӯ таъйин карданд. Дар ин муддат Шаҳрбароз (Шаҳрэрон)[3], ки солори лашкари Хусрав дар сарҳади Рум буд, даъвои ҳукумат карда, ба муқобили Ардашери III лашкар кашид. Шаҳрбароз бо роҳи фиребу найранг Тайсафунро тасхир карда, бо фармони ӯ Ардашери III кушта мешавад. Пас аз қатли Ардашери III, ки тули як солу шаш моҳ шоҳӣ карда буд, Шаҳрбароз худро шоҳаншоҳ эълон намуд.

Дар таърихномаи Табарӣ Шаҳбароз бо номи Фархонмоҳ низ омадааст, ки ӯ дар баробари соҳиб шудан ба тахти шоҳӣ бо мардумон ранҷи бисёр раво дида, аз тарафи нигаҳбонони хеш Фасфурӯғ ва бародаронаш, ки ҳанӯз аз шоҳии ӯ чил рӯз нагузашта буд, кушта шуд.[4] Мувофиқи хулосаҳои муҳаққиқон, аз ҷумла, пажӯҳишгари асосии таърихи Сосониён А.

---

[1] Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]: иборат аз 9 ҷилд / Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8. – 592 с.
[2] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.II. – С.779.
[3] Балъамӣ Абуалӣ. Таърихи Табарӣ [Матн] / А. Балъамӣ. – Теҳрон: Алҳудо, 2001. – Ҷ.I.II. – С.650-651.
[4] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.II – С.782.

Кристинсен, дар тамоми ин низоҷу кашмакашҳои дарборӣ ва табаддулотҳо дахолати коҳинони зардуштӣ ошкоро ба мушоҳида мерасид[1].

Мувофиқи маълумоти «Зайну-л-ахбор»-и Гардезӣ: «Яздиҷурд охирини мулуки Аҷам буд ва понздаҳсола буд ва бисту ду рӯз аз хилофати Абӯбакри Сиддиқ гузашта буд, ки ӯ ба подшоҳӣ нишаст».[2] Сарнавишти ин шоҳи беиқболу оворaро муҳаққиқ А. Кузнетсов (А.Кузнецов) дар як пажӯҳиши ҷудогона тасвир кардааст, ки бештар аз ривояту афсонаҳои мардумӣ таркиб ёфтааст.[3]

Яздигурди III ҷавони бетаҷриба аз уҳдаи идоракунии як империяи бузурги Сосонӣ набаромад. Зодӣ вазири бузург, ки сарпарасти ӯ буд ба сиёсати хориҷии давлат камтар аҳаммият медод. Дар муддати 4 соле, ки подшоҳони зиёд ба тахт нишастанд, нуфузи сиёсии Сосониён дар арсаи байналмилалӣ коста гардида, сабабгори заиф гардидани пояи давлати Сосониён шуд. Бо истифода аз ин вазъ душманони дохиливу хориҷӣ ба муқобили ҳокимияти Сосониён сар бардоштанд. Баъд аз 4 соли подшоҳии Яздигурд арабҳо дар ҷануб, ки бо зуҳури дини ислом қувват гирифта буданд, ба шоҳаншоҳии Сосониён ҳамла менамуданд. Яздигурди III дар симои императори Чин ягона начотдиҳандаи худро дида, ҳангоми ҳамлаҳои нахустини арабҳо «…амвол ва хазинаи хешро ҳамроҳи гуруҳе аз шоҳзодагон ба Чин фиристонид»[4]. Баъди фурӯпошии империяи Сосониён ва марги Яздигурди III писари ӯ «Фирӯз, ки ба дарбори Фағфур паноҳ бурда буд, бо дастгирии Фағфур дар соли 662 ба ҳокими ноҳияи Тахористон ва писари дигари Яздигурд – Нарсӣ»[5] ба мансаби сарлашкари Фағфур расида, барои ба даст овардани ҳокимияти аздастрафта талошҳои зиёд карданд, вале нақшаҳои Фирӯз амалӣ нагашта, Тахористон дар муддати кутоҳ аз тарафи арабҳо забт карда шуд.

---

[1] Кристинсен Артур. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристинсен; тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. – Теҳрон, 1332. – С.254.
[2] Гардезӣ Абӯсаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуд. Зайну-л-ахбор [Матн] / А. Гардезӣ; бо муқобала ва таълиқоти Абулҳай Ҳабибӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1347 ҳ.ш. – Ҷ.2. – С.40.
[3] Кузнецов, А. Последний правитель Ираншахра [Текст] / А. Кузнецов. – М., 1990.
[4] Озарӣ Алоуддин. Таърихи равобити Эрону Чин [Матн] / А. Озарӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – С.53.
[5] Ҳамон ҷо. – С.54.

Ҳамин тавр, бо ончӣ гуфта шуд, ба хулосае мерасем, ки сабабҳои суқут ва фурӯпошии империяи Сосониён омилҳои зиёде дошт, ки муҳимтарини онҳо ба андешаи мо инҳоянд:

1. Вазнин будани вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ;

2. Зиёд шудани нуфузу дахолати муъбадон (руҳониёни зардуштӣ) дар умури давлатдорӣ;

3. Бархурдҳои дохилимазҳабӣ, бахусус миёни зардуштиёну яҳудиёну масеҳиён дар қисматҳои ғарбию марказӣ ва байни зардуштиёну буддоиён дар қисмати шарқии шоҳаншоҳӣ;

4. Дар кишвар ба вуҷуд омадани қувваҳои марказгурез;

5. Парокандагии сиёсӣ пас аз марги Хусрави Парвиз;

6. Ривоҷи фасоду ришвахорӣ дар дохили давлат.

Дар қисмати Тахористону Суғд ва Мовароуннаҳру Хуросон аз таъсири нуфузи заифгаштаи Сосониён истифода намуда, хонҳои турку фағфури Чин вазъияти сиёсии минтақаро ноором намуда буданд. Ба ақидаи муаррихи намоёни тоҷик Ҳақназар Назаров “иллати дигаре, ки муқовимати ҳокимони маҳаллии Хуросонро нисбат ба истилои арабҳо хафиф ва заиф сохта буд, иборат аз он буд, ки онҳо мехостанд дар муқобили ҳамла ва ҳуҷумҳои пай дар пайи хонҳои Турк ва Чин, ки боиси харобӣ ва қисман талаю торочи сарзамини Мовароуннаҳру қисмҳои шарқии Хуросон гардида буданд, аз неруи қаҳҳор ва тозадами арабҳо истифода намоянд ва чунон ки раванди минбаъдаи таърихи ин давра нишон дод, ин тадбиру сиёсат беҷову бемаврид набуд ва натиҷаҳои судманде оварда, онҳо аз тохтутозҳои доимии туркҳо начот ёфтанд”.[1]

Яке аз сабаби дигари шикасти шоҳаншоҳӣ аз лиҳози сиёсӣ дар он зоҳир меёбад, ки мувофиқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ҳанӯз дар замони Хусрави Анӯшервон мансаби сипаҳбад ё сарлашкарӣ лағв шуда, шоҳаншоҳӣ ва сипоҳ ба чор минтақа аз қабили Шарқ – Сиистон, Хуросон Мовароуннаҳр ва Тахористон; Шимол – Рай, Ҳамадон, Наҳованд ва Исфаҳон; Ғарб – Ироқ

[1] Назаров, Ҳ. Авомили сууд ва сукути давлати Сомониён [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Ирфон, 1999. – С.7.

ва сарҳадоти марзии Византия ва Яман; Ҷануб – Форс, Кирмон, Аҳвоз ва соҳилҳои Халиҷи Форс[1] тақсим карда шуд, ки дар ояндаи наздик сипаҳсолорони ин минтақаҳо дар марҳилаҳои барои ҳукумати марказӣ душвору ногувор марказгурезӣ намуда, ҳокимияти худро мустақил эълон менамуданд. Дар маҷмуъ, ислоҳотҳои Хусрав дар ибтидо барои шукуҳу шаҳомат ва қудрати ҳукумати марказии шоҳаншоҳӣ хизмати мусбат карда бошанд ҳам, ба зудӣ боиси бесуботӣ ва ноамнии ҷомеа гардида, ниҳодҳои суннатии сиёсӣ ва дифоии шоҳаншоҳиро аз байн бурданд.

Аз ҷониби дигар, дар баробари ба қисмҳои ҷуғрофӣ тақсим намудани ҳудудҳои шоҳаншоҳӣ, иштибоҳи дигари сиёсии Хусрави Анушервон дар он зоҳир мегардид, ки артиши худро аз ҳисоби асирони ҷангӣ ва ёғиҳо созмон медод, ки мувофиқи маълумоти Табарӣ сипоҳи ҳирфаӣ пас аз Хусрави I ва II-юм дар ҳарҷу марҷ ва нобудии шоҳаншоҳии муқтадир кӯшиданд ва онро ба завол оварданд.[2]

Пас аз таҳлили маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ба хулоса меоем, ки дар арафаи ҳуҷумҳои арабҳо вазъи сиёсии давлати Сосониён ниҳоят муташаннич гашта, маҳз дар ҳамин давра шоҳон, таҳти хатари суқут қарор доштанд ва марзбонони вилоятҳои сарҳадӣ умеди худро аз давлати марказӣ канда буданд ва дигар ба ҳукумати марказӣ итоат намекарданд.

Ҷангҳои хунин ва пайдарпайи Хусрави Парвиз нуфузи қудрати давлат ва хазинаи Сосониёнро хароб намуда, қудрати заминдорони калон, ки аз ғароматҳои беҳисоб ва бахшишҳои бедареғ баҳра мегирифтанд, рӯ ба боло бурд. Баъд аз Хусрави Парвиз Ширӯя хонадони хусравонро аз шоҳзодагони лоиқу тавоно, ки дар рӯзи сахтӣ метавонистанд низоми давлатро ба дасти худ гиранд, холӣ намуд ва аҳли дарбори молу ҷоҳпараст ва заифи Хусравро бозичаи дасти хеш карда буд. Чунин заифӣ ва нотавонӣ ба дастгоҳи ҳукумат

---

[1] Абуалии Мискавайҳи Розӣ. Таҷорибу-л-умам [Матн] / М. Розӣ; тарҷумаи Абулқосим Имомӣ. – Теҳрон, 1369. – С.292.; Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.II. – С.646.; “Шоҳнома”-и Саолибӣ [Матн]. – Душанбе, 2014. – С.293.

[2] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.II. – С.647.

роҳ ёфта буд, ки шоҳаншоҳии азими Сосониро аз дохил бесубот мекард. Дар салтанати кӯтоҳи Ширӯя сирояти тоъун (бемории вабо -Т.Ғ) падид омад ва дар натиҷа қисми зиёди аҳолӣ ва сипоҳи азими сосонӣ талаф ёфт.[1] Пайвастагии зичи дину давлат муъбадонро мудохилаҷӯй ва қудратталаб намуда буд ва баъзе аз бузургу заминдоронро хашмгин ва омодаи қабули ойини исавӣ ва ҳар дини дигар карда буд.

Заминдорони калон ғуломонро бениҳоят истисмор намуда, дар ҷангҳо онҳоро аз паси аспсаворони хеш мебурданд, ки гӯё онҳо ҷовидона ба марг маҳкум шуда бошанд. Даврони салтанати подшоҳони баъд аз Хусрави Парвиз ба қудрат омада, даврони суқути тадриҷии давлати Сосониён ба шумор мерафт. Ҳеҷ як аз шоҳони ин силсила маҷоли онро надоштанд, ки мулки ошуфтаву фарсударо ором намоянд. Язидгурди III низ наметавонист ба ҳукумате, ки дар он 10-12 шоҳи дар муддати чаҳор сол шоҳаншоҳӣ карда ва кишварро ба нотавонӣ оварда расонида буданд, ҷони тоза бахшад.

Дар ибтидои давлатдории Сосониён то замони Хусрави Анӯшервон ва баъд аз ҳукмронии ӯ ашрофон, дарбориёну руҳониён, ки ба ивази хизмат молу мулк, замин, қудрат ва ҳашамати зиёдро ба даст оварда буданд, ҳар подшоҳеро мехостанд барканор месохтанд ва шоҳзодагони мувофиқи табъи хешро ба тахти салтанат мешинонданд. Хонадони Сосонӣ дигар қудрат надошт ва ҳар қадар ҳашамати он коста мегардид, мақоми руҳониёну дарбориён ва сипоҳиёну заминдорони калон меафзуд. Густохии бузургону сардорони вилоятҳо ба он оварда расонд, ки дигар ҳеҷ кас наметавонист ба қолаби фарсудаи давлат руҳи тоза бахшад.

Дигар сабабҳо ва ҷанги Қодисия, ки навмедию заифии лашкари Эронро дар муқобили арабҳо нишон дод, дар воқеъ сарнавишти баъдинаи мардуми Байнаннаҳрайнро муайян кард ва пас аз он дарвозаи Тайсафун ва роҳи ҳамаи шаҳрҳои Эронро барои арабҳо боз намуд.

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.II. – С.780.

Ҳар қавму хонадонҳои бузург, ки суқуту заволи Сосониёнро ногузир мешумурданд, барои нигаҳдории ҳайсият ва қудрати хеш дар фурсати мувофиқ ба Сосониён хиёнат мекарданд. Ҳамон воқеаи сарнавишти охирин шоҳи Ҳахоманишӣ дар марҳилаи фурӯпошии он ба вуқуъ пайваста буд, дубора дар замони Яздигурди III такрор ёфт. Дар ҳамон минтақае, ки Дорои III ба қатл расида буд, охирин шоҳаншоҳи Сосонӣ низ бо дасти марзбонони худ кушта гардид.

Шоҳаншоҳии аз нигоҳи сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангию мазҳабӣ заифгаштаи Сосониён ночор ҷои худро ба ойину дини нав – ислом дод, ки он ниҳодҳои одии моддию маънавиро пайравӣ мекард. Ҳуҷумҳои пайдарпайи арабҳо дар ғарби кишвар ва шикастҳои бебозгашти форсҳо дар набардҳои аввалин, забти Қодисия ва Наҳованд қисмати ғарбии шоҳаншоҳии Сосониёнро комилан тобеи арабҳо намуд.

Бо шикасти Ҳайтолиён дар охири асри VI ва ибтидои асри VII дар ҳудуди Тахористон – (Мовароуннаҳр) ду ҳоқонии туркӣ – ҳоқонии шарқӣ ва ҳоқонии ғарбӣ таъсис ёфта бошад, ҳам амалан дар ин минтақа 27 мулки мустақил ва ниммустақил арзи вуҷуд карда[1], худро соҳибихтиёр ва ба ҳоқонат турк итоат намекарданд. Ин парокандагӣ низ дар арафаи забткориҳои арабҳо сабаби муваффариятҳои арабҳо дар минтақа гардид.

Ахбори сарчашмаҳои асосӣ, сарфи назар аз он ки дар замону макони гуногун офарида шудаанд, дар як масъала иттифоқи назар доранд, ки он нотавону заиф шудани бузургтарин қудрати сиёсию низомии асрҳои III-VI Шарқи Наздику Миёна шоҳаншоҳии Сосониён аст. Бештари муҳаққиқони таърихи ин давра низ пирӯзии минбаъдаи фотеҳони аз нимҷазираи Арабистон расидаро нишоне аз пирӯзии ойини сода вале бо барномаҳои наву дур аз бартариҷӯиҳои табақотӣ бар ойини куҳнаву дар инҳисори гуруҳи андаки муъбадони фосид қарордошта медонанд.

[1] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I. – С.299-300.

§2.2. Ваъзи иҷтимоӣ ва иқтисодии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи ҳамлаи арабҳо

Ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ва натиҷаи таҳқиқоти донишмандон вазъи умумии Сосониёнро дар остонаи ҳамлаи арабҳо душвору печида ва буҳронӣ тасвир кардаанд. Дар ҷомеаи эронии аҳди Сосониён ихтилофоти шадиди табақотӣ вуҷуд дошт. Пас аз устувор гардидани пояи давлат онҳо нисбат ба табақаҳои иҷтимоӣ сиёсати наверо пеш гирифтанд, ки мутобиқи он мақому мавқеияти табақаҳои болоӣ мушаххас гардида, онҳо аз оммаи мардум ва табақаҳои поёнии ҷамъият боло гузошта шуданд. Инчунин дар ин давра аз мулкҳои тасарруфгардида, хироҷу товонҳои гарони ҷангӣ ба хазинаи Сосониён ворид мегашт, ки он вилоятҳоро бештар дилсард мекард.

Дар чунин вазъияте, ки оромии иҷтимоӣ саросари шоҳаншоҳиро фаро гирифта буд, Монӣ ва дини монавия зуҳур кард. Таҳқиқоту далелҳои таърихӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки то замоне дини зардуштӣ тафаккури оммаи халкро аз лиҳози иҷтимоиву маънавӣ қонеъ карда метавонист, зарурати пайдоиши ҷараёну равияҳои нави мазҳабӣ вуҷуд надошт. Бар асари ин омилҳо Монӣ ба таъқиби сахти шоҳаншоҳони Сосонӣ гирифтор шуда, ҷараёни монавия, ки дар ибтидо тарафдорони зиёд дошт, баъд аз чанде мавриди фишори шадиди шоҳони Сосонӣ қарор гирифта, соли 278 мелодӣ саркӯб гардид. Бар пояи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ва натиҷаи таҳқиқоти олимони хориҷӣ метавон ба хулосае расид, ки даъвати Монӣ нахустин талош дар роҳи омезиш додани андешаҳои гуногуни динӣ ва берун кардани ойини зардуштӣ аз тангнои андешаи як қавм (ориёиҳо) мебошад.

Баъд аз шоҳаншоҳии Яздигурди I ашрофону заминдорони калон барои паст кардани нақшу мақоми шоҳаншоҳ ва баланд бардоштани ҳуқуқҳову имтиёзҳои худ дар ҷомеаи эронӣ муқобилияти шадид нишон доданд. Миқдори зиёди шоҳоне, ки пас аз Яздигурди I ва Фирӯз ҳукмронӣ намуда буданд, аз сабаби ноуҳдабароӣ вазъи иҷтимоии мардумро ба табоҳӣ оварда буданд. Дар аҳди ҳукмронии Фирӯз дар баробари ихтилофоти мазҳабӣ, қаҳтӣ

ва хушксолии ҳафтсола ба харобшавии вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии давлат сабаб гардиданд.[1] Хушксолии ҳафтсолае, ки дар замони ҳукмронии Фирӯз ба амал омад, вазъияти иҷтимоию иқтисодии кишварро сангин сохта, хазинаи давлатро холӣ намуд.

Лашкаркашиҳои бебарори Фирӯз ба муқобили Ҳайтолиён хазинаи давлатро комилан холӣ намуда, бар дӯши халқ, бахусус кишоварзону пешоварон бори гарони андозро афзуда, вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии дохилӣ ва хориҷии давлатро ба касодӣ овард. Дар натиҷаи заиф шудани давлат қисмати шарқии империяи Сосониён Марву Нисо, Ҳирот то ҳудудҳои Сарахсу Машҳад[2] аз тарафи Ҳайтолиён тасарруф карда шуд. Инчунин дар ин давра мавқеи ашрофон ва саркардаҳои руҳонӣ, мулкӣ ва низомии кишвар ниҳоят баланд гашта, ба умури идории дастгоҳи ҳукумат ва сохти давлатдории Сосониён мудохила мекарданд.

Дар чунин вазъияти мураккаби сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии баамаломада, ки саросари давлатро буҳронҳои доманадор фарогир буд, писари Фирӯз Қубод ҳамчун шахси ҷиддӣ ва масъулияттшинос қудрати давлатро ба даст гирифта, мавқеи ҳукуматро мустаҳкам намуд ва ба рушду инкишофи ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат мусоидат кард.[3]

Дар замоне ки қисматҳои ғарбии шоҳаншоҳии Сосониёнро буҳрони азими иҷтимоиву иқтисодӣ фарогир буд, дар қисмати шарқии он бо сабаби пайдоиши муносибатҳои феодалӣ ва зуҳури заминдорони калон мавқеи заминдорони хурд танг шуда, аҳволи оммаи мардуми одӣ хеле бад гардида буд.[4]

Пас, аз кушта шудани Фирӯз тамоми сарзамини Сосониёнро парокандагии сиёсӣ, буҳрони азими иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва мазҳабӣ фаро гирифта, сабаби сар задани ҷунбиши азими иҷтимоӣ дар қаламрави Сосониён

---

[1] Табарӣ. Таъриху-русули ва-л-мулук [Матн] / Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда; бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. – Душанбе: ЭМТ, 2014. – Ҷ.I. – С.574.
[2] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3. – С.110.
[3] Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Пайванд, 2005. – С.114.
[4] История Узбекской ССР [Текст]. – Ташкент: Фан, 1967. – Т.I. – 769 с.

гардид. Ин ҷунбиш зери ливои наҳзати Маздак сурат гирифта, ҳадафи он аз байн бурдани руҳониёни мутаассиби зардуштӣ, заминдорони калон ва соҳибмансабони давлатӣ буд, зеро худсарӣ ва худхоҳии табақаҳои аъёну ашроф ба ҳадде расид, ки онҳо на танҳо ба ҳукумат итоат намекарданд, балки ҳукуматро ба бозичаи дасти худ табдил дода буданд.[1]

Ба хотири беобрӯ ва паст кардани нуфузу мавқеи заминдорони калон, руҳониёни бонуфуз ва ҳокимони маҳаллӣ, ки дар айёми хушксолӣ ва салтанати Фирӯз сарватманд шуда буданд, Қубод дар ибтидо аз ғояву андешаҳои маздакиён пуштибонӣ намуд. Бар асари хушксолии ҳафтсола, қаҳтӣ ва андозҳои гарон, ки бори сангинро ба дӯши табақаҳои мазлум оварда буданд, табақаҳои поёнии ҷомеаи эронӣ дар симои Маздак ягона начотдиҳандаи худро медиданд ва ба мазҳаби ӯ мегаравиданд то бо ӯ ҳамроҳ бошанд.[2] Дар кӯтоҳтарин замон маздакия аз ҳисоби мардумони мазлум тарафдорони зиёд пайдо намуда, аз ҳукумати марказӣ «баробарии иқтисодӣ ва адолати иҷтимоӣ»[3]-ро талаб мекарданд. Бесабаб нест, ки Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и худ талаби баробарии иҷтимоиву иқтисодии Маздакро чунин тавсиф карда буд:

Ҳамегуфт: Ҳар к-ӯ тавонгар бувад,
Тиҳидаст бо ӯ баробар бувад.
Зану хонаву чиз бахшиданист,
Тиҳидаст кас бо тавонгар якест.
Ман инро кунам рост бо дини пок,
Шавад вижа пайдо баланд аз маҷок.[4]

Табақаҳои ашроф, ходимони дин, дабирон ва сипоҳиён асосан аз ҳисоби деҳқонону пешоварон зиндагӣ карда, ҳаргиз тавонгару доно шудани онҳоро намехостанд. Ин тафриқаи табақотӣ ва иҷтимоӣ оқибат мардуми фақиру

---

[1] Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Пайванд, 2005. – С.122-123.
[2] Балъамӣ Абуалӣ. Таърихи Табарӣ [Матн] / А. Балъамӣ. – Теҳрон: Алҳудо, 2001. – Ҷ.I.II. – С.530-531.
[3] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3. – С.121.
[4] Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]: иборат аз 9 ҷилд / Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8. – С.59.

нодорро бар зидди онҳо барангехт ва инқилоби шадиди динию иҷтимоии маздакиёнро падид овард.[1] Ақидаҳои иҷтимоии маздакия идеяи пешрафтаи Эрони даврони Сосониён маҳсуб гашта, алайҳи ашхосе равона шуда буд, ки дар ҳарами худ садҳо ва ҳазорҳо занонро зӯран нигоҳ медоштанд.[2]

Пешниҳодҳои зиёди Маздак барои барҳам задани буҳрони иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар аввал аз ҷониби Қубод дастгирӣ ёфт, зеро гуфтаҳои Маздак барои пурра ба даст овардани давлат ва мустаҳкам гардонидани пояҳои он ва начоти мардуми бенаво хеле мувофиқ буданд. Пайравӣ ва наздикии Қубод бо Маздак ба он овард, ки ҷонибдорони равияи маздакия дар саросари кишвар зиёд гашта, ғаллаю хона, сармоя ва дигар боигарии тавонгарону ашрофонро мусодира менамуданд ва нуфузу эътибори руҳониёну ашрофон ва ҳокимони маҳаллиро паст месохтанд. Лекин новобаста ба ин табақаҳои болоӣ тавонистанд Қубодро аз шоҳаншоҳӣ бартараф сохта, бар ивази вай бародараш Ҷомоспро шоҳаншоҳ эълон намоянд. Баъди дубора ба тахт расидани Қубод бо ташфиқи зиёди руҳониён сиёсати худро нисбат ба мазадкиён тағйир дод, зеро Маздак дар охир ақидаҳое пешниҳод мекард, ки хилофи ҷомеаи табақотии он вақта буда, мавқеи ашрофон ва давлатдоронро танг мекард.

Маздак тақсимоти баробарии молро миёни мардумон, ки ҳама “бандагони Аҳрумаздо ва фарзандони одаманд”, тарғиб карда, ба ислоҳоти дигари иҷтимоӣ-оилавӣ низ даст зад, ки аз тарафи Қубод ва донишмандони ҷомеа дастгирӣ наёфт ва боиси таъқибу озори маздакиён гардид. Табарӣ ҳукми асосии Маздакро дар бораи ислоҳоти иҷтимоӣ-оилавӣ чунин баён менамояд: «Занони шумо чун хостаи шумост, бояд ки занонро низ моли якдигар шиносед ва ҳар киро ба зане рағбате афтад ба ӯ гирд ояд ва рашку

[1] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.З. – С.121.
[2] Табарӣ. Таъриху-русули ва-л-мулук [Матн] / Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда; бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. – Душанбе: ЭМТ, 2014. – Ҷ.I. – С.582.

ҳамият дар дини мо нест. Ва чизе нагузашт, ки кас фарзанди хеш нашинохт ва фарзанд падари хеш надонист ва ҳеҷ кас молики чизе набуд»[1].

Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ба такя ба ин нақл ва гуфтаҳо муколамаи Маздак бо руҳониёни зардуштиро дар мавриди ислоҳотҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва оилавӣ ба тариқи зайл инъикос намудааст:

Чунин гуфт мубад ба пеши гурух,

Ба Маздак, ки эй марди донишпажӯҳ.

Яке дини нав сохтӣ дар ҷаҳон,

Ниҳоди зану хоста дар миён.

Чӣ донад писар к-аш кӣ бошад падар,

Падар ҳамчунин чун шиносад писар.[2]

Агар ин ду иқтибос ба гуфтаҳои Маздак ва сарчашмаҳои аслии гуфтори ин “марди донишпажӯҳ” мутобиқат намояд, ҳадафи вай аз байн бурдани низоми авлодии давлатдорӣ ва ҷомеаи табақотиву анъанавии замони Сосониён буд. Пас аз ибрози чунин ақидаҳо маздакия аз тарафи руҳониёну ашрофон, ки баробарии иқтисодиву иҷтимоии Маздакро намехостанд ва хусусан аз ҷониби писари зираку донои Қубод, Хусрави Анӯшервон саркӯб гардид.

Аз ӯ номвар даст бистуд ба хашм,

Ба тундӣ зи Маздак битобид чашм.[3]

Ҳамин тариқ, Маздак дар таърихи ҳаракатҳои иҷтимоӣ, яке аз нахустин шахсест, ки бо ақидаҳои худ ба он моҳияти инқилобӣ бахшида, неруи тавонои оммаи барошуфтаро бо таълимоти динию фалсафӣ асоснок кард ва онро дар муқобили подшоҳону тавонгарони дорои силоҳу сипоҳи бешумор, ки аз ҳисоби андози мардумони одӣ зиндагӣ мекарданд, гузошта тавонист.[4] Дар маҷмуъ монавиён ва махсусан маздакиён на танҳо нуктаҳои сусту заифи

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.II. – С.640.

[2] Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]: иборат аз 9 ҷилд / Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8. – С.63.

[3] Ҳамон ҷо. – С.61.

[4] Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Пайванд, 2005. – С.123.

зардуштияро ҳамчун дини расмии кишвар кашф карданд, балки нуқсонҳои сохти иҷтимоию сиёсии Эрони сосониро дар доираи далелу бурҳони раднопазир ошкор сохтанд.[1]

Ба тахти салтанат нишастани Хусрави I Анӯшервон (531-579) давраи азамат ва шукуҳи дубораи империяи Сосониён ба шумор меравад. Хусрави Анӯшервон охирин ситорае буд, ки дар уфуқи Эрони бостон дурахшид. Эрони сосонӣ баъд аз гузашти ӯ ба воситаи ҷонишинони ӯ ва ваҷҳҳои дигар босуръат рӯ ба таназзул овард. Ислоҳотҳои вориднамудаи ӯ дар умури дохилии Эрон руҳи ҷадиде ба тани фарсудаи Эрон дамид ва Эронро беш аз мартабаи аввала барқарор кард.[2] Пас аз ислоҳот дар низоми ҳарбӣ Хусрав бо ҳукумати Рум паймони сулҳи доимӣ ба имзо расонида, ба беҳтар кардани вазъи иқтисодиву иҷтимоии кишвар пардохт.[3]

Ислоҳотҳои Хусрави I давлати аз лиҳози иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва низомӣ касоду заифгардидаи Сосониёнро наҷот бахшид, ки дар натиҷа идоракунии мулк рӯ ба беҳбудӣ оварда, буҳрони иҷтимоиву иқтисодии баамаломада бартараф гардид.

Хусрави Анӯшервон низоми ситонидани андозро ба роҳ монд, ки аз ҳисоби шумораи дарахтони мевадиҳанда, аз ҷумлаи хурмо ва зайтун пардохт мегардид. Ин шакли андозситонӣ, ки бо номи «сарона» машҳур буд, аз ҳар ҷиҳат барои боғдорон муфид буд. Инчунин Хусрави Анӯшервон шаклҳои андозбандиро аз замин тағйир дода, “хирог” (хироҷ) ва “гезит” (ҷизя)-ро ба расмият даровард.[4] Ислоҳоти Хусрав дар соҳаи заминдорӣ боиси пешравии кишоварзӣ гардида, сабаби қавӣ гардидани хоҷагидории деҳқонии озод шуд. Ин амал “пеш аз ҳама боиси ҳисобу китоби заминҳои зироатӣ ва боғот

[1] Васильев, Л.С. История Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: История, 1998. – Т.I. – С.141.
[2] Пирниё Ҳасан. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Сосониён [Матн] / Ҳ. Пирниё. – Теҳрон: Хайём, 1370. – С.218-219.
[3] Рованди Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / М. Рованди. – Теҳрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1. – С.615-616.
[4] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3. – С.123.

гардида, молияи як ҷариб замин (0,2 га) аз заминҳои зироатӣ як дирҳам, аз боғот 8 дирҳам таъйин карда шуд”.[1]

Андози «сарона» бо назардошти вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз мардони 20-сола то 50-сола дар ҳаҷми 12, 8, 6, 4 дирҳам муқаррар шуда буд. То ин дам андозсупорӣ ба таври табиӣ (натуралӣ) аз ҳосили бадастомада супорида мешуд, вале дар замони Хусрави I ин андоз ба таври нақдӣ, яъне бо нуқра ситонида мешуд, ки ин амал аҳволи оммаро дар охир хеле бад кард.[2] Ба замми ин шароити деҳқононе, ки ҳосили хуб ба даст оварда наметавонистанд, ба назар гирифта намешуд. Баъди тағйири низоми нави пардохти андози сарона, даромади хазинаи подшоҳ зиёд гардида он барои нигаҳдории дарбори боҳашамат, лашкари зархарид, маош ва нафақаи амалдорону руҳониён, мукофотҳо ба заминдорон сарф карда мешуд ё ин ки ба хазинаи подшоҳӣ ворид мегардид.[3] Чунин усули банақшагирии андози сарона ва аз пардохти он озод будани хонадонҳои бузургону ашрофонро Табарӣ чунин баён менамояд: “Бар ҳамаи мардум хироҷи сарона ниҳоданд, ба ҷуз аҳли хонадонҳои бузург ва ҷанговарон ва ҳирбадон ва дабирон ва онҳо, ки ба хидмати шоҳ буданд ва онро чанд табақа карданд, дувоздаҳ дирам ва ҳашт дирам ва шаш дирам ба андозаи тавонгарӣ ва тангдастии мардум ва ба камтарин аз 20-сола ва бештараш аз 50-сола сарона наниҳоданд”[4].

Дар натиҷаи ҷангҳои пайдарпай байни Эрону Рум дар охири давлатдории Хусрави I императории Рум шикаст хӯрда, ғаниматҳои зиёди ҷангӣ ба Эрон доданд. Дар баробари ин давлати Ҳайтолиён аз байн рафта, туркҳои он тарафи Ҷайҳун ба ҷойю макони худ расиданд ва ҳабашҳо комилан аз Яман ронда шуда, Эрони Сосонӣ ба авҷи азамати худ расид.[5]

---

[1] Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Пайванд, 2005. – С.115.
[2] Всемирная история [Текст]: в 10 томах. – М.: Госполитиздат, 1957. – Т.III. – С.99.
[3] Ҳамон ҷо. – С.99.
[4] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.II. – С.703.
[5] Пирниё Ҳасан. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Сосониён [Матн] / Ҳ. Пирниё. – Теҳрон: Хайём, 1370. – С.218.

Баъд аз он ки Ҳурмузи IV (579-590) ба қудрат расид, байни Эрону Рум аҳдномаи сулҳ баста шуд ва дар натиҷа вазъи иҷтимоиву иқтисодии Эрон ором гирифт. Руми Шарқӣ бошад дар ҳолати бесарусомонӣ қарор дошт. Шоҳаншоҳи Эрон Хусрави Парвиз (590-627) бо истифода аз вазъияти баамаломада, ҳуҷумҳои худро ба Византия оғоз намуда, дар соли 617 ҳудудҳои зиёди қаламрави Рум ва ғайри Румро бо ёрии сарлашкарони худ Шаҳрбароз ва Меҳрон тобеи давлати Сосонӣ карда, иқтидори Эронро ба мисли замони ҳукмронии Ҳахоманишиён расонд.[1] Хусрави Парвиз ҳам монанди гузаштагони худ ба вазъи дохилии кишвар чандон аҳаммият надода, нерӯву тавоноии худро ба мақсади беҳтар кардани сиёсати хориҷии кишвар равона намуд. Беадолатиҳое, ки аз ҷониби Хусрави Парвиз дар ин давра сар зада буд, инчунин ҷангу муҳорибаҳои дуру дарози ӯ дар хориҷ, ба иқтисоди кишвар зарбаи харобиовар зада, норозигии оммаро ба миён овард.

Ба қавли муҳаққиқи эронӣ Ҳасани Пирниё аслан «Хусрави Парвиз шоҳе буд заъифу-н-нафс, худписанд, ситамкор, шаҳватрон ва ҳақношинос, салтанати ӯ тамоман ба ҷанг гузашт ва ҷангҳои ӯ на фақат чизе ба Эрон надод, балки онро беандоза заиф намуда, босуръати ҳайратовар ба тарафи инҳитот бурд»[2].

Ҳамин шакли ҳукмронии беадолатона сабаби он шуд, ки дар соли 628 баъд аз марги вай, дар таърихи шоҳаншоҳии даврони Сосониён замони бесарусомонӣ оғоз гардида, дар тули чаҳор (628-632) соли охир, яъне аз соли 628 то 632 беш аз 12* шоҳаншоҳ ба саҳнаи таърих омад, вале ҳеҷ амали хуберо дар дар низоми иҷтимоии кишвар анҷом дода натавонистанд. Дар ин давра нуфузу эътибори руҳониёну ашрофон, заминдорону ҳокимони маҳаллӣ хеле афзуда, онҳо ҳокимияти марказиро, ки дар ҳолати парокандагӣ қарор дошт, ба манфиати худ истифода мекарданд.

---

[1] Пирниё Ҳасан. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Сосониён [Матн] / Ҳ. Пирниё. – Теҳрон: Хайём, 1370. – С.222-223.
[2] Ҳамон ҷо. – С.227.
* Дар қисмате аз сарчашмаҳо 10-шоҳаншоҳ ва дар як қатор сарчашмаҳои дигар 12-шоҳаншоҳ омадааст.

Низоми ноодилонаи иҷтимоӣ ба усули ҳукмронии табақотиву авлодӣ дар кишвар ба паст гардидани сатҳи зиндагии омма оварда расонд. Ба қавли М. Ровандӣ “соҳибони қудрат ба зердастон ситам мекарданд ва аъмоли дур аз инсофу инсоният менамуданд”.[1] Дар воқеъ оммаи мардум дар замони Сосониён аз тарафи амалдорону феодалон ва руҳониёни зардуштӣ зулму ситами зиёд дида, аз маҳдудиятҳои табақотӣ ва низоми давлати ғуломдорӣ азият мекашиданд.[2]

Бояд гуфт, ки тартиби табақабандии сиёсиву иҷтимоии давлати Сосониён бисёр печида буда, усулҳои зиёди онҳо аз давраи Ашкониён ба мерос монда ва қисми дигари онҳо маҳсули замони Сосониён буданд. Ба таври куллӣ боло рафтани шахс аз як табақа ба табақаи дигар қатъиян ғайриимкон буд. Инчунин дар охири даврони Сосониён табақот ва гуруҳҳои иҷтимоӣ аз нигоҳи вазъи иқтисодӣ яксон набуданд ва дар ҳудуди ҳар гуруҳ дараҷот ва ихтилофи молӣ вуҷуд дошт, ки барои гузаштан аз як табақа ба табақаи дигар садди роҳ мешуд, вале гоҳе бо нишон додани ҳунару истеъдод ашхоси табақаи поёнии ҷамъият метавонистанд ба таври истисно вориди табақаҳои боло гарданд.

Бо назардошти ҳунару шоистагии ҳар шахс руҳониён ва дабирон ба шоҳ пешниҳод мекарданд ва баъд аз мувофиқаи шоҳ онҳо ба табақаи руҳониён ва агар қувват ва шуҷоат медоштанд, ба табақаи ҷангиён ва агар дорои ақл ва ҳофизаи мумтоз мебуданд, ба табақаи дабирон ворид мегаштанд.[3]

Ба ақидаи олимон ҷомеаи эронии аҳди Сосонӣ бар асоси маълумоти «Авасто» ба се табақа тақсим мешуданд, ки ин табақабандӣ бевосита аз Ашкониён ба Сосониён боқӣ монда буд.

1) Руҳониён (Асурон), 2) Ҷангиён (Артишдорон), 3) Кишоварзон (Вастрю-Фашиянт). Чунин табақабандӣ аз тақсимоти иҷтимоии бисёр қадим ба шумор рафта, бо тағйиротҳои ҷузъӣ то замони Сосониён расида буд. Дар

---

[1] Ровандӣ Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / М. Ровандӣ. – Техрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1. – С.616.
[2] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.407.
[3] Ровандӣ Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / М. Ровандӣ. – Техрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1. – С.629.

«Авасто» (Ясно 19, фақраи 17) мафҳуми дигаре мавҷуд аст, ки аз табақаи дигари иҷтимоии ҷомеа ном мебарад ва он табақаи чаҳорумро санъатгарон (Ҳуитӣ) муаррифӣ менамоянд.[1]

Дар давлатдории Сосониён дар сохтори иҷтимоӣ дар баробари дигар қишрҳо ва синфҳо табақаҳои мухталифи сиёсӣ-иҷтимоии дигар низ буданд. Дар низоми сиёсии ҷомеа низ баъзе тағйиротҳои ҷузъӣ ворид гашт. Зуҳури табақаи дабирон ва дар зинаи сеюм қарор гирифтани онҳо «кишоварзон ва санъатгарон»-ро ба зинаи чаҳорум поён фаровард, ки ин дар ҷомеаи табақотии Эрон як падидаи нав ба шумор мерафт. [2]

Масъудӣ дар китоби «Ат-танбеҳ ва-л-ашроф» дар такя бар «Гоҳномак» сарварони гуруҳҳои сиёсиву иҷтимоии замони Сосониёнро чунин табақабандӣ кардааст: Муъбади муъбадон (Сарвари руҳониён); Бузургфармадор (Сарвазир); Сипаҳбад (Сарлашкар); Дабирбад (Сардабир); Ҳутахшбад (Сарвари муҳофизон).[3]

Сохтори сиёсиву иҷтимоии табақотӣ махсусан дар замони суқути Сосониён хеле омехта ва печдарпеч гардида, дар таҳқиқоти муҳаққиқон бо шаклҳои гуногун оварда шудааст, ки дар шарҳу тафсири муаррихин дорои ихтилофоти ҷузъӣ мебошанд. Яъқубӣ сарварони табақоти иҷтимоии давлати Сосониёнро илова бар табақабандии Масъудӣ ду табақаи дигар – Ҳирбади ҳирбадон (Муҳофизи оташкада) ва Марзбонон (Волиёни вилоятҳо)-ро низ ёдовар шудааст.[4]

Мувофиқи гуфтаҳои муаррихи рус Л.С. Василев сохтори болоии ҷамъият ва мансабдорони олимақоми давлатӣ, ки сохтори дохиливу маъмурии Сосониёнро идора мекарданд, аз табақаҳои бузургфармадор, муъбадон муъбад, сипаҳбад, марзбон, ҳирбадон ҳирбад, дабирбад[5] иборат буданд.

---

[1] Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1368. – Ҷ.2. – С.87.
[2] Ҳамон ҷо. – С.87.
[3] Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Ат-Танбеҳ ва-л-ашроф [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1365 ҳ.қ. – С.286.
[4] Ровандӣ Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / М. Ровандӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1. – С.675.
[5] Васильев, Л.С. История Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: История, 1998. – Т.I. – С.141.

Агар ба сохтори табақабандии сиёсӣ-иҷтимоии замони Сосониён назар афканем, як ҳамбастагиеро дарёфт хоҳем намуд, ки мутобиқи он ҳар як аз табақаҳои иҷтимоӣ зерсохторҳои дигареро дар худ муттаҳид мекарданд.

А) Бузург-фармадор. Дар сафи сохтори марказии давлати Сосониён сарвазир қарор дошт, ки дар оғоз ҳазорпатий, ҳазорбад ва бузург-фармадор номида шуда, баъд аз шоҳаншоҳ шахси дуюми мамлакат дониста мешуд ва умури идории давлат дар дасти вай қарор дошт. Илова бар ин фаъолияти тамоми сохторҳои сиёсиву иҷтимоии дохилии давлатро ба низом медаровард.

Б) Руҳониён (асурон), табақаи болоии иҷтимоии Сосониён ба шумор рафта, аз синфҳо ё табақаҳои нисбатан хурди дигар ба монанди: 1) додварон (додвар), 2) уламои динӣ (пасттарин мартабаи уламои динӣ табақаи муғон буд), 3) муъбадон, ҳирбадон (руҳониён шуғлу вазифаҳои гуногун дошта), 4) дастурон ва муаллимон (охирин намояндаи ин синфро андарзбад мегуфтанд) иборат буда, раисии ин табақаро муъбади муъбадон ба уҳда дошт. Аз сабабе, ки баромади хонадони Сосонӣ аз ин табақа буд, табақаи руҳониён дар миёни табақоти дигар ҷойгоҳи махсусро ишғол мекард;[1]

В) Ҷангиён (артишдорон). Табақаи ҷангиён аз ду синф - савора ва пиёда иборат буда, вазифаҳои гуногуни муҳофизатиро ба уҳда доштанд ва раиси ин табақа «эронсипаҳбад» хонда мешуд.[2] То замони Хусрави **I** ҳудудҳои шоҳаншоҳии Сосониён аз ҷониби як сипаҳпад идора гашта, пас аз васеъшавии ҳудудҳои шарқиву ғарбии кишвар шумораи сипаҳбадон ба чаҳор нафар расид;[3]

Г) Мустахдимини идорот (дабирон). Унвони раиси ин табақа «эрондабирбад» ё «дабирон-маҳишт» буд, ки синфҳои дигареро ба монанди муншиён, муҳосибон, нависандагон, аҳкоми додгоҳҳо, таҳриркунандагон, иҷозаномадиҳандагон, қарордоддиҳандагон, муаррихон, пизишкон ва мунаҷҷимонро идора мекард;[4]

---

[1] Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1368. – Ҷ.2. – С.88.
[2] Ҳамон ҷо. – С.89.
[3] Ровандӣ Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / М. Ровандӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1. – С.676.
[4] Ҳамон ҷо. – С.89.

Ғ). Табақаи иҷтимоии **Тудаи миллат,** «вастриюшон» «бозаргонон, рустоиён, кишоварзон, санъатгарон, пешоварон ва шаҳриён»[1]-ро идора намуда, раиси он «вастрюшонсолор» маҳсуб меёфт. Ҳамаи раисони табақаҳои зикршуда як нафари бозрас дар ихтиёри худ доштанд, ки маъмур ба саршумори умумии табақа буд. Инчунин як нафар омӯзгор дар ихтиёри онҳо қарор дошт, то ҳар кӯдакро илм ё пеша биёмӯзонад ва ӯро дар зиндагӣ барои соҳиби маош шудан омода созад.

Дар катибаи «Ҳоҷиобод» табақаҳои дигари иҷтимоӣ, ки махсусан дар замони Шопури **I** пайдо шуда буданд, ба монанди «шаҳрдорон», «бузургон» ва «озодагон» номбар шудааст.[2] Дар катибаи мазкур танҳо табақаҳои номбаршуда зикр шуда, аз табақаҳои дигари ҷомеаи Сосониён маълумот вуҷуд надорад. Маълум мешавад, ки чунин табақабандии иҷтмоию сиёсии Сосониён ҳар замон тағйиротҳои ҷузъиро дар пай доштааст;

Д) Шаҳрдорон. Пас аз зуҳури табақаҳои дигари иҷтимоӣ, махсусан дар давараи Хусрави I, вилоятҳои тобеи марказ ва дурдасти кишвар аз ҷониби шаҳрдорон идора шуда, баъдан аз сабаби заиф гардидани робита бо марказ, саъй мекарданд истиқлолияти худро ба даст биёранд. Маҳз ин сабаб шаҳрдорон низ дар зинаи олии ҷамъият қарор доштанд;

Е) Бузургон. Яке аз табақаҳои иҷтимоии дигари бонуфуз, ки дар низоми ҳукумати Сосониён нақши муҳим мебозад, бузургон ба шумор мераванд. Дар ин давра соҳибмансабони бузурги давлат ва намояндагони олии идораҳову вазоратҳо ба ин табақа шомил буданд. Ин табақа қишри болоии ҷомеаро ташкил намуда, имтиёзҳои зиёд дошта, дар доираи онҳо ҳатто ҳуқуқ доштанд шоҳаншоҳро аз тахт сарнагун намуда, ба ҷои ӯ шоҳи дигареро ба қудрат биёранд. Ҳамин гуруҳи бузургон Шопури II-ро ба қатл расонида, Яздигурди I-ро аз подшоҳӣ маҳрум сохтанд ва дар муддати чаҳор сол бо дастёрии муғон

[1] Кристинсен Артур. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристинсен; тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. – Теҳрон, 1332. – С.118.
[2] Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1368. – Ҷ.2. – С.90.

дувоздаҳ подшоҳро ба қатл расониданд ва ё сабукдӯш сохтанд ва намояндагони ҳамин табақа Эронро ба арабҳо таслим намуданд;[1]

Ё) Озодагон. Маънии луғавии «озодагон» – наҷибзодагон (аристократҳо) ва озодагон мебошад. Муҳаққиқи эроншинос Артур Кристинсен табақаи ҷомеаи онвақтаи Эронро ҳамчун озодагон муаррифӣ менамояд, ки «дар раванди мағлуб намудани мардумони бумӣ бо дигар халқҳо омехта нагашта буданд ва ҳамин озодагон идораи ноҳияҳову вилоятҳоро баъдан ба дасти худ гирифтанд»;[2]

Ж) Деҳқонону кадхудоён. Шоҳони аввали Сосонӣ идораи сиёсии кишварро дар вилоят ба дасти наҷибзодагон дараҷаи дувум, яъне деҳқонону кадхудоён супурда буданд, ки онҳо ба шоҳаншоҳ ва давлат вафодор буданд. Ҳамин табақаи хоси ҷомеа ниҳодҳои ҷосусии қадимаро устувор ва муассир намуда буданд, ки ин амал боиси нерумандии давлат гардид.[3]

Ба андешаи Л.С.Василев, маъбадҳои зардуштӣ, ки парастиши Аҳурамаздо, Митра (Меҳр), Зурвон ва модархудо Анаҳиторо таблиғ менамуданд, дар дасти коҳиноне қарор доштанд, ки соҳиби замин ва боигариҳои зиёд гардида, дар ҷомеа нуфузи бештарро соҳиб буданд.[4] Илова бар ин муғон, ки аз хонадонҳои сарватманд буданд, дар баробари ҳукумати динӣ ҳукумати дунявиро дар даст доштанд. Вобаста ба ин муҳаққиқи эронӣ А.Зарринкӯб қайд манамояд, ки қудрату боигариҳои фасодзада ба ҷое оварда буд, ки муқаддасоту маънавиёт аз байн рафта буд. Коста шудани маънавиёт ва муқаддасоти динӣ боиси он гашта буданд, ки дини масеҳӣ дар қаламрави Сосониён дар байни мардуми мазлум маҳбубияти зиёд ба даст оварда, сабаби заифшавии нуфузи зардуштия гардид.[5]

Маҳз дар даврони шоҳони охири Сосонӣ буҳрони шадиди иҷтимоиву иқтисодӣ саросари кишварро фаро гирифта буд, аз хориҷи кишвар румиҳо,

---

[1] Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1368. – Ҷ.2. – С.97.
[2] Кристинсен Артур. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристинсен; тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. – Теҳрон, 1332. – С.131.
[3] Ҳамон ҷо. – С.132.
[4] Васильев, Л.С. История Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: История, 1998. – Т.I. – С.140.
[5] Зарринкӯб Абдулҳусайн. Таърихи Эрон баъд аз ислом [Матн] / А. Зарринкуб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1363. – С.159.

туркҳо ва арабҳо ба империяи бузурги Сосонӣ ҳуҷум карданд. Аксари мардуми шоҳаншоҳӣ дигар ҳукмронии ин сулолароро намехостанд ва ба ҳар дину ойини тозае, ки ин имтиёзҳои табақотиро аз миён бурда, баробарии иҷтимоӣ ва иқтисодиро барои мадум ваъда мекард, мардум бо шӯру ҳаяҷон бад-он мегаравиданд.[1]

Таҳлили маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ доир ба авзои онвақтаи шоҳаншоҳии Сосониён нишон медиҳад, ки соҳаҳои муҳимми иқтисоди Эрон дар ин давра кишоварзӣ, чорводорӣ ва тиҷорат маҳсуб меёфтанд. Соҳаҳои ҳунармандӣ, ки ба беҳбудии вазъи молиявӣ ва иқтисодии кишвар кумак карда, рушду пешрафти иқтисодиро таъмин мекарданд, оҳангарӣ, наҷҷорӣ ва нассоҷӣ буда, аз ҷониби аҳолӣ бо кумаки давлат ба роҳ монда шуда, ба буҷа андозҳои зиёд пардохт мекарданд.

Таҳлили муносибатҳои тиҷоративу кишоварзӣ дар асарҳои олимони Шарқу Ғарб инъикос ёфта, нишон медиҳад, ки онҳо ин асоси пешрафти давлати Сосониён ба шумор рафта, дар замони ҳукумати ҳар яке аз шоҳони ин дудмон таҳаввул меёфтанд. Шоҳони дудмони Сосонӣ дар аксар маврид ба лашкаркашиҳову ҷангҳои тулонӣ машғул буда, ба низоми дохилӣ ва вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар чандон аҳаммият намедоданд ва манбаи асосии рушди иқтисодии кишварро дар ғаниматҳои ҷангӣ медиданд.

Аз таҳлили манбаъҳо бармеояд, ки дар аҳди Шопури II (209-279), Қубод (487-498) ва Хусрави I (531-579) ба ҳунарҳои косибӣ ва бофандагӣ диққати махсус дода мешуд, зеро ин соҳа ба хазинаи давлат фоидаи зиёд ворид менамуд ва барои беҳтар гардидани вазъи иқтисодии кишвар шумораи косибону бофандагон афзоиш дода мешуд.[2] Ба хотири таъмини пешравии иқтисоди кишвар Сосониён ба рушди «Шоҳроҳи бузурги Абрешим» аҳаммияти зиёд медоданд. Дар натиҷаи ситонидани боҷи тиҷоратӣ аз ҳисоби гардиши моли шоҳроҳи абрешим, вазъи иқтисодии давлати Сосониён хуб гашта буд. Аз сабаби он ки Рум манфиатдори тиҷорати озоди абрешим бо

[1] Нафисӣ Саъид. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн]: даврони пеш аз таърих ва оғози таърих / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342. – Ҷ.2. – С.25-27
[2] Розӣ Абдуллоҳ. Таърихи комили Эрон [Матн] / А. Розӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1373. – С.73-74.

Чин буд, рақобат миёни румиёну эрониён бар сари тиҷорати абрешим шиддат мегирифт.[1] Аз тарафи дигар Хусрави Анӯшервон бо мақсади касодии соҳаи нассоҷии Рум ва аз байн бурдани инҳисори иқтисодии ин рақиби тавонои худ нархи абрешимро дар бозори дохилӣ барои хориҷиён боло мебурд, то аз тоҷирони румӣ боҷи бештар ситонида, қудрати иқтисодӣ ва низомии худро боло барад.[2]

Маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки пас аз шоҳаншоҳии Шопури III (382-388) дар замони ҳукумати ҳафт шоҳаншоҳи баъдӣ, тамоми сарзамини Сосониёнро парокандагии сиёсӣ, буҳронҳои амиқи иҷтимоиву иқтисодӣ фаро гирифта буд. Иқтидори ин давлатро дар нимаи дувуми асри V ҳаракатҳои озодихоҳии мардуми Қафқоз (450-451 ва 481-484) ва ҳуҷумҳои пайдарпайи гунҳову ҳайтолиҳои бодиянишин аз ҷониби Осиёи Миёна заиф гардонида буданд.[3]

Ҳамин тариқ, ашрофону ҷанговароне, ки табақаи болоии ҷамъиятро ташкил медоданд, аз ҳисоби андозҳои табақаҳои мазлум, аз ҷумла аз ҳисоби пардохти андози табиии (натуралӣ) деҳқонон ва косибони зердасти ба шӯромада, рӯз мегузарониданд.[4]

Баъд аз саркӯб гардидани мазҳаби маздакиён Қубод ба хулоса омад, ки вазъи иқтисодии мардум дар ҳолати ногувор қарор дошта, бинобар ин зарурати ба амал баровардани ислоҳоти иқтисодии кишвар пеш омадааст. Чи тавре қаблан зикр намудем, дар охири ҳукумати худ Қубод дарахтони мевадорро бо аҳли мардум шумор карда, байни онҳо тақсим ва саҳми шоҳро аз маҳалли ситонидани хироҷ ба мизони даҳяк таъйин намуданд.[5]

Муҳимтарин даромади давлатӣ андози арзӣ (замин) ва шахсӣ ба шумор мерафт. Андози шахсиро аз ҳисоби даромади замин дар як сол ва аз шаш як ҳиссаи ҳосилро ба хазинаи давлат ворид мекарданд. Агар касе андози замини

---

[1] Озарӣ Алоуддин. Таърихи равобити Эрону Чин [Матн] / А. Озарӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – С.44.
[2] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3. – С.125.
[3] Всемирная история [Текст]: в 10 томах. – М.: Госполитиздат, 1957. – Т.III. – С.97.
[4] Васильев, Л.С. История Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: История, 1998. – Т.I. – С.140.
[5] Рованди Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / М. Рованди. – Теҳрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1. – С.681.

худро ба таври натуралӣ супурда наметавонист, шахси дигар бо супоридани ин андоз, соҳиби замини шахси аввал мегардид ва ҳамин тавр бештари заминҳои корам ба дасти заминдорони калон мегузашт. Пардохти андози солона дар давлат дар доираи маблағи муайян сурат намегирифт. Илова бар ин масъалаи ситонидани молиёт аз ақаллиятҳои мазҳабӣ тобиши ақидатӣ ва сиёсӣ мегирифт. Дар баробари ин хушксолӣ ва дигар офатҳои табиӣ, ки ба кам шудани ҳосил сабабгор мегардиданд, ба назар гирифта намешуд. Мардум уҳдадор буданд, ки то охири сол андози саронаи худ ва дарахтони худро супоранд. Бояд тазаккур дод, ки андозҳои то замони Қубод ситонидамешуда дар шакли натуралӣ аз даҳяки ҳосили гирифташуда ситонида мешуданд.

Дар тули солҳои зиёде, ки Хусрави I (531-579) ҳукумат карда буд, дар ҳаёти иқтисодии кишвар ислоҳоти васеъ гузаронида шуд. Мувофиқи ислоҳоти иқтисодии Хусрави I заминҳое, ки аз ҷониби маздакиён аз феодалон кашида гирифта буданд, ба соҳибонашон баргардонида шуданд. Ҳамаи заминҳо ба гуруҳҳо ва категорияҳо тақсим мешуданд, ки мувофиқи категорияҳои муайяншуда соҳибони замин ба хазинаи шоҳаншоҳӣ пардохти ҳатмӣ месупориданд.[1]

Бо назардошти вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз дарахтони хурмо, зайтун ва ангур назар ба ҳосили онҳо андози сарона гирифта мешуд. Молиёти саронаи дарахтон 12 ё 7 ё 4 дирҳамро ташкил медод.[2] Молиёти арзӣ аз ҳамаи намудҳои зироатҳо, яъне гандум, ҷав ва биринҷ аз ҳар ҷариб замин (0,2 га) як дирҳам пули нуқра ва аз ҳар ҷариби токистон 7 дирҳам ва аз ҳар ҷариби юнучқазор 8 дирҳам таъйин шуда буд.[3] Ба хазинаи давлатии Хусрави I на танҳо молиёти сарона, балки бахше аз молиёти арзӣ низ ба таври нақдӣ дохил мешуд.

Маъмулан Хусрави Анӯшервон бо ислоҳоти гузаронидаи худ дар миёни мардумони маҳаллӣ ҳамчун шоҳи одил шуҳрат ёфт, лекин баъд аз чанд сол

---

[1] Васильев, Л.С. История Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: История, 1998. – Т.I. – С.141.
[2] Рованди Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / М. Рованди. – Теҳрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1. – С.680.
[3] Пигулевская, Н.В., Якубовский, О.Ю. Таърихи Эрон [Матн] / Н.В. Пигулевская, О.Ю. Якубовский, И.П. Петрушевский, О. Беллинитский, А.В. Струево; тарҷумаи Карими Кишоварз. – Теҳрон: Паём, 1354. – С.105.

мардум аз мақсади аслии вай огоҳӣ ёфта, аз ислоҳоти ӯ даст кашиданд, зеро хироҷу ҷизяи муайяннамудаи ӯ барои мардум бори сангин буд.

Ҷиҳати манфии ислоҳоти низоми андозситонии Хусрави I дар он ифода меёфт, ки андозситонии натуралии то замони Қубод мавҷудбуда дар замони қудрати вай ба таври нақдӣ, яъне бо нуқра ба расмият даромад, ки ин тарзи андозсупорӣ аҳволи оммаро хеле бад кард.[1] Тартиби ислоҳоти андоз, ки дар солҳои охири шоҳаншоҳии Қубод оғоз ёфта буд, дар аҳди Хусрави Анӯшервон ба анҷом расид, ки дар охир хироҷ аз даҳяк то сеяки ҳосилро ташкил мекард.[2] Дар натиҷаи ҷамъовариҳои андозҳои зиёд хазинаи шоҳаншоҳӣ ниҳоят ғанӣ гардида, қисми бештари он барои сипоҳ, ходимони дарбор ва ҳарами шоҳ сарф мешуд.

Ҳурмузи IV (579-590) кӯшишҳое ба харҷ дод, ки андозҳову хироҷҳоро то ҳадде паст бурда, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии мардумони табақаи поёнии ҷамъиятро беҳтар намояд ва бузургону ашрофонро таҳти фишор қарор диҳад. Давраи салтанати Хусрави Парвиз барои сулолаи Сосонӣ мувофиқи таҳқиқотҳо ҳам мусбат ва ҳам манфӣ баҳогузорӣ мешавад. Мусбат аз он ҷиҳат, ки дар тули ҳукмронии ӯ ҳудудҳои империяи Сосониён то сарзаминҳои дар ихтиёрдоштаи давлати Ҳахоманишиҳо васеъ гардид. Ҷиҳати манфияш дар он зоҳир меёбад, ки ҷангҳои хунини пайдарпайи Хусрави Парвиз нуфузу қудрати давлати Сосониён ва хазинаи давлатро холӣ кард. Аз ҳисоби ин қудрати хонадонҳои бузург ва заминдорони калоне, ки аз ғароматҳои беҳисоб ва бахшишҳои бедареғ баҳра гирифта буданд, афзоиш ёфт.[3]

Дар соли 607 бо фармони Хусрави Парвиз тамоми молиёт ё хироҷи сарона, ки аз рустоиён ва пешоварон ситонида мешуд, ба таври нақдӣ вориди хазина шуда, хазинаи шоҳаншоҳӣ аз ҳисоби молиёт чаҳор маротиба афзуд ва

[1] Всемирная история [Текст]: в 10 томах. – М.: Госполитиздат, 1957. – Т.III. – С.99.
[2] Балъамӣ Абуалӣ. Таърихи Табарӣ [Матн] / А. Балъамӣ. – Теҳрон: Алҳудо, 2001. – Ҷ.I.II. – С.532-533.
[3] Зарринкӯб Абдулҳусайн. Таърихи Эрон баъд аз ислом [Матн] / А. Зарринкуб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1363. – С.160.

ба андозаи 420 миллион мисқол сикка, ки баробар ба 600 миллион дирҳам буд, рафта расид.[1]

Хусрави Парвиз аз Хусрави Анӯшервон пайравӣ намуда, дар соли сеюми ҳукумати хеш ҳаҷми хироҷу ҷизяро се баробар зиёд кард, ки аз ин ҳисоб хазинаи шоҳӣ ниҳоят ғанӣ гардид. Дар аҳди Хусрави Парвиз дирҳамҳои нав аз номи ӯ сикка зада мешуданд ва дар соли 620 мавҷудияти хизонаи шоҳ ба 400 000 киса пули нақд расид, ки вазни он 100 миллион мисқолро ташкил медод.[2]

Ҳамин тариқ, метавон **хулоса** кард, ки қаҳтӣ ва хушксолии ҳафтсолаи дар аҳди шоҳаншоҳии Фирӯз ба амал омада кишварро ба буҳрони шадиду харобиовар мувоҷеҳ сохт. Ҳамзамон мағлубиятҳои пайдарпайи Фирӯз дар ҷангҳо бо Ҳайтолиён бар сари рустоиёну кишоварзон товону андозҳои гаронро меовард. Бо рушди муносибатҳои нави феодалӣ мардумоне, ки озодӣ ва заминҳои худро аз даст дода буданд, дар тули солҳои 491-529 ҷунбиши халқиеро барангехтанд, ки мақсади асосии онҳо аз байн бурдани қаҳтиву гуруснагӣ ва сохтори табақотии ҷомеа буд.[3]

Таҳлили маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ моро ба чунин хулоса меорад, ки дар рафти ҷангҳои пайдарпай бо кишварҳои ҳамсоя ғаниматҳову товонҳои гарони ҷангӣ ба хазина ворид шуда, қисми аксари ғаниматҳоро сипоҳи бешумори сосонӣ дар набарду ҷангҳо пурра масраф мекард. Дар даврони ворисони Хусрави Парвиз даромади асосии хазинаро хироҷҳо ташкил медоданд, ки бар асари зиёдшавии хироҷҳову молиёти сарона дар ҷомеаи сосонӣ фисқу фуҷури заминдорони калону ашрофон ва руҳониён ба авҷи аълои худ расида буд.

Дар мавмуъ замони ҳукмронии шоҳаншоҳони баъд аз Хусрави Парвиз ба тахт нишаста, даврони заифӣ ва суқути Сосониён гардид. Ҳеҷ як аз шоҳони баъдӣ пеши роҳи заволи мулки фасодзада ва харобу фарсударо

---

[1] Пигулевская, Н.В., Якубовский, О.Ю. Таърихи Эрон [Матн] / Н.В. Пигулевская, О.Ю. Якубовский, И.П. Петрушевский, О. Беллинитский, А.В. Струево; тарҷумаи Карими Кишоварз. – Теҳрон: Паём, 1354. – С.120.
[2] Ҳамон ҷо. – С.121.
[3] Всемирная история [Текст]: в 10 томах. – М.: Госполитиздат, 1957. – Т.III. – С.97.

гирифта наметавонистанд. Саранҷом густохии бузургону сардорони вилоятҳо ба он оварда расонд, ки дигар касе наметавонист дар он қолаби фарсудаи давлат руҳи тозаеро ворид созад. Ҳамаи ин гуфтаҳо ба давраи харҷу марҷи Эрон, ки солҳои 628-632-ро дар бар мегирад, рост меоянд.

Шиддат гирифтани порагириву фасод дар миёни табақоти болоии ҷамъият боиси заиф гардидани давлати Сосониён ва яке аз сабабҳои суқути он гардид. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо метавон гуфт, ки дар арафаи ҳуҷумҳои арабҳо шоҳаншоҳии Сосониён аллакай аз дохил пурра хароб гардида, ошӯбу нифоқҳои байнитабақотӣ, ихтилофоту рақобатҳо миёни ашрофону заминдорони калон ва фасодкориҳои дар ҳамаи сатҳ ҷой дошта, давлати барӯманди Сосониёнро рӯ ба завол овард.[1] Ҳам муаррихони ҷонибдори низоми шоҳаншоҳӣ (Саид Нафисӣ) ва ҳам муҳаққиқони замони ҷумҳурии исломӣ (М. Мутаҳарӣ) дар як масъала иттифоқи назар доранд, ки ҳанӯз қадами арабҳо нарасида ба Эрон, шоҳаншоҳии Сосониёнро низоми табақотии шадид ва фасоду саркашии дохилӣ ба ҳолати заволу парешонӣ оварда буд. Ба таъбири дигар ҷомеаи сосонӣ дар ҳолати фурӯпошиву беназмӣ қарор дошт.

Ба ақидаи аксари муҳаққиқону таърихнигорони таърихи шоҳаншоҳии Сосониён иллати асосии шикасти давлат дар низоми шадиди табақотии Эрон буд, ки боиси беадолатиҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа гашта буд. Дар ин маврид Саид Нафисӣ чунин таъкид сохтааст: «чизе, ки беш аз ҳама дар миёни мардуми Эрон нифоқ афканда буд, имтиёзи табақотии бисёр хашине буд, ки Сосониён онро барқарор карда буданд. Агар ҷомеаи эронӣ 40 миллион тахмин карда шавад, танҳо якуним миллион «ҳаққи моликият дошта, дигарон ҳама аз ин ҳаққи табиии худодод маҳрум буданд».[2]

Ҳақ бар ҷониби Саид Нафисӣ мебошад, зеро дар давраи Сосониён сохти табақотӣ, ки пас аз забткориҳои Искандар ва Селевкиён дар Эрон заиф

---

[1] Зарринкӯб Абдулҳусайн. Таърихи Эрон баъд аз ислом [Матн] / А. Зарринкуб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1363. – С.158.

[2] Нафисӣ Саъид. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн]: даврони пеш аз таърих ва оғози таърих / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342. – Ҷ.2. – С.25-27.

гардида буд, аз нав қувват гирифта, ба авҷи аълои худ расид. Шоҳони Сосонӣ ба хотири ҳифзи манфиатҳои худ кӯшиш мекарданд сохти табақавӣ, мақому мавқеияти табақаҳо ва наҷибону ашрофон боз ҳам мустаҳкам гардида, оммаи мардум дар фақру гуруснагӣ умр ба сар бурда саркашӣ накунанд. Дар натиҷаи чунин табақабандии иҷтимоӣ рустоиён беҳуқуқтарин мардумони аҳди сосонӣ ба шумор мерафтанд. Дар он давра ҳатто байни ғуломон ва рустоиён аз нигоҳи ҳаққу ҳуқуқ ва сатҳи зиндагии иҷтимоию иқтисодӣ тафовути зиёд вуҷуд надошт.[1]

Бо ҳамин тариқ, шикасти пурраи эрониён дар ҷангҳои Қодисия ва Наҳованд ҷомеаи эрониро ба як бесарусомонӣ оварда расонд, ки дар чунин вазъияти мураккаб як зумра аз ашрофони табақаҳои болоии ҷамъият ба истисмори мардумони маҳаллӣ даст зада буданд.

Солҳои 20-30-юми садаи VII бухрони шадиди иҷтимоиву иқтисодии дохилӣ ва ошӯбҳои халқӣ алайҳи Сосониён ривоҷи бештар ёфта буданд. Бухроне, ки давлати Сосониёнро ба суқут ва заифӣ оварда буд, ба ҳуҷумҳои пайдарпайи арабҳо ва пирӯзии онҳо ба Сосониён мусоидат намуд. Ҷангҳои солҳои 30-40 на танҳо ба барҳамхӯрии сулола, балки ба ворид шудани ойини нав ва ба ислом гаравидани эрониён оварда расонд.

[1] Рондӣ Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / М. Рондӣ. – Техрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1. – С.648.

§2.3. Вазъи эътиқодии мардумони бумии минтақа қабл аз ворид шудани арабҳо

Эътиқоди динии ориёиҳо дар аҳди бостон аз динҳои Миср ва Юнони қадим, ки дар шакли симоҳои афсонавӣ парастиш мешуданд, тафовут дошт.[1] То замони зуҳури давлатдории Сосониён, миёни қавмҳои ориёӣ ақидаҳои динии гуногун ривоҷ ёфта, ҳар қавме муҳимтарин неруи табиие, ки ба онҳо таъсири мусбату манфӣ расонида метавонист, парастиш мекарданд. Сарчашмаҳои қадимтарин дар бораи дину эътиқодҳои аввалини мардуми ориёӣ алалхусус сокинони Хуросону Мовароуннаҳр маълумоти фаровон додаанд. Страбон муаррихи бузурги юнонӣ дар ин бора чунин овардааст: «Порсиён пайкараҳо ва одарён (озар-оташи муқаддас) барнамеафрӯзанд, балки ойинҳои қурбониро дар ҷойгоҳӣ баланд ба ҷой меоваранд ва осмонро Зевс меангоранд. Онон ҳамчунин Хуршедро, ки Меҳраш мехонанд ва Моҳро ва Афродитро ва оташро ва заминро ва бодҳоро ва обро низ бузург медонанд»[2]. Ҳамаи ин эътиқодҳо дар замони Сосониён дар шакли буҳронӣ, харобшуда ва бетаъсир ба чашм мерасиданд.

Дар Эрони Сосонӣ то замони дини расмии кишвар эълон гардидани зардуштия адёни фаровони дигари ориёӣ дар минтақаҳои маҳдуд вуҷуд доштанд, ки баъдан як қисми пайравони онҳо Зардуштро пайғамбар мешумурданд ва қисмати дигаре бошад иртиботе бо дини зардуштӣ надоштанд ва мункири паёмбарии Зардушт мешуданд.

Бино бар маълумоти сарчашмаҳои муътамад ва осори муҳаққиқон эрониён то замони ба сари қудрат омадани Сосониён мазҳаби расмӣ надоштанд ва аҳвоми сокини Эрон ҳар як дар муътақидоти мазҳабии худ озод буданд. Масалан, дар қисмати шарқии давлати Сосониён аниқтараш дар ҳудуди Мовароуннаҳр худоёни маҳаллии Нана, Митра, Аҳурамаздо, Вайю, Рашну, Раман, Йима ва Зурвон парастиш мешуданд.[3] Инчунин ҳар оила

---

[1] Васильев, Л.С. История религий Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: Высшая школа, 1988. – С.61.
[2] Бенвинист Эмил. Дини эронӣ [Матн] / Э. Бенвинист; тарҷумаи Баҳман Саркорӣ. – Табрез, 1370. – С.43.
[3] Ричард, Н.Ф. Мероси Осиёи Марказӣ [Матн] / Н.Ф. Ричард. – Душанбе: Сурушан, 2000. – С.261.

дорои худои худ буд, ки миёни худоёни онҳо Шива дар Панҷакент нуфузи бештарро соҳиб буд.[1] Инчунин дар саросари мамолики шарқ аз Суғд сар карда, то баҳри Хазар (Каспий) арвоҳи Дэсиро парастиш мекарданд. Дар Самарқанду Ромитан ва Бухоро дар давраҳои охири ҳукмронии Сосониён бутҳои тиллоии қиматбаҳо ва оташи муқаддас парастиш мешуд.[2]

Дар замони Сосониён мазҳаби Зурвония амал мекард, ки пайравони он Аҳурамаздо ва Аҳриманро офаридаи Зурвон (Вақт) медонистанд. Зурвон ба Аҳурамаздо подшоҳии дунё дод ва Аҳриман дар муқобили ӯ барои харобии кишвар ва пайравони ӯ амал мекард.[3] Бояд гуфт, ки ақидаҳои зурвония доир ба холиқият, офариниши оламу одам ва санавият бисёр печида ва хурофотӣ аст. Ин мазҳаб дар давраи Сосониён миёни зардуштиён паҳн гардида, нисбат ба пайдоиши холиқият таъсири зиёд мерасонид.

Баробари эъломи дини расмии кишвар, меҳрпарастӣ дар маркази Эрон аз байн рафт, аммо пайравони зурвония бар акси ҳол ба маротиб афзуда, ҳамчун ҷараёни фаъоли муассир дар муқобили санавияти зардуштия қарор гирифт: «Ҳатто баъзе аз подшоҳони Сосонӣ ба фирқаи зурвонӣ гаравида, омили иғтишоши мазҳабӣ гардида буданд. Маҳз дар ҳамин давра як силсила осори паҳлавӣ, аз ҷумла «Минӯи хирад», «Бундаҳишн», «Ривоёти Дороби Ҳурмуздёр» мураттаб гардида буданд, ки дар зери нуфузи ақидаҳои зурвония навишта шудаанд»[4].

Бо интишор ва густариши дини буддоӣ дар Шарқ ва густариши рӯзафзуни дини насронӣ аз ҷониби Ғарб дар қаламрави импературии Сосонӣ ихтилофоти динӣ ба авҷи камолоти худ расида, мавқеи дини расмии кишварро танг мекарданд. Дар ин давраи бесуботӣ ва бесарусомонӣ дар эътиқодоти динии мардумони Империяи Сосонӣ зурвония низ мақоми хоссае ба худ касб карда буд. Зурвония ҳамчун фирқаи дини маздоясно

---

[1] История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1999. – Т.II. – С.273.
[2] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.376-378.
[3] Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1. – С.371-378.
[4] Раҳмонов, Э.Ш. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С.308.

дугонапарастиро ба вуҷуд оварда, ба динҳои Монавия ва Маздакия, ки дар давраи Сосониён падид омада буданд, таъсири амиқ гузошт.[1] Зурвон дар шарқи давлати Сосонӣ, қайд менамояд Б. Ғафуров – махсусан дар Суғд аз ҷумлаи худоёни олимартабаи мардум шинохта мешуд, ки он ба худои ҳиндуҳо Браҳма айнияти дошт ва ба сифати аъзам ва шоҳи худоён қарор дошт.[2] Ба ҳар ҳол ба андешаи мо зурвония ба монанди ойину динҳои дигар дар маркази импературӣ ва қисмати шарқии он пайравони зиёд дошта, ба афкору эътиқоди мардуми кишвар таъсир мерасониданд.

Аз сабаби дарк намудани ягонагӣ, вахдоният ва ба дини расмии давлат табдил гардидани ойини Зардушт, рӯй овардан ва гаравидани мардум ба он оммавӣ буд. Ричард Фрай дар асараш “Мероси Осиёи Марказӣ” зикр менамояд, ки зардуштияи ибтидоӣ ҷойи тамоми ойинҳо ва кешҳои маҳаллӣ ба монанди фолбинӣ, парастиши қуввахои табиӣ ва бутҳо (санамҳо)-и мухталифро дар мафкураи аҳли ҷомеа танг карда тавонист.[3]

Тафовути Сосониён аз дигар сулолаҳои шоҳони пешин дар он буд, ки сиёсати кишвардории худро дар доираи дин тарҳрезӣ карданд. Яке аз аввалин иқдомоти бунёдгузорони давлати Сосониён аз он иборат буд, ки ойини зардуштиро дар тамоми қаламрави он барқарор карда, дар миёни дигар мазҳабҳои мавҷуда ба он мақому мартабаи дини расмии мардум ва давлат доданд ва ба густариши таълимоти он ҳамаҷониба мусоидат намуданд.[4] Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ сабаби қиём намудан Ардашер бар зидди Ардавони Ашконӣ дар бетаваҷҷуҳӣ ва бетафовутии онҳо ба мазҳаби ҳукмрон, яъне зардуштия буд. Абуалӣ Мискавейҳи Розӣ дар мавриди давлати динии таъсиснамудаи Ардашер аз забони худи ӯ, ки ҳангоми савгандёдкунӣ иброз доштааст, чунин маълумот додааст: “Подшоҳиву дин ду бародари ҳамзоданд, ки пойдории ҳар як ҷуз ба он

[1] Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1. – С.375.
[2] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.383.
[3] Ричард, Н.Ф. Мероси Осиёи Марказӣ [Матн] / Н.Ф. Ричард. – Душанбе: Сурушан, 2000. – С.69.
[4] Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Пайванд, 2005. – С.117.

дигаре набошад. Зеро дин шолудаи подшоҳӣ аст ва то кунун подшоҳӣ посдори дин будааст. Подшоҳиро аз шолуда ва динро аз посдорӣ гурезе набошад”.[1] Бо ибораи дигар дин ва салтанат тавъам ва ду ниҳоди ягона буда, дин ақида ва салтанат (шамшер) муҳофизи он аст.

Аз тарафи дигар сабаби ба дини расмӣ табдил ёфтани зардуштия ба давраи бисёрхудоӣ рост омадани он мебошад, ки худоён ва руҳу равонҳои гуногун дар шакли сарзаминҳо, шаҳрҳо ё дарахтон, рӯдҳо, саҳроҳо ва дигар мавҷудоти табиӣ парастиш карда мешуданд.[2] Ба ақидаи Васильев С.Л. зардуштия маҳз дар ҳамин давра зуҳур намуда, тавонист низоми динии бисёрхудоие, ки миёни эрониён вуҷуд дошт, аз байн барад ва таълимоти дугонагии худро пойдевор ва заминаи динҳои дигари тоисломии эрониён қарор диҳад.[3]

Барои аз байн бурдани низоми бисёрхудоӣ ва атрофи як ақидаву эътиқод муттаҳид намудани эронитаборон Ардашери Бобакон зардуштияро дини расмӣ эълом дошт. Ба андешаи муҳаққиқи аврупоӣ Мэри Бойс зардуштия аввалин ойине буд, ки ақидаҳои қазовати фардӣ, биҳишту дӯзах, растагории тан дар оянда, қазовати вопасини умумӣ ва ҳаёти абадӣ барои руҳ ва тани аз нав зиндашударо таълим медод.[4] Бино бар ин баъд аз ҷаласаи ҳирбадон ҳирбад Тансарро фармон дод, ки матнҳои парокандаи «Авасто»-и аҳди Ашкониёнро ҷамъ ва таълиф намояд, то онро китоби расмии эътиқодӣ ва қонунӣ қарор диҳанд.

Дар марҳилаи дигари ҷамъоварии Авесто Картир дар катибаи “Каъбаи Зардушт” раванди ба дини расмӣ-давлатӣ табдил ёфтани зардуштияро чунин маънидод менамояд: “Ойини маздоӣ ба дасти ман таҳким ёфт. Аз байни муғон онҳо, ки дучори васвос ва тардид буданд, ба дасти ман танбеҳ шуданд. Ва Озар, ки дар шаҳр буд бозсозӣ кардам ва бар ҳамаи харобкорони дин

---

[1] Абуалии Мискавайҳи Розӣ. Таҷорибу-л-умам [Матн] / М. Розӣ; тарҷумаи Абулқосим Имомӣ. – Теҳрон, 1369. – С.114.
[2] Ричард, Н.Ф. Мероси Осиёи Марказӣ [Матн] / Н.Ф. Ричард. – Душанбе: Сурушан, 2000. – С.71.
[3] Васильев, Л.С. История религий Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: Высшая школа, 1988. – С.62.
[4] Бойс Мэри. Зардуштиён [Матн]: боварҳо ва одоби динии онҳо / М. Бойс; тарҷумаи Аскар Баҳромӣ. – Теҳрон: Қуқнус, 1381 ҳ.қ. – С.36.

кайфар расонидам. Ва байни касоне, ки кеши девон доштанд, кӯшиш кардам, то онҳо кеши девонро раҳо сохтанд. Ойини Аҳриман ва девон аз кишвар рахт барбаст. Ва коҳинони яҳуд ва буддоӣ ва браҳманон ва наззориён ва зиндиқон аз ҳам пошиданд. Ва тасвири худояшон мунҳадим гашт. Ва паноҳгоҳи девон нобуд шуд. Ва дайрҳояшон ба ҷойгоҳи Яздон муддал гашт”.[1]

Баъдан дини зардуштӣ берун аз ҳудудҳои императории Сосониён дар Шарқу Ғарб пайравони зиёд пайдо намуд. Зардуштия дар қисмати шарқии империяи Сосониён, Хуросон, Ҳафтрӯд, Варазрӯд (Мовароуннаҳр) бо ёрии савдогарони «Шоҳроҳи бузурги Абрешим» густариш ёфта пайравони худро пайдо намуд. Эрониён дар охири салтанати Сосонӣ муваффақ ба таъсиси чандин маъбадҳои зардуштӣ дар пойтахти Чин шаҳри Чанг-ан ва шаҳрҳои Ло-ян, Ву-вай ва Дун-ҳонг гаштанд, ки дар онҳо муъбадони эронӣ ва ӯйғурӣ ба ибодат ва даъвати мардум машғул буданд.[2]

Зардушт ба олами руҳонӣ ва ҷисмонӣ эътиқод дошта, ибодат, устувории дини хеш ва тақдири инсонро дар “маниш”, “гӯиш” ва “куниш”-и нек баён менамуд ва дигар амалҳои инсониро хурофоту гуноҳ мешумурд. Зардушт мегӯяд: «Гови деҳқони шаҳрнишин ба ҷои қурбонӣ барои худованде, ки ҷисм надорад ва муҳтоҷ ба ғизо нест, беҳтар аст ба корҳои муфиди мазореъ гумошта шавад».[3]

Зардушт ба ин гуфтори худ вазъияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, парастиши худои ягонаи малакутӣ ва қурбониҳои зиёде, ки дар динҳои пешин ба ҷо оварда мешуданд, ба назар гирифта, ислоҳотҳое ворид намуд, ки дар давраи бурузи худ яке аз динҳои пешрав ва дорои ақидаҳои ваҳдонӣ шинохта шуд. Чунон ки маълум мешавад Зардушт Аҳурамаздоро дар мафҳум ҳамчун худои ягона, муҷаррад ва беҳамто таблиғ мекард.

---

[1] Рачабӣ, П. Картир ва сангнавиштаҳои ӯ дар Каъбаи Зардушт [Матн] / Парвиз Рачабӣ // Мачаллаи баррасиҳои таърихӣ. – Соли шашум. – Шумораи махсус. – Теҳрон, 1350. – С.66.

[2] Озарӣ Алоуддин. Таърихи равобити Эрону Чин [Матн] / А. Озарӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – С.35-36.

[3] Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1. – С.396.

Ба гуфтаи эроншиноси фаронсавӣ Фалсин Шола «Зардушти пайғомбар, ойини пешини эрониёнро ислоҳ кард ва мардумро дар тариқати яктопарастӣ раҳбарӣ намуд ва ахлоқи бузурги тарбиятӣ арза намуд. Қабл аз ҳама дини Зардушт парастиши худои мутаъол Аҳурамаздо, офарандае, ки нуронӣ, боазамат, бисёр бузург ва хубу зебо буд, таблиғ мекард. Аҳурамаздо худованди нур, холис ва ҳақиқат буда, тамоми мавоҳиб арзандаи ӯст. Ҳеч худое дар қадим, ҷуз Яҳва то ин андоза ба тавҳид наздик нест»[1]. Ба таври дигар, метавон хулосае кард, ки омадани ойини яккахудоии ислом дар сарзамини Эрону Хуросону Мовароуннаҳр заминае барои густариш доштааст.

Бояд таъкид кунем, ки зардуштия дар охири давлатдории Сосониён аз сабаби беэътиноии руҳониён ба пастию инҳитот наздик шуда буд ва ҳангоми фурӯпошии Сосониён ақидаҳои олии зардуштия ба афкори зишту паст табдил ёфт ва ҳазорон хурофот ба он зам шуда, дар парастишу эътиқод ҷойи Аҳурамаздои ягонаро муҷассамаҳои дорои шаклу шамоил ва ришу асову ридо ишғол намуд.[2]

Маълум мешавад, ки Аҳурамаздо дар замони Зардушт ҳамчун худои бузургу ғоиб парастиш ёфта, дар замони Сосониён қувваи тавҳидии худро аз даст дода, дар рӯйи замин дар шакли бутҳои сохташуда парастиш мешуд. Мувофиқи ахбори “Ал милал ва-н-ниҳал”-и Шаҳристонӣ Аҳурамаздо аз назари шахсии Зардушт номи худои ғоиби холиқи оламу инсон буда, худи Зардушт паёмовари Аҳурамаздо дар замин буд, ки барои инкор ва манъи парастиши бутҳо ва худоёни беохир зуҳур кардааст. Ба қавли ӯ “Аҳурамаздо холиқи нуру зулмот буда, ӯро шарике нест ва бемислу монанд аст[3].

Дини зардуштӣ тамоми сохторҳои идориву иҷтимоии давлати Сосониёнро бетаъсир намонда буд, яъне тамоми рукнҳои давлатдорӣ аз

---

[1] Ҳақиқат Абдуррафеъ. Таърихи неҳзатҳои фарҳангии Эрониён [Матн] / А. Ҳақиқат. – Теҳрон: Ширкати муаллифон ва мутарҷимони Эрон, 1347. – С.15-16.

[2] Таърихи Эрон [Матн]: аз Селевкиён то фурупошии давлати Сосониён. – Теҳрон: Амири Кабир, 1370. – Ҷ.3. – С.268.

[3] Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1. – С.395.

шоҳаншоҳ то барзгарон ба идораи динӣ дахлпазир буда, муъбадон дар идораи умури сиёсии кишвар нақши муҳим мебозиданд. Инчунин оммаи аҳди Сосонӣ аз тарафи руҳониёну муъбадон бар асари хурофоту маросимҳо ва маҷбуриятҳои зиёди динӣ, ки худи онҳо ба зардуштия зам карда буданд, зери азобу шиканҷа қарор доштанд. Боҷу хироҷҳои зиёде, ки тавассути руҳониён ба дӯши мардуми маҳаллӣ маҷбуран бор карда шуда буд, манбаи даромад ва сарвати муъбадон ба шумор мерафт. Бад-ин сабаб норизогии мардум дар дараҷаи аввал мутаваҷҷеҳи дин ва руҳониёни динӣ гашта, наҳзатҳои мардуми он замон мазмуни гироиш ба сӯи дини навинро доштанд.[1]

Саъид Нафисӣ ошуфтагии Эрони Сосониро дар бисёрии мазҳабҳои мухталиф ва дар баробари эъломи дини зардуштӣ баланд гаштани нуфузи руҳониёну зуҳури сохти табақотии шадид маънидод менамояд.[2] Муаррихи тоҷик Д. Довудӣ низ аз даст додани таъсири зардуштияро ҳангоми зуҳури ислом ба яке аз масъалаҳои муҳимми дохили мазҳабӣ марбут дониста, қайд менамояд, ки зардуштиёни ин замон як қатор эътиқодҳои ибтидоӣ ба монанди унсурҳои табиатпарастии офтоб, моҳ, ситораҳо, оташ, бод ва ғайраро дорои неруи эзадӣ дониста парастиш мекарданд.[3] Ин эътиқоди онҳо дар аввал агар ҷанбаи мусбат дошта бошад ҳам, дар охири замони Сосониён аҳаммияти пешинаи худро аз даст дода, ба хурофот табдил ёфта буданд.

Нуфузи муъбадон ва руҳониёни зардуштии Эрони Сосонӣ дар як муддати кӯтоҳ аз ҳисоби бахшидани валодатҳо, издивоҷҳо, қурбониҳо, амлоки арзӣ ва аз тариқи ҷаримаҳои диниву ушрияҳо (даҳякҳо), садақоту ҳадяҳо ниҳоят баланд шуда буд. Дар ин маврид муҳаққиқи эронӣ Муртазо Мутаҳҳарӣ чунин ибрози андеша намудааст: «Метавон гуфт, ки муъбадон тақрибан давлате дар миёни давлат эҷод карда буданд».[4]

---

[1] Пигулевская, Н.В., Якубовский, О.Ю. Таърихи Эрон [Матн] / Н.В. Пигулевская, О.Ю. Якубовский, И.П. Петрушевский, О. Беллинитский, А.В. Струево; тарҷумаи Карими Кишоварз. – Теҳрон: Паём, 1354. – С.85.
[2] Нафисӣ Саъид. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342 ҳ. – С.167.
[3] Довудӣ, Д. Зардуштия ва ислом баъди истилои араб дар замони Сомониён [Матн] / Д. Довудӣ // Тамаддуни бостон ва фарҳанги замони Сомониён: маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Маздоясно, 1999. – С.70.
[4] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – С.114.

Оммаи аҳолии давлати Сосонӣ ноадолатиҳои руҳониёни зардуштиро мушоҳида намуда, пайрави мазоҳибу динҳои дигар мегаштанд. Бо мақсади интишори зардуштия муъбадону руҳониён роҳҳои ҷабру зулм ва хунрезиҳоро пеш гирифта, мубаллиғони динҳои дигар аз қабили яҳудиҳо, буддоиҳо, насрониҳо, мавкаткоҳо (ҳиндуҳо) ва пайравони Мониро аз кишвар берун мекарданд.

Ба ҳар ҳол ақидаҳои гуногуни мазҳабӣ, ки дар баробари дини зардуштӣ дар давлати Сосониён вуҷуд доштанд, ба таври ақаллият то фурӯпошии ин хонадон ва баъд аз он низ боқӣ монданд. Дар «Китобу-т-тавҳид»-и Мотуридии Самарқандӣ номгӯи қисмати зиёди онҳо, ки то асри Х дар ҳудудҳои Хуросону Мовароуннаҳр фаъолият доштанд, номбар шудаанд. Агар ба таври умумӣ назар намоем, дар маҷмуъ мазҳабҳои буддоӣ ва яҳудӣ дорои ҳадафи сиёсӣ набуда, ба умури давлатдорӣ дахл намекарданд, аммо масеҳият ҳар замон дар симои Рум пуштибони худро дида, ба корҳои сиёсии давлати Сосониён мудохила мекард. Аз ин ҷиҳат насрониён ҳадафи озори амалдорону муъбадони зардуштӣ қарор мегирифтанд.

Ниҳодҳои динии Сосониён ба тариқи бояду шояд натавонистанд афкори ҷамъиятиро аз таъсири динҳову мазҳабҳои дигар ҳифз намоянд. Ҳамин бетафовутии руҳониён буд, ки теъдоди пайравони динҳои дигар на танҳо меафзуд, балки ҷараёнҳои дигари динӣ-сиёсиро ба вуҷуд меовард.[1] Чӣ тавре маълум аст зурвонпарастӣ ва оташпарастӣ дар аҳди Сосониён густариш ёфта, мақоми дини зардуштиро танг мекарданд.

Зардуштияи ибтидоӣ Озарро (оташро) дар баробари парастиши салиби масеҳӣ ва бутҳои буддоиён, меҳроб ва ё қиблаи худ қарор дода буд. Вале дар замони Сосониён парастиши оташ на ҳамчун нури рамзӣ авҷ гирифта буд, балки дар баробари зуҳури оташкадаҳои бузург ба эътиқоди мардум таъсири бузург мерасонид, яъне ба ивази “Нур (Озарӣ) муқаддас” оташпарастӣ маъмулан ҷойи «зардуштияи ибтидоиро» дар мафкураи инсонҳо ва ҳам дар амали онҳо маҳдуд месохт.

[1] Петрушевский, И.П. Ислам в Иране в VII-XV веках [Текст] / П.И. Петрушевский. – Л., 1966. – С.10-11.

Сабаби дигари авҷгирии «оташпарастӣ» дар замони Сосониён, ошуфтагию мухолифатҳои мазҳабӣ ба шумор мерафт, ки бар асари чунин зиддиятҳо Анушервон миёни тӯдаи мардуми мамлакат оташпарастиро барқарор карда, таомулу ихтилоф ва баҳсу мунозираҳоро дар бораи адёни дигар мамнӯъ сохт.[1] Бо амалӣ намудани ин ислоҳот ва сохтмони оташкадаҳои азим тафаккури эътиқодии одамон чунон тағйир ёфта буд, ки ҳатто қисмати аъзами онҳо мункири парастиши Аҳурмаздо шуда, ба парастиши оташ – яке аз чаҳорунсури нахуст рӯй оварда буданд. Гузашта аз ин, дар баробари оташкадаҳои бузург оташкадаҳои хурди маҳаллӣ ва хонаводагӣ низ амал мекарданд, ки дар онҳо ҳеч гоҳ «Оташи муқаддас» хомӯш намешуд. Абдулкарими Шаҳристонӣ дар асари худ фасли алоҳидаеро дар бораи “Оташкадаҳо” ихтисос дода, дар мавриди гиромӣ доштани оташ ва бино кардани оташкадаҳои бузургу миёна ба монанди оташкадаи Тус, Бухоро, Баҳман, Сиҷистон, Форс, Исфаҳон, Қумис, Гангдиз, Хоразм, Озарбойҷон, Доробҷирд ва дигарон маълумот дода, мазмун ва моҳияти мазҳабии онро дар миёни эронитаборон баҳои воқеӣ додааст.[2]

Абӯбакри Наршахӣ нисбат ба оташкадаҳо ва оташпарастони Бухоро дар китоби худ маълумоти муфассал дода, зикр менамояд, ки «дар ин мавзеъ (дар бозори Моҳ – Т.Ғ) Оташхона шудӣ ва дар рӯзи бозор чун мардум ҷамъ шудандӣ, ҳама ба Оташхона андар омадӣ ва Оташ парастидандӣ. Ва Оташхона то ба вақти ислом ба ҷой буд»[3].

Парастиши оташ дар қисматҳои шарқии империяи Сосониён, яъне Хуросону Мовароуннаҳр, Ҳафтрӯд ва ҳатто дар қисматҳои шарқиву ғарбии Хитой нисбат ба дигар ойинҳо нуфузи зиёд пайдо карда буд, ки мавҷуд будани се оташкадаи бузург дар шаҳри Лояни Хитой аз он шаҳодат медиҳад.[4]

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.II. – С.646.

[2] Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1. – С.436-442.

[3] Наршахӣ Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро [Матн] / М.Ҷ. Наршахӣ; бо кӯшиши Муҳаммадтақии Муддариси Разавӣ. – Теҳрон, 1363. – С.7.

[4] История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1999. – Т.II. – С.256.

Оташпарастӣ дар замони Сосониён аз дигар динҳо нуфузи бештар ва пайравони зиёд пайдо карда буд. Билохира дар даврони суқути Сосониён оташпарастӣ батадриҷ ҷойи зардуштияи ибтидоиро гирифт. Дар ин давра зардуштиёнро ҳамчун оташпарастон муаррифӣ мекарданд.[1] Маълумоти сарчашмаҳо тақрибан ба ҳам монанд буда, хулосаҳои донишмандон низ якдигарро такмил мекунад.

Бо истифода аз маълумотҳои сарчашмаҳои таърихӣ метавон ба чунин натиҷа расид, ки эронитаборон дар арафаи зуҳури ислом оташро аз сабаби ҷавҳари шариф ва пок доштан онро ҳамчун қибла қарор медоданд ва ба хотири он ки дар охират онҳоро насӯзонад, парастиш мекарданд.[2]

Дини дигаре, ки дар ҳамсоягии шоҳаншоҳии Сосониён ривоҷ ёфта, барои омехташавии ҳолатҳои эътиқодии мардумони атроф хатари ҷиддӣ дошт, дини масеҳӣ буд. Ривоҷи дини масеҳӣ дар миёни аҳвоми эронӣ пеш аз ҳама дар раванди ҷангҳову лашкаркашиҳо бо румиён ва дар муносибатҳои тиҷоративу таблиғотии тарафайн сурат мегирифт. Пас аз ҷангҳои бузурге, ки байни эрониён ва румиён рух доданд, асирони зиёди масеҳӣ дар гӯшаву канори кишвар ҷой мегирифтанд ва онҳо аввалин масеҳиёни ба хоки империяи Сосонӣ воридгардида буданд.

Муҳаққиқи аврупоӣ Артур Кристинсен ин равандро чунин шарҳ додааст: «Подшоҳони Эрон дар лашкаркашиҳои худ ба Сурия ва Рум гоҳе тамоми сокинони як шаҳр ё як ноҳияро кӯч дода, дар яке аз нуқоти дохилии кишвар муқимӣ мекарданд. Чун қисмати азими ин муҳоҷирон исавимазҳаб буданд, диёнати Масеҳ дар ҳар гӯшае аз Эрон андаке ривоҷ гирифт».[3]

Муҳоҷирони исавимазҳаб дар аввал ба оромиш рӯз ба сар мебурданд ва тамоми амру маҷбуриятҳои Сосониёнро иҷро мекарданд. Баъд аз ба масеҳият гаравидани Константин ва дини расмии императори Рум эълон гардидани

---

[1] Берунӣ, А. Осор-ул-боқия [Матн] / А. Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С.366-367.

[2] Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1. – С.439.

[3] Кристинсен Артур. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристинсен; тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. – Теҳрон, 1332. – С.280.

масеҳият, вазъи дохилии империяи Сосонӣ тағйир ёфта, Сосониён масеҳиёнро чун ҳавохоҳи сиёсии Рум мешумурданд. Исавиёни Эрон дар симои Руми исавӣ такягоҳи асосии худро дида, ба тадриҷ дар корҳои сиёсиву идории давлат дахолат мекарданд.

Таъқибу озори исавиёни Эрон ва куштори онҳо аз солҳои сиюми қарни чаҳорум то солҳои ҳаштодуми қарни панҷум (484) идома ёфта буд. Насрониёни Рум дар навбати худ доир ба масъалаҳои илоҳиёт дар муҷодала буда, сарусқуфи Константинопол – Нестори ақидаҳоеро ҳимоя мекард, ки табиати дугонавӣ ва инсон будани Исоро исбот мекарданд. Аз ин рӯ душманони Нестори соли 431 ӯро сабукдӯш ва пайравони ӯро таъқиб мекарданд. Ин хатарро эҳсос карда, Нестори бо пайравони зиёди худ ба Эрон паноҳ бурда, баъди чанде дар Сурияву Байнаннаҳрайн, ҳатто дар шаҳрҳои Ҳироту Тӯс, Марву Сарахс ва Балху Бухоро ҷамоаҳои худро таъсис доданд.[1] Баъд аз пазируфтани тариқаи настурӣ аз тарафи калисои сурёнии Эрон дар шаҳри Нисибин далоили сиёсӣ барои таъқиби масеҳиёни Эрони сосонӣ аз миён рафт.

Дар аҳди Шопури II исавиёни Эрон аз ҳукумат талаб намуданд, ки дар корҳои идории давлат ширкат дошта бошанд. Ҳангоми пешниҳоди чунин дархост Шопури дувум онҳоро сахт таъқиб намуд ва бисёре аз онҳоро ба куштан дод. Артур Кристинсен миқдори кушташудагони исавии аҳди Шопурро ба 16 000 нафар баробар донистааст ва ин ҷамоатест, ки номи онон маъруф будааст.[2]

Баъди чунин ошӯб, Эрони сосонӣ насрониёнро дӯстони маънавӣ ва ботинии Рум дониста, ба онҳо молиёти саронаи сангине бор намуда, калисоҳои онҳоро вайрон ва иддае аз онҳоро аз динашон баргардонданд ва ба парастиши дини зардуштӣ маҷбур сохтанд. Сабаби дигари озори сахти масеҳиёни Эрон дар муносибатҳои сиёсии Шопури II ва императори Рум

[1] Старр Фредерик. Маърифати гумшуда [Матн]: асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг / Ф. Старр. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – С.129.
[2] Кристинсен Артур. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристинсен; тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. – Теҳрон, 1332. – С.292.

Константин дида мешавад, ки озору шиканҷаҳои масеҳиёни дохилӣ тули 40 сол давом карда буд.

Муносибатҳои дӯстонаи Яздигурди I бо насрониҳо ва сохтмони калисоҳо, гаравидани бисёре аз хонадонҳои бонуфузи эронӣ ба дини исавӣ, ба неруманд гардидани ҳаёти маънавию фарҳангии масеҳиёни Эрон оварда расонд. Дар аҳди Баҳроми V, Яздигурди II ва Хусрави Анӯшервон масеҳиёни дохилӣ ва хоричӣ зери таъқиботу сахтиҳо ва маҷбуриятҳои бисёр қарор доштанд.

Мубаллиғони масеҳие, ки дар Эрон зери таъқиби руҳониёни зардуштӣ қарор мегирифтанд, аз иёлати Калда ба Чин, Ҳиндустони ҷанубӣ, Тибет ва Муғулистон сафар намуда, дар он ҷо иддаи зиёдеро ба дини масеҳӣ дароварда буданд ва сабаби мунташир шудани он шуда буданд.[1] Ба гуфтаи Абурайҳони Берунӣ аввалин шахсе, ки дини насрониро баъд аз дусад соли сууди Масеҳ ба Хуросону Мовароуннаҳр овард Сиси Ҷослиқ буд.[2] Баъд аз ба вуҷуд омадани равияи нави масеҳӣ бо номи настурӣ ва пас аз марги муассиси он (Нестор) дар соли 451 ин равия ба воситаи пайравони он дар Эрону Ҳиндустон ва Осиёи Миёнаву Чин шуҳрати беандоза пайдо намуд.

Пайравони равияи настурии масеҳӣ дар соли 484 ҷудо аз масеҳиёни дигар дар Эрон калисоҳои худро барпо карданд. Маъруфтарин нафари масеҳии ин равия Католикус бо пайравони ин калисоҳо тавонистанд бо Сосониён муттаҳид шуда, бо душманони динии худ, ки дар Византия қарор доштанд, мубориза баранд.[3]

Таъқибу озори сахте, ки масеҳиён то ин дам медиданд дар замони Ҳурмузи IV хотима ёфта, бо мунташир намудани фармон оид ба озодии масеҳиён сабаби дигаргун шудани аҳволи онҳо гардид. Ҳурмузи IV дар ин фармон ақидаи худро нисбат ба динҳои дигар чунин баён кардааст: «Подшоҳии мо табоҳ кардани насоро ва пайравони динҳои дигар, ки ба диёри

[1] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – С.121.
[2] Берунӣ, А. Осор-ул-боқия [Матн] / А. Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С.336.
[3] Нейбрек, С. Динҳои Эрони бостон [Матн] / С. Нейбрек; тарҷумаи Сайфуддини Начмободӣ. – Техрон, 1359. – 162 с.

мо ҷой доранд устувор нашавад. Аз ситам бо насоро даст бидоред ва ба корҳои нек пардозед, то насоро ва аҳли динҳои дигар бибинанд ва шуморо сипос кунанд ва ба динатон роғиб шаванд»[1].

Дар давраи Ҳурмузи IV масеҳият дар саросари давлати Сосониён паҳн гашта, нуфузу эътибораш нисбат ба динҳои дигар баланд гардид. Дар баробари зуҳури ислом, масеҳият дар Эрон инкишофи босуръат ёфта, ҳатто дар маркази империяи Сосонӣ барои ҷамъомад ва ҷаласаҳои динии худ ҷойеро муайян карда буданд. Яъне дар ин солҳо масеҳият низ дар баробари динҳову ҷараёнҳои дигар саросари кишварро фаро гирифта, таблиғгарони он мардумро ошкоро ба масеҳият даъват мекарданд. Муҳаққиқи таърихи шоҳаншоҳии Сосониён Артур Кристинсен қайд менамояд, ки дар замони охирин намояндаи ин шоҳаншоҳӣ низ нуфузи масеҳият афзуда, пуштибонӣ ёфтани онҳо аз ҷониби Яздигурди III ба он оварда расонд, ки дар сарчашмаҳои масеҳии суриёнӣ Яздигурд “шоҳи муқаддас, раҳим ва накӯкори исавӣ” унвон дода шудааст.[2]

Хусрави Парвиз бештар ба сиёсати хориҷӣ таваҷҷуҳ дошт ва ба корҳои дохилии давлат ва ихтилофоти мазҳабӣ чандон аҳаммият намедод. Чунин тарзи муносиботи ӯ ба он оварда расонд, ки ихтилофоти мазҳабиву нажодӣ дар саросари Эрони Сосонӣ афзуда, империяро аз дарун хароб мекард. Масеҳиёне, ки дучори кинаву бадбинии зардуштиён гардида буданд, мардумро зидди шоҳ ва сиёсати ӯ таблиғ мекарданд.

Хусрави Парвиз аз сабаби моҷароҳои сиёсии дохилии давлат, барои шикасти Баҳроми Чӯбин ба империяи Рум паноҳ бурда, бо духтари императори Рум Маврикий – Марям издивоҷ намуда, уҳдадор шуд, ки ҳуқуқҳои масеҳиёни Эронро ҳифз намояд.[3] Дар замони ҳукмронии Хусрави Парвиз масеҳият беш аз ҳар вақти дигар қувват гирифта, бисёре аз наздикони

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.II. – С.725.

[2] Кристинсен Артур. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристинсен; тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. – Теҳрон, 1332. – С.195.

[3] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.II. – С.728.

шоҳ, ки аз эрониёни асил буданд, исавӣ шуданд. Инчунин дар замони Ширӯя ва 12 шоҳи дигаре, ки баъд аз ӯ ба тахт расиданд, масеҳият дар саросари империяи Сосониён ҷорӣ шуда, ҷой ва мавқеъи дини расмии кишварро танг мекард. Дар аҳди салтанати Ширӯя озодии комил ба исавиҳо дода шуда буд, ки ташкилоти руҳониёни исавӣ дар Эрон монанди ташкилоти онҳо дар Рум буд.[1]

Дар воқеъ, мавҷудияти зардуштия дар шоҳаншоҳии Сосониён ҳамчун як идеологияи ҳоким тавонист эрониёнро дар ғарби кишвар аз чанголи масеҳият ва дар шарқи кишвар аз чанголи буддоия ва парастишҳои дигари маҳаллӣ то андозае наҷот диҳад ва мардумони бумии ин кишварро ба иттиҳод ва амнияти мазҳабиро дар ҳудудҳои кишвар таъмин намояд. Дар марҳилаи заволи давлати Сосониён дини насронӣ дар Эрон рӯз ба рӯз нуфузи бештар меёфт ва бисёре аз арабҳои дохили давлат ба дини масеҳӣ гаравида буданд, ки барои паҳншавии дини нави арабҳо, яъне ислом хеле мусоидат менамуданд. Арабҳои масеҳӣ ва арабҳои исломоварда бо ҳам муттаҳид шуда, дар аввалин ҳуҷумҳо иттифоқчии мусулмонон шуданд ва дар инқирози давлати Сосонии зардуштӣ саҳм гирифтанд. Онҳо душманоне буданд, ки дар қалби мамлакати Сосониён қарор гирифта, барои аз байн бурдани давлат машғул буданд.[2] Бо ин назари донишманди эрониро метавон баҳс кард, зеро ӯ каме омили динӣ дар ин марҳиларо зиёд баҳо додааст. Дар воқеъ, тавре дар оянда мебинем, авомили дигар сабаби иттиҳоди арабҳо ва пирӯзияшон дар Эрон гардид.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки аввалан масеҳият ба таври табиӣ дар Эрони зардуштӣ дар ҳоли густариш буд; Сониян, масеҳият бар хилофи ойини зардуштӣ мақоми ҷаҳонӣ пайдо карда буд, яъне мубаллиғони масеҳӣ кӯшиш мекарданд дар тамоми ҷаҳон масеҳиятро густариш диҳанд; Солисан, ислом, ки ба Эрон омад пеш аз он, ки ба зардуштия зарба бизанад ба масеҳият зарба зад, чунки масеҳият дар ҳоли рушду тавсеа қарор дошта,

[1] Пирниё Ҳасан, Аббоси Иқбол. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Қоҷория [Матн] / Ҳ. Пирниё, А. Иқбол. – Теҳрон: Хайём, 1370. – С.263.
[2] Халилӣ Аббос. Эрон баъд аз ислом [Матн] / А. Халилӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1335 ҳ. – С.28.

хатари бузург барои таблиғи адёни дигар дошт. Масеҳият дар ин замон тавонист умри империяи Румро дароз кунад, зеро бар хилофи асрҳои нахустини пайдоиши масеҳият, ки пайравони он дар таъқиб қарор доштанд, акнун бо як ойин ба ҳам овардани халқҳои гуногуни империя осон гашта буд.

Дар чунин шароити мураккаб, ки дар дохили давлат пайравони динҳои буддоӣ, насронӣ ва яҳудӣ барои баланд бардоштани нуфузи динии худ талош меварзиданд, мазҳаби дигаре бо роҳбарии Монӣ зуҳур кард. Монӣ аз наҷибзодагони эронитабор буда, модари ӯ аз хонадони шоҳони Ашконӣ ва падараш Фотак аз мардумони Ҳамадон буд, ки баъдан ба Бобул ҳиҷрат намуда, дар байни Даҷла ва Фурот сукунат доштанд. Монӣ дар ин сарзамин дар соли 216 таваллуд шуда, баъд аз шиносоӣ бо зарвония, зардуштия, насрония ва дигар динҳо ойини «муғтасила»-ро, ки гузаштагони ӯ аз ин мазҳаб пайравӣ мекарданд, инкор кард ва дар сини 45 - солагӣ ба таблиғи ақоиди мазҳабии худ оғоз намуд.[1]

Фарқияти мазҳаби Монӣ аз дигар мазҳабҳо дар он аст, ки Монӣ офариниши инсониятро дар рӯйи замин аз ҷониби «падари азамат ва модари зиндагон» эътироф менамояд. Сарфи назар аз он ки таълимоти динии Мониро парастиши ду қувваи бо ҳам зид – нуру зулмат ташкил дода бошад ҳам, дар асл ба покии зоҳириву ботинии инсон аҳаммияти махсус зоҳир менамуд. Чунон ки мушоҳида мешавад, дар мазҳаби Монӣ санавият нисбат ба зардуштия равшантару фаҳмотар баён гардидааст. Санавияти монавия аз ду асл, яъне хайру шарр ва се давр, яъне гузашта, ҳозира ва оянда иборат буда, асли вуҷуд дар парастишу эътиқод ба ду худои бузург яке бо номи Нур ва дигаре Зулмот сурат мегирифт.[2]

Бо такя ба таҳқиқоту далелҳои таърихӣ метавон хулоса намуд, ки агар дини зардуштӣ имкон медошт ва андешаи оммаи халқро бо маводи мазҳабӣ ғизо дода метавонист, зарурати табаддулоти мазҳабӣ аз байн мерафт. Бар

[1] Перси Сайкс. Таърихи Эрон [Матн] / П. Сайк; тарҷумаи Саидтақии Фахрдоъии Гелонӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1336. – С.187.
[2] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – С.171.

асари ин омилҳо таълимоти Монӣ ба таъқиби сахти шоҳони Сосонӣ гирифтор шуд ва монавия, ки дар ибтидо тарафдорони зиёдеро дар атрофии худ муттаҳид карда буд, тавассути шоҳони сосонӣ мавриди таъқиби шадид қарор гирифт.

Баъд аз зуҳури таълимоти динии Монӣ дар Ғарби Эрон онҳоро исавиён рақиби асосии худ шуморида, тарафдорони онро кофар ҳукм мекарданд ва таъқиб месохтанд. Ба ҳар сурат пайравони Монӣ дар аҳди Сосониён боқӣ монда, ба корҳои сиёсиву идории давлат ва мазҳабҳову динҳои дигар монеаи ҷиддӣ дониста мешуданд. Тавре устод Б. Ғафуров навиштаанд, яке мубаллиғони ойини Монӣ дар Осиёи Миёна Маар Уммо буда, баъдтар таблиғгарони он монавияро хорич аз қаламрави Сосониён ба Туркистони Шарқӣ ва Хитой низ расонида, дар фикри паҳн кардани ин таълимот буданд[1].

Мазҳаби Маздак аз афкори иҷтимоии Монӣ сарчашма гирифта, як ҷунбиши иҷтимоии оммаи васеи мазлум ва ситамдидаро ташкил карда буд, ки алайҳи давлати мустабид, руҳониёни мутаассиб, ашрофон ва лашкариёни фасодкор нигаронида шуда буд. Бо ин мақсад хурӯҷи Маздак аввалин наҳзати иҷтимоиест, ки таъмини адолати иҷтимоии воқеиро ҳадафи худ қарор дода буд, ки нисбати ин масъала Абдулкарими Шаҳристонӣ дар боби дувуми ҷузъи сеюми “Ал-Милал ва-н-ниҳал” фасли алоҳидаеро бахшидааст.[2] Маздак дар ибтидо мубади парҳезкор будааст, ки баъдан наҳзати худро дар асоси таълимоти динӣ ва ақидаҳои динии «Зардушт ва Бундос»[3], ки қаблан дар Рум ақидаҳои худро паҳн намуда буданд, ба роҳ монда, мехост тамоми норасоиҳои ҷамъиятро ба воситаи ақидаҳои динии хеш баробар намояд.

Таълимоти динии Маздак аз назари фикриву эътиқодӣ дар бораи ҷаҳону хилқат ва инсон аз дини зардуштӣ камтар набуд, аз ин назар ҷозибааш аз соири адёни мавҷуда болотар меистод ва аз нигоҳи масаъалагузории иҷтимоӣ

---

[1] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.230

[2] Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1. – С.421-433.

[3] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – С.128.

дар баробари ойини зардуштӣ истодагарӣ мекард ва аз ин ҷиҳат дар миёни тӯдаи мардум ҷозибаи неруманд дошт. Маздак таълимоти худро алайҳи низоми иҷтимоӣ-фарҳангие, ки ашрофону бузургон ва заминдорону муъбадон дар авохири салтанати Сосониён фароҳам карда буданд, пайрезӣ намуда, бо такя бар зербинои фарҳангии зардуштия чунин таъкид менамуд, ки “маро фиристодаанд, то дини зардуштро тоза кунам, ки халқ маънии Занду Усто фаромӯш кардаанд ва фармонҳои Яздон на чунон мегузоранд, ки Зардушт овардааст. Акнун маро фиристодаанд то дини Зардуштро тоза гардонам ва халқро роҳи рост бинмоям”[1].

Ин масъала дар “Таъриху русули ва-л-мулук”-и Табарӣ ба тарзи дигар баён ёфтааст: “Худованд рӯзиро дар замин ниҳод, то бандагон ба мусовот тақсим кунанд. Ва мардум дар кори он бо якдигар ситам карданд. Ва пиндоштанд, ки аз тавонгарон барои бенавоён мегиранд ва аз доро ба нодор медиҳанд. Ва ҳар ки мол ва зан ва хоста беш аз он дорад, ки бояд беш аз дигарон нисбат ба он ҳақ надорад”.[2] Дар асл Маздак он буҳрони мазҳабӣ ва иҷтимоию иқтисодии мавҷудаи замони Сосониёнро даҳчанд нишон дода, мехост ки онҳоро ислоҳ ва зиндагии орому осоиштаи оммаро таъмин намояд. Аммо аз маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ маълум мегардад, ки Маздак барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ ҳамчунин мардумро ба ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ва мазҳабӣ даъват мекард.

Асоси таълимоти Маздакро низ санавият ташкил дода, дар мисоли рӯшноӣ ва торикӣ, ки дар монавия ин қувваҳо ба ҳам омехта шуда буданд, дар маздакия ба таври ҷудо дар муқобили ҳамдигар арзёбӣ мешаванд. Маздак ақида дошт, ки дунё аз се чиз; «об, оташ, хок»[3] таркиб ёфта, тамоми хислатҳои инсонӣ аз қабили софдилӣ накӯкорӣ, хашм, кина, ғазаб, хоксорӣ,

---

[1] Низомулмулки Тӯсӣ Ҳасан ибни Алӣ. Сияру-л-мулук (Сиёсатнома) [Матн] / Н. Тусӣ; бо кӯшиш Ҷаъфари Шуъор. – Теҳрон: Ширкати саҳомии китобҳои ҷайбӣ, 1377.ҳ.қ. – С.231.

[2] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.II. – С.640.

[3] Пирниё Ҳасан, Аббоси Иқбол. Таъриҳи Эрон аз оғоз то инқирози Қоҷория [Матн] / Ҳ. Пирниё, А. Иқбол. – Теҳрон: Хайём, 1370. – С.260.

фурӯтанӣ ва ғайра ба ҳар сеи ин унсурҳо вобастагӣ доранд. Аз ин ҷиҳат дар таълимоти ӯ унсурҳои мазкур муқаддас шуморида мешуданд.

Дар ҷомеаи монавӣ шиори баргузидагон ҷуз доштани ғизои якрӯза, либоси яксола ва зуҳду тақво ва парҳез намудан аз лаззоти шаҳвонӣ чизи дигар набуд, вале пешвоёни маздакия ба хулосае омаданд, ки мардумони одӣ аз иҷрои чунин унсурҳо намебароянд. Аз ин рӯ майлу рағбат ба лаззоти моддӣ, аз қабили доштани сарвату зан ва ё даст ёфтан ба зани хоссаи худ, ки мавриди хоҳиш аст, иҷозат доданд.

Маздак барои аз байн бурдани таззодҳо, нафратҳо ва ошӯбҳои мардумӣ, ки решаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ доштанд ва бар зидди ҳукумат нигаронида шуда буданд, аҳаммияти махсус зоҳир мекард. Вай сабабҳои асосии онро дар масъалаи ишқ ба зан ва сарват медид. Дар робита ба ин дастур медод, ки занону сарватҳо бояд муштарак бошанд. Ҳамин аст, ки маздакия аз ҷониби муҳаққиқон навъе аз коммунизми ифротӣ дониста шудааст.[1] Сарфи назар аз мавҷудияти ҷанбаҳои ҳассоси ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ доштанаш, таълимоти Маздак аз ҷониби Сосониён пазируфта нашуд ва Маздаку пайравони вай ба қатл расида, ҷараёни мазкур саркӯб гардид. Қисми маҳдуди маздакиҳо ба фаъолияти пинҳонкорӣ гузашта, ба тадриҷ ақидаҳои худро дар саросари Эрон густариш доданд. Ҳамсари Маздак бо номи Хуррама духти Потак бо як гуруҳ пайравони Маздак ба тарғиботи таълимоти динии маздакия пардохтанд, ки дар таърих ин ҷунбиш бо номи «хуррамдинон» ёд мешавад.[2] Аммо як нуктаро набояд аз ёд бурд, ки маздакия ҳамчун ҷунбиши оппозитсионӣ нисбат ба ҳукумати замони худ зуҳур карда, дар даврахои баъдӣ (аз ҷумла замони ислом) низ ақидаи муаррихону донишмандон нисбат ба он хайрхоҳонаву бетарафона набудааст. Аз ин рӯ, бо иттилои сарчашмаҳо наметавон куллан розӣ шуд.

---

[1] Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1. – С.427.; Ҳақиқат Абдуррафеъ. Таърихи неҳзатҳои фарҳангии Эрониён [Матн] / А. Ҳақиқат. – Теҳрон: Ширкати муаллифон ва мутарҷимони Эрон, 1347. – С.34.

[2] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3. – С.121.

Маздакиён дар дохили давлати Сосониён ва баъд аз суқути он то солҳои 900 дар Эрон бо номҳои мухталиф боқӣ монда, бо халифаҳои аббосӣ ҷангу набардҳои зиёд намуданд ва дар натиҷа тавассути Аббосиён ба таври оммавӣ саркӯб гардиданд.[1]

Дар маҷмуъ, таълимоти Маздикия бо шикаст додани Қубод, ки худро ноиб ва намояндаи Аҳурамаздо дар замин эълон карда буд, тавонист дар дастгоҳи идории шоҳаншоҳии Сосониён як такони ҷиддӣ ворид намояд. Бо ин амал бартараф кардани шоҳон ба як воқеаи одӣ ва сиёсӣ табдил ёфт. Ба андешаи мо Маздак на танҳо сохтори иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи Сосониро ислоҳ кард, балки сабаби дарҳам шикастани низоми табақотии шадиди иҷтимоӣ гардид, ки таъсири ин низом то ба имрӯз дар Ҳинд ва як қатор давлатҳои дигар боқӣ мондааст.

Аз таҳлили маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки бештари маълумотҳои дар онҳо инъикосгардида, аксаран аз манобеи таърихии паҳлавӣ сарчашма гирифта, зери таъсири руҳониёни зардуштӣ таълиф шудаанд. Аз ин рӯ онҳо таълимоти воқеии маздакияро яктарафа баҳо додаанд. Дини Маздак ба василаи неруи низомӣ ва амалҳои зӯру хушунати фавқулода дар айёми инкишофу рушди худ аз ҷониби пайравони дини зардуштӣ саркӯб карда шуд.

Агар монавия ва маздакия дар қисмати марказию ғарбии шоҳаншоҳии Сосониён таъсири бештар пайдо карда бошанд, дар қисмати шарқии он **буддоия** равнақи бештар ёфта буд. Ричард Фрай дар мақолаи худ «Бухоро» овардааст, ки дини буддоӣ дар қаламрави Сосониён хеле ривоҷ ёфта, хосатан дар даврони императории Кушониён аз аввалҳои қарнҳои I-IV милодӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон ва Чин хеле паҳн гашта буд.[2] Ибни Надим Муҳаммад ибни Исҳоқ дар асари хеш «ал-Феҳрист» аз муаллифи хуросоние, ки асаре таҳти унвони «Ахбору Хуросон фи-л-қадими ва мо ола илайҳӣ фи-л-

[1] Пирниё Ҳасан, Аббоси Иқбол. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Қоҷория [Матн] / Ҳ. Пирниё, А. Иқбол. – Теҳрон: Хайём, 1370. – С.261.
[2] Frye, R.N. BUKHARA (I.in The islamic Times) [Text] / R.N. Frye // Encyclopedia Iranica. – New York, 1990. – Vol.4. – P.21.

ҳадис» навиштааст, иқтибос меорад, ки мардуми Мовароуннаҳр дар замонҳои қадим ва пеш аз ислом ҷонибдори буддоия буданд.[1] Онҳо дар Бохтар хеле зиёд буданд ва маркази муҳимтаринашон Балх ва Бомиён маҳсуб мегаштанд. Дар Мовароуннаҳр низ пайравонаш зиёд буда, онҳо дар Бухорову Самарқанд ва Хуҷанду Хатлон ва дигар минтақаҳои Мовароуннаҳр сукунат доштанд.[2] Мисоли равшани ривоҷ ёфтани буддоия бозёфти таърихии «Буддо дар ҳолати нирвана» мебошад, ки ин ёдгорӣ аз маҳали Аҷинатеппаи вилояти Хатлони Тоҷикистони имрӯза пайдо гардидааст. Худи номи ноҳияи Фархор (Пара-хара-дайри буддоӣ) ва Шумон – Шу-ман – Ҳисори имрӯза аз он шаҳодат медиҳад, ки замоне дар ин минтақа маъбади бузурги бутпарастон мавҷуд будааст.

Шаҳри қадимаи Балх дар даврони салтанати Сосониён яке аз марказҳои муҳимми буддоия ба шумор рафта, маъбади машҳури Навбаҳор, ки пардадори он сулолаи Бармакиҳо маҳсуб мешуданд, дар ин шаҳр қомат афрохта буд. Ба қавли Ибни Фақеҳ маъбади Навбаҳор маркази бутпарастон буда, бо императорони Чину Кобулшоҳ ҳамдин буданд. Ба қавли В.В.Бартолд, вақте ки яке аз сайёҳони чинӣ Ҳуанн Тсанг дар соли 629-645 ба Навбаҳори Балх омад, дар он ҷо беш аз сад нафар роҳибон, муъбадон (шаман)-ҳо ба ибодат ва иҷрои маросимҳои динӣ машғул буданд.[3] Ба қавли муаррихи бузурги асри Х Балозурӣ ин маъбад аз ҷониби Қайс ибни Ҳайсами Суламӣ, ки волии Хуросон буд, дар замони халифа Усмон вайрон карда шуд.[4]

Мувофиқи ахбори «Таърихи Бухоро»-и Абубакри Наршахӣ ойини бутпарастӣ чанде пештар аз зуҳури ислом, аниқтараш дар замони Бухорхудотии Шериккишвар (намояндагони туркон, ки чанде дар Бухоро ҳукумат карда буд) зуҳур карда буд. Мувофиқи ахбори «Таърихи Бухоро»

---

[1] Муҳаммад ибни Исҳоқи Надим. Ал-Феҳрист [Матн] / М. Надим; тарҷумаи Ризои Таҷаддуд. – Теҳрон: Асотир, 1346 ҳ. – С.408.
[2] Emmerick Ronald E. Buddism among Iranian Peoples [Text] / E. Emmerick Ronald // The Cambiredge Hustary of Iran. – 1983. – P.949.
[3] Бартолд, В.В. Туркистоннома [Матн] / В.В. Бартолд; тарҷумаи Карим Кишоварз. – Теҳрон, 1366 ш. – С.196.
[4] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ. – Лейдан, 1865. – С.408-409.

чун духтари малики Чинро ба Бухоро арӯс оварданд, андар ҷиҳози ӯ бутхонае оварданд аз Чин ва ин бутхонаро ба Ромитан ниҳоданд»[1].

Дар сарчашмаи зикршуда дар мавриди бутпарастии бухороиёни пешазисломӣ далелҳои раднопазир мавҷуд буда, муаллифи он дар ин бора рисолаи худро бо боби «Зикри бозори Моҳ» унвон додааст, ки мазмунаш чунин аст: «Ба Бухоро бозоре будааст, ки онро Моҳрӯз хондаанд. Соле ду бор, ҳар боре як рӯз бозор кардандӣ ва ҳар боре, ки бозор буд, дар вай бутон фурӯхтандӣ. Ва ба ҳар рӯз зиёдат аз панҷоҳ ҳазор дирам бозаргонӣ шудӣ. Ва Муҳаммад ибни Ҷаъфар андар китоб овардааст, ки «ин бозор ба рӯзгори мо будааст. Ва ман бағоят аҷаб доштаме, ки онро аз баҳри чӣ кардаанд. Пурсидам аз пирон ва машоихи Бухоро, ки «сабаби ин чӣ будааст?» Гуфтанд: Аҳли Бухоро дар қадим бутпараст будаанд, ин бозор марсум шуда буд. Аз он таърих боз дар вай бут фурӯхтандӣ ва ҳоло низ ҳамчунон мондааст». Ва Абулҳасани Нишобурӣ дар китоби «Хазойину-л-улум» овардааст, ки дар қадим подшоҳе буда ба Бухоро номи ӯ Моҳ. Ин бозор вай фармуд сохтан. Ва дуредгарону наққошонро фармуд, ки сол то сол бутон тарошидандӣ, бад-ин бозор рӯзи муайян ҳозир кардандӣ ва фурӯхтандӣ ва мардумон харидандӣ. Ва ҳар гоҳ он бут гум шудӣ ё шикастӣ ва ё куҳна шудӣ, чун рӯзи бозор шудӣ, дигаре харидандӣ ва он куҳнаро биандохтӣ… Ва ҳар кас хештанро буте харидӣ ба хона бурдӣ»[2].

Маълум мешавад, ки пеш аз зуҳури ислом дар Бухоро оташкадаҳо ва бутхонаҳое бо бутҳои заррин мавҷуд будааст, ки мардум ба онҳо эътиқоди ниҳоят қавӣ доштанд ва халал расонидан ба онҳоро гуноҳи азим мешумориданд. Ба гуфтаи Балозурӣ: «Аҷамон мегуфтанд дар он ҷо (Бухоро) бутҳое ҳастанд, ки агар касе ба онҳо тавҳин раво дорад ҳалок хоҳад шуд».[3]

Абурайҳони Берунӣ дар «Осору-л-боқия» зикр кардааст, ки дар Хуросон бутпарастон ва ё «суманиҳо»-ро «шаманон» ва ё «шумания» номида, дар

---

[1] Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – С.4.
[2] Ҳамон асар. – С.7.
[3] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С.568-569.

ноҳияҳои ҳамсарҳади байни Хуросон ва Ҳиндустон бутхонаҳои онҳоро бо номҳои “виҳор” ва ё «баҳор» ва «фархор» ёд мекарданд.[1] Аммо инкишофу тавсеаи рӯзафзуни таълимоти исломӣ дар Мовароуннаҳр сабаби аз байн рафтани дини буддоӣ гардид.

Муаррихони асримиёнагӣ, бахусус Ибни Надим ва Муҳаммад Мақдисӣ доир ба ҷонибдорони ин ҷараёни динӣ зикр сохтаанд, ки «сумания» номе аст, ки ба пайравони ойини Буддо дода шудааст.[2] Мутобиқ ба ахбори мавҷуда, мафҳуми “сумания” аз калимаи «срамано»-и забони адабии Ҳинди куҳан “санскритӣ” гирифта шуда, маънои он ба форсӣ-тоҷикӣ «роҳиби буддоӣ» мебошад.

Тибқи маълумоти Масъудӣ “Дайри Навбаҳори Балх” дар ибтидо бо парастиши Моҳ алоқаманд буда, онро шоҳ Манучеҳр бунёд карда буд. Шояд маъбадхонаи Навбаҳор ҳамчун маркази ойини бутпарастӣ ҳанӯз пеш аз густариши зардуштия дар ин минтақа мавқеи хосро соҳиб гашта бошад. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ин маъбад заминҳои зиёдеро соҳиб буда, ба Бармакиҳо тааллуқ дошт. Бармакиҳо бошад аз ҳисоби зоирон ва заминҳои зиёди дар ихтиёрдоштаи худ, деворҳои маъбади “Навбаҳор”-ро бо ҷавоҳири гаронбаҳо ороста ва пардаҳои зарбофт бар рӯи онҳо мекашиданд. Дар бештар ҳолатҳо, хосатан “дар мавсими баҳор гулҳои бисёр бар он мениҳоданд ва ба ҳамин ҷиҳат ба ном «Навбаҳор» хонда мешуд ва дар ҳамин мавсим буд, ки аз ҳар сӯ зоирон ба зиёрати он мешитофтанд. Чандин бут, аз он ҷумла бути азиме дар онҷо вуҷуд дошт, ки аз Кобулу Ҳинду Чин мардум ба зиёрати он шитофта, пас аз он ки дар баробари бут саҷда мекарданд, дасти Бармак, нигоҳбони бузурги онро мебӯсиданд. Заминҳои атрофи Навбаҳор ба масофаи ҳафт фарсах дар ҳафт фарсах вақф бар ин оташкада буданд”.[3]

Давраи дигари инкишофи босуръати буддоия дар Эрони шарқӣ ва марказӣ ба давраи ҳукмрони Кушониён рост меояд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо дар соли 125 мелодӣ Канишка подшоҳи Қандаҳор ва Панҷоб

---

[1] Берунӣ, А. Осору-л-боқия ани-л-куруни-л-ҳолия [Матн] / А. Берунӣ. – Теҳрон, 1376 ш. – С.206.
[2] Emmerick Ronald E. Buddism among Iranian Peoples [Text] / E. Emmerick Ronald // The Cambiredge Hustary of Iran. – 1983. – P.949.
[3] Мифтоҳ, И. Ҷуғрофияи таърихии Балху Ҷайҳун ва музофоти Балх [Матн] / И. Мифтоҳ. – Теҳрон, 1997. – С.92.

барои густариши дини буддоия таблиғгарони худро ба давлатҳои ҳамҷавор равона кард.[1] Дар айёме, ки зардуштия ҳамчун дини расмии кишвар эътироф шуда буд, дини буддоӣ аллакай дар маркази давлати Сосониён пайравони худро пайдо намуд. Баъзе олимон чунин андеша доранд, ки дар асрҳои охири ҳазораи якуми то мелод буддоия аз Ҳинд ба Осиёи Миёна, Марказӣ ва Шарқӣ паҳн шуда, то ба дараҷаи дини ҷаҳонӣ рафта расид[2]. Бо таҳлили адабиёти илмии олимони аврупоӣ метавон гуфт, ки ҷаззобияти буддоия дар ин давра ба он оварда расонд, ки ҳатто шоҳзодагони сулолаҳои Ашкониён ва Кушониён аз тахт даст кашида, ба таблиғи ақидаҳои динии буддоия дар сарзаминҳои худу бегона машғул шаванд.[3]

Ба андешаи мо бо таҳлили маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ доир ба ошӯбҳои мазҳабӣ метавон гуфт, ки дини буддоӣ аз машриқи Эрон ба маркази он нуфуз пайдо карда, тадриҷан паҳн мешуд. Вай ба мисли дини масеҳӣ, ки дар ғарби Эрон дар ҳолати пешравӣ қарор дошт, дар ин минтақа бошиддат пеш мерафт. Барои пешгирии ин дини барои ойини расмии кишвар хатарзо, дастгоҳи давлат ва руҳониёни зардуштӣ ба хулосае омаданд, ки таблиғгарони мазҳабҳои хориҷиро аз кишвар берун намоянд, вале онҳо бо ҳама кӯшишҳои худ садди роҳи таҳаввули эътиқоди мардумонро гирифта наметавонистанд.

Буддоия то ибтидои асри VII ва ибтидои асри VIII дар Бохтар боқӣ монд. Ба қавли муаррихони муосир дайри буддоии Навбаҳор ва бутҳое, ки дар ин ҷо мавҷуд буд, аз маркази буддоия шуҳрат ёфтани ин сарзамин дар асрҳои V-VI гувоҳӣ медиҳанд.[4]

Мувофиқи маълумоти Г.Э. Грюнебаум дар соли 644 арабҳо Кобулро фатҳ карданд. Дар ин минтақа мардумон динҳои гуногун аз қабили шаманизм, настуриён, дини буддоӣ бо дайрҳои бузург парастиш карда мешуданд. Баромади иҷтимоии «Бармакиҳои бузург», ки то мансаби вазирӣ

---

[1] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – С.136.
[2] Кочетов, А.Н. Буддизм [Текст]. – 2-е изд. перер / А. Кочетов. – М., 1983. – С.104.
[3] Старр Фредерик. Маърифати гумшуда [Матн]: асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг / Ф. Старр. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – С.127.
[4] Пирниё Ҳасан, Аббоси Иқбол. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Қоҷория [Матн] / Ҳ. Пирниё, А. Иқбол. – Теҳрон: Хайём, 1370. – С.264.

расида буданд аз калимаи «пармак», яъне сарвари дайри буддоӣ дар Балх буд, ки бо номи «Нава вихара» ва ё «Навбаҳор» маъмул аст, гирифта шудааст.[1]

Ба андешаи ин ҷониб ихтилофоти бутпарастон бо зардуштиён ва пайравони Монӣ бо ҳар ду ва масеҳиён бо ҳарсеи онҳо ба он оварда расонд, ки дар кишвар ошӯбҳои зиёд ба амал меомаданд. Барои гирифтани садди роҳи шӯришгарон талафоти зиёди ҷонӣ дода мешуд, вале сарфи назар аз ин буддоия дар охири асри IV ва ибтидои асри V дар қисмати шарқии империяи Сосониён (Хуросон) дар ҳолати пешравӣ қарор дошт. Ҳангоми фурӯпошии давлати Сосониён дар ҳудуди Осиёи Миёна ва Афғонистон, ки қисмати шарқии ин давлат маҳсуб мешуд, дини буддоӣ ба авҷи тараққии худ расида буд. Дар асри VII мувофиқи маълумотҳои Сюан Цзан дар пойтахти Тахористон шаҳри Балх садҳо дайр, дар Тирмиз даҳҳо дайр, дар Шумон ду дайр, дар Қубодиён се дайри буддоӣ мавҷуд буд, ки шумораи роҳибони онҳо аз 2 то 50 нафар мерасид.[2]

Аз таҳқиқотҳо ва бозёфтҳои муосири бостоншиносӣ ошкор мегардад, ки буддоия ҳамчун дини қобили таваҷҷуҳ ва парастиши аксари мардум дар шаҳрҳои бонуфузи Хуросону Мовароуннаҳр то зуҳури ислом, аз ҷумла дар шаҳрҳои Балалик-теппа, Аҷинатеппа, Кофирқалъа, Зартеппа, Ҳулбук, Шумон, Мунҷиктеппа, Тирмизу Афросиёб ва Панҷакент мавриди парастиши хос қарор дошт.

Дар баробари ин дар асрҳои VI-VII дайру шаҳрҳои Аҷинатеппа, Қалъаи Шумон, Тирмиз, Вахш, Чағониён, Мунк, Ишкошим, Хумдод ва Самарқанд марказҳои дини буддоӣ ва илму фарҳанги замони худ ба шумор мерафтанд.[3]

Дар маҷмуъ, буддоия то охири ҳукмронии хонадони Сосониён ба таври ақаллият дар дохили кишвар боқӣ монд ва ба мисли динҳои дигар фаъол набуд. Пайравони он аз фишори ҷонибдорони динҳои анъанавӣ ба Чин паноҳ

---

[1] Грюнебаум, Г.Э. фон. Классический ислам. Очерки истории (600-1258) [Текст] / Э.Г. фон Грюнебаум; пер. с анг. И.М. Дижура; предис. В.В. Наумкина. – М.: Наука, 1988. – С.64.
[2] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.328.
[3] История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1999. – Т.II. – С.289-290.

бурда, ақидаҳои динии худро таблиғ мекарданд ва ба корҳои сиёсии кишвар дар маркази давлат мудохила намекарданд. Аммо ба гуфтаи Ҳюн Тсунк дар шарқ ҳангоми таназзули Сосониён ойини буддоӣ дар ду тарафи рӯди Омӯ қувват ва нуфузи тамом дошт, ки дар ин хусус далоили таърихию таҳқиқӣ хеле зиёд аст.

Он қуввае, ки ба фаъолияти буддоия ва масеҳият дар Эрон хотима бахшида, ҳар дуи ин мазҳабҳоро ба ақаллияти ночизе табдил дод ва ҷилави пешравии буддоияро дар Ғарбу масеҳиятро дар Шарқ гирифт, ислом буд. Дини Буддо пас аз интишори ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр тоб оварда натавонист ва тадриҷан аз ин минтақа рахт барбаст ва ба кишварҳои дигари Шарқ ақибнишинӣ намуд.

Дар давраи Сосониён яҳудиён низ дар шаҳрҳои мухталифи императории Эрон бисёр буда, ба фаъолияти тиҷоратӣ машғул буданд. Пайравони дини яҳудӣ нисбат ба дигар динҳо ақаллияти ночизеро ташкил медоданд, ки дар ҷомеаи эронӣ мақоме надошта, ба корҳои сиёсиву идории давлат мудохила намекарданд. Аммо доимо зери озор ва фишори руҳониёни зардуштиву шоҳони Сосонӣ қарор гирифта буданд. Махсусан аз ҷониби Яздигурди II, Фирӯз, Ҳурмузи IV ва Хусрави Парвиз онҳо таҳти таъқиботи сахт қарор доштанд. Ҳарчанд яҳудият аз ҷониби ягон қудрати бузург пуштибонӣ намедид, пайравони он дар қаламрави Эрон асосан ба хотири тамаъҷӯиҳои ҳокимон мавриди озор қарор мегирифтанд.

Ҳамин тариқ бо хулосабарорӣ аз омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ва осори илмӣ-таҳқиқотӣ метавон гуфт, ки бадбахтии Сосониён дар тули мавҷудияти пурихтилоф ва бесомони худ даъвои «шаҳриёрӣ ва мубадӣ» мекарданд. Сарфи назар аз он, ки Маздак бо инқилоби иҷтимоии худ ларза ба андоми ҷомеаи Эрони Сосонӣ афканд, лекин натавонист «дини Зардуштро тоза гардонад ва халқро роҳи рост бинамояд»[1], чунки ин «ислоҳоти даруни мазҳабӣ» ба шумор рафта, бо қудрат як нашуда буд. Бо ибораи дигар, новобаста ба он ки Маздак зангорҳои давлатро пайдо карда буд, лекин

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома [Матн] / Низомулмулк. – Душанбе, 1998. – С.231.

шароити сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ҳолате қарор дошт, ки ба вай имконоти анҷоми чунин корҳоро намедод. Муаррихони асримиёнагӣ низ дар осори хеш камбудиҳоро ба дараҷаи иғроқ расонидаанд, лекин дар асл бошад Қубод аз афкори Маздак ба хотири ҳам буҳрони хушксолӣ, қаҳтӣ ва саркӯбии мухолифонаш ва мубориза бо дарбориён ва ашрофон истифода кард ва ба ҳеҷ ислоҳоте дар давлат даст назад. Билохира наҳзати Маздак беш аз он ки нақши мусбатро иҷро кунад ҳамчун як омили манфӣ бар сохтори сиёсӣ-иҷтимоии Эрон нақши манфиро бозӣ кард ва ба суст шудани бунёдҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомаеаи Сосонӣ оварда расонд. Баъд аз он ислоҳоти низомии Хусрави Анӯшервон низ чизе ба бор наовард. Ҷангҳои пайдарпай бо румиён, роҳзаниҳои арабҳои саҳроӣ, хазарҳо ва арманҳои насронӣ низ авзои сиёсии кишварро пурихтилоф ва қудрати давлати Сосониро заиф гардонида буданд.

Дар маҷмуъ, дар поёни давлатдории Сосониён ва арафаи ҳуҷумҳои арабҳо чунин ихтилофот ақидаҳо ва мазҳабҳоро омехта карда, ба ягонагии фикру андешаҳои динӣ таҳдид мекард. Бояд гуфт, ки мазоҳибу ақидаҳои диние мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт, ки дар давраи Сосониён пайравони зиёд дошта, дар корҳои сиёсӣ ва ҳолатҳои эътиқодии мардуми минтақа ҳар замон таъсир расонида метавонистанд. Ақидаҳое, ки дар он замон ақаллияти ночизеро дар бар мегирифт, сарфи назар карда шуд.

Дини зардуштӣ дар аҳди Сосониён бо ин, ки мазҳаби расмии кишвар буда, тамоми рукнҳои давлатдориро ба дасти худ гирифта буд, натавонист ҳолатҳои эътиқодии мардумро ба як низоми муайян дароварад, балки алорағми он адёну мазоҳиби мухталифи навтаъсис тавонистанд дар ҷомеа як парешонӣ ва буҳрони шадиди мазҳабиву фикрӣ ва сиёсӣ ба миён оварда, барои шикасти он аз тарафи арабҳои бодиянишин замина муҳайё созанд. Хусусан дар поёни давраи Сосониён дар дохили ойини зардуштӣ ихтилофҳои бисёр ба чашм мерасанд. Илова бар ин зардуштия ҳамчун дини расмӣ-шоҳаншоҳӣ дигар манфиатҳои давлат, табақаҳои болоӣ ва аз ҳама муҳим ниёзҳои феодалонро бароварда ва таъмин карда наметавонист.

Имтиёзи табақотию маҳрум будан аз ҳаққи моликият, инчунин беҳуқуқии занону издивоҷу талоқи онҳо ночор авзои хоссае пеш оварда буд, ки дар ҷомеаи Сосонӣ, то андозае иттиҳоди мардумро аз байн бурда, тӯдаҳои азими мардум ҳамеша норозию нигарону маҳрум мезистанд. Инчунин руҳониёни мутаассиб, дабирону муъбадони доро дар аввал, ки инқирози давлати Сосониёнро мушоҳида мекарданд, барои он ки мақоми гузаштаи худро ҳифзу таъмин намоянд, ба подшоҳ ва давлат хиёнат мекарданд. Ин хиёнатҳо дар охир сабаби аслии суқут ва заволи шоҳаншоҳии Сосониён гардид.

Таърихи подшоҳии даврони ахири ин хонадон, бахусус баъд аз Ширӯя, давраи ҳукмронии на подшоҳон, балки бузургону руҳониёни Эрон ба шумор меравад, ки онҳо подшоҳонро ба бозичаи беруҳи дасти худ табдил дода буданд. Чунин худсариҳои руҳониён ба он оварда расонд, ки ҳангоми набарди Қодисия ва Наҳованд касеро парвои муҳорибаи ҷиддӣ бо арабҳо набуд. Руҳониён, наҷибзодагон ва дабирон ҳама дар фасодкорӣ ва бедодгарӣ ғуттавар гардида буданд. Дигар ҳеҷ қуввае мавҷуд набуд, ки ҷомеа ва давлати Сосониро аз завол бираҳонад.

Пайравони адёни насронӣ, буддоӣ, монавӣ, маздакӣ, меҳрпарастӣ, бутпарастӣ, оташпарастӣ, зурвонӣ ва ақаллияти пайравони динҳои дигари ориёӣ бо ихтилофҳои ақидавӣ-идеологӣ ва гуногунандешии мазҳабии худ ҳар замон барои коста гардидани таъсир ва нуфузи дини расмӣ кӯшиш менамуданд. Бовариҳои қадимии мардум ва адёни дигар ҳамчун ахтари зери хокистар ҳар замон забона зада, барои камтаъсир намудани дини расмӣ ва суқути шоҳаншоҳӣ кумак мекарданд. Ҳамзамон зуҳур ва рушди муносибатҳои низоми нави иҷтимоӣ – феодалӣ (заминдорони калон) заминаро барои таҳаввули амиқи афкори ҷамъиятӣ ба вуҷуд оварда буд ва зардуштия бошад ҳамчун дини расмии кишвар камтаъсир ва бефурӯғ гардида, дигар таъйиноти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи феодалиро ба таври дилхоҳ таъмин карда натавонист. Эронзамин дар ин ҳолат қарор дошт, ки арабҳо бо дини навзуҳури хеш вориди майдон гаштанд.

БОБИ III. САРЧАШМАШИНОСӢ ВА ТАЪРИХНИГОРИИ ЗАБТКОРИҲОИ АРАБ ВА МУБОРИЗАҲОИ ОЗОДИХОҲОНАИ МАРДУМӢ ДАР ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР

§3.1. Раванди забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ

Дар илми таърихи халқи тоҷик масъалаи забткориҳои араб то андозае аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ба монанди академик Б. Ғафуров, Э. Раҳмон, А. Ҷалилов, Ғ. Ғоибов, А. Ҳақназаров ва С. Рачабов мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, аммо то ин замон масъалаи таърихнигории мавзуъ аз ҷониби ҳеҷ як аз муҳаққиқони ватанӣ мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасии амиқ қарор нагирифтааст. Масъалаҳои аз по афтидани шоҳаншоҳии Сосониён, пайдоиши ислом, парокандагии сиёсӣ ва ҳамлаҳои нахустини арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр, муборизаҳои халқҳои Осиёи Миёна бар зидди истилогарони араб ва нақши халқҳои Осиёи Миёна дар муборизаи байни Умавиёну Аббосиён дар боби якуми фасли чоруми китоби “Тоҷикон”-и Б. Ғафуров[1] ҳамагӣ дар ҳаҷми 28 саҳифа баррасӣ гардида, муаллифи он аз ҷузъиёти масъалаҳои марбут ба забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардумӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр сарфи назар кардааст. Профессор Абдулҳамид Ҷалилов[2] дар таҳқиқоти хеш ба масъалаи Суғд дар арафаи ҳуҷумҳои араб ва муборизаҳои суғдиён ба муқобили арабҳои таҷовузгар аҳамияти бештар дода, Ғолибшоҳ Ғоибов[3] бошад дар монографияи худ ҳуҷумҳои барвақтаи арабҳоро ба Осиёи Миёна дар асоси ахбори «Футуҳу-л-булдон»-и Балозурӣ мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Таҳқиқоти анҷомдодаи А. Ҳақназаров[4] “Ҷунбишҳои инқилобии мардумони эронитабор бар зидди хулафои араб” ба масъалаҳои муҳимтарин

---

[1] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I. – С.403-431

[2] Джалилов, А. Согд накануне арабского нашествия и борьба согдийцев против арабских завоевателей в первой половине VIII в. [Текст] / А. Джалилов. – Сталинабад, 1961. – С.141.

[3] Гоибов, Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию [Текст] / Г. Гоибов. – Душанбе: Дониш, 1989. – 143 с.

[4] Ҳақназаров, А. Ҷунбишҳои инқилобии мардумони эронитабор бар зидди хулафои араб [Матн] / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2005;

ҷунбишҳои озодихоҳӣ бахшида шуда, монографияи С. Рачабов[1] “Муборизаи истиқлолиятхоҳонаи мардуми Хуросон ва Суғд бар зидди истилогарони араб” низ танҳо ба масъалаҳои хос ва замони маҳдуди (651-750) мавзуи мавриди таҳқиқи инҷониб бахшида шуда, ба масъалаи таърихнигории муборизаҳои маҳаллии истиқлолхоҳӣ ва ҷузъиёти ин мавзуъ аҳаммияти камтар таваҷҷуҳ кардаанд.

Аз ин хотир дар доираи арзишҳои консепсияи таърихнигории пешниҳод намудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, хостем масъалаи таърихнигории забткориҳои араб, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ва паёмадҳои онҳоро барои минтақа дар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ аз диди нав мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

Парокандагии иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангиву маънавӣ, ки арабҳо дар остонаи зуҳури пайғамбар доштанд, аз ҷониби кулли донишмандони шарқиву ғарбӣ эътироф гардидааст. Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (570-632) муваффақ шуд, ки тавассути дини нав ҷомеаи арабро муттаҳид ва берун аз марзи мамлакат ба дигар кишварҳо таъсири амиқ расонад. Баъд аз ҳиҷрат ба Мадина, паёмбари дини нав аввалин маротиба сафирони худро расман ба мамолики хамсоя фиристод то рисолати ӯро пазиранд.[2] Исломшиносони аврупоӣ дар ин масъала иттиҳоди назар доранд, ки ислом барои якпорчагии арабҳо ва сарзамини Арабистон хидмати фавқулода намуд.

Пас аз он ки ҳамаи қисматҳои Ҳиҷоз ба тасарруфи мусулмонон даромад, Муҳаммад, дар иҷрои маъмурияти хеш ба он хулоса омад, ки бояд ойини навро дар саросари нуқоти Арабистон паҳн намуда, бутпарастиро аз миён барад ва мардуми ҷазираи Арабро таҳти ливои парастиши Худованди ягона бо ҳам муттаҳид намояд. Аммо дар амал татбиқ кардани ин ҳадаф бо мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ шуд. Аз як тараф румиён ҳудудҳои шимолу

[1] Рачабов, С.М. Муборизаи истиқлолиятхоҳонаи мардуми Хуросон ва Суғд бар зидди истилогарони араб [Матн] / С. Рачабов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 208 с.
[2] Ҳазратӣ, М., Саидиён, И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / М. Ҳазратӣ, И. Саидиён. – Душанбе: Ориёно, 1992. – С.13.

ғарбии Арабистонро ба тасарруфи худ дароварда, аз тарафи дигар доманаи нуфузи эрониён то ҷанубу ғарб ва машриқи ҷазира паҳн гардида буд, вале новобаста ба вазъияти баамаломада Муҳаммад бо истифода аз шароити буҳрони мавҷуда, ба Эрон сафирони худро фиристод, то эрониён аз ойини ислом пуштибонӣ намоянд ва давлати онҳоро ба расмият шиносанд.

Дар «Таърих комил»-и Ибни Асир доир ба сафир фиристонидан ба назди Хусрав ахборе вуҷуд дорад, ки бо ахбори бештари сарчашмаҳо мувофиқ меояд. Ба қавли Ибни Асир «…чун соли шашуми ҳиҷрӣ (628-уми мелодӣ) биёмад паёмбари Худо (с) Абдуллоҳ ибни Қузофаи Саҳмиро равона ба дарбори Хусрав кард»[1].

«Таърихи Табарӣ» низ ирсони расулонро ба соли 6-уми ҳиҷрат (628) мансуб дониста, мегӯяд, ки пайғмбар «ҳашт расул берун кард ба ҳашт малик ва эшонро ба Худой хонд. Аммо тавре маълум аст, Хусрав номаи пайғамбарро бидарид ва пайғомбар гуфт: «Мулкаш пора шавад»[2]. Пас аз чунин муносибат ҳуҷумҳои аввалини арабҳо ба ҳудудҳои импературии Сосонӣ шуруъ гардиданд.

Шумораи ба ном «ҷангҳои муқаддас» ва ё ғазавоте, ки Муҳаммад бар зидди қурайшиёну аҳли яҳуд ва ғайри онҳо ба анҷом расонид, ба гуфтаи Табарӣ бисту ҳафт ғазову нуҳ муҳориба анҷом дод, ки бо қарори зайл буданд: Бадр, Уҳуд, Хандақ, Қурайзо, бани Мусталиқ, Макка, Хайбар, Ҳунайн ва Тоиф.[3]

Бо вафоти Муҳаммад (632) барои хилофат миёни мусулмонон ихтилоф сар зад. Барои ислоҳи ин вазъ Умар ибни Хаттоб, Абдурраҳмон ибни Авф ва чанде аз саҳобагон ба Абубакр ибни Абиқаҳҳофа байъат намуда, ӯро ҳамчун халифа эътироф намуданд. Аммо наздикону пайвандони паёмбар дар атрофи Алӣ ва Фотима ҷамъ омада, то шаш моҳ ба Абубакр байъат накарданд.[4]

---

[1] Иззудин ибни Асир. Таърихи комил [Матн] / И. Асир. – Теҳрон: Асотир, 1370 ҳ.ш. – Ҷ.2. – С.558.
[2] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.II. – С.1142.
[3] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3. – С.174.
[4] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.IV. – С.1335.

Илова бар ин миёни қабилаҳои гуногуни араб аз қабили Асвади Ансӣ, Тулайҳа ибни Хувайлид, Маслама ибни Ҳабиб ва дигарон дар маҷмуъ 24 нафар дар маҳаллоти мухталиф даъвои нубавват карданд, ки бо супориши Абубакр аз ҷониби Холид ибни Валид саркӯб гардиданд.

Байни солҳои 633-634 арабҳо сараввал Сурияву Фаластин, Миср ва Осиёи Хурдро фатҳ намуда, лашкари худро дар Шарқ то ба сарҳади Эрони сосонӣ расониданд.

Абубакр – халифаи якум (632-634) дар аввалин соли хилофати хеш бо мақсади паҳн кардани ислом дар кишварҳои ҳамсоя шурои низомӣ таъсис дода буд.[1] Ӯ лашкари худро барои забт намудани мулкҳои ду давлати муқтадири ҳамсоя, Эрони сосонӣ ва Рум[2] сафарбар намуда, марҳилаи якуми футуҳоти арабҳоро шуруъ кард ва дар ин марҳила бо ғалаба дар набардҳои **Зиқор** ва **Ҳира** ҳудудҳои Фаластин ва соҳилҳои Фурот аз ҷониби арабҳо забт карда шуданд.[3] Набарди Зиқор ҳарчанд сӣ сол қабл аз лашкаркашиҳои барномарезишудаи арабҳо рух дод, вале таъсири бузург дар футуҳоти ояндаи арабҳо гузошт. Муҳимтарин таъсири он боварӣ ба пирӯзӣ бар Эрони қудратманд буд.

Ба қавли Табарӣ баҳори соли 633 (11ҳ.) яке аз бузургони Банӣ Шайбон, Мусанно ибни Ҳориси Шайбонӣ, ки аслан ба роҳзанӣ машғул буд, исломро қабул карда, ба назди Абубакр омад ва чанде аз заъифию нотавониҳои Эронро баён намуд. Вай аз Абубакр иҷозати лашкаркашӣ ба ҳудудҳои Шому Ироқро тақозо намуд. Абубакр, ки мунтазири чунин фурсат буд, пешниҳоди ӯро пазируфт ва яке аз сарлашкарони худ – Холид ибни Валидро бо ӯ ҳамроҳ сохт.[4]

---

[1] Беляев, Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневекове [Текст] / А. Беляев. – М.: Наука, 1966. – С.113-114.

[2] Колесников, А.И. Завоевание Ирана арабами [Текст] / И.А. Колесников. – М.: Мысл, 1982. – С.54.

[3] Мюллер, А. История ислама [Текст]: от доисламской истории арабов до падения династии Аббасидов / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.1-2. – С.315.

[4] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.II. – С.1148.; Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С.123.; Ризоӣ Абдулазим. Таъриҳи даҳҳазорсолаи Эрон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1368. – Ҷ.2. – С.120.

Аввалин задухурди лашкариёни самти Ироқ бо сарварии Холид ибни Валид ва Мусанно ибни Ҳориса бо эрониён дар маҳалле бо номи **Ҳафир** сурат гирифт. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо марздори он дар хушкӣ бо аъроб ва дар баҳр бо ҳиндувон доим дар пайкор буда,[1] аз лиҳози сиёсӣ хеле заъиф гардида буд. Холид аз ин шароит огоҳӣ ёфта, лашкари худро ба Ҳафир расонида, дар ин мавзеъ набарди сахт ба вуқуъ пайваст, ки дар таърих бо номи **"Зоту-с-салосил"** ва ё «**Занҷир»** маълум аст. Дар ин муҳориба Холид сардори сипоҳи марзии эрониён Ҳурмуздро кушта, лашкари онро пароканда намуд.

Ҳуҷуми навбатии арабҳо дар маҳалле бо номи **Мазор** бо сипаҳбади эронӣ Қорун дар соли 634 ба вуқуъ пайваст. Дар ин набард, ки қушунҳои Қорун беш аз 50 000[2] нафарро ташкил медод, ба воситаи лашкари чандҳазорнафараи арабҳо торумор карда шуда, роҳро барои ворид шудан ба манотиқи дохилии империя кушод. Мувофиқи маълумоти Табарӣ дар ин ҷанг "дар муҳорибаи тан ба тан Қорун ва 30 000 аз эрониён кушта шуд".[3] Қобили қайд аст, ки дар таърихнигории муосир ба ин набардҳо кам аҳаммият дода мешавад. Аз ҷумла дар осори Б. Ғафуров ва китоби дастаҷамъии «Таърихи халқи тоҷик» (Душанбе, 1999-2013) ба ин набардҳо, ки муқаддимаи лашкаркашии арабҳо ба Эрону Осиёи Марказӣ гаштанд, таваҷҷуҳ карда нашудааст.

Дарбори Эрон аз шикастҳои сипоҳи худ огоҳӣ пайдо намуда, аз арабҳое, ки тобеи Сосониён буданд дар ҳудуди 50 000 лашкар таъсис дода, ба он Ҳазорсавор – сипаҳбади эрониро сарвар таъйин намуда, дар муқобили Холид ибни Валид қарор доданд. Аз сабабе ки ин ҳарб дар маҳалле бо номи «**Валҷа»** аз тобеияти ноҳияи Каскар иттифоқ афтода буд, бо ҳамин ном маъруф гардида, бинобар дорои таҷрибаи хуби ҷангӣ будани Холид, дар ин

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.IV. – С.1485.; Иззудин ибни Асир. Таърихи комил [Матн] / И. Асир. – Теҳрон: Асотир, 1370 ҳ.ш. – Ҷ.2. – С.102.

[2] Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1368. – Ҷ.2. – С.122.

[3] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.IV. – С.1488.; Иззудин ибни Асир. Таърихи комил [Матн] / И. Асир. – Теҳрон: Асотир, 1370 ҳ.ш. – Ҷ.2. – С.103.

ҳарб низ зафар насиби арабҳо шуд. Мувофиқи анъанаҳои расм намудаи Холид, “арабҳое аз қабоили бузурги араб, ки дар канори эрониён буданд ва онҳое, ки эрониёнро дар ҷанг кумак карда буданд ба асорат бурда шуданд”[1].

Дар набарди «**Ал-лайс**», ки аксари аъзоёни лашкари Эронро насрониёни арабнажод ташкил медоданд, бо сарварии Баҳмани Ҷодуя бар зидди Холид сурат гирифта буд, муқовимати шадид рух дода, мусалмонон талафоти зиёд дода бошанд ҳам, боз ҳам зафар насиби арабҳо гардид ва қисмати зиёде аз асирони арабҳои насронӣ ва эрониёни зардуштӣ ба қатл расонида шуданд. Мувофиқи маълумоти Ибни Асир дар ин ҷанг бо мушоҳида гардидани талафоти зиёди ҷонии мусалмонон Холид фарёд зада, ҳамроҳони худро ба ҷанг ташвиқ карда мегуфт “Касе аз онҳоро зинда нагузорам, то яке ҷӯи хун аз онҳо равон кунам”.[2] Табарӣ низ дар ин маврид қайд менамояд, ки Холид ба ҳамроҳони худ чунин хитоб мекард: “Асир бигиред, асир бигиред, ҳеҷ касро накушед, магар он ки муқовимат кунад. Саворон гуруҳ-гуруҳ аз онҳоро ба асорат меоварданд ва Холид касонеро муайян намуд, ки гарданашонро зада дар рӯд меандохтанд. Ва Холид як рӯзу шаб чунин кард ва шумораи кушташудагон ба 70 000 расид”[3]. Ин муҳориба бузургтарин ва ҷиддитарин муҳорибаи форсҳо бо Холид ибни Валид шуморида мешуд, чунки дар ин муҳориба мусалмонон талафоти зиёд дода, мувофиқи гуфтаи Холид “Ман ҳаргиз миллате монанди порсиён надида будам ва ҳаргиз миёни худи порсиён монанди аҳли Ал-лайс надида будам”[4].

Ибни Асир дар “Ал-Комил фи-т-таърих” овардааст, ки Холид пас аз лашкаркашиҳои пайдарпай ва шикасти Амғишиё ба **Ҳира** расида, се шарти ислом: ҷанг, ҷизя ва исломро пеш гузошт. Бо маслиҳати сарони қавм ва бузургони Ҳира, марзбони Ҳира Озодбеҳ дар соли 12 ҳиҷрӣ (634 м.) бо Холид ибни Валид сулҳ кард ва уҳдадор шуд, ки солиёна 100 000 (сад ҳазор) дирҳам ҷизя ба мусалмонон бидиҳанд ва чашму гӯши онҳо бошанд. Ва ин

[1] Иззудин ибни Асир. Таърихи комил [Матн] / И. Асир. – Теҳрон: Асотир, 1370 ҳ.ш. – Ҷ.2. – С.107.
[2] Ҳамон асар. – С.109.
[3] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.IV. – С.1493.
[4] Иззудин ибни Асир. Таърихи комил [Матн] / И. Асир. – Теҳрон: Асотир, 1370 ҳ.ш. – Ҷ.2. – С.115.

нахустин ҷизя дар олами ислом буд, ки аз порсиён гирифта шуд.”[1] Дар масири ҳаракат Холид ибни Валид маҳалҳое бо номи **Бонқиё** ва **Ҷобон** бархурда, бо сокинони он бо ивази ҳазор дирҳамӣ бо шарти нигоҳ доштани дини худ сулҳ карданд.[2] Баъдан ба самти халиҷи Форс ҳаракат карда, ба забти бандари **Абла** (Басраи ҳозира) ва **Анбор**, ки маҳаллаи захираи хӯрокаи лашкари Эрон ба шумор мерафт ва роҳбарии онро Шерзод ба уҳда дошт, оғоз намуданд. Мувофиқи маълумотҳои Табарӣ, Балозурӣ ва Ибни Асир Холид дар забти Абла зафар ёфта, “душманон[3] бигурехтанд ва гуруҳе кушта омаданд ва гуруҳе дар Даҷла ғарқ шуданд”.[4] Бо шикасти қушун дороии сокинони Абла ғорат ва боқии мардуми он, ки дар мавзеи Хурайба пинҳон шуда буданд, аз ҷониби фотеҳон ба асорат бурда шуданд.[5] Анбор бошад бо деворҳои мустаҳками муҳофизатӣ доштан ва муқовимати зиёди сокинонаш баъд аз нуҳ моҳ аз ҷониби арабҳо забт гардид.

Табарӣ менигорад, ки баъд аз забти Анбор Холид ибни Валид лашкари худро барои тасхири **Айну-т-тамр** қалъаи мудофиавии сарҳади ғарбии Эрон омода сохт, ки бештари муҳофизаткунандагони он арабҳо, насрониён ва бутпарастони эронӣ буданд. Баъд аз наздикшавӣ ба қалъа сарвари сипоҳи Эрон дар ин муҳориба Уқба ибни Абиуқба, ки марди ботаҷриба буд, ба қатл расид ва Холид ба забти **Айну-т-тамр** низ даст ёфт. Бино бар маълумоти Табарӣ дар ин ҷанг мусалмонон чашмони душманони худро ба нишон мегирифтанд, ки ин ҷанг минбаъд бо номи **“Зоту-л-уюн”, “Айну-т-тамр” ва ё “Набарди чашм”** машҳур гардид.[6]

---

[1] Ҳамон ҷо. – С.100.

[2] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.IV. – С.1482.

[3] Аз таҳқиқи сарчашмаҳо бармеояд, ки мардуми бумии Абларо арабҳо ташкил медоданд ва мурод аз душманон арабҳои ғайримусалмон аст.

[4] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.IV. – С.1479.; Иззудин ибни Асир. Таърихи комил [Матн] / И. Асир. – Теҳрон: Асотир, 1370 ҳ.ш. – Ҷ.2. – С.50.; Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С.346.

[5] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С.346.

[6] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.IV. – С.1510-1512.

Дар соли 634 (12 ҳ.) Холид лашкари худро ба қалъаи устуворе, ки миёни Ироқ ва Баҳрайн қарор дошт, расонида, дар ин ҷанг дар баробари он қалъаҳои **Давмату-л-ҷандал, Музайҳ, Ҳусайд ва Хомарро,** ки қалъаҳои сарҳадии Эрону Рум шинохта мешуданд, фатҳ намуд,[1] ки охирин муҳорибаи худро дар Эрони Сосонӣ анҷом дод. Пас аз чанде Холид ибни Валид, Мусанно ибни Ҳорисаро ба ивази худ дар Эрон ҳамчун сарлашкар таъйин карда, қисми дигаре аз лашкари худро бо фармони Абубакр бо лашкари Абуубайда ибни Ҷарроҳ барои забти Византия равона намуд.

Дар соли 634 баъд аз марги Абубакр хилофат ба **Умар ибни Хаттоб** (634-644) расид. Вай сиёсати Абубакрро идома дода, ба забти бисёре аз шаҳрҳои Эрон ва Рум комёб гардид. Дар даврони Умар соли 635 Димишқ ва соли 637 Байнаннаҳрайн, Тайсафун бо шаҳрҳои Форс то кӯҳҳои Мидия забт карда шуданд.[2] Инчунин Умар ибни Хаттоб Абуубайд ибни Масъуди Сақафиро маъмури забти Эрон таъйин кард ва Мусанно ибни Ҳорисаро дар аввали соли 634 (13 ҳ) бо 10 000 лашкар ҳамроҳи ӯ ба забти **Хузистон** ва **Мадойин** пойтахти шоҳаншоҳии Сосониён равона намуд.[3] Ҳуҷумҳои пайдарпайи арабҳо аз як тараф, муборизаҳо ва буҳрони сиёсии дохилӣ ва ҷоҳталабию мансабталошии хонадони Сосониён аз ҷониби дигар пояҳои давлатдории Сосониёнро заиф намуда буд. Бо истифода аз ин фурсат сипаҳсолори Сосонӣ Рустами Фаррухзод Яздигурди III-юмро ба тахти шоҳӣ нишонд. Бо амиқ шудани вазъи ногувори сиёсии дарбор арабҳо бештар қувват гирифта, бо лашкари худ ба маркази шоҳаншоҳӣ наздик мешуданд.

Мавриди зикр аст, ки баъди аз мақоми сарлашкарӣ барканор гардидани Холид ибни Валид, дар мулкҳои тасарруфгардида ошӯбҳои истиқлолхоҳӣ сар зада, арабҳои исломовардаро аз марзи хеш дур месохтанд, зеро лашкари араб нуфузу қудрати пешинаи худро, ки дар замони Холид ибни Валид дошт,

---

[1] Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1368. – Ҷ.2. – С.133.
[2] Мюллер, А. История ислама [Текст]: от доисламской истории арабов до падения династии Аббасидов / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.1-2. – С.315.
[3] Хатиб, С.А. Таърихи Хулафои Рошидин [Матн] / С.А. Хатиб. – Душанбе: Суннатулло, 2006. – Ҷ.I. – С.172-173.

аз даст дода буд. Бино бар ин дубора фатҳ шудани Ироқ ва мулкҳои дигари тасхиргардида ба пеш омад.

Лашкари муттаҳидаи Абуубайди Сақафӣ ва Мусанно ибни Ҳорис аз Ҳира пеш рафта, дар маҳалли **Наморик**, ки байни Ҳира ва Қодисия воқеъ буд, бо лашкари Сосониён бо сарварии Гобон бархӯрданд. Дар ин муҳориба Гобон асир гирифта шуд ва сипоҳи ӯ мағлуб шуда, рӯ ба гурез овард. Ин шикасти Гобон боиси забти **Савод, Барусма, Зандовард, Завоба, Уллайс, Мазор ва Валҷа** аз тарафи арабҳо гардид.[1]

Баъди забти **Наморик** ва **Каскар** Мусанно ибни Ҳорис рамазони соли 635 (13 ҳ.) бо Абуубайд лашкари худро ба пуле, ки тавассути он ба Ироқ дохил мешуданд расонид ва аз пайи таъмири он шуд. Эрониён дар ин тарафи дарё бо сарварии Мардоншоҳ яке аз сарлашкарони марзбони Яздигурди III ба ҳуҷум тайёрӣ медиданд. Дар ин муҳориба Мардоншоҳ ғалаба ба даст оварда, Абуубайд, бародараш ва чанде аз наздикони дигари вай бо 4000 саворaҳои араб кушта шуданд. Ин муҳориба дар сарчашмаҳои таърихӣ бо номи «**Шикасти Ҷиср» (Пул)** машҳур гардид.[2]

Муаррихи асри X араб Алӣ ибни Ҳусайни Масъудӣ дар асари хеш як нуктаи муҳиммеро нақл менамояд, ки баъди он забткориҳои араб, мазмуну моҳияти аслии худро аз даст дода, тобиши дигар касб менамояд. Мувофиқи маълумоти Масъудӣ Умар аз шикасти арабҳо дар «Ҷанги Пул» ва кушта шудани Абуубайд дар ғазаб шуда, дар соли 636 (14 ҳ.) лашкари бузургеро бо сарварии Ҷарир ибни Абдуллоҳи Баҷалӣ фармон дод, ки дар роҳ ба Эрон аз ҳар қабилаи араб дуздону ғоратгаронро бо ваъдаҳои зиёд барои истисмори эрониён бо худ баранд.[3] Баъд аз шикасти шадиди аъроб дар ҷанги Пул ҳуҷумҳо ва лашкаркашиҳои арабҳо хосияти тарғиботӣ – динии собиқаашро аз даст дода, табиати ғоратгарона касб намуда буданд. Сарварони сиёсӣ ва

[1] Ҳамон ҷо. – С.174-175.
[2] Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1368. – Ҷ.2. – С.133-134.
[3] Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Муруҷу-з-заҳаб [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387 ҳ.қ. – Ҷ.1. – С.666-667.; Пирниё Ҳасан, Аббоси Иқбол. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Қоҷория [Матн] / Ҳ. Пирниё, А. Иқбол. – Теҳрон: Хайём, 1370. – С.50.

руҳонии ислом аз фақру нодории аъроб истифода намуда, онҳоро барои соҳиб шудан ба ғаниматҳои бузурги ҷангӣ ва ғорати шаҳрҳои бузурги тиҷоратӣ ва сарватманд шудан ташвиқ мекарданд. Аз ҷониби дигар талаботи ғазавот чунин буд, ки агар онҳо кушта шаванд вориди биҳишт мешуданд ва агар зафар меёфтанд, соҳиби ғанимат ва сарвати зиёд мегаштанд. Ба қавли Табарӣ Умар ибни Хаттоб баъди шикасти Ҷиср мусалмононро дар забти шаҳрҳои дигар ташвиқ намуда, мегуфт: “Ҳиҷоз ҷойи мондани Шумо нест. Озуқа ҷойи дигар биҷӯед, ки мардуми Ҳиҷоз ҷуз ба ин васила неру нагиранд. Дар замин равон шавед, Худоятон дар Қуръон ваъда дода, ки онро ба шумо медиҳад”.[1]

Аз ин иқдоми Умар Яздигурди III бохабар шуда, лашкари 16 000 нафараи худро бо сарварии Меҳрони Ҳамадонӣ ба муқобли онҳо фиристод. Меҳрон дар усули ҷангӣ хатогии ҷиддӣ содир намуд. Вай барои шикасти душман пулро убур карда, ба маҳалли **Бувайб** ва **Нухайла** фурӯд омад, ки он боиси шикасти лашкари Эрон гардид.[2] Пас аз кушта шудани Меҳрон ва шикасти сипоҳи эрониён ёрони ғоратгари Ҷарир ва Мусанно Фуротро убур карда, даст ба ғорату куштори мардум заданд ва дере нагузашта тамоми соҳили Фурот то ҳудуди Мадойинро арабҳо тасхир карданд. Ғалаба дар ин муҳориба, ки бо иттифоқи ғоратгарон ба даст омада буд, боиси ғорату истисмори бемислу монанди мардуми маҳаллӣ гардид.

Пас аз забти Нухайла Умар нақшаи забти пурраи Мадойинро тартиб дода буд, аммо дар соли 636 Мусанно ибни Ҳориса бар асари захмҳои дар ҷангҳо бардошта ба ҳалокат расид ва Умар ба ҷойи ӯ Саъд ибни Ваққосро сарлашкар таъйин намуда, дар охири ҳамин сол ӯро бо лашкари 36000 нафара барои забти Мадойин дастур дод. Саъд ибни Абиваққос лашкари худро аз ҳисоби қувваҳои дигар шаҳрҳо такмил дода, дар маҳалли **Қодисия**,

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.к. – Ҷ.IV. – С.1588.

[2] Пигулевская, Н.В., Якубовский, О.Ю. Таърихи Эрон [Матн] / Н.В. Пигулевская, О.Ю. Якубовский, И.П. Петрушевский, О. Беллинитский, А.В. Струево; тарҷумаи Карими Кишоварз. – Теҳрон: Паём, 1354. – С.154-155.

ки баъдан дар наздикии он шаҳри Кӯфа бунёд ёфт, фурӯд овард, ки мувофқи маълумоти Масъудӣ шумораи лашкариёни араб ба 88 000 расид.[1]

Муаррихи тоҷик Ҳ. Камол дар асари хеш раванди омодагии эрониёнро ба ҷанг аз забони Балозӯрӣ чунин шарҳ додааст: “Рустами Фаррухзодро шоҳи Эрон Яздгирди сеюм ба ҷанги Саъди Ваққос бо ҳудуди 120 ҳазор лашкар ва 30 фили ҷангӣ ба Қодисия маъмур сохт, ки парчами бузурги давлати Сосониён – Дирафши Ковиёниро, ки болотарин ва боарзиштарин нишони ин давлат маҳсуб мешуд, ҳамроҳ дошт”.[2]

Бо вуҷуди лашкари обутобёфта ва ботаҷриба доштанаш Умар Муғира ибни Шуъбаро ба назди Рустам ва ду нафари дигар аз бузургони динро барои қабули ислом ва бастани сулҳ ба назди Яздигурди III фиристод.

Мувофиқи маълумоти Табарӣ Саъд ибни Абиваққос дар назди Қодисия «чаҳор мард баргузид аз хосагони хеш ба сӯи Яздигурд фиристод»[3]. Яздигурд сафиронро қабул карда, суханон ва даъвати онҳоро бишнид, ки аз талаботи ҷиҳод иборат буданд[4].

Яздигурд чун ин суханонро шунид дар ғазаб шуда дар ҷавоб гуфт: «рӯйи замин қавме тирарӯзтар ва камшумору пурихтилофтар аз шумо намешиносам. Агар шуморатон зиёд шуда бошад, мағрур машавед ва агар аз тангдастӣ омадаед, то ба вақти фаровонӣ хӯрока барои шумо муқаррар кунам ва саронатонро ҳурмат кунам ва шуморо ҷома диҳам ва якеро подшоҳатон кунам, ки бо шумо мадоро кунад»[5].

Намояндагони Саъд ибни Абиваққос боз ҳамон шартҳои худ – ислом овардан, ҷизяи сарона пардохтан ё омодаи ҷанг шуданро талаб менамуданд. Яздигурд аз ин муносибати расулон дар ғазаб шуда, чаҳордаҳ ҷувол хокро бар онҳо дод ва аз даргоҳи худ пеш кард. Расулон хокро ба қароргоҳи худ

---

[1] Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Муруҷу-з-заҳаб [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387 ҳ.қ. – Ҷ.1. – С.699.
[2] Камол, Ҳ. Авомили ба сари ҳокимият омадани Сомониён [Матн]: баррасиҳои ҳаводиси таърихии садаҳои VII-IX-и Хуросони Бузург дар асоси манобеи таърихӣ / Ҳ. Камол. – Душанбе, 2022. – С.36.
[3] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.IV. – С.1653.
[4] Ҳамон ҷо. – С.1654.
[5] Ҳамон ҷо. – С.1653-1654.

оварданд ва фоли нек бардошта гуфтанд, ки Яздигурд хоки Ачамро ба мо дод ва заминҳои Эрон аз мо хоҳад шуд.[1]

Ҷангҳои иттилоотӣ ва ё баҳсҳову мунозираҳои лафзии эрониёну арабҳо дар “Таъриху-р-русули ва-л-мулук”-и Табарӣ ва “Таҷорибу-л-умам”-и Мискавайҳ[2] муфассал баён гардида, дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ низ аз фиристода шудани номаи Рустами Фаррухзод ба Саъд ибни Ваққос ва баръакси он аз номаи Саъд ба Рустам ёдовар шудааст. Дар номаи дигар Рустам аз вазъи ногувори сиёсӣ, шикасти пешакии Сосониён ва дар ҳудудҳои фаррохи эрониён ҳукумат кардани аъробро бо таассуфи зиёд ба бародари худ баён кардааст.

Дареғ он сари тоҷу он тахту дод,
Дареғ он бузургиву фарру нажод.
Шавад бандаи беҳунар шаҳриёр,
Нажоду бузургӣ наёяд ба кор,
Зи Эрону аз Турку ва-з тозиён,
Нажоде падид ояд андар миён,
На деҳқон, на турку тозӣ бувад,
Суханҳош ба кирдори бозӣ бувад.
Чу бо тахт минбар баробар шавад,
Ҳама ном Бубакру Умар шавад...
Зиёни касон аз паси суди хеш,
Бичӯянду дин андароранд пеш[3]

Баъд аз ба вуқуъ пайвастани чунин мунозара охири соли 636 қушунҳо ба ҳам бархӯрданд, ки ин муҳориба се шабонарӯз давом кард ва дар рӯзи чаҳоруми набард бо талафоти 4000 - нафараи лашкари арабҳо ва талафоти 10 000-нафараи сипоҳи эрониён, арабҳо дар муҳорибаи **Қодисия** пирӯзӣ ба даст оварданд. Пас аз кушта шудани Рустам ба дасти Ҳилол ибни Улфа, Баҳман ва

[1] Балъамӣ Абуалӣ. Таърихи Табарӣ [Матн] / А. Балъамӣ. – Теҳрон: Алҳудо, 2001. – Ҷ.I.II. – С.997.
[2] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.V. – С.1700-1706.; Абуалии Мискавайҳи Розӣ. Таҷорибу-л-умам [Матн] / М. Розӣ; тарҷумаи Абулқосим Имомӣ. – Теҳрон, 1369. – С.376.
[3] Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]: иборат аз 9 ҷилд / Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8. – С.416-426.

Ҷолинус аз дасти Зуҳра кушта шуданд ва **«Дирафши Ковиён»** – байраҚи пирӯзмандии эрониён, ки чанд ҚарН дар бисёр майдонҳои ҷанг бо ғурур сар бар осмон меафрошт ба дасти арабҳо гузашт. Яздигурд маҷбур шуд пойтахтро тарк намуда, ба ҷониби Хуросон роҳи фирорро пеш гирад. Ба гуфтаи Табарӣ: «Он гоҳ Худо Рустамро бо дасти Ҳилол ибни Улфаи Тамимӣ бикушт ва лашкаргоҳи ӯро бо ҳар чӣ дар он буд ғанимати мусалмонон кард ва порсиён ақиб нишастанд ва мусалмонон ба таъқибашон рафтанд»[1].

Масъудӣ дар “Муруҷу-з-заҳаб” овардааст, ки “вақте, ки Рустам кушта шуд, бим дар дили эрониён афтод, ҳазимат шуданд ва шамшер дар онҳо ба кор афтод ва баъзе ғарқ ва баъзеи дигар кушта шуданд. 3000 мард аз онҳо ба василаи занҷирҳо ва ресмонҳо ба ҳамдигар баста шуда буданд ва бо нуру оташкадаҳо қасам хӯрда буданд, ки аз он ҷо нараванд, то зафар ёбанд ё кушта шаванд.[2] Баъди ин музаффарият арабҳо ҳуҷумҳои ғоратгаронаи худро дар ҳудуди шаҳрҳои тасхиркарда то соли 638 (16 ҳ.) давом дода, ғанимати фаровоне ба даст оварданд.

Рӯди Даҷла пойтахти Сосониён – Тайсафунро ба ду қисмат ҷудо мекард, ки ҳангоми забти Сулукия – қисмати ғарбии Тайсафун Яздигурд бо бузургони дарбор, занон ва қисмати муҳимми хазинаи худ ба самти шимолу шарқии давлат ба кӯҳҳои Начд фирор намуданд. Баъд аз забти Сулукия лашкари Саъд ибни Ваққос дохили Тайсафун гашта, бе муқобилияти шадид онро тасхир кард.

Ба қавли Табарӣ «мусулмонон дар моҳи сафари соли шонздаҳум вориди шаҳри Кисро шуданд ва амволу хазойини Хусравро, ки боқимонда се ҳазор ҳазор (3 миллиюн) фароҳам оварда, шере ва ахлофи вай буд гирифтанд. Ғайр аз ғорати лашкари араб ду сандуқ ва ду ғилофе Қаъқоъ ибни Умар ба даст овард. Дар ғилофи аввал панҷ шамшер, шамшери Хусрав, Ҳурмуз, Қубод ва Фирӯз ва дар дигаре шаш шамшер, шамшерҳои ҲераҚл, Хоқон, Доҳир,

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.к. – Ҷ.V. – С.1752.

[2] Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Муруҷу-з-заҳаб [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387 ҳ.к. – Ҷ.1. – С.675.

Баҳром, Сиёвахш ва Нуъмон буд, ки ҳамаро пеши Саъд оварданд. Ва дар сандуқҳо чанд зиреҳ буд аз он ҷумла зиреҳи Хусрав бо пӯшиши пову даст ва зиреҳи Ҳерақл ва зиреҳи Хоқон ва зиреҳи Доҳир ва зиреҳи Баҳроми Чӯбин ва зиреҳи Сиёвахш ва зиреҳи Нуъмон, ки насиби мусалмонон гашт.[1]

Баъд аз забти Қодисия Саъд ибни Абиваққос як қисми лашкари худро бо сарварии Ҳошим ибни Утба ва дастаи зарбазани Қаъқоъ ибни Амр ҳамроҳ намуда, ба сӯи шаҳри Ҷалуло фиристод.[2] Муҳосираи Ҷалуло шаш ё нуҳ моҳ тул кашида, дар охир соли 637 арабҳо онро низ забт намуданд ва бошандагони он ба самти шаҳри Ҳалвон фирор намуданд. Бинобар гуфтаи Табарӣ арабҳо баъд аз шабехун ба забти Ҷалуло муваффақ шуданд ва соҳиби ғаниматҳои зиёду бардаҳо аз ҳисоби занону фарзандони онҳо шуданд. Тибқи маълумоти Муҳаллаб саҳми ҳар мусалмон дар ин ҷанг нуҳ ҳазор дирҳам ва ҳафт чаҳорпо буд.[3] Мувофиқи маълумоти Диноварӣ “арабҳо дар ҳарб занони зиёд асир гирифтанд ва аз мусалмонон бордор шуданд, ки Умар ибни Хаттоб дар бораи онҳо гуфта буд “Худоё аз фарзандони асирони Ҷалуло ба Ту паноҳ мебарам”.[4] Арабҳо дар ин муддат тамоми ҳудудҳои ғарбии Эрони сосониро дар ҳудудҳои Ироқ, Аҳвоз, Савод ва шаҳрҳои дигари назди Даҷла ва Фурот тобеи хилофат намуданд ва ба дунболагирии Яздигурд дар дохили Эрон пардохтанд.

Яздигурд аз шикасти Ҷалуло огоҳӣ ёфта, аз шаҳри Ҳалвон ба Исфаҳон ва Рай фирор намуд ва пас аз забти Ҳалвон лашкари арабҳо дар ибтидои соли 18 ҳиҷрӣ (638-639) шаҳрҳои бузурги Тикрит, Мавсил, Маҳрӯ, Дасткарт, Хоникин, Кирмон, Шуш ва дигар музофотҳои Сосониёнро фатҳ намуданд.[5] Дар сарчашмаи бисёр муътамади замони футуҳоти арабҳо «Ал-Футӯҳ»-и

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.V. – С.1812-1820.

[2] Большаков, О.Г. История Халифата. Эпоха великих завоеваний [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Наука, 1993. – Т.II. – С.67-68.; Радионов, М.А. Ислам классический [Текст] / А.М. Радионов. – СПб.: Петербургское Востоковедение, 2001. – С.49.

[3] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.V. – С.1812-1832.

[4] Абуҳанифа Аҳмад ибни Довуди Диноварӣ. Ахбору-т-тивол [Матн] / А. Диноварӣ; тарҷумаи Муҳаммади Домғонӣ. – Теҳрон: Ғазол, 1381 ҳ. – С.163.; Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С.377.

[5] Большаков, О.Г. История Халифата. Эпоха великих завоеваний [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Наука, 1993. – Т.II. – С.78.

Ибни Аъсам раванди шикасти Қодисия ва фирорӣ шудани Яздигурд тарзе баён ёфтааст, ки парокандагии сиёсӣ ва нуфузи зиёд ба даст овардани ҳокимони маҳаллии замони ӯро баръало нишон медиҳад. Ин ҷо манзараеро ёдовар мешавем, ки дар сарчашмаҳои дигари таърихӣ мушоҳида карда намешавад.

“Чун хабари ин фатҳ ба Кирмон расид, Яздиҷирд азим битарсид ва гуфт:

– Афсус, ки мусалмонон ба Истахр расиданд ва Шоҳакро куштанд.

Дар аснои он ҳолат меҳтаре аз меҳтарони Кирмон, ки номи ӯ Бандӯҳ ибни Сиёвуш буд, ба маҷлиси Яздиҷирд даромад ва ӯро бар сари тахт ҳайрону хомӯш ва азхудрафта дид. Бандӯҳ хидмат кард ва муҷиби кулфат аз ӯ пурсид. Яздиҷирд аз ғояти тараддуд ва дилтангӣ сухани ӯро нашнид ва ӯро ҷавобе надод. Бандӯҳ дар хашм шуд, даст дароз карда, пойи ӯ бигирифт ва аз сари тахт ба замин фурӯ кашида, бияндохт ва дашноме чанд ба ӯ дода гуфт: Ин тахти бузургон ҷойи мисли ту беҳушу камҳиммат нест!

Ин бигуфт ва аз пеши ӯ берун рафт ва сарҳангону аввононро фармуд, то ӯро аз ин саройи подшоҳона берун кунанд. Яздиҷирд аз ғояти инфиъол ва шармзадагӣ ҳеч нагуфт, аспи худ бихост ва бо хайлу ҳашами худ ба ҷониби Хуросон равон шуд”.[1]

Мувофиқи маълумоти Табарӣ солори Рай Обон-Ҷозӯя Яздигурдро асир гирифта, ангуштарии ӯро бадар кард ва ба мулкҳои ҳамсоя аз номи худ мактуб ирсол намуд. Яздигурд маҷбур шуд аз таъқиби арабҳо ба самти Исфаҳон гурезад. Ҳокими Исфаҳон Язидигурдро қабул накард ва ӯ роҳи Кирмонро пеш гирифта, пас аз он ба сӯи Хуросон раҳсипор шуд. Вай ба Марв расида, дар он ҷо монд.[2]

Дар соли 643 бо фармони халифа Умар Саъд ибни Ваққос аз роҳбарии ҳукумати Куфа озод шуда, Абдуллоҳ ибни Атфон волии Куфа таъйин шуд. Нуъмон ибни Муқарран маъмури ҷанг бо Сосониён таъйин гардида, Ҷарир

---

[1] Ибни Аъсами Куфӣ. Ал-Футуҳ [Матн] / А. Куфӣ; тарҷумаи Муҳаммад ибни Аҳмад Муставфии Ҳиравӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1386. – С.259.

[2] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.V. – С.1996-1998.

ибни Абдуллоҳ ва Муғира ибни Шуъбаро бо ӯ вобаста намуда, дар соли 643 ба забти **Наҳованд** равона гардиданд.[1]

Дар исботи гуфтаҳои боло Табарӣ оғози набарди Наҳовандро чунин шарҳ додааст: «Оғози кор чунин буд, ки Умар ба Саъд нома навишт то Нуъмонро ба ҷабҳаи муҳимтарини ҷиҳоди худ, Наҳованд фиристад, ки аҷамон дар он фароҳам омада буданд ва солорашон Зулҳоҷиб (Фирӯзон-дорои абрӯвони сиёҳ) буд»[2].

Яздигурд бо мақсади ҷамъоварии лашкар ва набарди зидди арабҳо «бо дигар аҷамоне, ки номафтуҳи мусалмонон буданд нома навишт ва мардуми Кӯҳистону Фирӯзон»,[3] Исфаҳону Форс, Хуросону Кирмон ва Озарбойҷону Хоқони туркро барои ҷанг ба муқобили арабҳо даъват кард. Онҳо пешниҳоди мазкурро пазируфта, қушунҳои худро ба Наҳованд ирсол намуданд. Дар маҷмуъ лашкари эрониён 150000 нафарро ташкил медод ва сарварии онро ба уҳдаи Фирӯзон гузоштанд.

Халифа Умар аз тайёрии Яздигурд бохабар шуда, лашкари худро бо сарварии Нуъмон ибни Муқаррин ва дастаи зарбазани Абдуллоҳ ибни Утба ба Наҳованд расонид ва дар нимаи соли 21 ҳиҷрӣ мутобиқи 642 мелодӣ муҳорибаи шадидтарин ба вуқуъ пайваст, ки дар таърих бо номи **ҷанги Наҳованд** маълум аст.[4]

Табарӣ дар ин бора таъкид месозад, ки «дар ҷанги Наҳованд аҷамон биёмаданд, ки ҳамдигарро ба занҷирҳо баста буданд то фирор накунанд. Дар ин ҷанг Нуъмон кушта шуд, Хузайфа Зулҳоҷибро бикушт ва Наҳованд кушода шуд. Дар ин ҷанг ҳаштод ҳазор кас аз ҳар ду ҷониб кушта шуда, аҷамон шикаст хурданд ва аз он пас дигар онҳоро таҷаммӯе набуд».[5]

Дар ин муҳориба гарчанде Нуъмон кушта шуд, вале боз ҳам, ғалаба насиби арабҳо гардид. Мувофиқи маълумотҳои Табарӣ ва Ибни Асир дар ин

---

[1] Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1368. – Ҷ.2. – С.142.
[2] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.V. – С.1930.
[3] Ҳамон ҷо. – С.1998.
[4] Колесников, А.И. Завоевание Ирана арабами [Текст] / И.А. Колесников. – М.: Мысл, 1982. – 111 с.
[5] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.V. – С.1932-1959.

ҷанг саҳми ҳар як аз мусалмонони савора шаш ҳазор дирҳам ва ҷангии пиёда ду ҳазор дирҳам буд.[1] Пас аз забти Наҳованд, ки онро арабҳо “Фатҳу-л-футӯҳ” номидаанд, роҳи арабҳо барои пешравӣ дар хоки Эрон кушода шуд ва дар тули солҳои 643-644 Ҳамадон, Кошон, Қум, Қазвин, Занҷон, Озарбойҷон ва Кирмон забт гардид.

Дар «Ал-Футӯҳ»-и Ибни Аъсам Кӯфӣ мактуби Умар ибни Хаттоб ба Абумусо – яке сарлашкарони ҷабҳаи шарқӣ барои забти Хуросон инъикос гардидааст, ки дар он омодагӣ ва тарғиби лашкари араб барои забти Хуросон пурра таъкид гардидааст. Аз мазмуни мактуб аён аст, ки аз сабаби дурӣ ва мавқеи ҷуғрофии Хуросон Умар барои забти он чандон розӣ нест ва супориш медиҳад, ки “мебояд, ки бад-он ҷониб наравӣ ва дар рафтан ба ҷониби Хуросон таваққуф кунӣ. Кошки миёни мо ва Хуросон кӯҳҳо будӣ аз оҳан ва дарёҳо будӣ аз оташ ва ҳазор садде будӣ дар миён чун Садди Сикандар”. Вале чун Алӣ ибни Абитолиб дар он маҷлис ҳозир буд, ба ҳозирин аз азамату бузургии Хуросон ва шаҳрҳои он ба монанди Ҳирот, Хоразм, Шошу Фарғона, Самарқанду Бухоро, Балх, Толиқон, Сарахс, Сиҷистон, Пушанг, Нишобур ва Рай маълумот дод, Умарро барои забти Хуросон водор ва розӣ намуд.

Ибни Аъсам аз забони Алӣ овардааст, ки “Ҳамчунин дар Хуросон шаҳрест, ки онро Бухоро гӯянд... Мардоне он ҷо бориёзат бошанд. Некӣ бар Самарқанд, ки он замин ҷойи парастиш аст, аммо дар охири замон туркон бар эшон ғолиб оянд... Ва дар ҳаққи аҳли Шошу Фарғона Худой Таъолоро тақдирҳои некӯст... Аммо шаҳри Балх...Некӣ мар аҳли Толиқонро, ки он ҷо Худойро ганҷҳост, на аз симу зар, балки он ҷо мардоне бошанд, ки Худой Таъолоро чунон шиносанд, ки бояд шинохт. Аммо Нишобур. Некӣ бод қавмашро, ки он ҷо некмардон бисёр бошанд ва он замин аз муслеҳон ҳаргиз холӣ набошад....

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.V. – С.1955.; Иззудин ибни Асир. Таърихи комил [Матн] / И. Асир. – Теҳрон: Асотир, 1370 ҳ.ш. – Ҷ.2. – С.17.

Чун Алӣ ибни Абитолиб ин суханон бигуфт, амирулмӯъминин Умар гуфт: – Эй Абулҳасан, маро дар забти Хуросон рағбате додӣ”.[1]

Ин гуфтаҳои Алӣ ибни Абитолиб ба лашкариёни араб таъсири амиқ намуда, онҳоро дар кори ғазавот боз ҳам руҳбаланд мекард.

Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» сабаби руҳбаланд гардидани арабҳо ва музаффариятҳои аслии онҳоро дар Хуросону Мовароуннаҳр дар зикри ҳадиси паёмбар, ки аз забони Салмони Форсӣ ривоят шудааст, вобаста медонад. Дар ин ҳадис паёмбар ҳанӯз дар замони ҳаёти худ дар мавриди Хуросон ва шаҳрҳои бузурги он – Бухоро, Самарқанд ва Қосимия маълумот дода, арабҳоро барои забти он ташвиқи зиёд намуда буд.[2]

Табарӣ ин ҳодисаро ба таври дигар шарҳ додааст, ки мазмунаш чунин аст. Дар охири соли 642 ва ибтидои соли 643 Умар ба сипоҳҳои Ироқ дастур дод, ки дар ҳар кӯчое ки набошанд, эрониёнро таъқиб кунанд. Ба сипоҳиёни мусулмон дар Басра бошад, дастур дода шуд, ки ба вилоятҳои Форс, Кирмон ва Исфаҳон ва баъзеи дигарашон ба ҷониби Озарбойҷон ва Рай раванд.[3]

Пас аз шикасти эрониён дар ҷанги Наҳованд Умар лашкари худро ба ду қисмат ҷанубӣ ва шимолу ғарбӣ тақсим намуда, ба тасарруфи мулкҳои Эрони Сосонӣ шуруъ намуд. Соли 644 аз қисмати ҷанубӣ Муғира ибни Шуъба Ҳамадонро ва Абумусои Ашъарӣ Исфаҳон, Аҳвоз, Қум ва Кошонро тасарруф намуданд. Аз қисмати шимолу ғарбӣ арабҳо Занҷон ва Озарбойҷонро тасарруф карданд.

Баъд аз забти Наҳованд, парокандашавӣ ва марказгурезии ҳокимони шаҳрҳои Хуросон баръало намудор буд, ки дигар ба Яздигурд ёрӣ расонида наметавонистанд ва дар навбати худ Яздигурд ҳам натвонист бо лашкари арабҳо муқовамат намояд. Бо ҳамин тариқ бо шикасти Наҳованд ғалабаи пурраи арабҳо бо Сосониён таъмин гардид.

---

[1] Ибни Аъсами Куфӣ. Ал-Футуҳ [Матн] / А. Куфӣ; тарҷумаи Муҳаммад ибни Аҳмад Муставфии Ҳиравӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1386. – С.261-263.

[2] ابو بکر محمد ابن جعفر نرشخی . تأریخ بخارا. ترجمهٔ محمد قباوی. تهران «چاپخانه مظاهری» ، 1363.

[3] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.V. – С.1960.

Мардумони бумии қисматҳои ғарбию марказии шоҳаншоҳии Сосониён, ки аз қавму халқиятҳои мухталиф, аз қабили арабҳову эрониёну суриёниёни гуногункешу гуногунмазҳаб иборат буданд, бар ивази задухӯрдҳои мусаллаҳонаву талафоти зиёд, ки тибқи баррасии сарчашмаҳои таърихӣ аз талафоти зиёди худ "ҷӯйҳои хун" равон карданд[1] (Холид ибни Валид аз хуни мардуми Ал-лайс ва Абдуллоҳ ибни Омир аз хуни бошандагони Истахр ҷӯйи хун равон карда, осиёб гардон карданд) натавонистанд пеши забткориҳои арабҳоро бигиранд. Забткориҳо дар қисмати ғарбию марказӣ серталафот бошад ҳам, давомдор набуд. Чунки сарҳангҳои эронӣ ҳанӯз чанд даҳсола пештар аз буҳрони сиёсии шоҳаншоҳӣ огоҳӣ доштанд ва аз ҷиҳати равонӣ шикаст хӯрда, дигар наметавонистанд дар муқовиматҳо пирӯз шаванд. Аммо дар қисмати шарқии Сосониён – Хуросону Мовароуннаҳр забткориҳо давомдору серталафот ва шикастнопазир буд.

Баъд аз муҳорабаи Наҳованд ва забти қисматҳои шарқии империяи Сосонӣ рӯзи 1-уми моҳи муҳаррами соли 23 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 7 ноябри соли 644 мелодӣ Умар аз захми ханҷари Фирӯз ба шаҳодат расид.[2] Қобили зикр аст, ки ҷангҳои истилогаронаи арабҳоро дар асри VII дар ҳудуди васеи Осиё, Африқо ва Аврупо Беляев Е.А. дар якчанд ҷабҳа ва давра тақсим менамояд, ки давраи аввали он ба аҳди се халифаи аввал – Абубакр, Умар ва Усмон рост меояд.[3]

Даврони хилофати Абубакр ва махсусан хилофати Умар барои лашкаркашони мусулмон хеле бобарор буд. Онҳо дар ин давра на танҳо Сурия, Байнаннаҳрайн, Арманистон, Эрон, Миср ва Триполитанияро фатҳ карданд, балки лашкари худро дар Ҷанубу Ғарб ба Африқои Шимолӣ ва дар Шимолу Шарқ то ба Мовароуннаҳр расониданд.[4]

---

[1] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С.366.
[2] Балъамӣ Абуалӣ. Таърихи Табарӣ [Матн] / А. Балъамӣ. – Теҳрон: Алҳудо, 2001. – Ҷ.I.II. – С.1075-1076.
[3] Беляев, Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневекове [Текст] / А. Беляев. – М.: Наука, 1966. – С.136.
[4] Сурдел, Д., Сурдел, Ж. Цивилизация классического ислама [Текст] / Д. Сурдел, Ж. Сурдел. – Екатеринбург: У-Фактория, 2006. – С.41.

Дар замони хилофати ҳамин халифа сарзаминҳои Ироқ, Сурия, Фаластин, Урдун ва Миср низ пурра фатҳ шуда, ба қаламрави хилофат ҳамроҳ карда шуданд. Халифаи савум **Усмон ибни Аффон** (644-656) низ барои забти Африқои Шимолӣ ва қисматҳои шимолу шарқии Хуросон, ки ҳанӯз аз ҷониби арабҳо фатҳ нашуда буданд, ҳудуди аз 250 000 то 300 000[1] нафар лашкар ҷамъ намуда, барои ҷанг ба қисматҳои Шарқу Ғарб сафарбар намуд.

Муҳаққиқи тоҷик Ғолибшоҳ Ғоибов қайд менамояд, ки Усмон дар даврони хилофати худ Озарбойҷонро, ки аз пардохти ҷизя саркашӣ намуда буд, бо сарварии Валид ибни Уқба дуюмбора тасхир кард ва сипас барои саркӯб сохтани ошӯбҳои Исфаҳону Кирмон ва Нишопур солҳои 649-650 волии Басра Абдуллоҳ ибни Омир ибни Қурайзоро бо лашкари афзуне сӯйи Хуросон равона кард.[2]

Абдуллоҳ ибни Омир сараввал шаҳри Истахрро фатҳ намуда, пас аз ситонидани **2 миллион дирҳами** товони ҷанг роҳи Нишопурро пеш гирифт. Дар ин сафар лашкари тақрибан 20 000 нафараи Аҳнаф ибни Қайс, Саид ибни Ос, Язид ибни ал-Қурайшӣ, Рабеъ ибни Зиёд ва Абдуллоҳ ибни Омирро ҳамроҳӣ мекарданд.[3] Абдуллоҳ ибни Омир аввалин сарлашкари араб ва баъдан аввалин мансабдор буд, ки аз тарафи Усмон ибни Аффон ба Хуросон волӣ таъйин шуда буд.

Абдуллоҳ ибни Омир ҳангоми аз Кирмон ба Хуросон лашкар кашиданаш, Рабеъ ибни Зиёдро маъмури забти Сиистон таъйин намуд. Вай дар тирамоҳи соли 649 ҳангоми баргузории ҷашни Меҳргон шаҳрҳову мавзеъҳои Каркия, Рушат, Ношрӯд ва Шарводро фатҳ намуда, бо ғаноими зиёд ба Зарангу Сиистон ворид шуд.[4] Аммо аз сабаби ғорату истисмори зиёд мардумони бумии минтақаҳои забтшуда даст ба исён заданд. Ин хабар ба

---

[1] Мюллер, А. История ислама [Текст]: от доисламской истории арабов до падения династии Аббасидов / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.1-2. – С.318.
[2] Гоибов, Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию [Текст] / Г. Гоибов. – Душанбе: Дониш, 1989. – С.73.
[3] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3. – С.199.
[4] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С.548.

халифа расида, Абдурраҳмон ибни Самраро омили забти Сиистон таъйин намуд. Ибни Самра Зарангро дубора забт намуда, сарҳадоти исломро то Рухаҷу Довану Ҳинд ва Зобулу Кобул густариш дод.[1] Баъди чанде Кобулшоҳ исёни бузург бардошта, арабҳоро аз сарзамини хеш дур сохта, солиёни зиёд истиқлоли хешро ҳифз намуд.

Дар баробари таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқон мушоҳида мекунем, ки ҳамаи забткориҳои арабҳо дар қисмати ғарбии хилофат нисбати қисмати шарқии хилофат сабуктару мулоимтар идома пайдо карда, ҳатто ҳангоми забти шаҳрҳо тамоми пешниҳодҳои сокинони он ба инобат гирифта мешавад. Аммо, дар Хуросону Мовароуннаҳр ин забкориҳо сахттару дурушттар сурат гирифта, ягон пешниҳоди ҳокимону сокинони он ба назари эътибор гирифта нашудааст. Чи тавре ки дар мавриди Сиистону Зарангу Кобул гуфтем, аз таҷовузи зиёд доимо мардумони бумии ин минтақа исён мекарданд. Дар ин маврид Балозурӣ дар “Футуҳу-л-булдон”-и худ зикр менамояд, Ибни Омир шаҳри Заранҷро рӯзе, ки ид доштанд муҳосира кард. Дар ин даврон чил ҳазор нафарро ба бардагӣ гирифт. Марзбони Заранҷ бо вай ба шарти пардохти ду ҳазор ҳазор (2 000 000) дирҳам ва ду ҳазор ғуломписар сулҳ кард.[2]

Усмон дар соли 649 Саъид ибни Осро бо ҷабҳаи шимолу ғарбӣ ба забти Табаристон фиристод, ки дар ин асно ҳокими Гургон ба ӯ таслим шуд ва хироҷгузори Саъид гардид.[3] Мувофиқи маълумотҳои Яъқубӣ, халифа Усмон ба Абдуллоҳ ибни Омир ва Саъид ибни Ос нома навишта, пайғом фиристод, ки агар аз ҷумлаи онҳо ҳар касе тавонад Хуросонро нахустин шуда забт намояд, ӯро волии Хуросон хоҳад кард.[4]

Пас Абдуллоҳ ибни Омир ва Саъид ибни Ос раҳсипор шуданд ва деҳгоне аз деҳгонони Хуросон назди Абдуллоҳ ибни Омир омад ва гуфт:

---

[1] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С.548.
[2] Ҳамон асар. –С.369.
[3] Нафисӣ Саъид. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн]: даврони пеш аз таърих ва оғози таърих / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342. – С.111.
[4] Большаков, О.Г. История Халифата. Эпоха великих завоеваний [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Наука, 1993. – Т.II. – С.185.

– Агар туро пеш бурдам ба ман чӣ медиҳӣ?

Гуфт:

– Хироҷи худ ва хироҷи хонадонат то рӯзи қиёмат аз они ту бошад.

Пас ӯро бо роҳи кӯтоҳе ба Қумис расонид…. Пас раҳсипори Нишобур шуд ва шаҳрро муҳосира кард ва Абдуллоҳ ибни Омир Нишобурро дар соли 30-юми ҳиҷрӣ ба зӯрӣ кушод ва бо мардуми Табас бо ҳафтоду панҷ ҳазор (75 000) сулҳ кард. Сипас ба шаҳри Абаршаҳр расид ва ононро чанд моҳ муҳосира кард, сипас онро кушод ва бо эшон сулҳ кард. Ва бо аҳли Ҳирот навишт. Пас бад-ӯ навиштанд, ки агар ту Абаршаҳрро кушодӣ ҳар чӣ пешниҳод кунӣ мепазирем. Ва Бушанҷу Бодғис дар он рӯз ҷузъи Ҳирот ва Тусу Нишобур ҷузъи Абаршаҳр буд.[1]

Мувофиқи ваъдаи Усмон барои забти Хуросон ва волигии он миёни ин сарлашкарон мусобиқае ба вуҷуд омад. Барои мисол Абдуллоҳ ибни Омир дар ибтидои соли 651 вилоятҳои Нишопур, Табайсан, Ҷом, Тӯс, Марв, Абевард, Нисо, Сарахс, Ҳирот, Бушанҷ ва Бодғисро таҳти тасарруфи хеш қарор дода, дар як сол ба Мадина **6 миллиону 200 ҳазор** дирҳам ва дигар ғаниматҳои ҷангиро ирсол намуд.[2] Мувофиқи маълумоти Яъқубӣ Абдуллоҳ ибни Омир баъд аз забти Ҳирот ба Марвруд рафт ва онро ба зӯрӣ кушод ва Толиқону Форёб ва Тахористонро фатҳ кард. Абдуллоҳ ибни Омир боз нагашт то аз наҳри Балх ошомид.[3]

Дар ҳақиқат Абдуллоҳ ибни Омир баъди забти Гургон ва Табасай, ки дарвозаи ҷанубу ғарбии Хуросон шинохта мешуданд, боз вилоятҳои Нишопур, Тӯс, Сарахс, Хабушон, Ҷурмуқон, Нисо, Рай, Домғон ва Марвро низ фатҳ намуда, бо дастури Усмон волии Хуросон таъйин шуд.[4] Дар маҷмуъ то поёни хилофати Усмон мусулмонон ба шаҳрҳои Хуросон то рӯди Ҷайҳун тасаллут ёфта буданд.

---

[1] Аҳмад ибни Яъқуб (Ибни Возеҳи Яъқубӣ) Таърихи Яъқубӣ [Матн] / А. Яъқубӣ; Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – Ҷ.2. – С.59-60.

[2] Гоибов, Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию [Текст] / Г. Гоибов. – Душанбе: Дониш, 1989. – С.76.

[3] Аҳмад ибни Яъқуб (Ибни Возеҳи Яъқубӣ) Таърихи Яъқубӣ [Матн] / А. Яъқубӣ; Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – Ҷ.2. – С.60.

[4] Аторӯдӣ Азизуллоҳ. Таърихи остони қудси разавӣ [Матн] / А. Аторудӣ. – Теҳрон: Аторӯд, 1371. – Ҷ.1. – С.12.

Баъд аз забти манотиқи номбурда Аҳнаф ибни Қайс, Саъид ибни Ос ва Язид ибни ал-Қурайшӣ лашкари худро омода намуда, ба забти мулкҳои алоҳидаи Моваруннаҳар машғул шуданд. Забти Балху Тахористон аз ҷониби арабҳо сароғози лашкаркашиҳои онҳо бар Мовароуннаҳр шуд. Мувофиқи маълумоти Балозурӣ, «Абдуллоҳ ибни Омир Аҳнаф ибни Қайсро сӯйи Тахористон фиристод ва ӯ бо марзбони ин вилоят бо (300 000) сесад ҳазор сулҳ кард, ки мардумони ин шаҳр чанд маротибаи дигар бо ӯ дар набард шуданд. Ҳамагӣ аҳли Тахористон барои муқобала бо мусалмонон гирд омаданд, чунончи мардуми Ҷузҷону Толиқон ва Форёб, ки шумораи онон ба сӣ ҳазор мерасид ва аҳли Сағониён, ки самти шарқии наҳранд ба эшон пайвастанд ва бо мусалмонон дар ҷанг шуданд»[1].

Яздигурди III дар ин замон рӯзҳои охирини ҳаёти худро дар парешониву фирорҳо мегузаронд. Пас аз наздик шудани лашкари Аҳнаф ибни Қайс ба Марв Яздигурди III ба тарафи Балх ва Марворӯд фирор намуд. Дар ин ҷо низ лашкари араб ӯро дунболагирӣ менамуданд. Ҳангоми ворид шудан ба Мовароуннаҳр вай бо ёрии ихшиди Суғд ва хоқони Турк сипоҳи 7000-нафара таъсис дода, ба муқобили арабҳо ба муборизa мебарояд. Арабҳо бо истифода аз ҳиллаҳои ҷангӣ ба сипоҳи Яздигурди III шабохун заданд ва туркон онро фоли бад гумошта, ба ватани худ баргаштанд. Яздигурди III ночор ба Марв пас гашт. Дар Марв ӯро ҳамсафаронаш ба таслими арабҳо ва пазироии дин ташвиқ мекарданд. Вай баъд аз андешаҳои зиёд дар симои хоқони Чин ягона наҷотдиҳандаи худро дида, ба кумаки ӯ умед баст. Вай хоҳони он буд, ки дороии худро ба Чин фиристад.[2]

Ҳамроҳони Яздигурди III аз ӯ додани ганҷҳоро талаб намуданд, ки Яздигурд розӣ нашуд. Ҳамин воқеа сабаби сар задани моҷаро гардид. Ба гуфтаи Табарӣ «...он гоҳ аз ӯ канор гирифтанд ва ӯро бо атрофиёнаш вогузоштанд ва бо ҳам биҷангиданд, ки Яздигурд мағлуб шуд ва ганҷинаҳоро

[1] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С.565-566.
[2] Таърихи ислом [Матн]: пажӯҳиши донишгоҳи Кембриҷ / А. Ором; тарҷумаи Аҳмади Ором. – Теҳрон: Амири Кабир, 1377. – С.106-107.

гирифтанд ва шоҳро раҳо карданд ва ин хабарро барои Аҳнаф ибни Қайс навиштанд. Аҳнаф биёмад онҳоро муҳосара кард ва хазинаро гирифт, ки Яздигурд ба талаби нақот бирафт ва аз Наҳр убур кард ва оҳанги Фарғона ва диёри туркон кард. Ва чунон буд, ки вақте Яздигурд ва хонадони Хусрав ба Фарғона истиқомат доштанд аз Хоқон паймон доштанд»[1].

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки Яздигурд на як маротиба, ба Мовароуннаҳр омадааст, балки ду маротиба барои даъвати кумак он наҳрро (Ҷайҳун) убур кардааст, ки убури аввалин дар соли 644 ва дувуми он ба соли 650 рост меояд.

Пас аз расидани лашкари дунболагиркунандаи араб ба Фарғона Яздигурд боз ба Марв паноҳ мебарад. Дар он замон лашкари арабҳо бо сардории Нуъмон ибни Ҳорис ба Марв расида буд ва Яздигурд хост, ки дар қалъа паноҳ барад. Аммо ҳокими Марв Моҳӯй аз сабаб ва баҳонаи надоштани ҷой барои ҳамсафони 4000-нафараи шоҳаншоҳи сосонӣ дарвозаи Марврро ба рӯи ӯ накушод. Ба қавли Фирдавсӣ Яздигурд дар сеюми хурдодмоҳ мутобиқ ба 22-23 июли соли 651 дар яке аз рустоҳои Марв бо дасти яке аз осиёббонҳо кушта шуда ва аз ҷониби усқуфи Марв боазамат дафн карда мешавад. [2]

Дар мавриди кушта шудани Яздигурд дар «Зайну-л-ахбор»-и Гардезӣ маълумоти дигар вуҷуд дорад, ки дар дигар сарчашмаҳои таърихӣ дида намешавад: «Яздиҷурд чун ба осиёбе даромад гавҳаре бешбаҳо бад-ӯ (ба осиёббон – Ғ.Т) дод, ки инро бифурӯш ва ғаллаи хешро бардор ва боқӣ аз баҳри мо чизе ор, то бихӯрем ва нишони мо касро магӯй. Чун осиёббон гавҳарро ба бозор овард ӯро бигирифтанд ва пеши Моҳӯй бурданд, (Моҳӯй) аз ӯ нишон пурсид, (осиёббон) нишон бидод. Моҳӯй касон фиристод, то сари

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.V. – С.2002.
[2] Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]: иборат аз 9 ҷилд / Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8. – С.469.; Большаков, О.Г. История Халифата. Эпоха великих завоеваний [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Наука, 1993. – Т.II. – С.186.

ӯро (Яздигурдро – Т.Ғ) бардоштанд ва наздики Моҳӯй оварданд ва тани ӯро дар об фурӯ ҳиштанд».[1]

Балозурӣ низ сабаби кушта шудани Яздигурдро ба тарзи дигар шарҳ дода, дар ин кор ҳокимони маҳаллиро муқассир медонад. Тибқи маълумоти ӯ Яздгирд чун ба ҳудуди Марв расид, Моҳуя марзбони Марв бо таъзиму гушодарӯйӣ вайро пазиро шуд ва Найзак Тархон ба дидори ӯ омад ва Яздгрид бо вай ба меҳрабонӣ рафтор кард ва ӯро хилъат дод ва бинавохт. Найзак як моҳ назди ӯ бимонд ва сипас раҳсипор шуд ва номае бинавишт ва духтари Яздгирдро хостгорӣ кард. Яздгирд бар сари хашм омад ва гуфт: Ба вай бинависед: Ту бандае аз бандагони ман беш нестӣ, чи чиз бар ту ҷуръат дод, ки духтари маро хостгорӣ кунӣ? Яздгирд аз Моҳуя ҳисоби амволро бихост, ки Моҳуяро хуш наомад. Пас, ҳар ду бар куштани вай ҳамдостон шуданд.[2]

Ба ҳамин тариқ империяи Сосониён, ки тайи 425 сол дар сарҳадҳои ниҳоят фаррох ҳукмронӣ мекард, рӯ ба таназзул овард ва суқут кард. Аммо баръакси он ҳудуди хилофати араб дар замони Усмон чунон вусъат ёфт, ки дар шарқ аз Форс шуруъ карда, то Оксус (Амударё), Сурия, Байнанаҳрайн, Арманистон ва баъзе қисматҳои Осиёи Хурд, дар шимол бошад то Константинопол, дар ғарб то Миср ва соҳилҳои Африқову Карфагенро дар бар мегирифт.[3]

Пас аз марги Яздигурд дар хилофати Усмон низ бесарусомонҳои зиёде ба вуқуъ пайваст. Бар асари аз ҷониби Усмон таъйин кардани хешовандони худ ба мансабҳои олии давлатӣ ихтилоф дар хилофат зиёд гашт ва ӯро дар синни ҳаштоду дусолагӣ дар соли 35 ҳиҷрӣ (мутобиқ ба 20 июни соли 656) ба шаҳодат расонданд.[4]

---

[1] Гардезӣ Абӯсаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуд. Зайну-л-ахбор [Матн] / А. Гардезӣ; бо муқобала ва таълиқоти Абулҳай Ҳабибӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1347 ҳ.ш. – Ҷ.2. – С.40.

[2] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С.301.

[3] Мюллер, А. История ислама [Текст]: от доисламской истории арабов до падения династии Аббасидов / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.1-2. – С.313.

[4] Хатиб, С.А. Таърихи Хулафои Рошидин [Матн] / С.А. Хатиб. – Душанбе: Суннатулло, 2006. – Ҷ.II. – С.75.

Баъд аз қатли Усмон халифаи чаҳорум **Алӣ ибни Абутолиб** (656-661) ба хилофат расид, ки дар замони ӯ низ ошӯбҳои дохилӣ ором нагирифтанд ва пас аз фурӯнишонии ошӯбҳои Басра, Ҷамал ва Сиффин хилофати панҷсолаи Алӣ низ ба анҷом расид. 24 январи 661 Алӣ ба дасти яке аз хориҷиён кушта шуд.[1] Волиёни вилоятҳо дар давраи хилофати ӯ аз сабаби ҳамаҷониба банд будани Алӣ ба сиёсати дохилӣ то дараҷае истиқлолият ба даст оварда, ба таҷовузу ғорати мардум даст мезаданд.

Мувофиқи андешаи Табарӣ «вақте, ки Алӣ аз Сиффин бозгашт, Ҷаъда ибни Ҳубайраи Махзумиро сӯйи Хуросон фиристод, ки то Абаршаҳр рафт ва бо мардуми кофаршуда муқовамат кард. Алӣ пас аз Ҷаъда, Холидро ба Нишопуру Марв фиристод, ки бо сулҳ он ҷоро фатҳ намуд»[2].

Баъди ба маснади хилофат расидани **Муовия ибни Абусуфён** давраи дуюми ҳукумати арабҳо, хилофати Умавиён (661-750) расман оғоз гардида, пас аз танаффуси даҳсола ҷангҳо ва забткориҳои нави арабҳо оғоз гардиданд. Муҳаққиқон давраи хилофати Умавиёнро аз ҷиҳати хусусиятҳои хоси худ давраи дувуми забткориҳои арабҳо муаррифӣ кардаанд.[3]

Муовия дар соли 661-662 барои забт намудани қисматҳои шарқии Эрон, Қайс ибни Ҳайсамро волии Хуросон таъйин кард ва ӯ дар тули солҳои 661-663 шаҳрҳои Бодғис, Ҳирот, Бушанҷ ва Балхро аз нав зери тасарруфи хилофат даровард.[4] Муовия дар соли 665 Абдуллоҳ ибни Омирро ҳамчун волии ноуҳдабаро дар Хуросон аз вазифа барканор кард ва бар ивази вай Зиёд ибни Абусуфёнро волии Хуросон таъйин кард.

Сарфи назар аз он, ки дар муддати солҳои 50-60-уми асри VII Хуросон пурра забт шуда буд, лашкари араб ҳуҷумҳои худро аз Марв ба Тахористон ва аз Сиистон ба Кобул давом медоданд.[5]

---

[1] Грюнебаум, Г.Э. фон. Классический ислам. Очерки истории (600-1258) [Текст] / Э.Г. фон Грюнебаум; пер. с анг. И.М. Дижура; предис. В.В. Наумкина. – М.: Наука, 1988. – С.58.
[2] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.VI. – С.2582.
[3] Грюнебаум, Г.Э. фон. Классический ислам. Очерки истории (600-1258) [Текст] / Э.Г. фон Грюнебаум; пер. с анг. И.М. Дижура; предис. В.В. Наумкина. – М.: Наука, 1988. – С.61.
[4] Гоибов, Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию [Текст] / Г. Гоибов. – Душанбе: Дониш, 1989. – С.86.
[5] Массон, В.М., Ромодин, В.А. История Афганистана [Текст] / М.В. Массон, В.А. Ромодин. – М.: Наука, 1964. – Т.I. – С.220.

Зиёд ибни Абусуфён дар ибтидои кори хеш Хуросонро ба чаҳор қисмат тақсим ва роҳбарони онҳоро таъйин намуд. Вале чун дид, ки роҳбарони таъйинкардаи ӯ аз уҳдаи вазифаҳои хеш намебароянд, онҳоро аз вазифа сабукдӯш карда, дар соли 667 ба ивазашон Ҳакамі Ғифориро волии ягонаи Хуросон эълон намуд.[1] Ҳакамі Ғифорӣ дар ибтидои кори хеш Ҳироту Ҷузҷон ва вилояти Ғурро забт намуда, кӯшиш мекард Мовароуннаҳрро низ тасхир кунад. Аммо дар аввали соли 670 вафот намуд ва ба ивази ӯ Зиёд ибни Абусуфён – Рабеъ ибни Зиёд ал-Ҳорисаро волии Хуросон таъйин кард.

Рабеъ аввалин лашкаркашиҳои худро ба Балх шуруъ намуда, тавонист онро ба воситаи бастани сулҳ ба қаламрави худ дохил созад. Баъдан ба фикри забти Мовароуннаҳр ба он ҷо ҳуҷум кард. Пас аз чанд ҳуҷумҳои озмоишӣ дар соҳилҳои рӯди Омӯ Рабеъ ба Марв баргашта, дар соли 673 дар ин макон аз олам гузашт. Дар ин лаҳзаҳо Зиёд ибни Абусуфён низ дар Куфа аз олам чашм пӯшид.[2]

Баъди ин воқеаҳо Муовия Убайдуллоҳ писари Зиёд ибни Абусуфёнро дар соли 673-675 волии Хуросон таъйин кард, ки дар ин замон тамоми Мовароуннаҳрро парокандагии сиёсӣ фаро гирифта буд. Хуталон, Кумед, Вашгирд, Вахон, Шуғнон, Вахш, Тирмиз, Чағониён, Шумон, Аҳорун, Бухоро, Кеш, Нахшаб, Суғд, Истаравшан, Чоч, Фарғона ва Бадахшон мустақилияти худро ҳифз намуда[3], дар бисёр маврид барои тасарруфи ҳудудҳои якдигар дар мубориза қарор доштанд ва дар арафаи ҳуҷумҳои арабҳо байни онҳо ягонагӣ ва иттиҳод дида намешуд.

Убайдуллоҳ дар пайи забти Мовароуннаҳр ба қавли Табарӣ «...ба Хуросон расид, он гоҳ аз наҳр гузашт ва савори шутур сӯи Кӯҳистони Бухоро рафт. Вай нахустин кас буд, ки Ромисанро бо як нимаи Байканд кушод. Убайдуллоҳ бо туркон талоқӣ кард, ки хотуни Бухоро бо онҳо буд. Худой ҳазиматашон кард, фурсат нашуд, ки попӯши худро ба по кунад ва якеи он ба

[1] Гоибов, Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию [Текст] / Г. Гоибов. – Душанбе: Дониш, 1989. – С.86-87.
[2] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.VII. – С.2854.
[3] Гоибов, Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию [Текст] / Г. Гоибов. – Душанбе: Дониш, 1989. – С.25-55.

дасти мусалмонон афтод, ки онро ба дувист ҳазор дирҳам қимат карданд»[1]. Ин воқеа ба соли 53 ҳичрӣ (673 мелодӣ) рост меояд, ки Убайдуллоҳ аз Ҷайҳун гузашта, ба Пайканду Рометан расид ва баъди ғорату ба асорат гирифтани 4000 нафар барои забти Бухоро тайёрӣ медид.

Бо марги бухорхудот Бедун, ҳукмронии Бухоро ба писари хурдсоли ӯ Туғшода расида буд. Лекин дар асл ба ивази вай модараш Хутакхотун Бухороро идора мекард. Убайдуллоҳ баъди шикасти туркону суғдиён ба Хутакхотун муоҳадаи сулҳ пешниҳод карда, дар асоси он як миллион дирҳам талаб намуд. Баъди ситонидани товони ҷанг қалъаи Ромдин, Байканд ва Бухороро фатҳ намуда, ба ғорату торочи мардумони он даст зад.[2]

Муовия бераҳмиҳои содирнамудаи Убайдуллоҳро дар Хуросон шунида, ӯро аз маснади волигии Хуросон озод сохт ва волии Басра таъйин кард. Ба ивази вай Муовия Саъид ибни Усмонро волии Хуросон таъйин кард. Вай бо лашкари 5000 нафараи худ ба шаҳрҳои Мовароуннаҳр ворид шуда, баъд аз ҳамроҳ кардани дастаҳои дуздону зиндониён лашкари худро ба 40 000 нафар расонид, зеро ӯ бори сеюм нақшаи забти Бухороро тарҳрезӣ карда буд.

Тобистони соли 676 Саъид ибни Усмон дарёи Омӯро убур карда, дар деҳаи Сомиҷон таваққуф намуд. Хутакхотун аз ин воқеа бохабар шуда, аз ихшиди Самарқанд, маликони Кеш ва Насаф ёрӣ талабид, то бо лашкари араб ба ҷанг барояд. Вай бо сипоҳи 120 000 нафараи худ дар рӯзҳои аввали ҷанг арабҳоро шикаст дод. Баъд аз расидани лашкари дуздону ғоратгарон Саъид ибни Усмон тавонист бо кумаки онҳо Бухороро фатҳ намояд. Саъид аз Бухоро 300 ҳазор дирҳам ва тамоми дороии мардумро ғорат намуда, бо гаравгон гирифтани 80 нафар аз шоҳзодагон ба сӯйи Самарқанд ҳаракат намуд.[3]

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.VII. – С.2741.

[2] Ахмад ибн Йахйа ибн Джабир Ал-Балазури. Завоевание Хорасана [Текст] / А. Ал-Балазури; пер. с араб., передисл., комм. и указ. Г. Гоибов; Отв. ред. Ю.С. Мальцев. – Душанбе: Дониш, 1987. – С.19.

[3] Нафисӣ Саъид. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн]: даврони пеш аз таърих ва оғози таърих / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342. – С.120.

Муҳосираи Самарқанд як моҳ давом намуда, суғдиён ба лашкари арабҳо ғолиб омаданд. Дар ин набард Қусам ибни Аббос кушта гардида, Саъид ибни Усмон ва Муҳаллаб ибни Абӯсуфра ҷароҳати сангин бардоштанд.[1] Дар шаҳри Самарқанд мазори Қусам ибни Аббос аз ҳамин давра пайдо шудааст, ки имрӯз бо номи “Шоҳи зинда” маъруф аст.

Пас аз набарди шадид ва мудофиаи Самарқанд Саид ибни Усмон бо роҳи сулҳ ҷангро хотима бахшида, бо гирифтани 700 ҳазор дирҳам ва 40 нафар (ба қавли дигаре 80 нафар) гаравгон аз ҳисоби маликзодаҳои Самарқанд, ҳудуди онро тарк намуд. Вай дар соли 677 аз Муовия хоҳиш намуд, ки ӯро аз вазифаи волигии Хуросон озод намояд.[2] Муовия дар ибтидои соли 678 аморати Хуросонро ба Абдурраҳмон ибни Зиёд вогузошт, ки дар аҳди волигии дусолаи ӯ ягон футуҳоти назаррас набуд.[3]

Дар соли 680 Муовия ибни Абусуфён аз дунё даргузашт ва ба ҷойи ӯ писараш Язид ибни Муовия халифа таъйин гардид. Язид дар ин сол Салм ибни Зиёдро волии Сиистону Хуросон таъйин намуд. Ба гуфтаи Балозурӣ «Салм ҳамроҳи зани худ, ки духтари Абдуллоҳ ибни Усмон буд аз наҳр гузашт ва аз нахустин зани аъроб буд, ки аз наҳр убур кард. Ва ин зан писаре таваллуд кард, ки ӯро Суғдӣ ном ниҳоданд»[4].

Салм ибни Зиёд дастаҳои низомии Абдуллоҳ ибни Ҳозим, Муҳаллаб ибни Абусуфра, Ҳанзал ибни Арод ва арабҳои дузду ғоратгарро ба лашкари худ ҳамроҳ намуда, ибтидои соли 681 ба Бухоро ҳуҷум кард. Дар ин маврид сипоҳи 12 000 нафараи суғдиён бо сипоҳи туркон ва бухорхудот якҷоя шуда, ба муқобили арабҳо баромаданд, ки дар натиҷа задухӯрди шадиде ба миён омад. Аз сабаби надоштани сарвари асосӣ сипоҳи суғдиён пароканда шуда, арабҳо ғалабаи ногаҳонӣ ба даст оварданд. Пас аз гирифтани товони ҷанг барои ҳар шахси саворaи лашкар 2400 дирҳам ва барои шахсони пиёда 1200

[1] Гоибов, Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию [Текст] / Г. Гоибов. – Душанбе: Дониш, 1989. – С.92.
[2] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.З. – С.226.
[3] Гоибов, Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию [Текст] / Г. Гоибов. – Душанбе: Дониш, 1989. – С.93.
[4] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С.575.

дирҳам дода шуд. Сипас Салм роҳи Самарқандро пеш гирифт. Салм дар Самарқанд фурӯд омада, сипоҳи худро барои забти Хуҷанд фиристод, лекин онҳо ба ин муваффақ нашуданд.[1]

Пас аз марги халифа Язид ибни Муовия дар соли 683 дар маркази хилофат нооромиҳои зиёд сар зада, ба ҷойи Язид, Муовияи II-ро халифа эълон намуданд. Аммо баъд аз чанде вай фавтид ва хилофат ба дасти Марвон ибни Ҳакам намояндаи хонадони дигари умавиён-марвониён гузашт. Вале баъд аз як сол Марвон низ фавтида, хилофатро Абдулмалик ибни Марвон (685-705) ба даст гирифт.[2]

Ба андешаи муҳаққиқи аврупоӣ Август Мюллер дар давраи Абдулмалик сипоҳи араб бо фармонравоии Валид аз нав ҳуҷумҳои худро дар заминҳои Шарқ то Ҳиндустону Туркистон, дар Шимол то Қафқозу деворҳои Константинопол, дар Ғарб то соҳилҳои уқёнуси Атлантика ва марзи Фаронса идома доданд.[3]

Дар ин асно Салм ибни Зиёд Абдуллоҳ ибни Ҳозимро волии Хуросон таъйин намуда, худ бо тамоми дороияш ба Димишқ меравад. Аз сабаби он, ки Абдуллоҳ ибни Ҳозим дорои истиқлолияти ҳудудии худ бошад, Абдулмалик волигии Хуросонро ба Букайр таслим намуда, ӯро бар зидди Абдуллоҳ барангехт ва дар соли 692 Абдуллоҳ ибни Ҳозимро ба қатл расонд.

Мавриди зикр аст, ки дар замони хилофати Абдулмалик ибни Марвон (685-705) ва тохтутозҳои беохир ба Хуросону Мовароуннаҳр шиддати истилогарии арабҳо паст гардид, вале он дер давом накард. Бо волии Ироқ таъйин шудани Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф нооромиҳо дар Хуросони Бузург аз нав сар заданд. Сарчашмаҳо далолат аз он медиҳанд, ки аз сабаби таассуби зиёди нажодӣ доштанаш, Ҳаҷҷоҷ ҳангоми дар мансаби қоимақоми Ироқ фаъолият карданаш 120 000 нафар асирони маволии ориёитаборро ба куштан амр

---

[1] История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1999. – Т.II. – С.56.
[2] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.З. – С.230.
[3] Мюллер, А. История ислама [Текст]: от доисламской истории арабов до падения династии Аббасидов / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.1-2. – С.313.

фармуда, 50 000 мардону 30 000 занони саркашро дар зиндонҳо нигоҳ медошт.[1]

Чуноне ки Балозурӣ дар «Футуҳу-л-булдон» таъкид сохтааст «Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф Муҳаллаб ибни Абисуфраро ба Хуросон гуморид, ки ғазои бисёр кард. **Хутал ва Хуҷандро,** ки паймон шикаста буданд бикушод ва суғдиён барои ӯ хироҷ биёварданд. Ва дар ғазои Кеш ва Насаф бимурд.[2] Ҳаҷҷоҷ Язид ибни Муҳаллабро ба ҷойи ӯ волӣ таъйин кард. Язид дар оғози роҳбарии хеш Хоразмро фатҳ намуд, валекин аз сабаби сардии зимистон қисмати зиёди лашкари Язид ибни Муҳаллаб талаф ёфтанд. Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф Язидро аз вазифа озод карда, ба ҷойи ӯ Муфзил ибни Муҳаллабро волии Хуросон таъйин намуд. Бо қабули ҳукумат Муфзил ибни Муҳаллаб Бодғисро, ки паймони бастаи худро бо арабҳо шикаста буданд, фатҳ кард ва **Шумону Аҳорунро** низ бикушод.[3]

Баъд аз Муфзил ибни Муҳаллаб ҳукумати Хуросон ба Қутайба ибни Муслими Боҳилӣ расид, ки бо ба сари қудрат омадани ӯ марҳилаи нави забткориҳои арабҳо оғоз мегардад. Қутайба ибни Муслим чун ба Толиқон расид, деҳқонон ӯро ба хушӣ пазиро шуданд ва баъд аз забти Балх аз Омӯ гузашта, лашкари худро ба Чағониён расонид, ки ҳокими он Тиш[4] ба тарафи арабҳо гузашт ва бе муборизa тобеиятии онҳоро пазируфт. Тиш – ҳокими Чағониён, ки бо ҳокимони мулкҳои ҳамсоя муносибати хуб надошт, дар симои Қутайба пуштибони худро пайдо карда, ӯро барои забти мулкҳои ҳокимони Шумону Аҳорун ташвиқ мекард, ки ин вазъро Табарӣ хеле хуб тасвир намудааст. Қутайба чун ба Толиқон расид, деҳқонони Балх ва баъзе бузургони он ҷо ба пешвози вай омаданд ва бо вай равон шуданд ва чун аз наҳр убур кард Биши якчашм – шоҳи Сағониён бо пешкашҳо ва як калиди тилло ба пешвози вай омад ва ӯро ба вилояти хеш даъват кард, ки он ҷо рафт.

---

[1] Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Ат-Танбеҳ ва-л-ашроф [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1365 ҳ.қ. – С.275.
[2] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С.581.
[3] Ҳамон ҷо. – С.581.
[4] Дар баъзе сарчашмаҳо «Биш» ва “Фиш” низ омадааст, ки манзур ҳамон ҳокими Чағониён аст.

Шоҳи Куфтон низ бо пешкашҳо ва мол биёмад ва ӯро ба вилояти хеш даъват кард. Қутайба ҳамроҳи Биш сӯи Сағониён рафт, ки вилояти хешро бад-ӯ кард.[1] Ва чунон буд, ки шоҳи Аҳорун ва Шумон ҳаққи ҳамсоягии Бишро надониста буданд, ба ғазои вай омада буданд ва ӯро ба сахтӣ андохта буданд. Қутайба сӯи Аҳорун ва Шумон рафт, ки ҷузви Тахористон буд.

Пас аз забти Чағониёну Шумон дар соли 705 аввалин иқдоми Қутайба саркӯб намудани Мусо ибни Абдуллоҳи араб буд, ки бар зидди арабҳои мусалмон мубориза мебурд. Бояд афзуд, ки дар ин рӯзгор аллакай арабҳои ғайри мусалмон дар Мовароуннаҳр сукунат гузида, ҳатто ба муқобили арабҳои мусалмон мубориза мебурданд. Мусо ибни Абдуллоҳ яке аз чунин арабҳо буд, ки зиёда аз 15 сол дар нуқоти мухталифи Мовароуннаҳр ба ғорату судхӯрӣ машғул гардида, нуфузи зиёд ба даст оварда буд. Ҳангоми волии Хуросон таъйин шудани Язид ибни Муҳаллаб Тархун бо ҳокимони маҳаллии атрофи Бухоро ва арабҳои ғоратпеша иттифоқ баста, дар пайи он шуданд, ки Язид ибни Муҳаллабро аз Хуросон берун кунанд.

Табарӣ ин воқеаро чунин тасвир кардааст: «Тархун ба сабабе ба Собит хашм овард, Низак ва Сабол ва мардуми Бухоро ва Сағониён низ бо вай фароҳам омаданд ва ҳамроҳи Собит пеши Мусо ибни Абдуллоҳ рафтанд. Ҳазиматиёни Абдурраҳмони Ҳошимӣ аз Ҳирот ва ҳазиматиёни Ибни Ашъас аз Ироқ ва аз ноҳияи Кобул ва низ гуруҳе аз тамимиёни Хуросон, ки дар аснои фитна бо Ибни Хозим ҷанг мекарданд, пеши Мусо омаданд ва бад-ин сон ҳашт ҳазор кас аз мардуми Тамим ва Қайс ва Рабиъа ва Яман ба даври Мусо фароҳам омада буд. Собит ва Ҳарис бад-ӯ гуфтанд: «Ҳаракат кун, ки аз наҳр убур кунем ва Язид ибни Муҳаллабро аз Хуросон берун кунем ва туро вилоятдор кунем, ки Тархун ва Низак ва Сабол ва мардуми Бухоро низ бо туанд».[2]

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.IX. – С.3804-3805.

[2] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.IX. – С.3779.

Дар асл Мусо пас аз дастгирӣ ёфтан аз ҷониби ҳокимони маҳаллӣ лашкари худро қавӣ намуда, дар ду самт яке бо волиҳои Хуросон (Язид ибни Муҳаллаб ва Қутайба ибни Муслим) ва аз ҷониби дигар бо мардумони бумии Мовароуннаҳр, ки зери озору шиканҷаи ӯ қарор доштанд, дар ҷанг буд.

Табарӣ дар ин маврид овардааст, ки «Мардуми Хуросон мегуфтанд: “Касеро чун Мусо писари Абдуллоҳ ибни Хозим надидем … дар вилояти Хуросон ҳамегашт, то ба шоҳӣ расид ва сипоҳиёни арабу турк ба муқобалаи вай омаданд, оғози рӯз бо арабон ҷанг мекард ва охири рӯз бо аҷамон. Понздаҳ сол дар қалъаи хеш бибуд ва Мовароуннаҳр аз они Мусо шуд ва ҳеч кас мунозеъи ӯ набуд”.[1]

Бо мақсади саркӯб намудани Мусо ибни Абдуллоҳ Қутайба лашкари худро ба Тирмиз расонид, ки дар он айём Мусо дар Тирмиз қарор гирифта буд. Қутайба бо ҳокимони аз тарафи аъроб таъйиншудаи Мовароуннаҳр иттифоқ баста, Мусоро дар муҳосира гирифтанд ва дар соли 705 Мусо ба дасти Восил ибни Тайласаи Анбарӣ ба қатл расонида шуд ва Тирмиз тасхир карда шуд.

Бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ метавон чунин тазаккур дод, ки ҳукумати Мусо ибни Абдуллоҳ як ҳодисаи ғайриоддӣ буда, мутаассифона дар адабиёти илмӣ ва таърихӣ ҳодисаҳои ба сари қудрати Мовароуннаҳр омадан ва 15 сол ҳукумат кардани ӯ ба чашм намерасанд.

Бо шикасти Мусои Тирмизӣ Қутайба дубора рӯ ба Байканд оварда, бо омодагии ҷиддӣ вориди шаҳр гардид. Қутайба дар соли 706 лашкари худро ба Пайканд яке аз ободтарин шаҳрҳои Мовароуннаҳр расонд. Муҳосираи шаҳр мувофиқи маълумотҳо 50 рӯз ва ё 10 моҳ давом карда, билохира зафар насиби арабҳо гардид. Мувофиқи маълумоти Табарӣ «Вақте Қутайба Байкандро гушуд чандон зуруфи тило ва нуқра ба даст овард, ки ба шумор набуд… Дар Байканд бисёр чиз гирифтанд ва чандон чиз аз Байканд ба дасти мусалмонон афтод, ки назири онро дар Хуросон ба даст наёварда буданд.[2]

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.IX. – С.3788.
[2] Ҳамон асар. – С.3812-13.

Баъд аз забти Пайканд, Нумишкат ва Ромайсана Қутайба азми забти Бухоро намуд. Вале аз ҷанг бо бухориён бим дошт. Ин воқеаро Табарӣ аз забони шоҳиди воқеии он Идрис ибни Ҳанзала чунин овардааст: «Қутайба ба соли ҳаштоду нуҳум (708м.) ба ғазои Вардонхудоҳ – шоҳи Бухоро рафт, аммо тоби вай надошт ва дар он вилоят зафаре наёфт ва ба Марв бозгашт. Ва соли навадум (709м.) дуюмбора ба ғазои Бухоро рафт. Вардонхудот кас пеши суғдиёну туркон ва мардуми атрофи онҳо фиристод ва аз онҳо кумак хост. Қутайба чун зудтар он ҷо расида буд, онҳоро муҳосара кард,[1] яъне то омада расидани қувваҳои ёрирасон Бухоро аз ҷониби аъроб забт шуда буд ва онҳо ба ғорату қатли мардум машғул буданд. Чун сарбозони ёрирасони даъватшуда ба Бухоро расиданд, Қутайба ба онҳо ҳамлавар шуда, чунин амр кард, ки «ҳар кас саре биёрад, яксад мегирад».[2] Яъне Қутайба дар ин маврид эълон намуд, ки агар касе сари душманеро биёрад, сад дирҳам ба тариқи ҷоиза хоҳад гирифт. Пас аз содир шудани ин фармон дар қароргоҳи арабҳо аз сари ҷанговарони Мовароуннаҳр манораи бузурге ба вуҷуд омад.[3] Қутайба баъд аз фатҳ ва ғорати Бухоро «бародари худ Солеҳ ибни Муслимро волии Мовароуннаҳр таъйин намуда»,[4] худ ба Марв бозгашт.[5]

Дар ин муддат хабари исёни аҳолии Хоразм ба гӯши Қутайба расида, қушуни худро барои забти дуюмбораи он омода намуд. Ба гуфтаи Берунӣ “Қутайба ҳар касро, ки хатти хоразмӣ медонист ва ононе, ки аз ахбору иттилоот миёни онҳо тадрис мекард, эшонро аз дами теғ гузаронид. Бад-ин сабаб ахбори Хоразм тавре пӯшида монд”.[6] Чуноне ки мушоҳида шуд, дар воқеъ сабаби пурра аз байн рафтани осори хаттии хоразмиёни қадим қатли омми бошандагони ин сарзамин аз тарафи Қутайба буд. Дар замони мо баъзе афрод барои пеш бурдани аҳдофи сиёсии худ мехоҳанд ин воқеиятҳоро зери

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.к. – Ҷ.IX. – С.3820-3822.
[2] Ҳамон асар. – С.3824.
[3] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.413-414.
[4] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С.584.
[5] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.413.
[6] Берунӣ, А. Осор-ул-боқия [Матн] / А. Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С.56.

суол баранд. Аммо аксари ин ахбор бо забони арабӣ ва бар асоси манобеи арабӣ навишта шудааст.

Дар ин муддат яке аз муборизони роҳи озодӣ ҳокими Бодғис Низак Тархон пас аз муборизаҳои солҳои 704-705 ба муқобили Қутайба бо машварати Сулайми Носеҳ дар соли 708 бо Қутайба қарордод ба имзо расонида, ба тарафи ӯ гузашт ва исломро қабул кард. Баъди иштирок дар чанд муҳорибаҳо бо Қутайба ба бераҳмии ӯ қоил шуда, ба дараи Хулм баргашт ва аз сипоҳиёни навоҳии Балх, Марворӯд, Толиқон, Форёб ва Ҷузҷон лашкари бузург барои ҷанг бо Қутайба таъсис намуд. Бо сипоҳи ӯ Кобулшоҳ низ дастаи низомии худро ҳамроҳ сохт ва онҳо барои шикасти Қутайба иттифоқ бастанд.[1]

Қутайба бародари дигари худ Башор ибни Муслимро волии Марв эълом карда, худ бо лашкари бузурге барои саркӯби сипоҳи Низак, ки дар қалъаи Дуғули Бағлон истеҳком гирифта буд ва ҳар дам ба арабҳо зарба мезад, раҳсипор шуд. Ҳокими рустои Рубихон ба Низак хиёнат карда, ба тарафи арабҳо гузашт ва роҳи ниҳонии қалъаро ба Қутайба нишон дод. Қутайба Низакро ба қатл расонида сари ӯро ба Димишқ фиристод.[2] Мувофиқи маълумоти Табарӣ, Қутайба дар ин набард бо мардум набарди сахт кард ва бисёр кас аз онҳоро бикушт ва ду саф чаҳорфарсангӣ аз онҳоро биёвехт.[3]

Баъд аз қатли Низак Қутайба нисбат ба мардумони навоҳӣ бераҳмии бесобиқа раво дида, тибқи маълумоти сарчашмаҳо “Кешро бикуфт, Насафро вайрон кард ва Форёбро бисӯхт»[4] яъне Форёбро ба коми оташ кашид, ки ин муҳориба дар таърих ба номи **“муҳориба сӯхта”** машҳур аст.

Дар Таърихи Табарӣ дар баробари кушта шудани Низак ахборе вуҷуд дорад, ки дар дигар сарчашмаҳо мушоҳида намешавад. Ин хабар дар мавриди

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.IX. – С.3827.
[2] История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1999. – Т.II. – С.54-55.
[3] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. Таҳияи Н. Амиршоҳӣ.– Душанбе: ЭМТ, 2014. – К.5. – С.3405.
[4] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.IX. – С.3845.

забти дувумбораи Шумону Аҳорун аз ҷониби Қутайба мебошад, ки ба қарори зайл омада аст:

«Филшинасб – шоҳи Шумон омили Қутайбаро берун кард ва фидяеро, ки бар сари он сулҳ карда буд, надод. Қутайба Айёши Ғанавиро бо яке аз зоҳидони Хуросон фиристод, то шоҳи Шумонро барои итоат ва додани фидя розӣ кунанд. Аммо шоҳ напазируфт ва ба фиристодаи Солеҳ гуфт:

– Бе ҷиҳат маро аз Қутайба метарсонӣ, ки қалъаи ман аз қалъаи ҳамаи подшоҳон баландтар аст, ман ки камонам аз ҳамаи подшоҳон маҳкамтар аст ва тирандозиям аз ҳамаашон беҳтар аст, ба болои он тир меандозам ва тирам ба камари қалъа мерасад, пас чаро аз Қутайба битарсам?

Пас, Қутайба аз Балх ба сӯи Шумон рафт ва манҷаниқҳо насб карда, қалъаи вайро ҳадаф кард. Ва чун шоҳи Шумон аз ғалабаи Қутайба бимнок шуд ва ҳар чӣ молу ҷавоҳир дошт, фароҳам овард ва дар чоҳе дар миёни қалъа афканд, ки кас ба умқи он намерасид. Он гоҳ Филшинасб қалъаро бикушуд ва сӯйи мусалмонон рафт ва бо онҳо биҷангид, то кушта шуд ва Қутайба қалъаро ба зӯр бикушуд ва ҷанговаронро бикушт ва зану фарзанд асир гирифт».[1]

Қутайба дар охири соли 708 боз ду маротиба ба Бухоро лашкар кашид. Вай шаҳрҳои Кеш, Насаф ва Самарқандро тасарруф намуда, баъди тайёрии ҷиддӣ соли 709 бори чорум ба Бухоро ҳуҷум намуд. Дар ин муҳориба ба сипоҳи муттаҳидаи вардонхудот, бухорхудот, Тархун, Хутакхотун ва урдуи чилҳазораи ҳоқони турк – Қарамагнун вохӯрда, шикаст хӯрд.[2] Баъди ин нокомӣ дар ҷанг Қутайба роҳи макрро пеша намуда, сарварони ноҳияҳоро бо ҳам шӯронид ва баъд аз заиф гаштани онҳо ғолибияти ниҳоиро ба даст овард. Ҳақ бар ҷониби Ф.Старр мебошад, ки дар ин маврид мефармояд: “ҳеҷ як пешвои дигари араб пеш аз Қутайба дар сӯйистифода аз душманони маҳаллӣ ва байни онҳо низоъ афкандан моҳиртар набуд”.[3]

---

[1] Ҳамон асар. – С.3844-3845.
[2] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3. – С.236.
[3] Старр Фредерик. Маърифати гумшуда [Матн]: асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг / Ф. Старр. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – С.150.

Пас аз шикасти Бухоро лашкари Қутайба аз ҳисоби қувваҳои ёридиҳанда мустаҳкам гардида, дар соли 712 ба Самарқанд ҳуҷум овард. Бо тасхири ин шаҳр бародари худ Абдуллоҳ ибни Муслимро ҳоким таъйин карда, худ ба Марв раҳсипор мегардад. Мардуми озодихоҳи Самарқанд бо истифода аз дур гардидани Қутайба бо сарварии Ғурак бар зидди Абдуллоҳ ибни Муслим ошӯб бардоштанд. Аз ин воқеа Қутайба бохабар шуда, баҳори соли 713 Самарқандро дуюмбора ғасб карда ва ба сари мардуми он зулму ситами зиёд оварда, бераҳмиҳои мислаш нодидаро содир намуд. Ба қавли Табарӣ Қутайба бо ситонидани 2 200 000 дирҳам ва 30 000 нафар марди ҷангӣ аз суғдиён бо онҳо қарордоди сулҳ баста,[1] бародари худ Абдуллоҳро ҳушдор кард, ки “нагузор мушрике аз яке аз дарҳои Самарқанд дарояд, магар он ки муҳр ба дасташ хӯрда бошад. Ва агар пеш аз он ки боз ояд гили муҳр хушкида бувад, ӯро бикуш ва агар шаб дарро бибастӣ ва касе аз онҳоро дохили шаҳр ёфтӣ, ӯро бикуш».[2]

Мувофиқи андешаи Абдуназар Ҳақназаров, Қутайба чун мушоҳада намуд, ки Убайдуллоҳ ва Саъид ҳангоми ҳуҷумҳои аввалини худ ба Бухоро бо хотуни он сулҳ намуда, дар ивази он ғаноими бисёр ба даст овардаанд ва мардумро ба ислом даъват накардаанд ва то замони Қутайба аз дини аҷдодии худ пайравӣ менамуданд. Бинобар ин Қутайба барои истиқрори ислом дар ин минтақа ҷиддӣ рафтор намуд.[3]

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки Қутайба дар Шумону Аҳорун барои итоат накарданашон ба амри хилофат бераҳмии шадид содир намуда, ба Чағониён ва Шумону Аҳорун низ ду маротиба (солҳои 705, 713) лашкаркашӣ намудааст.

---

[1] История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1999. – Т.II. – С.62.
[2] Ҳамон асар. – С.3855-3865.
[3] Хакназаров, А. Освободительная борьба таджикского народа против Арабского Халифата (633-961) [Текст] / А. Хакназаров. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С.145.

Қутайба лашкари худро ба ду сипоҳи бузург тақсим намуда, сипоҳи аввалро ба Кеш, Насаф ва Хоразм сипоҳи дувумро, ки ба он худаш роҳбарӣ мекард барои ишғоли Хуҷанд ва Фарғона сафарбар намуд.[1]

Ба қавли Табарӣ баъд аз ишғоли ин шаҳрҳо «Қутайба аз Фарғона берун шуд ва кас сӯйи дараи Асом фиристод, ки роҳи Кошғарро, ки наздиктарин шаҳри Чин буд, барои вай ҳамвор кунанд. Қутайба ба Қошғар расид ва 12 тан аз бузургони худро бо Касир ибни Фалон назди шоҳи Чин фиристод. Фармонравои Чин дар онҳо нигарист ва касон дид, ки чун кӯҳҳо равон буданд. Мусалмонон ба шоҳи Чин талаботҳои худро пешкаш карданд, ки шоҳ ҳадяҳову канизон барои нашикастани қасами Қутайба ба онҳо дод ва Қутайба ба зафар баргашта, оҳанги Марв кард».[2]

Амалҳои ваҳшиёна ва золимонаи Қутайба боиси он шуд, ки дар дохили урдуи ӯ, ки аз арабҳо ва аҷамон иборат буд, алайҳи вай қиёми умумӣ сар занад. Сабаби сар задани ин қиём риоя нашудани ҳуқуқҳои лашкариён дар тақсимоти одилонаи ғаниматҳои ҷангӣ буд. Дар айни ҳол Валид ибни Абдумалик (705-715) ҷаҳонро падруд гуфта, ба ҷойи ӯ Сулаймон ибни Абдумалик (715-717) ба хилофат расид. Аз сабабе, ки волии Ироқ Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф ва омили забти Мовароуннаҳр Қутайба баъд аз марги Валид ибни Абдулмалик ба писари ӯ Язид ибни Валид байъат карда буданд, мақсади онҳо амалӣ нагашт ва бародари Валид Сулаймон ибни Абдулмалик ба хилофат расид, ки муносибати ӯ бо Қутайба чандон хуб набуд. Қутайба аз хатар воқиф гардида, оилаи худро ба Самарқанд оварда, сар аз итоати халифа бароварда, худро дар Хуросону Мовароуннаҳр халифа эълон намуд ва аз лашкариёни худ талаб намуд, ки ба ӯ байъат намоянд. Барои он ки таваҷҷуҳи аҷамиёнро ба худ ҷалб намояд, модари худро хуросонӣ эълон намуд ва изҳор кард, ки вай фикран ва ирсан аз аҳли Аҷам аст. Вале чунин тарғибот ҳам дили аҷамиёнро ба Қутайба, ки хунхориҳо ва рафторҳои ғайриинсонии зиёд

---

[1] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.419-420.

[2] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.IX. – С.3887-3890.

содир карда буд, гарм насохт. Дар ҳолате ки лашкариён ба ӯ байъат накарданд бо ғазаби даҳшатангез ҳар қабила ва қисми низомиро бо дашномҳои қабеҳ таҳқир мекард.[1] Бо ҳамин ҳуҷумҳои Қутайба дар Мовароуннаҳр бо забти Хуҷанд, Чоч, Фарғона, Истаравшан, Исфиҷоб ва Қошғар дар солҳои 713-715 ба охир расида, дар натиҷаи шӯриши умумие, ки ба он Вукайъ ибни Ҳассони Тамимӣ ва Ҳайёни Хуросонӣ роҳбарӣ мекарданд Қутайба бо ҷамъи 11 нафар бародарону писаронаш ба қатл расонида шуданд. Қутайба дар он ҳангом 55-сола буд.[2]

Дар байни солҳои 705-713 сипоҳи ҷанубии лашкари мусалмонон ба ишғоли Туркистон, Ҳиндустон ва Мултон муваффақ гашта, хилофати худро ба Синд пайваст намуданд.[3] Баъд аз фавти Сулаймон ибни Абдумалик Умар ибни Абдулазиз (717-719) ба хилофат расид, ки дар ин замон Ҷарроҳ ибни Абдуллоҳ волии Хуросон (717-719) буд. Дар аҳди волигии ӯ бар асари гаронии андозу ҷизя ошӯбҳо ба амал омаданд. Дар асоси ин омилҳо солҳои 718-719 ихшиди Суғд – Ғурак, подшоҳи Бухоро –Туғшода ва фармонравои Кумиз (Кумед) – Норойин ҳайати намояндагии худро барои муборизa бо арабҳо ба назди Ҳюн-Тсунк императори сулолаи Тан ба Чин фиристоданд, то ин ки вай ба лашкари суғдиён ҳамроҳ шавад, лекин ин амал бенатиҷа анҷомид.[4]

Умар ибни Абдулазиз Ҷарроҳ ибни Абдуллоҳро аз вазифааш барканор сохт ва Абдурраҳмон ибни Наъимро волии Хуросон таъйин кард. Баъди марги Умар ибни Абдулазиз Ғурак фурсатро муносиб дониста, бо иттиҳоди сипоҳи Фарғона ва хоқони турк ошӯб бардошт. Барои ноуҳдабароӣ Абдурраҳмон ибни Наъимро аз волигӣ барканор ва ба ҷойи ӯ Саид ибни Амр ал-Ҳараширо (721-722) волӣ таъйин кард. Вай бо роҳи найранг Ғуракро бо

---

[1] Назаров, Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Ирфон, 1999. – С.18; Старр Фредерик. Маърифати гумшуда [Матн]: асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг / Ф. Старр. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – С.151-152.

[2] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С. 591.; Назаров, Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Ирфон, 1999. – С.20.

[3] Сурдел, Д., Сурдел, Ж. Цивилизация классического ислама [Текст] / Д. Сурдел, Ж. Сурдел. – Екатеринбург: У-Фактория, 2006. – С.52.

[4] Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1963. – Т.II. – Ч.I. – С.381.

худ хонда, тобеъ сохт ва сипоҳи ӯ ба се қисмат, пайравони Ғурак, Қарзанҷ ва Деваштич тақсим шуд.[1]

Арабҳо бо сарварии Сулаймон ибни Абусарӣ бо иттифоқи Хоразмшоҳ-Шавкар, шоҳи Аҳоруну Шумон-Урам дар соли 722 бар зидди Деваштич лашкар кашида, дар қалъаи Абаргар ҷанги шадид барпо намуданд. Баъд аз тамом шудани озуқа ва хӯрокаи сипоҳиён Деваштиҷ маҷбуран ба сулҳ бастан розӣ мешавад. Лекин ноҷавонмардона ӯро ба дом афтонда, дар Арбиҷон зиндонӣ намуда, баъд аз чанде ба қатл расониданд ва сари ӯро ба Ироқ ва дасти рости ӯро ба Сулаймон ба Тахористон равон кард, то ошӯби ӯро фурӯ нишонанд.[2]

Дар ибтидои соли 722-724 Муслим ибни Саид волии Хуросон таъйин шуда, аввалин ҳуҷуми худро аз Фарғона шуруъ намуд, лекин аз дасти сипоҳи ихшиди он Алутар шикаст хӯрда, ба Марв паноҳ мебарад ва забти Мовароуннаҳрро ба таъхир меандозад.

Тибқи маълумоти Балозурӣ ҳуҷуми аввалини арабҳо ба Хуттал ба давраи лашкаркашии Саъид ибни Усмон соли 676 ва ҳуҷуми дувуми онҳо дар соли 696 аз ҷониби Умая ибни Абдуллоҳ ба амал омада буд. Ба ақидаи Ғолиб Ғоибов аз сабаби бо сулҳ анҷом ёфтани ин ҳуҷумҳо шарҳи онҳо дар сарчашмаҳои таърихӣ возеҳу равшан баён наёфтаанд.[3]

Дар байни солҳои 718-719 ҳуҷуми навбатии арабҳо ба Хуттал дар айёми волигии Хуросон аз ҷониби Ҷарроҳ ибни Абдуллоҳ ва сарлашкарии Ҷаҳм ибни Заҳр[4] ба амал омадааст, ки мутаассифона оқибати ин ҳуҷум дар сарчашмаҳо норавшан мебошанд.

Дар соли 724 Халифа Ҳишом ибни Абдулмалик Асад ибни Абдуллоҳро волии Хуросон таъйин намуд. Вай баъд аз забти Ғур, Нимрӯз ва Толиқон дар аввали соли 726 рӯди Омӯро убур намуда, ба Хуталон ҳуҷум мекунад. Шоҳи Хатлон Шаҳбол бо дастаи ҳарбии 50 000 нафараи худ ва урдуи туркон бо

---

[1] Таърихи Эрон [Матн]: аз Селевкиён то фурупошии давлати Сосониён. – Теҳрон: Амири Кабир, 1370. – Ҷ.3. – С.359.
[2] История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1999. – Т.II. – С.69.
[3] Ғоибов, Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006. – С.136-137.
[4] Ҳамон ҷо. – С.143-144.

сарварии Сулу қушуни Асад ибни Абдуллоҳро шикасти сахт медиҳад ва Асад ибни Абдуллоҳ маҷбур мешавад ба тарафи Балх гурезад.

Ба қавли Табарӣ вобаста ба шикасти шармандавори арабҳо мардуми Балх шеъре тамасхуромезе гуфтанд ба порсӣ, ки аввалин намунаи эҷодиёти назмӣ дар таърихи халқи тоҷик ба шумор меравад:

"Аз Хуталон омадед
Рӯ ба табоҳ омадед
Обор боз омадед
Хушку низор омадед".[1]

Ҳишом ибни Абдулмалик аз мағлубияти шармандавори Асад, огоҳӣ ёфта, ӯро аз волигии Хуросон барканор кард ва ба ҷойи ӯ Ашрас ибни Абдуллоҳи Салмиро (727-728) волӣ таъйин намуд. Замони вилоятдории Ашрасро дар Хуросон Балозурӣ чунин баён намудааст: «Ашрас хироҷи Хуросонро афзуд ва деҳқононро ҳурмат надошт ва мардуми Мовароуннаҳрро ба ислом хонд ва бифармуд, то ҳар кӣ мусалмон шавад ҷизя аз ӯ бардоранд. Пас мардумон бо суръат ислом меоварданд ва ӯ хироҷ бишикаст ва мардумон аз ӯ дур шуданд…. Он гоҳ туркон бо Ашрас хуруҷ карда вайро бикуштанд»[2].

Ҳишом пас аз кушта шудани Ашрас дар соли 728 ба ҷойи ӯ Ҷунайд ибни Абдурраҳмонро (728-729) волӣ таъйин намуд.[3] Дар замони ӯ ҳеҷ як воқеаи бузург рӯх надода буд. Баъд аз як сол дар ибтидои соли 730 Наср ибни Сайёр (730-735) волии Хуросон таъйин шуда, барои забти Ушрусана (Истаравшан) лашкар кашид, лекин бе натиҷае баргашт.

Дар соли 735 Асад ибни Абдуллоҳ дуюмбора волии Хуросон таъйин шуд ва баъд аз ду соли ҳукумат бо лашкари зиёде (соли 737) ба Хатлон ҳуҷум намуд. Шоҳи Хатлон-Ходаш (дар китоби Ғ.Ғоибов ба ҷойи Ходаш – Ал-Ҷайш омадааст) қалъаи Зигаракро (Зағарзакро) ба арабҳо гузошта, ба ёрии

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.Х. – С.4190.
[2] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С.598.
[3] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.З. – С.246.

дастаҳои сипоҳи ҳамсоягон ба Чин паноҳ мебарад. Дар ин муддат сарварии сипоҳи Хутал ба дӯши марди маҳаллӣ бо номи Ибна-с-Соиҷӣ гузошта шуд.

Ба қавли Табарӣ: «чунон буд, ки Сабал (Шаҳбол) ҳангоми марги худ Ибни Соиҷиро ҷонишини хеш кард ва се супориш ба ӯ дод ва гуфт:

– Бо мардум чун ман гарданфарозӣ макун ва мулкро низом бояд ва касоне, ки низом надоранд авбош бошанд. Бо арабон ҷанг макунед, то тавонед онҳоро ба ҳилла аз хештан бидоред».[1]

Баъди дархости Сабал Ибни Соиҷӣ ба хоқони турк Суёб нома навишта, аз барои шикасти арабҳо ёрӣ талабид, ки баъди 17 рӯз сипоҳи муттаҳидаи ҳайтоливу туркӣ ва хуталӣ якҷоя ба лашкари арабҳо ҳуҷум оварданд. Асад, ки аз қалъаи Зағарзак молу гӯсфанди зиёд ба даст оварда буд, дар аснои убури дарё аз ҷониби иттифоқчиёни хуталоншоҳ шикаст хӯрда, ба Балх паноҳ бурд.[2]

Дар «Таъриху-Русул ва-л-мулук»-и Табарӣ омадааст, ки яке аз ёрони хоқон ба Асад ибни Абдуллоҳ рӯй оварда чунин мегӯяд: “Эй Асад, магар аз кори Мовароуннаҳр ибрат нагирифтӣ? Бисёр ҳарисӣ, мебояд аз Хатлон чашм мепӯшидӣ, ки сарзамини падарону ниёгони ман аст”[3]. Вале Асад ибни Абдуллоҳ аз ин гуфтаҳо ба хашм омада, кӯшиш мекард, ба ҳар қиммате бошад Хатлонро забт намояд.

Баъди ин гуфтаҳо қушуни хоқон ба хандақи сипоҳи мусалмонон ҳамла бурда, то ғуруби офтоб муҳориба кард ва ҳар савори турк як ғуломи араб ба худ бибурд.

Субҳи дигар туркон ба Асад ҳамла бурданд ва ин ба рӯзи фитр буд. Асад сӯйи Балх рафт ва дар марғзори он ҷо урдӯ зад, то зимистон биёмад. Он гоҳ касон дар хонаҳо пароканда шуданд ва Асад вориди шаҳр шуд.

Бо фарорасии баҳор Асад сипоҳи худро ҷамъ карда, машварати набарди навбатиро тарҳрезӣ карданд, ки дар лашкари ӯ аз мардуми Хуросон ва

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.к. – Ҷ.Х. – С.4200-4203.
[2] Ғоибов, Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006. – С.147-149.
[3] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.к. – Ҷ.Х. – С.4190-4191.

мардуми Шом ба миқдори ҳафт ҳазор кас ҳозир буданд. Асад ба ҷиддияти тамом азми ғасби Хуталон намуда, тибқи маълумоти Табарӣ ҳар замон мегуфт: – “Ба Худо ҳаракат мекунам ё зафар аст ё шаҳодат”.[1]

Бо ин мақсад зимистони соли 737 ба Ҷузҷон ҳуҷум карда, бо ҳокими он иттифоқ баста, ба туркон лашкар кашида, онҳоро шикаст доданд.

Ҳуҷуми сеюмбораи Асад ибни Абдуллоҳ ба Хатлон бо лашкари 30 000 – нафара дар тобистони соли 737 сурат гирифт. Аз омадани лашкари Асад мардум огоҳӣ ёфта, сарварии сипоҳро ба Бадр-Тархон вогузоштанд. Асад аз дарёи Омӯ гузашта, ба самти кӯҳи Намак ҳаракат кард ва бо дастаҳои Бадр дар набард шуд ва қалъаи Хуталро муҳосира намуд. Бадр Тархон баъди муҳосира маҷбур шуд, бо арабҳо сулҳ бандад.[2]

Дар ин вақт Асад яке аз наздикони худ Мусъаб ибни Амри Хузоиро ба назди Бадр –Тархон фиристода, ӯро барои бастани сулҳ ба назди Асад ибни Абдуллоҳ фаро хонд ва кафолат дод, ки баъд аз бастани сулҳ ӯро саломат ба қалъаи худ бозмегардонад.[3]

Мунозираи Бадр-Тархонро бо Асад ибн Абдуллоҳ дар бобати бастани сулҳ ва хиёнати Асад Табарӣ хеле хуб тасвир намудааст, ки муҳтавояш чунин аст: Асад ибн Абдуллоҳ Мусъаб ибни Амри Хузоъиро масъулли ғазои Хатлон кард. Мусъаб ба Хатлон наздик шуд ва мехост бо Бадр – Тархон шартномаи сулҳ бандад, аммо Асад ибни Абдуллоҳ шартномаи онҳоро напазируфт. Ба замми ин аз Бадр – Тархон талаб намуд, ки Хатлонро ба ӯ таслим намояд. Аммо Бадр-Тархон бо исрор ин пешниҳоди Асад ибни Абдуллоҳро рад намуда, дар мавриди ваъдаҳои Худову Паёмбари ислом дар самти шартҳои бастани сулҳ ҳуқуқҳои худро талаб намуд, ки ин мубоҳиса хашми Асадро боло бурд ва амр намуд, ки гарданашро бизананд. Баъд аз

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.к. – Ҷ.Х. – С.4191-4192.

[2] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.428.

[3] Ғоибов, Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006. – С.152-153.

кушта шудани Бадр – Тархон Асад ибни Абдуллоҳ ба забти Хатлон муваффақ шуд.[1]

Маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ шаҳодат медиҳанд, ки ҳуҷумҳои арабҳо ба Хатлон бо истиснои баъзеи онҳо шаш маротиба солҳои 676, 696, 718-719, 726, 735 ва 737 сурат гирифтааст, ки дар охир бо хиёнат ва макру ҳила Бадр-Тархонро сар буриданд ва Хатлонро забт намуданд. Лашкари араб баъд аз забти қалъа ба ғорату куштори мардуми Хатлон пардохтанд, ки ҳамаи ин ҳодисаҳо дар соли 119-и ҳиҷрӣ мутобиқ ба соли 737-и мелодӣ ба вуқуъ пайваста буд. Бо ҳамин тариқ дар соли 737 тамоми ҳудуди Хатлон аз тарафи арабҳо забт карда шуд. Баъди забти Хатлон – охирин нуқоти Мовароуннаҳр, ки аз тарафи Асад ибни Абдуллоҳ ба вуқуъ пайваст, истилои ҳудудҳои Хуросони Бузург аз тарафи арабҳо ба охир расид.

Бояд таъкид намуд, ки дар ин забткориҳо агар аз рӯзгори авали воридшавии арабҳо ба Хуросон, яъне аз давраи хилофати Усмон ибни Аффон ва волигии Абдуллоҳ ибни Омир дар ин минтақа то ба мансаб расидани Тоҳир ибни Ҳусайн назар афканем, 48 нафар аз умавиёну аббосиён дар Хуросон волӣ таъйин шуданд. Дар даврони қудрати волиёни Умавиён аз Абдуллоҳ ибни Омир то ба Наср ибни Сайёр, ки шумораи онҳо ба 28 нафар мерасид, аксар ҳудудҳои Хуросону Мовароуннаҳр аз ҷониби арабҳо забт гардида, ойни нав дар ин ҳудудҳо истиқрор ёфт.[2] Албатта ин истиқрор ба саросари аҳолӣ дахл надошта, манзур ҷорӣ шудани қонунҳои мусулмонӣ мебошад. Мардуме ки исломро намепазируфтанд, бо додани ҷизя дар дини худ боқӣ мемонданд.

Масъалаи андоз ва ҷизя дар хилофат яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор мерафт. Мувофиқи таҷрибаи давлатдории арабҳо фаъолияти ниҳодҳои хилофат бояд дар асоси ғаниматҳои дар ҷангҳо бадастомада ва ҷизяи ғайримусулмонон амалӣ мешуд. Барои рушду инкишофи фаъолияти

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.к. – Ҷ.Х. – С.4213-4216.

[2] Гардезӣ Абӯсаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуд. Зайну-л-ахбор [Матн] / А. Гардезӣ; бо муқобала ва таълиқоти Абулҳай Ҳабибӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1347 ҳ.ш. – Ҷ.2. – С.101-135.

ниҳодҳои давлатдории хилофат дар оянда бар илова ба андозҳои мавҷуда боз ҷизяи сарона илова карда шуд, ки ин боиси норизогии мардумони маҳаллӣ гардид.[1]

Хулоса, натиҷаи забти комили Мовароуннаҳр аз тарафи арабҳо сабаб гардид, ки дар минтақа мунтазам исёну ошӯбҳои халқӣ сар мезад. Мардум аз зулму ситам ба дод омада буд. Дар даврони хилофати Ҳишом (724-743) хазинаи хилофат хеле коҳиш ёфта, бо мақсадаи барқарор намудани он халифа ҳукм кард, ки аз тамоми мардумони маҳаллӣ, ки дини исломро қабул кардаанд, ҷизя ситонанд. Ҳол он, ки то ин дам мардум зоҳиран ба хотири озод будан аз ҷизя ба ислом гаравида буд.[2]

Дар муқобили ин беадолатиҳо ва фишорҳо солҳои 736-737 мардуми Тахористону Суғд исён бардошта, бар зидди арабҳо муборизa бурданд. Соли 738 Наср ибни Сайёр волии Хуросону Мовароуннаҳр се маротиба ба ин сарзаминҳо лашкар кашида, ошӯбу исёнҳои васеи мардумиро фурӯ нишонд. Наср ба хулоса омад, ки бо мардуми озодихоҳи Мовароуннаҳр на бо роҳи зӯрӣ ва ҷабру зулм, балки бо роҳи дӯстиву созиш ва шарҳи воқеии ислом муваффақ шудан мумкин аст.

Қобили зикр аст, ки сабабҳои дар аксарият набардҳо ғолибият ба даст овардани арабҳоро таърихнависон, қабл аз ҳама ба таблиғи моҳияти адолатпарваронаи дини ислом мансуб медонанд. Лекин дар ибтидои ташаккули дини ислом, на ҳамаи лашкариёни шаҳидшуда, ғазавотро муқаддас мешумориданд. Яке аз сабабҳои асосии муваффақиятҳои арабҳо дар ҷангҳо иштироки дуздону ғоратгарон ва роҳзанони биёбон буд, ки онҳо бо мақсади ғорати мардум ва ба даст овардани боигариҳои зиёд бо лашкари ислом мепайвастанд. Барои онҳо дину ақида маъное надошт.

Инчунин муваффақияти арабҳо дар забти ҳудуди империяи Сосонӣ бар асари ба парокандагии сиёсӣ, хиёнати ҳокимони маҳаллӣ, заифию мондашавии сипоҳи эрониён дар ҷангҳои пай дар пай бо ҳамсоягон

---

[1] Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1966. – Т.VI. – С.523.

[2] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.428-429.

имконпазир гашт. Албатта бартарияту омодагии хуби ҷангии арабҳо нисбат ба тарафи муқобил нақши ҳалкунанда дошт.

Ҳамаи омилҳои зикршуда музаффарияти арабҳоро дар ин давра таъмин намуд, ки раванди забткориҳоро вобаста ба хусусиятҳои махсусиятҳои иқтисодию сиёсии ҷойдоштаи замон ба се давра тақсим намудан мумкин аст. Давраи аввали забткориҳои арабҳо аз ибтидои лашкаркашӣ аз соли 642 то соли 705-ро дар бар мегирад. Вижагии ин давраи забткориҳо аз он иборат буд, ки халифаҳо волиёни худро бо мақсадҳои муайян барои забти минтақа сафарбар карда, аввалан аз онҳо хостори истилои минтақа буданд. Сониян дар ҳолати мағлубият онҳо рисолати дигари сиёсии худро дар назди халифа бояд иҷро мекарданд, ки ин ҳам аз ҷамъоварии маълумот иборат буд. Аз таҳқиқи раванди ибтидои забткориҳо маълум гардид, ки бештари онҳо хусусияти ғоратгарона дошта, мақсади онҳо ба даст овардани ғаниматҳои зиёди ҷангӣ ва бастани сулҳ бар ивази маблағҳои ҳангуфт буд. Дар ҳолати мағлубият волиён ба халифа дар мавриди ҳудудҳои ҷуғрофию стратегӣ, иқтидори сиёсию ҳарбӣ ва вазъи иқтисодии минтақа маълумот пешниҳод менамуданд.

Давраи дуюми забткориҳо ба замони волигии Қутайба (705-715) рост омада, халифаи араб ва волии Ироқ Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф ӯро вазифадор карда буданд, ки ба ҳар восита ва қиммате бошад, бояд Хуросону Мовароуннаҳр забт карда шаванд. Дар ин маврид бераҳмӣ ва қатлу куштори бемислу монанди Қутайба, аҳдномаву сулҳномаҳо ва ахиран андешаи волиро ҳамон мақоли мардумии “хоҳ ба зӯрӣ, хоҳ ба зорӣ, хоҳ ба зар” ба худ ҷалб карда, “ҳар ки ба намоз ояд ду дирҳам бидиҳам”, яъне ба зар фаро хондан ва ҷорӣ намудани ойни нав мисол шуда метавонад.

Давраи сеюми забткориҳои араб дар минтақа аз соли 715 то соли 780 идома пайдо карда, дар ин муддат тамоми ҷуғрофии Хуросону Мовароуннаҳр аз ҷониби арабҳо комилан забт шуда, забткориҳо хусусияти мустамликакунониро гирифтанд. Ҳамин тариқ, дар ин давра тамоми

ҳудудҳои минтақа фатҳ гардида, ба сохтори давлатии хилофат ҳамроҳ карда шуданд.

Дар маҷмуъ, тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ агар таърихро бо рақамҳо ифода намоем, дар ин марҳила, волиёни хуросонии араб солҳои 654, 667, 673, 676, 680, 691, 699-702, 703-704, 705-715, 719-720, 720-722, 725, 737, 780, 783, яъне зиёда аз 15 маротиба руди Ҷайҳунро убур карда, шаҳру вилоятҳои ҷудогонаи Мовароуннаҳрро ғорат намуда, ҳаёти осоиштаро комилан вайрон намуда, бо гирифтани ғаниматҳои зиёди ҷангӣ ва асирони бисёр, ба истеҳкоми ҳарбии худ ба Марв бармегаштанд.

Агар дар чанд сатр баррасии истилои сарзаминҳои тоҷикнишини Хуросону Мовароуннаҳр аз тарафи арабҳоро натиҷагирӣ кунем, ҳаминро метавонем бигӯем, ки бештари муаррихон ба ахбори сарчашмаҳои арабӣ-мусулмонӣ дода шуда, асосан раванди забткориҳоро тасвир намудаанд. Ба сарчашмаҳои дигар, аз ҷумла дастовардҳои илми бостоншиносӣ аз шаҳрҳои сӯхтаву валонгоргашта ва таҳлили илмӣ-мантиқӣ камтар дида мешавад. Яъне, таҳти таъсири иттилои сарчашмаҳо боқӣ мондани муаррихон ба чашм мерасад. Муҳимтарин иллати шикаст хӯрдани мардуми Хуросону Мовароуннаҳр аз тарафи арабҳо бад-ин қарор аст:

1.Набудани давлати ягонаву муқтадир дар самти Хуросону Мовароуннаҳр дар остонаи ҳамлаи арабҳо;

2.Вуҷуд надоштани иттиҳоди сиёсӣ дар миёни мулкҳои парешон ва набудани боварӣ миёни сардорони вилоятҳо ва шаҳрҳои Мовароуннаҳр;

3. Набудани дину мазҳаби ягона ва эътиқод ба дину ойинҳои гуногун дар мулкҳои мустақил ва ниммустақили Хуросону Мовароуннаҳр, ки монеи ҳамбастагии руҳонӣ дар байни сардорони вилоят ва аҳли лашкари онҳо мегашт;

4.Хиёнати ҳампаймонони турк ва чинӣ, ки мулкҳои Мовароуннаҳрро ба ҳоли худ гузошта буданд;

5. Ба тафриқаандозии Қутайба ва дигар сарлашкарони араб дода шудани ҳокимони маҳаллӣ.

§3.2. Муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардумони Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди истилогарони араб

Дар таърихнигории мавзуи муборизаи истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр алайҳи истилогарони араб нисбат ба мавзуи истилои ин сарзаминҳо таҳқиқоти бештар анҷом шудааст, ки сабабҳои айёнии худро дорад. Яке аз ин сабабҳоро мо дар характери таърихнигории шуравӣ мебинем, ки ба масъалаи муборизаи миллӣ-озодихоҳӣ бар муқобили ҳамаи истилогарон аҳаммияти махсус медод. Ҳамин ҳолатро дар таърихнигории давраи истилои юнону мақдуниҳо, арабҳо, муғулҳо, туркҳо ва русҳо низ метавонем мушоҳида кунем.

Ҳуҷумҳо ва забткориҳои арабҳо дар Эронзамин бар сари мардумони он мушкилоти зиёд ба бор овард. Дар баробари густариш ва ҷорӣ гардидани ислом ҷабру зулм ва муносиботи ноодилонаи арабҳо нисбат ба “маволӣ” (яъне мардуми мусулмоншуда) боло рафта, минбаъд боиси сар задани исёнҳову ҷунбишҳои мардумӣ гардид. Маҳз дар давраи Хилофати Умавиён татбиқи арзишҳои исломӣ ба мадди дувум гузашта, фишору зӯроварӣ, истибдод ва қавмгароии ифротии арабҳо, поймол кардани арзишҳои “бародарӣ ва баробарӣ”-и мусулмонон, алалхусус табъиз ва тафриқа миёни Арабу Аҷам ба ҳукми анъана ва муқаррароти расмӣ даромада буд.

Аз ин рӯ муқовиматҳои мардумӣ ҳам чунин хусусияту хислатро касб карда буданд. Яъне, агар аз рӯзҳои аввали ба сарзаминҳои фатҳнамудаи худ сиёсати ҷабру зулмро раво дониста бошанд, мардуми забтшуда аз давраи оғози забткориҳо даст ба муқовимат заданд ва ин муқовиматҳо баъзан зиёда аз сад сол давом ёфтааст. Аз ин рӯ муаррихон тамоми давраҳои забткориҳои арабро дар ҳудудҳои тоҷикнишин ба се давра, аз ибтидои забткориҳо то соли 705, солҳои 705-715 ва солҳои 751-821 ҷудо кардаанд. Маслан, Н. Ҳакимов давраҳои забткориҳои арабҳоро дар ҳудудҳои тоҷикнишин тайи солҳои 642-750 ҳисобида ба се давраи муайян:

– солҳои 642-705-ро давраи ибтидоии забткориҳо номида, қайд менамояд, ки агар барои аъроб забти пурра муяссар нашуда бошад, ҳам

омӯхтани роҳҳо, қувваҳо, яроқи ҷангӣ ва иқтисодиёту иҷтимоёти минтақаро аз худ намуданд;

– солҳои 705-715 солҳои муваффақонаи забткориҳои араб номидан лозим аст. Ба андешаи Н. Ҳакимов дар ин давра ҳам ба зӯрӣ, ҳам ба зорӣ, ҳам ба зар аксарияти минтақаи тоҷикнишинро забт карданд;

– солҳои 715-750-ро ба охир расонидани забткориҳо ва ба қаламрави Хилофат ҳамроҳ кардани минтақа ба қалам додааст.[1] Аз ин бармеояд, ки Н. Ҳакимов солҳои 750-819-ро давраи ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ медонад.

Аз маълумоти аввалин сарчашмаҳои хаттии фарогирандаи мавзуъ бармеояд, ки яке аз сабабҳои мухолифати мардуми форсро сиёсати миллии арабҳо ташкил медод. Ин ақидаро ҳанӯз халифаи аввали Умавиён Муовия (661-679) барои таҳқир ва ба корҳои пасту нолоиқ вогузор сохтани мардумони ғайриараб (маволӣ), бахусус эрониён дар номае ба унвони волии Ироқ Зиёд ибни Абиқ чунин навишта буд: «Муроқиби эрониёни мусулмон бош, ҳаргиз онҳоро бо араб ҳампоя қарор мадеҳ. Араб ҳақ дорад аз онҳо зан бигирад ва онҳо ҳақ надоранд. Ҳаддалимкон ҳуқуқи онҳо камтар дода шавад ва корҳои паст ба онҳо вогузор шавад, марзбонӣ ва қазоватро ба онҳо во магузор»[2].

Барои исботи гуфтаҳои боло андешаи донишманди эронӣ Зарринкӯбро ёдовар мешавем, ки хеле ҷолиб ба назар мерасад: «Умавиён дар давраи ҳукумати худ бар хилофи шиорҳои оламшумули ислом, ки сиёҳ ва сафед, бандӣ ва озод дар назди Худованд яксонанд, озодагони эрониро монанди бандагони дирамхарид аз тамоми ҳуқуқҳо ва шуюни маданӣ ва иҷтимоӣ маҳрум намуданд. Ҳама гуна таҳқир ва ҷабру истибдод бар онон раво доштанд»[3]. Ҳақ бар ҷониби Зарринкӯб аст, зеро Умавиёни қавмгаро аркони аслии исломро барои ташвиқ ва гаравидани мардум як сӯ гузошта, бо усулҳои фишору зӯроварӣ шиорҳои “баробарию бародарии исломи

[1] Ҳакимов, Н. Таърихи халқи тоҷик. [Матн] / Н. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С.201-202.
[2] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – С.85.
[3] Ҳақиқат Абдуррафеъ. Таърихи неҳзатҳои фарҳангии Эрониён [Матн] / А. Ҳақиқат. – Теҳрон: Ширкати муаллифон ва мутарҷимони Эрон, 1347. – С.113.

фатҳоварро” фаромӯш карданд ва таллаву тороҷ, ҷамъоварии молу амвол ва сарвату ғаниматро аз фаризаҳои исломӣ хеле болотар мегузоштанд. Қобили зикр аст, ки дар ин давра аз сабаби он ки таълимот ва ақидаҳои мазҳабӣ рушди бештар доштанд, ҷунбишҳое ба амал меомад, ки зиёдтар хусусияти мазҳабӣ ба худ касб мекарданд.

Барои мисол волии Ироқ Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф рустоиён ва деҳқононеро, ки бар асари шиканҷаву зулми зиёд хонаҳои худро тарк карда, ба шаҳрҳо паноҳ бурда буданд «ваҳшиёни аҷнабӣ» хитоб мекард ва фармон дод то ба ҷойи худ баргарданд. Сипоҳиёни вай ба даст ё гардани фирориён муҳр мезаданд то макони зист ва ҷизяи онҳо муайян шавад.[1]

Инчунин дар аҳди Умавиён аз ҳам ҷудо кардани мусулмонон ба арабу маволӣ (ғайриараб) як амри маъмулӣ буд. Онҳо эрониёнро ғайриараб ва ё «маволӣ» ном гирифта, аз вогузор кардани корҳои маъмурии давлатӣ ва динӣ бо онҳо ибо мекарданд. Бо маволӣ дар як саф роҳ намерафтанд, хондани ҷанозаи як нафар маволиро бар худ нанг медонистанд ва намоз хонданро аз паси ғайриараб саҳеҳ намешумориданд. Намозу рӯзаи онҳоро қабул надоштанд ва никоҳи бастаи онҳоро намепазируфтанд, ки хоҳу нохоҳ мардумро ба муқовимат меовард.[2]

Абдурафеъ Ҳақиқат ин масъаларо пайгирӣ намуда, қайд менамояд, ки таҳқир ва таллаву тороҷи доимии арабҳо ба мардумони фарҳангии зердасти онҳо хеле вазнин меомад ва тоқати ононро мешикаст. Бинобар ин аз ҳамон лаҳзаҳои аввали воридшавии арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр ҷунбишҳои миллӣ ва озодихоҳии эрониён ба вуҷуд омада буданд.[3]

Зулми беҳади Умавиён нисбат ба мусалмонони ғайриараб, бахусус эрониёнро Аскари Ҳуқуқӣ ҳам сабаби қиёми он ситамдидагон мешуморад. Хушбахтона таваҷҷуҳ ва дарки ояҳои Қуръонӣ ва гуфтаҳои пешвои дин

---

[1] Сийстонӣ Муҳаммадазим. Моликияти арзӣ ва ҷунбишҳои деҳқонӣ дар Хуросони қуруни вусто [Матн] / М. Сийстонӣ. – Кобул, 1362. – С.472.
[2] Пирниё Ҳасан, Аббоси Иқбол. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Қоҷория [Матн] / Ҳ. Пирниё, А. Иқбол. – Теҳрон: Хайём, 1370. – С.83.
[3] Ҳақиқат Абдуррафеъ. Таърихи неҳзатҳои фарҳангии Эрониён [Матн] / А. Ҳақиқат. – Теҳрон: Ширкати муаллифон ва мутарҷимони Эрон, 1347. – С.113.

босароҳат баробариро дар миёни ҳамаи мусулмонон дастур медод ва ҳамаи афродро дар нажод, рангу пӯст ва ҳукумат яксону баробар медонист. Эрониён низ фармонравоёни ситамгори аҷнабиро дар асоси ин гуфтаҳо нобуд карданӣ мешуданд.[1] Барои исботи далелҳои зикршуда дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ маълумоте оид ба ҷабру зулм ва истисмори беандозаи арабҳо нисбат ба мардумони бумии Бухоро ҷой дорад: «Қутайба чунон савоб дид, ки аҳли Бухороро фармуд, як нима аз хонаҳои хеш ба аъроб доданд, то араб бо эшон бошанд ва аз аҳволи эшон бохабар бошанд, то ба зарурат мусулмон бошанд».[2]

Аввалин ҷунбиши зиддиарабии мусулмонони Эронзамин – наҳзати шуубия буд, ки онҳо аз ҳукмронии арабҳо ва боло гузоштани арабҳоро бар эрониён - тоҷикон намехостанд ва баробариву бародарии тамоми халқҳоро талаб мекарданд. Пайравони ин ҷунбиш, ки хусусияти қавмӣ гирифта буд, ҳам дар замони хилофати Умавиён ва ҳам Аббосиён ба таври ниҳониву ошкоро ҷангҳое алайҳи хулафо ба роҳ меандохтанд. Шуубиён чунин ақида ва шиор доштанд, ки «мо дини исломро қабул дорем, вале ҳукумати арабро қабул надорем».[3] Муҳаққиқи тоҷик С. Муллоҷон дар мақолаи худ ба чунин хулоса расидааст, ки натиҷаи таъсири фаъолияти шуубияро дар умури иҷтимоӣ ва он ҳам ташаккули наҳзатҳои динӣ-мафкуравии беҳофридия, сафедҷомагон, рованди ва хуррамия, ки дар ҳамаи онҳо унсури ғайриарабӣ фаъол буд, метавон дид.[4]

Чунон ки маълум аст сабаби сар задани аксарияти ошӯбу исёнҳо решаи иқтисодӣ, сиёсӣ ва динӣ доштанд. Сараввал мардумони бумии Хуросону Мовароуннаҳр, ки дар замони Сосониён аз ҷониби ашрофон ва руҳониёни зардуштӣ шиканҷа медиданд, ваъдаи баробарҳуқуқии исломро шунида беихтиёр онро пазиро мешуданд. Дар баробари аз тарафи арабҳо пурра забт

---

[1] Ҳуқуқӣ Аскар. Таърихи андешаҳои сиёсӣ дар Эрон ва ислом [Матн] / А. Ҳуқуқӣ. – Теҳрон: Ҳирманд, 1374. – С.229.
[2] Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – С.43.
[3] Аторӯдӣ Азизуллоҳ. Таърихи остони қудси разавӣ [Матн] / А. Аторудӣ. – Теҳрон: Аторӯд, 1371. – Ҷ.1. – С.26.
[4] Муллоҷонов, С., Шарифова, М. Ҷунбиши шуубия ва худшиносии тоҷикон дар асрҳои миёна [Матн] / С. Муллоҷонов, М. Шарифова // Паёми Донишгоҳи миллӣ. – 2017. – №3/7 (158). – С.6-10.

шудани Хуросон дар нимаи дувуми асри VII ва ибтидои асри VIII пардохти ҷизяву маҷбуриятҳо ва товонҳои гарони ҷангӣ бар сари мардумони бумӣ бори сангинро оварда буд, ки сабаби сар задани ошӯбҳо ва ҷангҳо гардида буданд.

Дар ин ҷо як нуктаро бояд иброз намуд, ки сарзамини Ироқ қабл аз ислом дар муддати 1178 сол таҳти тасаллути давлати Эрон қарор дошт. Аммо Сурия, Фаластин ва Урдун бошанд, қабл аз ислом тайи 970 сол таҳти истеъмори давлати Рум буданд. Ҳамаи онҳо дар ин муддат то ҷое одат ба итоати давлати аҷнабӣ карда буданд. Аммо эрониёне, ки то ин дам ҳеҷ ҳукмрониҳои аҷнабиёнро (ба ҷуз даврахои кӯтоҳ) ба худ раво намедонистанд, бар зидди арабҳо қиёмҳову ҷунбишҳо меангехтанд. Аз ҳамин сабаб арбобони араб барои барангехтани ошӯбҳо ҳамеша аз эрониён дар ҳарос буданд.[1]

Дар замони хилофати Абдулмалик (685-705) дар Ироқ ва Хузистон қиёми оммавӣ ба амал омад, ки шумораи қиёмкунандагон ба 20 000 нафар расида, дар раъси он Мухтор ибни Абуубайд қарор дошт. Ширкаткунандагони ин ошӯб аз халқу қавмҳои гуногун иборат буда, на танҳо аз арабҳои фақир ва рустоиёни эронӣ, пуштибонӣ мекарданд, балки бахше аз феодалони эронӣ, ки бо забкорони араб созиш накарда буданд, ба шӯришгарон мепайвастанд.[2] Ин шӯришҳои нахустини эрониён маркази ягонаи роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозии муборизот надоштанд аз ҳамин сабаб мағлуб гардиданд.

Баъд аз як соли пахши қиёми Мухтор дар Ироқ ва Хузистон бадавиён ва рустоиёни арабу эронӣ, ки дар зери ливои ҷунбиши «хаворич» бо номи «азрақиён» муттаҳид шуда буданд, даст ба шӯриш заданд. Шиори «азрақиён» ин буд, ки ҳар ҳокими аз аҳкоми пайғамбар сарпечикарда, баробарии иҷтимоии тамоми мусулмононро таъмин намекунад, кофир аст ва ҷиҳод бо вай воҷиб аст.[3] Ин ҷунбиш бо таблиғи шиорҳои баробарӣ ва адолат доираи

---

[1] Хатиб, С.А. Таърихи Хулафои Рошидин [Матн] / С.А. Хатиб. – Душанбе: Суннатулло, 2006. – Ҷ.II. – С.40-41.
[2] Пигулевская, Н.В., Якубовский, О.Ю. Таърихи Эрон [Матн] / Н.В. Пигулевская, О.Ю. Якубовский, И.П. Петрушевский, О. Беллинитский, А.В. Струево; тарҷумаи Карими Кишоварз. – Теҳрон: Паём, 1354. – С.169.
[3] Ҳамон ҷо. – С.169.

васеи аҳолиро фаро гирифта буд. Дар соли 697 баъд аз даҳ соли муборизa аз ҷониби Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф саркӯб шуд.

Муаррихи эронӣ Пирниё Ҳасан сабаби сар задани ҷунбишҳои мардумиро дар истисмори бесобиқаи арабҳо медид. Ба андешаи ӯ дар натиҷаи итисмори бесобиқаи мардуми маҳаллӣ аз ҷониби арабҳои истисмогар ошӯби васеъ ба вуҷуд омад, ки ҳудудҳои Ироқ, Хуросон, Сиистон, Ҷузҷон, Табаристон ва Мовароуннаҳрро фаро гирифт, ки роҳбарии онро фирқаи «Зайдия»[1] ба уҳда дошт.[2]

Мутаассифона баъд аз забти Мовароуннаҳр ва хусусан тасхири Самарқанду Бухоро аз ҷониби Қутайба ибни Муслим нисбат ба мардум, зулму шиканҷаҳои зиёди ҷисмониву ситонидани хироҷу андозҳои миёншикан мардуми минтақаро ба зону дароварда буд. Ба гуфтаи Бобоҷон Ғафуров арабҳо бо он ҳама сарвате, ки ҳангоми забти шаҳрҳо ба даст оварда буданд, қонеъ нашуда, аз аҳолии маҳаллӣ андозҳои аз ҳад зиёд меситониданд ва онҳоро водор мекарданд хукуматдорони арабро бо ғулом, каниз, чорво, ғалла, маснуоти бофандагӣ ва дигар маводҳои зарурӣ таъмин намоянд.[3]

Дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ дар ин бора омадааст: «…чун Қутайба бори чаҳорум ба Бухоро омад ва Бухороро бигирифт ва сулҳ кард бад-он, ки ҳар сол дувист ҳазор дирам халифаро диҳанд ва даҳ ҳазор дирам амири Хуросонро ва аз хонаҳо ва зиёъҳо як нима ба мусулмонон диҳанд ва алафи сутурони араб ва ҳезуму он чӣ харҷ гардад. Касоне, ки аз беруни шаҳр бошанд, ҳам диҳанд».[4] Фишору зӯроварии волиёни Умавӣ бар мардуми Хуросон сабаб шуд, то мардуми ин сарзамин ба халифа Умар ибни Абдулазиз (717-719) шикоят кунанд, ки волиёни араб мутаасибанд ва аз маволии Хуросон бар хилофи шариати ислом ҷизя мегиранд. Дар ҷангҳо бо

---

[1] Ҳазратӣ, М., Саидиён, И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / М. Ҳазратӣ, И. Саидиён. – Душанбе: Ориёно, 1992. – С.73.
[2] Пирниё Ҳасан, Аббоси Иқбол. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Қоҷория [Матн] / Ҳ. Пирниё, А. Иқбол. – Теҳрон: Хайём, 1370. – С.84.
[3] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.422.
[4] Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – С.16.

кофирон аз ғаниматҳои ҷангии бадастомада саҳме ба онҳо намедиҳанд.[1] Баръакси ҳол баъд аз ин шикоят шиканҷаву азоби волиён нисбат ба мардум боз ҳам шиддат ёфт.

Чунин омилҳои фишору зӯроварии беохиру бесобиқаи Қутайба нисбат ба мардумони Самарқанд дар супориши ӯ бо бародари худ Абдуллоҳ ибни Муслим ҳангоми тарки Самарқанд ба чашм мерасад, ки мазмунаш чунин аст: «Ба ҳеҷ як ғайри мусалмон то вақте, ки муҳр ба дасташ назанед, нагузоред, ки аз дарвозаи Самарқанд берун равад ва агар мӯҳр то берун шудан аз шаҳр хушк гардад, ӯро бикушед ва агар теғе аз ӯ пайдо кардед, ӯро бикӯшед. Ва агар шабонгаҳ пас аз бастани дарвоза касеро дар шаҳр пайдо кунед, ӯро бикушед»[2].

Ҷорӣ намудани тартиботи сахти ғайриинсонӣ ва золимона руҳияи озодихоҳонаи мардумони сарзаминро бедор сохта, ба онҳо нерӯи нав мебахшид ва онҳоро ба исёну ошӯб бар зидди арабҳои таҷовузгар водор мекард. Аз қабили чунин исёнҳо наҳзатҳои **Ғурак** ва Деваштич дар Суғду Самарқанд ба шумор мераванд. Дар солҳои хилофати Умари II (717-719) дар Хуросон миёни арабҳо ва ҳокимони маҳаллӣ барои ҷамъоварии андозу молиёт ва ҷизяҳои камаршикан мардумони маҳаллӣ ба дод омада буданд ва норизогии худро эълом дошта, заминаҳоро барои ошӯбҳои халқӣ омода месохтанд.

Барои мисол, дар даврони хилофати Умари II волии Хуросон Ҷарроҳ ибни Абдуллоҳ ба мақсади иҷборӣ паҳн кардани ислом ҷизяро аз нафароне ҳам гирифт, ки ислом пазируфта, маросими хатнаро ба ҷо оварда буданд.[3] Дар рӯзҳои аввали ҷорӣ шудани ин фармон миёни мардумони Мовароуннаҳр норозигии васеъ ба вуҷуд омад, ки оқибат сабаби сар задани шӯриш гардид.

Бо ин мақсад суғдиҳо дар аввали соли 720 бо сарварии ҳокими худ Ғурак ошӯб бардоштанд, вале баъд аз ваъдаҳои арабҳо ҳангоми авҷи шӯриш

---

[1] Ҷурҷи Зайдон. Таърихи тамаддуни исломӣ [Матн] / Ҷ. Зайдон; тарҷумаи Алии Ҷавоҳир. – Теҳрон: Амири Кабир, 1372. – Ҷ.2. – С.278.
[2] История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1999. – Т.II. – С.66.
[3] Джалилов, А. Согд накануне арабского нашествия и борьба согдийцев против арабских завоевателей в первой половине VIII в. [Текст] / А. Джалилов. – Сталинабад, 1961. – С.134-135.

Ғурак на танҳо ба мардум хиёнат карда ба тарафи арабҳо гузашт, балки онҳоро маҷбур месохт, ки хироҷгузори арабҳо бошанд.[1]

Баъд аз хиёнати Ғурак доманаи алангаи шӯриш дар Самарқанду Иштихон (бо сарварии **Карзанҷ** ва **Ҷаланҷ)** Яркату Сабаскат ва Бузманҷ (бо сарварии **Собит)** паҳн гашт. Шумораи онҳо аз 6-то ба 9 ҳазор нафар мерасид. Дар маҷмуъ, сарварии тамоми шӯришгаронро Карзанҷ ба уҳда гирифта буд, вале бо хиёнати Нилан макони онҳо муайян гардида, дар соли 722 аз ҷониби Сайид ал-Ҳарошӣ саркӯб карда шуданд.

Баъд аз пахши шӯришҳои Ғураку Карзанҷ аҳолии Панҷакент низ дар атрофи ҳокими худ **Деваштич** ҷамъ омада, ба шӯриши оммавӣ даст заданд, ки саросари Мовароуннаҳрро фаро гирифт. Барои фурӯнишонии шӯриш Саид ал-Ҳарошӣ волии Хуросон таъйин гардид. Баъд аз муҳорибаи шадиди байни иттифоқчиёни Деваштиҷ бо арабҳо дар Фарғона ҳокими он Алутар ба онҳо хиёнат карда, ба ҷониби арабҳо гузашт. Саид ал-Ҳарошӣ гуруҳе аз сипоҳи худро ба Хуҷанд расонида, онро дар соли 722 баъд аз ҷангҳои шадид забт намуд. Деваштиҷ қушуни худро аз Панҷакент бо роҳи дигар ба Хуҷанд расонида, тавассути болооби Зарафшону Урметан дар қалъаи Абаргард истеҳком гирифт ва бо сипоҳи Ҳарошӣ дар ҷанг шуд. Баъди аз ҷангҳои пай дар пай маводи хӯрока ва лавозимоти ҷангии муҳофизон ба охир расид ва Деваштиҷ маҷбур шуд бо арабҳо сулҳ банданд.

Арабҳо дар доираи талаботи сулҳи бастаи худ, бояд сад нафар аз сарварони шӯриш, аз ҷумла Деваштиҷро бояд ба қатл намерасониданд. Аммо арабҳо дар ин ҷо даст ба хиёнат зада, сари Деваштиҷро аз тан ҷудо сохта, онро ба волии Ироқ ва дасти чапи ӯро ба Сулаймон ибни Абусурӣ волии Тахористон фиристоданд.[2]

---

[1] Ҳамон ҷо. – С.136-137.

[2] Джалилов, А. Согд накануне арабского нашествия и борьба согдийцев против арабских завоевателей в первой половине VIII в. [Текст] / А. Джалилов. – Сталинабад, 1961. – С.141; Ҳамон муаллиф. Из истории культурной жизни предков таджикского народа и таджиков в раннем средневековье [Текст] / А. Джалилов. – Душанбе, 1973. – 286 с.

Вобаста ба воқеаҳои таърихии солҳои 720-722 дар баробари осори А. Ҷалилов маълумотҳои таърихӣ хеле зиёд буда, дар китобҳои дарсӣ[1] ва таърихи бисёрҷилдаи халқи тоҷик[2], инчунин осори олимони кишварҳои Осиёи Миёна[3] ва Афғонистон[4] низ ба чашм мерасанд. Яке аз сабабҳои зуҳури ҳаракатҳои мардумии Хуросону Мовароуннаҳрро ҳам сарчашмаҳои таърихӣ ва ҳам осори муҳаққиқони муосир дар сиёсати арабии ҷизя маънидод кардаанд.

Баъди пахши наҳзати оммавии Хуросон руҳияи мардуми озодихоҳи он шикаст нахӯрд ва ҷунбишҳои маҳаллӣ бо қувваи нав авҷ гирифтанд. Дар замони хилофати Ҳишом (724-743) аксари аҳолӣ ба мақсади напардохтани ҷизя исломро зоҳиран қабул намуданд. Баъди мағлубиятҳои Асад ибни Абдуллоҳ халифа Ашрас ибни Абдуллоҳро (727-729) волии Хуросон таъйин намуд, ки Ашрас ду нафар аз сарлашкарони худ Абусайид ибни Солеҳ ва Рабиа ибни Умронро ба Мовароуннаҳр фиристод ва мардумонро барои гаравидан ба дини ислом даъват намуд. Вай чунин шарт гузошт, ки ҳар касе исломро пазирад аз ҷизя озод хоҳад шуд. Лекин қайд кардааст Табарӣ, “чун ислом оварданд ҷизяро бар онҳо ниҳод ва онро талаб кард, ки ба ҷанги вай омаданд”.[5] Ба гуфтаи Абулазими Сиистонӣ: «Ашрас дар соли 727 дар Мовароуннаҳр аз мардуми мусалмоншудаи навоҳии Самарқанд ҷизяи айёми

---

[1] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – 700 с; Расулиён, Қ. Таърихи халқи тоҷик [Матн]: аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёна / Қ. Расулиён. – Душанбе, 2016. – 404 с; Ҳақназаров, А. Ҷунбишҳои инқилобии мардумони эронитабор бар зидди хулафои араб [Матн] / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2005; Рачабов, С.М. Муборизаи истиқлолиятхоҳонаи мардуми Хуросон ва Суғд бар зидди истилогарони араб [Матн] / С. Рачабов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 208 с.

[2] История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1999. – Т.II. – 790 с.; Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – 700 с; Расулиён, Қ. Таърихи халқи тоҷик [Матн]: аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёна / Қ. Расулиён. – Душанбе, 2016. – 404 с; Ҳақназаров, А. Ҷунбишҳои инқилобии мардумони эронитабор бар зидди хулафои араб [Матн] / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2005; Рачабов, С.М. Муборизаи истиқлолиятхоҳонаи мардуми Хуросон ва Суғд бар зидди истилогарони араб [Матн] / С. Рачабов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 208 с;

[3] История Узбекской ССР [Текст] / Ю.А.Якубовский. – Ташкент: УзССР, 1955. – 276 с.; История Узбекской ССР [Текст]. – Ташкент: Фан, 1967. – Т.I. – 769 с.; История Казахской ССР [Текст] / под ред. И.О. Омарова. – Алма-Ата, 1949. – Т.I. – 510 с.

[4] Мирғулом Муҳаммади Ғубор. Афғонистон дар масири таърих [Матн] / М. Ғубор. – Кобул, 1978. – 864 с; Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.1. – 585 с.; ҳамон муаллиф. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.2. – 1020 с.

[5] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.IX. – С.4093.

куфрро гирифт ва онҳо низ аз дин тамарруд карданд ва бо араб дар ҷанг шуданд».[1]

Бо мақсади пазируфтани ислом аз ҷониби аҳолӣ Ашрас дар ибтидои ҳокимияти хеш ибораи «неруи хилофати араб дар ислом аст»-ро шиор қарор дода буд. Аз ҷониби дигар А. Ҷалилов қайд мекунад, касодии хазинаи хилофат ва коҳиш ёфтани дороии ашрофони маҳаллӣ шиори Ашрасро дар ин маврид ба «неруи хилофати араб дар хироҷ аст»[2] табдил дод.

Мувофиқи маълумоти Табарӣ «Ашрас ба Абиамрата навишт, ки хироҷ мояи қуввати мусалмонон аст. Шунидам, ки мардуми Суғд ва амсоли онҳо аз рӯйи дилбастагӣ ислом наёвардаанд, балки барои фирор аз ҷизя ба мусулмонҳо рӯ овардаанд, бинигар ҳар кӣ хатна карда ва фаризаро ба по дошта ва исломаш накӯ шуда ва сурае аз Қуръонро омӯхта, хироҷ аз ӯ бардор»[3].

Дар баробари интишори ин фармон дар Суғду Бухоро шӯриши бузург сар зад ва ошӯбгарон норозигии худро нисбати дубора таъйин кардани ҷизяву хироҷҳои изофӣ изҳор мекарданд. Ҳамчунин таи солҳои 728, 736, 737 мардумони Тахористону Суғд бо кумаки туркон бар муқобили арабҳо чанд маротиба исён бардоштанд. Ин исёнҳо чунон вусъат ёфтанд, ки ғайр аз Дабусия ва Самарқанд тамоми хоки Мовароуннаҳрро фаро гирифта буданд.[4]

Мутаассифона оид ба шӯришҳои халқии солҳои 20-ум ва 30-юми асри VIII ба ғайр аз номбаршавию баъзе маълумоти дигар дар таърихнигории муосир маълумоти зиёд дар даст нест. Ҳатто дар таҳқиқоти ба ин масъала бахшидашудаи муҳаққиқон А. Ҳақназаров, С. Рачабов, Т. Қодирова, А. Ҷалилов ҳам ба ғайр аз санаи барпо шудани шӯриш маълумоти зарурӣ надодаанд. Аз ин рӯ мо лозим донистем, ки кулли ин маълумотҳоро ба риштаи таҳқиқ кашида, хулосаҳои зарурӣ барорем.

---

[1] Сийстонӣ Муҳаммадазим. Моликияти арзӣ ва ҷунбишҳои деҳқонӣ дар Хуросони қуруни вусто [Матн] / М. Сийстонӣ. – Кобул, 1362. – С.477.

[2] Джалилов, А. Согд накануне арабского нашествия и борьба согдийцев против арабских завоевателей в первой половине VIII в. [Текст] / А. Джалилов. – Сталинабад, 1961. – С.148.

[3] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.IX. – С.4093-4094.

[4] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.429.

Дар таърихи шашҷилдаи халқи тоҷик омадааст, ки таи солҳои 733-734 дар Мовароуннаҳр шӯриш ба амал омад, ки алангаи он ба ҳудудҳои ғарбии Хуросон расид. Сабабҳои сар задани ин шӯриш дар хушксоливу гуруснагии тулонӣ буд, ки саросари Мовароуннаҳр ва Хуросонро фаро гирифта буд. Дар ин давра миёни арабҳои Хуросон ҷунбиши зидди хилофати Умавиён ба вуҷуд омад.[1] Ҳорис ибни Сурайҷ фурсатро муносиб дониста, дар як вақт сарварии ҳаракати зиддиумавиён ва ошӯбгарони Суғдро ба уҳда гирифта, мардумонро аз ҳар гӯша даври худ муттаҳид кард. Барои ҷунбиши Ҳорис ибни Сурайҷ ошӯби соли 728 заминаи мусоид фароҳам оварда буд. Ӯ талаби иқтисодии «ҷунбиши хаворич»-ро дастгирӣ намуда, аз хилофат тақозо мекард, ки аз маволӣ (мусалмоншудагон) ҷизя наситонанд.[2]

Бояд қайд кард, ки ҳаракати хаворичи давраи умавиҳо дар сарчашмаҳои асрҳои VIII-XII ва таҳқиқоти минбаъда хуб дарҷ шуда бошад ҳам, вале ҳаракати хаворичи Хуросон бахусус Мовароуннаҳр ҳанӯз ҳам ҳамчун мавзуи алоҳидаи таҳқиқотӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Ба ақидаи мо дуруст таҳқиқ намудани ин масъала ба раванди густариш ва инкишофи исломи Хуросону Мовароуннаҳр ва умуман қисмати шарқии Хилофат шарҳе саҳеҳтару қобили қабулро дар мазҳабу фирқагароии исломӣ ворид месозад. Чунки Хилофати шарқӣ рақиби неруманди сиёсати идории Хилофати араб баъди ҳукуматҳои Хулафои Рошидин дар тамоми давраи ҳукмронии Умавиҳо буданд. Ҳорис ибни Сурайҷ ҳам аз узви хаворич буд. Аз ин рӯ дар лаҳзаҳои кӯтоҳтарин Ҳорис ибни Сурайҷ аз ҳисоби ошӯбгарон лашкари 4000-нафара таъсис дода, дар Балх лашкари 10000-нафараи Наср ибни Сайёрро шикаст дода, Балхро тасхир намуд. Дар миёни шӯришгарон ашхосе зиёд буданд, ки аз зулму истибдоди арабҳо аз ислом рӯ мегардониданд. Баъди ин воқеаи муҳим Ҳорис бародариву баробариро талқин карда, тамоми мардумони аз ислом дасткашидаро барои амал дар доираи талаботи ояҳои Қуръон, суннат ва ҳадисҳои пайғамбар даъват мекард.

---

[1] История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1999. – Т.II. – С.73.

[2] Кодырова, Т. Из истории крестьянских движений в Мавераннахре и Хорасане [Текст] / Т. Кодырова. – Ташкент: Наука, 1965. – С.6.

Табарӣ сухани худи Сурайҷро дар ин маврид чунин овардааст: “Вақте ки ба Суғд рафта будам, то кунун дилам ором нагирифта буд. Оромиши хотири ман дар ин аст, ки Худоро итоъат кунанд”.[1] Дере нагузашта шумораи лашкариёни Ҳорис ба 60000 нафар расид. Аз ҷониби вай шаҳрҳои Ҷузҷон ва Толиқон тасхир шуда, ошӯбгарон ба Марв сар даровардaнд. Ҳангоми бори дувум волии Хуросон таъйин шудани Асад ибни Абдуллоҳ (735-738) шӯриши Ҳорис ибни Сурайҷ ба ҷуз Марву Абаршаҳр тамоми ҳудудҳои Хуросонро фаро гирифта буд.[2]

Асад ибн Абдуллоҳ яке аз лашкаркашҳои моҳири худ Абдурраҳмон ибни Нуайма ал-Ҳамидиро ба муқобили шӯришгарони Ҳорис фиристод. Онҳо дар деҳаи Табушкони Тахористон истеҳком гирифта буданд. Асад ибни Абдуллоҳ барои пахш намудани шӯриш маркази вилояти Хуросонро аз Марв ба Балх интиқол дода, қушунҳои боқимондаи худро таҳти сарварии Кирмонӣ барои пахши шӯриш равона месозад. Аммо сарфи назар лашкари аз ҳар ҷиҳат мусаллаҳи Асад ибни Абдуллоҳ тайи солиёни тулонӣ натавонистанд шӯриши Ҳорис ибни Сурайҷро шикаст диҳанд. Танҳо соли 745 баъд аз Тахористон ба Хуросон омадани шӯришчиён ва муҳорибаи шадид, ки дар Марв байни Кирмонӣ ва Ҳорис дар ибтидои соли 746 ба миён омад, Ҳорис ба қатл расида, шӯриш пахш карда шуд.

Қобили зикр аст, ки аз ҳукмронии Умавиён ҳатто худи арабҳо норозӣ буда, ҳукумати онҳоро ғайриқонунӣ мешумориданд. Баъди муҳорибаи пайравони Алӣ ва Умавиён дар Сиффин, хориҷиён ва ғайра аввалин гуруҳ буданд, ки ҳукумати Умавиёнро ғайриқонунӣ медонистанд ва бо онҳо дар ҳолати ихтилоф қарор доштанд. Дар баробари ин Аббосиён аз соли 718 шуруъ карда, бар зидди Умавиён тарғибот мебурданд. Норизоятии умумӣ нисбат ба сиёсати Умавиҳо хусусан дар замони хилофати Марвони II (744-

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.Х. – С.4451.
[2] История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1999. – Т.II. – С.73.

750) қувват гирифта, мухолифат ба дараҷае расида буд, ки аскарони хоссаи дарбори халифа исён бардоштанд.[1]

Дар ибтидои солҳои 30-юми асри VIII Аббосиён таблиғоти худро дар Хуросон вусъат доданд. Муҳаммад ибн Алӣ ибн Абдуллоҳ ибн Аббос гуруҳи дувоздаҳнафараро барои таблиғот ба хотири даъвати Аббосиён ба Хуросон равон кард.[2] Баъд аз реҳлати Муҳаммад ибн Алӣ – набераи Аббос, сарварии ин гуруҳро писари ӯ Иброҳим ибн Муҳаммад ба зимма гирифта, ҳаракати ошкорои худро дар Хуросон оғоз намуд.

Аббосиён ва давлати онҳо, ки хусусияти эронгароӣ дошт, нафрати эрониёнро нисбат ба Умавиён ба хубӣ дарк карда буданд ва мекӯшиданд то аз ин вазъ ба манфиати амалӣ намудани мақсади худ истифода намоянд. Онҳо таблиғ мекарданд, ки аз Аббосиён дастгирӣ намоянд, зеро онҳо сазовори хилофат мебошанд.[3] Аз ин рӯ, Имом Иброҳим ибни Муҳаммад дар охири ҳукмронии Умавиён гуруҳи таблиғотии зидди Умавиёнро таъсис дода, онҳоро ба минтақаҳои мухталифи хилофат, аз ҷумла Хуросон равона кард.

Дар соли 745 **Абумуслими Хуросонӣ** дар синни 19-солагӣ ба дастури Имом Иброҳим бо ҳафтод нафар аз даъватгарон ба Хуросон омада, қиёмро зери парчами сиёҳи хонадони Аббосӣ ба дасти худ гирифт.[4] Вай дар соли 746 ба Марв – зодгоҳи аҷдодияш омада, гуруҳи шӯришчиёни ҳаракати Ҳорис ибни Сурайҷро дар Марв муттаҳид намуд ва қалъаи Сафеддижро маркази амалиёт қарор дод.

Дар таърихнигории форсу тоҷик шӯриши Абумуслими Хуросонӣ мавзуи машҳур аст. Ҳатто ба ин масъала исломшиносон ҳам аҳаммият додаанд. Дар адабиёти исломӣ ҳаракати Абумуслим ҳамчун бидъат ва Абумуслими Хуросонӣ ҳамчун ошубгари охирини зидди ислом[5] муаррифӣ мешавад. Аммо

---

[1] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.433.
[2] Абдулғанӣ Ҳасан. Абумуслими Хуросонӣ [Матн] / А. Ҳасан. – Теҳрон: Сипеҳр, 1353. – С.12.
[3] Пигулевская, Н.В., Якубовский, О.Ю. Таърихи Эрон [Матн] / Н.В. Пигулевская, О.Ю. Якубовский, И.П. Петрушевский, О. Беллинитский, А.В. Струево; тарҷумаи Карими Кишоварз. – Теҳрон: Паём, 1354. – С.170.
[4] Сийстонӣ Муҳаммадазим. Моликияти арзӣ ва ҷунбишҳои деҳқонӣ дар Хуросони қуруни вусто [Матн] / М. Сийстонӣ. – Кобул, 1362. – С.478.
[5] Чи тавре қайд карда будем дар аксарияти манбаҳои таърихӣ ба монанди Табарӣ, Балъамӣ, Байҳақӣ, Наршахӣ, Гардезӣ ва дигарон Абумуслим шахсияти манфӣ барои Аббосиҳо шинохта мешавад.

дар адабиёти муосири ватанӣ Абумуслим ҳамчун қаҳрамонҳои миллии форсу тоҷик[1] шинохта шудааст. Яъне, вобаста ба ин масъала таҳқиқоту мақолаҳои зиёд вуҷуд дошта бошад ҳам, месазад оид ба кору пайкори ин шахсият таҳқиқоти махсус анҷом дода шавад. Сарфи назар аз ин мо лозим донистем, ки баъзе маълумотҳоро доир ба ин ҳаракат чун мисол дарҷ намоем.

Абумуслим пойгоҳи худро дар Марв мустаҳкам намуда, аз вазъияти сиёсии Хуросон, ки Шайбони Салмӣ, Алии Кирмонӣ ва Наср ибни Сайёр барои ба даст овардани ҳукумат дар мубориза буданд истифода карда, миёни онҳо ошӯб ангехт. Абумуслим дар ин роҳ бо Кирмонӣ иттифоқ баста, аввалан Шайбонро аз миён бурд ва баъдан ба ҳукумати хилофати Умавиён дар Хуросон хотима бахшид. Пас аз он худи Кирмониро низ бо писаронаш аз миён бурд.[2] Яке аз масъалаҳое ки дар таърихнигории ин давра ба он камтар аҳаммият дода шудааст, бурузи зиддияти дохилӣ миёни қабилаҳои араб дар Хуросон мебошад, ки ихтилофи арабҳои шимолӣ ва ҷанубӣ аз он ҷумла мебошад. Ин фурсатро Абумуслим хеле хуб истифода кард.

Инчунин Абумуслим тарғибгарони худ Абудовуд ва Амр ибни Айнаро ба Тахористон, Нодир ибни Сулайҳи Тамимӣ ва Шарик ибни Ғади Тамимиро ба Марворӯд, Абуосим Абдурраҳмон ибни Сулаймонро ба Толиқон ва Абуҷаҳл ибни Атийро ба Хоразм фиристод, ки чанде баъд шумораи ошӯбгарон афзуда 9 июли соли 747 таҳти ливои Аббосиён муборизаи ошкоро оғоз намуданд.

Ба гуфтаи Р.Н. Фрай шӯриши Аббосиҳо на танҳо ҳаракати сиёсӣ ва динӣ буд, балки ҷанбаи иқтисодӣ низ дошт. Бисёре аз тарафдорони Абумуслим аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ ва арабҳо, ки натанҳо ҳадафҳои сиёсӣ, балки мақсадҳои иқтисодӣ низ доштанд ва аз сиёсати Умавиҳо норозӣ буданд, зиёд мешуданд. Аз ин рӯ, ҳамаи онҳо ба лашкари Абумуслим мепайвастанд.[3]

---

[1] Муаррихони асрҳои XIX-XXI эронию тоҷик Абумуслимро яке аз қаҳрамонҳои зидди Умавиён ва ҳам Аббосиён медонанд.

[2] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.Х. – С.4547.

[3] Ричард, Н.Ф. Наследие Ирана [Текст] / Ф.Н. Ричард. – М.: Наука, 1971. – С.335.

Мардумони аз ҷабру зулми Умавиён ситамдидаи Ҳирот, Фушанҷ, Марворӯд, Толиқон, Марв, Ниссо, Абевард, Тӯс, Нишопур, Сарахс, Балх, Чағониён, Тахористон, Хатлон, Кеш ва Насаф дар атрофи Абумуслим муттаҳид гардиданд. Инчунин аз мулкҳои дигар низ мухолифон дастаҳои худро ба шӯришгарон мерасониданд, ки чанде нагузашта шумораи онҳо ба 100 000 нафар расид.

В.В.Бартолд бо такя ба маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ менависад: «дар соли 747 мардуми Марв бар ҳокими умавии худ шӯриданд ва Абумуслим бо ёрии ҷамъе аз эрониён дар соли 748 Марвро гирифт ва волии Хуросон Наср ибни Сайёр (738-748) ба ҷониби Марвон паноҳанда шуд. Шӯришгарони Хуросон соли 749 бақияи сипоҳи Наср ва Кирмониро дар Наҳованд шикаст дода, бо ин тартиб қисмати шарқии хилофати Умавиён аз ихтиёрашон берун шуд ва пайравони Аббосиён бар ин навоҳӣ истило ёфтанд».[1]

Муваффақиятҳои бадастовардаи Аббосиён сабабгори сар задани як қатор ҷунбишҳои оммавии моҳияти динидошта дар Хуросону Мовароуннаҳр гардид, ки ҳам ба ҷонибдории ислом ва давлат ва ҳам ба ҷамоаҳои навзуҳури зардуштӣ, ки тавонистанд то ин давра муносибаташонро бо ҳокимияти арабҳо муътадил намоянд, хатарнок маҳсуб мешуд. Яке аз аввалини ин ҳаракатҳо, ки дар Хуросони Шарқӣ наздикиҳои соли 746 сар зад, ҷунбиши **Бихафрид** ба шумор мерафт. Ӯ худро паёмовари нави ойини зардуштӣ эълон намуда буд, вале дар асл таълимоти вай бар зидди расму ойинҳои аслии зардуштӣ, аз ҷумла никоҳи ҳамхунӣ ва хондани дуоҳо нигаронида шуда буд. Руҳониёни зардуштӣ ба Абумуслим ваъда доданд, ки Бихафридро ба қатл хоҳанд расонд ва ӯ дар соли 747 кушта мешавад.[2]

Ба қавли муҳаққиқи эронӣ Муҳаммадазими Сиистонӣ «Наср ибни Сайёр бо яманиёни Хуросон душманӣ дошт. Абумуслим аз ин моҷаро огоҳӣ ёфта,

[1] Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1963. – Т.I. – С.252.
[2] Ричард, Н.Ф. Наследие Ирана [Текст] / Ф.Н. Ричард. – М.: Наука, 1971. – С.336.

баъд аз пахш намудани ошӯби Бихафрид бо онҳо иттиҳод баст ва дар соли 748 бар зидди Наср ҳаракат кард ва ӯро шикаст дода, Марвро тасхир кард».[1]

Дар доираи ин лашкаркашӣ Абумуслим дар ибтидо шаҳрҳои Балх, Тахористон, Гузгон, Абевард, Самарқанд, Табасай, Порс, Тӯс, Нишопур, Ҳирот, Ғур ва Сиистонро пайдарҳам тасхир намуда, дар ибтидои соли 750 қувваҳои ҳарбии намояндагони охирини Умавиёнро дар Ироқ ва Димишқ, ки 120 000-ро ташкил менамуданд, шикаст дода, хилофатро ба дасти Аббосиён таслим кард. Бо ғалабаи Аббосиён бар Умавиён, Хуросон, ки маркази аслии наҳзати зиддиумавӣ буд, чанд муддат зери ҳукмронии раҳбари воқеии ҷунбиши озодихоҳӣ Абумуслим қарор дошт ва адолату озодии нисбӣ ба назар мерасид.[2]

Ба андешаи муаллиф Аббосиён аз рӯзҳои аввали хилофати худ он баробарии иҷтимоӣ ва иқтисодиеро, ки ба мардум ваъда медоданд, фаромӯш карданд. Дар соли аввали ҳукмронии онҳо баръакси ҳол мизони хироҷ ва миқдори баҳо (бинои кохҳо, шаҳрҳо ва кандани каналҳо) нисбат ба даврони пеш ба маротиб афзоиш ёфт. Ин омил сабаби ба вуҷуд омадани ошӯбҳои халқӣ дар Хуросон гардид.

Ҳанӯз як сол (751) аз хилофати Аббосиён нагузашта буд, ки дар Мовароуннаҳр шӯришҳои халқӣ алайҳи ҳукумати Аббосиён ба амал омаданд, ки дар муддати кутоҳ саросари Хуросонро фаро гирифтанд. Дар соли 751 **Шарик ибни Шайх** аҳолии норозии Бухороро атрофи худ ҷамъ намуд.[3]

Мувофиқи маълумоти «Таърихи Бухоро»-и Абубакри Наршахӣ «Шарик ибни Шайх ал-Маҳрӣ марде буд аз араб ба Бухоро бошида ва марди муборизи ва мардумонро даъват кардӣ ва гуфтӣ: – Мо аз ранҷи Марвониён кунун халос ёфтем, моро ранҷи Аббос намебояд. Халқи азиме ба вай гирд омаданд ва амири Бухоро Абдуҷаббор Шуайб, амири Хоразм Абдулмалик ибни Ҳарсама

[1] Сийстонӣ Муҳаммадазим. Моликияти арзӣ ва ҷунбишҳои деҳқонӣ дар Хуросони қуруни вусто [Матн] / М. Сийстонӣ. – Кобул, 1362. – С.481.
[2] Зарринкӯб Абдулҳусайн. Таърихи тамаддуни Эрон [Матн] / А. Зарринкуб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – С.59.
[3] Кодырова, Т. Из истории крестьянских движений в Мавераннахре и Хорасане [Текст] / Т. Кодырова. – Ташкент: Наука, 1965. – С.8.

ва амири Барзам Мухаллад ибн Ҳусайн бо вай байъат карданд ва иттифоқ карданд, ки даъватро ошкоро кунем».[1]

Баъд аз даъвати ошкорои Шарик ибни Шайх бар зидди Аббосиён, мардумони минтақа атрофи ӯ ҷамъ омаданд. Шумораи сипоҳи вай ба 30 000[2] нафар мерасид. Абумуслим бар зидди шӯриши Шарик ибни Шайх лашкари 10000-нафарае бо сарварии Зиёд ибни Солеҳ равон кард. Баъд аз мубориза ва мудофиаи 37-рӯзаи шӯришгарони Бухоро, бухорхудот Қутайба ибни Туғшода ба тарафи арабҳо гузашта, тамоми роҳҳои Бухороро қатъ кард, то кумакҳо ба шӯришгарон нарасанд. Ба гуфтаи Абубакри Наршахӣ «Бухорхудот бифармуд аҳли русто ва аҳли кушкҳоро, ки бо лашкари Шарик дарҳо баста доранд ва таом ва алаф надиҳанд ва фармуд, то таом ва алаф ба лашкаргоҳи Зиёд баранд. Ва ба ҳар тариқе кор ба лашкари Шайх сахт карданд, то лашкар ба танг андаромаданд ва гурусна шуданд…ва фурӯ монанд»[3].

Дере нагузашта миёни шӯришгарон гуруснагӣ ба вуҷуд омад ва онҳо маҷбур шуданд шабона аз Бухоро фирор кунанд. Аз фирори онҳо Зиёд ибни Солеҳ бохабар шуда, дар Навкада[4] ба онҳо зарбаи ҳалокатовар ворид намуд ва Шарик ибни Шайхро ба қатл расонд. Вай ба Бухоро омада пайравони дигари Шарикро низ бикушт ва шаҳрро оташ зада, худ роҳи Самарқандро пеш гирифт.

Мувофиқи гуфтаҳои Т. Қодирова бухорхудот ва мардумони маҳаллӣ дар аввал тарафдори исёни Шарик ибни Шайх буданд, вале баъд аз муҳорибаи аввал онҳо аз шӯришгарон канора гирифтанд ва ба онҳо ёрӣ нарасониданд.[5] Сарфи назар аз он ки шӯриши озодихоҳии Шарик ибни Шайх комилан саркӯб гардида бошад ҳам, лекин ин исён барои ошӯбу исёнҳои баъдии умумихалқӣ замина муҳайё сохт. Нуктаи дигаре ки дар бораи ин ҷунбиш

[1] Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – С.54.
[2] Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1963. – Т.I. – С.253.
[3] Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – С.55.
[4] Ҳамон ҷо. – С.56.
[5] Кодырова, Т. Из истории крестьянских движений в Мавераннахре и Хорасане [Текст] / Т. Кодырова. – Ташкент: Наука, 1965. – С.113.

бояд гуфта шавад он аст, ки Шарик тарафдори хилофати фарзандони Алӣ буд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар миёнаи асри VIII дар ҳудуди Мовароуннаҳр ҳатто пайравони мазҳаби мухолиф низ ҳузур доштанд. Эҳтимол меравад, ки баъзе аз қабилаҳои шиамазҳаб низ дар ҳудуди Мовароуннаҳр маскун шуда буданд.

Бо шикаст додани охирин намояндагони Умавиён дар Ироқ ва таслими хилофат ба дасти Аббосиён нуфузу эътибори Абумуслим рӯз то рӯз меафзуд. Ҳар кучо шӯришу исёне рух медод, Абумуслим дарҳол ба он расидагӣ мекард ва саркӯбаш месохт. Аз ин рӯ аз лашкаркашиҳои Абумуслим, Аббосиён ба тарсу ҳарос омада буданд ва фикр мекарданд, ки вай рӯзе барои нишастан ба тахти хилофат даъво хоҳад кард. Мувофиқи маълумотҳои муаррихони машҳури асримиёнагӣ Яъқубӣ ва Табарӣ туҳмату буҳтонҳои ҳокимону наздикони халифа ва суханони зиште, ки Абумуслим ба Мансур гуфта буд, боиси марги ӯ гардиданд. Ҷойи он аст, ки сабабу баҳонаи кушта шудани Абумуслим, ки ҳамчун душмани бузурги хилофат ба Мансур ҷилвагар менамуданд, аз матни китобҳои “Таърихи Яъқубӣ”-и Аҳмад ибни Возеҳи Яъқубӣ ва “Таъриху-р-русули ва мулук”-и Муҳаммад Ҷарири Табарӣ бозгӯ намоем.

Ин равандро Яъқубӣ дар китоби арзишманди хеш чунин шарҳ додааст: Ҳангоме, ки Абумуслим ба ҳаҷ мерафт, Абуҷаъфар Мансури валиаҳд аз халифа фармони омилии Ҳаҷ гирифт. Ҳанӯз дар Анбору Ҳирра буд, ки халифа вафот кард ва фармони халифа шуданаш ба вай расид. Ҳама волиёни вилоятҳои наздик ба вай байъат ва нисбати фавти бародараш изҳори тасаллият карданд.[1]

Ин манзарарo Табарӣ дар асари арзишманди хеш ба гунаи дигар шарҳ додааст, ки мазмунан чунин аст: “Абумуслим ба Абулаббос (халифа) навишт ва иҷозаи ҳаҷ хост ва мақсадаш ин буд, ки пешвои намози касон бошад”[2]. Аз

[1] Аҳмад ибни Яъқуб (Ибни Возеҳи Яъқубӣ) Таърихи Яъқубӣ [Матн] / А. Яъқубӣ; Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – Ҷ.2. – С.353.
[2] Табарӣ. Таъриху-русули ва-л-мулук [Матн] / Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда; бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. – Душанбе: ЭМТ, 2014. – Ҷ.6. – С.4137.

сабаби он ки Абумуслим назди халифа эътибори баланд дошт, ба ӯ иҷоза дод, аммо ҳолатро ба Абуҷаъфар Мансури валиаҳд фаҳмонда, аз ӯ хост, ки Мансур низ иҷоза бихоҳад, то омили ҳаҷ шавад ва ба Абумуслим сабқат намояд. Абумуслим чун аз ин хабар огоҳӣ ёфт, чунин гуфт: “Абумуслим ҷуз имсол соле барои ҳаҷ кардан наёфт?”[1] ин сухан ба Абуҷаъфар расид ва аз Абумуслим бадгумон шуд.

Дар аснои рафтан ба Макка Абумуслим дар ҳар манзил гарданаҳоро ислоҳ мекард, чоҳҳо меканд, роҳҳоро ҳамвор мекард ва ба бадавиён ҷома мепӯшонид, ки эътибори ӯро боз ҳам боло мебурд. Албатта ин амали ӯ ба гуфтаи Табарӣ ба валиаҳд хуш намеомад. Вақте аз ҳаҷ бо фосилае бозмегаштанд, номае дар бораи марги Абулаббос ва ҷонишинии Абуҷаъфар ба ӯ расид. “Абумуслим ба Абуҷаъфар тасаллият гуфт, аммо таҳнияти хилофат нагуфт”,[2]ки ин рафтори Абумуслим хашми Мансурро нисбат ба вай боз ҳам афзун мекард.

Дар ин ҳангом душмани сарсахти онҳо Абдулло ибни Мусо байъат накард ва бар зидди онҳо ошуб ангехт. Халифа Мансур ба Абумуслим навишт, ки барои саркӯбии Абдулло ибни Мусо ҷуз ману ту каси дигаре нест. Ҳарчанд ин пешниҳод Абумуслимро хуш наомад ва мехост ба Хуросон баргардад, аммо ночор ба ҷанги Абдулло ибни Мусо рафт ва ӯро дар Насибин шикаст дода, хазонаи ӯро ба даст овард ва Абдулло ибни Мусо фирорӣ шуд. Абуҷаъфар Мансур Исҳоқ ибни Муслими Уқайлӣ, Яқтин ибни Мусо ва Муҳаммад ибни Амри Таглабиро гусел кард, то хазонаи бадастовардаи Абумуслимро шумор кунанд. Абумуслим ба хашм омада гуфт: “Бар хунҳо амин шумурда мешавам ва бар молҳо не!?”[3] Яқтин дар ҳол ҷавоб дод, ки халифа Абуҷаъфар Мансур моро назди ту барои таҳнийт гуфтан бар пирӯзии ту нафиристодааст. Пас, Абумуслим ба фиристодагон ва ҳам

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.6. – С.4137.
[2] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.6. – С.4138.
[3] Аҳмад ибни Яъқуб (Ибни Возеҳи Яъқубӣ) Таърихи Яъқубӣ [Матн] / А. Яъқубӣ; Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – Ҷ.2. – С.354.

Абуҷаъфар Мансур дашном дод, ки ин ҳолатро ҳасудхурон ба халифа арза карданд.

Яъқубӣ менигорад, ки халифа дар ин ҳангом дар Румияи Мадоин буд, Абумуслим оҳанги Хуросон кард ва ӯро хабар накард. Аз ин амал халифа огоҳӣ ёфта, Исо ибни Мусо ва чанд нафар донишмандони дигарро ба дунболи Абумуслим фиристонд, то ӯро аз райъаш баргардонанд. Ба гуфтаи Табарӣ барои ба худ наздик кардани душман халифа мехост Абумуслимро ба худ наздик карда, ӯро безарар намояд. “Абуҷаъфар бим кард, ки Абумуслим сӯйи Хуросон равад ва ба ӯ навишт, ки туро вилоятдори Мисру Шом кардаам, ки аз Хуросон беҳтар аст”[1]. Чун нома ба Абумуслим расид, хашмгин шуд ва гуфт: “Маро ба Шому Миср мегуморад, дар сурате ки Хуросон аз они ман аст!”[2]

Дар ҳамин ҳолат Абумуслим бо ҷонишини худ Молик ибни Ҳайсам машварат карда, ба чунин хулосае омаданд, ки Абумуслим ҳарчӣ зудтар ба Хуросон равад, вагарна дар дигар сурат халифа ба зиндагонии ӯ хотима хоҳад дод. Аммо, фиристодагони халифа ӯро аз рафтан ба Хуросон мунсариф карданд, ки ин хатои бузурги Абумуслим буд.

Дар аснои бозгашт ба ҷониби Румия боз чанд маротибаи дигар номаҳои халифа ба Абумуслим расид, ки онҳо аз макри халифа ва муносибати нарми ӯ бо Абумуслим дарак медиҳанд. Илова бар ин бо донишмандоне, ки барои бозгардонидани Абуслим равона карда буд, ҳарзамон ҳушдор мекард, ки “бо ӯ ба нармтарин вазъе, ки кас сухан тавонад кард, сухан гӯянд”, то аз мақсади шуми онҳо огаҳ нашавад.

Дар ин рӯзҳое Абуҷаъфар Мансур аз Абумуслим бадгумон шуда буд, ба Абудовуд – ҷонишини Абумуслим дар Хуросон нома навишта, аморати Хуросонро ба ӯ ваъда дод ва ӯро ҷониби худ кашид.

Яъқубӣ дар хотима бо таассуф менигорад, ки Абумуслим чун мунсариф гашт ва рӯ ҷониби Ҳалвон кард, боз бо ҷонишини худ машварат кард ва гуфт

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.6. – С.4141.
[2] Ҳамончо

маслиҳати ту дар ин кор чист?. Молик ибни Ҳайсам дар ҷавоб гуфт: “Маслиҳатро дар пушти гарданаи Ҳалвон раҳо кардӣ”. Абумуслим, ки аз ҳиллаҳои айёронаи халифа пай мебурд, гуфт: “Ба Худо қасам, ки ман ҷуз дар хоки Румия кушта намешавам”.[1]

Табарӣ аз ҳиллаҳои дигари халифа хабар дода, менигорад, ки вақте Абумуслим ба Мадоин наздик шуд, халифа дастур дод, ки ӯро пешвоз бигиранд. Ва ӯро бо иззату икром пешвоз гирифта, ба хаймаи халифа бурданд.

Вақте ки ба назди халифа ба Румияи Мадоин расид гумони ӯ амалӣ гардид ва Абумуслим баъд аз баҳсҳои зиёди лафзӣ бо халифа Мансур бо супоришу дасткӯбии ӯ кушта шуда, ҷасадашро дар гилеме печида дар Даҷла афканданд, то лашкариёну эътиқомандони ӯ огоҳ нашаванд.

Бино ба маълумоти Табарӣ 5 рӯз монда аз шаъбони соли 137 баробар ба 13 феврали соли 755 халифаи Аббосиён Абуҷаъфар Мансур (754-775) Абумуслимро, ки беш аз 35 сол надошт, аҳдшиканона ба қатл расонд.[2]

Пас аз кушта шудани Абумуслим яке аз наздикони халифа Исо ибни Мусо ба Мансур хитоб карда, чунин гуфт: «Эй амири муъминон, итоати некхоҳии вайро надонистаӣ ва ин ки Имом Иброҳим дар бораи ӯ чӣ рой дошт. Халифа Мансур гуфт: Ба Худо рӯйи замин душмане бадтар аз ӯ барои ту намешиносам».[3] Баъди шунидани ин суханон Исо ибни Мусо зуҳури ногузири ҷунбишҳои зиёди мардумиро ба халифа хабар дод.

Хабари қатли Абумуслим ба зудӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр паҳн гардида, сабаби сар задани чандин ҷунбишҳои истиқлолхоҳӣ ва ҷунбишҳои зиддиарабӣ гардид ва ошӯбгарон сабаби шӯриши худро ба куштори Абумуслим рабт медоданд. Аҳаммияти дигар ва фавқулоддаи таърихии ҷунбиши Абумуслими Хуросонӣ аз он иборат буд, ки ҷунбишҳо ва

---

[1] Аҳмад ибни Яъқуб (Ибни Возеҳи Яъқубӣ) Таърихи Яъқубӣ [Матн] / А. Яъқубӣ; Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – Ҷ.2. – С.355.

[2] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.9. – С.4154; Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.436.

[3] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.11. – С.4711.

иттиҳодияҳои истиқлолхоҳонаи то ин замон шаклгирифтаи ду соҳили Ҷайҳун – Хуросону Мовароуннаҳрро бо ҳам муттаҳид намуд.

Хизмати дигари Абумуслим аз рӯзҳои аввали ба Хуросон омаданаш дар таъсиси иттиҳоди эронитабори зиддиумавӣ ва зиддитуркӣ зоҳир мегардад, ки чунин раванд дар осори таърихии ҳамасрони мо мушоҳида намегардад. Ф.Старр бо истинод аз асари гаронмояи В.В.Бартолд қайд менамояд, ки Абумуслим бо ошно гардидани вазъи сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр аввал ба душманони сарсахти дохилии онҳо қабилаҳои туркии ғарбӣ ва туркҳои шарқӣ, ки гоҳҳо барои кумаки ҳарбӣ бо ҳокимони маҳаллӣ паймон мебастанд, рӯбарӯ шуда, онҳоро аз ин сарзамин ронда, миёни ҳокимияти туркҳоро шикаста[1], аз ҷиҳати сиёсӣ онҳоро дар минтақа камтаъсир намуд.

Дар таҳқиқоти олимони аврупоӣ бузургтарин исёни баамаломада дар минтақа аз лиҳози арзиши инсонӣ ба муборизаи Абумуслим алайҳи душманони хоричӣ – туркҳои шарқӣ ва лашкари фағфури Чин бо сарварии Ан Лушан, ки гӯё барои кумак ба ҳокимони маҳаллӣ ба Талас ё Тароз омада, аммо нияти тасхири Мовароуннаҳру Суғду Тахористонро доштанд, арзёбӣ мешавад.[2] Ба андешаи муҳаққиқони аврупоӣ ин калонтарин ва даҳшатангезтарин исён дар таърих буд, ки ғалаба насиби Абумуслим гашта, умеди туркҳою чиниҳоро барои соҳиб шудан ба мулкҳои минтақа барбод дода, ин сарзаминро дар ихтиёри соҳибони аслияш боқӣ гузошт.

Аммо баъди кушта шудани Абумуслим ошӯбҳои озодихоҳӣ авҷи тоза пайдо карданд. Омили дигари сар задани ошӯбҳо ва норозигии мардуми маҳаллӣ нисбат ба давраи Умавиён дар аҳди Аббосиён боз ҳамон сабабҳои иқтисодӣ, аз ҳад зиёд баланд шудани андоз ва пайдо гардидани шаклҳои нави он ба шумор мерафт. Мувофиқи маълумоти сачашмаҳои таърихӣ Наср ибни Сайёр баъд аз дуюмбора ба мансаби волии Хуросон (738-748) таъйин шуданаш, барои ба эътидол даровардани вазъи сиёсию иқтисодӣ аввалин маротиба ислоҳот гузаронида, барои мардумони бумӣ як зумра сабукиҳо

[1] Старр Фредерик. Маърифати гумшуда [Матн]: асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг / Ф. Старр. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – С.161.
[2] Ҳамон ҷо. – С.162.

пешниҳод намуд. Тибқи ин аҳднома нисбат ба исёнкунандагон ҳукми қатл бекор карда шуда, қарзҳои пешинаи аз ҳисоби ҷизя бавуҷудомадаро бекор ва ба ҷои ҷизя андози дигар – хироҷ ҷорӣ намуд.[1] Ба ақидаи Б. Ғафуров дар аҳди Аббосиён «аз заминҳои лалмӣ нисфи ҳосил ва аз заминҳои обёришаванда аз чаҳоряк то сеяки он ситонида мешуд. Баъзан аз сабаби мувофиқ наомадани тақвими қамарии мусулмонӣ бо тақвими шамсии зироаткорон истифода намуда, дар як сол ду маротиба хироҷ мегирифтанд»[2].

Аз тарзи ҷамъоварии хироҷ маълум мешавад, ки волии Хуросон ба хилофати Аббосиён ҳамасола дар ҳаҷми қариб 45 млн. дирҳам пардохт менамуд, ки дар хилофат баъд аз Савод дар масъалаи пардохти молиёти нақдӣ ҷойи дуюмро мегирифт. Ғайр аз ин волиёну ҳокимони маҳаллӣ андозҳои изофӣ ҷамъоварӣ менамуданд, ки баъд аз марги халифа Мансур аз хазинаи ӯ 810 миллион дирҳам дарёфт карданд, ки он аз ҳаҷми ниҳоят баланди хироҷ шаҳодат медиҳад.[3]

Истифодаи меҳнати мардумони маҳаллӣ барои сохмони иншоотҳои бузурги давлатӣ хилофи шариати ислом буд, ки ин омил сабаби дигари афзудани эътирози мардум буд. Аз ҷумлаи наҳзатҳои мардумии ин замон шӯриши **Сумбод** ба шумор меравад. Вай аз дӯстони Абумуслим буда, баъд аз кушта шудани Абумуслим соли 755 «дар Рай то ҳадде ба хунхоҳии ӯ қиём кард».[4] Сумбод дар сарчашмаҳо бо номҳои Сумбоди Муғ, Синбоди Зардуштӣ, Сунбоди Маҷусӣ ва Сумбоди Габр ёд мешавад.

Мувофиқи маълумоти Табарӣ: «Ба деҳе аз деҳаҳои Нишопур муғе буд Синбод ном. Абумуслим ӯро некӯ доштӣ. Ва ӯро хоста бисёр буд. Пас чун хабари куштани Абумуслим бад-ӯ расид ғамгин шуду гуфт: «Ҳаққи

---

[1] Старр Фредерик. Маърифати гумшуда [Матн]: асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг / Ф. Старр. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – С.157.
[2] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.436.
[3] Ҷурҷи Зайдон. Таърихи тамаддуни исломӣ [Матн] / Ҷ. Зайдон; тарҷумаи Алии Ҷавоҳир. – Теҳрон: Амири Кабир, 1372. – Ҷ.2. – С.254.
[4] Зарринкӯб Абдулҳусайн. Таърихи тамаддуни Эрон [Матн] / А. Зарринкуб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – С.63.

Бумуслим бар ман воҷиб аст, ки ман ин хостаро ҳама ба талаби хуни Бӯмуслим харҷ кунам. Ва чун хоста намонад, ҷон бидиҳам»[1].

Сарчашмаҳои дигар чунин маълумот медиҳанд, ки лавозимоти ҷангӣ ва дороии Абумуслим ба дасти Сумбод расида буд. Ӯ тамоми дороии бадастомадаро барои таъсис додани лашкари 100 000-нафара сарф намуда, дар як муддати кӯтоҳ аз Рай то Нишопурро тасарруф намуда буд.[2]

Сумбоди Муғ худро аз наздикон ва пайравони Абумуслими Хуросонӣ муаррифӣ намуда, ба даъвати ошкорои зидди Аббосиён бархоста буд, то мақсади ниҳоии Абумуслимро барои озодӣ аз зулму ситами аҷнабиён амалӣ созад. Дар ин маврид овардани андешаи Абдуррафеъи Ҳақикат ба маврид аст: «...исёни Сумбоди Маҷусро бояд амри муҳим ва пурмаънӣ донист, зеро нишон медиҳад, ки Абумуслим ҳадафе ҷуз истиқлоли Эрон ва раҳоӣ додани мардуми ин сарзамин аз чанголи тозиён мақсади дигаре надоштааст».[3]

Баъд аз чанде зардуштиёни Табаристон, фирориёни дар Самарқанд будаи шӯриши Шарик ибни Шайх ва хуррамдинони Хуросон ба шӯришгарон ҳамроҳ шуданд. Ин шӯриш ҳудудҳои Хуросонро то Табаристон дар бар гирифта буд. Пас аз ду моҳи кушта шудани Абумуслим шумораи шӯришгарон ба 60000 нафар расида, шаҳрҳои Рай, Нишопур ва Қумисро тасарруф карда, рӯ ба ҷониби Ироқ ниҳоданд. Аз ҳаракати босуръати Сумбоди Муғ халифа Мансур огоҳӣ ёфта, лашкаре бо сарварии Ҷаҳвар ибни Маррори Иҷлӣ барои пахши онҳо равона сохт.[4]

Дар охирҳои соли 755 муҳорибаи шадид байни шӯришгарони Сумбод ва Ҷаҳвар ибн Маррор ба амал омад, ки дар ин муҳориба Сумбоди Муғ шикаст хӯрда, ба Рай ақибнишинӣ намуд. Сумбод баъд аз Рай ба Гургон фирор кард. Сипаҳбади Гургон Ҳурмуз ибни Фурҷон ба хотири ба даст овардани

---

[1] Балъамӣ Абуалӣ. Таърихи Табарӣ [Матн] / А. Балъамӣ. – Теҳрон: Алҳудо, 2001. – Ҷ.I.II. – С.1454.
[2] Хакназаров, А. Освободительная борьба таджикского народа против Арабского Халифата (633-961) [Текст] / А. Хакназаров. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С.204.
[3] Ҳақиқат Абдуррафеъ. Таърихи неҳзатҳои фарҳангии Эрониён [Матн] / А. Ҳақиқат. – Теҳрон: Ширкати муаллифон ва мутарҷимони Эрон, 1347. – С.203.
[4] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.XI. – С.4715.

ганҷинаи Абумуслим, ки дар дасти Сумбод қарор дошт, ӯро дастгир намуда, ба қатл мерасонад ва ошӯби ӯро пахш менамояд.

Бояд қайд кард, ки таърихи муқовиматҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар таърихнигории тоҷик нисбат ба Эрон ниҳоят кам омӯхта шудааст. Дар таърихи Эрон даҳҳо шӯришҳои мардумии Хуросону Мовароуннаҳр ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд, ки дар ягон китобҳои ба таърихи асрҳои VIII-XIII бахшидашудаи олимони муосири ватанӣ зикрашон ҳам нарафтааст. Ҳатто муҳаққиқи ин масъала А. Ҳақназаров ва С. Рачабов ҳам оид ба онҳо маълумоти зарурӣ надодаанд. Аз ин рӯ лозим медонем, ки оид ба бархеи онҳо то шӯриши Муқаннаъ ва баъди Муқаннаъ таҳқиқот анҷом дода, махсусиятҳо ва сабабу авомили рух додани онҳоро исбот намоем.

Баъд аз қиёми Сумбоди Муғ дар соли 756 **Буосими Бустӣ** бар зидди волии Аббосиён дар Хуросон қиём бардошта, баъди аз ҷамъ овардани сипоҳ барои тасхири Хуросон оғоз намуд. Аммо дар роҳ бо хориҷиёни Сиистон рӯ ба рӯ шуда, Буосим ба қатл расид ва сипоҳаш пароканда гардид, омадааст дар таълифоти Муҳаммадазими Сиистонӣ.[1]

Пас аз чанде дар соли 757 қиёми дастаҳои низомӣ таҳти раҳбарии **Саъиди Ҷуло** бар зидди волии Хуросон Холид ибни Иброҳим ба амал омад. Дар соли 758 бошад, аҳолии Сиистон бо роҳбарии **Ҳузайн ибни Руқод** ва мардумони Буст бо роҳбарии **Муҳаммад ибни Шадод** даст ба исён заданд. Дар пайравӣ бо инҳо соли 759 саркардаҳои зардуштиён **Озарӯя** ва **Марзбони Маҷусӣ** шӯриш бардоштанд. Хурӯҷи ровандиёни Хуросон дар пойтахти хилофат низ ба вуқуъ пайваст. Дар ин даврон ошӯби мардум чунон вусъат ёфта буд, ки Барзадон ба дарбори хилофати Аббосӣ ҳуҷум овард. Дар ҳамин сол Барозбандаи Хуросонӣ бар зидди хилофати Аббосиён қиём карда, шӯриши худро давоми қиёми сиёсӣ ва мазҳабии Абумуслим медонист.[2]

---

[1] Сийстонӣ Муҳаммадазим. Моликияти арзӣ ва ҷунбишҳои деҳқонӣ дар Хуросони қуруни вусто [Матн] / М. Сийстонӣ. – Кобул, 1362. – С.488.
[2] Ҳамон ҷо. – С.489.

Яке аз ҷонибдорони Абумуслим, ки бар зидди ҳукумати Аббосиён шӯриш ангехт, ин **Исҳоқи Турк** буд. Мувофиқи маълумоти Ибни Надим: «Ва ҳамин, ки Мансур Абумуслимро кушт, даъватгарон ва ёрони вижаи ӯ ба шаҳрҳо гурехтанд ва яке аз онон Исҳоқ ба Туркистон ва билоди Мовароуннаҳр афтод ва дар он ҷо мардумро даъват ба Абумуслим менамуд»[1]. Исҳоқи Турк таблиғот мебурд, ки гӯё Абумуслим дар кӯҳҳои Рай паноҳ бурда, аз нав ба мубориза хоҳад бархост. Мутаассифона, маълумоти бештаре ҷуз кушта шудани ӯ дар соли 758 дар бораи исёни Исҳоқи Турк ба доираи муҳаққиқон дастрас нест. Аз ин сабаб то кадом андоза фарогир ва пахш кардану натиҷаи шӯриш то ба имрӯз норавшан мондааст.

Яке аз шигифттарин ошӯбгарони бевосита пайрави Абумуслим **ровандиён** буданд. Ҷонибдорони ин фирқа дар ибтидо бо халифа Мансур муносибати дӯстона пайдо намуда, кӯшиш мекарданд ӯро ба монанди Абумуслим ғофилгир ба қатл расонанд. Аз сабаби он ки онҳо аз Хуросон буданд, чунон вонамуд мекарданд, ки Мансурро худои хеш медонанд. Онҳо ба шаҳри Куфа омада, гирдогирди қасри ӯ зират (тавоф) мекарданд ва Мансурро ба худоӣ меҳонданд.[2]

Ровандиён мехостанд, ки Мансур даъвати онҳоро қабул намояд, бо онҳо муносибаташро наздиктар созад ва дар ҳолати ғафлат ӯро ба қатл расонанд. Вонамуди тавоф кардан ва ба худоӣ хондани Мансур танҳо барои маҳв кардани ӯ ва қасди хуни Абумуслимро гирифтан равона шуд буд.

Ровандиён баъди чунин даъватҳо аз ҷониби Мансур ба муқобилиятҳои калон гирифтор шуданд. Чуноне ки Диноварӣ мефармояд «ровандиҳо барои гирифтани интиқоми Абумуслим хурӯҷ карда, эълони исён намуда буданд, вале муваффақ нашуданд ва саранҷом ба дасти Хозим ибни Хузайма кушта ва пароканда шуданд»[3].

---

[1] Ҳақиқат Абдуррафеъ. Таърихи неҳзатҳои фарҳангии Эрониён [Матн] / А. Ҳақиқат. – Теҳрон: Ширкати муаллифон ва мутарҷимони Эрон, 1347. – С.204.
[2] Ҳақиқат Абдуррафеъ. Таърихи неҳзатҳои фарҳангии Эрониён [Матн] / А. Ҳақиқат. – Теҳрон: Ширкати муаллифон ва мутарҷимони Эрон, 1347. – С.205.
[3] Ҳамон ҷо. – С.206.

Баъд аз пахши ҷунбиши ровандиён пайравони ин фирқа як фирқаи нав бо номи «разомия»-ро асос гузоштанд, ки таълимоти онро бештари ақидаҳои Абумуслим дар якҷоягӣ бо андешаҳои ровандиён ташкил медод. Аз ин рӯ муҳаққиқон «разомия»-ро яке аз ҷузъҳои Абумуслимия мешуморанд.[1]

Бар асари аз ҳад зиёд гаштани ҷабру зулми Аббосиён дар Ҳироту Бодғис низ дар соли 767 шӯриш ба миён омад, ки сарварии онро **Устод Сис** ба уҳда дошт. Шӯриши Устод Сис низ ҳудудҳои фарохи Ҳирот ва ноҳияҳои гирду атрофи онро фаро гирифта буд. Ба гуфтаи Табарӣ ба Устод Сис муяссар шуд, ки ҳудуди 300000 нафар лашкарро ҷамъ намуда, қисматҳои муҳимми Хуросонро тасхир намояд.[2]

Ҳангоме Устод Сис бо шӯришгарони худ ба Марворӯд расиданд, ба ҳамлаи ногаҳонии сарлашкари араб Аҷами Марворӯдӣ гирифтор шуданд. Дар ин набард Аҷам кушта ва лашкари мусаллаҳи ӯ пароканда карда шуд. Шӯриши мусаллаҳонаи Устод Сис ба гӯши халифа Мансур расид ва ӯ сарлашкари моҳири худ Ҳазим ибн Ҳузаймаро бо сипоҳи махсуси муҷаҳҳази гурдони яккачини 22 000 нафара ба муқобили Устод Сис фиристод. Дар ин муҳориба 18 000 нафар ҷангиёни дигар ба Ҳузайма муттаҳид гашта, лашкариёни 70 000-нафараи Устод Сисро ба қатл расонида, 14 000 нафари дигари сипоҳи ӯро асир гирифтанд. Худи Устод Сис дар соли 768 бо ҷамъи хешовандонаш дастгир ва кушта шуд.[3]

Дар соли 764 (145ҳ) дар Мадина ошӯбҳои мардумӣ алайҳи хилофати Мансур ба вуқуъ омад, ки Табарӣ аз се ошӯб қиёми **Муҳаммад ибни Абдуллоҳ**, шӯриши «**Сиёҳиён**» ва қиёми **Иброҳим** ёдовар шудааст.[4]

Аз ин пас таърихи Мовароуннаҳр дар давраи хилофати нахустини халифаҳои Аббосӣ дигар муборизаҳои арабҳоро бо мардуми бумӣ дар бар

---

[1] Ҳазратӣ, М., Саидиён, И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / М. Ҳазратӣ, И. Саидиён. – Душанбе: Ориёно, 1992. – С.125.
[2] История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1999. – Т.II. – С.81.
[3] История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1999. – Т.II. – С.81.
[4] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.XI. – С.4715.

нагирифта, балки аз таърихи шӯришҳои сиёсӣ-истиқлолхоҳӣ ва ё мазҳабӣ иборат мебошад.[1]

Солҳои 776-777 марҳалаи нави муборизаи истиқлолхоҳии мардумони Хуросон буд. Дар ин солҳо шахсе бо номи **Юсуфи Барм** аз Пушанги Ҳирот ба шӯриш бархоста, наҳзати ӯ ба зудӣ Хуросон, Марворӯд, Толиқон ва Гургонро фаро гирифт. Юсуфи Барм ҳамзамон бо қиёми Муқаннаъ дар Эрон шӯриш бардошт. Асли мақсади Юсуф даъват ба некӣ ва парҳез аз бадӣ буд, аммо ба ҳангоми наҳзати хеш аз ҷониби лашкариёни халифа Маҳдӣ саркӯб карда шуд.[2]

Беш аз пеш қашшоқу бехонумон гардидани аҳолии Мовароуннаҳр дар аҳди халифа Маҳдӣ (775-785) ҷунбиши дигари бузурги мардумиро бар зидди Аббосиён ба вуҷуд овард, ки солҳои 70-уми асри VIII тамоми минтақаро фаро гирифта буд.[3] Ин шӯриш аз ҷунбишҳои қаблӣ сарчашма гирифта, дар баробари хусусияти озодихоҳӣ доштанаш, масъалаҳои диниро низ дар бар мегирифт ва ба **«шӯриши Муқаннаъ»** машҳур гардид. Муқаннаъ худ аз ҷонибдорону пайравони Абумуслим буда, баъд аз қатли ӯ дар даврони ҳукумати волии дуюми Аббосиҳо дар Хуросон – Абдуҷаббор ибни Абдурраҳмон (757-759) ба мансаби вазирӣ расида, барои ба даст овардани ҳокимият кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода буд.[4]

Дар таърихнигории тоҷик Муқаннаъ (Ҳошим ибни Ҳаким) хело машҳур аст. Бисёриҳо оид ба ин шахсият (С. Айнӣ) очерки таърихӣ ва Т. Қодирова таҳқиқоти махсус ва даҳҳои дигар (А. Ҷалилов, Л. Бойматов, А. Ҳақназаров, С. Раҷабов) маълумоти тарҷумаиҳолии ӯро зикр намудаанд. Ин масъала дар китобҳои бисёрҷилдаи “Таърихи халқи тоҷик”, ки дар солҳои 1963-1965 ва давраи истиқлолият (дар 6 ҷилд), инчунин китобҳои дарсии мактабҳои олӣ

---

[1] Ричард Фрай. Бухоро дастоварди қуруни вусто [Матн] / Фрай Ричард; тарҷумаи Маҳмуд Маҳмудӣ. – Теҳрон: Улум ва фарҳанг, 1365. – С.43.

[2] Сийстонӣ Муҳаммадазим. Моликияти арзӣ ва ҷунбишҳои деҳқонӣ дар Хуросони қуруни вусто [Матн] / М. Сийстонӣ. – Кобул, 1362. – С.490.

[3] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.437.

[4] Кодырова, Т. Из истории крестьянских движений в Мавераннахре и Хорасане [Текст] / Т. Кодырова. – Ташкент: Наука, 1965. – С.117.

дарҷ ёфтаанд ва ҳатто дар “Энсиклопедияи миллии тоҷик” оид ба баромади иҷтимоии Ҳошим ибни Ҳаким маълумоти амиқе дида намешавад.

Ба андешаи Теодор Нёлдекке, Муқаннаъ ақидаҳои моҳияти иқтисодӣ ва иҷтимоидоштаи Маздакро, аз ҷумла «ҳамаи мардум яксон офарида шудаанд ва одилона нест, ки сарват ва зани яке бештар аз дигаре бошад»,[1] таблиғ карда, дар соли 769 даъвати худро ошкор кард. Дар ибтидои ҷунбиш Муқаннаъ даъвои нубувват намуда, таълимоти динии худро ба ақидаҳои динии маздакия ҳамрадиф сохта буд.

Ин ҷунбиши оммавӣ барои ҳокимияти хилофат хатарнок таҳти роҳбарии Муқаннаъ, ки номи аслии ӯ Ҳошим ибни Ҳакими Балхӣ буд, сар зад ва он аз Кеш то Ҷайҳунро зери нуфуз дароварда буд.[2] Мувофиқи маълумоти Берунӣ: «Муқаннаъ аз рӯди Ҷайҳун гузашт ва бо навоҳии Кеш ва Насаф рафт бо хоқон вориди мукотаба шуд ва аз ӯ кумак хост ва фирқае сафедҷомагон ва туркон гирди вай ҷамъ шуданд ва амвол ва занонро мубоҳ кард. Кулли қавонини Маздакро воҷиб шумурд ва сипоҳиёни Маҳдиро пароканда сохт»[3].

Ба вуҷуди ин Аббосиён дар рӯзҳои аввали ҷунбиш тавонистанд Муқаннаъро дастгир карда, ба маркази хилофат шаҳри Бағдод фиристанд, лекин ӯ аз зиндон фирор намуда, худро бори дигар ба Марв расонд. Вай баъд аз зиндони Бағдод фирор карданаш дар Марв даъвои худоии хешро ошкор намуд. Ба гуфтаи Наршахӣ «Муқаннаъ мардумонро гирд кард ва гуфт: “Ман худои шумоям ва худои ҳама олам ҳастам”.[4]

Мардумони Хуросон муъҷизаҳои ӯро дар мавриди «моҳи Нахшаб, таҷаллии нури худ ва пӯшидани ниқоб» мушоҳида намуда, қисман аз ислом даст кашида, дини ӯро қабул карданд. Барои пахши ошӯби ӯ волии Хуросон Ҳомиди Қаҳтаба амр дод, то Муқаннаъро дастгир намоянд. Баъди интишори ин фармон Муқаннаъ ба Кеш омада, ба даъвати мардум пайваст. Дере

---

[1] Нёлдекке Теодор. Таърихи эрониён ва арабҳо дар замони Сосониён [Матн] / Т. Нёлдекке; тарҷумаи Аббоси Зарёб. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1375. – С.493.

[2] Сийстонӣ Муҳаммадазим. Моликияти арзӣ ва ҷунбишҳои деҳқонӣ дар Хуросони қуруни вусто [Матн] / М. Сийстонӣ. – Кобул, 1362. – 669 с.

[3] Ҳақиқат Абдуррафеъ. Таърихи неҳзатҳои фарҳангии Эрониён [Матн] / А. Ҳақиқат. – Теҳрон: Ширкати муаллифон ва мутарҷимони Эрон, 1347. – С.217-218.

[4] Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – С.57-58.

нагузашта пайравони ӯ чунон зиёд шуданд, ки мусулмонон дар ҳарос афтоданд. Чанде баъд Муқаннаъ аз Кеш ба Суғд омад, ки қисми зиёди деҳаҳо ба дини ӯ даромада буданд ва қисме аз деҳаҳои Бухоро аз вай пайравӣ мекарданд.

Пас аз фавти Абуҷаъфар Мансур, писараш Маҳдӣ (755-785) ба хилофат расид ва волии Хуросон Ҳусайн ибни Муозро вазифадор намуд, ки баҳори соли 776 тамоми қушунҳои худро ба Наршах – пойгоҳи асосии шӯришгарон расонад. Ҳусайн ибни Муоз ҳангоми ҳуҷуми аввал сафҳои шӯришгаронро аз сабаби ноогоҳии онҳо сахт шикаст дод. Баъд аз чанде шӯришгарон муттаҳид шуда, ба арабҳо зарбаи ҳалокатовар заданд, ки то расидани қушунҳои имдодии Ҷабраил ибни Яҳё дигар маҷоли ҷанг надоштанд. Ниҳоят, пас аз расидани сипоҳи бешумор ба лашкари арабҳо, онҳо қалъаи Наршахро муҳосира намуданд. Ин давраи аввали шӯриши Муқаннаъ буд.

Дар соли 777 аз сабаби ноуҳдабароии волии Хуросон халифа Маҳдӣ Ҳусайн ибни Муозро аз вазифа сабукдӯш сохта, ба ҷойи ӯ Муоз ибн Муслимро волӣ таъйин кард. Муоз ибни Муслим (777-778) чун ба Бухоро расид аз аҳли Бухоро деҳқонон ва мардони ҷангӣ сипоҳи 57000 нафараро муттаҳид сохт.[1] Баъд аз омодагиҳои зиёд рӯй ба Суғд ниҳода, пас аз шикасти Наршах, ки Муқаннаъ дар он ҷо истеҳком гирифта буд, лашкар кашид. Баъди лашкаркашиҳои дусола ба муқобили Муқаннаъ ва пайравони ӯ, онҳоро саркӯб карда натавонист ва халифа ба ҷойи ӯ Мусайяб ибни Зуҳайрро волии Хуросон таъйин намуд.[2] Ҳангоми волии Хуросон таъйин шудани Мусайяб ибн Зуҳайр (780-783) Муқаннаъ ва пайравонаш дар Бухоро сар бардоштанд, ки Мусайяб барои пахши ошӯб ба Бухоро омад ва онро фатҳ намуда, роҳи Самарқанд – маркази дувумини шӯришро пеш гирифт. Пайравони Муқаннаъ ба ҳадде ба раҳбари худ эътиқод ва боварӣ доштанд, ки ба гуфтаи Гардезӣ: «ё Ҳошим мадад деҳ!» гуфта, бонг мезаданд.[3]

---

[1] Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – С.62.
[2] История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1999. – Т.II. – С.83.
[3] Сийстонӣ Муҳаммадазим. Моликияти арзӣ ва ҷунбишҳои деҳқонӣ дар Хуросони қуруни вусто [Матн] / М. Сийстонӣ. – Кобул, 1362. – С.491.

Муқаннаъ дар охир ба пайравонаш дар Самарқанд ваъда дод, ки «ҳама вилоятҳо бар шумо мубоҳ кардам ва ҳар кӣ ба ман нагаравад, худ ва мол ва фарзандони ӯ бар шумо ҳалол аст»[1]. Баъди шунидани ин суханон пайравони ӯ якбора ба ғорату истисмори мусулмонон пардохтанд, ки ғазаби онҳоро боз ҳам зиёд карданд.

Дар баробари аз ҷониби хилофат расидани қувваҳои нав ба Мусайяб муяссар шуд, ки Самарқандро аз шӯришгарон озод намояд. Вай дар ибтидои соли 783 ҷунбиши сафедҷомагони Мовароуннаҳрро комилан саркӯб намуда, исёнро ба зудӣ аз байн бурд.[2]

Муқаннаъ ба арабҳо таслим шудан нахоста, бо боқимондаҳои лашкари худ ба қалъаи Санам, ки дар қисмати кӯҳии Кеш ҷойгир буд, раҳсипор шуд.[3] Дар дохили қалъа боз як қалъаи дигар вуҷуд дошт, ки худи Муқаннаъ бо занону наздикони худ дар он мезист. Баъд аз шикасти пурраи пайравони худ «Муқаннаъ донист, ки кори ӯ табоҳ шуд. Бо сад зани хеш бинишаст ва ҳар занеро қадаҳе пурмай кард ва заҳр андар афканду гуфт: Бихӯред. Пас Муқаннаъ сӯйи ғуломон рафт ва ҳамаро заҳр дод то бимурданд. Пас аз ошомидани шароби заҳрогин занон бимурданд ва Муқаннаъ ходими худ, ки Базр ном дошт бикушт ва худро ба танури тафсон андохт»[4].

Дар бораи марги Муқаннаъ ду сана тахмин мешавад, яке 782-783 ва дигаре 783-784. Мувофиқи қиёси маълумоти бисёре аз сарчашмаҳо ва гуфтаҳои Берунӣ худкӯшӣ кардани ӯ ба соли 783 рост меояд.[5]

Бояд гуфт, ки ҳаракати Муқаннаъ доираи васеи ҳудудҳои Мовароуннаҳру Хуросонро фаро мегирифт, вале бинобар сабабҳои ақибмондагӣ, ғайриодилона ва бесуботии эътиқодӣ пешрафт накард ва бештари ширкаткунандагони он баъд аз дарки муҳтавои ақоиди динӣ ва мақсади аслии роҳбаронаш рӯ ба ислом меоваранд. Дини ислом дар давоми

---

[1] Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – С.63-64.
[2] Муътазид Хусрав. Аруси Бухоро. Ҷунбиши Муқаннаъ ва сапедҷомагон [Матн]. – Теҳрон: Китобхонаи миллии Эрон, 1380. – С.57.
[3] История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1999. – Т.II. – С.83.
[4] Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – С.64.
[5] Кодырова, Т. Из истории крестьянских движений в Мавераннахре и Хорасане [Текст] / Т. Кодырова. – Ташкент: Наука, 1965. – С.132.

зиёда аз як қарни мавҷудияти худ дар Мовароуннаҳру Хуросон пайравони зиёд ба даст оварда буд. Аз ин рӯ, ақидаҳои худхоҳӣ ва худохоҳии Муқаннаъ қувват нагирифта, шӯриши ӯ баъди 14 сол саркӯб гардид.[1]

Пайравони Муқаннаъ баръакси Аббосиён, ки либоси сиёҳ мепӯшиданд, либоси сафедро ҳамчун рамзи покӣ ва озодӣ қабул намуда, бо номи «сафедҷомагон» сар бардошта, ба ақидаи Абдурофеъи Ҳақиқат «дар Мовароуннаҳр аз мутобеони Муқаннаъ ҷамъе ҳастанд, ки деҳқонӣ ва кишоварзӣ мекунанд ва эшонро «сафедҷомагон» хонанд ва кешу эътиқоди худро пинҳон медоранд»[2]. Маълум мешавад, ки сафедҷомагон баъди пахши шӯриши худ рӯ ба нестӣ наоварда, дар ҳудудҳои мухталифи Хуросон бо номҳои сафедҷомагон, хуррамиён ва маздакиён то ибтидои асри XIV вуҷуд доштаанд.

Ҳама муаррихони асримиёнагии аҳдиисломӣ Муқаннаъро бо ҷурми даъвои пайғомбарӣ кардан, ҷодугар, кофир, мулҳид, габр, ҳокимиятхоҳ ва ғайра гунаҳкор меҳисобанд. Мақсади ин ҷониб ҳам қаҳрамон намудани ӯ набуда, балки дарёфти ҳақиқат аст. Ин ҳақиқатро аз китобҳо ёфтан мумкин нест, фақат пай бурдан мумкин аст, ки мухолифони ӯ ҳақиқати таърихиро нагуфтаанд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар омӯзиши шӯриши Муқаннаъ паёмадҳои он дар даҳсолаҳои минбаъда дар ҳудуди Мовароуннаҳр мебошад. Зеро дар сарчашмаҳои таърихии асрҳои баъд дида мешавад, ки дар миёни аҳолии минтақа то садсолаҳо пас номе аз сапедҷомагон ва ҳузури онҳо дида мешавад. Нуктаи дигаре, ки бояд дар ин ҷо тазаккур диҳем, муносибати хасмонаву бадбинона нисбат ба Муқаннаъ ва пайравонаш дар манобеи ин давра мебошад. Аз ҷумла, Наршахӣ ҳар бор ки Муқаннаъро зикр кунад, ибораи «хок бар даҳонаш»-ро[3] низ фаромӯш намекунад. Яъне тамоми муаррихони асримиёнагии арабу форс дар ин ҳаракат намояндаи Аббосиёну

---

[1] Ҳазратӣ, М., Саидиён, И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / М. Ҳазратӣ, И. Саидиён. – Душанбе: Ориёно, 1992. – С.110.
[2] Ҳақиқат Абдуррафеъ. Таърихи неҳзатҳои фарҳангии Эрониён [Матн] / А. Ҳақиқат. – Теҳрон: Ширкати муаллифон ва мутарҷимони Эрон, 1347. – С.221.
[3] Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – С.135.

ҳукуматҳои зертобеи он буда, шӯриши Муқаннаъро сахт мазаммат намудаанд.

Дар замони хилофати Ҳорунаррашид (786-809) дар қисматҳои ғарбиву шарқии Хуросон, Сиистону Мовароуннаҳр ошӯбҳои зиёд ба вуҷуд омаданд, ки яке аз онҳо шӯриши Сиистон буд. Ин қиёмро **Ҳамза** сарварӣ менамуд. Вай дар атрофи худ теъдоди зиёди норозиёнро аз фаъолияти ҳукумати арабҳо ва зулму ситами онҳо ҷамъ оварда, муборизоти худро ба муқобили Аббосиён равона месозад. Ба гуфтаи Зарринкӯб: «Ҳамза хурӯҷи худро дар роҳи Худо хонд ва ҳатто бидуни он, ки вайро ба унвони халифа ва амирулмуъминин хитоб кунанд, хештанро амирулмуъминин хонд ва бад-ин гуна Ҳорунро аз хилофат азл кард»[1].

Дар ҳақиқат мақсади норозиёне, ки атрофи Ҳамза ҷамъ омада буданд, барҳам додани хилофати Аббосиён буд. Аз низои мансабталабии бародарон Амин ва Маъмун истифода карда, Ҳамза доираи исёни худро васеъ сохт ва билохира ҷунбиши вай тамоми Хуросону Ҳинду Синдро фаро гирифт.[2] Ин исёни барои хилофати Амину Маъмун ниҳоят хатарнок зиёда аз 20 сол давом дошт, то дар соли 825 дар давраи хилофати Маъмун саркӯб карда шуд.

Дар баробари ошӯби Ҳамзаи Сиистонӣ соли 806 дар шаҳри Самарқанди Мовароуннаҳр шӯриши мардумӣ ба амал омад. **Рофеъ ибни Лайс** норозиёни Самарқандро дар атрофи худ ҷамъ оварда, ҳокими арабҳоро ба қатл расонд ва ҳукуматро ба дасти худ гирифт. Теъдоди тарафдорони вай рӯз ба рӯз афзуда, мардуми тамоми Мовароуннаҳр, аз қабили Хуҷанд, Усрушана, Чағониён, Бухоро, Хоразм ва Хутал бо ҳам муттаҳид гардиданд.[3] Ҳорунаррашид аз тарси ошӯбҳо дар соли 809 ба муқобили Ҳамзаи Сиистонӣ ва Рофеъ ибни Лайс лашкар кашид, вале дар Тӯс вафот кард ва байни писаронаш – Муҳаммад (Амин) (809-814) ва Абдуллоҳ (Маъмун) (814-833) муборизаи шадид ба вуҷуд омад. Бо миёнаравии Асади Сомонӣ Рофеъ ибни Лайс ба

---

[1] Зарринкӯб Абдулҳусайн. Таърихи тамаддуни Эрон [Матн] / А. Зарринкуб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – С.66.
[2] Ҳамон асар. – С.67.
[3] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.442.

шӯришгарон хиёнат намуда, ба тарафи арабҳо гузашт ва соли 810 пайравони ӯ саркӯб шуданд. Пас аз шикасти ҷунбишҳои дар боло зикршуда бузургтарин неҳзате, ки зидди хилофати Аббосиён сар зад, ин қиёми **«хуррамдинон»** буд, ки дар ноҳияҳои марказӣ ва шимолии Эрон ба таблиғи таълимоти зиддиарабӣ ошкоро даст зада буданд.

Дар бораи ҷунбиши Ҳамза ҳаминро бояд зикр намоем, ки агар манобеи моил ба хилофат ва Аббосиён онро ҳамчун исёнгару ёғӣ қаламдод кунанд, муаррихи маҳаллии Сиистон ӯро «озодкунандаи Сиистон» ва як шахсияти ватандӯсту сафшикан қаламдод кардааст. Зеро ба навиштаи ин муаллиф Ҳамза аз гирифтани боҷу дигар намуди молиёт аз мардуми ҳамшаҳрияш даст кашид. Ӯ Сиистониёнро фармуд, ки ба халифаи ситамгари аббосӣ хироҷ напардозанд. Яъне агар мо танҳо аз манзари муаррихони дарборӣ ё вобаста ба режими ҳукуматгар таърихро баррасӣ кунему ба он баҳо диҳем, роҳи нодуруст паймудаем.

Хуррамдинони аввалия онҳое буданд, ки баъд аз марги Маздак дар аҳди шоҳ Қубоди Сосонӣ (448-531) бо сарварии завҷаи ӯ Хуррама бинти Фота ба муқобили Сосониён хурӯҷ карда буданд. Бобак дар аввал худро ба сипоҳи Ҷовидон, ки сарварии хуррамдинонро ба уҳда дошт, мерасонад ва баъд аз фавти Ҷовидон бо зани ӯ хонадор шуда, пешвои хуррамдинон таъйин мегардад. Инчунин издивоҷи Бобак бо духтари Восак як нафар аз бузургони Арманистон ва дастгирӣ ёфтани ошӯби ӯ аз ҷониби қайсари Рум Теофилус нуфузу эътибори ӯро зиёда гардонида буд.[1] «Шӯриши бобакия» аввалан Озарбойҷону Арманистонро фаро гирифта, баъд аз даъвати ошкорои Бобак дар Ҳамадону Исфаҳон, Кошону Хузистон ва дигар шаҳрҳои Эрон низ тарафдорони зиёд пайдо намуд.

Наҳзати хуррамдинон наҳзати мардумӣ ва зиддиарабӣ буда, сабабҳои амиқи иқтисодӣ дошт, зеро аксарияти пайравони он кишоварзону пешовароне буданд, ки намехостанд бо дасти халифа ва ҳокимони маҳаллии онҳо истисмор шаванд.

[1] Зарринкӯб Абдулҳусайн. Таърихи тамаддуни Эрон [Матн] / А. Зарринкуб. – Техрон: Амири Кабир, 1367. – С.69.

Ба гуфтаи аксари муаррихон, аз ҷумла Муҳаммади Шаҳристонӣ, Абдулқоҳири Бағдодӣ ва Мусои Навбахтӣ сарчашмаи таълимоти «бобакия» аз «абумуслимия» ва «маздакия» реша мегирифт. Хуррамиҳо Абумуслимро ҳамчун худо таҷассум намуда, нубуввати Бобаки Хуррамдинро ҳақ мешумориданд ва ду рукни асосии таълимоти маздакия – нуру зулмотро эътироф намуда, айшу ишратро раво медонистанд ва монанди маздакиён тарафдори умумияти мол, неъматҳои табиӣ ва занон буданд. Ба қавли Шаҳристонӣ “ ва онҳо қоил ба ҳалолу ҳаром нестанд”[1]

Ҳангоми хилофати Ҳорунаррашид шумораи хуррамдинон ба 100 ҳазор нафар расида буд ва хосатан дар ҳамин давра теъдоди онҳо меафзуд. Онҳо тавассути халифа саркӯб карда шуданд. Саранҷом дар соли 819 сурхҷомагон ё хуррамдинон таҳти роҳбарии Бобак дар Озарбойҷон қиём карда, муддати 22 сол озодона зиндагӣ доштанд.[2]

Дар ибтидои хилофати Маъмун бар асари валиаҳд интихоб намудани яке аз имомони исноашария **Алӣ ибни Мусо** ибни Козим (Имом Ризо) писари ҳафтуми Имом Ҷаъфари Содиқ мардумони суннимазҳаби Хуросон қиём намуданд. Онҳо дастаҳои худро бо хуррамдинон пайваст намуданд. Аз сабаби муносибати наздики сиёсӣ доштани сарвари шӯришгарон Бобаки Хуррамдин бо Фазл ибни Саҳл дар соли 819 Фазл ибни Саҳл аз ҷониби Маъмун кушта шуд. Ин куштор сабабу баҳонаи дар Усрушана ва Фарғона бо сарварии **Ковус** ном шахс сар задани ошӯби нави мардумӣ гардид. Дар ин айём бародари Ковус Ҳайдар ба дарбори халифа паноҳ бурда, аз исёни Фарғонаву Усрушана ба халифа хабар дод.

Ҳангоми авҷи ошӯби оммавии Усрушана ва Фарғона **Бобаки Хуррамдин** (798-838) барои даъват ва эҳёи ойини маздакия ба Мовароуннаҳр омада, бо ошӯбгарони минтақа мепайвандад. Чуноне ки аз таҳлили маълумоти сарчашмаҳо бармеояд, Бобак бо ёрии Сурхҷомагон чандин

---

[1] Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. Ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1. – С.377.

[2] Ҳақиқат Абдуррафеъ. Таърихи неҳзатҳои фарҳангии Эрониён [Матн] / А. Ҳақиқат. – Теҳрон: Ширкати муаллифон ва мутарҷимони Эрон, 1347. – С.225.

маротиба лашкарҳои Маъмун ва Муътасимро шикаст доданд, ки шумораи кушташудагони онҳо ба 500 000 мерасид.[1]

Аббосиён чанд маротиба барои пахш намудани ҳаракати Бобак кӯшиш намуданд. Халифа Маъмун бори дигар сарлашкари боистеъдоди худ Муҳаммад ибни Ҳамиди Тойиро ба ҷанги Бобак фиристод, лекин пас аз муҳорибаҳои пай дар пай Муҳаммад ибни Ҳамид кушта шуд.[2]

Пас аз кӯшишҳои зиёди нокомии халифа Абуисҳоқи Муҳаммад мулаққаб ба Муътасим (834-842) дар соли 836 бародари афшини Усрушана – Ҳайдарро, ки аз исёни мардумони Усрушана ва Фарғона ба ӯ хабар дода буд, маъмури аз байн бурдани ҳаракати Бобакия намуд. Ҳайдар бо 30000 марди ҷангӣ ба Усрушана ҳуҷум карда, бо Бобак ва пайравонаш набард намуд. Ҷангҳо ва кушторҳои хунин рӯй дод ва бисёре аз сипоҳиёни Бобак талаф доданд. Баъд аз талафоти зиёд Бобак шабона бо наздикони худ ба Арманистон фирор намуд.[3]

Ҳайдар баъд аз оне ки пайравони Бобакро бо бераҳмӣ шикаст дод, дар пайи дастгир намудани ӯ машғул шуд. Ӯ бо ёрии сипоҳи ҳокимони маҳаллӣ Бобаку Ковус ва сипоҳиёни онҳоро дастгир намуда, ба Бағдод фиристод. Бо амри халифа Муътасим дасту пойҳои Бобак ва асиронро бурида, тани онҳоро ба дор овехтанд ва сари Бобакро ба Хуросон фиристоданд.[4]

Академик Аҳрор Мухторов дар асари худ “Ҳайдари Истаравшанӣ бузургтарин лашкаркаши Араб. (Асри IX).” қайд менамояд, ки барои пахши ин шӯриш халифа ба Ҳайдар 20 000 000 дирҳам инъом кард.[5] Баъд аз саркӯбии ошӯб ва кушта шудани сарвари он, пайравони таълимоти бобакия ойини худро ниҳонӣ таблиғ мекарданд. Онҳо бори дигар дар замони халифаи

---

[1] Пирниё Ҳасан, Аббоси Иқбол. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Қоҷория [Матн] / Ҳ. Пирниё, А. Иқбол. – Теҳрон: Хайём, 1370. – С.100.

[2] Шодмон, М.М. Авзои умумии Хуросону Мовароуннаҳр дар даврони хилофати Аббосиён дар асрҳои IX ва X-и мелодӣ [Матн] / Масъуд Муҳаммадҳусайн Шодмон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино. – №3/4 (170). – С.12.

[3] Ҳақиқат Абдуррафеъ. Таърихи неҳзатҳои фарҳангии Эрониён [Матн] / А. Ҳақиқат. – Теҳрон: Ширкати муаллифон ва мутарҷимони Эрон, 1347. – С.228.

[4] Ҳамон ҷо. – С.228-229.

[5] Мухторов, А. Афшин Ҳайдари Истаравшанӣ бузургтарин лашкаркаши Араб (асри IX) [Матн] / А. Мухторов. – Истаравшан: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2005. – С.7.

Аббосӣ Восиқ Биллоҳ (847-882) дар Исфаҳон хурӯҷ карда, то солҳои 933 ҳаракати таблиғотии ниҳонии худро давом доданд.

Баъд аз фурӯнишонӣ ва қатли сарварони исёни Бобакия ошӯбҳои истиқлолхоҳии хусусияти динидошта бештар сар мезаданд. Аз ҷумлаи чунин ошӯбҳо исёни сипаҳбади Табаристон **Мозёр ибни Қорун** ба шумор меравад. Мозёр ибни Қорун аз низомиёни Табаристон буда, ба дини зардуштӣ эътиқоди комил дошт. Вай ба муқобили волии арабҳо ва хилофати Муътасим баромад намуд.[1] Дар ибтидо ин ҷунбиш аз ҷониби Абдуллоҳ ибни Тоҳир пахш карда шуда, Мозиёр инби Қорун баъд аз асир афтодан дар зиндони халифа ҳалок гардид ва ҷасади вайро дар Сомаро ба дор овехтанд.

Ба андешаи Р.Н.Фрай маъмулан ошӯбҳои зиддиарабӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр ба амал меомад, дар Форс ва қисматҳои ғарбии Эрон дасткуш пайдо намекарданд, зеро дар ҳудудҳои Эрони Шарқӣ ва Мовароуннаҳр ҳайтолиёну суғдиён ҳукмрон буданд, ки дар байни онҳо бо Эрони Ғарбӣ ягонагии эътиқоди динӣ ва муносиботи фарҳангию сиёсӣ устувор набуд.[2]

Дар аҳди хилофати Аббосиён нисбат ба замони Уммавиён теъдоди ошӯбу шӯришҳое, ки саросари Мовароуннаҳру Хуросонро фаро гирифта буданд, ба маротиб зиёд гардиданд. Мувофиқи андешаи В.В. Бартолд волиёни хуросоние, ки тавассути Аббосиён таъйин гардида буданд, то оғози ҳукмронии Тоҳириён бо ёрии арабҳо ва эрониёни муқимӣ зидди онҳо исён мекарданд. Билохира Сиистон ба маркази ошӯбҳои мардумӣ табдил ёфта, то ибтидои ҳукмронии Тоҳириён ва ҳатто Сомониён давом карда буд.[3]

Хулоса, ошӯбу исёнҳои дар ин давра баамаломада бештар хусусияти ақидатӣ, сиёсӣ, озодихоҳӣ ва иқтисодӣ доштанд. Зуҳури ошӯбҳои зиёди зиддиарабӣ ва баланд гардидани таъсиру нуфузи хонадонҳои маҳаллӣ таваҷҷуҳи халифаҳои аббосиро нисбат ба минтақа кам карда, дар охир ҷуз пардохти хироҷ аз Хуросон чизе умедвор набуданд. Барои мисол муаллифи

---

[1] Ҳазратӣ, М., Саидиён, И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / М. Ҳазратӣ, И. Саидиён. – Душанбе: Ориёно, 1992. – С.95.
[2] Ричард, Н.Ф. Наследие Ирана [Текст] / Ф.Н. Ричард. – М.: Наука, 1971. – С.336.
[3] Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1963. – Т.I. – С.256.

“Таърихи Сиистон” қайд менамояд, ки шуҳрати Яъқуби ибни Лайс бад-он ҷо расида буд, ки сафирон аз кишварҳои Туркистону Чин, Ҳинду Синд, Сурия ва Руму Африқо ба вай ҳадяҳо меварданд, чунки халифа маншури ҳукумати Хуросону Мовароуннаҳр, Макка, Мадина, Бағдод ва Ҳинду Синдро ба ӯ ҳавола карда буд. Зиёда аз ин дар матни фармони халифа ёдовар мегардид, ки “Ин ҳама ислом ва куфр туро додем бар он ҷумла, ки ҳар сол моро 20 ҳазор ҳазор (20 000 000) дирҳам фиристӣ”.[1] Маълум мегардад, ки қисми шарқии хилофат пурра таҳти таъсири хонадонҳои бузурги ҳукуматгари эронитабор қарор дошт.

Албатта натиҷа ва пайомади таърихии ҷунбишҳои мардумии Хуросону Мовароуннаҳр аз он иборат буд, ки дар натиҷаи онҳо таҳаввулоти фикрӣ ва ғоявии эрониён дар ҳама соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии хилофат роҳ ёфта, ба ин восита эрониён давлатшарики хилофат ва пешоҳангони соҳаҳои мухталифи олами ислом гаштанд. Илова бар ин, дар ин давра мардумони бумии Хуросону Мовароуннаҳр дар хилофат нафақат аксарияти табақаи равшанфикрону сиёсатмадоронро ташкил мекарданд, балки лашкар, низоми ҳарбӣ-сиёсӣ ва вазъи иқтисодии минтақа таҳти таъсири онҳо қарор дошт.

Муҳимтар аз ҳама натиҷаи шӯришҳои мардумӣ аз он иборат буд, ки як неруи бузург ва тафаккури зиддиарабиро дар Хуросону Мовароуннаҳр ба миён оварда тавонист. Илова бар ин мардумони бумии минтақаро аз ҷумлаи хонадонҳои бузургу муаззами Бармакӣ – Яҳё, Фазл, Ҷаъфар, хонадони Саҳли Сарахсӣ – Фазл ва Ҳасан ибни Саҳли Сарахсӣ, хонадони Пашунгӣ – Талҳа, Абдулло, Тоҳир ва Муҳаммад, хонадони Тусӣ – Фазл ибни Сулаймон (780 м) ва Ҷаъфари Тӯсӣ (788 м), хонадони Саффориён – Яъқуб ва Амр ибни Лайси Саффорӣ, хонадони Сомониён – Асад ва фарзандону хонаводагони онҳо аз ҷониби халифаҳои аббосӣ ба умури давлатӣ, ба мансабҳои волиёни Хуросону Мовароуннаҳр, вазирон ва сарлашкарон таъйин мегардиданд, ки ин ормони деринаи мардумони бумии Хуросони бузург дар роҳи ҳифзи марзу буми

[1] Назаров, Ҳ. Авомили сууд ва сукути давлати Сомониён [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Ирфон, 1999. – С.49-50.

аҷдодияшон буд. Аз ин ба баъд Тоҳир ибни Ҳусайн, Яъқуб ибни Лайс ва Асад ибни Сомон дар назди халифа эътибори фавқуллода пайдо намуда, минбаъд идораи Хуросону Мовароуннаҳр ба хонадонҳои Тоҳириёну Саффориёну Сомониён интиқол ёфта, пас аз чанде истиқлолияти ҳудудиву маъмурии хешро дар шакли аморат ба даст оварданд.

Бо натиҷагирӣ аз таҳлили манбаву сарчашмаҳои таърихӣ метавон раванд ва мақсаду махсусиятҳои муборизаҳои озодихоҳонаи мардумони Хуросону Мовароуннаҳрро ба се марҳила тақсим намуд:

1. Марҳилаи аввал аз ибтидои лашкаркашӣ ба марзҳои Хуросон то соли 705-ро дар бар гирифта, хусусият ва мақсади муборизаҳои ин марҳила озоди комил шудан аз арабҳои ғосиб ва ислом баҳри ҳифзи марзу буми аҷдодӣ боқӣ мондани ойни гузаштагони худ иборат буд.

2. Марҳилаи дувум муборизаҳои солҳои 705-750-ро дар бар гирифта, дар ин давра муборизаҳо хислати қавмӣ-озодихоҳонаро касб намуда, барои дур намудани арабҳо аз сарзамини аҷдодӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ-инсонӣ ва ахиран қабули исломи классикӣ-ноб иборат буд.

3. Марҳилаи сеюм аз соли 750 оғоз гардида, то соли 819 идома ёфт. Мақсади муборизаҳо дар ин марҳила танҳо ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ иборат буд, ки дар ин марҳилаи муборизаҳо низ онҳо ғолиб гардида, аввалин давлатҳои сулолаҳои маҳаллии минтақаро ба сари ҳокимият оварданд.

Бо вуҷуди неруи бузурги низомӣ ва таъсири зиёди иҷтимоӣ доштан, раҳбарони шӯриш натавонистанд Хуросону Мовароуннаҳрро аз шарри арабҳо ва ҳукумати онҳо раҳо кунанд, зеро ин ҷунбишҳо аз нигоҳи ақидатӣ заиф буда, барномаи мушахаас надоштанд. Аммо ҳамин шӯришҳо боиси бедориву огоҳии мардуми минтақа гардиданд, ки дар давраи баъдӣ самараи онро хубтар мебинем.

Шӯришу ошӯбҳои мардумӣ сарфи назар аз он ки ҳамаи онҳо ба шикаст рӯ ба рӯ шуданд, вале барои коҳиш додани ситаму ҷафои халифаҳои араб ва намояндагони онҳо нақши муҳим гузоштанд. Инчунин пояҳои

ҳукумати халифаҳоро заиф сохтанд. Агар ҷунбишҳои нимаи аввали асри VIII ба ҳукумати ситамгори Умавиён хотима дода бошад, пас қиёмҳову ҷунбишҳои нимаи дувуми асри VIII ва аввали асри IX хилофатро ба ақибнишинӣ водор сохт, ки яке аз натиҷаҳои он ба қудрати сиёсӣ роҳ ёфтани хонадонҳои маҳаллии тоҷикон ба шумор меравад.

БОБИ IV. ПАЁМАДҲОИ ЗАБТКОРИҲОИ АРАБ ВА ПАҲНШАВИИ ДИНИ НАВ ДАР ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ

§4.1. Инъикоси раванди исломикунонии Хуросону Мовароуннаҳр дар сарчашмаҳои таърихӣ

Раванди забткориҳои араб ва паҳншавии ислом дар миёни мардумони Хуросону Мовароуннаҳр, яке аз масъалаҳои муҳимми илми таърихнигорӣ ва фарҳангшиносӣ мебошад. Ба ин нигоҳ накарда то имрӯз муҳаққиқон ба таҳлили интиқодӣ ва илмии он чандон диққати зарурӣ зоҳир накардаанд. Бештар масъалаҳои хусусияти этникӣ, диншиносӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ ва хосатан фарҳангидошта, дар гузашта танҳо аз нигоҳи арзишҳои таълимоти марксистӣ ва дар доираи методология ва усулҳои «атеизми ҷанговар» ва «партиявияти фалсафӣ» якҷониба арзёбӣ гардидаанд. Ҷои шакку шубҳа нест, ки истилои «арабҳои бефарҳанг ва таҷовузгар» фарҳангу иқтисодиёти ин минтақаро барои садсолаҳо ба ақиб бурда, миллионҳо мардумони одӣ ба қатлу куштор расиданд. Сарзамини дар гузашта тараққиёфтаву пешрафта ба харобазор табдил ёфта, мардумони он барои ҳифзу нигоҳ доштани ойину фарҳанг ва анъанаҳои аҷдодони худ аз шаҳрҳо фирорӣ гардида, кӯҳистону минтақаҳои касногузарро макони зист интихоб карданд ва то охирин нафас барои озодӣ ва ҳифзи ҳувияти худ, мубориза бурданд. Ҳамзамон буҳрони саросарӣ дар қаламрави Сосониён ва низоми давлатдории онҳоро набояд фаромӯш кард, зеро дар таърихи кишвардорӣ маҷмуи умумии масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ба даврони буҳрони саросарии ҷомеа бурда, онро ногузир ба шикасту суқути сартосарӣ рӯбарӯ месозад. Дар чунин марҳилаҳои таърихӣ тағйироту дигаргуниҳо дар ҷавҳару шуури инсон ва ҳаёти фарҳангӣ-иҷтимоӣ ва шуури ҷомеа тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд меоранд.

Освалд Шпенглер (1880-1936) дар «Суқути Аврупо», ки дар арафаи Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ навишта буд, ба «раванди таърихӣ» баҳои хосса дода, тарзи идроку фаҳмиши таърихро дар доираи тақсимоти худ нишон медиҳад ва изҳор месозад, ки таърихи башарият як раванди ягона ва беохир набуда,

дорои марзҳои муайян аст. Воқеан таърихро метавон дар ҳолате дарк намуд, ки ба он ҳамчун маҷмуи фарҳангҳои ҷудогонаи ҳамҷавор, ки ба тадриҷ зуҳур мекунанд, нигарист. Мутобиқ ба таълимоти «марҳилаҳои таърихӣ»-и О. Шпенглер ин фарҳангҳо дар раванди инкишоф, қонунҳои худро дошта, даврахои зуҳур, ташаккул, рушд, шукуфоӣ ва суқутро доранд. Освалд Шпенглер ҳар як фарҳангро дар доираи таълимоти «фалсафаи биологии таърих» ҳамчун организми зинда баррасӣ намуда, ба хулосае меояд, ки онҳо дорои «руҳу ҷон»-и хоси худ мебошанд.[1]

Дар иртибот бо ин назария метавон хулоса кард, ки бо сипарӣ шудани ин марҳилаҳо дар низоми иҷтимоии империяи эрониён, фарҳангу тамаддуни авастоӣ «ҷону руҳи» худро аз даст дода, ба суқут расиданд ва дар матни вай «руҳи» дигар ворид шуд ва ҷомеаро аз фарҳанги дигар баҳраманд сохт ва дар даврони «эҳё»-и муҷаддади худ нобиғагонеро рӯйи кор овард ва илми тозае ба ҷаҳон дод. Аз ин рӯ дар бораи исломпазирии мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар таълифотҳои муаррихон фикру ақидаҳое мушоҳида мешавад, ки таърихро дар доираи раванди «табармусалмонӣ» ва тафаккури араби саҳронишин маҳдуд кардаанд. Инчунин пайдоиши ислом дар нимҷазираи Арабистону густариши бештари он аз ҷониби мардумони ғайриараб низ боиси таваҷҷуҳи олимон гардидааст, ки ба ақидаи Муртазо Мутаҳҳарӣ “ислом ин масъаларо дар ҳамон оғози зуҳури худ пешбинӣ кард ва бо таън задан ба аробе, ки ба Қуръон кофар буданд ояндаи пуршукуҳи худро дар миёни милали дигар ба ҳамагон навид дода буд”.[2]

Парокандагии сиёсиву иҷтимоӣ, барҳӯрдҳои мазҳабӣ ва истибдоди аз ҳад зиёди руҳониёни зардуштӣ дар давраи зуҳури ислом шоҳаншоҳии Сосониёнро заиф намуда, мардумони одӣ дар интизори наҷотбахши хеш қарор доштанд, ки онҳоро аз ин мушкилӣ бираҳонад. Чунон менамуд, ки гӯё наҷотдиҳандаи ин мардумон “ойини нав” буда бошад.

---

[1] Шпенглер, О. Закат Европы [Текст]: образ и действительность / О. Шпенглер. – М.: Наука, 1993. – С.124

[2] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – С.32.

Дар Қуръони карим доир ба хусусияти оламшумул ва адолатхоҳона доштани ойини нав руҳияи қавму миллатҳои дигарро нисбат ба дини нав ва аз тариқи он ба қавми араб ва пазируфтани ислом муносиб сохта буд. Чунин дастурҳо ва хусусияти қонунӣ доштани ояҳо баробари нозил шуданашон дар рӯзҳои аввали зуҳури ин ойин тарафдорони худро дар байни қавмҳои дигар низ пайдо кард: ки мазмунаш чунин аст: «Агар инон (аъроб) ба Қуръон кофир шаванд, ҳамоно мо касонеро хоҳем гуморид, қадри онро бидонанд ва ба он муъмин бошанд»[1].

Дар сураи Муҳаммад низ пазириши ибтидоии ислом аз ҷониби эрониён ва аҳвоми дигар хеле равшан баён шудааст: «Агар шумо ба Қуръон пушт кунед, гуруҳе дигар ҷойи шуморо хоҳад гирифт, ки монанди шумо набошанд».[2] Ба қавли муҳаққиқон манзур аз қавми дигар «маволӣ», яъне эрониён буд.

Бар хилофи дину ойинҳои қаблазисломӣ, ки ҷанбаи нажодӣ ва табақотӣ доштанд, ойини нав пайравони худро, сарфи назар аз мансубияти қавмӣ, нажодӣ ва забонӣ як миллати бародар ва баробар эълон карда, аз ҳуқуқи мискинон, занон ва ғуломон ҳимоят кард. Ба ҳамин тариқ, дини нав аз ҳамон давраҳои аввали зуҳури худ ҷанбаи умумӣ ва оламшумул пайдо намуда, ба табиати эрониён созгор буд, ки маҳз дар ҳамин асос заминаҳои густариши он дар ҷомеаи эронӣ муҳайё мешуд.[3] Ҷунбишҳои мазҳабие, ки дар бобҳои гузашта аз он ёдовар шудем ва муборизаи шадиди идеологӣ байни динҳои қаламрави Сосониён дар ҷаҳонбинии мардум таъсир гузошт. Ҳазорон нафар ба дину ойинҳои масеҳӣ, буддоӣ ва ғайра гаравиданд, ки баёнгари буҳрони маънавии ҷомеа мебошад.

Қаблан зикр гардид, ки мувофиқи маълумоти Муртазо Мутаҳҳарӣ паёмовари ойини навин дар соли 6-уми ҳиҷрӣ (628 мелодӣ) ба сарони мамолики атрофи худ нома фиристода, паёми худро ошкор ва онҳоро ба

---

[1] Сураи «Анъом» -89 [Матн] // Қуръони карим / тарҷумаи М. Умаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011.
[2] Сураи «Муҳаммад» -38 [Матн] // Қуръони карим / тарҷумаи М. Умаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011.
[3] Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Пайванд, 2005. – С.154-155.

қабули дини ислом даъват намуд. Як нома ба дасти шоҳаншоҳи Сосониён – Хусрави Парвиз расид ва бо хусумати зиёд пора карда шуд. Дар баробари ин Хусрав ба ҳокими Яман Саид ибни Ҳорис – хироҷгузор ва дастнишондаи шоҳаншоҳии Сосониён, супориш дод, ки шахсе, ки дар Мадина даъвои пайғомбарӣ дорад, дошта ба назди Хусрав биёранд. Ҳанӯз фиристодагони ҳокими Яман ба Мадина нарасида буданд, ки Ширӯя падари худ – Хусравро ба қатл расонида, шоҳаншоҳии Сосониёнро ба дасти худ гирифт. Вай ба ҳокимони худ нома фиристода, Бозон ва бошандагони Яманро ба итоати худ хонд ва чунин таъкид намуд, ки «шахсеро, ки дар Ҳиҷоз мудаии нубувват аст, озод бигузорад ва муҷиби нороҳатии ӯро фароҳам насозад»[1].

Чуноне ки таъкид намудем, сабаби исломпазирии эрониёнро иддае аз муҳаққиқон дар таназзули сохти ҷамоаи ибтидоӣ ва ташаккули ҷамъияти синфӣ, иддае дар тағйир ёфтани шуури ҷамъиятӣ ва ғ. маънидод менамоянд, ки гӯё бисёрхудоӣ (политеизм) ҷойи худро ба яккахудоӣ (монотеизм) иваз намуд ва боиси гаравидани мардумони зиёд ба ислом гардид.[2]

Ба ақидаи Эдуард Браун рафтори ситамгаронаи мӯбадон нисбат ба пайравони мазоҳибу адёни дигар сабаб шуд, ки ҳисси буғзу кинаи шадид дар дили бисёре аз сокинони Эрон нисбат ба ойини Зардушт падид ояд ва истилои араб ҳамчун наҷот ва раҳоии Эрон аз чанголи зулм дарк шавад.[3] Ҳатто ҳангоми зуҳури дини нав эрониёни сокини вилоятҳои ғарбиву марказии шоҳаншоҳии Сосонӣ исломро бо ирода ва рағбати худ қабул доштаанд ва дар густариши он миёни қавмҳои дигар саҳмгузор буданд.

Дар масъалаи ба ислом гаравидани аҳолии Эрону Хуросону Мовароуннаҳр пажӯҳиши донишманди итолиёӣ В. Буллет хеле муфид аст. Ба гуфтаи В. Буллет дар арафаи пайдоиши ислом парокандагии сиёсӣ дар ҷомеаи эронӣ ва ҷамъоварии хироҷҳои мустақим ва ғайримустақим аҳволи мардумро ниҳоят вазнин карда буд: «Падидаҳое монанди озору азияти

---

[1] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – С.45.
[2] Мавлютов, Р., Маҷидов, Р. Ислом [Матн] / Р. Мавлютов, Р. Мачидов. – Душанбе: Ирфон, 1980. – С.9.
[3] Эдуард Браун. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Э Браун; тарҷумаи Алипошои Солеҳ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1336 ш. – С.299.

пайравони як дин, вазъи молиёти гуногун барои пайравони адёни мухталиф ва пардохти подошҳои молии мустақим ва ғайримустақим ба гаравандагон метавонад дар мизони гаравиш муассир бошад»[1].

Андешаҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки мутобиқи онҳо гӯё қисмати зиёди ашхосе, ки бо «ихтиёру иродаи худашон» тағйири мазҳаб карда буданд. Қобили зирк аст, ки баъд аз истилои арабҳо ва сипарӣ шудани асрҳову наслҳои зиёд нуфузу эътибори ислом зиёд мегардид ва иртиботу алоқаи эрониён нисбат ба он ба тадриҷ меафзуд.

Бидуни шак агар ҷанбаҳову сабабҳои исломпазирии эрониёнро таҳлил намоем, омилҳои зиёд равшан мегарданд, вале ба ақидаи мо муҳимтарини онҳо ба тариқи зайл буд:

- муборизоти доманадори фарҳангии юнониҳо, румиҳо, аҳли яҳуд ва насрониҳо дар қаламрави шоҳаншоҳии Сосониён;
- мавҷуд набудани ғоя ва дини ягонаи муттаҳидкунанда дар авохири шоҳаншоҳии Сосониён;
- густариш ва пазириши буддоия, масеҳият, маздакия, монавия ва дигар ойинҳо дар қаламрави шоҳаншоҳии Сосониён;
- парокандашавии давлати муттамарказ, буҳрони шадиди иҷтимоӣ ва зуҳури ҷунбишҳои қавмӣ дар давлати Сосониён;
- таъсири омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ;
- буҳрони асосҳои маънавию ахлоқии ҷомеа;
- мавҷуд будани низоми иқтисодӣ ва иҷтимоии ғайрифаъол дар давлати Сосониён;
- арзишҳои диққатҷалбкунандаи дини нав (ислом), хусусиятҳои ахлоқӣ ва башардӯстонаи он;
- эътирофи таърихи динҳои яҳудӣ ва насронӣ аз ҷониби ойини навин;
- дарки моҳияти раванди нави таърихии ҷаҳон;
- суқути ғояҳои маънавии динҳо мазҳабҳо ва ҷараёнҳои собиқ;

[1] Буллет, В.Р. Гаравиш ба ислом дар қуруни миёна [Матн] / Р.В. Буллет; тарҷумаи Муҳаммад Ҳусайни Виқор. – Теҳрон: Таърихи Эрон, 1364. – С.33-34.

- раҳоӣ аз хироҷи бесобиқаи Сосонӣ ва ҷизяи исломӣ;
- муҳоҷирати иҷбории арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр бо мақсади омезиш додани арабҳо бо қавмҳои эронинажод;
- рушди муносибатҳои хешутаборӣ ва омезиши қавмҳо;

Агар дар ибтидои зуҳури зардуштия ба маънои дини миллӣ дар иттиҳоду ягонагии эрониён нақши муҳим бозида бошад, ҳангоми паҳншавии ислом дар саросари императории Сосониён чунин ҳолат ба назар намерасид, зеро дар даврони ҳукумати онҳо дину ойинҳои бениҳоят мухталиф русух намуд, ки бо сабабҳои дигари иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ барои интишор ва густариши ислом дар ин сарзамин замина фароҳам оварданд. Дини ислом руҳонияти бештар ва ваҳдати комил касб намуда, бисёрхудоӣ, бутпарастӣ ва ниёишу парастиши унсурҳои табииро комилан инкор мекард ва аз ҳама гуна маҳдудиятҳои миллию нажодӣ озод буд. Дар баробари ин ваъдаи “баробарию бародарӣ” ва “таъмини адолати иҷтимоӣ” дар таъмини истиқрори ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр мусоидат намуданд. Муҳимтарин омили исломпазирии эрониён мафкураи фарҳангӣ ва ковишгарии онҳо буд, ки дар талаб ва ҷустуҷӯи ғизои маънавии нав қарор дошт ва гуруҳҳои муайяни форстаборон аз рӯйи майлу хоҳиши худ хостгори ойини нав мешуданд.

Мо ақидаи маҷбуран ба ислом гаравидани аҳолиро, ки аз ҷониби баъзе муҳаққиқон тарғиб мешавад, рад карда, исломпазирии аҷдоди тоҷикро раванди тулонӣ ва дониставу огоҳона мешуморем. Муҳаққиқи эронӣ Муртазо Мутаҳҳарӣ ба он бовар буд, ки «имкон надошт гуруҳи қалиле аз мардумони араб, ки мусалламан идаашон ҳеч вақт ба чандсад ҳазор намерасид, битавонанд миллати чандинмиллёниро маҷбур ба тарки дину ойини худ бикунанд».[1]

Ба андешаи мо яке аз омилҳои гаравидани мардумони Эронзамин ба ойини нав ин дар асоси муборизаҳои доманадори фарҳангии юнониҳо, румиҳо, аҳли яҳуд ва насрониҳо дар қаламрави шоҳаншоҳии Сосониён ва

[1] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – С.88.

камрангу бетаъсир намудани дини расмии кишвар маҳсуб мегардад. Дар қисмати марказӣ ва ғарбии шоҳаншоҳии Сосониён баланд гардидани эътибори фарҳанги юнонӣ ва дини насронӣ, инчунин дар қисмати шарқии он баланд гардидани нуфузу эътибори буддоия, яке аз омилҳое мебошад, ки мардуми шоҳаншоҳиро дигар ҳеҷ вақт дар ақида муттаҳид карда натавонист ва муборизаҳои онҳо бо дини расмии кишвар мардумро ба дод оварда буд.

Парокандашавии давлати муттамарказ, буҳрони шадиди иҷтимоӣ, буҳрони асосҳои маънавию ахлоқии ҷомеа ва зуҳури ҷунбишҳои қавмӣ дар давлати Сосониён аз омилҳои дигари ба ислом гаравидани мардумони минтаҚа ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ҳамин давра, бар асари буҳрони шадиди иҷтимоӣ ҷунбишҳои қавмӣ шакл гирифта, ба парокандагии сиёсии шоҳаншоҳӣ оварда расонд, ки ин омил дар раванди иҷбории исломгаравии мардуми Хуросону Мовароуннаҳр кумак намуд.

Буҳрони дохилии иқтисодӣ ва сиёсӣ, коҳиш ёфтани захираҳои иқтисодӣ, аз ҷиҳати ҳарбӣ камқувват ва тезутунд гардидани зиддиятҳои иҷтимоиву сиёсии Руму Эрон ва неру гирифтани туркҳо дар қисмати шарқии давлат омилҳое мебошанд, ки ба арабҳо имконият доданд, Эронро ба осонӣ забт намоянд. Аҳолии аз зулму истисмор батангомада арабҳоро ҳамчун озодкунандагони худ пешвоз мегирифтанд. Аз ин рӯ бештари исломшиносони рус, аз ҷумла Грязневич П.А. сабабҳои исломпазирии аҚвоми Эрони сосониро дар солҳои 30-40-уми асри VII, махсусан дар омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебинанд.[1] Ислом тавонист аз ҳуқуқҳои фардӣ ва иқтисодии кишоварзон, ки қисмати зиёди ҳосили бадастовардаи худро ба заминдорону хироҷгундорони расмӣ ва ғайрирасмӣ медоданд, пуштибонӣ намуда, аз рӯзҳои аввалини гаравидани мардумони эронӣ ҳуқуқҳои табиӣ ва иқтисодии онҳоро дар бобати доштани замин ва хироҷу андози ягона таъмин намояд.

Омилҳои сиёсии гаравидани ислом аз он иборат буд, ки иддаи ками аҳолӣ, бахусус ҳокимону мансабдорон аз заиф гардидани ҳокимияти

[1] Ислам религия, общество, гасударство [Текст]. – М.: Наука, 1984. – С.10.

Сосониён на аз рӯйи майлу рағбат, балки барои боқӣ мондан дар мансабу манзалати худ ислом «меоварданд». Ба ақидаи Абдурраҳмон ибни Халдун ҳангоме ки Яздигурд ба Рай фирор намуд ва марзбони он Обон Ҷодӯя бо зӯрӣ аз дасти Яздигурд ангуштарии ӯро гирифт, то дар санадҳои навиштаи худ муҳри Яздигурдро зада, онҳоро ба Саъд ибни Ваққос бурданд. Барои ин амал Саъд волигии Райро ба ӯ бахшид.[1] Ба андешаи Табарӣ ба Қутайба пешниҳод кардани калиди шаҳр аз ҷониби ҳокими Чағониён – Тиш омили дигари сиёсии беҷанг пазируфтани дини нав буд.

Мисоли дигар, Моҳӯя аз итоати шоҳаншоҳи Сосонӣ саркашӣ намуда, ҳангоми ҳуҷумҳои нахустини арабҳо исломро қабул намуда, тобеияти худро ба Хилофати араб иброз дошт. Дар натиҷа халифаҳо ба онҳо бовар намуда, ҷамъоварии ҷизяро ба ихтиёрашон супурданд. Дар навбати худ ин ҳокимон дар ислом овардани мардумони минтақа ва зуҳури силсилаҳои мустақили ҳокимони мусалмони эронӣ саҳми калон доштанд.

Омили дигари исломпазирии эрониён – тоҷикон ба ақидаи Г. Э. Грюнебаум ин **раҳоӣ аз ҷизя** буд. Дар давраи заволи хилофати Умавиён, аниқтараш дар замони хилофати Умари II ба мардумони Хуросону Мовароуннаҳр пардохти ҷизя ва хироҷро таъйин намуданд, ки ин амал аз беҳуқуқии мардумони баисломгаравида далолат мекард.[2]

Дар ин маврид Умар ибни Абдулазиз (717-720) ба волии Хуросон Ҷарроҳ навишта буд, ки «бибин, ҳар ки сӯйи қибла намоз мегузорад, ҷизяро аз гардани ӯ соқит кун».[3] Пас аз расидани ин амр теъдоди зиёди мардум ба пазируфтани ислом шитобиданд. Ин омили исломпазириро бо далели дигар аз гуфтори Наршахӣ низ метавон мисол овард: «Қутайба ибни Муслим масҷиди ҷомеъ бино кард андар ҳисори Бухоро ба соли наваду чаҳор (713). Ва он мавзеъ бутхона буд. Мар аҳли Бухороро, фармуд, то ҳар одина дар он ҷо ҷамъ шудандӣ, чунон ки ҳар одина мунодӣ фармудӣ: «Ҳар ки ба намози

[1] Абдурраҳмон ибни Халдун. Таърих [Матн] / А. Халдун; тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ. – Теҳрон: Парчам, 1363. – Ҷ.1. – С.548.
[2] Грюнебаум, Г.Э. фон. Классический ислам. Очерки истории (600-1258) [Текст] / Э.Г. фон Грюнебаум; пер. с анг. И.М. Дижура; предис. В.В. Наумкина. – М.: Наука, 1988. – С.71.
[3] Ғоибов, Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006. – С.144-145.

одина ҳозир шавад, ду дирам бидиҳам»[1]. Аз овардаи Наршахӣ ба хубӣ фаҳмида мешавад, ки дар баробари озод кардани мардуми мазлуми Бухоро аз ҷизя, боз барои истиқрори комили ислом Қутайба фармон содир менамояд, ки ҳар ки ба намоз ҳозир мешавад ва фароизи исломиро ба ҷо меорад маблағ низ мегирад. Албатта ин иқдом мардуми солҳои тулонӣ қашшоқ гардидаи Бухороро руҳбаланд намуда, исломпазирии онҳоро дар ояндаи наздик таъмин намуд.

Тибқи ахбори сарчашмаҳо пас аз чанде дар баробари амалӣ намудани ин амри волии Хуросон, иддае аз сокинони қисматҳои шимолу шарқии императории Сосониён, бахусус сокинони Мовароуннаҳр исломро пазируфтанд. Вале аз сабаби кам шудани даромади хазинаи хилофат аз ҳисоби ҷизя, онро дубора бар дӯши мардумони ин минтақа бор намуданд, ки боиси ба вуҷуд омадани ошӯбҳои оммавӣ гардид.

Ҳамин тариқ, марҳила ба марҳила баъд аз гузашти муддатҳои зиёд, мардумони ин минтақаи бузург эътиқодан ба ин ойини тавҳидӣ рӯ оварданд. Махсусан, дар замони хилофати Умавиён қисмати бештари бошандагони Хуросону Мовароуннаҳр исломро пазируфтанд. Лекин он ҳама зулму маҷбуриятҳое, ки арабҳои аҷнабӣ дар ин сарзамин бар души мардумони бумӣ бор карданд, боиси сар задани хашму ғазаби мардум нисбат ба қавми араб ва бефарҳангу бемаърифат будани онҳо гардид, на ин ки нисбати ислом. Барои дарки моҳияти ойини нав ва яккахудоӣ мардумони минтақа аз халифаи давр хоҳиш ба амал оварданд, ки Қуръонро тарҷума ва намозу маросимҳои диниро ба забони дарӣ иҷозат диҳанд.

Муҳаққиқи рус С. Л. Василев дар баробари ин амалҳо омили дигари густариши минбаъдаи исломро дар омили фарҳангӣ, дарки моҳияти башардӯстонаи таълимоти ислом, дарки муҳтавои қавонини дин, ҳадафҳои он дар баробари аз худ кардани забони арабӣ аз ҷониби мардумони минтақа мебинад. Ӯ чунин ақида дорад, ки баъди маҷбуран омӯхтани забони арабӣ

[1] Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – С.15.

барои дарки маънии Қуръон якбора гаравиши бемайлони мардум ба ислом дар Эрону Осиёи Миёна зиёд гардид.[1]

Андешаи С.Л. Василев ба ҳақиқат наздик аст, зеро омӯзиши ҳамаҷониба, дарки муҳтаво ва ҷузъиёти арзишҳои бунёдии Қуръон, хосатан дар давраҳои гузариш аз ҳукумати хилофати Умавиён ба сулолаи Аббосиён, ки давлати форсигуна буд, ба авҷи аъло расид. Сокинони Мовароуннаҳру Хуросон баъд аз машаққатҳои зиёд, ки аз арабҳо дар раванди гироиш ба ислом дида буданд, бидуни пофишорӣ ва ба хоҳиши худ исломро пазируфтанд.

Яке аз роҳҳои гаравидани эронитаборон бо фаҳмондадиҳӣ ва пешниҳоди сарфу наҳви арабӣ дар миёни аҳвоми дигар бастагӣ дорад. Дар ин соҳаи илм низ аҷамиён корҳои беназир анҷом доданд. Дар илми наҳв (дастури забони арабӣ) Себӯя, Абуалии Форсӣ, Заҷҷоҷ ва як гуруҳи дигар бар асари омӯхтани забони арабӣ ва омезиш бо араб ин забонро ба сурати қонунӣ даровардaнд.[2] Эрониён бо хизматҳои фарвоне, ки дар самти таблиғи илму дониш анҷом доданд, мартабаи иҷтимоии онҳоро ҳамчун фозил, ҳаким, ориф ва ғайра боло мебурд. Ин манзалат нисбат ба аҷамиён аз осмон нузул накарда буд, балки натиҷаи заҳматҳои шабонарӯзии олимони соҳаҳои мухталиф буд, ки билохира дар асрҳои VIII-XI ба «эҳёи Аҷам» овард ва Шарқи исломиро ба маркази омӯзиши илмҳо табдил дод.

Дар баробари ин, сабаби дигари гироиши эрониён ба ислом рушди муносибатҳои хешутаборӣ, омезиши қавмҳо, оиладоршавӣ, наздикшавӣ ва ҳамхуншавии мардумони минтақа бо қавми араб ба ҳисоб меравад. Ҳанӯз аз ибтидои зуҳури ислом издивоҷи арабҳо бо эрониён ва ба умуру сохторҳои ҳукуматӣ ҷалб кардани эрониён дар гӯшаҳои мухталифи хилофат густариш ёфта, ин омил раванди густариши дини навро дар миёни эрониён вусъат бахшид. Ба ислом гаравидани Салмони Форсӣ яке аз аъзоёни «оилаи Пайғамбар» ва дар замони хилофати Умар волии Мадойин интихоб гардидани ӯ шоҳиди гуфтаҳои боло мебошад.[3] Илова бар ин, издивоҷи

[1] Васильев, Л.С. История религий Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: Высшая школа, 1988. – С.121.
[2] Давонӣ Алӣ. Ҳазораи шайх Тӯсӣ [Матн] / А. Давонӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1362. – Ҷ.1. – С.162.
[3] Омулӣ Ҷаъфари Муртазо. Салмони Форсӣ [Матн] / М.Ҷ. Омулӣ. – Теҳрон: Таблиғоти исломӣ, 1370. – С.10.

Шоҳофарид – духтари эронӣ бо халифаи умавӣ Валид ибни Абдулмалик ва ба хилофат расидани писари онҳо – Язид ибни Валид ибни Абдулмалик, инчунин издивоҷи халифа Зиёд бо Марҷона ва ба хилофат расидани Убайдуллоҳ ибн Зиёд давлатшарик ва руҳонияти ягонаи ин қавмҳоро инъикос менамояд.[1]

Дар ибтидои хилофати Умавиён раванди дигари гароиши эронинажодон ба ислом ба чашм мерасид, ки он аслан ба таври сунъӣ ва ё маҷбурӣ кӯчонидани қавми араб ба минтақаҳои мухталифи Хуросону Мовароуннаҳр ва бо ин роҳ омезиш ёфтани фарҳангу маънавиёти қавмҳо ба шумор мерафт. Барои мисол Зиёд ибни Абисуфён яке аз ҳамқавмони наздики худ Рабеъ ибни Зиёдро дар соли 671 волии Хуросон таъйин карда, дар ҳамроҳӣ бо вай дар ҳудуди панҷоҳ ҳазор тан аз аҳли Басраву Куфа бо хонаводаҳояшон ба ин минтақа муҳоҷир карда буд. Мувофиқи маълумоти донишманди амрикоӣ Ричард Фрай теъдоди ин муҳоҷирон бо иловаи занону кӯдакон тахминан дар ҳудуди 200 ҳазор нафарро ташкил медод. Ин шакл ва раванди гаравиш ба ислом дар миёни бумиёни Хуросон дар даврахои мухталиф чанд маротиби дигар низ сурат гирифта буд. Баъдан дар доираи ин таҷриба соли 683 гуруҳи бузурги арабҳо, ки бештар намояндагони қабоили Тамим, Рабиа, Музар, Тай, Азд ва ғайраҳо буданд ба Хуросону Мовароуннаҳр кӯч баста, дар дохили шаҳрҳои Исфаҳон, Марви Шоҳҷон, Кеш, Нахшаб, Чоч, Бухоро ва ғайраҳо маскан гирифтанд.[2] Яъқубӣ низ дар “ал-Булдон”-и хеш як нуктаи ҷолиби диққатро зикр менамояд, ки ба омезиши қавмии арабу аҷам бастагӣ дорад: Ва дар тамоми шаҳрҳои Хуросон қавме аз араб, аз Музару Рабеа ва дигар тавоифи Яман ҳастанд, магар дар Усрушана, чи онон арабро аз ҳамҷавории хеш монеъ мешуданд.[3]

---

[1] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – С.95.

[2] Раҳмон, Э. Забони миллат-ҳастии миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – С.163-165.

[3] Аҳмад ибни Абияъқуб ибни Возеҳ ал-Яъқубӣ. ал-Булдон [Матн] / А. Яъқубӣ; тарҷумаи доктор Муҳаммадиброҳими Оятӣ; баргардонкунанда аз хатти форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии Тоҷик, 2022. – С.79.

Дар робита ба муҳоҷират ва маскуншавии арабҳо дар мисоли Бухоро Абубакри Наршахӣ дар “Таърихи Бухоро” возеҳу барҷаста таъкид кардааст: “...аз дари Атторон то дари Ҳисор ва аз он ҷо то ба дари Нун мар қабилаҳои Рабиа ва Музарро буд ва боқӣ аҳли Яманро”.[1] Ҷои дигар меорад, ки қисме аз арабҳо дар наздикии Дарвозаи Кабрия (Габрия)-и Бухоро низ мезистанд.[2]

Ин тамоюл дар баробари муборизаҳои шадиду исёнҳои мардумӣ ва табиату иқлими дар замистон ҳокими Мовароуннаҳр шиддат гирифта, дар замони қоимақоми Мовароуннаҳр таъйин шудани Қутайба ибни Муслим хусусияти оммавӣ гирифт. Мувофиқи маълумоти Наршахӣ вақте Қутайба фармон дод, ки мардумони Бухоро нима аз хонаҳо ва амволи хеш ба арабҳо диҳанд, қисме аз мардум, ки исломро напазируфта буданд, хонаҳои худро дар ихтиёри аҷнабиён гузошта, “берун аз Девори Бухоро барои худ 700 кушк бино намуданд”.[3] Мисоли равшани дигар дар сарчашмаҳо дарҷ шудааст ин, ки маскан гирифтани қушун ва занону фарзандони арабҳо дар ҳудуди Чағониён (мавзеи Айваҷи ноҳияи Шаҳритузи имрӯза) маҳсуб мегардад.

Ба доираи таҳқиқ маълум гардид, ки арабҳо баъд аз забти Марв онро ба пойгоҳи низомии худ табдил дода, теъдоди зиёди қушуни араб дар ин шаҳр муқимӣ шуданд ва мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ шумори онҳо то 175 ҳазор нафар мерасид. Ҳузури миқдори азими арабҳои истилогар дар миёни халқҳои ориёӣ ва омезиши онҳо яке аз омилҳои муҳимми паҳншавии дини нав шуморида мешавад.[4] Баъд аз муқимӣ шудани арабҳои муҳоҷир, онҳо бо мардуми минтақа омезиш ёфта, наздикшавии муносибатҳои хешу таборирро вусъат доданд ва дар натиҷа аҳолии минтақа исломро бештар қабул намуд, ки ин андешаро бо овардани маълумоти Балозурӣ асоснок менамоем. Қутайба аъробро дар Мовароуннаҳр сукунат дод ва то сарзамини Фарғона ва

[1] Наршахӣ Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро [Матн] / М.Ҷ. Наршахӣ; бо кӯшиши Муҳаммадтақии Муддариси Разавӣ. – Теҳрон, 1363. – С.43.
[2] Ҳамон асар. – С.43.
[3] Ҳамон асар. – С.43.
[4] Раҳмон, Э. Забони миллат-ҳастии миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – С.74.

Шош низ ононро муқим кард[1], ки ин раванд ба омезиши қавмӣ ва пазироии ислом бастагӣ дошт.

Ислом аз аввалин динҳои яккахудоӣ мебошад, ки баъд аз яҳудия ва насрония дар Шарқи Наздик ташаккул ёфта, барои сокинони ин минтақа ва ташаккули фарҳанги навини халқҳои Осиё, Африқо ва қисман Қафқозу баъзе кишварҳои Аврупо нақши калидӣ дошт. Аз ин рӯ, омили дигари гаравидани эрониён-тоҷикон ба ислом ва ба ҳавзаи нави тамаддун, дар ҳамбастагӣ ва эътирофи ойини нави монотеистӣ аз ҷониби намояндагони динҳои дигари илоҳӣ ба шумор меравад. Ба ибораи дигар эрониёне, ки дар сарҳадоти імперотурии Рум зиндагӣ мекарданд ва тайи садсолаҳои қаблӣ ба дини насронӣ гаравида буданд, аз китоби муқаддаси худ «Инҷил» доир ба зуҳури ислом ва Муҳаммад пайғомбар иттилоъ доштанд. Мувофиқи гуфтаҳои диншиноси рус И.К. Кривелев гироиш ба ислом дар миёни аҳолии минтақаҳои забтшуда, ки то ин замон пайрави динҳои яҳудӣ ва насронӣ буданд, бидуни зиддияти оштинопазир ва саркашӣ сурат мегирифт. Дар ин раванд нақши асосиро эътирофи таърихии динҳои яҳудӣ ва насронӣ аз ҷониби ойини нав бозид.[2] Ҳатто масеҳиён ҳангоми забткориҳои арабҳо на танҳо ба ислом мегаравиданд, балки ба онҳо дар забти дигар манотиқ кумак мекарданд.

Мувофиқи маълумотҳои сарчашмаҳои таърихӣ сокинони Мовароуннаҳр ва Хуросон дар замони зуҳур ва густариши дини ислом аз динҳову эътиқодҳои гуногун пайравӣ мекарданд. Ин масъала дар «Китобу-т-тавҳид»-и Абумансури Мотуридӣ – яке аз донишмандони бузурги Мовароуннаҳри асри Х ба шумор мерафт, омадааст, ки миқдори дину ҷараёнҳои эътиқодӣ хеле зиёд буда, ҳатто то асрҳои Х арзи вуҷуд доштанд ва дар байни онҳо яҳудия ва насрония мақоми хос доштанд. Дар Бухоро инчунин оташкадаҳо ва бутхонаҳое бо бутҳои заррин мавҷуд буд, ки мардум ба онҳо эътиқоди қавӣ доштанд ва расонидани зарар ба онҳоро гуноҳи азим мешумориданд.

[1] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С.403.
[2] Крывелев, И.А. История религий [Текст] / А.И. Крывелев. – М.: Мысл, 1988. – Т.2. – 283 с.

Ҳангоме ки Қутайба ибни Муслим Бухороро ғасб намуд, тамоми бутхона ва оташкадаҳоро ба хок яксон кард ва он зарру симе, ки бутҳоро зиннат дода буданд, аз они худ намуд. Чун мардум бечорагии худоёни худро мушоҳада карданд ба ислом рӯ оварданд. Ба гуфтаи Балозурӣ: «Аҷамон мегуфтанд дар он ҷо (Бухоро) бутҳое ҳастанд, ки агар касе ба онҳо тавҳин раво дорад, ҳалок хоҳад шуд. Ҳангоме, ки Қутайба бутҳоро ба дасти худ оташ зад, ҷамоъате аз эшон ба ислом гаравиданд».[1]

Албатта дар баъзе маврид кушиши маҷбуран ба дӯши аҳолӣ бор кардани ислом низ мушоҳида мешавад. Аммо он дар баъзе минтақаҳо ба назар расидаст. Дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ дар ин бора маълумоти саҳеҳ вуҷуд дорад, ки аз раванди иҷборан бор кардани ислом ба сокинони Бухоро ва Мовароуннаҳр дарак медиҳад: «Ҳар боре аҳли Бухоро мусулмон шудандӣ ва боз чун араб бозгаштандӣ риддат оварандӣ. Ва **Қутайба ибни Муслим се бор эшонро мусулмон карда буд**, боз риддат оварда кофир шуда буданд. Ин бори чаҳорум Қутайба ҳарб карда, шаҳр бигирифт. Ва аз баъди ранҷи бисёр ислом ошкоро кард ва мусулмонӣ андар дили эшон бинишонд, ба ҳар тариқе кор бар эшон сахт кард ва эшон ислом пазируфтанд....Бад-ин тариқ, мусулмонӣ ошкоро кард ва аҳкоми шариат бар эшон лозим гардонид ва масҷидҳо бино кард ва осори куфр ва расми габрӣ бардошт»[2].

Парокандашавии давлати мутамарказ, буҳрони шадиди иҷтимоӣ ва зуҳури ҷунбишҳои қавмӣ дар давлати Сосониён аз омилҳои дигари исломпазирии эронитаборон маҳсуб мешавад. Омӯзишу таҳлили маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ моро ба хулоса меорад, ки дар арафаи ҳуҷуми арабҳо вазъи сиёсии Эронзамин муташаннич буда, маҳз парокандагии сиёсӣ боиси музаффариятҳои арабҳо ва омили дигари иҷборан паҳн намудани ислом гардид.

Талафоти зиёди хунину харҷҳои молиявии Хусрави Парвиз дар ҷангҳо бо душманони хориҷӣ вазъи иҷтимоии давлатро хароб намуда буд. Баъд аз

[1] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ. – Лейдан, 1865. – С.568-569.
[2] Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – С.15.

Хусрави Парвиз Ширӯя хонадони хусравонро аз шоҳзодагони лоиқу тавоно холӣ намуд. Чунин заифӣ ва нотавонӣ ба дастгоҳи ҳукумат роҳ ёфта буд, ки давлати азими Сосониро фалаҷ намуд. Даврони салтанати подшоҳоне, ки баъд аз Хусрави Парвиз ба қудрат омаданд, даврони батадричи суқути Сосониён ба шумор мерафт. Яздигурди III натавонист ба давлате, ки дар он 10-12 шоҳ дар муддати чаҳор сол шоҳаншоҳӣ карда, кишварро ба нотавонӣ оварда расонида буданд, ҷони тоза бахшад.

Ба андешаи муаллиф ашрофон, дарбориёну руҳониён, ки ба сабаби хизматҳояшон молу мулк, заминҳои зиёд, қудрат ва ҳашамати зиёдро ба даст оварда буданд, ҳар подшоҳеро мехостанд, барканор месохтанд ва шоҳзодагонеро, ки бештар мувофиқи табъи хеш медиданд ба тахти салтанат мешинонданд. Густохии бузургону сардорони вилоятҳо низ ба он оварда расонд, ки дигар ҳеҷ касе наметавонист дар қолаби фарсудаи давлат руҳи тоза бахшад.

Ҳар қавму хонадонҳои бузург, ки суқуту заволи Сосониёнро ногузир мешумурданд, барои нигаҳдории ҳайсият ва қудрати хеш аввалин шуда ба Сосониён хиёнат карданд. Бо шикасти Ҳайтолиён, дар ҳудуди Тахористон ду ҳоқонии турк таъсис ёфта бошад ҳам, амалан дар арафаи ҳуҷумҳои нахустини арабҳо дар минтақа 27-30 мулки мустақил ва ниммустақил арзи вуҷуд карданд. Ин парокандагӣ дар арафаи забткориҳои арабҳо сабаби музаффариятҳои арабҳо гардид. Шоҳаншоҳии аз нигоҳи сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангию мазҳабӣ заифгаштаи Сосониён ночор ҷойи худро ба ойини нав – ислом дод, ки он ниҳодҳои одии моддию маънавиро пайравӣ мекард.

Мавҷуд набудани идея ва дини ягонаи муттаҳидкунанда дар солҳои охири шоҳаншоҳии Сосониён аз омилҳои дигари исломпазирии мардумони Хуросону Мовароуннаҳр гардида буд. Вобаста ба ин дар авохири давлатдории Сосониён ва арафаи ҳуҷумҳои нахустини арабҳо ихтилофоти шадиди ақидаҳо ва мазҳабҳо ба вуҷуд омада буд, ки ба ягонагии фикру андешаҳои миллӣ таҳдид мекард. Дини зардуштӣ дар аҳди Сосониён бо ин ки

мазҳаби расмии кишвар буда, тамоми рукнҳои давлатдориро ба дасти худ гирифта буд, натавонист ҳолатҳои эътиқодии мардумро ба як низоми муайян дарорад, балки алорағми он адёну мазоҳиби мухталифи навтаъсис тавонистанд дар ҷомеа ҷузъи парешонӣ ва буҳрони шадиди мазҳабиву фикрӣ ва сиёсӣ ба миён оварда, барои шикасти он аз тарафи арабҳои бодиянишин замина муҳайё созанд.

Густариш ва баланд гардидани таъсиру нуфузи буддоия, масеҳият, маздакия, монавия ва дигар ойинҳо дар қаламрави шоҳаншоҳии Сосониён боиси коста гардидани дини расмӣ - зардуштия гардида, ягонагиву иттиҳоди ақидавии мардумро дарҳам мезад. Пайравони адёни насронӣ, буддоӣ, монавӣ, маздакӣ, меҳрпарастӣ, бутпарастӣ, оташпарастӣ, зурвонӣ ва ақаллияти пайравони динҳои дигари ориёӣ бо ихтилофҳои ақидавӣ-идеологӣ ва гуногунандешии мазҳабии худ ҳар замон барои коста гардидани таъсир ва нуфузи дини расмӣ мусоидат намуданд. Бовариҳои қадимии мардум ва адёни дигар ҳамчун ахтари зери хокистар ҳар замон забона зада, барои камтаъсир намудани дини расмӣ ва суқути шоҳаншоҳӣ кумак мекарданд. Зардуштия бошад ҳамчун дини расмии кишвар камтаъсир ва бефурӯғ гардида, дигар таъйиноти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи феодалиро таъмин карда натавонист. Эронзамин дар ин ҳолат буд, ки арабҳо бо дини навзуҳури хеш вориди майдон гаштанд.

Аз омӯзишу таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ ва асари илмии муҳаққиқони соҳа маълум мегардад, ки ба кор бурдани низоми иқтисодӣ ва иҷтимоии ғайрифаъол дар давлати Сосониён яке аз сабабҳои асосӣ ва воқеии исломпазирии оммаи мардум ба шумор меравад. Андози саронае, ки аз мардони 20-сола то 50-сола, аз дарахтони хурмо, зайтун ва ангур дирҳам,[1] ва аз ҳар ҷариби токистону алафзор аз 4 то 12 дирҳам ситонида мешуд[2] ба таври нақдӣ ба хазинаи давлат дохил мешуд. Бо амалӣ намудани ин ислоҳот Хусрав дар миёни мардумони маҳаллии кишоварз ба унвони “Анӯшервони одил”

[1] Ровандӣ Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / М. Ровандӣ. – Техрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1. – С.680.
[2] Всемирная история [Текст]: в 10 томах. – М.: Госполитиздат, 1957. – Т.III. – С.99.

шуҳрат ёфта бошад ҳам, лекин баъд аз чанд соле, ки мардум аз мақсади аслии вай сарфаҳм рафтанд, аз ислоҳоти ӯ даст кашиданд, зеро бо боло бурдани қиммати хирочу ҷизяи муайяннамудаи ӯ ва ба таври нақдӣ супоридани онҳо дар оянда барои мардум бори сангин гардида, аксари мардум аз низоми иҷтимоӣ ва иқтисодии замони худ норозӣ мушоҳида мешуданд. Дар чунин шароити буҳрони шадиди иҷтимоӣ, ислом ки “баробарӣ ва бародарӣ”-и иҷтимоии пайравони худро таблиғ карда, дар ҳолати густариш қарор дошт, мардум барои ваъдаҳои “баробарӣ”-и онҳо ба ислом мегаравиданд.

Хулоса, бо таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ ва асари илмии муҳаққиқон метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки даврабандӣ ва раддабандии исломгаравандагоне, ки дар осори исломшиносон ва муаррихони аврупоӣ ҷой дошт аз раванди исломпазирии мардумони минтақаи мавриди таҳқиқ фарқ мекунад.

Аз нигоҳи мо албатта мушаххас сохтани чунин гурӯҳбандӣ ва тақсимбандии гаравандагон ба таври зимнӣ хусусияти фарзӣ дошта, дар ин ҷо танҳо омилҳои иҷтимоии он ба назар гирифта шудаанд. Дигар омилҳое, ки аз онҳо зикр карда шуд, аз тарафи исломшиносон ва муаррихони аврупоӣ ба инобат гирифта нашудаанд. Аз ин рӯ бояд иброз дошт, ки муҳаққиқон дар асарҳои худ масъалаи гаравиши мардумон дар асрҳои миёнаро ба таври умумӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, то ҳол ба масъалаҳои хоси дар боло зикр гардидаи гаравиши мардумони бумии Хуросону Мовароуннаҳр чандон диққати зарурӣ зоҳир накардаанд.

Дар фароварди гуфтаҳои боло бояд тазаккур дод, ки ба гуруҳи аввали гаравандагон, эрониёне шомил гардида буданд, ки дар замони худи пайғамбари ислом ва хулафои рошидин (тайи солҳои 610-651) исломро пазируфта минбаъд онро густариш додаанд, ки дар меъёри гаравиш 12/15%-ро ташкил медод. Ба ин гуруҳ аслан эрониёни муқимии наздики нимҷазираи Арабистон, эрониёни масеҳӣ ва яҳудӣ, кишоварзон, косибон ва ғуломоне, ки дар замони Сосониён ҳуқуқҳои худро аз даст дода буданд, дохил мешуд.

Ба гуруҳи дувуми гаравандагон бошад, эрониёне дохил мешуд, ки аз рӯзҳои аввали ворид шудани ислом ба хоки Хуросону Мовароуннаҳр (миёни солҳои 661-745) ба он пайвастанд, ки теъдоди эшон баробар ба 26/28%-ро ташкил медиҳад. Сабаби асосӣ дар он буд, ки бештари ҳуҷумҳои арабҳо хусусияти динии худро аз даст дода, характери зӯроварона, ғасибона ва ғоратгаронаро ба худ касб намуда буд, ки ин боиси аз ин дин рӯй гадонидани бештари мардумони Мовароуннаҳр гардид.

Ба гуруҳи сеюми гаравандагон аксарияте, ки исломро аз рӯйи дарки мафҳуму маънӣ қабул доштанд, дохил мешаванд. Шумораи ин гуруҳи одамон дар меъёри гаравиш 42/46%-ро ташкил медиҳад, ки онҳо исломро ҳамчун дин тайи солҳои 745-821 қабул намуда, беш аз беш дар густариши ойини навин миёни қавмҳои дигар саҳмгузор шуданд. Мардумони озодихоҳи ин минтақа пас аз идроки маънӣ ва мафҳуми аслии динӣ ва рукнҳои онро ҳамчун идеология ва ҷаҳонбинӣ пазируфта, дар он муқобили волиёни ғосибгар ва ҷабборе, ки нисбати мардумони бумӣ бераҳмии зиёдеро раво медиданд, истифода мебурданд ва дар охир ҳукумат ва идоракунии ин минтақаро ба дасти худ гирифта буданд.

Ба гуруҳи чаҳоруми гаравандагон эрониён-тоҷиконе дохил мешуд, ки то замони ба сари қудрат омадани салтанати сулолаҳои миллии эронии Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён аз ҷониби муслимин забт нашуда буданд ва тайи солҳои 821-907 аз ҷониби амирони ин сулолаҳо фатҳ шуда, исломро ҳамчун дин қабул карданд, ки 9/12%-и баъдиро ташкил менамоянд.

Аз дидгоҳи таърихнигорӣ ва сарчашмашиносӣ таҳқиқ намудани масъалаи забткориҳои арабҳо, раванди исломпазирӣ ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ба муқобили арабҳо ба чунин натиҷа расидем, ки масъалаи мавриди назар интизори таҳқиқоти ҳадафмандона, бунёдӣ ва мукаммали муҳаққиқону таърихнигорони оянда мебошад.

Мавзуи исломпазирии тоҷикон ва халқҳои дигари минтақа яке аз баҳсҳои печида ва ҳанӯз ҳалношуда боқӣ монда, бояд бо иштироки васеи

доираҳои илмии таърих, фалсафа, забоншиносӣ, равоншиносӣ ва антропология ба роҳ монда шавад. Зеро то кунун дар ин замина ягон таҳқиқоти ҳадафманду мукаммал падид наёмадааст ва ин вазифаи илми муосири таърихи тоҷик мебошад.

§4.2. Саҳми донишмандони минтақа дар рушду густариши улум ва фарҳанги ин давра

Дар мавриди хидматҳои фаровони аҷдоди тоҷикон ба ойини нав дар сарчашмаҳо маълумоти зиёд вуҷуд доранд, аммо аз сабабе ки ин дин тамоми миллатҳоро зери мафҳуми ягонаи «миллати ислом» муттаҳид мекард, саҳми аҷдоди мо тоҷикону эрониён дар интишори исломи ибтидоӣ, яъне аз ибтидои зуҳуру ташаккули он то ба вуҷуд омадани салтанати Тоҳириён, ки хусусияти дунявӣ дошт дар миёни ду асри аввали пешрафти ислом норавшан боқӣ мондааст.

Агар аз ибтидои зуҳур ва ташаккули дини ислом ва хидматҳои эрониён ба он назар афканем, босароҳат дарёфт хоҳем кард, ки саҳми онҳо нисбат ба дигар қавму миллатҳои мусулмоншуда басо бузург ва муқоисанашаванда мебошад. Бархурди хуросониён бо ислом ва ё гаравидани хуросониён ба ислом мисли минтақаҳои дигар (Африқо, Индонезия, Миср ва дигар кишварҳои ҳамсарҳади Арабистон) набуд. Нуфузи ислом дар ин сарзаминҳо сабаб шуд, ки на танҳо дини аҷдодии онҳо тағйир ёбад, балки забон, урфу одат ва расму русуми онҳо низ ба куллӣ тағйир ёфт. Лекин раванди мазкур дар Эрон ба дигар шакл идома дошт, зеро дар баробари ворид шудани ойини нав ба Эрон, ки ҳамчун як давлати мутамадин, дорои фарҳанги ғанӣ ва забону адабиёти худ буд, тавонист бартарият, моҳияти андешаи фарҳангӣ ва фарҳанги миллии худро ба арабҳо нишон диҳанд. Яке аз чунин хидматҳо аз он иборат буд, ки эрониён тавонистанд тамоми қавонини давлатдорӣ, илму фарҳанг ва забону адабиёти арабро дар доираи талаботи тафаккури эронӣ ва ҳуввияти ин қавм дар сатҳи баланд густариш диҳанд.

Хизматҳои оламгири эрониён дар роҳи таблиғу густариши илмиву фарҳангии ин ойин аз ҷониби файласуфи андалусӣ Ибни Халдун чунин арзёбӣ шудааст: «Машъалбардорони илму фарҳанг дар уммати ислом аксаран эронӣ буданд, хоҳ улуми ақлӣ ва хоҳ улуми нақлӣ. Агар ҳам насаби баъзе аз ҳомилони дониш арабӣ буд, забон ва маҳалли парвариш ва устодони

онҳо аҷамӣ будааст».[1] Ҳақ бар ҷониби Ибни Халдун аст, зеро вақте халифаи давр баъд аз суҳбат бо Имоми Аъзам – Абуҳанифаи маволии аҷамӣ аз дарбориён талаб мекунад рӯйхати уламои фиқҳро ба ӯ пешниҳод созанд, аз миқдори умумии дар рӯйхат пешниҳодгардида, беш аз 99% онро маволиёни эронитабор ташкил медоданд, ки боиси нороҳатӣ ва рашку ҳасади халифа Мансур нисбат ба қавми аҷам гардида буд.

Дар мавриди хидматҳои фаровони эрониён дар самти таблиғи илмҳои мухталиф, ирфон ва дар маҷмуъ фарҳанги исломӣ ҳанӯз дар аҳди саҳобагону тобеин маълумоти зиёд вуҷуд дорад. Дар баробари таблиғи ислом аввалин ашхоси эрониасл ба мисли Салмони Форсӣ, ки исломро ошиқона пазируфта буданд, даст ба фаро гирифтани китоби муқаддас заданд, то онро ҳифз намуда, қавмҳои дигарро бо тафсири маънии он ба ислом даъват намоянд. Эрониён дар таблиғи ислом дар баробари оятҳои Қуръон аз ҳадисҳо низ истифода мекарданд, ки мактаби ҳадисшиносии эрониён махсусан дар Хуросону Мовароуннаҳр ба авҷи аълои худ расида буд ва намояндаи барҷастаи он Муҳаммад ибни Исмоил машҳур ба Имом ал-Бухорӣ ба шумор меравад.

Дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ доир ба хизматҳои иддае аз олимону зоҳидони Бухоро таъкид ёфтааст, ки маҳз аз баракати хизматҳои шоистаи онҳо Бухоро «қуббатулислом» ном гирифта буд. Ба қавли Наршахӣ «Ва Хоҷа имом Абуҳафси Кабири Бухорӣ аз Бухоро ба Бағдод рафта ва шогирдии имом Муҳаммад Ҳусайни Шайбонӣ раҳима-л-Лоҳу, карда. Ва мисли вай касе дар вилоят набуда. Ва вай аз ҷумлаи мутааххирони Бухорост. Ҳам зоҳид буд, ҳам олим ва Бухоро ба сабаби вай Қуббатулислом шудааст. Ва сабаб он ки аҳли Бухоро бо илм шуданд ва илм дар вай фош шуд ва аиммаву уламо муҳтарам гаштанд, сабаб ӯ будааст”[2]. Тибқи шаҳодати Сайдулло Абдуллоев Абуҳафси Кабир дар солҳои 768-834 умр ба сар бурда, миёни мардум ва олами ислом мақому шуҳрати фавқулода бузург дошта, мазҳаби ҳанафияро

[1] Давонӣ Алӣ. Ҳазораи шайх Тӯсӣ [Матн] / А. Давонӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1362. – Ҷ.1. – С.161.
[2] Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – С.16-17.

дар Бухоро ӯ интишор додааст.[1] Писари Абуҳафси Кабири Бухорӣ, ки номаш Абуабдуллоҳ будааст, дар “илм бад-он дараҷа будааст, ки чун қофила аз ҳаҷҷ гаштӣ, уламои эшон ба наздики Хоҷа Имом Абуҳафс омадандӣ ва аз ӯ масъала пурсидандӣ”.[2] Ин ва дигар хизматҳои шоёни намояндагони илму фарҳанг дар сарчашмаҳои таърихӣ зикр ёфта, аз шукуҳу шаҳомати олимони тоҷики Хуросону Мовароуннаҳр дар ин давраи таърихӣ шаҳодат медиҳанд.

Дар хусуси ин саҳобаҳои эронинажод дар «Таърихи комил»-и Ибни Асир низ зикр гардидааст, ки сарвари мусулмонон «дар давоми умри худ панҷ нафар аз маволӣ (эронӣ)-ро озод намуд, ки яке аз онҳо Шуқрони Ҳабашӣ буда, гуфта шуда Порсӣ (Эронӣ) буда, номи аслии ӯ Солеҳ ибни Адо ва дувумин аз онон Салмони Форсӣ буд ва савумин Сафина, ки ғуломи умми Салама буд ӯро озод кард ба шарти он, ки пайғомбарро мадади ҳаёту парасторӣ кунад. Гуфта шуда номи ӯ Меҳрон ё Рибоҳ буд ва ӯ аз Аҷам буд. Ва чаҳорумин Ансаҳ, ки аз авлоди Сирот аст. Ӯ дарбони пайғомбар буд, ки иҷозаи вуруд барои мардумон мегирифт. Ӯ дар Бадр ва Уҳуд ва тамоми ҷангҳо бо паёмбар буд. Ва дигар Абузамира ва аз авлоди Биштосп буда, ки пайғомбар ӯро озод фармуда»[3].

Сарфи назар аз он, ки Абдураҳмон Рафъатпошо, Ибни Асир ва соири таърихнигорони гузаштаю имрӯза доир ба саҳобагони пайғомбар, аз ҷумлаи эрониён баёни андеша кардаанд, лекин доир ба онҳо ба ҷуз аз ном ва ба паёмбар «мадади ҳаёту парасторӣ» кардан, дигар маълумотро ба даст овардан мушкил аст. Бо ибораи дигар ба ҷуз аз «дарбонӣ», «парасторӣ» ва «ҷанг» онҳо дар густариши фарҳангу маърифати исломӣ ва ақидаву низоми он саҳм гузошта буданд. Ба андешаи мо зарур аст, ки доир ба мақоми аввалин саҳобагони форснажод таҳқиқоти амиқ ва густурдаи алоҳида дар такя ба сарчашмаҳои таърихии хаттии форсӣ ва арабӣ ба роҳ монда шавад.

---

[1] Абдуллоев, С. Исмоили Сомонӣ. Нашри дуюм. (бо такмилу иловаҳо). – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – С.349

[2] Ҳамон ҷо. – С.17.

[3] Иззуддин ибни Асир. Таърихи бузурги ислом ва Эрон [Матн] / И. Асир; тарҷумаи Аббос Халилӣ. – Теҳрон: Муассисоти матбуоти илмӣ, 1367 ҳ. – Ҷ.1. – С.386-387.

Сарфи назар аз ин қарор гирифтан дар зумраи саҳобагон ва парасторону хидматгузорони паёмбар беш аз ҳафт нафар форснажодон дар замони зуҳур ва ташаккули дини нав маънои хосса дошта, ақидаи қолабӣ ва маъмулиеро, ки дар жанри «озодандешӣ» таъкид шудааст ва мувофиқи он байни эрониён ва арабҳо зиддиятҳои бунёдии ақидатӣ ва нажодӣ вуҷуд доштанд, рад менамояд. Далели асосӣ ин аст, ки Ибни Асир ва дигар таърихнигорон таъкид кардаанд, ки эрониён ҳанӯз дар айёми зуҳури ислом бо пайғомбари он буданд ва саҳобагони номбаршуда шахсони боэътимоди пайғомбар ба шумор мерафтанд.

Чи тавре таъкид шуд, мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ аввалин қадамҳо дар роҳи тарғиби дини ислом тавассути **қироати Қуръон** буд. Дар даврони садри ислом ҳафт нафар қориёни ин китоби муқаддас бо номи «қуррои сабъа» (қориёни ҳафтгона) машҳур шуда буданд, ки чаҳор нафари онҳо эрониён буданд. Ин чаҳор нафар иборат аз Осим, Нофеъ, Ибни Касир ва Кисоӣ буданд.[1] Онҳо аслан зодаи Хуросон буда, баъдан мактаби қироати хуросониёнро ташаккул доданд.

Баъд аз Нофеъ, ки поягузори ин мактаб буд, фаъолияти мактаб тавассути Қаъқоъ ибни Роҳӯяи Марвазӣ ва Ибни Саломи Ҳиравӣ (770-837) идома бахшида шуд. Онҳо дар ин самт шогирдону таълифотҳои зиёдеро аз худ боқӣ гузоштаанд. Хусусан аз Саломи Ҳиравӣ мувофиқи маълумоти Ибни Надим 71 ҷилд китоб дар мавзуоти гуногуни улуми исломӣ ва хусусиятҳои муҳимми қироати Қуръон боқӣ мондааст, ки шоҳиди ин гуфтаҳост.[2]

Ашхоси номбурда бо таъсис ва ташаккули мактаби хуросониён мартабаи қироатро боло бурда, дар бораи тарзу хосияти қироат ва қонуну қоидаҳои он асарҳо эҷод сохтанд. Масалан, Фарроъи Наҳвӣ таълифоти зиёде анҷом дода, қироатро аз сатҳи амалӣ ба низоми хоси илмӣ ворид карда буд.

Яке аз бузургтарин қории эронинажод Осим, шогирди Абуабдурраҳмони Сулламӣ ба ҳисоб мерафт. Дар баробари вай Нофеъ аз шумори дигари

---

[1] Абдулҳомид Найири Нурӣ. Саҳми арзишманди Эрон дар фарҳанги ҷаҳон [Матн] / А.Н. Нурӣ. – Теҳрон: Маркази фарҳанг ва интишори исломӣ, 1375. – Ҷ.2. – С.685.
[2] Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.2. – С.769.

аҷамиёни сокини Мадина ба шумор мерафт. Вай дар қироъат имоми аҳли Мадина буда, раъйу қироати ӯ мавриди эътимоди аҳли Мадина қарор гирифта буд. Аслан Нофеъ ин тарзи қироатро аз Язид ибни Қаъқоъ омӯхта буд.[1]

Баъд аз омӯзишу таблиғи қироати Қуръон як гуруҳ эронинажодон даст ба шарҳу тафсир ва таъвили ояту сураҳои Қуръон заданд ва пояҳои нахустини ин илмро асос гузошта буданд. Дар марҳилаи аввали зуҳури ислом ва ҳамчун дин пазируфтани он ба мардумони ғайриараб мушкилиҳои зиёде ба миён оварда буд, зеро онҳо маънии бештари Қуръонро умуман дарк карда наметавонистанд. Ин раванд боиси он гашт, ки баъд аз гузашти даҳсолаҳо илми тафсир ба миён ояд. Аввалин маротиба эрониён ба навиштани тафсирҳои Қуръон шуруъ намуданд. Яке аз бузургтарин муфассирон дар ин аср Муқотил ибни Сайрон, ки аз аҳли Хуросон ва Сулаймон ибни Меҳрони Аъмаш, ки аз аҳли Дамованд буданд, рӯй ба тафсири ин китоб оварданд.[2]

Яке аз муҳаққиқони барҷастаи Афғонистон Абдулҳайи Ҳабибӣ дар китоби худ «Афғонистон баъд аз ислом» оид ба муфассирони бузурги Хуросон чунин маълумот додаст: “Яке аз қадимтарин тафсири Қуръон ба Имом Муҳаммад ибни Боқир… мансуб аст, ки ровии он Ҷорудӣ Зиёд ибни Мунзир аст, ки ӯ ҳам хуросонӣ буд. Ва Исҳоқ ибни Роҳӯяи Марвӣ низ тафсири бузурге таълиф намуда буд. Ва Имом Иброҳими Ҳиравӣ яке аз бузургони ҳадис ва тафсир ва устодони мадрасаи Хуросон ва устоди Абдуллоҳ ибни Мубораки Марвӣ ва дигар муҳаддисони машҳур буд, ки муфассирони баъдӣ парвардагони мадориси динии ин сарзамин аст».[3]

Ин муҳаққиқи муосири Афғонистон аз нигоҳи ҷуғрофӣ ва таърихӣ мехоҳад таъкид созад, ки аҷамиён на танҳо эрониён, балки хуросониёну аҳли Мовароуннаҳру Туркистони Шарқӣ ва ғайра буда, аз нигоҳи фарҳангу илму маърифат аз тамоми қабилаҳову халқҳое, ки ба ислом гаравида буданд,

---

[1] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – С.420.
[2] Ҳамон асар. – С.423.
[3] Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.2. – С.773.

тафовути бузург доштанд. Мардумони ин минтақа дар гузашта дорои муассисоти пешрафтаи иҷтимоии динӣ буда, низоми динӣ, илмҳои динию дунявӣ, ахлоқу фарҳанг ва умуман ҷаҳонбинии илмиро на танҳо нисбат ба арабҳо, балки дар фарқият аз дигарҳо низ тавсия бахшида буданд.[1] Абдулҳай Ҳабибӣ ба хулосае омад, ки агар араб чунин бузург мебуд, чаро дар тамоми масъалаҳои динӣ ва давлатӣ форсзабонон пешоҳанг буданд? Танҳо халқи дорои тафаккури амиқу ҳикмати ҷӯянда метавонад на танҳо ба қироат ба забони ғайримодарии худ, балки таъвилу тафсири «китоби муқаддаси Худо» даст занад.

Ҳамин раванди тафсиргароӣ буд, ки он ҳамчун илми динӣ пеш рафт, зеро воқеан саҳми хуросониён дар ин масъала хело бузург буд. Барои мисол метавон як қатор эронии муфассири машҳурро ном бурд, ки барои таблиғу густариши ислом ба воситаи тафсири Қуръон саҳмгузор буданд. Ба ин ҷумла Фарроъ Яҳё ибни Зиёди Ақтаъ, Муқотил ибни Сулаймони Балхӣ (ваф.157ҳ), Абулқосим ибни Умари Замахшарии Хоразмӣ, Абизайди Балхӣ, Ибни Валид, Абуалии Форсӣ, Абулфараҷи Наҳрвонӣ, Имом Фахрии Розӣ[2] ва ғайра дохил мешаванд.

Ба ҳамин тариқ метавон хулоса кард, ки зуҳур ва ташаккули илмҳои динӣ дар доираи табақабандие, ки аз ҷониби уламои исломӣ таҳия гардида буданд, боиси пайдоиши як низоми махсуси илмҳои динӣ шуд ва моҳиятан онҳоро аз донишҳои дунявӣ ҷудо сохт. Акнун дигар дар байни ин ду шакли дониш харҷу марҷ аз байн рафта, тақсимбандии хоси динии донишҳо ба вуҷуд омад. Чунон ки дидем қироати Қуръон ва ё тафсири он ба ҳар як марди оммӣ муяссар набуда, ба омӯзишу таълим ва тааллуми онҳо уламои баргузида, ки дар ин илмҳо устод ва олим шуда буданд, машғул мешуданд. Ин барои мардумони Хуросону Мовароуннаҳр имконоти зиёдеро ба вуҷуд

[1] Кобзева, О. История исламской культуры и ее изучение в современном Узбекистане [Текст] / О. Кобзева // Материалы II Международной науч.-образовательной конф., г. Санкт-Петербург, 17-20 мая 2015 г. – М., 2016. – С.370-381.
[2] Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим [Матн] / И. Қурбон. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – С.73.

овард, то ин ки ба зумраи бузургтарин қироаткунандагон, тафсиргарон ва фақеҳон ҷойгир шаванд.

Дигар дар Эрону манотиқи гуногуни он низоми табақотии ифротӣ аз байн рафта буд ва дар фарқият аз замони авастоӣ ҳар як шахси бепушту паноҳ ва оммӣ метавонист ба илм рӯй биёрад ва ба зумраи олимони бузурги даврони худ шомил шавад. Чунин раванд аз ҷониби аҷамиён шиддати хос пайдо карда, боиси ташаккули мактаби фиқҳи маволӣ ва аҷамиён гашт, ки онро Абуҳанифа роҳбарӣ мекард. Хосатан аз ҷониби чунин фақеҳон тавассути «урф»-и Абуҳанифа бисёр анъанаҳои миллии аҷамиён дар низоми динӣ хусусияти қонунӣ пайдо карданд ва ба воситаи дин онро ҳифзу нигаҳдорӣ мекарданд.

Чи тавре сарчашмаҳо иттилоъ медиҳанд илми ҳуқуқ ва ё фиқҳ ба маънии илми қонуншиносӣ ва татбиқи масъалаҳои шаръии исломӣ ҳанӯз дар асрҳои аввали исломӣ ба вуҷуд омада буд. Дар муҳимтарин фанни исломӣ – илми фиқҳ низ саҳми эронтаборон аз соири милали исломӣ бештар будааст. Чи тавре ки зикр шуд, дар миёни муассисони чаҳор мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат (шофеъиён, ҳанбалиён, моликиён ва ҳанафиён) дутои онҳо форсзабонон буда, ду нафари дигарашон араб мебошанд. Фақеҳони аҷамӣ Нуъмон ибни Собит ибни Зутӣ ал-Марзбон (маъруф ба Абуҳанифа ё Имоми Аъзам) (699-767) ва Аҳмад ибни Ҳанбали Шайбонии Марвӣ (780-855) мебошанд.[1] Имоми Аъзам дар қонуншиносии исломӣ таълимоти қиёс ва урфро ворид намуд. Дар доираи ин иловаҳо ҷонибдорони мазҳаби ҳанафӣ имкон пайдо карданд дар доираи шароитҳои нави иҷтимоӣ ва таърихӣ бо қиёс сохтани қавонини пешини шариат ҳодисаҳои нави ҷамъиятиро мутобиқ созанд. Ин тағйироти воридшуда шароит муҳайё сохт, то қавонини исломиро аз ҳолати карахтӣ нигоҳ дорад. Баъди омӯзишҳои зиёд шуҳрати Нуъмон ибни Собит афзуда, ҳамчун фақеҳи бузург бо исми «Имоми Аъзам» ном баровард.

Абуҳанифа дар тули ҳаёти худ китобҳои «Ал-фиқҳу-л-акбар», «Ал-фиқҳу-л-авсат», «Ал-олим ва-л-мутааллим», «Рисолаи Абуҳанифа (р) ба

[1] Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим [Матн] / И. Қурбон. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – С.81.

Абумуслим Ал-Баттӣ–Имоми Басра», «Ал-васият», «Ал-муснад ал-Имом ал-Аъзам» ва «Китобу-л-асрор»[1]-ро ба ёдгор мондааст, ки бисёре аз онҳо ба масъалаҳои фиқҳӣ бахшида шудаанд. Ибни Надим баробари асарҳои ӯ «Китобу-р-рад ало қадария»-ро изофа намудааст ва дар бораи шахсияти ӯ чунин ибрози андеша кардааст: “Ва ҳамуст, ки илмро дар хушкӣ ва дарё ва шарқу ғарб ва дуру наздик ҷамъоварӣ намудааст».[2]

Аз мактаби фиқҳии Абуҳанифа шогирдони зиёд баҳрабардорӣ намудаанд ва давомдиҳандаи ақоиди ӯ дар саросари ҷаҳон гаштаанд, ки бо иттифоқи бештаре аз олимон шумораи шогирдони шуҳратмандгаштаи ӯро ба 880[3] нафар баробар медонанд. Манзалати Абуҳанифа дар саросари ҷаҳони ислом паҳн шуд ва аз тамоми нуқоти кишварҳои исломӣ ба шогирдии ӯ меомаданд. Шуҳрати илмии Нуъмон ибни Собит дар миёни дигар мазоҳиби исломӣ ба ҳадде расид, ки ӯ мулаққаб ба «Имоми Аъзам» шуд. Ҳанӯз дар замони худи Имом ва қозигии пайравону шогирдонаш мазҳаби ӯ дар Кӯфа, Басра, Аҳвоз, Бағдод, Шероз, Кирмон, Макрон, Хуросон, Туркистон, Мовароуннаҳр, Синд, Ҳинд, Рум, Булғор, Кошғар, Ғуз, Ғарҷа, Сиҷистон, Занҷ, Ҳабаша, Яман, Димишқ ва Озарбойҷон пайравони худро пайдо намуда буд.

Ин ва дигар масъалаҳои нишохти Абуҳанифа дар асарҳову суханрониҳои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо унвони “Имоми Аъзам ва ҳувияти миллӣ”, “Имомо Аъзам ва ахлоқи умумиинсонӣ”, “Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо” дар китоби “Дин ва ҷомеа”[4], инчунин дар китобҳои “Имоми Аъзам – рӯзгор, осор ва афкор”[5] ва “Чеҳраҳои мондагор”[6] мушикофона ва обективона инъикоси худро ёфтаанд.

Мактаби фиқҳи Абуҳанифа дар асри аввали ислом фақеҳони бузургро ато намуд, ки Абдуллоҳ ибни Муборак ибни Возеҳи Марвазӣ (736-797\8),

---

[1] Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр. Аҳвол ва афкори ҳазрати Имоми Аъзам [Матн] / С.Б. Бузургмеҳр. – Душанбе: Нодир, 2000. – С.76-115.
[2] Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.2. – С.796-797.
[3] Ҳамон ҷо. – С.799.
[4] Раҳмон, Э. Дин ва ҷомеа. [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 671 с.
[5] Раҳмон, Э. Имоми Аъзам – рӯзгор, осор ва афкор [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Матбааи маслаки афғон, 1389 ш.. – 212 с.
[6] Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – 364 с.

Абуубайд Қосим ибни Саломи Ҳиравӣ (773-838), Муҳаммад ибни Абилқосим Убайдуллоҳ ибни Умрони Барқӣ, Абусулаймон ибни Алӣ ибни Довуд Халифаи Исфаҳонӣ маъруф ба Довуди Зоҳирӣ (816-884), Макҳули Кобулӣ, Кусаҷи Марвӣ, Довуди Зоҳирӣ, Умар ибни Убайди Кобулӣ, Нофеъи Кобулии Маданӣ ва Умар ибни Ҳоруни Балхӣ (ваф 806 «Баҳри илм») ба ин гуруҳи фақеҳон шомиланд.[1]

Аз зумраи фақеҳони машҳури мактаби ҳанафия, ки дар ду қарни аввали ислом фаъолият намуда, дар густариши илмҳо саҳми худро гузоштаанд инҳо мебошанд: Абумутеъи Балхӣ (ваф.814), Абуабдуллоҳ Ҳусайн ибни Хусрави Балхӣ (ваф.837), Холид ибни Сулаймон, Маккӣ ибни Иброҳим, Абусаҳли Балхӣ, Абӯҳафз ибни Ҳорун, Иброҳим ибни Адҳам (ваф.778), Шақиқ ибни Иброҳими Балхӣ (ваф.809), Абусулаймон ибни Мусои Ҷузҷонӣ, Абуъосими Марвазӣ, Яҳё ибни Наср, Саҳл ибни Мазоҳими Марвӣ, Абусаид Муҳаммад ибни Майсари Сағонӣ (Чағонӣ), Муҳаммад ибни Қосими Бухорӣ, Ҳозим ибни Исҳоқи Бухорӣ, Муҷоҳид ибни Умар, Абумуқотил ибни Саҳли Самарқандӣ, Наср ибни Абдулмалик, Исҳоқ ибни Иброҳим, Абӯъалии Хоразмӣ, Иброҳим ибни Туҳмони Ҳиравӣ, Канонаи Ҳиравӣ, Молик ибни Сулаймон, Абдулъазиз ибни Холиди Тирмизӣ (имом ва қозии Тирмизу Чағониён), Исроил ибни Зиёди Тирмизӣ, Абусуфёни Нисоӣ (қозии Марв), Исҳоқ ибни Сулаймон, Абумунзири Нишопурӣ, Қазолаи Нисоӣ[2] ва ғ.

Дар ҳақиқат мактаби фиқҳии Абуҳанифа эътибор ва шуҳрати бузург пайдо карда, ки дар аксарияти минтақаҳо ба мансаби муфтиву қозӣ аз ҳисоби ҳанафиён таъйин мегардиданд. Дар маҷмуъ, бо истиқрори ислом ва густариши илмҳои динӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр хосу ом ба омӯхтани забони арабӣ ва асосҳои аркони ислом шуруъ карда, дар мактабу мадрасаҳо ҳофизону муфассирони Қуръон ва муҳаддисону фақеҳони машҳурро тарбия намуданд. Ба андешаи Ҳ. Назаров ин амал барои эрониён назар ба худи арабҳо, ки дар ҳолати бадавият ва ақибмондагӣ қарор доштанд, хеле осонтар

[1] Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.2. – С.792.
[2] Ҳамон ҷо. – С.799-803.

буд, зеро онҳо дорои таълимгоҳ ва анъанаҳои бузургу қадимаи омӯзгорӣ буданд. Дар ин давра яке аз фақеҳон ва муфассирони машҳур дар шимолии Хуросон Заҳҳок ибни Музоҳими Ҳилолӣ мадрасае бино намуда буд, ки дар он 3000 шогирдон таҳсил менамуданд.[1]

Дар баробари илмҳои зикршуда саҳми мардуми Аҷам дар ҷамъоварии **ахбору ҳадисҳои** паёмбар хеле бузург аст. Дар ҷаҳони ислом ба мақсади дарки маониву мафҳумҳои онҳо батадриҷ зарурати рӯй овардан ба гуфтаҳои паёмбари ислом барои такмили аҳкоми Қуръон ба миён омад, то ба василаи ахбору аҳодиси набавӣ маънои Қуръон ва масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқиро беҳтар дарк намоянд. Аз ҷониби аҷамиён касб намудани муҳаддисӣ ривоҷ пайдо кард ва бузургтарин асосгузори илми ҳадис дар ҷаҳони ислом, чӣ тавре қаблан зикр намудем Имом Бухорӣ маҳсуб меёфт.

Баъд аз мусофиратҳои тулонӣ ба Шом, Ҷазира, Басра, Ҳиҷоз, Бағдод, Куфа ва ғайра Имом Бухорӣ даст ба таълифи китоби «ал-Ҷомеъу муснаду-с-саҳеҳ»[2] пардохта, ба қавли худаш «китоби «Саҳеҳ»-ро аз миёни шашсад ҳазор ҳадис берун оварда, дар муддати шонздаҳ сол тасниф кардааст».[3]

Имом Бухорӣ аз миёни 600 000 ҳадис 7250[4] ҳадисро саҳеҳ ва дуруст шуморида, дар китоби худ ҷой додааст, ки ин китоб саҳеҳтарин китоб баъд аз Қуръон эътироф гардидааст. Имом Бухорӣ ба ҷуз «Саҳеҳ» ва «Таърихи кабир» таълифотҳое зиёд дорад: «Таърихи авсат» (нусхаи хаттӣ дар Патнаи Ҳинд), «Таърихи сағир» – (дар Патнаи Ҳинд), «Китобу-л-зуъафоу-л-кабир» – (Патнаи Ҳинд), «Китобу-л-зуъафоу-л-сағир» – (Патнаи Ҳинд), «Тафсиру-л-Қуръон» – (Париж), «Китобу-л-адабул муфрад» – (Қоҳира), «Танвиру-л-ъайнайн би рафъи ядайн фӣ салот» – (Калкутта), «Хайру-л-калом фи-л-

[1] Назаров, Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Ирфон, 1999. – С.20.
[2] Номи пурраи асар «ал-Ҷомеъу муснаду-с-саҳеҳу-л-мухтасар мин умури расули-л-Лоҳи салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам ва суннатиҳи ва айёмиҳи» Маҷмӯаи мухтасари асноддории дуруст аз умур, суннатҳо ва рӯзгори пайғомбари Худо, салла-Лоҳу алайҳи вассалам.
[3] Абдулмунъими Қандил. Зиндагӣ ва сирати Имом Бухорӣ [Матн] / А. Қандил; тарҷумаи Абдурасули Гулронӣ. – Теҳрон: Машҳад, 1385. – С.85-88.
[4] Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Пайванд, 2005. – С.192.

қироъати халафу-л-имом» – (Деҳлӣ), «Китобу-л-халақа афъолу-л-ъибод» – (Деҳлӣ)[1] ва ғайра.

Бидуни шак асосгузорони илми ҳадис низ эронитаборон будаанд ва шаш китоби бузурги Ҳадис аз ҷониби онҳо барои аҳли суннату ҷамоат, ки бо номи «Сиҳоҳи ситта» маъруф аст, гирдоварӣ шудаанд: «Ал-ҷомеъу-с-саҳеҳ»-и Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ, «Саҳеҳ»-и Абулҳасан Муслим ибни Ҳаҷҷоҷи Нишопурӣ, «Сунан»-и Ибни Моҷа, «Ҷомеъ»-и Имом Тирмизӣ, «Сунан»-и Абидовуди Сиҷистонӣ, «Сунан»-и Абуабдурраҳмони Нисоӣ. Дар маҷмуъ, илми ҳадисшиносии исломӣ бар таълифоти аҷамиён асос ёфтаанд.[2] Аз ин муҳаддисини «Сиҳоҳи ситта» мактабу шогирдон ва таълифотҳои зиёде боқӣ мондааст. Аз Муслими Нишопурӣ 11 китоб, аз Абудовуди Сиистонӣ 7 китоб, аз Тирмизӣ 6 китоб ва аз Нисоӣ 9 китоби илмӣ то ба ҳол боқӣ мондааст.[3]

Дар баробари ин ҳадисшиносон боз иддае аз муҳаддисони дигар вуҷуд доранд, ки бо таълифоти худ дар ибтидои густариши ислом саҳми калон гузоштаанд: Абдурраҳмон Абдуллоҳ ибни Муборак ибни Возеҳи Марвазӣ (736-797\8) – «Китобу-з-зуҳд ва рақоиқ», Абунаср Бишр ибни Ҳорис ибни Абдурраҳмони Марвазии Бағдодӣ (767-842), Абуабдуллоҳ Абдулвоҳид ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳи ибни Оғзунӣ (ваф. тахм. 815), Абуубайд Қосим ибни Саломи Ҳиравӣ (773-838) – «Ал-ғарибу-л-мусанниф», «Ат-туҳур», «Ал-аҷнос мин каломи-л-араб», Исҳоқ ибни Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Роҳӯя (788-853) - «Тафсири Қуръон», «Китобу-с-сунан», «Китобу-л-маснад»[4] аз ҷумлаи таълифотҳои эшон мебошанд.

Яке аз роҳҳои дигари густариши исломро эронитаборон дар фаҳмондадиҳӣ ва пешниҳоди сарфу наҳви арабӣ дар миёни аҳвоми дигар медиданд. Дар ин соҳаи илм низ аҷамиён корҳои беназир анҷом доданд. Дар илми наҳв (дастури забони арабӣ) Себӯя (Сибавайҳ), Абуалии Форсӣ, Заҷҷоҷ

[1] Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.2. – С.780.
[2] Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим [Матн] / И. Қурбон. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – С.75.
[3] Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.2. – С.780.
[4] Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим [Матн] / И. Қурбон. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – С.76.

ва як гуруҳи дигар бар асари омӯхтани забони арабӣ ва омезиш бо араб ин забонро ба сурати қонунӣ даровардaнд.[1] Муҳаққиқи муосири тоҷик Кароматулло Исмонов дар таҳқиқи рисолаи доктории худ ба хулосае меояд, ки Халил ибни Аҳмад ва Сибавайҳи форсӣ асосгузорони забоншиносии араб буда, “Китоб”-и таълифнамудаи ӯ аввалин дастури забоншиносии араб шинохта мешавад.[2]

Бузургтарин олимони эронинажод, ки дар таъйин ва ба тартиб даровардани илми сарфу наҳви араб саҳмгузор буданд, ин Абубашир Амр ибни Усмон ибни Қанбар Форсии Байзовӣ маъруф ба Себавайҳи (ё Себӯяи) Форсӣ (761\62-808) – «Ал-китоб», Абулҳасан Саид ибни Мусадаи Хоразмии Балхӣ (ваф.830\35), Ҳаким Абуҳафс ибни Аҳваси Суғдӣ (ваф.832) – «Фарҳанги Абуҳафс» маҳсуб мешуданд.[3] Аз таърихи хилофати араб маълум аст, ки дар давраи Умавиён забткориҳои арабҳо вусъат гирифта, омезиши арабҳо бо халқияту мардумони дигар вусъат ёфт. Ин омезиш дар забони арабии қурайшӣ, ки Қуръон ба он забон китобат шуда буд, дигаргуниҳо ворид намуд. Барои нигоҳ доштан ва боқӣ мондани забони арабии қурайшӣ аввалин шуда на арабҳои қурайш, балки эрониён саҳмгузор буданд.

Аввалин маротиба илми луғат ва наҳви арабӣ дар Басра тадвин гардида, дар Куфа аз ҷониби аҷамиён Абуҷаъфари Равосӣ (ваф.767), Кисоӣ (ваф.804) ва Фароа (ваф.822) густариш ёфтанд.[4] Дар густариши илми наҳв олимони аҷамӣ Наср ибни Шумайли Мозинӣ (ваф.840) («Китобу-с-сифот», «Ғарибу-л-Қуръон», «Ташреҳу-л-ҳуруф ва қуввату-л-арабия», «Китобу-с-салоҳ», «Китобу-н-наво ва-л-маъонӣ»), Абулҳасан Саид ибни Мусадаи Балхӣ (ваф.835) («Маъонию-л-Қуръон», «Тафсири илми қавофӣ», «Ғарибу-л-Қуръон», «Абёту-л-маъонӣ») Абӯҳотими Сиистонӣ (ваф.864) «Муаммарайн», «Ал-васоё», «Китобу-л-аздод», «Китобу-т-тазкир ва таънис», Абуамри Шамир (ваф.869) «Китобу-с-салоҳ», «Китобу-л-амсол, «Китобу-ҷ-ҷибол»,

---

[1] Давонӣ Алӣ. Ҳазораи шайх Тӯсӣ [Матн] / А. Давонӣ. – Техрон: Амири Кабир, 1362. – Ҷ.1. – С.162.
[2] Исмонов, К.Б. Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар таҳаввул ва ташаккули забоншиносии араб [Матн]: дисс... док. илм. филол.: 10.02.01 / Исмонов Кароматулло Бадриддинович. – Душанбе, 2023. – С.139-143.
[3] Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим [Матн] / И. Қурбон. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – С.97.
[4] Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.2. – С.810.

«Китобу-л-адвия», «Ғарибу-л-ҳадис инчунин» «Ал муъҷаму-л-кабир» луғати бузурги арабро таълиф кардааст. Абуабдуллоҳ ибни Зиёд маъруф ба Аъробии Синдӣ (ваф.844) «Асмоу хайли араби ва фурсонаҳум», «Китобу фозил фӣ адаб», «Наводир», «Девону-л-ошиқин», «Таърихи қабоил», «Тафсиру-л-амсол» ва як силсила асарҳои дигар таълиф кардааст. Муҳаммад ибни Фазли Шаъронӣ дар мавриди хидматҳои Абуабдуллоҳ ибни Зиёд чунин гуфтааст: «Ҳамчунон, ки Суфёни Саврӣ имоми ҳадис, Абуҳанифа имоми қиёс, Кисоӣ имоми қироъат аст, Ибни Аъробӣ имоми каломи араб аст».[1]

Дар замони Умавиёну Аббосиён гуруҳе аз тарҷумонҳо, ки дар ду забон – арабӣ ва форсӣ моҳир буданд, ба **тарҷумаи** китобҳои эронӣ ба арабӣ шуруъ карданд. Агар дар самти тарҷумаи асарҳои фалсафӣ, динӣ ва адабу шеър Ҳорунаррашид ва Маъмун ба тарҷумонҳо кумак намуда бошанд, дар самти таърих, фарҳанг, илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ Бармакиён ба мутарҷимон кумакҳои зиёд мекарданд. Бармакиён барои ташаккули худшиносии миллӣ ба тарҷумаи осори таърихии эронитаборон мурувват намуда, осори зиёдеро аз забонҳои санскритӣ-буддоӣ, суғдӣ ва паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума намуданд. Яке аз аввалин мутарҷимони аҳди исломии эронӣ Рӯзбеҳ ибни Ҷушнаш, маъруф ба Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ (720-763) буд, ки ӯ на танҳо тамаддуну фарҳангӣ миллати худро ба дигар қавмҳо ошно сохт, балки барои қавмҳои араб асосгузори насри адабӣ гардида, ба воситаи ашъори худ шеъри арабро такмил дод. Муаррихи мусори тоҷик Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ ӯро асосгузори тарҷумаи осори паҳлавӣ ба арабӣ низ номидааст.[2] Бештари кутубе, ки Ибни Муқаффаъ аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума кардааст, дар ҳама сохторҳо ва қавонини давлати арабҳо ҳамчун дастурамал хизмати босазо кардаанд. Тарҷумаҳое, ки вай аз паҳлавӣ аз паҳлавӣ ба арабӣ анҷом додааст, ин: «Худойнома-фӣ сияри», «Ойиннома – фӣ-л-ойини», «Калила ва Димна», «Китоби Маздак», «Китобу-т-тоҷ фӣ сирати Анӯшервон», «Китобу-л-одоби-

[1] Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.2. – С.810-813.
[2] Мирхонд. Равзату-с-сафо фи сирати-л-анбиёи ва-л-мулуки ва-л-хулафо [Матн] / Мирхонд; бо пешгуфтор ва таълиқоту ҳавошии Нурмуҳаммади Амиршоҳи. – Душанбе: Эр-граф, 2004. – Ҷ.1. – С.100-101.

л-кабир», «Китобу-л-одоби-с-сағир», «Китобу-л-ятима», «Фӣ расоили китобу ҷавомеъ», «Рисола фӣ-с-саҳоба» ва «Мантиқи Арастӯ» мебошанд.[1]

Як нуктаро бояд таъкид сохт, ки эрониён дар баробари илмҳои хоси динӣ – қироату тафсир, ҳадису фиқҳ, ба илмҳои ақлӣ ва дунявӣ низ дилбастагӣ нишон додаанд. Бо ибораи дигар, онҳо дар тамоми улуми динӣ ва дунявӣ саҳми бағоят калон гузошта, бо таълифоти пуарзиши худ тавонистаанд дар ташвиқу тарғиби ин илмҳо саҳмгузор бошанд.

Нишонаҳои илмдӯстии эрониёнро пайғомбари ислом ҳанӯз дар оғози ташаккули он эҳсос намуда, дар ин маврид дар ҳадисе овардааст: «Агар дониш дар Сурайё даровезад, қавме аз мардумони форс бад-он ноил меоянд ва онро ба даст меоваранд»[2].

Ба андешаи Эдуард Браун «агар улуме, ки умуман ба исми «араб» маъруф аст, иборат аз тафсиру ҳадис ва илоҳиёту фалсафа ва тиб ва луғату тароҷими аҳвол ва ҳатто сарфу наҳви забони арабӣ, он чиро ки эрониён дар ин мабоҳис навиштаанд муҷаззо (ҷудо) кунем, беҳтарин қисмати он улум аз миён меравад»[3], вале бояд донист, ки илм моли дине, гуруҳе ва халқе нест, балки моли башарияти бофарҳанг аст.

Дар ҳақиқат ахлоқи ҳамида, адолатпешагӣ, покӣ, зуҳду тақво ва парҳезгории пайғомбари исломро пайравони хуросонии ӯ идома дода, ба тариқаи **суфияи хуросонӣ** асос гузоштанд[4], ки дар қарнҳои баъдина ин тариқаи тасаввуф дар тамоми кишварҳои шарқи исломӣ нуфузи зиёд пайдо карда буд. Аввалин аҳли тасаввуф аз ҷумлаи форстаборон Ҳабиби Форсӣ, маъруф ба Ҳабиби Аҷамӣ (асосгузори тасаввуфи эронӣ) (ваф.734\738), Абуисҳоқ Иброҳим ибни Аҳмад ибни Сулаймон ибни Мансури Балхӣ, маъруф ба Иброҳими Адҳам (ваф.777\83), Абдуллоҳ ибни Мубораки Марвазӣ (ваф.797), Абуалӣ Фузайл ибни Айёзи Хуросонӣ (720-803), Абуалӣ Шақиқ

---

[1] Мирхонд. Равзату-с-сафо фи сирати-л-анбиёи ва-л-мулуки ва-л-хулафо [Матн] / Мирхонд; бо пешгуфтор ва таълиқоту ҳавошии Нурмуҳаммади Амиршоҳи. – Душанбе: Эр-граф, 2004. – Ҷ.1. – С.101.
[2] Абдурраҳмон ибни Халдун. Муқаддимаи ибни Халдун [Матн] / А. Халдун; тарҷумаи Муҳаммад Парвини Гунободӣ. – Теҳрон, 1366 ҳ.қ. – Ҷ.1. – С.115.
[3] Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим [Матн] / И. Қурбон. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – С.104.
[4] Тримингэм, ДЖ.С. Суфийские ордены в исламе [Текст] / С.ДЖ. Тримингем. – М.: Наука, 1989. – С.18.

ибни Иброҳими Балхӣ маъруф ба Шақиқи Балхӣ (ваф.809), Ҳотами Асам ибни Унвони Балхӣ (ваф.851), Абуҳомид Аҳмад ибни Хизравайҳи Балхӣ (ваф.854), Ибни Салми Ҳаддоди Нишопурӣ (ваф.877), Ҳамдун Қассори Нишопурӣ (ваф.884) ва Абӯтуроб Аскар ибни Ҳусайн (ваф.859) ба шумор мерафтанд.[1] Онҳо аз аҳли Хуросон буда, дар тағйир додани ҷаҳони тасаввуф саҳми бузург доштанд ва барои интишори босуръати он заминаи боэътимод гузоштанд.

Ин бузургони аҳли тасаввуф дар ҳамкорӣ бо уламои маъруфи соири илмҳои динӣ ва дунявӣ тавонистанд дар саросари сарзаминҳои мардумони эронинажод ба таблиғи илму фарҳанг, донишу маърифат, муаррифии моҳияти аслии ақлу хирад, мақому манзалати онҳо дар омӯзишу асрори койинот ва ҳикмати офаринишу оламу одам ва тамоми зуҳуроти олами ҳастии табииёт (физикӣ) ва фавқутабииёт (фаро физикӣ) пардозанд. Таълифоти онҳо дар сарзаминҳои аҷамиён маҳдуд нагашта, дар кишварҳои дигар барои омӯзиш ва таблиғи илму дониш мусоидат намуд. Бо ибораи дигар метавон гуфт, ки озодӣ аз сохти табақотии ифротӣ эрониёнро ба мутародифи илм табдил дод, яъне, эронӣ – фозил, ҳаким, ориф ва ғайра буд. Ин манзалат нисбат ба аҷамиён аз осмон нузул накарда буд, балки натиҷаи заҳматҳои шабонарӯзии олимони соҳаҳои мухталиф буд, ки билохира дар асрҳои VIII-XI ба «эҳёи Аҷам» овард ва Шарқи исломиро маркази омӯзиши илмҳо ва яке аз пояҳои зуҳури асри «эҳёи Аврупо» расонд.

Эрониён ва қавмҳои эронитабор ҳанӯз дар давраи зиндагии пайғомбар ба таблиғи ислом дар миёни мардуми ғайриараб ва баъдан ақвоми дигар шуруъ намуданд. Дар ин масъала Салмони Форсӣ, Бозони Яманӣ ва даҳҳо бузургони илм мисол шуда метавонанд. Дар бораи қабули ислом аз ҷониби Салмон мо дар бахшҳои пешини рисола маълумоти зарурӣ овардем. Акнун сухане чанд доир ба саҳм ва хизматҳои Салмон дар роҳи густариши ойини

[1] Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим [Матн] / И. Қурбон. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – С.293-294.

нав ёдовар шавем, ки бо ин хизматҳо ва садоқати худ дар назди пайғомбар ба чӣ манзалате расида буд.

Мувофиқи маълумоти Мардӯя ва дигар муҳаққиқону муаррихони таърихи ислом, Салмони Форсӣ яке аз нахустин эрониёне буд, ки дини навро қабул кард. Корнамоиҳои вай дар ду ҷанги хунин – Уҳуд ва Хандақ ва иштироки ӯ дар 29 ғазавоте, ки бо паёмбари ислом дошт, пойгоҳи ӯро дар назди паёмбар ва бузургони дин боз ҳам баландтар бурд.[1]

Баъд аз реҳлати пайғомбар Салмони Форсӣ дар густариши ислом ва таблиғу тарвиҷи он дар байни дигар қавму миллатҳо хизмати зиёд намуд ва дар охири умри хеш, дар аҳди хилофати Усмон, ба мартабаи волигии Мадойин – бузургтарин вилояти хилофат сазовор шуд.

Дар хусуси дӯстии пайғомбар бо Салмони Форс Ҷаъфар Муртазои Омулӣ дар китоби худ бо номи «Салмони Форсӣ» маълумот дода, қайд менамояд, ки рафоқати байни пайғомбар (с) ва Салмон баъди муҳорибаи Хандақ то ҳадде расид, ки пайғомбар ӯро чунин васф карда буд: «Салмон дарёест поённопазир ва ганҷест тамомнашаванда. Салмон аз аҳли байти мост»[2].

Пас аз муҳорибаи Хандақ Салмон мушовири ҳукумат таъйин шуд. Вай барои густариши ислом дар миёни мардумони Арабистон ва кишварҳои ҳамҷавори он маслиҳатҳои муфид медод, ки пайғомбар гаштаю баргашта таъкид месохт: «Салмон аз ман аст, ҳар кас ба ӯ ҷафо кунад ба ман ҷафо карда ва ҳар кӣ ӯро биёзорад, маро озурдааст. Нагӯ Салмони Форсӣ, аммо бигӯ Салмони Муҳаммадӣ»[3]. Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки вай ба мисли Мусо мартабае, ки ба Ҳорун дода буд, Муҳаммад низ чунин мартабаро ба Салмон ато карда буд. Тарҳрезии нақшаҳои ҷангӣ ва ғазавотҳо дар замони пайғомбар аз ҷониби Салмон ба он оварда расонд, ки бо васияти пайғомбар дар забти Эрон «Тоҷи Кисро»-ро бар сари Салмон гузошта буданд.[4]

---

[1] Омулӣ Ҷаъфари Муртазо. Салмони Форсӣ [Матн] / М.Ҷ. Омулӣ. – Теҳрон: Таблиғоти исломӣ, 1370. – С.32.
[2] Омулӣ Ҷаъфари Муртазо. Салмони Форсӣ [Матн] / М.Ҷ. Омулӣ. – Теҳрон: Таблиғоти исломӣ, 1370. – С.104.
[3] Ҳамон ҷо. – С.34-35.
[4] Ҳамон ҷо.

Дар баробари шахсиятҳои бузурги шинохтаи эронӣ, ки номашон дар саҳифаҳои таърих сабт шудааст, боз ашхоси дигар буданд, ки барои таблиғи ислом дар миёни қавмҳову **кишварҳои дигар саҳмгузор** будаанд.

Дар мавриди паҳншавӣ ва густариши ислом дар **Ҳиндустон** фикру андешаҳои зиёд мавҷуд аст. Тибқи маълумоти мавҷуда дар фосилаи байни солҳои панҷоҳум ва охири қарни аввали ҳичрӣ, ки Ҳиндустон дучори ошӯбҳои сиёсӣ ва мазҳабӣ гардида буд, арабҳои тозамусалмон барои забти он лашкар кашиданд ва чанде дар соҳилҳои Молобор иқомат карданд. Батадриҷ дар муддати бисту панҷ соли аввал онҳо тавонистанд ҳатто султони Малоборо ба ислом гаравониданд. Сарфи назар аз он ки тиҷорати арабҳо бо Ҳинд аз тариқи дарё анҷом мегирифт, вале паҳн намудани диёнати ислом бештар аз тариқи кишварҳои эронитабори Эрону Осиёи Марказӣ бад-он хитта роҳ ёфт.[1]

Сарчашмаҳои таърихӣ аз он далолат медиҳанд, ки асосгузори давлати Ғуриён – Шансаб дар замони Амирулмуъминин Алӣ мусалмон шуд ва фармондории ноҳияи Ғӯр аз тарафи он ҳазрат ба вай тафвиз гардид. Аввалин подшоҳи мусалмони ғӯрӣ, ки ба Ҳиндустон лашкар кашида, Деҳлиро фатҳ кард ва он ҷоро пойтахт қарор дод, Султон Муҳаммад Соми Ғӯрӣ буд.

Ба қавли муҳаққиқи эронӣ Муртазо Мутаҳҳарӣ дар замони хилофати Умавиён ва волигии Абдуллоҳ ибни Омир, Абдуллоҳ ибни Савори Абдӣ дар соли 664 маъмури марзи Синд таъйин гарданд ва ба ин минтақа лашкар кашид. Баъд аз вай дар соли 665 Муҳаллаб ибни Абисуфра ба Ҳинд ҳамла намуда, Муҳаммад ибни Қосим дар соли 709 шоҳи Синдро ба қатл расонида, сарзамини Ҳиндро зери тасарруфи мусулмонон медарорад.[2]

Баъд аз забти Ҳинд мусулмонон ба тафсиру тарҷумаи Қуръон даст зада, мардумро ба дарки ҳикмати ин китоб даъват мекунанд. Дар ҷодаи нашру таблиғи ислом ва донишҳои исломӣ дар сарзамини Ҳинд саҳми эрониён дар қарнҳои дувум ва савуми ҳичрӣ басо намоён буд. Ба қавли таҳқиқгарони

---

[1] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – С.385.
[2] Ҳамон ҷо. – С.399.

Афғонистон Абулҳай Ҳабибӣ «дар соли 883 марди хуросоние ба дарбори роҷаи Кашмир ва Панҷоб даъват шуд ва барои онҳо Қуръони азимро бо забони синдӣ тафсир ва тарҷума намуд»[1]. Исроил ибни Мусо, Рабеъи Саъдӣ (ваф.776), Халаф ибни Солими Синдӣ ва Абунасри Синдӣ аз ҷумлаи хуросониёне буданд, ки ба таблиғу омӯзиши ҳадисҳои паёмбар пардохта, бо сабаби тавсеа додани илми ҳадис дар Ҳиндустон бо исми Ҳиндӣ машҳур гардида буданд.[2]

Ба кӯшиш ва талоши аҷамиён ойини нав на танҳо дар сарзамини паҳновари Ҳинд, балки Чину кишварҳои минтақаи Уқёнуси Ором ва берун аз он густариш ёфт. Дар бораи воридшавии ислом ба Чин ақидаҳои зиёде мавҷуд буда, сарчашмаҳои таърихӣ ҳам нуфузи аъроб ва ҳам аҷамро дар алоҳидагӣ нишон додаанд. Алоуддини Озарӣ дар асари хеш дар бораи фиристодани сафире аз ҷониби пайёмбари ислом ба назди фағфури Чин маълумотеро ба шарҳи зайл пешниҳод месозад: «Пайғомбари ислом дар соли 628 намояндае ба назди Той Тсунк (628-650) подшоҳи силсилаи Тонг (Тан) барои даъвати ислом фиристод. Подшоҳи Чин ба ӯ муҳаббат кард ва ба ӯ кумак кард то масҷиде дар Контун бисозад»[3].

Дар бештари сарчашмаҳо омадааст, ки дар соли 651(31 ҳиҷрӣ) ҳангоми салтанати Юнг Вӣ, ки аз сулолаи императорони Тонг буд, сафиреро фиристода буд. Юнг Вӣ баъд аз ба даст овардани дини нав ба хулосае омад, ки ислом дар бисёр масъалаҳо бо иттилооти зарурӣ доир ба Конфутсия мувофиқ мебошад. Вале муқаррароте аз қабили ҳар рӯз панҷ маротиба намоз хондан ва дар як сол як моҳ рӯза доштан ба табъи вай хуш наомад. Аз ин рӯ ба ин дин намегаравад. Лекин вай ба Саъд ва ҳамроҳони вай иҷозати таблиғи дини исломро дар Чин дода буд. Ин мубаллиғон дар шаҳри Чанган аввалин масҷидро эъмор намуданд.[4]

---

[1] Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.2. – С.774.
[2] Ҳамон ҷо. – С.776-777.
[3] Озарӣ Алоуддин. Таърихи равобити Эрону Чин [Матн] / А. Озарӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – С.60.
[4] Ҳамон ҷо. – С.58-59.

Дар мавриди воридшавии ислом ба Чин ба дасти арабҳо маълумоти зиёд вуҷуд дорад. Аввалин сарчашмае, ки дар ин бора маълумоти муътамад додааст, ин «Таърихи Табарӣ» мебошад, ки дар қисми нуҳуми ин асар дар бораи ҳуҷумҳои харобиовари Қутайба ба Қошғар ва Чин маълумоти арзишманд ҷой додааст. Мувофиқи маълумоти ин сарчашмаи боэътимод: «Дар соли 715 (96ҳ) Қутайба сӯйи Фарғона рафт ва кас сӯйи дараи Исом фиристод, ки роҳи Кошғарро, ки наздиктарин шаҳри Чин буд барои вай ҳамвор кунад… Ва Қутайба Касир ибни Фалонро ба Қошғар фиристод, ки он ҷо асироне гирифт ва ба гарданашон муҳр ниҳод, ки инро Худо ғанимати Қутайба кард. Он гоҳ пеши Қутайба бозгашт. Пас Қутайба пеш рафт то наздики Чин расид… Қутайба савганд ёд кард, ки бознагардад, то пой ба сарзамини Чин ниҳад ва шоҳонро муҳр занад ва боҷ гирад».[1]

Баъд аз ин савганд Қутайба 12 тан аз бузургону донишмандонро, ки дар сафар бо ӯ буданд, ба назди фағфури Чин фиристод, то исломро пазирад. Фағфур қасами Қутайбаро қабул намуда, хоке аз сарзамини Чин ба Қутайба фиристод то пойи худро дар он ниҳад. Ҳамчунин чанд тан аз фарзандони худро назди вай фиристод, то ин ки ба гарданашон муҳр зананд.[2]

Баъд аз марги халифаи умавиён Валид Сулаймон ибни Абдулмалик ба хилофат расид ва Қутайба аз раёсати вилояти Хуросон сабукдӯш шуд. Лекин сарфи назар аз ин “дар дастгоҳи асокири 54 ҳазораи Қутайба 7 ҳазор марди хуросонӣ низ буданд, ки сарварии онҳоро марде бо номи Ҳайёни Хуросонӣ кардӣ”.[3] Ҳамин эрониён буданд, ки бо дастгирӣ ва кумаки онҳо мардуми Чин рӯй ба ислом оварданд ва қисмате аз онҳо, хосатан минтақаи Туркистони Шарқӣ ин динро пазируфтанд.

Сарфи назар аз он, ки оғози вуруди ислом ба Чин аз ҷониби арабҳо сурат гирифт, лекин таблиғу густариши он дар ин кишвар ба дасти эрониён амалӣ гашта буд. Дар ин масъала саҳми савдогарони мусулмони эронӣ, ки аз

---

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.IX. – С.3887-3888.
[2] Ҳамон ҷо. – С.3888-3891.
[3] Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.1. – С.386.

Самарқанду Фарғона ва Бухорои Шарқӣ ба василаи Роҳи Бузурги Абрешим ба ин кишвар мерафтанд, шуруъ шуда буд. Аксарияти эрониҳо, ки бештар хуросонӣ, исфаҳонӣ, табрезӣ, кобулӣ, суғдӣ, ҳоразмӣ ва ғайра буданд ва аз тариқи «Шоҳроҳи бузурги абрешим» (роҳ) ба Чин рафтанд ва дар он сарзамин даст ба таблиғу тарвиҷи дини ҷадид заданд.[1]

Мувофиқи маълумоти манбаҳои чиноӣ дар байни солҳои 651-798 аз тарафи кишварҳои тошӣ (арабҳо) ва форсӣ ба Чин 39 ҳайати сафорат ирсол шуда буд. Бисёри эрониён пас аз истилои араб, ки мавриди таъқиб ва фишори шадид қарор гирифта буданд, ё ба манзури корҳои тиҷоратӣ ба Чин муҳоҷират карданд ва он ҷоро макони доимии сукунат ихтиёр карданд, маҳз ба василаи онҳо тарғибу ташвиқи ислом дар Қошғар, Ёрканд, Турфон, Хутан ва дигар минтақаҳо сурат мегирифт.[2]

Аслан ба ислом рӯй овардан ва қабули он аз ҷониби баъзе минтақаҳои Чин бо ду роҳ: аввалан бо роҳи хушкӣ аз ҷониби Самарқанду Фарғона ба қисматҳои шимолу ғарбии Чин; сониян – бо роҳи баҳрӣ аз ҷониби ҷанубу шарқии Чин сурат гирифтааст.

Муҳаққиқи эронӣ Алоуддини Озарӣ дар бораи густариш ва нуфузи ислом дар Чин ба дасти эрониён таъкид месозад, ки «ойини муқаддаси ислом нахустин бор тавассути эрониён ба Чин роҳ ёфт ва ба ҳамин ҷиҳат исломи чинӣ аз ҳамон оғоз ранги эронӣ пайдо кард, ба тавре, ки ҳанӯз пас аз гузашти чанд қарн мусулмонони чинӣ қисмате аз намозро ба форсӣ мехонанд ва нияти қабл аз намозро ба форсӣ баён мекунанд».[3]

Дар замони хилофати Умавиёну Аббосиён раванди тиҷоратии мусулмонон ба Чин хеле пешрафта буд. Он миқдори мусулмононе, ки дар замони қудрати Умавиён ба Чин ворид мегаштанд ба «тозиёни (арабони) сафедпӯш» ва мусалмононе, ки дар аҳди Аббосиён вориди ин кишвар мешуданд ба «тозиёни сиёҳпӯш» маъруфият пайдо карда буданд. Дар ҳудуди

---

[1] Озарӣ Алоуддин. Таърихи равобити Эрону Чин [Матн] / А. Озарӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – С.63.
[2] Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Пайванд, 2005. – С.399.
[3] Озарӣ Алоуддин. Таърихи равобити Эрону Чин [Матн] / А. Озарӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – С.61.

150 соли муносибати тиҷоратӣ байни мусулмонон ва Чин теъдоди савдогарони эронӣ рӯ ба афзоиш оварда, бо тадриҷ бо занҳои чинӣ оиладор шуда, дар он ҷо муқимӣ мешуданд.[1]

Расму ойин, одобу маърифат ва таълимоти исломӣ, ки эрониёни сокини Чин ба мардуми маҳаллӣ муаррифӣ мекарданд, боиси гироиши зиёди сокинони ин кишвар ба ислом гардид. Дар баробари ин савдогарону тоҷирони мусалмони эронӣ, ки молҳои зарурӣ аз Осиёи Марказиву Аврупо ба Чин бурда, бо нархи арзон мефурӯхтанд, боиси баланд гардидани нуфузи ойини ҷадид ва нуфузи тоҷирон мегардид.

Роҳи обии ворид шудани дини ислом ба Чин аз тариқи Ҳиндустон ва бандарҳои халиҷи Форс, дарёи Уммон ба кишварҳои Ҷанубу Шарқии Осиё, Африқои Шарқӣ ва Шимолӣ, Андалусия, ҷазираҳои Уқёнуси Ҳинд ва Индонезия тавассути баҳрнавардон ва мубаллиғони эронинажод ворид гардид. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқи аврупоӣ И. Голдсиер аввалин нафароне, ки дар охири асри VII ва ибтидои асри VIII барои густариши ислом ба қисматҳои Ҷанубу Шарқии Осиё ҳаракат карда, тоҷирони аз Ҳиндустон, Эрон ва Чин омада буданд.[2]

Яке аз дигар сабабҳои интишори ислом дар ин минтақаҳо вобаста ба корнамоиҳои Абумуслими Хуросонӣ буд. Баъд аз марги Абумуслим хулафо ба он водор шуданд, ки дар минтақаҳои дурдасти исломӣ бояд аз ҳисоби хуросониён волӣ таъйин кунанд ва ба ин васила густариши исломро дар ин минтақаҳо таъмин намоянд.

Дар ин бора Муртазо Мутаҳҳарӣ андешаи хешро чунин иброз намудааст: «Яке аз манотиқе, ки мавриди таваҷҷуҳи Аббосиён буд ва бим доштанд, ки аз он шарре мутаваҷҷеҳи эшон гардад, сарзаминҳои мағриби Аксо ва шимоли Африқо буд, зеро ҳанӯз ҳукумати Андалус ба дасти Умавиён буд ва метарсиданд, ки аз он ноҳия хатаре муваҷҷеҳи онон гардад. Аз ин рӯ аз аҳди Маҳдии Аббосӣ ҳуккоми Мисру Африқоро аз миёни

[1] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – С.393.
[2] Ионова, И.А. Ислам в Юго-Восточной Азии [Текст] / А.И. Ионова. – М.: Наука, 1981. – С.15.

мардумони Хуросон, ки душманони сарсахти Бани Умайя буданд, интихоб мекарданд».[1]

Дар тули ҳукумати волиёни хуросонӣ, ки аз аҳди Аббосиён то даврони қудрати Фотимиён дар ин минтақа ҳукумат мекарданд, ҳазорон олимону фақеҳон, муфассирону муҳаддисон ва беҳтарин расму ойини ислом вориди ин минтақаҳо гардида, исломро беш аз пеш густариш доданд. Мувофиқи маълумоти маъхазҳо 30 нафар[2] аз бузургони хонадонҳои Хуросон дар Мисру Африқои Шимолӣ ҳукумат кардаанд, ки ин арқом далел ба саҳми эрониён дар густариши ислом миёни аҳвоми дигар мебошад. Инчунин дар замони хилофати ин хонадон ҳазорон нафар аз Хуросон ба сарзаминҳои фатҳшуда (Мисру Африқо) муҳоҷират карданд ва мардумро бо аҳкоми шариати ислом ошно намуданд.[3]

Қобили тазаккур аст, ки фарзандони Хатлонзамин низ дар замони хилофати Аббосиён ҳукумати Шом ва Мисрро дар даст дошта, аз худ номи сазоворе дар таърих ба ҷой мондаанд, ки яке аз ин шахсиятҳо Исҳоқ ибни Яҳё ибни Муъоз ибни Муслими Хуталӣ (Хатлонӣ) мебошад. Зириклӣ дар китоби “ал-Аълом” аз Исҳоқи Хуталӣ ҳамчун шахсияти барҷастаи сиёсӣ маълумот дода, бинобар шаҳодати ӯ ин тоҷики хатлонӣ дар давлатдории Аббосиҳо саҳми арзандае аз худ боқӣ гузоштааст. Тибқи маълумоти овардаи ӯ “Исҳоқи Хуталӣ пеш аз ин (яъне пеш аз шоҳи Миср шуданаш) се маротиба шоҳи Димишқ интихоб шуда буд. Аввал дар рӯзгори Маъмуни Аббосӣ, сипас дар рӯзгори бародари вай Муътасими Аббосӣ, ки ин бор муддати шоҳигарии ӯ бисёр тулонӣ буд ва бори савум дар рӯзгори Ҳорун ибни Муътасим, ки машҳур ба ал-Восиқ мебошад”[4].

Бинобар шаҳодати ал-Киндӣ Исҳоқи Хуталӣ баъд аз оне, ки се маротиба дар Димишқ, пойтахти Шоми Араб ба ҳайси волии Аббосиҳо ҳукумат кард,

---

[1] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – С.361.
[2] Ҳамон ҷо. – С.362.
[3] Аторӯдӣ Азизуллоҳ. Таърихи остони қудси разавӣ [Матн] / А. Аторудӣ. – Теҳрон: Аторӯд, 1371. – Ҷ.1. – С.25.
[4] Хайриддин Зириклӣ. ал-Аълом. Муассасату-т-торихи-л-арабӣ [Матн] / Х. Зириклӣ. – Чопи дувум. – Бейрут, 1989 м. – Ҷ.I. – С.297.

мавсуф бори дигар дар соли 850 мелодӣ аз ҷониби Мунтасир ибни Мутаваккили Аббосӣ, ки он замон валиаҳди падараш Мутаваккил буд, Исҳоқро волии Миср таъйин намуда, ҳама атоҳо ва инъомот ва хироҷи мамлакатро ба вай супурд.[1] Исҳоқи Хуталӣ дар давраи ҳукуматдории худ дар Миср чунон хидмати шоистае барои ин мардум анҷом дод, ки ба қавлӣ Зириклӣ: “аҳли Миср ӯро дуст доштанд”[2].

Ибни Асокир низ дар китоби “Таърихи Димишқ” ин сиёсатмадори Хатлониро чунин васф кардааст: “Исҳоқи Хуталӣ аз шоҳони бузургвор буд. Вай шахси ҷавонмард, саховатманд, дорои ахлоқи сазовори ситоиш, далер, хирадманд, дурандеш, сиёсатмадор ва дустдори шеъру шуъаро буд. Шоирон аз ҷойҳои гуногун ба назди вай сафар карда, ӯро ба беҳтарин мадеҳаҳо месутуданд ва ӯ низ онҳоро ба беҳтарин инъомҳо сарфароз менамуд. Вай нисбат ба зердастонаш нармхӯ ва боадлу инсоф буд. Дар соли 237х/852 мелодӣ ин шахсияти бузург дори фониро падруд гуфт ва дар мавзеи Қурофаи Миср ба хок супорида шуд. Шоирон дар сӯгвории вай марсияҳо эҷод карданд, ҳатто баъзе шоирони шаҳри Басра низ.[3]

Аз маълумоти сарчашмаҳои зикршуда бармеояд, ки тоҷикон на танҳо дар сарзаминҳои аҷдодии худ, балки фаротар аз он дар густариши фарҳанги исломӣ дар ҳар гӯшаи дунё саҳми арзандае аз худ ба мерос гузоштаанд.

Балозурӣ дар “Футуҳу-л-булдон” аз саҳми боризи хуросониён дар самти лашкардорӣ ва густариши ислом дар қисмати мамолики Мағриб маълумот дода, қайд менамояд, ки Ҳасан бинни Қаҳтабаи Тоӣ дар соли яксаду шасту ду ба саркардагии сипоҳе аз аҳли Хуросон ва Мавсилу Шом ба ҷанги билоди Рум рафт ва аз самти Тартус ба набард шитофт ва сарзамини Румро зери пой ниҳоду маглуб сохт.[4] Пас, маълум мегардад, ки хуросониён ҳанӯз дар ибтидои хилофати Аббосиён ба симмати сарлашкарӣ расида, дар тарвиҷи

---

[1] Ал-Киндӣ. Вулоту Миср [Матн] / Ал-Киндӣ. – Ҷ.1. – С.60.
[2] Хайриддин Зириклӣ. ал-Аълом. Муассасату-т-торихи-л-арабӣ [Матн] / Х. Зириклӣ. – Чопи дувум. – Бейрут, 1989 м. – Ҷ.I. – С.297.
[3] Тағрӣ Бердӣ. Ан-нуҷуму-з-зоҳира фӣ мулуки Миср ва-л-Қоҳира [Матн] / Бердӣ Тағрӣ. – Ҷ.1. – С.242-243.; Ибни Асокир Алӣ ибни Ҳасан. Таъриху мадинати Димишқ [Матн] / А. Ҳасан; бо кӯшиши Алишерӣ. – Бейрут, 1995-1996. – Ҷ.8. – С.302-305.
[4] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С.176.

ислом дар минтақаҳои Осиёи Хурду қисмати аврупоии он нақши бориз гузоштаанд.

Балозурӣ ҷои дигар аз нуфузу таъсири баланд доштани хуросониён маълумот дода, менигорад, ки Абдулмалик бинни Солеҳ, Язид бинни Махлади Фарозиро бар Тартус вилоят дод, лекин хуросониёни муқими он шаҳр вайро дур карданд ва нагузоштанд, ки барои онҳо ҳукумат намояд.[1] Аз омӯзиши ахбори “Футуҳу-л-булдон”-и Балозурӣ ба хубӣ пай мебарем, ки хуросониён ҳанӯз дар ибтидои вусъат ёфтани ҷуғрофиёи ислом дар сафи пеши лашкаркашиҳо қарор дошта, ҳатто волиёни арабро итоат намекарданд ва намегузоштанд, ки дар шаҳрҳои фатҳкардаи онҳо ҳукумат кунанд. Балозурӣ ҷойи дигар қайд менамояд, ки хуросониён дар роҳбарии шаҳрҳои шимолии Африқия, Сисия, Қайравония Тартусия ва дигар шаҳрҳои калидии Антокия нақши бориз доштанд.[2]

Нуфузи дини ислом дар Индонезия ва ҷазираҳои дигар низ ба василаи ду тоҷири эронинажод бо номҳои Абдуллоҳи Ариф ва Бурҳониддин, ки аз бозаргонони муқимии Гуҷорот буданд, сурат гирифт. Ин тоҷирон, ки дар ҷанубу шарқии Осиё тиҷорат мекарданд, маорифу фарҳанги барҷастаи исломиро дар минтақа интишор доданд.[3]

Дар тасдиқи гуфтаҳои боло муаррихи Индонезия Исмоил Яъқуб зикр сохтааст, ки «…мо ба хубӣ медонем, ки дини ислом ба василаи мубаллиғоне, ки аз хориҷ, аз ҷумла аз Эрон омаданд, вориди ҷазоири Индонезия шуд».[4] Ба ибораи дигар саҳми эрониён дар қарнҳои аввал ва дувуми ҳиҷрӣ дар таблиғу густариши ойини ҷадид хеле назаррас буда, дар самти ба ислом гаравидани қавмҳои дигар, аз он ҷумла аҳолии хурдтарин ҷазираҳои Индонезия аз назари онҳо дур намонда будааст.

---

[1] Ҳамон ҷо. – С.177.
[2] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – С.177; 233
[3] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – С.380.
[4] Ҳамон асар. – С.384.

Ин раванд аз он шаҳодат медиҳад, ки агар арабҳо ба милликунонии дини ислом рӯй оварда бошанд, эрониён ба рисолати хусусияти фаромиллӣ ва фароқавмӣ бахшидани он кӯшишу талошҳои беназир карда, воқеан ба ислом рисолати дини ҷаҳонӣ бахшиданд.

Дар самти фаъолияти сарбозӣ ва сарлашкарӣ низ эрониён пешсаф буданд, ҳатто онҳо дар симои Абумуслим тавонистанд, низоми хилофатеро аз миён бардошта, бар ивази он хилофати дигареро ба сари қудрат биёранд. Нуфузи эрониён дар таъсис ва ташаккули хилофати Аббосиён чунон баланд шуда буд, ки худи арабҳо аз ин вазъ ба тарс омада буданд. Барои мисол шахсе аз қабилаи Бани Қайс бо номи Умайр ба урдуи Иброҳим Имом пайваст ва гуфт: “Аз лаҳзае, ки ба урдугоҳи ту ворид шудам ғаму андуҳам афзунӣ ёфт, зеро нашунидам, ки касе дар ин урдугоҳ ба забони арабӣ сухан гӯяд”[1].

Илова бар ин, аввалин вазири Аббосиён Абусалмаи эронӣ буда, ки пас аз чаҳор моҳи вазирӣ кушта шуда буд.[2] Ин ҳама натиҷаи фаъолияти Абумуслим буд. Ҳатто ҳангоми ворид шудани Абумуслим ба сарзамини Хуросон ин минтақа дар гирдоби шӯришҳое қарор дошт, ки миёни се гуруҳи мухолиф даргирифта буд. Амири Умавӣ Наср ибни Сайёр саргарми задухӯрд бо Кирмонӣ ва Шайбони Ҳарурӣ буд. Шайбон дар навбати худ ба андозае неру ва қудрат ба даст оварда буд, ки даъвои халифа шудан мекард.[3] Бузургӣ ва дурандешии Абумуслим ба он оварда расонд, ки вай ҳар ду қувваи ҳукуматхоҳ ва давлати Умавиёнро аз миён бардошта, Аббосиёнро ба сари қудрати хилофат овард, ки пурра хусусияти миллии эронӣ дошт. Сохтори давлат ва ҳукумати Сосониён дар либоси нав зуҳур кард ва хилофат моли аҷамиҳо гашт.

Хулоса, пас аз қиёми Абумуслими Хуросонӣ ва таъсиси хилофати Аббосиён дар саросари ҷаҳони ислом авзоъ ба куллӣ тағйир ёфт ва эрониён зимоми давлатро ба даст гирифтанд. Холиди Бармакӣ, ки ёварони Абумуслими Хуросонӣ буд, ба сифати садри аъзами ҳукумати Аббосиён

---

[1] Абдулкарими Яғмо [Матн] // Баррасиҳои таърихӣ. – Соли 12. – шумораи 1. – С.67.
[2] Абӯсалмаи Ҳилол [Матн] // Баррасиҳои таърихӣ. – Соли 12. – шумораи 1. – С.70-83.
[3] Абдулғанӣ Ҳасан. Абумуслими Хуросонӣ [Матн] / А. Ҳасан. – Теҳрон: Сипеҳр, 1353. – С.17-18.

таъйин шуд ва чунон ки гуфтем сохтори давлатдории замони Сосониёнро барқарор намуда, ширкати эрониёнро дар тамоми самтҳои давлатдорӣ фаъолтар намуд.[1] Хизматҳо ва кордонии Абумуслими Хуросонӣ ба он оварда расонд, ки арабҳо дар кори умури давлатдорӣ ва сиёсату амнияти эрониёнро давлатшарики худ сохтанд. Ба ақидаи Ибни Халдун дар ин давра "эрониён ба суръати ҳарчи бештаре дар дастгоҳи хилофат роҳ меёфтанд, тасарруфоту дахолатҳои гуногун дар он доштанд ва аҳкоми хилофатро тибқи мақосиди хеш тағйир медоданд".[2]

Муҳаққиқи муосири аврупоӣ Э. Ренан фикри худро чунин баён намудааст, ки: «Банӣ Аббос дар ҳақиқат Сосониёнанд, ки дубора ба тоҷу тахт расиданд. Яъне мушовирон ва маъмурин ва муҳассилини молӣ ва вазирон аз Баромака буданд, аз нажоди дудмони қадими Эрон буданд ва соҳиби илм ва маърифати хеш».[3] Гуфтаҳои Э. Ренан маънои онро надорад, ки Аббосиён аз дудмони Сосониёнанд, балки маънои онро дорад, ки дар даврони хилофати онҳо эрониён дар тамоми сохторҳои идорӣ, аз ҷумлаи вазирӣ, мушовирӣ, маъмурии андозу хироҷҳо, волиёни вилоятҳо, дар соҳаи сарбозиву ғазаватҳо ва дар бахши илму маориф ҳама аз эрониён буданд.

Ба тасдиқи матолиби зикргардида бояд ёдовар шуд, ки муҳаққиқи лубнонӣ Ҷурҷи Зайдон ҳамин ақидаро ҷонибдорӣ карда, таърихи ҷаҳони исломро аз соли 750 то соли 850 марбут ба эрониён донистааст. Ба қавли ин муҳаққиқ: «Давраи мазкурро метавон давраи эронӣ номид, зеро агар чи хулафо ва забон ва дини ин давра аз араб буда, аммо аз ҳайси сиёсат ва идораи умури мамлакатӣ таҳти назари эрониён қарор доштааст. Эрониён он давлатро ёрӣ карданд ва ба по доштанд ва онҳо идора намуданд. Вазирон ва амирон ва нависандагон ва ҳоҷибони ин давлат ҳама эронӣ буданд».[4]

---

[1] Ҳақиқат Абдуррафеъ. Таърихи неҳзатҳои фарҳангии Эрониён [Матн] / А. Ҳақиқат. – Теҳрон: Ширкати муаллифон ва мутарҷимони Эрон, 1347. – С.144.

[2] Абдурраҳмон ибни Халдун. Муқаддимаи ибни Халдун [Матн] / А. Халдун; тарҷумаи Муҳаммад Парвини Гунободӣ. – Теҳрон, 1366 ҳ.қ. – Ҷ.1. – С.132.

[3] Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Пайванд, 2005. – С.174.

[4] Ҷурҷи Зайдон. Таърихи тамаддуни исломӣ [Матн] / Ҷ. Зайдон; тарҷумаи Алии Ҷавоҳир. – Теҳрон: Амири Кабир, 1372. – Ҷ.2. – С.749.

Найири Нурӣ дар китоби худ «Саҳми арзишманди Эрон дар фарҳанги ҷаҳон» аз Аҳмади Амини Мисрӣ иқтибосе овардааст, ки мувофиқи он саҳми эрониёнро дар таъсиси низоми нави давлатӣ, такмили қавонину ба роҳ мондани низоми хуби иҷтимоӣ миёни арабҳо баррасӣ менамояд. Мувофиқи баёни ӯ «агар эрониён намебуданд, аъроб ба неъмат ва осоиш ва зиндагии муаззам ошно намешуданд. Бузургони эронӣ, чун Бармакиён, тамаддун ва зиндагии иҷтимоиро ба аъроб омӯхтанд».[1]

Бо ҳамин тариқ, пас аз таҳлилу баррасии маълумоти сарчашмаҳои боэътимоди таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ метавон хулоса намуд, ки пайғомбари ислом тавассути Салмони Форс аз таъриху фарҳанги форстаборон хуб бохабар буд ва онҳоро ҳамчун мардуми соҳибтамаддун қабул дошт. Сарфи назар аз он, ки арабҳои миллатгаро «маволии аҷамиро» ба хару сагу хурӯс ва ғайра баробар медонистанд, лекин ҳамин эрониён буданд рисолати аслии пайғомбарро, ки аз имону илму ирфон иборат буд, амалӣ сохтанд. Онҳо дини навинро аз маҳдудаи қавмӣ ва миллӣ берун кашида, ба он хусусияти фаромиллӣ доданд. Аз дастовардҳои пешрафтаи илм ва дониш истифода карда, табақабандии илмҳои диниву дунявиро ба роҳ монда, дар баробари илмҳои динӣ ба илмҳои дунявӣ низ мақому манзалати хоса бахшиданд. Онҳо хостанд тавассути дини ислом адолати иҷтимоиро дар амал татбиқ карда, низоми давлатдории ормонӣ созанд. Лекин таъсиси салтанат ба сари қудрат омадани силсилаи авлодӣ ва туркон муборизоти «қавмҳои бедавлат» барои таъсиси давлати худ, ҷангҳо ва лашкаркашиҳои «салибӣ», ворид сохтани ақидаи беасоси «шоҳ сояи Худо» ва ғайра боиси ба хоку хун кашидани «Эҳёи Аҷам» ва давлати ормонии эрониён, ки холӣ аз ҳама гуна табақаи иҷтимоӣ аст, гардид.

[1] Абдулҳомид Найири Нурӣ. Саҳми арзишманди Эрон дар фарҳанги ҷаҳон [Матн] / А.Н. Нурӣ. – Теҳрон: Маркази фарҳанг ва интишори исломӣ, 1375. – Ҷ.2. – С.859.

§ 4.3. Нақш ва мақоми ҳанафия дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии Хуросону Мовароуннаҳр

Таҳлили маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки ҳанӯз дар мадҳи ислом мактабҳою фирқаҳо ва равияҳо шакл гирифта, зери таъсири ақидаҳои инфиродии фақеҳону уламо, мардумро ба гуруҳҳо ҷудо намуда, манфиатҳои худро амалӣ менамуданд. Мутафаккирони форстабор дар асоси таълимоти ислом ва сарчашмаҳои асосии он маҷмуи афкори томи мазҳабиро барои ҳифзи арзишҳои миллӣ ва эҳёи суннатҳои ниёгон мураттаб намуданд, ки минбаъд бо арзишҳои волои халқиятҳои мусалмоншуда омезиш ёфта, як мазҳаби фароқавмиро ба вуҷуд овард ва дар садри он фарзанди фарзонаи тоҷик Нуъмон ибни Собит – Имом Абуҳанифа қарор дошт. Ин мазҳаб барои ба ҳам овардани мардумони минтақа, бахусус форстаборон хизмати босазо намуд.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, аз даврони ба сари қудрат омадани сулолаи Умавиён, пойтахти хилофат аз шаҳри Кӯфа ба Димишқ кӯчонида шуд. Сарфи назар аз ин, Кӯфа ҷойгоҳи илмии худро аз даст надода, дар даврони ҳаёту фаъолияти Абуҳанифа ин шаҳр маркази илмии хилофат ба шумор мерафт. Лекин ҳамроҳ бо Басра, баъди таъсиси пойтахти нави хилофат дар шаҳри Бағдод, аҳаммияти фарҳангии худро батадриҷ гум кард.[1] Хосатан дар даврони ҷавонии Абуҳанифа Кӯфа ва Басра аз марказҳои бузурги фарҳангӣ ва илмӣ буданд, ки дар онҳо на танҳо баҳсҳо дар масъалаҳои фиқҳӣ, фалсафӣ ва ирфонӣ, балки дар мавзуъҳои каломӣ ва илоҳиётшиносӣ низ хеле ривоҷ ёфта буданд.

Муҳиммияти ин амал аз он иборат буд, ки андешаҳои фиқҳию каломии Имоми Аъзам Абуҳанифа дар қатори дигар нукоти ҷаҳони ислом дар ҳавзаи илмии Хуросону Мовароуннаҳр хуб пазируфта шуда, дар ҳеҷ куҷо ба андозаи ин минтақа рушду такомул наёфтанд. Маҳз аз ҳамин ҳавзаи илмӣ таълимоти вай ба кишварҳои дуру наздик паҳн гардид. Ҳамзамон дар қисмати аъзами

[1] Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1966. – Т.VI. – С.6.

дигар кишварҳои қаламрави хилофат зуҳур ва ташаккули илми фиқҳ таҳти таъсири мактаби Абуҳанифа ва шогирдони донишманди вай сурат мегирифт. Дар Хуросону Мовароуннаҳр асару андешаҳои Абуҳанифа ҳанӯз ҳангоми дар ҳаёт будани вай маъруф гардида, ҳамчун манбаву сарчашмаи муътамади эътиқодӣ ва илмӣ сабаби бунёди мактаби мустақили каломию фиқҳӣ дар минтақа, яъне ватани таърихӣ ва аҷдоии мутафаккир гардида буданд.

Ҳамин дилгармӣ ва муносибати хоси Абуҳанифа нисбат ба илм буд, ки вай ба минтақаҳои мухталифи хилофат бо мақсади мунозира бо намояндагони мактабҳо ва фирқаҳои машҳури динию ғайридинӣ сафар намуда буд. Ваҳбӣ Сулаймон дар асари хеш «Ҷилваҳое аз зиндагонии Имом Абуҳанифа» ишора кардааст, ки Имоми Аъзам қариб сӣ маротиба ба Басра бо мақсади шиносоӣ бо таълимоти дигарон раҳсипор шуда, бо намояндагони машҳури он шаҳр баҳсҳои илмӣ анҷом дода буд.[1] Вай гоҳ-гоҳ то ним сол ва аз ин ҳам зиёд дар ин шаҳр истиқомат карда, бо андешамандони машҳури илмӣ, аз қабили намояндагони хаворич[2], ҳашвия[3], муътазила[4], мурҷиа[5] ва

---

[1] Ваҳбӣ Сулаймон. Ҷилваҳое аз зиндагонии Имом Абуҳанифа [Матн] / С. Ваҳбӣ; тарҷумаи Аминуллоҳи Каримӣ. – Теҳрон, 1382 ҳ.ш. – С.46.

[2] Хаворич - Аввалин фирқаи ислмиро номанд, ки пайравони он ҳангоми муборизаи Алӣ ибни Абитолиб бо Муовия аз Алӣ ҷудо шуданд. “Баробарии мусулмонон” асоси таълимоти онҳоро ташкил менамуд. Таълимоти динии хаворич аз ақидаҳои шаръии сунниёни ибтидоӣ чандон фарқ надорад. Ниг: Ҳазратӣ, М., Саидиён, И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / М. Ҳазратӣ, И. Саидиён. – Душанбе: Ориёно, 1992. – С.164.; Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1. – С.145.

[3] Ҳашвия тоифаеро аз муътазила, мурҷиа, шиа ва хориҷияро номанд, ки ҷонибдорони он бештар ба зоҳири оёти Қуръон қоил буда, тачассумро эътироф менамуданд. Ниг: Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1. – С.146.; Ҳазратӣ, М., Саидиён, И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / М. Ҳазратӣ, И. Саидиён. – Душанбе: Ориёно, 1992. – С.197.

[4] Муътазила – яке аз ҷарёнҳои бонуфузи каломии исломро номанд, ки асосгузораш Восил ибни Ато (699-748) буда, ба маънои азл, эътизол ба тариқи эътироз ҷудо шудан аз ҳалқаи дарсии Устодаш Ҳасани Басрӣ бо номи пайравони адл ва тавҳид шуҳрат ёфта буданд. Онҳо аввалин нафароне буданд, ки ба таълимоти динӣ муносибати ақлгароёна намуда, баъдан байни намояндагони он ихтилоф ба вуҷуд омада, боиси ба вуҷуд омадани 12 фирқа гардиданд. Ниг: Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1. – С.66-67.; Ҳазратӣ, М., Саидиён, И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / М. Ҳазратӣ, И. Саидиён. – Душанбе: Ориёно, 1992. – С.104-105.

[5] Мурҷиа – аз мафҳуми “ирҷоъ-ба таъхир гузоштан” падид омада, як фирқаи калони исломро номанд, ки байни ду фирқаи бо ҳам зидди шиа ва хаворич мавқеи созишкоронаро ишғол намуда, бештар ба масъалаҳои каломӣ машғул гардида, ба фирқаи мустақили калом табдил ёфт. Мувофиқи таълимоти мурҷиа инсони муртакиби гуноҳи кабира муъмин буда, кофар намешавад ва гуноҳи ӯ то рӯзи қиёмат ба таъхир гузошта мешавад. Ниг: Ҳазратӣ, М., Саидиён, И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / М. Ҳазратӣ, И. Саидиён. – Душанбе: Ориёно, 1992. – С.97-98.; Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи

ғайра саргарми баҳсу мунозираҳо мегашт. Мунозираҳо ва баҳсу ҷадалҳои каломии Абуҳанифа барои ӯ як мактаби бузурги илмӣ ба шумор мерафтанд, ки ба ҷаҳонбинӣ ва ташаккули шахсияти вай таъсири амиқ гузошта буданд.

Дар замони Абуҳанифа илмҳои сиёсат, ахлоқ, калом ва фиқҳ бо ҳам муттаҳид буданд ва дар доираи як матн пешниҳоди қарор медоданд. Мисоли равшани ин «Фиқҳи акбар»-и Абуҳанифа мебошад, ки он дар чаҳорчӯбаи таълимоти асосӣ ва бунёдии аҳли суннат навишта шуда, дар он байни илмҳои зикршуда ҷудоӣ вуҷуд надорад. Дар он дар шакли хеле фишурда матн амиқу пурмазмун ва мавзуъҳое оварда шудаанд, ки марбут ба баҳсу баррасии масъалаҳои муътазила мебошанд. Дар асари мазкур мавқеи сиёсӣ, ахлоқӣ, фиқҳӣ ва каломии Абуҳанифа ифода гардидааст. Вай дар асоси усули дин ва фуруъ масъалаҳои асли тавҳид, қазову қадар, рӯзи ҳисоб, ваҳдонияти Худо, шарик надоштани Худо, азалияти илми илоҳӣ, сифатҳои зотӣ ва феълии Худо, ғайримуҳдас будани сифоти Худо, қадимӣ будани каломи Худо, беҳаду ҳудуд будани Худо, аз ҳеҷ офаридани шайъ, касб, ҷойгоҳу мақоми хулафои рошидин, муъҷизоти пайғамбарон, каромоти авлиё, масъалаҳои ахлоқии риё, адли илоҳӣ, таваккул, маърифат, яқин, ризо ва шафоати пайғамбарон, мизон ва вазни амалҳо, ҷаннат, дӯзах ва ғайраро пешкаш сохта, аз нигоҳи мантиқи каломӣ ва мантиқи илми фиқҳ андешаи муътазиларо рад месозад.

Дар асари дигар «Васиятнома», ки ба дувоздаҳ рукни асосии мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат бахшида шудааст, Абуҳанифа ишора кардааст, ки «асоси ягона шуморидани Худо ва чизе, ки эътиқод бар он саҳеҳ мешавад, фарз аст [бар ҳар як банда], ки бигӯяд: Ба Худо, ба фариштагони Ӯ, ба пайғомбарони Ӯ, ба рӯзи охират, ба тақдири хайру шар, ки аз ҷониби Худост ва ба зинда гардонидани баъд аз мурдан, имон овардам».[1] Ин баёни дин ҳазор соли охир дар Мовароуннаҳр барҷой монда, то кунун миёни мардум бо ҳамин шева зикр мешавад.

Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1. – С.179-180.

[1] Имоми Аъзам Абуҳанифа. Фиқҳи акбар [Матн] / Абуҳанифа; тарҷумаи Суннатуллоҳи Яъқуб. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С.8.

Ба ибораи дигар Абуҳанифа таърифи имонро ба ин шакл пешниҳод намуда, ӯ имон овардан ба бунёди тавҳид ва ваҳдонияти Худо, фариштагон, китобҳои муқаддас, ки ба пайғомбарон нозил шудаанд, аз ҷумла Қуръони карим, хайру шар (некӣ ва бадӣ) ва рӯзи охирату эҳёи инсон дар рӯзи Растохезро барои ҳар як мусулмон фарз мешуморад. Вай моҳияти имони инсонро шарҳ дода, баъдан ба баёни «аъмоли инсон» ва ё амалкарди ӯ, ки марбут ба илми ахлоқ аст рӯй меорад ва зикр мекунад, ки «ҳисоби аъмол ва тарозуе, ки ба ӯ амал баркашида мешавад ва ҷаннату дӯзах ҳақ аст».[1]

Дар феҳристи осору таълифоти Абуҳанифа дар баробари «Фиқҳи акбар» ва “Васиятнома” боз ду мактуби дигаре, ки ба унвонии қозии Басра Усмони Баттӣ навишта шудаанд, мавқеи хоси таърихӣ доранд. Дар онҳо масъалаҳои эътиқодӣ баён гардида, таълимоти вай дар «Фиқҳи акбар» инъикоси возеҳи худро ёфтааст, таҳвият мебахшанд. Онҳо бо номи «Рисолату Абуҳанифа ан-Нуъмон ибни Собит ал-Кӯфӣ ило Усмон ал-Баттӣ» машҳур буда, хонандаро бо навиштаҳои аслии Имоми Аъзам пайванд месозанд. Масъалаҳое, ки дар ин мактубҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ба тариқи пай дар пай тарҳрезӣ нагардида, балки аз рӯи мантиқи баҳс, ки муаллиф пойбанди он аст, баён шудаанд. Новобаста ба баъзе маҳдудиятҳо ин матнҳоро метавон ҳамчун нутфа ва меҳвари таълимоти каломии ҳанафиҳо ба қалам дод.[2]

Чунон ки манбаҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, дар соли 759-760 яке аз шогирдони Абуҳанифа фақеҳи бузург Умар ибни Маймун (с.в.187 ҳ\к) қозии шаҳри Балх таъйин гардида, тавассути фаъолияти ҳамин фақеҳ буд, ки ҳанафия дар он ҷо инкишоф ёфт. Баъд аз марги ӯ низ роҳбарии Балх дар дасти ҳанафиҳо боқӣ монд. Аз баракати мактаби Балх ҳанафия дар Бухоро, Самарқанд, Фарғона, Насаф ва Суғду Хатлон дар аввали асри IX мелодӣ паҳн гардида, баъдан симои мазҳабии ин сарзаминҳо комилан ҳанафӣ шуд. Раванди мазкур марҳила ба марҳила амалӣ гашта, осору таълимоти Абуҳанифа ба ҳар як хонадони аҳолии ин шаҳрҳо роҳ ёфта, бахусус он

[1] Ҳамон ҷо. – С.8.
[2] Батыр Рустам. Абу-Ханифа [Текст]: жизнь и наследие / Б. Рустам. – Новгород: Медина, 2007. – Т.1. – С.216-220.

андешаҳои Абуҳанифа доир ба ақида аз ҷониби бузургтарин ва бонуфузтарин мактаби каломии давр “мотуридия”[1] паҳн ва интишор гардид.

Аз таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ маълум мегардад, ки дар аҳди Умавиён ҷабру зулм, ихтиёр ва қазову қадар ба падидаи маъмулии ҳаёти ҷомеа табдил ёфта буд. Барои аз байн бурдани ин вазъият Ҷаҳм ибни Сафвони Тирмизӣ (ваф. 745) ба фирқаи ҷабария асос гузошт, ки мувофиқи таълимоти он “инсон дар афъоли худ озод аст” ва набояд ҳама ҷабру зулмро ба худ раво донад.[2]

Яке аз фирқаҳои ислом, ки дар ноором намудани вазъи сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр нақш дошт, карромия буд. Карромия аз ҷониби Муҳаммад ибни Карроми Сиистонӣ таъсис дода шуда, аз ақидаҳои динҳои пешазисломии эрониён маншаъ гирифта, аз лиҳози сиёсӣ зидди ҳукмронии арабҳо баромад менамуд ва дар Хуросон бештар аз 20 000 ҷонибдор дошт. Карромия дар таълимоти худ Худоро “мавҷуди ҷисмонӣ” эътироф менамуд. Аз ин рӯ ин таълимот аз ҷониби пайравони ҳанафии мактаби Хуросон саркӯб карда шуд.[3] Наҷҷория низ ҳамчун як фирқа дар асоси ғояҳои мурҷиия зуҳур ёфта, дар пурихтилоф намудани ақидаҳои мардуми минтақа таъсиргузор буда, баъдан ба ҷабария пайвастанд. Дар маҷмӯъ ҳамаи ин фирқаҳо вазъи мафкуравии Хуросону Мовароуннаҳрро пурихтилоф намуда, ба ноором сохтани вазъи сиёсӣ мусоидат менамуданд.

Дар шароити хоси таърихи Мовароуннаҳр, ки сарнавишти таълимоти Абуҳанифа дар Самарқанду Бухоро ва соири манотиқи Мовароуннаҳр ҳал мегардид, гуруҳҳои каломӣ зуҳур карда буданд, ки андешаҳои намояндагони равияи муътазиларо танқид карда, дар доираи ҳамон фармоиши сиёсӣ мехостанд пояҳои ин мактабро ба завол баранд. Лекин олимони дигаре ба

---

[1] Пайравони Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Маҳмуд Абумансури Мотуридӣ буданд, ки аз аиммаи бузурги каломи суннат ва ҷамоат ба шумор мераванд. Зодгоҳи Абумансур Мотурид маҳаллае аз Самарқанд аст. Мотуридӣ дар илми фиқҳ аз пайравони Абуҳанифа буда, дар калом бо баъзе аз ақидаҳои ашъария тафовут дошт. Аз ин рӯ мардуми Мовароуннаҳр ба ақидаҳои каломии ӯ пайвастанд. Ниг.: Қадёнӣ, А. Фарҳанги ҷомеи адён ва мазоҳиб [Матн] / А. Қадёнӣ. – Теҳрон: Орван, 1392. – 1144 с.

[2] Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1. – С.10.

[3] Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1. – С.137.; Ҳазратӣ, М., Саидиён, И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / М. Ҳазратӣ, И. Саидиён. – Душанбе: Ориёно, 1992. – С.86-87.

мисли Абулаббос Қосим ибни Қосими Сайёрӣ (262-344ҳ.) ошкоро ба таблиғи ақидаи ҷабрия пардохта, ҳатто китобе бо номи «Тавҳид» таҳия кардаанд.

Яке аз шогирдони Абуҳанифа фақеҳи бузург Умар ибни Маймун дар соли 759-760 қозии шаҳри Балх таъйин гардида, дар натиҷаи фаъолияти ӯ ҳанафия инкишоф ёфт. Раванди мазкур марҳила ба марҳила амалӣ гашт ва осору таълимоти Абуҳанифа ба ҳар хонадони шаҳрҳо роҳ ёфта, андешаҳои Абуҳанифа доир ба ақида аз ҷониби бузургтарин ва бонуфузтарин мактаби каломии давр “мотуридия” паҳн ва интишор гардид.

Дар роҳи ҳимояи таълимоти ҳанафия, ба хусус «падари бузурги сонӣ» Имом Мотуридии Самарқандӣ кӯшишҳои зиёд анҷом дод. Метавон гуфт, ки мактаби фиқҳию каломии Мотуридӣ раёсати мутаккалимони ҳавзаи Мовароуннаҳрро дар дасти ҳанафимазҳабон супорид.

Ҳамин тариқ, таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки дар асрҳои IX-X мелодӣ ҳавзаи илмӣ-фарҳангӣ ва динӣ-мазҳабии Мовароуннаҳр аз ҳар ҷиҳат пешрафта буда, олимони минтақа дар рушду такомули илму фарҳанг саҳми бориз гузоштанд. Онҳо на танҳо симои фарҳангии минтақаро нигоҳ доштанд, балки бо истифода аз арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷараёнҳои бузурги илмӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғайра тавонистанд ба андозае гуногунандешии мазҳабиро таъмин намоянд. Бар илова аз ин, онҳо бо роҳҳои мухталиф рӯй ба ойини нав оварда, натанҳо фарҳанг ва забони худро гум накарданд, балки дар доираи арзишҳои ин ойин ба таърих, забон, урфу одат, ахлоқ ва ғайра хусусияти қонунӣ бахшиданд. Мардуми минтақа мазҳаберо пазируфтанд, ки поягузори он аз тоҷикони атрофи Кобул буд ва он мазҳаб хусусияти хоси ҳуввиятӣ ва фарҳангӣ дошт.

Ба андешаи профессор С. Ятимов “давраи Эҳё мафҳуми дини миллӣ ва милликунонии динро дар Аврупо асос гузошта”[1] бошад, пас милликунонии ислом ҳанӯз аз ҷониби Имоми Аъзам – Абуҳанифа бо ворид намудани “урф” дар сарчашмаҳои ҳуқуқии исломӣ дар асрҳои VIII-X анҷом пазируфта буд.

[1] Ятимов С. Эҳёи миллат – бақои давлат.// Рӯзномаи Ҷумҳурият», №171(24 782) аз 24.08.2023

Дар тули беш аз ду садсола баъд аз забткориҳои араб дар Хуросону Мовароуннаҳр ҷараёнҳои гуногуни динӣ ва мазҳабӣ зуҳур карда, боиси тағйиротҳои умда дар ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоӣ гардиданд. Симои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа тағйир ёфта, арзишҳои нави ахлоқӣ ва ақидавӣ ба вуҷуд омаданд. Ҳар як ҷараёни динӣ кӯшиш мекард фазои холии ақидавиро бо таълимоти худ комил созад. Бахусус мактаби мурҷиа дар минтақа мақоми сазовор пайдо кард, вале новобаста аз муваффақиятҳои ҷунбиши мурҷиа дар Мовароуннаҳр, вай дар навоҳии дигари Хилофати араб мухторияти худро нигоҳ надошт. Иллати умдаи паҳн нагаштани ин ҷунбиш дар он буд, ки вай мактаби каломи анъанавии худро надошт, то тавонад дар чаҳорчӯбаи мактаби ақидавӣ рушд ёбад ва аз дигар ҷараёнҳои иллоҳиётшиносӣ баҳравар гардад. Аҳли мурҷиаи Мовароуннаҳр мувофиқи анъанаи мавҷуда барои машварат ба Кӯфа, ки маркази ҷунбиши мурҷиа ба шумор мерафт, сафар карданд. Дар ин маркази илмӣ ва фарҳангии давр онҳо бо ҳамватани худ олими шуҳратёр – Имом Абуҳанифа ва мактаби машҳури фиқҳии вай муроҷиат мекарданд.[1]

Дар масаъалаи тарғибу густариши таълимоти ҳанафия саҳми уламои Мовароуннаҳр, қабл аз ҳама олимони Самарқанд хеле намоён аст. Дар радифи аввал аз Абумуқотили Самарқандӣ (с.в.823) метавон ном бурд. Таҳия ва нашри «Китобу-л-олим ва-л-мутааллим»-и Абумуқотили Самарқандӣ раванди ташаккул ва инкишофи анъанаи ҳанафиро дар минтақа инъикос намудааст.

Асари мазкур ва аҳаммияти таърихии он дар олами ислом ва илоҳиётшиносии Мовароуннаҳр тавассути муҳаққиқи аврупоӣ Ҷозеф Шахт[2] ҳаматарфа баррасӣ гардида, дар доираи он таҳқиқоти зиёди илмӣ ба чоп расиданд. Чи тавре Ҷозеф Шахт таъкид кардааст: «Китобу-л-олим ва-л-мутааллим» ба Балх ва аз он ҷо ба тадриҷ ба дигар минтақаҳои хилофат паҳн гардид. Дар қисмати аввали дастхат номи Абумуқотили Самарқандӣ ва дигар

[1] Madelung Wilferd. The Early Murji'a in Khurasan and Teansoxania and the Apread of Hanafism [Text] / Madelung Wilferd // Der islam. – 1982. – Vol.59. – P.36.
[2] Schacht Joseph. An Early Murci'ite Treatise. The Kitab al-Alim wal-muta'allim [Text] / Schacht Joseph // Oriens XVII. – 1964. – P.96-117.

уламое, ки байни муаллиф ва онҳо муносибатҳои устоду шогирдӣ вуҷуд дошт, зикр ёфтанд. Пас аз номи Абумуқотили Самарқандӣ дар китоб номҳои фақеҳони дигар, аз қабили Абумутеи Балхӣ (с.в.814), Исом ибни Юсуфи Балхӣ (с.в.830),[1] Абусулаймон Мусои Ҷузҷонӣ (с.в.815),[2] Муҳаммад ибни Муқотили Розӣ (с.в.862),[3] Абубакр Аҳмад ибни Исҳоқи Ҷузҷонӣ, шогирди Абусулаймон ва ҳамзамон муаллими Мотуридӣ[4] ва ниҳоят худи Абумансури Мотуридӣ (с.в.944)[5] ишора гардидаанд.

Афзоиши босуръати пайравони ҳанафия, инчунин раванди воқеаҳои таърихӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва динии даврони давлатдории Сомониён, пешрафти илмҳои динӣ ва дунявӣ, хосатан фиқҳ ва калом барои зуҳури илми мустақили каломи ҳанафия таҳқурсии боэътимод гузошта, бисёр муаммоҳои фикрӣ шарҳу баёни худро пайдо карданд. То аввалҳои асри IX бунёди каломи тозазуҳури Мовароуннаҳрро танҳо як ақидаи муайян, ки он дар матнҳои осори Абуҳанифа ва пайравони вай инъикос ёфта буданд, ташкил медод. Масалан, агар сухан дар хусуси масъалаҳои имон, эътиқод, ихтиёр, озодии ирода ва ё оқибатҳои гуноҳ мерафт, ҷавоби онҳо дар доираи ҷаҳонбинии мактаби ҳанафӣ ироа мегардид.

Сарчашмаҳо дар бораи он ки дар Мовароуннаҳр дар асри IX кадом мактаби фиқҳӣ ба мақсади тағйир додани низоми ҳуқуқӣ фаъолият дошт, маълумот намедиҳанд. Ҷои шубҳа нест, ки дар ин давра уламои бузурги ҳанафӣ дар рушди фиқҳ ва пешбурди таълимоти ҳанафия хидматҳои арзанда анҷом доданд. Абулмуини Насафӣ борҳо таъкид кардааст, ки дар мактаби каломии Мовароуннаҳр аз Абуҳанифа шуруъ шуда, то Мотуридӣ ва баъд аз онҳо дар ташаккули таълимоти ҳанафия саҳм гузоштанд ва ин анъана аз ҷониби уламои дигар идома дода шуд. Абулмуин Насафӣ ба зумраи онҳо

---

[1] Абубакр Абдуллоҳ ибни Умар ибни Муҳаммад ибни Довуд Воизи Балхӣ. Фазоили Балх [Матн] / тарҷумаи Ҳусайни Балхӣ; бо кӯшиши Абдулҳайи Ҳабибӣ. – Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳанги Эрон, 1350. – С.196-201.
[2] Ҳамон ҷо. – С.210.
[3] Абдулқодир ибни Абдулвафои Қурашӣ. Ал-Ҷавоҳиру-л-музиа фӣ табақоти-л-ҳанафия [Матн] / А. Қурашӣ. – Ҳайдаробод, 1332 х. (1913). – Ҷ.I-II. – С.134.
[4] Абдулқодир ибни Абдулвафои Қурашӣ. Ал-Ҷавоҳиру-л-музиа фӣ табақоти-л-ҳанафия [Матн] / А. Қурашӣ. – Ҳайдаробод, 1332 х. (1913). – Ҷ.I-II. – С.60.
[5] Лакҳнавӣ Муҳаммад Абдулҳай. Ал-фавоиду-л-баҳия фӣ тароҷими-л-ҳанафия [Матн] / М. Лакҳнавӣ. – Қоҳира, 1324 ҳ.қ. (1906). – С.101.

Абусулаймони Ҷузҷонӣ, Абубакри Ҷузҷонӣ ва Абунасри Иёзиро дохил кардааст, ки устодони бевоситаи Мотуридии Самарқандӣ буданд.

Сарфи назар аз он ки доир ба хусусиятҳои мазҳабии таърихи Мовароуннаҳр дар асри IX манбаҳои боэътимод каманд, лекин дар баъзе сарчашмаҳо доир ба масъалаҳои баррасишаванда маълумот вуҷуд дорад. Дар робита ба ин метавон аз осори Абубакр Муҳаммад ибни Ямони Самарқандӣ ном бурд. Воқеан таълифоти ӯ инъикосдиҳандаи вазъ ва ҳолати мавҷудаи мазҳабии асри IX ва фазои ҳуқуқии минтақа мебошад. Гарчи вай чандон олими бузургу шинохтаи фиқҳ набуд, аммо ба сифати пайрави таълимоти ҳанафӣ дар ҷомеаи асри IX Мовароуннаҳр дорои ҷойгоҳи хос буд. Ин олими фиқҳи ҳанафӣ ҳаёти худро дар зодгоҳаш – шаҳри Самарқанд, ки маркази илмӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр буд, гузаронида,[1] дар соли 881 вафот намуда буд.

Омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ имкон медиҳанд таъкид намоем, ки бо ташаккули мактабу ҷараёнҳо ва фирқаҳои алоҳида, ба монанди карромия[2], ҷабрия, рофизия, зоҳирия, моликия ва шофеия фазои мазҳабӣ, ақидавӣ ва дар маҷмуъ фазои ғоявии Хуросону Мовароуннаҳр рӯз то рӯз пурихтилоф мегардид. Барои барҳам задани ин вазъият, ҳам барои оммаи мардум ва ҳам ҳокимони давр, танҳо мазҳаби ҳанафия нақши калидӣ мебозид.

Барои рафъи ин вазъият фақеҳони давр кӯшиш мекарданд, ақидаҳои усулиро муттаҳид сохта, пеши роҳи вусъати баҳсҳо ва мунозироти ақлгароӣ

---

[1] Насафӣ Абулмуин Маймун ибни Муҳаммад. Табсирату-л-аддила фи усулу-д-дин ало тариқати-л-Имом Абӣ Мансур ал-Мотуридӣ [Матн] / М. Насафӣ; бо кӯшиши Кулуд Салома. – Димишқ, 1990-1993. – Ҷ.I. – 356 с.; Ҷ.II. – 357 с.

[2] Карромия – яке аз фирқаҳои фалсафию каломии исломро номанд, ки асосгузори он Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Карром ба ҳисоб меравад. Ибни Карром дар таълимоти худ Худоро дорои аъзову ҳаракат ва мавҷуди ҷисмонӣ пиндошта, ҷойгоҳи Ӯро дар Арш медонад. Шаҳристонӣ карромияро аз 12 фирқа иборат медонад, ки баъзеи онҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр пайравони худро доштанд. Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ дар мавриди ақида ва таълимоти онҳо дар “ас-Саводу-л-аъзам”-и худ овардааст, ки “Онҳо Ҳақ Таъолоро ҳамчун шахс ва дорои андом мешиносанд ва эшон аз ҳафтоду миллат бадтаранд ва ҷоҳилтар”. Ниг: Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1. – С.137.; Ҳазратӣ, М., Саидиён, И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / М. Ҳазратӣ, И. Саидиён. – Душанбе: Ориёно, 1992. – С.86-88.; Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. ас-Саводу-л-аъзам [Матн] / А. Самарқандӣ; бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Ф. Баротзода, С. Шаҳобуддинов, Р. Азизӣ, М. Наҷотзода. – Душанбе: Андалеб-Р, 2016. – С.164.

ва каломиро бигиранд. Нигаронии фақеҳони ҳанафии Самарқанду Бухоро аз густариши ҳаракати ба қавли онҳо «гумроҳон», «мубтадеон» ва «ҳаводорон», ҳамчунин дифоъ аз таълимоти ҳанафия ангезаеро ба амал овард, ки он бо фармони амир Исмоили Сомонӣ доир ба ҷонибдории таълимот ва мазҳаби ҳанафия гардид. Дар доираи ин фармон фақеҳ, зоҳид, ориф ва қозии Самарқанд Абдулқосим Исҳоқ ибни Муҳаммад ибни Исмоили Самарқандӣ маъруф ба Абулқосими Ҳаким (с.в.953м./342ҳ.қ.), (17 сол қозии Самарқанд буд) шуҳрати донишу бузургии вай дар саросари хилофат паҳн гардида буд, барои таълифи дастуруламали мазҳабӣ муваззаф гардид. Вай тахминан соли 894 китоби «ас-Саводу-л-аъзам»-ро дар такя бар дидгоҳҳои усули ҳанафиён дар атрофи 62 масъалаи умдаи эътиқодӣ ба забони арабӣ навишта, ба амир Исмоили Сомонӣ тақдим кард.[1]

Мақсад аз нигориши китоби мазкур таъмини иттиҳоди эътиқодӣ ва ҷазби мардум дар доираи фиқҳи ҳанафӣ ва масъалаҳои эътиқодии он буд. Муаллиф дар муқаддимаи ин китоб сабаби таълифи онро чунин шарҳ додааст: «Бидон, ки сабаби таснифи ин китоб он буд, ки гумроҳон, яъне ҳаводорону мубтадеон чун ба Самарқанду Бухоро ва Мовароуннаҳр... бисёр шуданд, аиммаи фуқаҳо ва уламои Самарқанду Бухоро ва Мовароуннаҳр, раҳимаҳумуллоҳ, ҷамъ омаданд ва ин суханро ба волии аҳд, ки аз Оли Сомон буд, даррасониданд. Амири одил Исмоили Сомонӣ, раҳматуллоҳи алайҳ, аз паси он ки уламои Мовароуннаҳрро ҷамъ карда, фармуд, то баён кунанд мазҳаби рост ва тариқи суннату ҷамоатро. Аиммаи Бухоро, раҳимаҳумуллоҳ, ишорат ба Хоҷа Имом Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ, қаддасаллоҳу сирраҳу, карданд. Ва ӯро гуфтанд, баён кун моро роҳи рост ва мазҳабу суннатро, ки роҳу сирати Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам буд ва равишҳои ҳазрати Ӯ (с) ва ёрону хулафои рошидин аз паси Ӯ, ризвонуллоҳи алайҳим аҷмаин ва мазҳаби уламое, ки аҳли суннату ҷамоат буданд, раҳимаҳумуллоҳ ва мазҳаби имоми имомон, шоҳаншоҳи фиқҳ Абуҳанифа Нуъмон ибни Собити Кӯфӣ,

[1] Муҳаммадризои Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён [Матн] / М. Ноҷӣ. – Душанбе, 2011. – С.925.

раҳматуллоҳи алайҳ ва мазҳаби ҳамаи асҳоби вай».[1] Дар доираи дидгоҳи мазҳабии худ Ҳакими Самарқандӣ андеша ва мавқеи эътиқодии дигар фирқаҳо, аз қабили шиа, карромия, ҷаҳмия, ҷабария, муътазила, хаворич ва мушаббиҳаро, ки дар қаламрави Сомониён арзи вуҷуд доштанд, мавриди интиқод ва радду бадал қарор додааст.[2]

Чи тавре ки қаблан зикр сохтем, дар раванди зуҳур ва ташаккули мазҳаби ҳанафия фақеҳи зодаи Самарқанд – Ҳакими Самарқандӣ саҳми бузург гузошт. Вай бо мақсади муттаҳид сохтани мардуми Мовароуннаҳру Хуросон ва аз байн бурдани бидъатгаровӣ андешаҳои худро нисбат ба карромиҳо дар «Ас-саводу-л-аъзам»[3] иброз дошт. Мотуридии Самарқандӣ бошад онҳоро дар асарҳои худ – «Китобу-т-тавҳид»[4] ва «Таъвилоту-л-Қуръон»[5]мавриди баррасӣ қарор дод. Мотуридии Самарқандӣ дар «Таъвилоту-л-Қуръон» пайравони ин мактабро «ал-мутақашшифа» номидааст. Абулюср Муҳаммади Паздавӣ[6] ва Абулмуин Маймун ибни Муҳаммади Насафӣ, ки аз намояндагони мактаби каломи ҳанафӣ буданд, андешаҳои карромияро рад намуданд. Масалан, Паздавӣ онҳоро «муҷассима» номида, изҳор намуда буд, ки онҳо одамони ба мисли Муҳаммад ибни Ҳайсам ҳастанд ва аз онҳо ҳеҷ чизеро набояд қабул кард.

Сарчашмаҳои таърихӣ аз он таъкид месозанд, ки иллати умдаи чунин ҳамлаҳои шадиди ҳанафиёни Самарқанд аз он иборат буд, ки онҳо ин тамоюли ҷудошавиро дар дохили як оилаи воҳиди ҷомеаи Мовароуннаҳр медиданд.

Дар ин давра дар баробари дигар уламои машҳури ин минтақа Абумутеъ Макҳул ибни Фазли Насафӣ (с.в.930м.) мақоми хосса дошта, дар радду инкори муътазила ва дигар мухолифони аҳли суннат асаре бо номи «Китобу-р-рад ало

---

[1] Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. ас-Саводу-л-аъзам [Матн] / А. Самарқандӣ; тарҷумаи кӯҳани форсӣ; бо кӯшиши Абдулҳайи Ҳабибӣ. – Теҳрон, 1348 ш. – С.4-5.

[2] Муҳаммадризои Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён [Матн] / М. Ноҷӣ. – Душанбе, 2011. – С.926-927.

[3] Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. ас-Саводу-л-аъзам [Матн] / А. Самарқандӣ; бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Ф. Баротзода, С. Шаҳобуддинов, Р. Азизӣ, М. Начотзода. – Душанбе: Андалеб-Р, 2016. – С.31, 44-45, 47.

[4] Абӯмансур Муҳаммад ибни Муҳаммади Мотуридии Самарқандӣ. Китобу-т-тавҳид [Матн] / А. Самарқандӣ; бо кӯшиши Бакр Туполуғлӣ ва Муҳаммад Орӯшӣ. – Бейрут: Дору-с-содир, 1428 ҳ. (2007). – С.476.

[5] Абумансур Муҳаммад ибни Муҳаммади Мотуридии Самарқандӣ. Китобу таъвилоти-л-Қуръон [Матн] / А. Самарқандӣ. – Бейрут, 2002. – С.109.

[6] Абулюср Муҳаммади Паздавӣ. Усули-д-дин [Матн] / А. Паздавӣ; бо кӯшиши Ҳанс Петер Линсс. – Қоҳира, 1363 ҳ. (1963). – С.14-16.

аҳли-л-бидъа ва-л-ҳаво» навиштааст.[1] Вай ҳамчун фақеҳ ва мутафаккири бузурги асри X яке аз асосгузорони мактаби зеҳнии Мовароуннаҳр ба шумор меравад.[2] Писари вай – Муҳаммад ибни Макҳул ба мисли падар дар байни пайравони ҳанафия эътибори калон дошт. Ному мақоми вай дар «Табақоту-л-ҳанафия»-и Ибни Абулвафо зикр ёфтааст. Набераи Абумутеъи Макҳул – Аҳмади Макҳул (с.в.989/)[3] ва бародарзодааш Абулмаолӣ Муътамад бо нисбаи Насафӣ ёд мешуданд ва барҷастатарини онҳо Абулмуини Насафӣ буд ва ӯ дар манбаҳои таърихӣ ҳамчун олими машҳури фиқҳ ва ҷонибдори мактаби каломии мотуридия омадааст. Силсилаи табақотӣ ва хонадони ин уламо аз ҷониби муҳаққиқи аврупоӣ Ван Есс мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.[4]

Бо назардошти вазъи илмӣ, иҷтимоӣ ва диниву сиёсии он давра, метавон таъкид кард, ки ҳанафиён дар китобатҳо ва раддияҳои худ нисбат ба гузаштагон тарзи куллан дигари баёнро пазируфтанд. Онҳо аз асри X дар Мовароуннаҳр ҳамчун намояндаи мазҳаби расмӣ бартариятҳои зиёд доштанд ва оммаи васеи мардум аз онҳо пайравӣ мекарданд. Ҳатто ҳукуматдорон рӯ ба мазҳаби ҳанафия оварда буданд ва ин ҳолат мақоми ҳанафиёнро дар Мовароуннаҳр хеле мустаҳкам сохта буд.

Ин тарзи таваҷҷуҳ ва муносибати расмӣ нисбат ба ҳанафия дар даврони қудрати Сомониён ба вуқуъ пайваст. Чи тавре аз воқеаҳои таърихи сиёсии асри IX маълум мегардад, дар соли 875 аз ҷониби халифаи Аббосиён Наср ибни Аҳмад волии Мовароуннаҳр интихоб гардида, соли 900 бародари вай – Исмоил ибни Аҳмад баъд аз пирӯзӣ ба лашкари Саффориён волии Мовароуннаҳр ва Хуросон таъйин мешавад. Сомониён зиёда аз сад сол дар минтақа ҳукмронӣ карда, дар тавсеаи ҳанафия ва ба мазҳаби суннатӣ табдил додани он саҳми калон гузоштанд. Сомониён дар ҳаёти мазҳабӣ талош надоштанд бо зуру ситам мазҳаби муайянро ба мардум бор намоянд. Чуноне

---

[1] Абдулқодир ибни Абдулвафои Қурашӣ. Ал-Ҷавоҳиру-л-музиа фӣ табақоти-л-ҳанафия [Матн] / А. Қурашӣ. – Ҳайдаробод, 1332 ҳ. (1913). – Ҷ.I-II. – С.498-499.

[2] Ульрих Рудольф. ал-Мотуриди и суннитская теология в Самарканде [Текст] / У. Рудольф. – Алматы: Фонд «XXI век», 1999. – С.58.

[3] Ҳамон ҷо. – С.121.

[4] Van Ess Joseph. Ungenurzte Texte zur Karramida. Eine Materialsammlund. – Heidelberd, 1980. – P.577-587. (Sitzungsberichte d. Heidelb. Akad. d. Wiss. Philoshist. KL., 1980, Abh.6).

ки аз омӯзиши сарчашмаҳо маълум мешавад, онҳо касеро барои қабули таълимоти Абуҳанифа маҷбур накардаанд, зеро дар ин давра дар Мовароуннаҳру Хуросон миқдори зиёди мазҳабу фирқаҳо ба таблиғу густариши ақидаҳои худ машғул буданд, лекин барои ҷомеаи минтақа аз нигоҳи ҳувияти қавмӣ ақидаҳои ҳанафия наздиктар буданд.

Аз маълумоти сарчашмаву манбаҳои таърихӣ маълум мегардад, ки дар Мовароуннаҳру Хуросон дар баробари ҳанафиён мактабу ҷараёнҳои илмӣ ва динии дигар низ зуҳур карданд ва чунин вазъият аз гуногунандешӣ дар ҷомеаи асрҳои IX-X минтақа хабар медиҳад.

Масалан, намояндагони намоёни мазҳаби зоҳирӣ, ки мазҳаби довудӣ низ номида мешуд, дар минтақа ҳатто кору фаъолият доштанд. Ҳамзамон бояд таъкид намуд, ки мавқеи ҳокимони давр нисбат ба масъалаҳои динӣ куллан фарқ дошт.[1] Таълимоти ҳанафия ҳамчун таълимоти расмӣ дар баробари ҷараёнҳои дигар бартарии калон дошт.

Авзои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, динӣ ва илмии замони Сомониён нишон медиҳад, ки аз як сӯ илму маориф пеш рафта, илмҳои ақлӣ, чун нуҷумшиносӣ, фалсафа, риёзиёт, тиб ва дорушиносӣ, сиёсат, ҷуғрофиё, кимиё, гавҳаршиносӣ, ҷонваршиносӣ, осори улвӣ, мусиқӣ, адабиёт, таърих хеле инкишоф ёфта буданд. Ҳамзамон омӯзишу рушди илмҳои динӣ, аз қабили қироат, тафсир, ҳадис, фиқҳ, калом, ахлоқ ва ирфону тасаввуф босуръат идома дошт. Аз сӯйи дигар бошад, динҳо ва фирқаҳои зиёд дар минтақа фаъолияти густурдаро ба роҳ монда, аз ҷумла буддоия, яҳудия, масеҳия, марқиюния, дайсония, зардуштия, монавия, беҳофаридиён, муслимия, хуррамдинон, сафедҷомагон, шиаён, имомиён, карромия, хаворич[2], ҷаҳмия ва ғайра ба таври ошкоро фаъолият намуда, ба ҷаҳонбинии динии ҷомеа таъсири калон мерасонданд.[3]

---

[1] Муҳаммад ибни Исҳоқи Надим. Ал-Феҳрист [Матн] / М. Надим; тарҷумаи Ризои Таҷаддуд. – Теҳрон: Асотир, 1346 ҳ. – С.271-272.

[2] Хаворич – нахустин фирқаи исломро хонанд, ки пайравони он зимни муборизаи Алӣ ибни Абутолиб ба муқобили Муовия аз лашкари Алӣ хорич шуда буданд. Асоси таълимоти онҳоро баробарӣ ва адолати иҷтимоии мусалмонон ташкил намуда, ҷонибдори интихобӣ будани имом мебошанд. Ҳазратӣ, М., Саидиён, И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / М. Ҳазратӣ, И. Саидиён. – Душанбе: Ориёно, 1992. – С.162-164.

[3] Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. Ас-Саводу-л-аъзам [Матн] / А. Самарқандӣ; тарҷумаи куҳан аз арабӣ; таҳиягарони матн ва муаллифони муқаддима, таълиқоту ҳавошӣ Н. Салимов, Н. Зоҳидов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – С.17.

Муҳаммади Мақдисӣ дар «Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим» зикр месозад, ки Сомониён салтанати сиёсии худро тавассути масҷидҳои ҷомеъ, ки минбари расмӣ барои эълони дастуроти давлатӣ ба ҳисоб мерафт, густурда буданд. Ҳангоми сар задани ҳодисае, аз қабили ҷанг ва ё масъалаи дигаре, мардумро ҷамъ намуда, барои ёрӣ ба ҳукумат даъват мекарданд.[1]

Замони салтанати Сомониён даврони ташаккули фарҳангу тамаддуни беназири халқи тоҷик ва халқҳои Шарқ маҳсуб мегардад, ки ба даврони "Эҳёи Аҷам" таъсири бузург гузошта буд. Дар ҳамин давра мақоми мазҳаби ҳанафия ва мактаби фиқҳии он бо номи мотуридия машҳур гашта, боиси пешрафти он гардид. Мутобиқ ба ахбори манбаҳои таърихӣ ва таҳқиқоти мавҷуда Мотуридии Самарқандӣ, ки асосгузори ин мактаб буд, тахминан дар байни солҳои 850-870 мелодӣ дар яке аз деҳаҳои наздики Самарқанд – Мотурид ба дунё омадааст.

Падари Мотуридӣ ҳангоми забти Хуросону Мовароуннаҳр ба сифати роҳбари низомию динӣ ба Самарқанд ворид гардида, ба қавлу маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ба модари Мотуридӣ, ки духтаре аз асилзодагони Самарқанд буд, издивоҷ намуд.[2] Пас, тибқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ, насаби Мотуридӣ аз хонаводаи маъруфи Абуайюби Ансории Маданӣ, аз зумраи саҳобагони Пайғомбар, ки аслан аз аҳли Мадина буд, маншаъ гирифтааст.[3]

Баъд аз расидан ба синни балоғат Мотуридӣ бо дастури падар таҳти сарпарастии олимони барҷастаи замони худ – Шайх Абубакр Аҳмад ибни Исҳоқи Ҷузҷонӣ, Абунаср Аҳмад ибни Иёзӣ, маъруф ба Фақеҳи Самарқандӣ ва Насир ибни Яҳёи Балхӣ улуми ҳадис, усул, ҷадал, фиқҳ, ҳикмат ва ғайраро аз бар мекунад. Онҳо аз пайравону шогирдони маъруфи Абуҳанифа маҳсуб мегаштанд.[4]

---

[1] Мақдисӣ Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсану-л-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим [Матн] / М. Мақдисӣ; бо кӯшиши Дахвия. – Лейдан, 1967. – С.282.
[2] Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1966. – Т.VI. – 785 с.
[3] Саид Муртазо. Шарҳи «Эҳё улуму-д-дин»-и Ғазолӣ [Матн] / Муртазо Саид. – Қоҳира, 1893. – 195 с.
[4] Баёзӣ Камолуддин Аҳмад ибни ал-Ҳасан. Ишороту-л-маром мин ибороти-л-имом [Матн] / Б. Ҳасан; бо кӯшиши Юсуф Абдурраззоқ. – Қоҳира, 1368 ҳ. (1949). – С.23.

Мотуридии Самарқандӣ дар баробари омӯзиш ва фаъолияти илмӣ шогирдони зиёдеро тарбия карда буд. Маъруфтарини онҳо Абулқосим Исҳоқ ибни Исмоил, машҳур ба Ҳакими Самарқандӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Саиди Рустуғфанӣ, Абубакр Абдулкарим ибни Мусои Паздавӣ ва Абулайси Бухорӣ будаанд. Баъд аз он ки Мотуридӣ дунёро падруд гуфт, онҳо мактаби илмии «мотуридия»-ро дар Мовароуннаҳр тавсеа доданд.

Муҳаққиқи аврупоӣ Ҳенри Корбэн доир ба хизматҳои ин мактаб зикр намудааст, ки «дар ҳамон асре, ки Ашъарӣ дар Басра ва Бағдод масоили мувоҷеҳи исломро матраҳ кард ва дар пайи ҳалли онҳо афтод, мутафаккири дигаре бо номи Абумансури Мотуридӣ аз аҳли Самарқанд дар олами тасаннун зуҳур карда, ҳамон мақсудро ҳадаф қарор дод. Шогирдони наздики ӯ мактаби Ашъариро ба унвони як ислоҳи ноқис ва номуваффақ шумурда, муҳофизакору муросокор будани мактабро интиқод мекарданд. Кӯшиши ашоира дар роҳ мутаваққиф монд ва шогирдони Мотуридӣ фасли нав кушуданд ва тасаннуни комилро эҳё ва равнақ бахшиданд».[1]

Яке аз мотуридишиносони имрӯзаи араб Бассом Абдулвоҳиди Ҷобӣ дар «ал-Масоилу-л-хилофия байна-л-ашоирати ва-л-мотуридия»[2] теъдоди осори боқимондаи Мотуридиро ба миқдори 17 китоб нишон додааст. Шояд аз худшиносии қавмӣ ва дӯст доштани забони модарӣ бошад, ки фасоҳати забонӣ дар осори Мотуридӣ, саршор аз мафҳумҳои тоҷикӣ ва форсӣ будани китобҳои вай аз ҷониби В.В.Бартолд ва У. Рудолф таъкид гардидааст. Дар ин бора як силсила шарқшиносони аврупоӣ ва муҳаққиқони осори вай зикр сохтаанд.[3]

Асари калидии мазҳабии Мотуридӣ дар илми калом «Китобу-т-тавҳид»-и ӯ ба шумор меравад. Чуноне ки Бассом Абдулвоҳиди Ҷобӣ овардааст «ин китоби

---

[1] Корбэн Ҳенрӣ. Таърихи фалсафаи исломӣ (Histoire dele philosophia islamgue) [Матн] / Ҳ. Корбэн; тарҷумаи Асадуллоҳ Митарӣ. – Чопи дувум. – Теҳрон, 1358. – С.164.
[2] Бассом Абдулвоҳиди Ҷобӣ. ал-Масоилу-л-хилофия байна-л-ашоирати ва-л-мотуридия [Матн] / Б. Ҷобӣ. – Қоҳира, 1973. – С.22.
[3] Ульрих Рудольф. ал-Мотуриди и суннитская теология в Самарканде [Текст] / У. Рудольф. – Алматы: Фонд «XXI век», 1999. – С.144.

асосӣ дар илми калом назди ҳанафимазҳабон мебошад».[1] «Китобу-т-тавҳид» бидуни шакку шубҳа таълифе мебошад, ки ба каломи ҳанафия бахшида шуда, дар он масъалаҳои офариниш, сифоти Худо, рӯъяти Худо, машият, қудрат, тақдири азалӣ, озодии ирода ва назарияи маърифати Ӯ шарҳу баёни худро ёфтаанд. «Маохизу-ш-шароеъ» ва «Китобу-л-ҷадал»-и Мотуридӣ[2] низ ба масъалаҳои усули фиқҳи ҳанафӣ бахшида шудаанд. Вай дар ин таълифоти фиқҳии худ аз равиши таҳқиқотии Абуҳанифа пуштибонӣ карда, ба масъалаҳои қиёс рӯ овардааст.[3]

Дар маҷмуъ осори боқимондаи Мотуридӣ ҳамчун саромади мактаби каломии ҳанафии Мовароуннаҳр нишон медиҳад, ки вай дорои зеҳни қавӣ ва истеъдоди баланди илмӣ буда, тавассути қувваи ақлониву тавонманди худ дар ташаккул ва пешрафти аксари илмҳои давронаш саҳмгузор будааст. Аммо ҳамчун мутаккалими барҷаста, таҳқиқоти аслии худро ба илми калом ва усули фиқҳ бахшидааст. Аҳмад ибни Авзуллоҳи Луҳайбии Ҳарбӣ, ки яке аз рақибони сарсахти ақидатӣ «ислоҳгари мотридия» буд, доир ба бузургии Мотуридӣ овардааст: «Мотуридӣ дар таърихи андешаи исломӣ ҷойгоҳи азиме дорад, зеро вай муассиси яке аз макотиби каломӣ аст, ки дар ҷаҳони ислом интишор дорад ва ҳар касе ки навиштаҳои ӯро мулоҳиза кунад… ва бар маонии нағз, дақиқ ва далоили устуворе, ки дар он аст, воқиф гардад…. дармеёбад, ки вай аз каромот ва мавоҳиби илоҳӣ бархӯрдор будааст».[4]

Мактаби мотуридияи ҳавзаи илмӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр дар баробари мактабҳои суннатгарои Басра ва Кӯфа, яке аз бузургтарин марказҳои илмӣ ва динии минтақаҳои шимолу шарқи хилофат ба шумор мерафт. Қобили зикр аст, ки дар Мовароуннаҳр фиқҳи ҳанафӣ ва ё «мазҳаби кӯфиён», ки аз нигоҳи равиши ичтиҳодии бо номи «мазҳаби аҳли раъй»[5] ёд

---

[1] Бассом Абдулвоҳиди Ҷобӣ. ал-Масоилу-л-хилофия байна-л-ашоирати ва-л-мотуридия [Матн] / Б. Ҷобӣ. – Қоҳира, 1973. – С.20.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Ҳано Ал-Фохурӣ, Халил Ал-Ҷар. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони ислом [Матн] / Ҳ. Ал-Фохурӣ, Х. Ал-Ҷар. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1989. – С.108.
[4] Аҳмад ибни Авзуллоҳи Луҳайбии Ҳарбӣ. ал-Мотуридияту диросатан ва тақвиман [Матн] / А. Ҳарбӣ; тарҷумаи Аҳмад ибни Алии Табарсии Эҳтиқоӣ. – Машҳад: Нашри Муртазо, 1403 ҳ.қ. – С.96-97.
[5] Заҳабӣ Муҳаммад ибни Аҳмад. Сияру аъломи-н-нубало [Матн] / М. Заҳабӣ. – Бейрут, 1406 ҳ.қ. (1986). – Ҷ.6. – С.236.

мегашт (бо сабаби пайвастагии мардуми зиёди Хуросону Мовароуннаҳр ба ҳавзаи илмии Имоми Аъзам) аз даврони оғозаш роҳи худро ба ин минтақаҳо кушод ва баъд аз Ироқ, яке аз пойгоҳи муҳимми илмӣ шуд.[1] Шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Марв, Нишопур ва Балх марказҳои асосии паҳншавии мазҳаби ҳанафӣ ба шумор мерафтанд. Пайравони аввалини Абуҳанифа дар Хуросону Мовароуннаҳр мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихии мавҷуда Абуисма Нуҳ ибни Язиди Марвазӣ, бо лақаби Ҷомеъ (с.в.789м./173ҳ.қ.), Халоф ибни Аюби Балхӣ (с.в.821м./205ҳ.қ.), Усома ибни Юсуфи Балхӣ (с.в.825м./210ҳ.қ.), Шаддод ибни Ҳакими Балхӣ (с.в.825м./210ҳ.қ), Абуҳафси Кабири Бухорӣ (с.в.832м./217ҳ.қ.) ва ғайра буданд. Аҳмад ибни Ҳафс, ки маъруф ба Абуҳафси Кабири Бухорӣ – падари Абуҳафси Сағир, яке аз мубаллиғони ҳанафия то замони Сомониён ба шумор мерафт. Ӯ шогирди Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ буда, баъдан пешвои ҳанафиёни Бухоро эътироф гардида, дар густариши мазҳаби ҳанафӣ ва ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ-мазҳабии аҳди Сомониён хизматҳои шоиста кардааст.

Ҳамин фаъолияти босамари Абуҳафси Кабири Бухорӣ ва пайравони вай буд, ки фиқҳи ҳанафӣ хеле рушд ёфт ва дар марҳилаи дувуми инкишофи он дар минтақа як гуруҳ фақеҳони номӣ, ки аз қабили Абуҳафси Сағир Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад (с.в.883м./270ҳ.қ.), Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аслам ибни Масламаи Аздӣ (с.в.881м./268ҳ.қ.), Абуҳозим (с.в.905м./292ҳ.қ.), Абулҳасани Кархӣ (с.в.951м./340ҳ.қ.), Абулқосими Балхӣ Абдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Маҳмуд (с.в.931м./319ҳ.қ.), Абунаср Аҳмад ибни Аббос Айёзии Самарқандӣ (устоди Абумансури Мотуридӣ), Абулфазл Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Аҳмади Марвазӣ (с.в.945м./334ҳ.қ.), Абдуллоҳ ибни Муҳаммад Ҳорисии Субазмунӣ (с.в.951м./340ҳ.қ.), Абуҳомид Аҳмад ибни Саҳли Балхӣ (с.в.951м./340ҳ.қ.), Абубакр Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Будайл маъруф ба Ашқари Будайлӣ (с.в.954м./343ҳ.қ.), Бакр ибни Муҳаммад Санҷи Варсанинӣ (с.в.963м./352ҳ.қ.), Абуаҳмад ибни

[1] Саймарӣ Ҳусайн ибни Алӣ. Ахбору Абиҳанифа ва асҳобиҳи [Матн] / А. Саймарӣ. – Бейрут, 1985. – С.168.

Муҳаммад ибни Аҳмади Шуайбӣ (с.в.968м./357ҳ.қ.), Абусаид Ҳамил ибни Аҳмади Сачзӣ (с.в.979м./368ҳ.қ.), Абусаиди Фуззӣ Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Ҳасако (с.в.984м./374ҳ.қ.) ва даҳҳо тани дигар, ки аз ақидаҳо ва усули Абуҳанифа ҳимоя намудаанд ба майдони илм ва баҳсу мунозироти фиқҳӣ ворид шуданд. Маҳз ба хизматҳои шоёни илмии онҳо ба қавли Наршахӣ Бухоро ба "Қуббату-л-ислом" табдил ёфта буд.

Шарқшиносони аврупоӣ низ ба илмдӯстӣ ва таҳаммулпазирии сиёсати Сомониён қоил буданд. Адам Метс дар «Тамаддуни исломӣ дар қарни чаҳоруми ҳичрӣ» зикр месозад, ки «ниёз ба зиндагии муштарак ва лозимаи он, ки тафоҳум буд, навъе осонгирӣ ва мудоро дар ҷомеаи исломӣ падид оварда буд, ки дар Аврупои қуруни вусто шинохта нест. Намунаи ин тасомуҳ пайдоиши илми милалу ниҳал ва таҳқиқ дар адёни гуногун аст, ки бо шӯру шавқ дунбол шуд».[1]

Муҳаммадризои Ноҷӣ дар хусуси фирқаву гуруҳҳо ва дину мазҳабҳои гуногуни ин давра зикр месозад, ки «яке аз ҷанбаҳои шоёни таваҷҷӯҳ дар давлати Сомониён вуҷуди фирқаҳо ва наҳлаҳои гуногуни фикрӣ ва динӣ аст. Бо вуҷуди иқтидори давлат ва ҳам нуфузи уламо дар дастгоҳ ва дар миёни мардум, талоше дар ҷиҳати фишор ва сахтгирӣ бар адён ва фирақ (фирқаҳо) ва пайравони онҳо сурат нагирифт».[2]

Умуман дар маҳдудаи Сомониён беш аз даҳ дину равияҳои қабл аз исломӣ ва беш аз даҳ мазҳабу фирқаҳои исломӣ, аз қабилӣ: буддоӣ, яҳудӣ, масеҳият, марқиюния, дайсония, зардуштия, монавия, беҳофаридиён, муслимия, хуррамдинон, сафедҷомагон, шиа, исмоилия, карромия, хаворич, ҷаҳмия, муътазила, мурҷиа, каёмия ва ғайра ба таблиғи ақидаҳои худ машғул буданд. Муаррих ва ҷуғрофиёшинсои машҳури ин давра Муҳаммад Мақдисӣ дар асараш «Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим» хотирнишон месозад, ки дар давлати Сомониён, яҳудиён, масеҳиён ва гуруҳҳои мухталиф

[1] Метс Адам. Тамаддуни исломӣ дар қарни чаҳоруми ҳичрӣ [Матн] / А. Метс; тарҷумаи Алиризо Заковатӣ Қарогузлу. – Теҳрон, 1362 ҳ. – Ҷ.I. – С.47.
[2] Муҳаммадризои Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён [Матн] / М. Ноҷӣ. – Душанбе, 2011. – С.699.

аз аҳли маҷус пароканда буд, дар баъзе шаҳрҳо пайравони дину фирқаҳои мухталиф дар шакли мусолиматомез бо мусулмонон мезистанд.[1] Ба қавли Абдулкарим Самъонӣ дар «ал-Ансоб» дар Нишопур шумораи зиёди аҳли китоб ва зардуштиён маскан доштанд. Дар ҳудуди панҷ ҳазор тан аз онҳо дар натиҷаи таблиғоти Ибни Яъқуби Исҳоқ ибни Муҳаммадшоди Карромӣ, ки пешвои карромиёни Нишопур маҳсуб мегашт, дини исломро қабул карданд.[2]

Новобаста аз он ки намояндагони динҳои ҷаҳонӣ ва мазҳабу фирқаҳои гуногун дар ҷомеаи таҳаммулпазиру мусолиматомез зиндагӣ мекарданд, дар байни баъзе гуруҳҳои динӣ ихтилофоти ақидатӣ сар мезад. Дар ин бора Муҳаммад Мақдисӣ борҳо таъкид карда буд, ки кам минтақаҳо ва ҳавзаҳои илмӣ-фарҳангӣ буд, ки дар он ҷо таассуб ривоҷ нагирифта бошад. Масалан, дар шаҳри Нишопур байни исноашариён ва карромия зиддиятҳои фикрӣ ба вуҷуд меомад. Дар Сиистон ва Сарахс миёни ҳанафиён ва шофеиён баъзе мухолифатҳо ва зиддиятҳо сар зада буданд.[3]

Ба мақсади пешгирӣ кардан аз ин мухолифатҳо Забеҳуллоҳ Сафо дар «Таърихи адабиёт дар Эрон» таъкид месозад, ки «ҳусни кор дар он буд, ки ҳукумати Сомонӣ дар ин асабиёт ворид намешуд, балки маъмулан аз шиддати ихтилофот ҷилавгирӣ мекард. Лекин аз қарни Vҳ.(XIм.) ба баъд тадриҷан шоҳон ва риҷоли давлатӣ худ дар ин гуна асабиёт ворид шуданд ва ба сахтгирӣ нисбат ба мазоҳибе, ки бо онҳо назари мусоиде надоштанд, мубодират карданд ва уламо ва фуқаҳо низ дар ин кор бо онон ҳамдостон гардиданд».[4]

Ҷойи инкор ва шакку шубҳа нест, ки ҳанафиён дар ҳалли масъалаҳои умда ба ақл рӯй меоварданд. Ин тарзи масъалагузорӣ маънои онро надорад, ки таълимоти онҳо комилан хусусияти ақлгароӣ дорад. Дар баёни баъзе масъалаҳои ақидавӣ, ки дар Қуръону суннат ба онҳо ҷавоб пайдо намешуд,

---

[1] Мақдисӣ Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсану-л-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим [Матн] / М. Мақдисӣ; бо кӯшиши Дахвия. – Лейдан, 1967. – С.323.
[2] Самъонӣ Абдулкарим ибни Муҳаммад. Китобу-л-ансоб [Матн] / А. Самъонӣ; бо кӯшиши Абдурраҳмон Муаллими Имонӣ. – Ҳайдаробод: Дакан, 1962-1982. – Ҷ.XI. – С.62.
[3] Мақдисӣ Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсану-л-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим [Матн] / М. Мақдисӣ; бо кӯшиши Дахвия. – Лейдан, 1967. – С.336, 371.
[4] Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон [Матн] / С. Забеҳулло. – Теҳрон, 1362 ш. – Ҷ.I. – С.234.

онҳо ба ақл рӯй меоварданд. Як идда аз муҳаққиқони муосир ба моҳияти низоми таълимоти ҳанафиён сарфаҳм нарафта, ақидиҳои онҳоро ҳамчун «ақлгарои соф» қаламдод мекарданд.[1]

Сарфи назар аз он ки ҳанафия дар Мовароуннаҳру Хуросон ҳамчун ақидаи аксарияти аҳолӣ шинохта шуда буд, лекин боз як силсила гуруҳу фирқаҳои дигаре низ буданд, ки онҳоро на танҳо дар ин минтақа дучор омадан мумкин буд, ҳатто маълумот дар бораи фаъолияти онҳо то Самарқанд расида буд. Аммо натиҷаи баҳсу мунозираҳо, радду бадалҳо ва муносибаташон нисбат ба ҳанафия боиси боз ҳам тавсеа ва инкишофи таълимоти ин мактаб гардид ва сафи ҷонибдорони онҳоро афзуда, боиси истиқрори ниҳоии ислом тавассусти ин мазҳаб гардид.

Манбаи муътамад, ки дар самти муборизаҳои мазҳабӣ дар Мовароуннаҳр бахшида шуда, дастраси муҳаққиқин мебошад, «Китобу-т-тавҳид»-и Мотуридӣ аст. Мутафаккир дар мавриди ҳар як фирқаву ҷараёнҳои аҳди Сомониён маълумот дода, дар айни замон роҳҳои мубориза бо мактабу фирқаҳо масъалаҳои баҳснокро нишон додааст ва андешаҳои ҳарифони худро, ки барои низоми фикрии ҷомеаи онвақтаи Мовароуннаҳру Хуросон зарарнок ва хавфнок арзёбӣ кардааст. Ӯ дар мадди аввал ба ин гурӯҳҳо: динҳои яҳудиён,[2] насрониён ва фирқаҳои гуногуни санавият – дутопарастонро (дуалистҳо) аз қабили зардуштиён, маннониён, (мурод аз фирқаи «маннониён» ҳамон фирқаи «монавиён» аст) марқиониён ва тарафдорони Бухтуннаср (Бардесанес), инчунин осори эллинистиву фалсафие, ки онҳо бо калимаи «даҳрия» ифода ёфтаанд ва ҷараёнҳои фалсафии мутааллиқ ба онҳо аз қабили асҳобу-л-ҳайюло, асҳобу-т-табиа, «машшоиён», Арасту ва ғайраро шомил сохта, дар охири ин рӯйхат гуруҳҳои пароканда, ба мисли «сумания», «суфастоиҳо» ва «собииён»[3]-ро дохил кардааст.

---

[1] Абдурраҳмони Абдухолиқ. Шарҳи «Ақоиди Насафӣ» [Матн] / А. Абдухолиқ. – Чопи аввал. – Зоҳидон: Ал-мактабату-л-исломия, 1356. – С.9.
[2] Абӯмансур Муҳаммад ибни Муҳаммади Мотуридии Самарқандӣ. Китобу-т-тавҳид [Матн] / А. Самарқандӣ; бо кӯшиши Бакр Туполуғлӣ ва Муҳаммад Орӯшӣ. – Бейрут: Дору-с-содир, 1428 ҳ. (2007). – С.187.
[3] Ҳамон ҷо. – С.241.

Муносибат нисбат ба яҳудиён ва насрониён каме ранги дигар дошт. Таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки ин ду дин кайҳо боз дар минтақа нуфуз доштанд. Насрониёни минтақа ба таълимоти хаворич шинос шуда буданд. Сарфи назар аз он, ки ҷонибдорони дини яҳудия аз рӯйи шумораи худ дар минтақа кам буданд, таъсири андешаҳои онҳо ҳанӯз пеш аз зуҳури ислом паҳн гардида буд ва дар даврони густариши ҳанафия асри IX яке аз шахсиятҳои барҷастаи яҳудӣ Ҳивии Балхӣ буд, ки дар Балх ҳамчун фақеҳ машҳур буд.[1] Баҳсу мунозирот бо онҳо нишон дод, ки яҳудиён дар таълимоту фаъолияти хеш нисбат ба "тавҳиди ҳақиқӣ" содиқ набуданд. Ин тарзи баҳогузорӣ дар асарҳои Абумуқотили Самарқандӣ, аз ҷумла дар «Китобу-л-олим» ба назар мерасад.

Дар таълифоти ҳанафиёни ин давра мунозираҳо бо дутопарастон (дуалистон) ҷойгоҳи хоса дорад. Ба хусус ҳанафиён ба таълимоти ҷараёнҳои монавия ва зардуштия диққати махсус медоданд. Онҳо дар радияҳои худ андешаҳои зардуштияро бо дигар фирқаҳо муқоиса мекарданд. Агар дар таълимоти онҳо андешаҳои хавфноки ақидатиро медиданд, аз он танҳо барои наздикӣ доштанаш бо ақидаҳои зардуштӣ шарҳу тафсир медоданд. Барои мисол дар «Китобу-т-тавҳид»-и Мотуридӣ таълимоти маннониён (монавия) дар иртибот бо зардуштия баррасӣ гардидааст. Дар хусуси зардуштия мутафаккир ҳангоми баҳсҳояш бо санавия[2] ва ё зандақа[3] зикр кардааст.

Дар ин давра ҳанафиён ба муқобили «даҳрия» ва дар шакли умум бо тамоми он уламо ва мактабҳое, ки дар ин ё он шакле аз таълимоти "абадияти моддӣ" ҷонибдорӣ мекарданд[4], баҳс кардаанд. Дар осори ҳанафиён доир ба номҳои мушаххаси ҷонибдорони «даҳрия» ва макони ҷуғрофии зисти онҳо ба ҷуз аз андешаҳои онҳо маълумоте вуҷуд надорад.

Дар баробари дигар ҷараёнҳои фикрии Мовароуннаҳр дар асри X ҷараёни исмоилия мақоми баланд дошт. Аз ин фирқа ҳанафиён бо номи

---

[1] Rosenthal, J. Hiwi al-Balkhi [Text]: a Comparative Study / J. Rosenthal. – Philadelphia, 1949. – P.43.
[2] Ҳамон ҷо. – С.180.
[3] Ҳамон ҷо. – С.187.
[4] Ульрих Рудольф. ал-Мотуриди и суннитская теология в Самарканде [Текст] / У. Рудольф. – Алматы: Фонд «XXI век», 1999. – 286 с.

«қарматиҳо» ва “ботиниҳо” ёд кардаанд.[1] Ақидаи исмоилиён дар гузашта аз Мовароуннаҳр ба Хуросон ворид гашта буд, ки он ба садаи нуҳуми мелодӣ (III ҳ.) мутобиқат мекунад. Абдулқоҳири Бағдодӣ таъкид кардааст, ки ҳанӯз дар замони Муҳаммад ибни Тоҳир (тоҳириён) исмоилия дар Хуросон зуҳур карда буд.[2] Дар даҳаи охири асри IX Абуабдуллоҳи Ходим ҳамчун доъии исмоилӣ дар Хуросон фаъолият карда, таблиғгарони худро ба шаҳрҳои Мовароуннаҳр низ фиристода буд.[3]

Дар замони ҳукмронии Исмоил ибни Аҳмад, яке аз доъиёни исмоилия – Абубилол вориди Мовароуннаҳр гашта, ба таблиғи ақидаҳои мазҳаби исмоилӣ мепардозад. Ӯ маркази фаъолияти худро «дору-л-адл» ном гузошта, аҳли деҳоти атрофи Ҳиротро ба мазҳаби исмоилия шомил сохта буд.[4]

Мубаллиғони исмоилия дар Хуросон – Убайдуллоҳи Маҳдӣ, Абусаиди Шаъронӣ, Ҳусайн ибни Алии Марврудӣ ва дигарон дар кори худ муваффақ шуданд. Дар натиҷаи таблиғоти онҳо аҳолии навоҳии Толиқон, Маймана, Форёб, Ғарҷистон ва Ғур (Афғонистони муосир) ба мазҳаби исмоилия гаравида, бо сарварии Марврудӣ дар соли 915 мелодӣ қиёмеро бар зидди амир Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил созмондиҳӣ карданд, саранҷом ба шикаст рӯ ба рӯ шуданд.

Баъд аз Марврудӣ доъияи исмоилиёни Мовароуннаҳр Абулҳасан Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Ҳамдуяи Баздавии Насафӣ таъйин шуд. Вай дар қалъаи Баздаҳи Насаф мезист. Ба қавли муҳаққиқи эронӣ Зарёбкӯи Аббос «исмоилия ҳамвора ақоиди мазҳабии худро бо истидлолҳои фалсафӣ тавъам медошт ва он ҷо ки ақида ва Қуръон ва ҳадис бо фалсафа бархӯрд дошт, саъй мекард, ки завоҳири Қуръон ва ҳадис ва нусуси ақоидро ба нафъи фалсафа таъвил ва тафсир кунад. Фалсафаи исмоилиён бештар аз фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино ранги навафлотунӣ дошт ва аз фалсафаи Фисоғурис (Пифагор)

---

[1] Абӯмансур Муҳаммад ибни Муҳаммади Мотуридии Самарқандӣ. Китобу-т-тавҳид [Матн] / А. Самарқандӣ; бо кӯшиши Бакр Туполуғлӣ ва Муҳаммад Орӯшӣ. – Бейрут: Дору-с-содир, 1428 ҳ. (2007). – С.127.

[2] Абумансур Абдулқоҳир ибни Тоҳири Бағдодӣ. Ал-фарқу байна-л-фирақ [Матн] / А.Бағдодӣ; бо кӯшиши Муҳаммадзоҳиди Кавсарӣ. – Миср, 1948. – С.19.

[3] Рашидуддин Фазлуллоҳ. Ҷомеъу-л-таворих (Қисмати Исмоилиён) [Матн] / Р.Фазлуллоҳ; Муҳаммад Тақии Донишпажӯҳ, Муҳаммад Мударриси Зинҷонӣ. – Теҳрон, 1356. – С.12.

[4] Низомулмулки Тӯсӣ Ҳасан ибни Алӣ. Сияру-л-мулук (Сиёсатнома) [Матн] / Н. Тусӣ; бо кӯшиш Ҷаъфари Шуъор. – Теҳрон: Ширкати саҳомии китобҳои ҷайбӣ, 1377.ҳ.қ. – С.299.

низ таъсирпазир буд. Авҷи ин амр дар мактаби «Ихвону-с-сафо», ки дар садаи даҳуми мелодӣ дар Басра ва Бағдод зоҳир шуданд ва расоилро дар баёни ақоиди худ мунташир сохтанд, намуд ёфт».[1] Дар маҷмуъ дар, асри X дар Мовароуннаҳру Хуросон доиён ва мутафаккирони исмоилия кӯшишҳои зиёде карданд, то андешаҳои ақидатии ин фирқа паҳн гардад.

Дар минтақаи мазкур дар паҳлуи фирқаи исмоилия, ҳамчунин «монавиён» сершумор буда, муваффақона таълимоти худро таблиғ мекарданд. Суғд дар радифи Ироқ барои монавиён маркази муҳим ва асосии фаъолият гардида буд. Густариши ин фирқа дар Мовароуннаҳру Хуросон ҳанӯз ҳангоми дар ҳаёт будани асосгузори ин ҷараён Монӣ шуруъ гардида, эҳтимоли зиёд меравад, ки онҳо дар асри V ба ин минтақа омада буданд.[2] Ибни Надим доир ба шикасти монавиён, ки ҳанӯз дар асри VI ба вуқуъ пайваста буд, овардааст, ки бо саркӯб гардидани монавиён дар Байнаннаҳрайн ва паноҳ ҷустани онҳо ба Мовароуннаҳр боиси ворид шудани тағйирот дар таълимоти ақидатӣ ва ҷаҳонбинии мардуми ин минтақа гардид.[3] Баъд аз ду асри забткориҳои мусулмонон пайравони монавия боз ба фаъолият шуруъ карда, дар Мовароуннаҳр обрӯйи зиёдро касб карданд.[4] Дар даврони баъдӣ, «монавиён» дар соли 722 бо ҷанги мусулмонон рӯ ба рӯ шуда, бештари руҳониёни фирқаи монавия Самарқандро тарк карданд ва ба ҷониби Шарқи Мовароуннаҳр ба сарзаминҳои туркон сафар намуданд.[5] Дар «Ҳудуду-л-олам», ки соли 982-983 навишта шудааст, омадааст, ки дар шаҳри Самарқанд хонақоҳи монавиён арзи вуҷуд доштанд. Ба қавли Абурайҳони Берунӣ дар олами ислом ҷамъияти монавиёнро ба ҷуз аз Самарқанд дигар дар ҳеҷ куҷо пайдо кардан мумкин набуд.[6]

Дар иртибот ба таҳлилҳои боло метавон хулоса кард, ки ҳанафиёни Мовароуннаҳр дар таълимот ва баҳсҳои худ анъанаи қадимаи радду бадали

---

[1] Зарёбкуӣ Аббос. Размовард [Матн] / З. Аббос. – Теҳрон, 1368. – С.328.
[2] Samuel N.C. Lieu. Manichaeism in the Later Roman Empire and Medieval China [Text]: a Historical Survey / Samuel N.C. Lieu. – Manchester, 1985. – P.178.
[3] Ибни Надим Муҳаммад ибни Исҳоқ [Матн] / Н. Исҳоқ. ал-Феҳрист. – Қоҳира, 1960. – С.334.
[4] Ҳамон ҷо. – С.337.
[5] Haussig Hans Wilhelm. Die Geschich Zentralasiens und der Seidenstrabe in vorislamischer Zeit [Text] / Haussig Hans Wilhelm. – Darmstadt, 1992. – P.237.
[6] Берунӣ, А. Осору-л-боқия ани-л-қуруни-л-ҳолия [Матн] / А. Берунӣ. – Теҳрон, 1376 ш. – С.209.

фирқаҳо ва мактабу ҷараёнҳои диниву мазҳабӣ ва фалсафиро риоя намуда, бо бо аксари онҳо дар ҳолати таззоди фикрӣ қарор доштанд. Пешвоёни мазҳаби ҳанафия андешаҳои фирқаҳои мавҷударо ба доманаи баҳс кашида, дар чаҳорчӯбаи талаботи осори ба “милалу ниҳал” бахшида, онҳоро таҳлил кардаанд. Онҳо худро аз хатари бунёдгароӣ ҳифз намуда, барои таҳким бахшидани ақида ва ҳифозати мавқеи худ саъю талош карда, амнияти сиёсӣ, ақидатӣ ва идеологии замони худро таъмин менамуданд. Ҳадафи онҳо ҳифзи мавқеи худ аз «бероҳон» ва “ифротгароён” буд. Онҳо хусусиёти фарҳанги хоси мардуми Мовароуннаҳрро таблиғ карда, онро аз таъсири фарҳангҳои маънавии бегонагон ҳифз мекарданд. Масалан, яке аз хусусиятҳои баҳсҳои фирқавии онҳо таҳлили тамоюли навафлотунигароёнаи исмоилиён ба ҳисоб мерафт. Дар робита ба мақоми монавиёну зардуштиён дар фарқият аз дигар фирқаҳо ва дину мазҳабҳо, ба таҳлили ҷаҳонбинии онҳо аҳаммияти бештар дода мешуданд. Бо ин мавқеъгирии худ онҳо кӯшиш намудаанд ҳадафи асосии худ, яъне қабули фиқҳ ва ақидаи ҳанафиро дар минтақа асоснок намоянд.

Раванди бошиддати мухолифатҳои фикрӣ ва ақидатӣ мутафаккирони Мовароуннаҳрро водор сохт, ки барои дифоъ аз қудрати сиёсӣ баҳсу мунозираҳои дифоии худро оғоз карда, дар китобҳои хеш бобҳоеро дар масъалаҳои баҳсу мунозирот ва радду бадали андешаҳои бебунёд ихтисос диҳанд. Ҳамин радду бадалҳо буд, ки Ҳакими Самарқандӣ, Мотуридии Самарқандӣ ва дигарон ба майдони баҳсҳо баромада, дар муҷодалаву мунозирот шарафёб гаштанд.

Баҳсу мунозирот бо аҳли муътазила барои ҳанафиёни минтақа мавқеи хосса дошт. Дар ин самт ҳадафи асосӣ на танҳо ҳифзи ақида ва мавқеи худ буд, балки онҳо бояд нуқсону норасоиҳои рақибони дохилидиниро нишон медоданд. Аз ҳамин сабаб онҳо намоишкорона бо таълимоти санавиён, даҳриён ва муътазила баҳс менамуданд. Бартарияти фиқҳи Абуҳанифа ва ақидаи онҳоро бар рақибонашон айёнан равшан сохта, хулоса мекарданд, ки танҳо ин ақида ва ин низоми фиқҳии онҳо метавонад ҳамчун андешаи

фароқавмӣ барои тамоми аҳли ҷомеаи Мовароуннаҳр ва Хуросон, ки дар қаламрави Сомониёнанд хидмат кунад ва амнияту устувории ҷомеа ва пешрафти низоми давлатро таъмин созад. Воқеан чунин тарзи масъалагузориҳо сабаби он шуд, ки дар ҷомеа суботи ақидатӣ, амнияти аҳли ҷомеа таҳаммулпазирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ пирӯз гардид ва дар маҷмуъ пирӯзии андешаи солим ва ҷадиди тоҷиконро дар асрҳои миёна таъмин намуд.

Чуноне ки аз фаъолияти илмии мактабҳои ҳавзаи илмӣ-фарҳангии Мовароуннаҳр бармеояд, дар маҷмуъ замони Сомониён замони эҳёи улуми асримиёнагии тоҷик буда, аз нигоҳи пешрафти илму маориф, зуҳуру ташаккули фирқаву мактабҳои фалсафӣ ва динӣ дорои мақоми бузург буданд. Мустафо Ҷавод доир ба ин даврон гуфтааст, ки некрафтортарин роҳабарон амирони Сомонӣ буданд, ки “ҳангоми додгарӣ, диндорӣ ва донишдӯстӣ, ақида доштанд, ки илм ҷуз дар сояи озодии баҳс ва осон гирифтану мудоро кардан, пешрафт ва рушд нахоҳад кард”.[1]

Дар робита ба гуфтаҳои боло ва таҳлили ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ва маводи илмии асарҳои муаррихони ватанию хориҷӣ метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки:

– дар даврони салтанати Сомониён шароити таърихӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмӣ боиси он гаштанд, ки появу бунёди як ғояи мазҳаби давлатӣ дар доираи ақидаҳои Абуҳанифа ташаккул ёбад, ки ҳадафи он мураттаб сохтани андешаҳои каломӣ, фиқҳӣ, ахлоқӣ ва сиёсии мактаби хусусияти қавмидоштаи ҳанафияи Мовароуннаҳр буд;

– дар натиҷаи саҳми арзанда ва бориз гузоштани донишмандону олимони минтақа ҳамчун пайрав ва намояндагони таълимоти ҳанафия боиси рушди илмҳои бунёдӣ ва ташаккули фарҳанги ин давра гаштанд;

[1] Мустафо, Ҷ. ас-Сақофату-л-ақлия ва-л-ҳолату-л-иҷтимоия фӣ асри-л-раис Алӣ ибни Сино [Матн] / Ҷавод Мустафо // Маҷаллату ҷамиъи-л-илми-л-ароқӣ. – Бағдод, 1956 (1375 х.). – №4. – Қ.II. – С.505.

– амалӣ намудани фазои ҳуқуқии одилона дар замони Сомониён аз ҷониби ҳанафиён ба таъмини амнияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сарҳадӣ мусоидат намуд;

– бо ба роҳ мондани мазҳаби ягонаи ҳанафия Сомониён ба зиддиятҳои ақидатӣ, муборизоти сиёсӣ, ҷангҳои қавмӣ ва маҳаллӣ хотима бахшиданд;

– бо ба роҳ мондани мазҳаби ҳанафия рушду инкишофи таълимоти ахлоқии ҷомеаро таъмин намуда, фарҳанги хоси Мовароуннаҳрро бавуҷуд оварданд;

– бо ташаккул додани меъёрҳои ахлоқӣ ва таълимӣ рушди илму фарҳангро дар доираи як ғояи муттаҳидсозандаи оммаи мардум таъмин намуданд.

ХУЛОСА

НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ БАДАСТОМАДАИ ТАҲҚИҚОТ

Таҳқиқоти анҷомгардида ба масъалаҳои мубрами таърих, аз ҷумла вазъияти умумии Эронзамин ва хосатан қисмати хуросонии он ҳангоми зуҳур ва ташаккули Хилофат, забткориҳои арабҳою паҳншавии ислом, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди арабҳои таҷовузгар ва паёмадҳои он дар мисоли ташаккули мазҳаби ҳанафия дар Мовароуннаҳр бахшида шудааст.

Ҷойи баҳс нест, ки бидуни таҳлили сарчашмаҳо ва манбаҳои боэътимод таҳқиқи масъалаҳои зикрёфта ғайриимкон буда, маҳз барои ҳамин омӯзиш ва таҳлили маълумоти сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ имкон дод, шарҳи умумии вазъияти Эрони Сосонӣ, сабабҳои шикаст ва аз байн рафтани он ва масоили дигари раванди забткориҳои араб дар минтақа, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, сабабҳои гироиш ва густариши ойини нав байни эронитаборон ва авомили ташаккули мазҳаби ҳанафия дар рисола таҳқиқ гардиданд.

Дар рисола дар бораи вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳолати эътиқодии эронитаборон ҳангоми зуҳур ва ташаккули ойини нав, сабабҳои музаффариятҳои лашкари араб ва шикастҳои пайдарпайи эрониён, муносибати арабҳо дар масоили давлатдорӣ бо эрониён, муқобилиятҳо ва ҷангҳои хунини эрониён бо арабҳо, барқарор гардидани низоми пардохти хироҷу ҷизя ва марҳилаҳои исломпазирии аҳли Аҷам дар ҷуғрофияи Хуросону Мовароуннаҳр маълумот оварда шудааст.

Масаъалаҳои зикршуда аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ, то ҳадде омӯхта шудаанд, вале барои ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон, зарурати омӯзиши сабабҳо ва таҳқиқи эътиқодоти эронитаборон, аз ҷумла тоҷикон то зуҳури ислом, раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, сабабҳову усулҳои паҳншавии ин дин ва саҳми аҷдодони гузаштаи мо дар ташаккул ва такомули илму фарҳанг ба миён

омада, ба яке аз масъалаҳои мубрами таърихии мардумони бумии Мовароуннаҳру Хуросон табдил шудааст.

Омӯзиши сарчашмаҳои боэътимод доир ба ҷанбаҳои мухталифи масъалаҳои забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар маҷмуъ ба мо имкон дод, ки барои равшан намудани тамоми паҳлуҳои илмии мавзуи таҳқиқотӣ хулосабарорӣ намоем:

1. Империяи Сосониён ягона низоми шоҳаншоҳӣ ба шумор мерафт, ки дорои сохтори идорӣ, маркази ягонаи роҳбарӣ ва дини расмӣ буд. Ба ин нигоҳ накарда, вазъияти сиёсии Эронзамин дар арафаи зуҳури ислом ба ҳадде расида буд, ки дар авохири он дар тамоми сохторҳои идоракунии давлат бесуботӣ ҳукмрон буд. Баъд аз ҳукмронии Хусрави Парвиз дар сохтори идоракунии Сосониён дигар шоҳаншоҳи матиниродае пайдо нашуд, ки давлатро аз суқут нигоҳ дорад. Дар муддати кутоҳи таърихӣ бештар аз 10 шоҳаншоҳ сарнагун ва дигарон бозичаи дасти руҳониён гардида буданд. Дар натиҷа нуфузу мақоми руҳониёни мутаассиб баланд гашта, онҳо дар тамоми умури идории давлат дахолат мекарданд. Ба замми ин, румиён аз Ғарб, ҳайтолиён аз Шарқ бо эрониён дар ҳолати ҷанг қарор дошта, баъзе ҳудудҳои давлат ба монанди Хуросон худмухтор гардида, дигар ба марказ итоат намекарданд. Тамоми ин омилҳо дар ҳаёти сиёсӣ заминаро барои забти Эронзамин муҳайё намуданд;

2. Сабабҳои босуръати парокандагии дохилию сиёсии империяи Сосониён, пеш аз ҳама дар бад будани вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, баланд гардидани нуфузи мӯбадон (руҳониёни зардуштӣ), бархӯрдҳои дохилимазҳабӣ, бахусус миёни зардуштиёну яҳудиёну масеҳиён дар қисматҳои ғарбию марказӣ ва бархурдҳои мазҳабии зардуштиёну буддоиён дар қисмати шарқии шоҳаншоҳӣ буд. Хушунатҳои мазҳабӣ вазъи амниятии кишварро чунон ногувор намуда буданд, ки маъмурони давлатӣ дигар аз дини расмии шоҳаншоҳӣ – зардуштия дифоъ карда наметавонистанд.

3. Дар қисмати Шарқии шоҳаншоҳӣ, дар Тахористону Суғд ва Хуросон аз таъсири костаи нуфузи сиёсии Сосониён истифода намуда, хонҳои турку

Ҳайтолиён ва фағфури Чин барои ба даст овардани ин минтақаҳо ҳамеша дар набард буда, вазъияти сиёсии минтақаро ноором намуда буданд. Баъзан ҳокимони маҳаллии Хуросону Мовароуннаҳр аз он хотир ин ойинро бемуқовимат пазируфтанд, ки мехостанд дар муқобили ҳамла ва ҳуҷумҳои пай дар пайи хонҳои турк ва фағфури Чин, ки боиси харобӣ ва талаю тороҷи сарзамини Мовароуннаҳру қисмҳои шарқии Хуросон гардида буданд, аз нерӯҳои қаҳҳори арабҳо истифода намоянд. Ин тадбиру сиёсат беҷову бемаврид набуда, натиҷаҳои мусбат оварда, баъд аз истиқрори фарҳанг минтақа аз тохтутозҳои доимии туркҳо ва чиниҳо наҷот ёфт.

4. Яке аз сабабҳои дигари аз байн рафтани шоҳаншоҳӣ аз лиҳози сиёсӣ дар он буд, ки ҳанӯз дар замони Хусрави Анӯшервон мансаби сипаҳбад ё сарлашкарӣ бекор шуда, шоҳаншоҳӣ ва сипоҳ ба чор минтақа, аз қабили Шарқ – Сиистон, Хуросон ва Мовароуннаҳр; Шимол – Рай, Ҳамадон, Наҳованд ва Исфаҳон; Ғарб – Ироқ ва сарҳадоти марзии Византия ва Яман; Ҷануб – Форс, Кирмон, Аҳвоз ва соҳилҳои Халиҷи Форс[1] тақсим карда шуд, ки дар натиҷа сипаҳсолорони минтақаҳо дар марҳилаҳои душвору ногувор марказгурезӣ намуда, ҳокимияти худро мустақил эълон мекарданд. Дар маҷмуъ ислоҳоти Хусрав дар ибтидо барои истиқрори шукӯҳу шаҳомат ва қудрати ҳукумати марказии шоҳаншоҳӣ хизмати мусбӣ карда бошад ҳам, дар ниҳоят боиси бесуботӣ ва ноамнии ҷомеа гардида, ниҳодҳои суннатии сиёсӣ ва мудофиавии шоҳаншоҳиро аз байн бурд.

5. Пардохти андозу хироҷҳои гарон сабаби бад шудани вазъияти иқтисодиву иҷтимоии оммаи мардум гардид. Низоми пардохти андозу хироҷҳои сарона дар замони Хусрави Анӯшервон дар аввал ба эрониён сабукӣ оварда, баъдан ҷорӣ гардидани шакли нақдинаи хироҷ, яъне бо нуқра пардохт намудани он ба зиндагии мардум вазиниҳои зиёд овард. Кишоварзон ва боғдорон хироҷи саронаи худро дигар пардохт карда наметавонистанд. Бо истифода аз фурсати муносиб заминдорони калон дар

[1] Абуалии Мискавайҳи Розӣ. Таҷорибу-л-умам [Матн] / М. Розӣ; тарҷумаи Абулқосим Имомӣ. – Теҳрон, 1369. – С.292.; Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.II. – С.646.; Саолибӣ. Шоҳнома. – С.293.

пардохти хироҷ ба онҳо қарз медоданд ва бар ивази қарз тадричан заминҳо ва боғоти онҳоро мулки худ месохтанд. Чунин вазъияти баамаломада, сатҳи иқтисодӣ-иҷтимоии зиндагии мардумро ба ҳолати ногувор оварда, сокинони кишвар нисбат ба низоми давлатдорӣ нафрат пайдо карда, дар интизори наҷотдиҳандаи худ буданд.

6. Низоми табақотии замони Сосониён тамоми мардумони одиро дилгир карда буд, зеро гузаштан аз табақаи поёнӣ ба табақаи болоӣ ва ё издивоҷи табақаи поёнӣ бо табақаи болоӣ ғайриимкон буд. Дар охир ғуломону нимғуломоне, ки ваъдаи таъмини баробариву бародарии ойини навро мешуниданд, ихтиёран аз он пазироӣ мекарданд.

7. Имтиёзи табақотию маҳрум будан аз ҳаққи моликият, инчунин беҳуқуқии занону издивоҷу талоқи онҳо ночор авзои хоссае пеш оварда буд, ки дар ҷомеаи Сосонӣ, то андозае иттиҳоди мардумро аз байн бурда, тӯдаҳои азими мардум ҳамеша норозию нигарону маҳрум мезистанд. Инчунин руҳониёни мутаассиб, ва дабирону муъбадони доро дар аввал, ки инқирози шоҳаншоҳии Сосониёнро мушоҳида мекарданд, барои он, ки мақоми гузаштаи худро ҳифзу таъмин намоянд, ба подшоҳ ва давлат хиёнат мекарданд. Ин хиёнатҳо дар охир сабаби аслии суқут ва заволи шоҳаншоҳии Сосониён гардид.

8. Дини зардуштӣ дар аҳди Сосониён бо ин ки мазҳаби расмии кишвар буда, тамоми рукнҳои давлатдориро ба дасти худ гирифта буд, дигар натавонист ҳолатҳои эътиқодии мардумро ба як низоми муайян даровард, балки адёну мазоҳиби мухталифи навтаъсис тавонистанд дар ҷомеа як парешонӣ ва буҳрони шадиди мазҳабиву фикрӣ ва сиёсӣ ба миён оварда, барои шикасти он аз тарафи арабҳои бодиянишин замина муҳайё созанд. Хусусан дар поёни давраи Сосониён дар ҳаёти дохилимазҳабии ойини зардуштӣ ихтилофҳои зиёд ба чашм мерасид. Илова бар ин зардуштия ҳамчун дини расмӣ-шоҳаншоҳӣ дигар манфиатҳои давлат, табақаҳои болоӣ ва аз ҳама муҳим ниёзҳои феодалонро таъмин карда наметавонист.

9. Пайравони адёни насронӣ, буддоӣ, монавӣ, маздакӣ, меҳрпарастӣ, бутпарастӣ, оташпарастӣ, зурвонӣ ва пайравони динҳои дигари ориёӣ бо ихтилофҳои ақидавӣ-идеологӣ ва гуногунандешии мазҳабии худ барои коста гардидани таъсир ва нуфузи дини расмӣ мусоидат намуданд. Ихтилофоти мазҳабӣ дар ин давра ҳар замон забона зада, барои камтаъсир намудани дини расмӣ ва суқути шоҳаншоҳӣ кумак мекарданд. Зардуштия бошад ҳамчун дини расмии кишвар камтаъсир ва бефурӯғ гардида, дигар таъиноти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи феодалиро таъмин карда натавонист. Эронзамин дар ин ҳолат буд, ки арабҳо бо дини навзуҳури хеш вориди майдони ҳарбу забткориҳо гаштанд.

10. Бо истифода аз вазъияти ногувор ва вазъи заифи амниятии Сосониён арабҳо тавонистанд бори нахуст дар соли 633 ба ҳукумати Сосониён зарба зананд. Дар замони хилофати Абубакр Ироқ ва Байнанаҳрайн, ки ба ҳайати шоҳаншоҳии Сосониён дохил буданд, аз ҷониби арабҳо забт карда шуд. Дар замони хилофати Умар ва Усмон бошад, доираи забткориҳои онҳо дар шимолу шарқ то ба марзҳои Моваруннаҳр расид. Умавиён дар навбати худ Мовароуннаҳрро то сарҳадҳои Чин таҳти тасарруфи худ даровардaнд.

11. Дар тули забткориҳои марзҳои Эрон халифаҳо, волиён ва лашкари арабҳои истилогар ба амалҳои ғайриодилона ва берун аз қавонини исломӣ даст зада, боиси ба вуҷуд омадани ошӯбҳои зиддиарабӣ дар хоки Хуросону Мовароуннаҳр гардиданд. Арабҳои истилогар вазифаҳои аслии худро, ки интишори дин буд, як тараф гузошта, даст ба тамаъ ва моли мардуми Хуросону Мовароуннаҳр заданд. Дар баробари таҳкими ҷизя ва хироҷҳои вазнин бар дӯши мардуми одӣ, онҳо аз усулҳои аслии дин, хосатан дар масъалаи адолати иҷтимоӣ даст кашиданд, ки дар натиҷа мардум зери парчами шуубиён, азрақиён, ошӯби Мухтор ибни Абуубайд, Ғурак, Деваштич, Қарзанч, Собит, Ҳорис ибни Сурайҷ, Абумуслим, Сумбоди Мӯғ, Устод Сис, Муқаннаъ ва ғайра муттаҳид гашта, ба муқобили онҳо мубориза бурданд.

12. Натиҷаи шӯришҳои мардумӣ аз он иборат буд, ки неруи бузург ва тафаккури зиддиарабӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр ташаккул ёфт. Илова бар ин, намояндагони мардуми минтақа, аз ҷумла сулолаҳои бузургу муаззами Бармакӣ, хонадони Тоҳир ибни Ҳусайни Пушингӣ, хонадони Саффориён ва хонадони Сомониён аз ҷониби халифаҳои Аббосӣ ба умури давлатӣ, ба мансаби волиёни Хуросону Мовароуннаҳр, вазирон ва сарлашкарон таъйин мегардиданд, ки ин орзуи деринаи мардумони бумии Хуросони бузург дар роҳи ҳифзи марзу буми аҷдодияшон буд. Аз ин ба баъд Тоҳир ибни Ҳусайн, Яъқуб ибни Лайс ва Асад ибни Сомон дар назди халифа эътибори фавқуллода пайдо намуда, тадричан идораи Хуросону Мовароуннаҳр ба хонадонҳои Тоҳириёну Саффориёну Сомониён интиқол ёфта, пас аз чанде истиқлолияти ҳудудиву маъмурии хешро ба даст оварданд.

13. Бо хулосабарорӣ аз таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ раванд ва мақсаду махсусиятҳои муборизаҳои миллӣ-озодихоҳонаи мардумони Хуросону Мовароуннаҳрро метавон ба се марҳила тақсим намуд: Марҳилаи аввал, аз ибтидои лашкаркашӣ ба марзҳои Хуросон аз соли 642 то соли 705-ро дар бар гирифта, махсусият ва мақсади муборизаҳои ин марҳила пурра озод шудан аз арабҳои истилогар баҳри ҳифзи марзу буми аҷдодӣ ва боқӣ мондан ба ойини гузаштагони худ иборат буд. Марҳилаи дувум, муборизаҳои солҳои 705-750-ро дар бар гирифта, дар ин давра муборизаҳо хислати озодихоҳонаро касб намуда, барои дур намудани арабҳо аз сарзамини аҷдодӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ-инсонӣ, ва ахиран қабули исломи классикӣ-ноб иборат буд. Марҳилаи сеюм, аз соли 750 оғоз гардида, то соли 819 идома ёфт. Мақсади муборизаҳо дар ин марҳила танҳо барои расидан ба ҳокимияти сиёсӣ иборат буд, ки дар ин марҳилаи муборизаҳо низ онҳо ғолиб гардида, аввалин давлатҳои миллии хонадонҳои маҳаллии минтақаро ба сари ҳокимияти сиёсӣ оварданд.

14. Сабабҳои гаравидани эрониён, хусусан сокинони Хуросону Мовароуннаҳр ба ислом яке аз мавзуъҳои мубрам ва то ин замон камомӯхташуда маҳсуб меёбад. Раванди паҳншавии ислом ва ё гаравидани эрониён – тоҷикон ба он аз раванди гаравиши мисриёну шомиён ва дигар

манотиқи хилофат фарқи калон дошт. Ин дин аз ибтидои зуҳури худ ҳама пайравонашро, сарфи назар аз мансубияти қавмӣ, нажодӣ ва забонӣ як миллати бародар ва баробар эълон кард ва аз ҳуқуқи мискинон, занон ва ғуломон ҳимоят ба намуд. Ҳамин тариқ, ин дин аз лаҳзаҳои аввали зуҳури худ ҷанбаи ҷаҳоншумулӣ дошта, аз ин лиҳоз ба зеҳни эрониён созгор буд ва маҳз дар ҳамин асос заминаҳои густариши он дар ҷомеаи эронӣ ба вуҷуд омад.

15. Ҷанбаҳо ва сабабҳои исломпазирии эрониёнро таҳлил намуда, ба хулоса мерасем, ки муҳимтарини онҳо ба тариқи зайл буданд: мавҷуд набудани идея ва дини ягонаи мутаҳидкунанда дар шоҳаншоҳии Сосониён; мавҷудияти сохти табақотии ифротӣ ва нобаробарҳуқуқ; парокандашавии давлати мутамарказ ва буҳрони шадиди иҷтимоӣ дар шоҳаншоҳии Сосониён; буҳрони маънавӣ ва ё пиршавии асосҳои анъанавию ахлоқии ҷомеа; мавҷуд набудани муносибатҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ; ба кор бурдани низоми иқтисодӣ ва иҷтимоии ғайрифаъол дар шоҳаншоҳии Сосониён; низоми судӣ ва қонунгузории зиддиинсонӣ дар шоҳаншоҳӣ; арзишҳои диққатҷалбкунандаи дини нав (ислом) ва хусусиятҳои ахлоқиву башардӯстонаи он; дарки моҳияти таълимоти ислом аз ҷониби эрониён; дарки моҳияти раванди нави таърихии ҷаҳон; раванди бесобиқаи зуҳури дину ойинҳои нав дар ҷомеа; суқути дину мазҳабҳо ва ҷараёнҳои собиқ; раҳоӣ аз хироҷи бесобиқаи Сосонӣ ва ҷизяи арабӣ; кӯчонидани арабҳо ба минтақаҳои мухталифи Хуросону Мовароуннаҳр ва ба вуҷуд омадани муносибатҳои хешутаборӣ ва омезиши қавмҳо ва ғ. Сабабу омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ин раванд, қабл аз ҳама дар паст гардидани сатҳи зиндагии мардуми одӣ, норизогӣ аз низоми идории ноодилона ва хироҷгузорӣ буданд. Аз мардуми зердаст ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз тарафи ҳокимону ашрофон ва заминдорон андозҳои миёншикан ситонида мешуданд. Чунин вазъи хироҷгузорӣ ба касодии вазъи иқтисодии мардум оварда расонд, ки дар рӯзҳои аввали зуҳури ин ойин, ваъдаи баробарӣ ва бародарии исломро шунида, рӯй ба он оварданд.

Ҷизя ва тарзи ситонидани он аз мардумони ғайримусулмон низ дар раванди гироиши ин дин нақши муҳим бозид, зеро мардуми одӣ баробарии исломро шунида моили он гардида, аз пардохти ҷизя озод мешуданд. Дар охири хилофати Умавиён, ки тамоми Хуросон аз тарафи арабҳо забт карда шуда буд, донишмандони маҳаллӣ ба омӯзиши асосҳои ин фарҳанг пардохтанд. Баъд аз фарогирии тамоми рукнҳои исломӣ раванди гаравидани мардумони Хуросону Мовароуннаҳр ба ислом тобиши дигар гирифт.

16. Саҳми эрониён – тоҷикон дар интишори ислом миёни қавмҳои дигар, хусусан дар Ҳиндустон, Чин, Африқову Осиё ва Индонезияву дигар нуқоти олам намоён аст. Баъд аз дарки мафоҳими Қуръон эрониён-тоҷикон на танҳо ба ин дин гаравиданд, балки онро беш аз ҳар миллати дигар ва ҳудудҳои ҷуғрофии дигар густариш доданд.

17. Дар бахши густариши илму фарҳанги исломӣ низ нақши эронитаборон алалхусус тоҷикон шоистаи таҳсин буда, дар ду қарни аввали исломӣ онҳо дар аксар улуми исломӣ, ба монанди қироат, тафсир, ҳадис, фиқҳ, сарфу наҳви араб, таърих, тарҷума, риёзиёт, нуҷум ва амсоли инҳо ба ҳайси асосгузорони ин улум ном баровардaнд ва ба мусалмонони дунё ҳаққи устодӣ пайдо карданд.

18. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар асрҳои IX-X мелодӣ ҳавзаи илмӣ-фарҳангии Мовароуннаҳр аз ҳар ҷиҳат пешрафта буда, олимони минтақа дар рушду такомули илмҳои мухталиф саҳми бориз гузоштанд. Онҳо кӯшиш намуданд, на танҳо симои фарҳангии минтақаро нигоҳ доранд, балки бо истифода аз арзишҳои моддӣ ва маънавӣ ғояҳои башардӯстонаи илмӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғайра тавонистанд гуногунандешии мазҳабиро таъмин намоянд. Бар илова аз ин, онҳо бо роҳҳои мухталиф рӯй ба ойини нав оварда, ба он либоси миллӣ пӯшонданд. На танҳо фарҳанг ва забони худро гум накарданд, балки дар доираи арзишҳои ин ойин ба таърих, забон, урфу одат, ахлоқ ва ғайра хусусияти қонунӣ бахшиданд. Мазҳаберо пазируфтанд, ки поягузори он аз зумраи тоҷикон буд ва он мазҳаб хусусияти хоси ҳуввиятӣ ва фарҳангӣ дошт.

19. Дар даврони салтанати Сомониён шароити таърихӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмӣ боиси поягузориву бунёди таълимоти давлатӣ дар доираи ақидаҳои Абуҳанифа гардид. Ҳадаф аз таъсиси ин таълимоти комил ташаккул додани андешаҳои каломӣ, фиқҳӣ, ахлоқӣ ва сиёсии мактаби хусусияти миллӣ-мазҳабидоштаи ҳанафияи Мовароуннаҳр буд, ки бояд натиҷаҳои зерин ба бор меовард: ташаккул ва такомули таълимоти ҳанафия; таъмини амнияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сарҳадӣ; аз байн бурдани зиддиятҳои ақидатӣ; рушду инкишофи таълимоти ахлоқии ҷомеа; хотима бахшидан ба муборизоти сиёсӣ ва ҷангҳои қавмӣ ва маҳаллӣ; пешрафти илму фарҳанг дар доираи як ғояи муттаҳидсозандаи оммаи мардум; беҳбудӣ бахшидан дар муносибатҳо бо кишварҳои ҳамсоя ва ғайра.

20. Дар иртибот ба таҳлилҳои боло метавон хулоса кард, ки ҳанафиёни Мовароуннаҳр дар таълимот ва баҳсҳои худ анъанаи қадимаи радду бадали фирқаҳо ва мактабу ҷараёнҳои диниву мазҳабӣ ва фалсафиро риоя намуда, бо «санавиён» ва «даҳриён» (моддигароён) дар ҳолати таззоди фикрӣ қарор доштанд. Андешаҳои ин ва дигар фирқаҳои мавҷуда ба доманаи баҳс кашида шуда, дар чаҳорчӯбаи талаботи осори ба “милалу ниҳал” бахшида онҳоро таҳлил кардаанд. Онҳо худро аз хатари бунёдгароӣ ҳифз намуда, барои таҳким бахшидани ақида ва ҳифозати мавқеи худ саъю талош кардаанд. Ҳадафи онҳо ҳифзи мавқеи худ аз «бероҳон» ва “ифротгароён” буд. Онҳо хусусияти миллии фарҳанги хоси Мовароуннаҳрро таблиғ карда, онро аз таъсири фарҳангҳои маънавии бегонагон нигоҳ доштанд.

21. Аз ҷониби дигар сабаби мавқеи устувор пайдо намудани ҳанафия дар Мовароуннаҳр аз он иборат буд, ки Абуҳанифа аз лиҳози сиёсӣ таъкид менамуд, ки дилхоҳ мусулмон новобаста аз қабилаи Қурайш ва ё аз дигар қабоили араб будан, метавонад ба сари ҳокимияти сиёсӣ – хилофат биёяд. Албатта ин “андеша” ва ё “фатво” мавҷудияти хилофатро зери суол мебурд ва сабаби қатли Абуҳанифа ҳам гардида буд. Бинобар ин хонадонҳои ҳукуматгари Хуросону Мовароуннаҳр барои ҳар чӣ зудтар расидан ба ҳокимияти сиёсӣ аз мазҳаби ҳанафия ҷонибдорӣ намуда, худро ҳокимони

қонунии минтақа эълон намуданд ва заминаҳои устувори давлатдории миллии Тоҳириёну Саффориёну Сомониёнро гузоштанд.

22. Давраи исломии таърихи халқи тоҷик қабл аз ҳама оғози ҷаҳонбинии нави аҷдодони мо гардид. Ҷаҳонбиние, ки дар шинохти Офаридагор бо даврони қабл тафовут дошт, зеро гузаштагони мо ҷаҳонбинии монотеистиро бар дуализм тарҷеҳ доданд. Ҷаҳонбиние, ки бо вуҷуди умумияту монандиҳое бо даврони гузашта (меҳрпарастиву сипас зардуштӣ) вижагиҳои худро дошт, ки баъзе аз бунёд бо боварҳои қаблӣ тафовут доштанд. Маълум аст, ки дар остонаи зуҳури ислом ва қарни нахустини он дар Эрону Вароруд агарчӣ зардуштия дини аксарият буд, аммо шуруъ аз асри III буддоия аз Шарқу Ҷануб ва аз асри IV масеҳият аз самти Ғарб сар дароварда, теъдоди зиёди аҳолиро ба сӯйи худ кашиданд. Ҳатто шоҳоне чун Яздигурди 1 ва Канишка мувофиқи баъзе ривоёт дини зардуштиро раҳо карда, ба кешҳои нав даромаданд. Ислом ба бисёрдинӣ дар Эрону Вароруд хотима дод ва гарчӣ то садсолаҳои баъд пайравони ойинҳои дигар дар ҳудудҳои зикршуда мезистанд, вале ҳокимияти ин дин аз асри IX ба баъд бемунозиъа буд. Тамаддуни беназире, ки минбаъд дар ин сарзамин офарида шуд, аз ҷониби мардуми бумӣ ва бар пояи суннату андешаҳои маҳаллӣ, вале бо симои исломӣ халқ шуд. Яъне ғайр аз дигар шудани ҷаҳонбинӣ тамаддуни хос низ пайдо мешавад, ки ҳосили омезиши тамаддуни бумӣ ва боварҳои исломӣ буд. Пас бар асоси даврабандии Тойинбӣ асоси муҳками дигар (тамаддун) ҳам вуҷуд дорад, ки онро ҳеҷ муҳаққиқи дақиқназаре наметавонад инкор кунад.

23. Дигар далеле, ки ба тарафдории марҳилаи алоҳида будани таърихи исломии халқи тоҷик ироа мешавад, он аст, ки пас аз забти Эрон ва Осиёи Миёна аз ҷониби арабҳо ва эрониёни мусалмоншуда (қисми муҳимми лашкари фотеҳони арабро эрониёни мусалмоншуда ташкил медоданд) ба парокандагии сиёсии ин минтақа хотима дода шуд ва ҳудудҳои сарҷамъӣ ва дар оянда макони ташаккулёбии халқияти тоҷик дар таркиби як империяи муқтадир гузошта шуд. Тавре ки маълум аст, яке аз омилҳои ташаккули халқияти тоҷик маҳз дар ҳудуди як империя муттаҳид гаштани ҳудудҳои

муайян мебошад. Академик Бартолд дар мақолаи «Тоҷикон»-и худ менависад, ки истилои араб таркиби этникии минтақаро тағйир дода, ба он номи нав бахшид. Ҳамин тавр раванди ташаккулёбии халқияти тоҷик ба марҳилаи ниҳоии худ расид. Ба андешаи Бартолд истилоҳи тоҷик (тозик) бештар ҷанбаи фарҳангӣ (эрониҳои мусалмоншуда) дошт, на этникӣ. Раванди ҳамоиши халқиятҳои шарқиэронӣ, ки муддатҳо қабл аз омадани арабҳо шуруъ гардида буд, дар даврони тасаллути онҳо ба марҳилаи нав ва ниҳоӣ расид. Ин давра вусъати шаҳрҳо ва тараққиёти ҷомеаро ҳам ба марҳилаи нав ва рушдёфта ҳидоят кард, ки аксари муаррихон онро таъйид кардаанд.

24. Марҳилаи таърихи исломии халқи тоҷик бо юриши муғул ва ҳукумати ҳафтсадсолаи пасмондаҳои он хотима меёбад. Зеро пас аз ба истилоҳ «фоҷиаи муғул» марҳилаи дигаре дар таърихи мо шуруъ мешавад, ки яке аз усулҳои он танҳо ба ҳукумат нишастани муғул ё муғулзодаҳо буд. Агарчӣ тоҷикон фарҳанги исломиро нигоҳ дошта, ҳатто муғулҳоро низ ба қабули ин дин водор карданд, вале то муддате арзишҳои фарҳангии муғулӣ (ёсо) ҷойгузини дину шариат гашта, то садсолаҳои баъдӣ унвонҳои ғолибан муғулӣ (хон, атолиқ, қушбегӣ, ясавул) ҷойгузини русумоти тоҷикӣ-исломӣ шуд. Агар султону амирони туркнажоди ғазнавию хоразмшоҳиро манобеи муътабар (Байҳақӣ, Шабонкорай) ва муҳаққиқони хоричӣ (К.Э.Босворт) тоҷик номанд, пас аз ҳамлаи муғул мо раванди баръаксро мушоҳида мекунем. Раванди тадричан аз воҳаҳо кам шудани тоҷикон ва ба кӯҳу камар хазидани онҳо. Дар даврони ҳукуматҳои муғулӣ ислом, ки дини як қавми биёбониву даррандахӯ гашта буд, дигар паноҳгоҳу наҷотбахши оммаи мазлуму ситамкаш маҳсуб намегашт, аз ин рӯ дигар он ҷозибаву чеҳраи маънавӣ ва созандаашро гум мекунад. Бо истифода аз ин фарҳанг дар паҳнои Хуросону Мовароуннаҳр корҳои норавою аъмоли нописанди ҳукуматҳои асрҳои XIV-XIX амалӣ мегаштанд. Қабилаҳои дашти Қипчоқ, ки аз мусулмоншавии онҳо чанд сол мегузашт, дар айёми лашкаркашӣ ба Хуросону Мовароуннаҳр ба ҷангу хунрезиҳои худ шиори «барқарор кардани ислом ва устуворсозии шариат» доданд. Беҳуда набуд, ки дар замоне ки

ҷаҳон ба марҳилаи нави таърихӣ расид, дар сарзаминҳое ки дар тули асрҳои зиёд чун «маркази ислому дин» ва «қуббатул-ислом» шуҳра буд, барои гаравишҳои моддигароиву илҳодӣ замина фароҳам омад. Аз ин давра баъд тоҷикон дар соири билод бо қаламу шамшер ба нашри ислом намепардозанд ва танҳо дар силки суфиёну хирқапӯшон ба Ҳинду Рум тасаввуфи хуросониро ба армуғон мебаранд. Бештари муаррихони ғарбӣ ҳам ҳамлаи муғулро бузургтарин зарба ба пайкару руҳу равони мардуми тоҷик ҳисобидаанд. Тоҷикон бо ин вуҷуд бар дини ислом боқӣ монданд. Ин давраро бо ҳамон чеҳрае ки ҳаст бояд муаррифӣ кард.

25. Ҳамин тавр мо дувоздаҳ қарни охирро бо ин фарҳанг ба сар бурдаем ва аркону аҳкоми ин дин бар матни ҷомеаи мо ворид шуда, ҷузъи зиндагониямонро ташкил медиҳад. Иҷрои русумоти динӣ аз рӯзи таваллуд то лаҳзаи марг моро ҳамроҳӣ мекунад. Таърих, фарҳанг, адабиёт ва ҷаҳонбинии мо дар ҳазорсолаи охир бо ин фарҳанг тавъам будааст. Пас чаро ин пора аз таърихи ҳуввиятсози мо дорои чунин ҳаққе набошад, ки бахше аз таърихи моро ба худ ихтисос диҳад? Нуктаи мусаллами дигар ин аст, ки аҷдоди мо хадамоти арзандае ба ислом карда, барои тараққии донишҳои динӣ миёни миллатҳои гуногун кӯшиши бедареғ варзидаанд. Адабиётшиноси маъруф Эдвард Броун эътироф мекунад, ки «агар аз улуме, ки умуман ба исми араб маъруф аст, чи тафсиру ҳадис ва илоҳиёту фалсафа ва тиббу луғату тароҷими аҳвол ва ҳатто сарфу наҳви забони арабӣ, он чиро ки эрониён (тоҷикон) дар ин мабоҳис навиштаанд, ҷудо кунед, беҳтарин қисмати он улум аз миён меравад».[1] Бештари муаррихони мо ҳам ин воқеиятро тазаккур дода, бо он меболанд.

[1] Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим [Матн] / И. Қурбон. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – С.104.

ТАВСИЯҲО ДОИР БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО

1.Замони он расидааст, ки дар Тоҷикистон тамоми осори марбут ба замони истилои араб ва истиқрори ислом бо алифбои имрӯзаи тоҷикӣ баргардон, тарҷума ва нашр карда шавад.

2. Таърихи истиқрори ислом ва сабабҳои ба ин дин гаравидани тоҷикон пажӯҳиш карда, натиҷаҳои ин таҳқиқот дар маҷмуаи ҷудогона ба нашр расонда шавад.

3. Дар чаҳорчӯбаи барнома ва лоиҳаҳи илмӣ замони паҳншавии ислом дар байни аҳолӣ аз нигоҳи донишмандони таърих, фалсафа, сиёсатшиносӣ ва забону адабиёт омӯхта шавад;

4. Таърихнигории масъалаи истиқрори ислом дар сарзаминҳои тоҷикнишин офарида шавад;

5.Бостоншиносӣ ва сиккашиносии давраи мазкур дар таҳқиқоти ҷудогона ба роҳ монда шавад;

6. Муборизаи аҷдоди тоҷикон алайҳи истилогарони аҷнабӣ дар таҳқиқоти ҷудогона баррасӣ ва арзёбӣ карда шавад;

7. Аз рӯйи маводи бадастомада курси махсус барои донишҷӯёни факултетҳои таърих ва шарқшиносии муассисаҳои олии кишвар ба роҳ монда шавад;

8. Бо мақсади мубориза бурдан алайҳи ифротгароӣ ва терроризм ва бедор кардани руҳияи ватандӯстии насли наврас омӯхтани давраи мазкур дар курсҳои кӯтоҳмуддат ба назар гирифта шавад.

9. Доир ба нақши аҷдоди тоҷикон дар густариши ислом ва мазҳаби ҳанафия дар сарзамини Ҳиндустон ва Осиёи Ҷанубу шарқӣ лоиҳаи илмӣ тарҳрезӣ гашта, натиҷаҳои он дар монографияи алоҳида ба нашр расонда шавад.

10. Перомуни мероси мазҳаби ҳанафия ва нақши он дар таъриху тамаддуни тоҷикон марказҳои таҳқиқотӣ дар донишгоҳу ниҳодҳои илмӣ таъсис дода шавад.

РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1.САРЧАШМАҲО

1. Абдулваҳҳоб ибни Алӣ ибни Абдулкофӣ ас-Субкӣ. Ас-сайфу-л-машҳур фӣ шарҳи ақидати Абимансур [Матн] / А. Субкӣ. – Чопи аввал. – Истанбул, 1409 ҳ.қ. – 600 с.

2. Абдулкарими Тоҷир. Қандия [Матн] / А. Тоҷир; бо кӯшиши Эрач Афшор. – Теҳрон, 1378.

3. Абдулқодир ибни Абдулвафои Қурашӣ. Ал-Ҷавоҳиру-л-музиа фӣ табақоти-л-ҳанафия [Матн] / А. Қурашӣ. – Ҳайдаробод, 1332 ҳ. (1913). – Ҷ.I-II. – 3423 с.

4. Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1. – 476 с.

5. Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. Ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.2. – 477 с.

6. Абдурраҳмон ибни Халдун. Муқаддимаи ибни Халдун [Матн] / А. Халдун; тарҷумаи Муҳаммад Парвини Гунободӣ. – Теҳрон, 1366 ҳ.қ. – Ҷ.1. – 988 с.

7. Абдурраҳмон ибни Халдун. Таърих [Матн] / А. Халдун; тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ. – Теҳрон: Парчам, 1363. – Ҷ.1. – 741 с.

8. Абдурраҳмони Абдухолиқ. Шарҳи «Ақоиди Насафӣ» [Матн] / А. Абдухолиқ. – Чопи аввал. – Зоҳидон: Ал-мактабату-л-исломия, 1356. – 549 с.

9. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Бӯстону-л-орифин [Матн] / А. Ҷомӣ; бо кӯшиши Тавҳидпур. – Теҳрон, 1362 ҳ.ш. – 422 с.

10. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Нафаҳоту-л-унс [Матн] / А. Ҷомӣ; бо кӯшиши Тавҳидпур. – Теҳрон, 1362 ҳ.ш. – 397 с.

11. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. Нафаҳот-ал-унс [Матн] / А. Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8. – 494 с.

12. Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Юсуфи Хоразмӣ. Мафотеҳу-л-улум [Матн] / А. Хоразмӣ; мутарҷим Ҳусайн Хидивҷам. – Чопи чаҳорум. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1389. – 360 с.

13. Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухорӣ. Саҳеҳ ал-Бухорӣ [Матн] / А. Бухорӣ; аз арабӣ тарҷумаи М. Умаров, Ф. Бобоев. – Душанбе: Эр-граф, 2004. – Ҷ.1. – 524 с.

14. Абуалии Мискавайҳи Розӣ. Таҷорибу-л-умам [Матн] / М. Розӣ; тарҷумаи Абулқосим Имомӣ. – Теҳрон, 1369. – 544 с.

15. Абубакр Абдуллоҳ ибни Умар ибни Муҳаммад ибни Довуд Воизи Балхӣ. Фазоили Балх [Матн] / тарҷумаи Ҳусайни Балхӣ; бо кӯшиши Абдулҳайи Ҳабибӣ. – Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳанги Эрон, 1350. – 653 с.

16. Абуисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолику-л-мамолик [Матн] / И. Истахрӣ; Таҳияи Эраҷи Афшор. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1367 ҳ. – 356 с.

17. Абулқосим Каъбии Балхӣ. Мақолоту-л-исломийин. Зикру-л-муътазила. Фазлу-л-эътизол [Матн] / К.Балхӣ; бо кӯшиши Ф.Сайид. – Теҳрон, 1367 ҳ.қ. – 468 с.

18. Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. ас-Саводу-л-аъзам [Матн] / А. Самарқандӣ; тарҷумаи куҳан аз арабӣ; таҳиягарони матн ва муаллифони муқаддима, таълиқоту ҳавошӣ Н. Салимов, Н. Зоҳидов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – 220 с.

19. Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. ас-Саводу-л-аъзам [Матн] / А. Самарқандӣ; бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Ф. Баротзода, С. Шаҳобуддинов, Р. Азизӣ, М. Начотзода. – Душанбе: Андалеб-Р, 2016. – 248 с.

20. Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ [Матн] / А. Байҳақӣ; бо тасҳеҳи Алиакбари Файёз. – Машҳад: Интишороти Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад, 1350. – 1088 с.

21. Абулҳасан Алӣ ибни Исмоили Ашъарӣ. Мақолоту-л-исломийин ва ихтилофу-л-мусаллийин [Матн] / А. Ашъарӣ; тарҷумаи Муҳсини Муайядӣ. – Теҳрон: Амир Кабир, 1362 ҳ.ш. – 291 с.

22. Абулюср Муҳаммади Паздавӣ. Усули-д-дин [Матн] / А. Паздавӣ; бо кӯшиши Ҳанс Петер Линсс. – Қоҳира, 1363 ҳ. (1963). – 310 с.

23. Абумансур Абдулқоҳир ибни Тоҳири Бағдодӣ. Ал-фарқу байна-л-фирақ [Матн] / А.Бағдодӣ; бо кӯшиши Муҳаммадзоҳиди Кавсарӣ. – Миср, 1948. – 429 с.; Қоҳира: Дору-т-талоеъ, 2005.

24. Абумансур Абдулқоҳир ибни Тоҳири Бағдодӣ. Ал-фирақу байна-л-фирақ [Матн] / А. Бағдодӣ; тарҷумаи Муҳаммадҷаводи Машкур. – Теҳрон: Ишроқӣ, 1367 ҳ.ш.

25. Абӯмансур Абдулмалик ибни Муҳаммади Саолибии Нишопурӣ “Шоҳнома”-и Саолибӣ [Матн] / А. Нишопурӣ. – Душанбе, 2014. – 441 с.

26. Абумансур Муҳаммад ибни Муҳаммади Мотуридии Самарқандӣ. Китобу таъвилоти-л-Қуръон [Матн] / А. Самарқандӣ. – Бейрут, 2002. – 328 с.

27. Абӯмансур Муҳаммад ибни Муҳаммади Мотуридии Самарқандӣ. Китобу-т-тавҳид [Матн] / А. Самарқандӣ; бо кӯшиши Бакр Туполуғлӣ ва Муҳаммад Орӯшӣ. – Бейрут: Дору-с-содир, 1428 ҳ. (2007). – 328 с.

28. Абумуқотили Самарқандӣ. Китобу-л-олими ва-л-мутааллим [Матн] / А. Самарқандӣ; бо кӯшиши Муҳаммад Равош Қалъачӣ, Абдулваҳҳоби Ҳиндӣ ан-Надвӣ. – Алеппо, 1972. – 25 с.

29. Абутоҳир Хоҷаи Самарқандӣ. Самария [Матн]: дар баёни авсофи табиӣ ва мазороти Самарқанд [Матн] / А. Самарқандӣ. – Теҳрон: Интишороти фарҳанги Эронзамин, 1343. – 346 с.

30. Абуҳанифа Аҳмад ибни Довуди Диноварӣ. Ахбору-т-тивол [Матн] / А. Диноварӣ; тарҷумаи Муҳаммади Домғонӣ. – Теҳрон: Ғазол, 1381 ҳ. – 484 с.

31. Ал-Киндӣ. Вулоту Миср [Матн] / Ал-Киндӣ. – Ҷ.1.

32. Аҳмад ибни Абияъқуб ибни Возеҳ ал-Яъқубӣ. ал-Булдон [Матн] / А. Яъқубӣ; тарҷумаи доктор Муҳаммадиброҳими Оятӣ; баргардонкунанда аз хатти

форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии Тоҷик, 2022. – 220 с.

33. Аҳмад ибни Яъқуб (Ибни Возеҳи Яъқубӣ) Таърихи Яъқубӣ [Матн] / А. Яъқубӣ; тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – Ҷ.1. – 610 с.

34. Аҳмад ибни Яъқуб (Ибни Возеҳи Яъқубӣ) Таърихи Яъқубӣ [Матн] / А. Яъқубӣ; Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – Ҷ.2. – 644 с.

35. Баёзӣ Камолуддин Аҳмад ибни ал-Ҳасан. Ишороту-л-маром мин ибороти-л-имом [Матн] / Б. Ҳасан; бо кӯшиши Юсуф Абдурраззоқ. – Қоҳира, 1368 ҳ. (1949). – 364 с.

36. Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ. – Лейдан, 1865. – 765 с.

37. Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – 787 с.

38. Балъамӣ Абуалӣ. Таърихи Табарӣ [Матн] / А. Балъамӣ. – Теҳрон: Алҳудо, 2001. – Ҷ.I.II. – 1635 с.

39. Балъамӣ Абуалӣ. Таърихи Табарӣ [Матн]: иборат аз се ҷилд / А. Балъамӣ. – Душанбе: Ирфон, 1992. – Ҷ.1. – 655 с.

40. Берунӣ, А. Осор-ул-боқия [Матн] / А. Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.

41. Берунӣ, А. Осору-л-боқия ани-л-қуруни-л-ҳолия [Матн] / А. Берунӣ. – Теҳрон, 1376 ш. – 457 с.

42. Гардезӣ Абӯсаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуд. Зайну-л-ахбор [Матн] / А. Гардезӣ; бо муқобала ва таълиқоти Абулҳай Ҳабибӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1347 ҳ.ш. – Ҷ.2. – 934 с.

43. Гардезӣ Абӯсаъид Абдулҳай. Зайну-л-ахбор [Матн] / А. Гардезӣ; баргардон Қодири Рустам. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 416 с.

44. Геродот. История в девяти книгах [Текст] / Геродот. – Л.: Наука, 1972. – 599 с.

45. Девони одамушуарро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ [Матн]. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ, 2000. – 189 с.

46. Ибн Муртазо Аҳмад ибн Яҳё. Табақоту-л-муътазила [Матн] / А. Яҳё. – Бейрут/ Висбаден, 1961. – 300 с.

47. Ибни Асокир Алӣ ибни Ҳасан. Таъриху мадинати Димишқ [Матн] / А. Ҳасан; бо кӯшиши Алишерӣ. – Бейрут, 1995-1996. – 380 с.

48. Ибни Аъсами Куфӣ. Ал-Футуҳ [Матн] / А. Куфӣ; тарҷумаи Муҳаммад ибни Аҳмад Муставфии Ҳиравӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1386. – 1086 с.

49. Ибни Хурдодбеҳ Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ. Масолик ва мамолик [Матн] / Х. Абдуллоҳ; тарҷумаи Саиди Хорканд; баргардонкунанда аз хатти форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2022. – 232 с.

50. Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз [Матн] / Ҳавқал; тарҷумаи Ҷаъфари Шуъор. – Теҳрон: Интишороти Бунёди фарҳангии Эрон, 1345 ҳ. – 370 с.

51. Ибни Ҳаҷари Маккӣ. Маноқиби Имоми Аъзам [Матн] / Ҳ. Маккӣ. – Душанбе: Мотуридиён, 2009. – 248 с.

52. Иззуддин ибни Асир. Таърихи бузурги ислом ва Эрон [Матн] / И. Асир; тарҷумаи Аббос Халилӣ. – Теҳрон: Муассисоти матбуоти илмӣ, 1367 ҳ. – Ҷ.1. – 986 с.

53. Иззудин ибни Асир. Таърихи комил [Матн] / И. Асир. – Теҳрон: Асотир, 1370 ҳ.ш. – Ҷ.2. – 859 с.

54. Имоми Аъзам Абуҳанифа. Васиятнома [Матн] / Абуҳанифа; турҷумаи Суннатуллоҳи Яъқуб. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 80 с.

55. Имоми Аъзам Абуҳанифа. Фиқҳи акбар [Матн] / Абуҳанифа; тарҷумаи Суннатуллоҳи Яъқуб. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 152 с.

56. Каҳҳало Умар Ризо. Муъҷаму-л-муааллифин [Матн] / У.Р. Каҳалло. – Димишқ, 1957-1961. – 354 с.

57. Қуръони карим [Матн]: матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он бо забони тоҷикӣ / тарҷумаи М. Умаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – 604 с.

58. Лакҳнавӣ Муҳаммад Абдулҳай. Ал-фавоиду-л-баҳия фӣ тароҷими-л-ҳанафия [Матн] / М. Лакҳнавӣ. – Қоҳира, 1324 ҳ.қ. (1906). – 564 с.

59. Мақдисӣ Мутаҳҳар ибни Тоҳир. Ал-бидаъ ва-т-таърих [Матн] / М. Мақдисӣ. – Париж, 1919. – Ҷ.1. – 548 с.

60. Мақдисӣ Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсану-л-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим [Матн] / М. Мақдисӣ; бо кӯшиши Дахвия. – Лейдан, 1967. – 431 с.

61. Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Ат-Танбеҳ ва-л-ашроф [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1365 ҳ.қ. – 452 с.

62. Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Муруҷу-з-заҳаб [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387 ҳ.қ. – Ҷ.1. – 785 с.

63. Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Муруҷу-з-заҳаб [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387 ҳ.қ. – Ҷ.2. – 923 с.

64. Мирхонд. Равзату-с-сафо фи сирати-л-анбиёи ва-л-мулуки ва-л-хулафо [Матн] / Мирхонд; бо пешгуфтор ва таълиқоту ҳавошии Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2004. – Ҷ.1. – 337 с.

65. Мулло Алиқории Ҳанафӣ. Шарҳи Муснади Абӯҳанифа [Матн] / М. Ҳанафӣ. – Душанбе: Эр-Граф, 2009. – 620 с.

66. Муҳаммад ибни Исҳоқи Надим. Ал-Феҳрист [Матн] / М. Надим; тарҷумаи Ризои Таҷаддуд. – Теҳрон: Асотир, 1346 ҳ. – 984 с.

67. Муҳаммад ибни Умари Воқидӣ. Мағозӣ. Таърихи ҷангҳои Паёмбар [Матн] / М. Воқидӣ; тарҷумаи Маҳмуди Домғонӣ. – Теҳрон: Фарҳанги исломӣ, 1369 ҳ.ш. – 949 с.

68. Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 14 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.1-14. – 6366 с.

69. Наршахӣ Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро [Матн] / М.Ҷ. Наршахӣ; бо кӯшиши Муҳаммадтақии Муддариси Разавӣ. – Теҳрон, 1363. – 443 с.

70. Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – 118 с.

71. Насафӣ Абулмуин Маймун ибни Муҳаммад. Табсирату-л-аддила фи усулу-д-дин ало тариқати-л-Имом Абӣ Мансур ал-Мотуридӣ [Матн] / М. Насафӣ; бо кӯшиши Кулуд Салома. – Димишқ, 1990-1993. – Ҷ.I. – 356 с.; Ҷ.II. – 357 с.

72. Насафӣ Абумутеъ Макҳул ибни Фазл. Китобу-р-радд ало аҳли-л-бидаъ ва-л-аҳво [Матн] / М. Насафӣ. – Димишқ, 1991. – Ҷ.1. – 356 с.

73. Насафӣ Начмуддин Абӯҳафс Умар ибни Муҳаммад. ал-Ақоиду-н-насафия [Матн] / Н. Насафӣ. – Лондон, 1843. – 568 с.

74. Низомулмулки Тӯсӣ Ҳасан ибни Алӣ. Сияру-л-мулук (Сиёсатнома) [Матн] / Н. Тусӣ; бо кӯшиш Ҷаъфари Шуъор. – Теҳрон: Ширкати саҳомии китобҳои ҷайбӣ, 1377.ҳ.қ. – 265 с.

75. Рашидуддин Фазлуллоҳ. Ҷомеъу-л-таворих (Қисмати Исмоилиён) [Матн] / Р.Фазлуллоҳ; Муҳаммад Тақии Донишпажӯҳ, Муҳаммад Мударриси Зинҷонӣ. – Теҳрон, 1356. – 240 с.

76. Саймарӣ Ҳусайн ибни Алӣ. Ахбору Абиҳанифа ва асҳобиҳи [Матн] / А. Саймарӣ. – Бейрут, 1985. – 326 с.

77. Самъонӣ Абдулкарим ибни Муҳаммад. Китобу-л-ансоб [Матн] / А. Самъонӣ; бо кӯшиши Абдурраҳмон Муаллими Имонӣ. – Ҳайдаробод: Дакан, 1962-1982. – Ҷ.I-XII.

78. Самъонӣ Самарқандӣ Муҳаммад. Қандия ва Самария [Матн] / С. Самарқандӣ; бо кӯшиши Эраҷ Афшор. – Теҳрон, 1367 ҳ.ш. – 286 с.

79. Субкӣ Тоҷиддин Абӯнаср Абдулваҳҳоб. Табақоту-ш-шофеияти-л-кубро [Матн] / Т. Субкӣ; бо кӯшиши Абдулфаттоҳ Муҳаммад Ҳулв Маҳмуд Муҳаммади Танохӣ. – Қоҳира, 1964-1976. – Ҷ.I-X. – 5776 с.

80. Та´рих-и Систан (История Систана) [Текст] / перевод, введение и комментарий Л.М. Смирнова. – М.: Наука, 1974. – 573 с.

81. Фаридаддини Аттори Нишопурӣ. Тазкирату-л-авлиё. Таҳияи Муҳаммадхони Қазвинӣ [Матн] / Ф. Аттор. – Теҳрон: Носири Хусрав, 1370 ҳ. – 294 с.

82. Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]: иборат аз 4 ҷилд / Фирдавсӣ; таҳияи Парвизи Атобакӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1386. – 2671 с.

83. Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]: иборат аз 9 ҷилд / Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8. – 592 с.

84. Хайриддин Зириклӣ. ал-Аълом. Муассасату-т-торихи-л-арабӣ [Матн] / Х. Зириклӣ. – Чопи дувум. – Бейрут, 1989 м. – Ҷ.VII. – 466 с.

85. Ҳудуду-л-олам мина-л-машриқ ила-л-мағриб [Матн] / бо муқаддимаи В. Бартольд; тарҷумаи Мирҳусайн Шоҳ. – Кобул, 1342. – 928 с.

86. Ҳудуду-л-олам мина-л-машриқ-ила-л-мағриб [Матн] / тарҷумаи Манучеҳри Сутуда. – Теҳрон: Китобхонаи Туҳурӣ, 1983 м. – 252 с.

87. Шиҳобуддин Абдуллоҳи Хофӣ. (Ҳофизи Абрӯ) Ҷуғрофиё [Матн] / Ҳ. Абрӯ; бо тасҳеҳи Ғуломризо Вараҳром. – Теҳрон: Иттилоот, 1370 ҳ. – 166 с.

2.АДАБИЁТ

а) бо забони русӣ

88. Ахмад ибн Йахйа ибн Джабир Ал-Балазури. Завоевание Хорасана [Текст] / А. Ал-Балазури; пер. с араб., передисл., комм. и указ. Г. Гоибов; Отв. ред. Ю.С. Мальцев. – Душанбе: Дониш, 1987. – 120 с.

89. Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1963. – Т.I. – 759 с.

90. Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1963. – Т.II. – Ч.I. – 1020 с.

91. Бартольд, В.В. Сочинения [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1964. – Т.II. – Ч.II. – 652 с.

92. Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1966. – Т.VI. – 785 с.

93. Батыр Рустам. Абу-Ханифа [Текст]: жизнь и наследие / Б. Рустам. – Новгород: Медина, 2007. – Т.1. – 276 с.

94. Беляев, Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневекове [Текст] / А. Беляев. – М.: Наука, 1966. – 279 с.

95. Березиков, Е. Святые ислама [Текст] / Е. Березиков. – Казан: Татарское книжное издательство, 1996. – 160 с.

96. Большаков, О.Г. История Халифата. Ислам в Аравии (570-633 гг.) [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Восточная литература, 2002. – Т.2. – 226 с.

97. Большаков, О.Г. История Халифата. Ислам в Аравии [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Наука, 1989. – Т.I. – 312 с.

98. Большаков, О.Г. История Халифата. Эпоха великих завоеваний [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Наука, 1993. – Т.II. – 294 с.

99. Босворт Клиффорд Эдмунд. Ранние этапы формирования исламского государства и общества. Основные характеристики. История человечества [Текст] / К.Э. Босворт. – М.: Наука, 1996. – 452 с.

100. Брагинский, И.С. Иранское литературное наследие [Текст] / И.С. Брагинский. – М.: Наука, 1984. – 368 с.

101. Брилёв, Д.В. Религии Мира, Ислам [Текст] / Д. Брилёв. – М.: Мир Книги, 2006. – 191 с.

102. Васильев, Л.С. История Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: История, 1998. – Т.I. – 495 с.

103. Васильев, Л.С. История религий Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: Высшая школа, 1988. – 413 с.

104. Всемирная история [Текст]: в 10 томах. – М.: Госполитиздат, 1957. – Т.III. – 895 с.

105. Гоибов, Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию [Текст] / Г. Гоибов. – Душанбе: Дониш, 1989. – 143 с.

106. Грюнебаум, Г.Э. фон. Классический ислам. Очерки истории (600-1258) [Текст] / Э.Г. фон Грюнебаум; пер. с анг. И.М. Дижура; предис. В.В. Наумкина. – М.: Наука, 1988. – 216 с.

107. Грязневич, П.А. Развитие исторического сознания арабов (VI-VIII вв.) [Текст] / А.П. Грязневич. – М.: Наука, 1982. – 328 с.

108. Гуломов, Т.М. Распространение ислама в Хорасане и Мавераннахре в VII-VIII вв. По сведениям исторических источников, [Текст] / Т. Гуломов. – Душанбе: Сино, 2016. – 200 с.

109. Гуломов, Т.М. Этнорелигиозные и этнокультурные процессы принятия ислама в Центральной Азии [Текст] / Т. Гуломов. – Душанбе: Сино, 2014. – 157 с.

110. Джалилов, А. Из истории культурной жизни предков таджикского народа и таджиков в раннем средневековье [Текст] / А. Джалилов. – Душанбе, 1973. – 286 с.

111. Джалилов, А. Согд накануне арабского нашествия и борьба согдийцев против арабских завоевателей в первой половине VIII в. [Текст] / А. Джалилов. – Сталинабад, 1961. – 165 с.

112. Ионова, И.А. Ислам в Юго-Восточной Азии [Текст] / А.И. Ионова. – М.: Наука, 1981. – 262 с.

113. Ислам религия, общество, гасударство [Текст]. – М.: Наука, 1984. – 230 с.

114. История Казахской ССР [Текст] / под ред. И.О. Омарова. – Алма-Ата, 1949. – Т.I. – 510 с.

115. История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1999. – Т.II. – 790 с.

116. История Узбекской ССР [Текст]. – Ташкент: Фан, 1967. – Т.I. – 769 с.

117. История человечества VII-XVI века [Текст] / под ред. М.А. аль-Бахита, Л. Базена, С.М. Сиссоко. – М.: Юнеско: Дом магистр-пресс, 2003. – Т.IV. – 671 с.

118. Кодырова, Т. Из истории крестьянских движений в Мавераннахре и Хорасане [Текст] / Т. Кодырова. – Ташкент: Наука, 1965. – 238 с.

119. Колесников, А.И. Завоевание Ирана арабами [Текст] / И.А. Колесников. – М.: Мысл, 1982. – 111 с.

120. Крачковский, И.Ю. Избранные сочинения [Текст] / Ю.И. Крачковский. – М., 1955. – Т.1. – 212 с.

121. Крывелев, И.А. История религий [Текст] / А.И. Крывелев. – М.: Мысл, 1988. – Т.2. – 283 с.

122. Луконин, В.Г. Древний и раннесредневековый Иран [Текст] / В.Г. Луконин. – М., 1987. – 348 с.

123. Луконин, В.Г. Иран в эпоху первых Сасанидов [Текст] / В.Г. Луконин. – Л., 1961. – 347 с.

124. Луконин, В.Г. Культура сасанидского Ирана [Текст]: Иран в III-V вв.: Очерк по истории культуры / В.Г. Луконин. – М., 1969. – 262 с.

125. Массон, В.М., Ромодин, В.А. История Афганистана [Текст] / М.В. Массон, В.А. Ромодин. – М.: Наука, 1964. – Т.I. – 463 с.

126. Мец, А. Мусульманский Ренессанс [Текст] / А. Мец; пер. с нем., пред., библиог. и указ. Д.Б. Бертеса. – М.: ВиМ, 1996. – 536 с.

127. Мутаххари Муртазо. Знакомство с исламской наукой [Текст] / М. Мутаххари. – Душанбе, 1974. – 246 с.

128. Мюллер, А. История ислама [Текст]: от доисламской истории арабов до падения династии Аббасидов / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.1-2. – 911 с.

129. Мюллер, А. История ислама [Текст]: от мусулманской Персии до подения мусулманской Испании / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.3-4. – 893 с.

130. Петрушевский, И.П. Ислам в Иране в VII-XV веках [Текст] / П.И. Петрушевский. – Л., 1966. – 399 с.

131. Пигулевская, Н.В. Арабы у границ Византии и Ирана в IV-VI вв. [Текст] / В.Н. Пигулевская. – М.: Наука, 1964. – 364 с.

132. Пигулевская, Н.В. Византия и Иран на рубеже VI и VII века [Текст] / В.Н. Пигулевская. – М.: АН СССР, 1946. – 289 с.

133. Прозоров, С.М. Ислам как идеологическая система [Текст] / М.С. Прозоров. – М.: Наука, 2016. – Т.II. – 365 с.

134. Радионов, М.А. Ислам классический [Текст] / А.М. Радионов. – СПб.: Петербургское Востоковедение, 2001. – 256 с.

135. Ричард, Н.Ф. Наследие Ирана [Текст] / Ф.Н. Ричард. – М.: Наука, 1971. – 468 с.

136. Стори, Ч.Л. Персидская литература [Текст]: Биобиблиографический обзор / Ч.Л. Стори. – М.: Наука, 1972. – Т.I-III. – 693 с.

137. Сурдел, Д., Сурдел, Ж. Цивилизация классического ислама [Текст] / Д. Сурдел, Ж. Сурдел. – Екатеринбург: У-Фактория, 2006. – 536 с.

138. Тойнби, А.Д. Исследование истории: Возникновение, рост и распад цивилизаций [Текст] / Д.А. Тойнби. – М., 2009. – Т.I. – 355 с.

139. Тримингэм, ДЖ.С. Суфийские ордены в исламе [Текст] / С.ДЖ. Тримингем. – М.: Наука, 1989. – 326 с.

140. Ульрих Рудольф. ал-Мотуриди и суннитская теология в Самарканде [Текст] / У. Рудольф. – Алматы: Фонд «XXI век», 1999. – 286 с.

141. Фильштинский, И.М. История арабов и Халифата (750-1517 гг.) [Текст] / И.М. Фильштинский. – М.: ИД “Муравей-Гайд”, 1999. – 384 с.

142. Фильштинский, И.М. История арабской литературы V-начало X века [Текст] / И.М. Фильштинский. – М.: Наука, 1985. – 357 с.

143. Хакназаров, А. Освободительная борьба таджикского народа против Арабского Халифата (633-961) [Текст] / А. Хакназаров. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 372 с.

144. Шпенглер, О. Закат Европы [Текст]: образ и действительность / О. Шпенглер. – М.: Наука, 1993. – 382 с.

145. Якубов, Ю. Религия Древного Согда [Текст] / Ю. Якубов. – Душанбе: Дониш, 1996. – 360 с.

146. Якубовский, А.Ю. Завоевание арабами Средней Азии [Текст] / Ю.А. Якубовский // История Узбекской ССР. – Ташкент: УзССР, 1955. – Т.1. – Кн.1. – С.134-150.

147. Якубовский, А.Ю. Мавераннахр в борьбе против власти арабов в VIII-IX вв. [Текст] / Ю.А. Якубовский // История Узбекской ССР. – Ташкент: УзССР, 1955. – Т.1. – С.151-175.

148. Якубовский, А.Ю., Большаков, О.Г. Борьба народов Средней Азии против арабского завоевания [Текст] / Ю.А. Якубовский, Г.О. Большаков. – М.: АН СССР, 1958. – 348 с.

149. Якубовский, А.Ю., Большаков, О.Г. Народы Средней Азии под властью Халифата [Текст] / Ю.А. Якубовский, Г.О. Большаков // История Таджикской ССР. – 2-е изд., перераб. и доп. – Душанбе: Маориф, 1983. – С.44-52.

б) бо забони тоҷикӣ

150. Абдуллоев, С. Исмоили Сомонӣ. Нашри дуюм. (бо такмилу иловаҳо). [Матн] / С. Абдуллоев. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – 430 с.

151. Аббосиён [Матн] // Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1978. – Т.1. – С.10.

152. Абдурраҳмон Рафъатпошо. Гӯшае аз зиндагонии асҳоби паёмбар (с) [Матн] / Р. Абдурраҳмон. – Душанбе: Ҳумо, 2006. – 395 с.

153. Амиршоҳӣ, Н. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV [Матн] / Н. Амиршоҳӣ. – Душанбе: Амри илм, 1999. – 1008 с.

154. Баҳор, М. Сабкшиносӣ [Матн] / М. Баҳор. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.

155. Баҳром, А. Калом ва мактаби эътиқодии Имом Абуҳанифа [Матн] / А. Баҳром. – Душанбе, 2009. – 208 с.

156. Бойматов, Л. Муқаннаъ [Матн] / Л. Бойматов. – Душанбе, 2006. – 30 с.

157. Боқизода, А. Имоми Аъзам-бузургмарди таърихи башарият [Матн] / А. Боқизода. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – 320 с.

158. Боқизода, А. Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби ҳанафия [Матн] / А. Боқизода. – Лоҳур, 2011. – 798 с.

159. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I. – 700 с. – Ҷ.II. – 412 с.

160. Ғоибов, Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 906 с.

161. Ғоибов, Ғ. Таърихи Ҳисори Шодмон, Чағониён ва Душанбе [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 1999. – 221 с.

162. Давлатзода, Д. Мусулмонон [Матн]: таърихи воқеии инкишоф ва таназзул / Д. Давлатзода. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 520 с.

163. Зоҳидов, Н. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX [Матн] / Н. Зоҳидов. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 444 с.

164. Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим [Матн] / И. Қурбон. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – 479 с.

165. Ислом [Матн]: маълумотномаи мухтасар / зери таҳрири Н.А. Иванов. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 142 с.

166. Исоматов, М. «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ [Матн]: пажуҳише андар муносибатҳои Сосониён ва Ҳайтолиён / М. Исоматов. – Душанбе: Сино, 1996. – 136 с.

167. Исоматов, М.М. Эфталитское государство и его роль в истории Центральной Азии [Текст] / М.М. Исоматов. – Душанбе: ТНУ, 2012. – 316 с.

168. Камол, Ҳ. Авомили ба сари ҳокимият омадани Сомониён [Матн]: баррасиҳои ҳаводиси таърихии садаҳои VII-IX-и Хуросони Бузург дар асоси манобеи таърихӣ / Ҳ. Камол. – Душанбе, 2022. – 324 с.

169. Колпаков, А.П. Ислом ва моҳияти иҷтимоии он [Матн] / П.А. Колпаков. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 36 с.

170. Комилов, Р., Камолӣ, С. Сайре дар андешаҳои иқтисодии ҷаҳони ислом [Матн] / Р. Комилов, С. Камолӣ. – Душанбе, 1996. – 55 с.

171. Қандил, А. Зиндагонӣ ва сифоти Имом Бухорӣ [Матн] / А. Қандил. – Душанбе, 2010. – 111 с.

172. Мавлютов, Р., Маҷидов, Р. Ислом [Матн] / Р. Мавлютов, Р. Маҷидов. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 107 с.

173. Муминзода, Ҳ. Зардушт ва ойини ӯ [Матн] / Ҳ. Муминзода. – Душанбе, 1993. – Ҷ.1-2. – 346 с.

174. Муминҷонов, Ҳ. Тӯрон-гаҳвораи тамаддуни ориёҳо [Матн] / Ҳ. Муминҷонов. – Душанбе, 2004. – 297 с.

175. Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе, 1999. – 550 с.

176. Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 660 с.

177. Мухторов, А. Афшин Ҳайдари Истаравшанӣ бузургтарин лашкаркаши Араб (асри IX) [Матн] / А. Мухторов. – Истаравшан: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2005. – 101 с.

178. Муҳаммад Иқбол. Эҳёи фикри динӣ дар ислом [Матн] / М. Иқбол. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 268 с.

179. Назаров, Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 138 с.

180. Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Пайванд, 2005. – 492 с.

181. Нуъмонӣ Шиблӣ. Симои Имоми Аъзам Абуҳанифа [Матн] / Ш. Нуъмонӣ. – Хуҷанд, 2009. – 223 с.

182. Нуъмонӣ Шиблӣ. Туҳфату-л-амон фӣ сирати-н-Нуъмон [Матн] / Ш. Нуъмонӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – 627 с.

183. Олимов, К. Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннаҳр дар қарнҳои X-XII [Матн] / К. Олимов. – Душанбе: Дониш, 2019. – 332 с.

184. Расулиён, Қ. Ду ҳазор соли таърихнигории тоҷикон (эрониён) [Матн] / Қ. Расулиён // Осори мунтахаб. – Душанбе: Дақиқӣ, 2014. – Ҷ.1. – С.83-162.

185. Расулиён, Қ. Таърихи халқи тоҷик [Матн]: аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёна / Қ. Расулиён. – Душанбе, 2016. – 404 с.

186. Раҳмон, Э. Дин ва ҷомеа [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 672 с.

187. Раҳмон, Э. Забони миллат-ҳастии миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – 516 с.

188. Раҳмон, Э. Имоми Аъзам [Матн]: рӯзгор, осор ва афкор / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – 419 с.

189. Раҳмон, Э. Имоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2009. – 35 с.

190. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2011. – Ҷ.10. – 576 с.

191. Раҳмон, Э. Мероси Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 320 с.

192. Раҳмон, Э. Муҳити зиндагӣ ва олами андешаҳои Имоми Аъзам [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 368 с.

193. Раҳмон, Э. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2007. – 144 с.

194. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – 364 с.

195. Раҳмонов, Э.Ш. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 447 с.

196. Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.З. – 259 с.

197. Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 128 с.

198. Рачабов, С.М. Муборизаи истиқлолиятхоҳонаи мардуми Хуросон ва Суғд бар зидди истилогарони араб [Матн] / С. Рачабов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 208 с.

199. Ричард, Н.Ф. Мероси Осиёи Марказӣ [Матн] / Н.Ф. Ричард. – Душанбе: Сурушан, 2000. – 373 с.

200. Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр. Аҳвол ва афкори ҳазрати Имоми Аъзам [Матн] / С.Б. Бузургмеҳр. – Душанбе: Нодир, 2000. – 347 с.

201. Старр Фредерик. Маърифати гумшуда [Матн]: асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг / Ф. Старр. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – 692 с.

202. Тартуси Абӯтоҳир. Абумуслимнома [Матн]: роман / Т. Абӯтоҳир. – Душанбе: Адиб, 1994. – 287 с.

203. Хатиб, С.А. Таърихи Хулафои Рошидин [Матн] / С.А. Хатиб. – Душанбе: Суннатулло, 2006. – Ҷ.I. – 363 с.

204. Хатиб, С.А. Таърихи Хулафои Рошидин [Матн] / С.А. Хатиб. – Душанбе: Суннатулло, 2006. – Ҷ.II. – 273 с.

205. Ҳазратӣ, М., Саидиён, И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / М. Ҳазратӣ, И. Саидиён. – Душанбе: Ориёно, 1992. – 222 с.

206. Ҳазраткулов, М. Эътиқодоту анъанаҳои бостонии Аҷам [Матн] / М. Ҳазраткулов. – Душанбе: Дониш, 1986. – 286 с.

207. Ҳазратқулов, М. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / М. Ҳазратқулов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 578 с.

208. Ҳакимов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн] / Н. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 484 с.

209. Ҳақназаров, А. Таърихи баҳамойӣ ва ташаккули халқи тоҷик [Матн] / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2013. – 338 с.

210. Ҳақназаров, А. Ҷунбишҳои инқилобии мардумони эронитабор бар зидди хулафои араб [Матн] / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2005. – 141 с.

211. Ҳақназаров, А. Шукуфтаҳои иқтисод ва фарҳанги халқи тоҷик [Матн]: аз оғоз то асри XV мелодӣ / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2021. – 404 с.

212. Ҳусайнпур, М. Зиндагиномаи Имоми Аъзам ва васиятҳои ӯ [Матн] / М. Ҳусайнпур. – Душанбе, 2009. – 89 с.

213. Шакурӣ, М. Хуросон аст ин ҷо [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Дониш, 1997. – 360 с.

214. Шамолов, А. Аҳвол, осор ва афкори Имоми Аъзам [Матн] / А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2009. – 276 с.

215. Шамолов, А. Каломи Мовароуннаҳр [Матн] / А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2013. – 569 с.

216. Шамолов, А. Ҳуҷҷат-ул-исломи Ғазолӣ [Матн]: андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ / А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 1996. – 328 с.

в) бо забони форсӣ

217. Аббоси Қадёнӣ. Таърихи адён ва мазоҳиб дар Эрон [Матн] / А. Қадёнӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1381. – 320 с.

218. Абдулғанӣ Ҳасан. Абумуслими Хуросонӣ [Матн] / А. Ҳасан. – Теҳрон: Сипеҳр, 1353. – 108 с.

219. Абдулмунъими Қандил. Зиндагӣ ва сирати Имом Бухорӣ [Матн] / А. Қандил; тарҷумаи Абдурасули Гулронӣ. – Теҳрон: Машҳад, 1385. – 224 с.

220. Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.1. – 585 с.

221. Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.2. – 1020 с.

222. Абдулҳомид Найири Нурӣ. Саҳми арзишманди Эрон дар фарҳанги ҷаҳон [Матн] / А.Н. Нурӣ. – Теҳрон: Маркази фарҳанг ва интишори исломӣ, 1375. – Ҷ.2.

223. Акрам Баҳромӣ. Таърихи Эрон аз зуҳури ислом то суқути Бағдод [Матн] / А. Баҳромӣ. – Теҳрон: Донишсарой, 1350. – 675 с.

224. Алиакбари Деҳҳудо. Луғатномаи Деҳҳудо [Матн]: шумораи ҳуруфи “М” / А. Деҳҳудо. – Теҳрон: Шаҳриёр, 1353. – Ҷ.43. – 500 с.

225. Алиакбари Деҳҳудо. Луғатномаи Деҳҳудо [Матн]: шумораи ҳуруфи “Х” / А. Деҳҳудо. – Теҳрон: Шаҳриёр, 1353. – Ҷ.20. – 600 с.

226. Аторӯдӣ Азизуллоҳ. Таърихи остони қудси разавӣ [Матн] / А. Аторудӣ. – Теҳрон: Аторӯд, 1371. – Ҷ.1. – 493 с.

227. Бартолд, В.В. Таърихи Эрон дар қуруни нахустини исломӣ [Матн] / В.В. Бартолд; тарҷумаи Ҷавод Фалотурӣ. – Теҳрон, 1373 ш. – 458 с.

228. Бартолд, В.В. Туркистоннома [Матн] / В.В. Бартолд; тарҷумаи Карим Кишоварз. – Теҳрон, 1366 ш. – 346 с.

229. Бенвинист Эмил. Дини эронӣ [Матн] / Э. Бенвинист; тарҷумаи Баҳман Саркорӣ. – Табрез, 1370. – 175 с.

230. Бойс Мэри. Зардуштиён [Матн]: боварҳо ва одоби динии онҳо / М. Бойс; тарҷумаи Аскар Баҳромӣ. – Теҳрон: Қуқнус, 1381 ҳ.қ. – 278 с.

231. Буллет, В.Р. Гаравиш ба ислом дар қуруни миёна [Матн] / Р.В. Буллет; тарҷумаи Муҳаммад Ҳусайни Виқор. – Теҳрон: Таърихи Эрон, 1364. – 148 с.

232. Ваҳбӣ Сулаймон. Ҷилваҳое аз зиндагонии Имом Абуҳанифа [Матн] / С. Ваҳбӣ; тарҷумаи Аминуллоҳи Каримӣ. – Теҳрон, 1382 ҳ.ш. – 428 с.

233. Вилл Дюрант. Таърихи тамаддун [Матн] / В. Дюрант; тарҷумаи Алиасғари Суруш. – Теҳрон, 1376 ҳ.ш. – Ҷ.1-13.

234. Вилфред Мейдлунг. Фирқаҳои исломӣ [Матн] / М. Вилфред; тарҷумаи Абулқосими Сарӣ. – Теҳрон: Асотир, 1377 ҳ.ш. – 348 с.

235. Давонӣ Алӣ. Ҳазораи шайх Тӯсӣ [Матн] / А. Давонӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1362. – Ҷ.1. – 583 с.

236. Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ [Матн]. – Теҳрон, 1383. – Ҷ.6. – 752 с.

237. Доиратулмаорифи форсӣ [Матн] / бо сарпарастии Ғуломҳусайн Мусоҳиб. – Теҳрон, 1345 ҳ.ш. – Ҷ.1. – 1004 с.

238. Забеҳулло Сафо. Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ [Матн] / С. Забеҳулло. – Теҳрон: Амири Кабир, 2536 шоҳаншоҳӣ. – Ҷ.1. – 451 с.

239. Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон [Матн] / С. Забеҳулло. – Теҳрон, 1362 ш. – Ҷ.I. – 456 с.

240. Зайналобиддин Қурбонӣ. Таърихи фарҳанг ва тамаддуни исломӣ. [Матн] / Қ. Зайналобиддин. – Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1370. – 355 с.

241. Зарёбкуӣ Аббос. Размовард [Матн] / З. Аббос. – Теҳрон, 1368. – 237 с.

242. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Таърихи тамаддуни Эрон [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – 605 с.

243. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Таърихи Эрон баъд аз ислом [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1363. – 685 с.

244. Иброҳим ибни Синон. Ҳунайн ибни Исҳоқ. Зиндагиномаи донишмандони исломӣ [Матн] / С. Иброҳим, И. Ҳунайн. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – 443 с.

245. Имодуддин Ҳусайни Исфаҳонӣ. Таърихи муфассали ислом ва таърихи Эрон баъд аз ислом [Матн] / И. Исфаҳонӣ. – Теҳрон: Иттиҳод, 1378. – 1151 с.

246. Иноятуллоҳи Ризо. Эрон ва Туркон дар рӯзгори Сосониён [Матн] / И. Ризо. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1384. – 231 с.

247. Клима Утокур. Таърихи мактаби Маздак [Матн] / У. Клима; тарҷумаи Ҷаҳонгир Фикрӣ. – Теҳрон: Ҳайдарӣ, 1371. – 364 с.

248. Корбэн Ҳенрӣ. Таърихи фалсафаи исломӣ (Histoire dele philosophia islamgue) [Матн] / Ҳ. Корбэн; тарҷумаи Асадуллоҳ Митарӣ. – Чопи дувум. – Теҳрон, 1358. – 468 с.

249. Кристинсен Артур. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристинсен; тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. – Теҳрон, 1332. – 577 с.

250. Қадёнӣ, А. Фарҳанги ҷомеи адён ва мазоҳиб [Матн] / А. Қадёнӣ. – Теҳрон: Орван, 1392. – 1144 с.

251. Малика Аббос. Салмони Форсӣ [Матн] / М. Аббос. – Теҳрон, 1996. – 162 с.

252. Метс Адам. Тамаддуни исломӣ дар қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ [Матн] / А. Метс; тарҷумаи Алиризо Заковатӣ Қарогузлу. – Теҳрон, 1362 ҳ. – Ҷ.I. – 456 с.

253. Меҳдоди Меҳрин. Дини маздоӣ [Матн] / М. Меҳрин. – Теҳрон: Чопхоҷа, 1364. – 172 с.

254. Мирғулом Муҳаммади Ғубор. Афғонистон дар масири таърих [Матн] / М. Ғубор. – Кобул, 1978. – 864 с.

255. Муҳаммад Ориф. Ҷуғрофиёи олами ислом [Матн] / М. Ориф. – Тус: Донишгоҳ, 1369. – 273 с.

256. Муҳаммад Ҷаводи Машкур. Эрон дар аҳди бостон. Таърихи аҳвом ва подшоҳони пеш аз ислом [Матн] / М.Ҷ. Машкур. – Теҳрон, 1367 ҳ.қ. – 648 с.

257. Муҳаммадризои Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён [Матн] / М. Ноҷӣ. – Душанбе, 2011. – 1295 с.

258. Муъҳазид Хусрав. Аруси Бухоро. Ҷунбиши Муқаннаъ ва сапедҷомагон [Матн]. – Теҳрон: Китобхонаи миллии Эрон, 1380. – 580 с.

259. Наср Сайид Ҳусайн. Таърихи Эрон. Кембриҷ [Матн] / Ҳ. Наср; тарҷумаи Ҳасан Ануша. – Теҳрон, 1372. – Ҷ.IV. – 412 с.

260. Нафисӣ Саъид. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рудакӣ [Матн] / С. Нафисӣ. – Теҳрон, 1336 ш. – 185 с.

261. Нафисӣ Саъид. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн]: аз инқирози Сосониён то инқирози Умавиён / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342. – Ҷ.2. – 276 с.

262. Нафисӣ Саъид. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн]: даврони пеш аз таърих ва оғози таърих / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342. – Ҷ.1. – 291 с.

263. Нейбрек, С. Динҳои Эрони бостон [Матн] / С. Нейбрек; тарҷумаи Сайфуддини Нақмободӣ. – Теҳрон, 1359. – 162 с.

264. Нёлдекке Теодор. Таърихи эрониён ва арабҳо дар замони Сосониён [Матн] / Т. Нёлдекке; тарҷумаи Аббоси Зарёб. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1375. – 777 с.

265. Озарӣ Алоуддин. Таърихи равобити Эрону Чин [Матн] / А. Озарӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – 258 с.

266. Омулӣ Ҷаъфари Муртазо. Салмони Форсӣ [Матн] / М.Ҷ. Омулӣ. – Теҳрон: Таблиғоти исломӣ, 1370. – 162 с.

267. Перси Сайкс. Таърихи Эрон [Матн] / П. Сайк; тарҷумаи Саидтақии Фахрдоъии Гелонӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1336. – 380 с.

268. Пигулевская, Н.В., Якубовский, О.Ю. Таърихи Эрон [Матн] / Н.В. Пигулевская, О.Ю. Якубовский, И.П. Петрушевский, О. Беллинитский, А.В. Струево; тарҷумаи Карими Кишоварз. – Теҳрон: Паём, 1354. – 713 с.

269. Пирниё Ҳасан, Аббоси Иқбол. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Қоҷория [Матн] / Ҳ. Пирниё, А. Иқбол. – Теҳрон: Хайём, 1370. – 864 с.

270. Пирниё Ҳасан. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Сосониён [Матн] / Ҳ. Пирниё. – Теҳрон: Хайём, 1370. – 237 с.

271. Раҳнамо Зайналобиддин. Паёмбар [Матн] / З. Роҳнамо. – Теҳрон: Амири Кабир, 2536 шоҳаншоҳӣ. – 712 с.

272. Ризоӣ Абдулазим. Аслу насаб ва динҳои эрониёни бостон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Нашри мавҷ, 1372. – 527 с.

273. Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1368. – Ҷ.2. – 358 с.

274. Ричард Фрай. Бухоро дастоварди қуруни вусто [Матн] / Фрай Ричард; тарҷумаи Маҳмуд Маҳмудӣ. – Теҳрон: Улум ва фарҳанг, 1365. – 458 с.

275. Рованди Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / М. Рованди. – Теҳрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1. – 756 с.

276. Розӣ Абдуллоҳ. Таърихи комили Эрон [Матн] / А. Розӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1373. – 583 с.

277. Садраб, М. Ниҳодҳои иқтисодии ислом [Матн] / М. Садраб. – Теҳрон, 1358. – 327 с.

278. Саид Муртазо. Шарҳи «Эҳё улуму-д-дин»-и Ғазолӣ [Матн] / Муртазо Саид. – Қоҳира, 1893. – 195 с.

279. Сийстонӣ Муҳаммадазим. Моликияти арзӣ ва ҷунбишҳои деҳқонӣ дар Хуросони қуруни вусто [Матн] / М. Сийстонӣ. – Кобул, 1362. – 669 с.

280. Таърихи ислом [Матн]: пажӯҳиши донишгоҳи Кембриҷ / А. Ором; тарҷумаи Аҳмади Ором. – Теҳрон: Амири Кабир, 1377. – 950 с.

281. Таърихи Эрон [Матн]: аз Селевкиён то фурупошии давлати Сосониён. – Теҳрон: Амири Кабир, 1370. – Ҷ.3. – 848 с.

282. Халилӣ Аббос. Эрон баъд аз ислом [Матн] / А. Халилӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1335 ҳ. – 320 с.

283. Халифа Мустафо ибни Абдуллоҳ. Кашфу-зунун ан асоми-л-кутуб ва-л-фунун [Матн] / Х. Абдуллоҳ; бо кӯшиши Меҳмед Шерефуттин Ялткаӣ, Килиш Рифат. – Истанбул, 1941-1943. – Ҷ.I-II. – 1023 с.

284. Хонларӣ Заҳро. Фарҳанги адабиёти форсӣ [Матн]. – Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳанги Ирон, 1348 ҳ.қ. – 560 с.

285. Ҳакимӣ Муҳаммадризо. Дониши Муслимин [Матн] / М. Ҳакимӣ. – Теҳрон: Дафтар нашри фарҳанги исломӣ, 1371. – 419 с.

286. Ҳақиқат Абдуррафеъ. Таърихи неҳзатҳои фарҳангии Эрониён [Матн] / А. Ҳақиқат. – Теҳрон: Ширкати муаллифон ва мутарҷимони Эрон, 1347. – 497 с.

287. Ҳанно ал-Фохурӣ. Таъриху-л-адаби-л-арабӣ [Матн] / Ҳ. ал-Фохурӣ. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1989. – 456 с.

288. Ҳано Ал-Фохурӣ, Халил Ал-Ҷар. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони ислом [Матн] / Ҳ. Ал-Фохурӣ, Х. Ал-Ҷар. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1989. – 364 с.

289. Ҳасан, Иброҳим Ҳасан. Таърихи сиёсии ислом [Матн] / И.Ҳ. Ҳасан. – Қоҳира, 1965. – Ҷ.1-4. – 877 с.

290. Ҳинаяна. Таърихи ойини Буддо [Матн] / Ҳинаяна; тарҷумаи А. Пошой. – Теҳрон: Нақши ҷаҳон, 1329. – Ҷ.1. – 357 с.

291. Ҳиравӣ Ҷавод. Таърихи Сомониён [Матн]: асри тиллоии Эрон баъд аз ислом / Ҷ. Ҳиравӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1382. – 536 с.

292. Ҳоҷӣ Мирзо, Ҳасан Ҳусайни Фасоӣ. Форсномаи Носирӣ [Матн] / Ҳ. Мирзо, Ҳ. Фасоӣ. – Теҳрон: Сипеҳр, 1378. – Ҷ.1. – 865 с.

293. Ҳуқуқӣ Аскар. Таърихи андешаҳои сиёсӣ дар Эрон ва ислом [Матн] / А. Ҳуқуқӣ. – Теҳрон: Ҳирманд, 1374. – 262 с.

294. Ҷурҷи Зайдон. Таърихи тамаддуни исломӣ [Матн] / Ҷ. Зайдон; тарҷумаи Алии Ҷавоҳир. – Теҳрон: Амири Кабир, 1372. – Ҷ.2. – 1108 с.

295. Шариф, М.М. Таърихи фалсафа дар ислом [Матн] / М.М. Шариф; тарҷумаи Насруллоҳи Пурҷаводӣ. – Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1370. – 268 с.

296. Эдуард Браун. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Э Браун; тарҷумаи Алипошои Солеҳ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1336 ш. – 800 с.

г) бо забони англисӣ

297. Emmerick Ronald E. Buddism among Iranian Peoples [Text] / E. Emmerick Ronald // The Cambiredge Hustary of Iran. – 1983. – P.949-964.

298. Frye, R.N. BUKHARA (I.in The islamic Times) [Text] / R.N. Frye // Encyclopedia Iranica. – New York, 1990. – Vol.4. – P.21.

299. Haussig Hans Wilhelm. Die Geschich Zentralasiens und der Seidenstrabe in vorislamischer Zeit [Text] / Haussig Hans Wilhelm. – Darmstadt, 1992. – 237 p.

300. Madelung Wilferd. Religious Trends in Early Islamic Iran [Text] / Madelung Wilferd. – Albany, 1988. – 128 p.

301. Madelung Wilferd. The Early Murji'a in Khurasan and Teansoxania and the Apread of Hanafism [Text] / Madelung Wilferd // Der islam. – 1982. – Vol.59. – P.32.

302. Rosenthal, J. Hiwi al-Balkhi [Text]: a Comparative Study / J. Rosenthal. – Philadelphia, 1949. – 59 p.

303. Samuel N.C. Lieu. Manichaeism in the Later Roman Empire and Medieval China [Text]: a Historical Survey / Samuel N.C. Lieu. – Manchester, 1985. – 360 p.

304. Schacht Joseph. An Early Murci'ite Treatise. The Kitab al-Alim wal-muta'allim [Text] / Schacht Joseph // Oriens XVII. – 1964. – P.96-117.

305. Schacht Joseph. The Origins of Muhammadan Jurisprudenc [Text] / Schacht Joseph. – Oxford, 1950. – 348 p.

306. Van Ess Joseph. Ungenurzte Texte zur Karramida. Eine Materialsammlund. – Heidelberd, 1980. – P.577-587. (Sitzungsberichte d. Heidelb. Akad. d. Wiss. Philoshist. KL., 1980, Abh.6).

д) бо забони арабӣ

307. Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. Имому аҳли-с-суннат ва-л-ҷамоат Абӯмансур ал-Мотуридӣ ва ороуҳу-л-каломия [Матн] / А. Мағрибиӣ. – Қоҳира: Мактабату ваҳба, 1405 ҳ.қ. (1985). – 460 с.

308. Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. Ҳақиқату-л-хилоф байна-л-мутакаллимин [Матн] / А.А. Мағрибӣ. – Қоҳира: Мактабату ваҳба, 1415 ҳ.қ. (1995).

309. Ардаконӣ Муҳаммад Боқир. Ҷомеъ-ут-тавоҳид [Матн]: ду ҷузв дар як ҷилд. Чопи сангӣ / Муҳаммад Боқир Ардаконӣ. – Миср, б/с.

310. Аҳмад Абдулҳамид Ғуроб. Муқаддима бар ал-Аълом биманоқиби-л-ислом [Матн] / А. Ғуроб. – Қоҳира, 1973.

311. Аҳмад ибни Авзуллоҳи Луҳайбии Ҳарбӣ. ал-Мотуридияту диросатан ва таҚвиман [Матн] / А. Ҳарбӣ; тарҷумаи Аҳмад ибни Алии Табарсии Эҳтиқоӣ. – Машҳад: Нашри Муртазо, 1403 ҳ.ق.

312. Ашкурӣ Қутбиддин. Маҳбуб-ул-қулуб [Матн]: таърихи ҳукамои пеш аз ислом [Матн] / Ашкурӣ Қутбиддин. – Теҳрон, 1398. – 320 с.

313. Бассом Абдулвоҳиди Ҷобӣ. ал-Масоилу-л-хилофия байна-л-ашоирати ва-л-мотуридия [Матн] / Б. Ҷобӣ. – Қоҳира, 1973. – 426 с.

314. Заҳабӣ Муҳаммад ибни Аҳмад. Сияру аъломи-н-нубало [Матн] / М. Заҳабӣ. – Бейрут, 1406 ҳ.ق. (1986). – Ҷ.6. – 386 с.

315. Карл Брокелман. Таъриху-л-адаби-л-арабӣ [Матн] / Б. Карл; тарҷумаи дуктур Сайид Яъқуб Бакр, дуктур Абдулҳалим ан-Наҷҷор. – Қум: Дору-л-кутуби-л-исломӣ, б/с. – Ҷ.IV. – 256 с.

316. Омирӣ Муҳаммад ибни Юсуф. ал-Аълом биманоқиби-л-ислом [Матн] / О. Юсуф. – Қоҳира, 1967. – 548 с.

317. Суютӣ Ҷамолуддин. Ал-лаоли-л-маснуа фи-л-аҳодиси-л-мавзуа [Матн] / Ҷамолуддин Суютӣ. – Қоҳира, б/с. – Ҷ.1.

318. Тағрӣ Бердӣ. Ан-нуҷуму-з-зоҳира фӣ мулуки Миср ва-л-Қоҳира [Матн] / Бердӣ Тағрӣ. – Ҷ.1. – 456 с.

е) диссертатсияҳо ва авторефератҳо

319. Давлатов, М.И. Особенности модернизации политического и этического учения ислама: на материалах стран арабского Востока [Текст]: дисс... канд. филос. наук: 09.00.06 / Давлатов Муродулло Исматович. – Ташкент, 1987. – 190 с.

320. Исоматов, М.М. Эфталитское государство и его роль в истории Центральной Азии [Текст]: дисс... д-ра истор. наук: 07.00.02 / Исоматов Маъруф Мараджабович. – Душанбе, 2009. – 375 с.

321. Исмонов, К.Б. Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар таҳаввул ва ташаккули забоншиносии араб [Матн]: дисс... док. илм. филол.: 10.02.01 / Исмонов Кароматулло Бадриддинович. – Душанбе, 2023. – 339 с.

322. Муминов, А.К. Роль и место ханафитских улама в жизни городов Центрального Мевараннахра (VIII-XIII вв.) [Текст]: автореф. дисс... д-ра истор. наук: 24.00.02 / Муминов Аширбек Курбанович. – Ташкент, 2003. – 46 с.

323. Муллоджонов, С.К. Влияние религиозного фактора на политическую и социально-экономическую жизн Хорасана и Мавераннахра (IX-XI вв.) [Текст]: дисс... д-ра истор. наук: 07.00.02 / Муллоджонов Сайфулло Кучакович. – Душанбе, 2015. – 353 с.

324. Рахимов, С.Х. Философско-эстетические идеи зороастризма [Текст]: дисс... д-ра филос. наук: 09.00.03 / Рахимов Садулло Хайруллоевич. – Душанбе, 2007. – 320 с.

ё) мақолаҳо

325. Алимова, К.Т. Ислам в Центральной Азии [Текст] / К.Т. Алимова // Актуальные вопросы общественных наук: социология, политология, философия, история. – 2016. – №1 (53). – С.5-12.

326. Диловаров, М. Маздакнома [Матн] / М. Диловаров // Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1983. – Ҷ.4. – С.134.

327. Довудӣ, Д. Зардуштия ва ислом баъди истилои араб дар замони Сомониён [Матн] / Д. Довудӣ // Тамаддуни бостон ва фарҳанги замони Сомониён: маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Маздоясно, 1999. – С.69-77.

328. Довуди, Д. Этапы развития зороастризма в качестве государственной религии [Текст] / Д. Довуди // Маводи конфронси байналмилалии Зороастризм и его значение в развитии цивилизации народов Ближнего и Среднего Востока. – Душанбе, 2003. – С.48-66.

329. Камол, Ҳ. Ҳокимони Хуросон дар аҳди охирон шоҳони Сосонӣ ва замони Хулафои рошидин [Матн] / Ҳ. Камол // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – №3/3 (170). – С.3-7.

330. Камол, Ҳ. Ҷуғрофиёи таърихии Хуросони Бузург [Матн] / Ҳ. Камол // Муаррих. Маҷаллаи илмӣ-назариявӣ. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2022. – №4 (32). – С.5-16.

331. Кобзева, О. История исламской культуры и ее изучение в современном Узбекистане [Текст] / О. Кобзева // Материалы II Международной науч.-образовательной конф., г. Санкт-Петербург, 17-20 мая 2015 г. – М., 2016. – С.370-381.

332. Мирзониё, М. Осор ва афкори Абӯмансури Мотуридӣ [Матн] / Мансур Мирзониё // Кайҳони андеша. – Теҳрон, 1380. – №4.

333. Муллоҷонов, С. Низоъи ҳанафиёну шофеиён дар шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр [Матн] / С. Муллоҷонов // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – С.126-145.

334. Муллоҷонов, С. Таърихи Сиистон ва авзои сиёсиву мазҳабии асрҳои IX-XI милодӣ [Матн] / С. Муллоҷонов // Паёми донишгоҳи миллӣ. – Нашри махсус. – Душанбе, 2010. – С.197-201.

335. Муллоҷонов, С., Шарифова, М. Ҷунбиши шуубия ва худшиносии тоҷикон дар асрҳои миёна [Матн] / С. Муллоҷонов, М. Шарифова // Паёми Донишгоҳи миллӣ. – 2017. – №3/7 (158). – С.6-10.

336. Мулоджонов, С.К. Государство и религия в Мевераннахре в X в. [Текст] / С.К. Мулоджонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. – №3/2 (128). – С.8-12.

337. Мулоджонов, С.К. Ханафито-шафиитская конфронтация в городах Хорасана [Текст] / С.К. Мулоджонов // Вестник педагогическая университета. – 2013. – №1 (50). – С.125-128.

338. Мустафо, Ҷ. ас-Сақофату-л-ақлия ва-л-ҳолату-л-иҷтимоия фӣ асри-л-раис Алӣ ибни Сино [Матн] / Ҷавод Мустафо // Маҷаллату ҷамиъи-л-илми-л-ароқӣ. – Бағдод, 1956 (1375 ҳ.). – №4. – Қ.II. – С.505.

339. Покатчӣ, А. Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ [Матн] / Аҳмад Покатчӣ // Доирату-л-маъорифи исломӣ. – Мақолаи шумораи 2477. – Теҳрон, 1382.

340. Раббонӣ, Г.А. Мотуридия [Матн] / Гулпойнони Алӣ Раббонӣ // Кайҳони андеша. – Теҳрон, 1381. – № 53. – С.105.

341. Расулиён, Қ. Адёни бостонии тоҷик [Матн] / Қ. Расулиён // Рӯдакӣ. – 2008. – №19. – С.23-30.

342. Рақабӣ, П. Картир ва сангнавиштаҳои ӯ дар Каъбаи Зардушт [Матн] / Парвиз Рақабӣ // Маҷаллаи баррасиҳои таърихӣ. – Соли шашум. – Шумораи махсус. – Теҳрон, 1350. – С.66.

343. Шамолов, А.А. Мотуридии Самарқандӣ [Матн] / А.А. Шамолов // Ҷавонон ва ҷаҳони андеша. Маводи конфронси дуюми олимони ҷавони Тоҷикистон. – Душанбе, 2001. – С.27-31.

344. Шодмон, М.М. Авзои умумии Хуросону Мовароуннаҳр дар даврони хилофати Аббосиён дар асрҳои IX ва X-и мелодӣ [Матн] / Масъуд Муҳаммадҳусайн Шодмон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2015. – №3/4 (170). – С.11-13.

345. Ятимов С. Эҳёи миллат – бақои давлат.// Рӯзномаи Ҷумҳурият», №171(24 782) аз 24.08.2023

ж) захираҳои электронӣ

346. http://www.tarikheslam.com@gmail.com (санаи мурочиат 17.02.2011)

347. http://www.tarikheslam.com@gmail.com (санаи мурочиат 08.03.2011)

348. http://www.tarikheslam.com@gmail.com (санаи мурочиат 03.06.2011)

349. http://www.tarikheslam.com@gmail.com (санаи мурочиат 04.08.2011)

350. http://www.tarikheslam.com@gmail.com (санаи мурочиат 19.07.2011)

351. http://www.tarikheslam.com@gmail.com (санаи мурочиат 23.01.2011)

352. http://www.tarikheslam.com@gmail.com (санаи мурочиат 10.04.2012)

353. http://www.tarikheslam.com@gmail.com (санаи мурочиат 10.04.2012)

354. http://www.tarikheslam.com@gmail.com (санаи мурочиат 25.04.2012)

355. https://islam.ru/content/history/31036#main-content (санаи мурочиат 25.01.2023)

356. http://www.ru.wikibrief.org›wiki/Islam_in_Uzbekistan (санаи мурочиат 25.01.2023)

357. http://www.idmedina.ru›books/history_culture/?1189 (санаи мурочиат 25.01.2023)

358. http://www.panasia.ru/main/kazakhstan/religion/1.html (санаи мурочиат 25.01.2023)

359. http://www.expert.ru›Мир›Религия (санаи мурочиат 25.01.2023)

360. https://medinaschool.org/library/obshestvo/istoriya-islama/istoriya-vozniknoveniya-islama (санаи мурочиат 25.01.2023)

361. https://kazislam.kz/istoriya-islama-v-kazahstane/ (санаи мурочиат 31.01.2023)

362. https://ummet.kz/ru/articles-ru/367-articles/10973-istoriya-musulmanskogo-prava-khanafitskogo-mazkhaba-shkoly-v-kazakhstane-i-tsentralnoj-azii.html (санаи мурочиат 31.01.2023)

363. https://studwood.net/755362/istoriya/rasprostranenie_islama (санаи мурочиат 31.01.2023)

364. https://ru.wikibrief.org/wiki/Islam_in_Uzbekistan (санаи мурочиат 31.01.2023)

365. http://alhakk.ru/upload/iblock/a1f/a1f27fd5600608b5f5b46a6523c66495.pdf (санаи мурочиат 31.01.2023)

366. https://islamrf.ru/news/umma/islam-world/2497 (санаи мурочиат 31.01.2023)

367. https://islam.ru/content/history/31036 (санаи мурочиат 31.01.2023)

368. http://www.islamsng.com/sng/pastfuture/335 (санаи мурочиат 31.01.2023)

369. https://vuzlit.com/885157/islam_tsentralnoy_azii_spetsifika_musulmanskoy_gosudarstvennosti_regione (санаи мурочиат 31.01.2023)

370. http://iht.uz/download/books/10klass/История%20Религий%20Мира%2010%20класс.pdf (санаи мурочиат 31.01.2023)

371. http://www.islamrf.ru/news/umma/islam-world/2497/"Политический анализ этапов распространения Ислама в Дагестане (санаи мурочиат 31.01.2023)

РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

I. Монографияҳо:

[1-М]. Гуломов. Т.М. Этнорелигиозные и этнокультурные процессы принятия ислама в Центральной Азии [Текст] / Т.М. Гуломов. – Душанбе, Сино, 2014. – 157 с.

[2-М]. Гуломов. Т.М. Распространение ислама в Хорасане и Мавераннахре в VII-VIII вв. По сведениям исторических источников, [Текст] / Т.М. Гуломов. – Душанбе: Сино, 2016. – 200 с.

[3-М]. Ғуломов. Т.М. Густариши ислом дар Хуросони Бузург [Матн]: дар асрҳои VII-X / Т.М. Ғуломов. – Душанбе: Хирадмандон, 2020. – 301 с.

II.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[4-М]. Ғуломов, Т.М. Ҷойгоҳи вақф дар густариши улум ва таъсиси китобхонаҳо дар асри Сомониён [Матн] / Т.М. Ғуломов, Фараҳнози Кӯҳан // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2012. – №3/7 (99). – С.54-57.

[5-М]. Ғуломов, Т.М. Саҳми донишмандони тоҷик дар ташаккули улум ва фарҳанги исломӣ [Матн] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2017. – №3/2. – С.159-163.

[6-М]. Ғуломов, Т.М. Инъикоси авомили истиқрори ислом дар Мовароуннаҳр тибқи сарчашмаҳои таърихии асрҳои IX-XII [Матн] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2017. – №3/3. – С.121-125.

[7-М]. Ғуломов, Т.М. Раванди ташаккулёбии донишҳои таърихӣ ва шеваҳои таърихнигории исломӣ дар асрҳои VIII-X [Матн] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2020. – №9. – С.86-91.

[8-М]. Гуломов, Т.М. Захват арабами основных центров Сасанидской империи и падение государство [Текст] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргадон ва тарҷума, 2021. – №1. – С.5-12.

[9-М]. Гуломов, Т.М. Роль иранских народов в распространении ислама [Текст] / Т.М. Гуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2021. – №2. – С.5-13.

[10-М]. Гуломов, Т.М. Утверждение новой ценностной парадигмы в социально-религиозной жизни народов Центральной Азии [Текст] / Т.М. Гуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2021. – №3. – С.12-20.

[11-М]. Гуломов, Т.М. Традиционные культуры и религиозные верования народов древного Ирана в контексте исторического развития [Текст] / Т.М. Гуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2021. – №4. – С.5-13.

[12-М]. Ғуломов, Т.М. Инъикоси раванди исломигардонӣ ва исломпазирии бумиёни Хуросону Мовароуннаҳр дар сарчашмаҳои таърихӣ [Матн] / Т.М. Ғуломов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – №1 (013). – С.26-32.

[13-М]. Ғуломов, Т.М. Бозтоби муборизаҳои озодихоҳонаи мардумони бумии Хуросон бар зидди истилогарони араб дар манбаҳои асримиёнагии форсӣ [Матн] / Т.М. Ғуломов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – №2 (014). – С.36-43.

[14-М]. Ғуломов, Т.М. Заминаҳои динӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии паҳншавии ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр [Матн] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2022. – №1. – С.49-54.

[15-М]. Ғуломов, Т.М. Бозтоби муборизаҳои озодихоҳонаи мардумони бумии Мовароуннаҳр бар зидди истилогарони араб дар манбаҳои асримиёнагии

форсӣ [Матн] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2022. – №2. – С.22-32.

[16-М]. Ғуломов, Т.М. Раванди ташаккули мазҳаби ҳанафия ва мактабҳою ҷараёнҳои он дар Хуросону Мовароуннаҳр [Матн] / Т.М. Ғуломов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – №4 (014). – С.64-72.

[17-М]. Ғуломов, Т.М. Таърихи муборизаҳои мазҳабӣ ва ташаккули ҳанафия дар замони Сомониён [Матн]: тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2022. – №5. – С.33-43.

[18-М]. Ғуломов, Т.М. Нақши мазаҳаби ҳанафия дар ташаккули ҳувият ва арзишҳои миллии тоҷикони Мовароуннаҳру Хуросон [Матн] / Т.М. Ғуломов, А.А. Шамолов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2022. – №6. – С.14-27.

[19-М]. Гуломов, Т.М. Роль социально-политической и культурной деятельности мыслителей Хорасана и Мавераннахра в развитии и адаптации ислама [Текст] / Т.М. Гуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2022. – №7. – С.5-14.

[20-М]. Муллоҷонов, С.К., Ғуломов, Т.М. Хуросону Мовароуннаҳр дар остонаи қудратёбии Сомониён [Матн] / С.К. Муллоҷонов, Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2023. – №1. – С.5-14.

[21-М]. Ғуломов, Т.М. Нақши муборизаи Абумуслими Хуросонӣ дар сарнавишти халқи тоҷик [Матн] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2023. – №8. – С.5-12.

III.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:

[22-М]. Ғуломов, Т.М. Саҳми мутафаккирони тоҷик дар ташаккули тамаддуни исломӣ ва муколамаи тамаддунҳо [Матн] / Т.М. Ғуломов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии “Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи

тамаддунҳо дар замони муосир” бахшида ба 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25-солагии Конституцсияи ҶТ ва 22-солагии Ваҳдати миллӣ, 17-18-майи соли 2019. ДДБ ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2019. – С.256-263.

[23-М]. Ghulomov, T.M. Evolution of religious consciousness: from zoroastrism and other ethnoreligious beliefs and religions to islam [Text] / T.M. Ghulomov // Scientific Collection «InterConf», (39): with the Proceedings of the 8th International Scientific and Practical Conference «Science and Practice: Implementation to Modern Society» (December 26-28, 2020). – Manchester, Great Britain: Peal Press Ltd., 2020. – P.698-706.

[24-М]. Ghulomov, T.M. Socio-political and cultural activities of thinkers of Khorasan and Maverannahr in the development and adaptation of islam=Социально-политическая и культурная деятельность мыслителей Хорасана и Мавераннахра в развитии и адаптации ислама [Text] / T.M. Ghulomov // Scientific Collection «InterConf», (48): (April 4-5, 2021). – USA: Washington, EnDeavours Publisher, 2021. – P.361-365.

[25-М]. Ғуломов, Т.М. Вазъи сиёсии шоҳаншоҳии Сосонӣ дар арафаи ҳуҷумҳои аъроб ва инъикоси он дар манобеи таърихии асрҳои IX-XII [Матн] / Т.М. Ғуломов // Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии «Масоили мубрами манбаъшиносии муосир» ш. Душанбе, 12 ноябри 2016. – Душанбе, 2016. – С.72-82.

[26-М]. Ғуломов, Т.М. Саҳми донишмандони тоҷик дар ташаккули улум ва фарҳанги исломӣ [Матн] / Т.М. Ғуломов // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамолики араб: марҳила, афзалият ва зарурияти ҳамкориҳо» ш. Душанбе, 18 ноябри 2016. – Душанбе, 2016. – С.52-61.

[27-М]. Ғуломов, Т.М. Инъикоси омилҳои исломпазирии бумиёни Хуросони Бузург дар сарчашмаҳои таърихии асрҳои IX-XII [Матн] / Т.М. Ғуломов // Масоили муҳимми таърихнигории муосири тоҷик. Маводи конфронси илмӣ-

назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии ҶТ ш. Душанбе, 22 ноябри 2017. – Душанбе, 2017. – С.120-128.

[28-М]. Ғуломов, Т.М. Инъикоси муборизаҳои миллӣ-озодихоҳонаи халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ [Матн] / Т.М. Ғуломов // Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Саҳми Садриддин Айнӣ дар эҳёи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик” бахшида ба 140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ ш. Душанбе, 22 ноябри 2018. – Душанбе, 2018. – С.104-112.

[29-М]. Ғуломов, Т.М. Проблемаҳои муосири фаъолияти бойгонидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо [Матн] / Т.М. Ғуломов // Масъалаҳои мубрами бойгоншиносии муосири тоҷик: мушкилот ва дурнамо. Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 90-солагии Хадамоти бойгонӣ дар Тоҷикистон ва 20-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ ш. Душанбе, 22 ноябри 2019. – Душанбе, 2019. – С.10-16.

[30-М]. Ғуломов, Т.М. Ташкили ҶМШИ Тоҷикистон-ташаббуси фарзандони фарзонаи миллат [Матн] / Т.М. Ғуломов // Тоҷикистон дар масири таърих. Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 95-солагии Эъломияи таъсисёбии ҶМИШ Тоҷикистон ш. Душанбе, 12 марти 2020. – Душанбе, 2020. – С.69-74.

[31-М]. Ғуломов, Т.М., Неъмонов, Б.З. Раванди ташаккулёбии донишҳои таърихӣ ва шеваҳои таърихнигорӣ дар аҳди Сомониён [Матн] / Т.М. Ғуломов, Б.З. Неъмонов // Суннатҳои Сомониён ва таъсиргузории он дар фарҳангу тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик. Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносӣ ш. Душанбе, 14 марти 2020. – Душанбе, 2020. – С.254-263.

[32-М]. Ғуломов, Т.М. Абӯрайҳон Берунӣ – ахтари тобноке дар самои улуми ҷаҳон [Матн] / Т.М. Ғуломов // Абӯрайҳон Берунӣ – ахтари тобноке дар самои улуми ҷаҳон. Маводи конфронси илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 1050-солагии Абурайҳон Берунӣ, ш. Душанбе, ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 20 майи 2023. – Душанбе, 2023. – С.349-357.